**АЛИГЕРИ ДАНТЕ**

# МАЗҲАКАИ ИЛОҲӢ

# ДӮЗАХ

## СУРУДИ ЯКУМ

1 Нимароҳи зиндагӣ аз сар гузашт,
Хешро дидам ба ҷангалзори тор,
Баски роҳи рости ман гум бигашт.

4 Сахт душвор аст васфи бешазор,
Бошад он торику анбуҳ, пурхатар,
Ки кунад ёдаш диламро беқарор.

7 Талхиаш аз марг бошад талхтар,
Лек дар васфи сафо, ки доштам,
Ман суханҳо гӯям аз боби дигар.

10 Нест ёдам по чӣ сон бигзоштам,
Баски гум кардам чу роҳи ростро,
Чашми худ аз хоб кай бардоштам?

13 Даррасидам бехабар дар мунтаҳо
Ман ба пои теппаи воломақом,
Ки диламро дошт дар ранҷу ано.

16 Чашм бикшодам, бидидам нури бом,

Теппа аз анвор рангин буд каме,
Рафта буд сайёра кайҳо аз қиём.

19 Қалби ман вораст аз дарду ғаме,
З-он шабу з-он бими дармоннопазир
Шуд талотумҳои дил таскин даме.

22 Чун касе, к-аз қаъри гирдоби кадир
Вораҳонида бо азобе ҷону тан,
Бингарад бар мавҷҳои мустатир.

25 Буд ларзону парешон рӯҳи ман.
Рӯҳи ман бар роҳи рафти худ нигашт,
К-интиҳояш буд марги марду зан.

28 Хастагии ҷисму ҷонам чун гузашт,
Омад андар дасту пои ман мадор,
Сӯи боло рафтам аз паҳнои дашт.

31 Ман бидидам дар нишеби кӯҳсор,
Як паланги чобуке истода буд,
Пӯсташ буд парлаки нақшу нигор.

34 Дар миёни роҳи ман омода буд,
Гуфтам аз ин партгоҳи пурхатар,
Пас равам, аммо на дигар ҷода буд.

37 Чун баромад шамси тобони саҳар,
Фавҷи ахтар буду гардун нилгун,
Он чунон, к-аз ибтидои баҳру бар

40 Будашон лутфи Илоҳӣ раҳнамун.
Кард ин аз фоли неке огаҳам,
Дар танам акнун намешуд сард хун.

43 Гарчи дидам ваҳшии пурмӯй ҳам.
Боз дар як он дилам афшурд зуд,
Шери ёлафшон баромад аз раҳам.

46 Ҳамла мекарду ҳуҷуме менамуд,
Ҷониби ман гушна, бадхашму ғазаб,
К-аз ғиреваш осмон дар ларза буд.

49 Ҳамраҳаш буд модагурги хунталаб,
Бемуҳобо нақши шаҳват буду оз,
К-эй басо ҷонҳо аз он шуд дар тааб.
52 Ҷону дил дар тарсу ларз афтод боз,
Аз нигоҳи гушнаву пурбими он
Аз дилам гум гашт армони фароз.

55 Нест маҳзунтар зи мумсик дар ҷаҳон,

Он даме, ки гардад аз ганҷаш ҷудо,
Гиряд ӯ дар ёди ганҷи шойгон.

58 Рӯи роҳ ошуфта истодам ба ҷо,
Модагургам баски буд дунболагир
Бар нишеби тангу тори безиё.

61 Мефитодам ман ба варта сар ба зер,
Марде он дам гашт пайдо бесадо,
Марди солору хамӯшу дилпазир.

64 Дидамаш дар водию кардам нидо:
«Ҳастӣ инсон, ё шабаҳ, ё ину он,
З-ин фалокат вораҳон ҷони маро».

67 Гуфт: «Инсон будаам ман як замон:
Асли ман аз тухмаи ламбардиёст,
Ки диёри Монтуво буд мулкашон.

70 Зодрӯзам давраи Суб Ҷулиост,
Зистам айёми Августӣ ба Рим.
Бут парастиш дошт халқу роҳи рост.

73 Ман сутудам – шоири қарни қадим, -
Пури Анхизро, даме киштисавор
Аз Тарувои сӯхта рафт ӯ салим.

76 Аз чӣ кардӣ бозгаштан ихтиёр?
Рав ба сӯи қуллаҳои пурзиё,
То шавӣ он ҷой шоду бахтёр».
79 «Верҷиластӣ, чашмаи беинтиҳо,
Он ки шеъраш рафт ақсои ҷаҳон? –
Гуфтам, ӯро сархам аз шарму ҳаё, –

82 Шаъну шони шоирони ҳар замон,
Кошкӣ кор оядам он эҳтиром,
Ман, ки бар девони ту дорам ба ҷон!

85 Будиям устод назди хосу ом,
Аз ту меросам расидаст ин ҳунар,
Ин ҳиҷои олию сеҳри калом.

88 Танг карда ҳолам ин ҳайвон, нигар!
Деҳ наҷотам, устоди зуфунун,
Мӯ ба мӯ меларзам аз хавфу хатар!

91 Роҳи дигар боядат ҷустан кунун, -
То равӣ з-ин тангно озодаҷон, -
Гуфтам ӯ, чун дид гирёну забун:

94 Модагурге, ки ту гирёнӣ аз он,

Ҷумлаи болоравонро медарад,
Пора-пора мекунад-шон беамон;

97 Нест ваҳшие бад - ин сон хулқи бад,
Ки хурад, аммо нагардад ҳеҷ сер,
Гушнатар гардад, чӣ миқдоре хурад.

100 Ҷуфт гаштаст он ба ҳайвони касир,
Ҷуфт гардад боз бешу беадад,
Лек рӯзе Саг биояд қасдгир.

103 Саг на хоку на зару гавҳар хурад,
Баски донад тақвию ишқу субот,
Назди ӯ нодору доро як бувад.
106 Медиҳад Итолиёро ӯ наҷот,
К-аз барояш Комилою Авриал,
Турну Нис рафтанд бар коми мамот.

109 Гург бигрезад ба сад макру ҳиял,
Лек Саг дар Дӯзах андозад варо,
Дӯзахаш гардад мукофоти амал.

112 Лоҷарам гӯям туро: «Бо ман биё,
Раҳ намоям з-ин макони пурхатар,
То барам бар мулки ҷовиди бақо.

115 Бишнавӣ фарёди аврохи башар,
Шеваи шаккокҳои бемаҷол:
Кош мемурдем як бори дигар.

118 Зумрае бинӣ дар оташ пурмалол,
Дар дилаш уммед аз айёми дод,
Ки бупайвандад ба қавми некҳол.

121 Гар ту болотар равӣ сӯи мурод,
Рӯҳи волотар туро ҳаст интизор,
Ту равӣ бо ӯ, кунемат хайрбод,

124 Чун манам осии ҳукми шаҳриёр,
Гар касеро бинадам ҳамроҳ ӯ,
Сӯи шаҳраш роҳ надҳад ҳеҷ бор.

127 Шоҳи олам ӯст, шоҳаншоҳ ӯ,
Шаҳраш он ҷо бошаду тахти равон,
Ҳар касе он ҷост, волоҷоҳ ӯ».

130 «Шоири ҷонам, - бад-ӯ гуфтам ҳамон, -
Ман бихоҳам аз ту бо номи Худо:
То аз ин ранҷу шикан бошам амон.
133 Сӯи он ки васф кардӣ раҳ намо,
То дари Сан Пир бинам рӯ ба рӯ

В-он асиронро, ки ноланд аз ҷазо».

136 Ӯ равон гашту ман аз дунболи ӯ».

## СУРУДИ ДУВУМ

Рӯз бегаҳ мешуду ториктар
Менамуд андар назар рӯи само,
Хастагии хокиён мешуд бадар.

Биспарам бояд раҳи бемунтаҳо,
Сахт бистезам ба раҳми хештан,
З-он чӣ дидам, боз гӯям бехато.

7 Мурғи Илҳомам, ба ту гӯям сухан!
Ҳам зи ту мехоҳам, эй ақли наҷиб,
З-он чӣ дидам, кун музайян шеъри ман!

10 Гуфтам: «Эй шоир, раҳомӯзи ҳабиб,
Бошадам қудрат ба коре ончунон,
Ки маро фатҳу зафар гардад насиб?

13  Волиди Силвию гӯӣ дарзамон
Буд гарчи одаму хокинасаб,
Зинда рафт ӯ бар ҷаҳони ҷовидон».

16 Он ки бахшояндаи ҷурм аст, раб,
Азми ӯ диду бубахшид айби ӯ.
Кард лутфу меҳрубонияш аҷаб,

19 Пеши ҳар кас дорад акнун обрӯ;
Арши аъло баски кардаш интихоб,
Шуд сари Руму дувал бегуфтугӯ.
22 Чун паяфканданд ҳарду бошитоб,
Аз барои ноиби Петерс зуд
Шуд бапо аврангҳои босавоб.

25 Шеъри ту ҳамди сафарҳояш намуд,
Илми пирӯзӣ бидонисту зафар,
То ридои попро густарда буд.

Рафт он ҷо Зарфи бас олигуҳар,
То қавитар гардад имон аз наҷот,
Армуғони растагории башар.

Кистам ман? Нестам з-ин аслу зот,
Павлису Эней куҷову ман куҷо?
Бошадам з-онҳо магар хулқу сифот.

Гар маро бар ин сафар бошад ризо,

Бим дорам, гардам аз худ бехабар,
З-он чӣ мегӯям, ту беҳ донӣ маро».

Чун касе, ки раъи ӯ гардад дигар,
Мешавад дигар варо фикру қарор,
Пас кунад з-андешаи аввал гузар.

Доштам ин ҳол дар аъмоқи тор,
Ман аз он ки пешвозаш бошитоб
Рафта будам, даргузаштам дилфигор.

Ҳаст агар дарёфтам айни савоб,
Гашт рӯҳи ту забуну нотавон,
Рӯҳи воло гуфт ин сонам ҷавоб.

Ақлро раҳбар набошад тарси ҷон,
В-арна доим меҳаросем аз амал,
Ҳамчу ҳавйвоне зи хавфи дар гумон,
То раҳоят созам аз бими аҷал,
Гӯямат баҳри ту сӯзад қалби ман,
Бишнав акнун з-омаданҳоям масал.

Дар бари арвоҳ будам анҷуман,
Хонд бонуи биҳиштирӯ маро,
Гуфтамаш хидмат гузорам бесухан.

Дидагоне дошт з-ахтар шӯълазо,
Ҳарфи ӯ ширин буду ороми ҷон
Ҳамчу овози фаришта аз само.

Рӯҳи монтуӣ, бирафт андар ҷаҳон
Шухрату овозаи номат дигар
Кам нагардад ҳеҷ дар даври замон.

Дӯстро толеъ набуд имдодгар.
Дар сарошебӣ, ки барҷо гашт зуд,
Бозгаштан хост аз ваҳму хатар.

64 Бими он дорам, ки ӯ раҳ гум намуд,
Ман надонам чун ба сарвақташ равам
Кард қурбон шояд ӯ буду набуд.

67 Лаҳзае аз тарси ҷонаш нағнавам.
Кун мадад ӯро ту бо ҳарфу ҳиҷо,
Деҳ наҷоташ, то даме таскин шавам.

Ман Биатрисам, ки бифристам туро,
Оям аз ҷое, ки гардам боз пас,
Гар набудам дар дил ишқи ҷонфазо.

Дар шарофат нест монанди ту кас,

Инчунинат назди раб хоҳам сутуд,
Шуд хамӯш ӯ. Ман баровардам нафас:
Пок бонуе ба монандат набуд,
Бо ту дар кӯчак фалак навъи башар
Аз дигар махлуқҳо сабқат рабуд.

Хидматат бахт аст, ҳастам бахтвар,
На даранге мекунам, на ину он,
Зудтар фармо, давон оям ба сар.

Пас чаро зер омадӣ аз он макон,
Баски дорӣ бозгаштан ихтиёр,
Чун равӣ аз варта бетарсу гумон?»

Хостӣ асрор гардад ошкор,
Мекушоям роз-ӯ додам ҷавоб –
Аз чӣ бимам нест з-ин аъмоқи тор.

Бим аз чизе бувад айни савоб,
Гар ба ҷони дигаре дорад зиён,
В-арна тарсуӣ макун дар ҳеҷ боб.

Чун Илоҳӣ офаридам ҳамчунон,
Ки надорам аз азобу ранҷ бок,
Шӯъла ҳам бар ҷони ман н-орад зиён.

Дар биҳишти адн он бонуи пок,
Шуд ҳавохоҳи ҳамин раъси накӯ,
Нест ҳол ӯ аз мусибат бимнок.

Лучиёро хонду ин гуфто ба ӯ.
«Он муриди бовафо дорад ниёз,
Месупорам ман варо акнун ба ту. –

Лучиё хасми тазаллум гашт боз,
Бар ману Роҳил, ки бо ҳам рӯ ба рӯ
Менишастему ҳамегуфтем роз.
Эй Биатрис, бошадат имдодҷӯ
Он ки аз ишқат чунон шуд беқарор,
К-аз авоммуннос ҳам бигзашт ӯ.

Ё ба гӯшат н-ояд он зории зор,
Ӯ ба чанги марг, аммо рӯди тез
Мавҷхезе дошт уқёнусвор.

Кас набуд аз ғам чу ман андар гурез,
Бандаи андешаи осебу суд,
Чун шунидам он калимоти азиз,

Омадам аз ҷойгоҳи худ фуруд,
Дар суханҳои ту бастам эътимод,

Буда, к-онон мояи фахру суруд.

Ӯ, ки гуфтам ин суханҳои мурод,
Кард сӯям дидаи пурнури нам,
Дошт таъҷилам ба оҳанги видод.

Лоҷарам, чун хост, наздат омадам
То туро дар кӯҳраҳ додам раҳо,
Аз даде, ки дошт бар ҷонат ситам.

Ин ҳама таъхиру истодан чаро?
Дил ба дасти тарс биспурдӣ ту низ,
Бе хурӯшу ҷӯш бошӣ то куҷо,

Ё намебинӣ, се бонуи азиз,
Ки нигаҳбони туанд аз осмон,
Пас набошӣ аз чӣ ҷусту зудхез.

Чун гули аз жола сархам, бегумон,
Ки кушояд чеҳра аз нури саҳар,
Қад фарозад ҳамчу зеби гулситон.
Боз нирӯям фузуд аз пештар,
Дар дилам ҷӯшид шавқе бар ҳаёт,
Ҳамчунон озода кардам ҳарф сар.

Шукри бонуе, ки ҷон додам наҷот!
Ин ту ҳам, ки нестӣ бош интизор,
Ҳарфи ӯро кардаӣ ҳамду сифот!

136 Ту ба ҳарфи хеш додиям мадор,
Роҳи аввалро диҳам акнун давом,
Мекунам ман азми пешин ихтиёр.

139 Хости яктост моро эҳтимом,
Мешавиям устоду раҳнамо!
Ин варо гуфтам, ки ӯ бардошт гом.

142 Мо ба роҳи саъб бинҳодем по.

## СУРУДИ СЕВУМ

Мебарам бар шаҳри вайрону ано,
Мебарам сӯи шиканҷи ҷовидон,
Мебарам бар гӯшаи афтодаҳо.

Адл дод илҳом бар он пуртавон,
Қудрати яздони покам офарид,
Ақли кул, ишқи нахусти осмон.

7 Гашта то ман кулли ҷовидон падид,

Худ ман ин ҷо то абад бошам мудом,
Оед ин ҷо, даст шӯед аз умед.

10 Тори дар бинвишта дидам ин калом,
Гуфтамаш: «Эй раҳбари маъношинос,
Сахт душвор аст дарки ин паём».

13 Ӯ, ки ин андешаро медид асос,
«Бадгумонӣ нест, - гуфт, - ин ҷо раво.
Маслиҳат набвад забунию ҳарос.

16 Ҳамчунон гуфтам, расидем он куҷо,
Ки дар он ҷо тирарӯзон дар азоб,
Дода аз каф партави ақли расо».

19 Даст доду вораҳонд аз изтироб
Чеҳри оромат, ки нирӯям фузуд,
Бурд бар водии асрору итоб.

22 Дар фазояш ахтару нуре набуд,
Дар танин буд нола аз ранҷу ано,
Ки маро гирёнд ҳангоми вуруд.

25 Лафзи гуногун, нидои ҷонгазо,
Куфргӯиҳою фарёду ғазаб,
Дастафшонӣ, шикоят аз ҷазо,

28 Шӯр барпо карда аз ранҷу тааб,
Печ мезад ҷовидон дар умқи тор,
Ҳамчу рег аз гирдбоде ҳини шаб.

31 Бар сарам печида ваҳшат ҳалқавор
Гуфтам: «Устод, ин чӣ дард асту нидо,
Кистанд онон ба ранҷи бешумор?»

34 Гуфт: «Ин вазъи фалокатмунтаҳо,
Бошад онанро, ки дар рӯи замин,
Ки на куфре гуфта, на гуфта дуо.

37 Гашта бо бадхӯ малоик ҳамқарин,
Ки на исён карда, на гуфтанд бад,
Худ ба худ буданд, беҷонофарин.

40 Осмонҳо ронда чун доғе зи худ,
Дӯзахи музлам намегирад ба хеш,
К-ин физояд қадри осии абад».

43 Гуфтам: «Устод аз чӣ зоранду париш,
То куҷо ин нолаву фарёдҳо?»
Гуфт: «Гӯям посухат кӯтоҳ беш».

46 На зи марг уммед доранду шафо
Ҳар яке з-ин зисти пастинишон
Қисмати дигар ба худ бинад раво.

49 Нест з-онон дар ҷаҳон ному нишон,
Бенасибастанд аз адлу карам,
Бингару бигзар, чӣ арзанд ин касон.

52 Дар ҳаво дидам, ки мечархад алам,
Гӯиё зӯри шараш афрохта,
Менабудам як нафас ором ҳам.

55 Аз паси парчам ба нола тохта
Мардуме мерафт, гӯё аз замин
Тухми одам бар ҷаҳим андохта.

58 Чанд тан бишнохтам аз ону ин
Як шабаҳ, к-ӯро дареғу ҳасрато,
Ноҷавонмардӣ гуноҳе буд яқин.

61 Нек донистам, ки ҷамъи дар азо
Бадсиголонанд, к-аз эшон бувад
Ҳам Худо безор, ҳам хасми Худо.

64 Он гурӯҳи зишту фосид луч буд,
Тӯдаи занбӯру фавҷи хармагас
Ҷисмашонро неш мезад беадад.

67 Баски хуну ашк мешорид бас,
Зери по як тӯдаи кирми палид
Зуд мелесид онро бо ҳавас.

70 Чун ду чашмам дур диду рӯд дид,
Дид мардумро канораш бешумор,
Гуфтам: «Устод, аз туям лутфе умед.

73 Кистанд инон, бигӯ, ёбам хабар,
Ки дар ин нури заифу ҳоли танг
Карда з-ин рӯди бузург азми гузар».

76 Дод посух: «Чанд гоҳе кун даранг,
Худ бидонӣ, чун расидем он замон
Бар канори Окрунти тираранг».

79 Дида бар таҳ дӯхтам шармандасон.
Буд бимам, гаштаам густох ман,
Пас шудам то рӯд беҳарфе равон,

82 Сӯи мо дар завраке пире куҳан
Бонг мезад, бо ғазаб дармерасид,
«Вой, арвоҳи табоҳи марду зан:

85 Барканед аз дидани гардун умед,
Соҳили дигар барам завраќсавор,
Бар яху зулмоту оташ мерасед.

88 Эй ту рӯҳи зинда, бош андар канор
З-ин ҳама рӯҳе, ки рафта бар фано,
Дид чун ҳастам ба ҷоям барқарор:
91 Гуфт: «Ин ҷо нест роҳи ту, маё,
Бандари дигар бикун пайдо, бирав,
Ҳам сабук аз ин бувад завраќ туро».

94 Гуфт: «Корун-раҳнамо, – хашмӣ машав,
Раъи боло – боядат иҷро намуд,
Бештар чизе мапурсу ин шунав».

97 Гунаи пурмӯи завраќбони рӯд
Рӯи ин мурдоби зишт омад фурӯ,
Дидагонаш ҳалқаҳои шӯъла буд.

100 Чун шунид арвоҳ, ҳукми сахти ӯ,
Ларза бигрифташ ҳаросону низор
Ҳам ба ҳам мехӯрд дандон, ранги рӯ.

103 Куфр мегуфтанд бар парвардигор,
Носазо бар волидайну бар башар,
Бар макону вақту бар зоту диёр.

106 Бо фиғон рафтанду чашми гирявар,
Сӯи он соҳил, ки донад дарзамон
Ҳар касеро, к-аз Худо шуд бехабар.

109 Деви оташчашм Корун беамон
Ҳар кӣ сустӣ кард, бо қаҳру ба кин
Ронд сӯи пеш бо бели калон.

112 Аз  дарахтон барг мерезад чунин,
Шох дар пойиз лучу ур буд,
Баргу бори худ ниҳода бар замин –

115 Ҳамчу шоҳин, к-он ба дӯш ояд фуруд
Соҳибашро, бар дили рӯд аз канор
Халқи осӣ хеш меафканд зуд.
118 Ғӯтавар дар оби тира халқи зор,
Пеш аз он ки бигзарад сӯи дигар,
Дастаи нав буд ба  соҳил интизор.

121 Устодам гуфт: «Бингар, эй писар, -
Халқи мағзуби Худо баъди аҷал,
Гирд меоянд ин ҷо сар ба сар,

124 То гузар созанд аз рӯди азал,
Баски мақҳуранд аз адли Худо
Бимашон бар шавқ мегардад бадал.

127 Раҳ дигар бошад ба рӯҳи порсо,
Лоҷарам, Корун, кунун донӣ, чунин
Шиква мекард аз  ҳузури ту чаро?»

130 Ин бигуфту ногаҳон ин сарзамин
Ончунон аз бех дар ларза фитод, -
Ёдам ояд, тар з-арақ гардад ҷабин.

133 З-ин диёри ашку ғам бархест бод,
Барқи оташбор берун ҷаст аз он.
Рафт аз он эҳсосу идрокам зи ёд;

Уфтодам бандаи хоби гарон.

## СУРУДИ ЧА{ОРУМ

Дар сарам печид бонги ногувор,
Ин садо барҳам бизад хоби маро,
Ман ба худ ларзида гаштам ҳушёр.

Хестам, бардӯхтам ман дидаҳо,
Хира дидам чор сӯи хештан,
То биёбам зуд ҳастам дар куҷо.

Хешро дидам канори дарра ман,
Даррае, ки буд ғарқоби ано,
Мерасид аз он фиғони марду зан.

10 Дарраи торик буду жарфно,
Гарчи медидам ба он аъмоқи тор,
Ҳеҷ ташхисе намекардам варо.

13 Шоир аз рух ранг дода, гуфт зор:
«Мо равони олами зулмат шавем,
Ман зи пешу ту зи пас шав раҳсипор».

16 Ранги рӯяш дида гуфтам: «Чун равем
Ту, ки бояд дилқавӣ созӣ маро,
Тарс дорӣ, ё ба ин раҳ награвем?»

19 Гуфт: «Ҳоли зори инон зери по
Зад ба рӯям нақши шафқат бегумон,
Ту варо пиндоштӣ тарс аз хато.

22 Вақти раҳ шуд, роҳ дур асту гарон».
Пой бар даври нахустин монд ӯ,

Аз бари ғарқоб гаштам ман равон.

25 На садое мерасид аз гирду сӯ,
Ҷуз садои нарм-нарми ҷонгазо
Дар ҳавои ҷовидон кӯи ба кӯ.

28 Буд зи ранҷи беилоҷ ин нолаҳо,
Ки бад он буданд бисёре дигар –
Кӯдакону марду зан дар жарфно.
31 «Аз чӣ пурсидан насозӣ ихтиёр, -
Гуфт раҳбар! – К-ин ҳама арвоҳи кист,
Дон, ки мо гардем з-ин ҷо раҳсипор;

34 Ин касонро ҳусн ҳасту ҷурм нест;
Ғусли таъмиде надиданд ин касон,
З-ин сабаб ҳам он фазоил ҳусн чист?

37 Зиста пеш аз масеҳӣ дар ҷаҳон,
Нопарастида зи сидқи дил Худо,
Худ яке ҳастам ман аз ин бандагон.

40 Дӯзахӣ бо ин гунаҳ гаштем мо,
Беумеду орзуе дар ҷаҳим
Ҷовидон монем дар ранҷу ано.

43 З-ин сухан ранҷур шуд қалби раҳим,
К-ин басе арзанда мардони ҷаҳон
Дар нахустин ҳалқаи дӯзах муқим.

46 Гуфтамаш: «Эй муршиду устоди ҷон,
Гӯ маро, то дорам имон устувор,
Доим аз ҳар гуна тардиду гумон,

49 Ҳеҷ як шоиста з-ин ҷо растагор
Гашт бо шоёнии худ ё дигар?
Ӯ сухан дарёфт, гуфто: «Тозакор

52 Омада будам, ки марди тоҷвар
Назди мо омад, ҳамедидам аён
Нақши пирӯзӣ варо болои сар.

55 Рӯҳи Бобо, Ҳобили фарзанди он,
Рӯҳи Нуҳу Мӯсии қонунгузор,
Рӯҳи Иброҳим-шайхи покҷон,
58 Рӯҳи Довуду шаҳ Исроил ёр,
Ҷумлаи фарзанди ӯро бо падар,
Рӯҳи Роҳилро ба азми устувор

61 Бурд берун, рӯҳи бисёре дигар
Растагорӣ дод, донӣ, пеш аз ин
Раста аз ин ҷо набуд рӯҳи башар.

64 Мо ҳамерафтем мегуфт ӯ чунин,
Мегузаштем аз миёни бешазор –
Бешаи арвоҳ боши̅ мутмаин.

67 Назди он ҷое, ки будам хоб ёр,
Оташе дидам, к-аз он пурнур буд
Нимаи он курраи зулмоти тор.

70 Гарчи ҷои нур аз мо дур буд,
Ман вале ташхис медодам, ки он
Ҷойгоҳи мардуми машҳур буд.

73 «Мояи фахри ҳунар, илми ҷаҳон,
Гӯ маро, к-ин муҳтарамҳо кистанд,
К-аз насиби дигарон монда амон?»

76 «Номи инон дар ҷаҳони ту баланд
Афканад, – гуфто, – танин, лутфи само
Кардашон аз ин насиба баҳраманд»

79 Дар ҳамин ҳангом бишнидам садо:
«Шоири воло расад, бояд сутуд,
Боз ояд рӯҳи рафта назди мо».

82 Чун нидо, дидам, ки шуд хомӯш зуд,
Чор рӯҳе буд равона сӯямон;
Нақши шодию ғам эшонро набуд.
85 Кард оғоз устоди меҳрубон:
«Бингар онеро, ки шамшераш ба даст,
Чун Худованди се тан бошад равон,

88 Шоири рифъатмақом ӯ, Ҳомер аст;
Дигаре Ҳурос – устоди ҳиҷо.
Севум Овидий, Лукан ояд дуруст.

91 Ҳар яке з-инон бувад ҳамбар маро,
Омаданд акнун маро бар пешвоз,
Карда кори нек аз сидқу вафо».

94 Аҳли мактаб сохтандам бениёз,
Мактаби воло, худованди сухан
Тори сар пар чун уқобе карда боз.

97 Баъди бо ҳам андаке ҳарфе задан,
Сӯи ман гаштанду кардандам салом,
Дида ин лабханд кард устоди ман.

100 Доштандам беш лутфу эҳтиром,
Пас пазируфтанд ин ҷамъи судур,
То бигаштам ман шашум воломақом.

103 Карда суҳбатҳо равон мо сӯи нур,
Суҳбате, ки гуфтанаш ояд гарон,
Нест ҳам такрорашон ин ҷо зарур.

106 Муртафеъ Қасре ба чашм омад аён,
Ҳафт девори баландаш менамуд,
Ҷӯи зебо буд дар гирдаш равон.

109 Чун замин ҷӯ маҳкаму пурнур буд,
Воридаш гаштем мо аз ҳафт дар,
Рух намуд он гаҳ чаманзори кабуд.
112 Доштанд ашхоси он ҷиддӣ назар,
Хомушу солору сокит, камсухан,
Буд садошон дилнишину ҳушбар.

115 Мо ба ҳам рафтем сӯе чанд тан,
Буд макони муртафеъу пурзиё,
Ҷумла он ҷо буд аён дар чашми ман,

118 Чун нишон доданд рӯҳи авлиё
Дар канори гулшане, то ин замон
Дорам аз дидорашон шавқи расо.

121 Дидам Электра миёни ҳамраҳон,
Боз Ҳектору Энеҳ, ваҳшиназар,
Қайсари ғарқи силоҳу беамон.

124 Пантазила, Комило сӯи дигар,
Шоҳ Ловин, духтараш Ловиниё,
Ҳам Буруту Торкан дар дуртар.

127 Юлиё, Лукратсиё, Мартисиё,
Наздашон Карнелиё истода буд,
Ҳам Салоҳиддин каме андар қафо.

130 Чашм боло кардаму дидам-ш зуд,
Устоди ҷумлаи донишварон,
Дар миёни файласуфон менамуд.

133 Буд Суқроти ҳаким аз дигарон,
Боз Афлотун ба ӯ наздиктар,
Он ки гуфт амри тасодуф ин ҷаҳон,

136 Худ Зимуқроту Диоҷенсу дигар
Толису Онаксағуросу Зинон,
Эмпидуклас, Арқалитус дар назар,
139 Худ наботидон Диускурид он,
Орфей, Тулису Лину бениёз,
Сенако устоди ахлоқи ҷаҳон,

142 Уқлидус – он ҳандасӣ, Букрот боз,
Батлимусу Ҷолинус, Сино або
Ибни Рушд, он соҳиби тафсири роз,

145 Номбар кардан натонам ҷумларо,
Боядам гуфтан суханро мухтасар,
Асли матлабро бубояд кард адо.

148 Ду нафар мондем мо аз шаш нафар;
Карда берун з–ин макони босафо,
Раҳнамоям бурд бо роҳи дигар,

Пой мондам ман ба ҷои безиё.

## СУРУДИ ПАНХУМ

Зер рафтам аз нахустин давра ман,
Даври дуюм буд агарчи тангно,
Дӯзахӣ бисёр буду нолазан.

Карда дандон гиз Миноси бало,
Ҷурм санчад, ҳалқа карда нӯги дум,
Ҳар касеро мефиристад бар ҷазо.

7Рӯҳи бадҷинсе, ки будаш уштулум,
Мекунад иқрори айбаш зор-зор,
То нагардад сарҳисоби кор гум,

10 Ин гунаҳсанҷи ҷаҳаннам чанд бор,
Дум бупечонад ба гирдаш, он қадар
Давра бояд пойин ояд ҷурмкор.
13 Рӯ ба рӯяш тӯдаи рӯҳи башар;
Навбат истода қазоро интизор,
Гуфт, бишниду бишуд партоби ҷар.

16 Лаҳзае Минос шуд фориғ зи кор,
Сӯи ман диду бигуфто: «Ҳолиё,
К-омадӣ бар мулки ранҷи бешумор,

19 Худ ба дасти кӣ диҳӣ, ой кучо,
То дари бозат набифребад, нигар,
«Аз чӣ мешӯрӣ, – бигуфто, раҳнамо, –

21 Ту варо монеъ машав аз ин сафар,
Хостам он ҷо, ки ҳар чӣ хоста
Карда битвонанд, дам шав ту дигар.

24 Нудбаҳои аз ҷигар бархоста,
Мерасад ба гӯшу озорад, к-аз он
Тоқату тобу тавонам коста.

27 Омадам бар маскани зулматнишон,
Гӯӣ ин ҷо бод силӣ мезанад,
Рӯи дарёро, ки мегардад дамон.

30 Мебарад бо хеш, аз ҳам меканад
Ҷумлаи арвоҳро тӯфону бод,
Мехалад, мекӯбаду меафканад,

33 Мерасанд инон ба вайрона ба дод,
Қудрати оллоҳро гӯянд бад,
Ки фазо пур гардад аз куфри зиёд.

36 Ёфтам, қурбониёни беадад
Мекашанд ин ҷо зи нафси худ азоб,
Карда побанди ҳавасҳо ақли худ.
39 Фасли дай чун сорҳои беҳисоб,
Даста-даста мепаранд аз пушти ҳам,
Ҳамчунон арвоҳ ҳам кардӣ шитоб,

42 Ҳам дар ин ҷо ҳам дар он ҷо дам ба дам,
Дар таҳу боло ҳама дар кайфаранд
Беумеди орамидан, ранҷи кам.

45 Турнаҳо думболи ҳам чун мепаранд,
Хонда овозе ба авҷи осмон,
Дидам арвоҳе, ки ранҷе мебаранд,

48 Ҳамчунон аз бод пушти ҳам равон.
«Кистанд инон, - бигуфтам, - сар ба сар,
Бандаи кайфар дар ин зулмат макон?»

51 Гуфт устодам, ки: «Бар ин сӯ нигар,
Аввал арвоҳе, ки бошад назди мо,
Ҳаст шаҳбонуи амлоки дигар.

54 Ғарқи нафси хештан гашту зино,
Равнақи худкомагӣ медод, худ
Дод дастуру зино ҳам шуд раво.

57 Ин зани Нинос, Самиромис буд,
Зери фармон дошт ӯ як сарзамин,
Лек ҳоло ҳокимаш султон бишуд.

60 Хештанро кушта они нозанин
Рӯҳи Сиккоро даме озурда кард,
В-он Клеопатраи шаҳватқарин.

63 В-ин Елена, боиси даврони дард,
В-он Акилла гурди гурдонро нигар,
Ки ба зӯри ишқ мекард ӯ набард.

66 Порису Тристон бубин, гуфту дигар
Беш рӯҳе раҳнамо додам нишон,
Бурдашон, к-ишқ аз ҷаҳони мо бадар».

69 Гуфт аз бонуву гурдон достон,
Раҳм омад бар дили ғамхори ман
Хештанро ёфтам ошуфтаҷон.

71 «Шоиро, - гуфтам, - бихоҳам ин ду тан,
Ки барад бодаш сабук дӯши ба дӯш,
Бо ман аз тақдири худ гӯяд сухан».

74 Гуфт раҳбар: «Чун қариб оянд, кӯш,
То бубинӣ, хон ба ҳаққи ишқашон,
Сӯи мо хоҳанд омад, дор ҳуш».

77 Кардашон чун бод сӯи мо равон,
Гуфтам: «Эй арвоҳ, монеъ нест кас,
Назди мо бар суҳбат оед ин замон?!»

80 Ҳамчунонки устувору боҳавас,
Фавҷи кафтарҳо кушода болу пар
Лонаро наздик гардад ҳар нафас.

83 Гашта аз ҷамъияти Дидо бадар,
Сӯи мо карданд рӯ аз он фазо,
Буд садоям баски нарму меҳрасар.

86 «Эй ту фарди покҷону порсо,
Дидани мо омадӣ дар ин ҷаҳим,
К-ин ҷаҳон оғушта шуд дар хуни мо:

89 Гар ба мо султони олам буд раҳим,
Хоҳем аз ӯ то туро раҳмат кунад,
Чун ба мо будӣ накӯхоҳу ҳалим.
91 Ҳарчӣ мехоҳӣ кунӣ ту гӯшзад,
То даме хомӯш бошад авҷи бод,
Гуфтаву бишнав зи мо ҳарфи абад.

94 Дар макone, ки маро модар бизод,
Рӯди Пу сарзер омад, бо дигар
Шохаҳояш гашт васлу иттиҳод.

97 Ишқ созад ҷону дилро шӯълавар,
Мубтало гаштам ба рӯи дилфиреб,
Мекашам ҳар рӯз ранҷи бештар.

100 Ишқ ошиқро насозад бенасиб,
Лаззати ишқ он чунон буд ҷонфазо,
Ки ба ҳам ҳастем то ин дам ҳабиб.

103 Ишқи мо гардид ваҷҳи марги мо,
Қотили мо рост ҳоло интизор
Қобилистон. Омад аз онон садо.

106 Чун шунидам ҳарфи ин арвоҳи зор,
Сар ба зер овардаму кардам хаёл,
«Дар чӣ фикрӣ?» – гуфт шоир беқарор.

109 Гуфтамаш: «Ҳайфо, ки уммеди висол,
Орзу оварда ин ҷо ин ду тан,
Ин чӣ тақдиру чӣ ҷойи пурмалол!»

112 Сӯяшон баргаштаму гуфтам сухан,
«Дарду ранҷат, эй Франсечкои ҷон,
Гиряам меораду яъсу ҳазан,

115 Гӯ маро: «Аз оҳҳои ноаён,
Рӯзгори ошиқӣ, чун бохабар
Гаштаед аз маънии шавқи ниҳон.
118 Гуфт: «Дарде нест сахту талхтар –
Ёди даврони хушӣ дар рӯзи ғам,
Донад ин нукта ҳакими роҳбар.

121 Ту агар бунёди ишқи пуралам
Сахт мехоҳӣ шиносӣ, ман вале,
Гиряму  гирям, шавад холӣ дилам.

124 Рӯз мехондем баҳри хушдилӣ
Достони ишқи Лонсулотаро,
Бегумони бад ба ҳам дар маҳфиле.

127 Во ба ҳам мехӯрд чун наззораҳо,
Ранг мебурд аз рухи мо изтироб,
Фатҳ кард ин қисса охир қалби мо.

130 Он куҷо хондем, к-ошиқ бошитоб,
Лаб ниҳода бар лаби хандони ёр,
Ин, ки пайванди ман асту дар азоб,

133 Бӯсае зад бар даҳонам беқарор.
Гашт Голеоти мо он достон!
Хонданаш дигар накардем ихтиёр».

136 Ин яке мегуфту дигар онҷунон
Гиряҳо мекард, то бе ихтиёр
Додам аз каф тоқату тобу тавон.

139 Бар замин афтодам аз по мурдавор.

## СУРУДИ ШАШУМ

Бар сар омад ҳушу ёдам бо иқоб,
Ки будам бехуд зи ҳоли он ду тан -
Ҳоли хешовандҳои дар азоб.
Боз ҳар ҷое ба гирди хештан –
Ё равам, ё чархаму ё бингарам –
Нав ба нав бинам азоби марду зан.

7Ҳалқаи севум кашида дар барам,
Ҳалқаи борони сарду ҷовидон,
Ки нагардад ҳеҷ гоҳе бешу кам.

10 Оби бадбӯю тагарги беамон
Барф борад аз ҳавои тирарӯ,
Хокдон гандад, биолояд аз он.

13 Сирбири сепӯзаи даррандахӯ,
Бар ҳама рӯҳе чу саг аккас занад,
Ки ба гандобанд сартосар фурӯ.

16 Дида – хунин, риш – ғӯллӣ, чарби бад,
Дам – шикам, нохун дарозу чун қашак
Медарад арвоҳрою меканад.

19 Нӯлазан ашбоҳ аз борон чу саг,
Карда як бар бо бари дигар панох,
Чарх мегарданд дар болою таг.

22 Сирби – он кирми калон, карда нигоҳ,
Пӯзаҳо бикшоду дандонҳо намуд,
Ларзаи андом бар хашмаш гувоҳ.

25 Раҳнамо ду дастро хам карда буд,
Аз замин бардошта ду мушт хок,
Дар даҳони он ҳарис андохт зуд.

28 Чун саге, бо зӯзаҳои хашмнок
Тӯъма хоҳад, чун диҳӣ балъад варо,
Ё даронад ё кунад хоида пок,
31 Як нафас хап гашт Сирбир-девсор,
Зӯзааш арвоҳро ҷонсер кард,
Кар будан беҳ, нашнавӣ то ин садо.

34 Аз рухи онон, ки борон зер кард
Рӯҳашонро бар замин, мондем по,
Менамуд ашбоҳи зан, ашбоҳи мард.

37 Ҷумла парчини замин ҷои ба ҷо,
Ҷуз яке, ки дида моро бар ба бар,
Хест аз ҷо, то нишинад росто.

40 Гуфт: «Бишносӣ маро, эй раҳгузар,
К-омадӣ он гаҳ ту бар рӯи ҷаҳон,
Ман набудам баста з-он рахти сафар».

43 Гуфтамаш: «Ҳайронию ошуфтаҷон,
Рафтаӣ аз ёди ман шояд аз ин,
Ҳаргизат гӯё надидам ман нишон».

46 Посухам деҳ: «Аз чӣ маҳкуми чунин
Манзиле гаштиву мебинӣ ҷазо,
Шум агар набвад, палид аст он яқин».

49 Гуфт: «Шаҳре пурҳасуду пурбало,
Косааш лабрез, к-аз ин бобат аст,
Зодбумам будаву маскан маро.

52 Ман Чиёкуям, ба он афроди паст
Бинӣ акнунам зи ишкамхорагӣ
Мезанам дар зери борон пою даст.

55 Нестам танҳо дар ин бечорагӣ,
Ҷумла арвоҳ ин гунаҳ карду азоб
Мекашад». Хомӯш шуд якборагӣ.
58 Посухаш додам: «Чиёку дар иқоб
Омадам аз ранчату хоҳам гирист,
Лек агар ту воқифӣ, мегӯ ҷавоб,

61 К-ин дурӯя халкро тақдир чист,
Бошад он ҷо як каси боадлу дод.
Аз чӣ он ҷо ҷуз нифоқу макр нест?»

64 Гуфт: «Баъди кашмакашҳои зиёд
Хун бирезад фирқаи ҷангал, ситез
Кардаву ғолиб бигардад дар ҷиҳод,

67 Пас се даври офтоб он фирқа низ
Бо мададҳои касе аз по фитод,
К-ӯ бигӯяд беш: «Каҷ дору марез».

70 Муддати бисёр он қодир бувад,
Чун ҳарифи хешро манкуб кард,
Низ он рӯзе сарафканда шавад.

73 Кас надорад гӯш бар одил ду мард,
Қалбашонро бас ҳасад, ҳирсу ғурур
Дар ҷаҳим афканду бар оташ супурд».

77 Кард кӯтаҳ ҳарфи талху дарди зӯр,
Гуфтамаш: «Хоҳам, ки гӯӣ бештар,
То биёбад сурати воқеъ зуҳур.

80 Фориното, Тигё, аҳли назар,
Рустикуччи, Оригую Муска боз
Дигарон, ки бурда аз некӣ самар

83 Дар куҷоянд. Ин бигӯ, дорам ниёз,
Донам онон лоиқи лутфи само
Гашта, ё дар Дӯзаханду дар гудоз».
86 Гуфт: «Дар Дӯзах ба арвоҳи сиё
Мекашанд онон азоби ҷурмашон,
Гар равӣ бар зер бинишон лиқо.

89 Чун равӣ бар он ҷаҳони хушнишон,
Хоҳамат, бо дигарон орӣ ба ёд,
Беш аз ин ҳарфе нагӯям, хуб дон».

92 Дидагони хешро пас тоб дод,
Кард ӯ бо гӯшаи чашмам назар,
Бар замин чун соири кӯрон фитод.

95 Гуфт раҳбар: «Барнамехезад дигар,
То нахезад нафхаи сури қазо
Рӯзи растохез бар кулли башар.

98 Ҳар кӣ ёбад марқади андӯҳзо,
Ҷо шавад дар қолаби пешини хеш,
То ба гӯш ояд зи ҷовидон садо».

101 Аз бари борону ашбоҳи париш
Мо қадам ором мондему сухан
Гуфта рафтем аз ҳаёту рою кеш.

104 Гуфтам: «Эй устод, ин ранҷу шикан
Баъди растохез гардад бештар,
Кам, бимонад ё чунин тоқатшикан?»

107 «Донишат ёд ор, - гуфтам роҳбар,-
К-асли кас ҳар қадр комилтар бувад,
Роҳаташ ширину ранҷаш бешумар.

110 Гарчи малъунони ин ҷо то абад
Бе камоли воқеӣ хоҳанд буд,
Баъзе андак бар камол охир расад.
113 Он чӣ мегуфтем дар гуфту шунуд,
Набвад имконе бигӯям мӯ ба мӯ,
Чунки раҳбар давраи поин намуд,

116 Шуд Плутун, хасми аъзам рӯ ба рӯ.

## СУРУДИ {АФТУМ

Попи Сотан, попи Сотан олапе! –
Кард зиштово Плутун ибтидо,
Ёфт ин донишвар ӯро матлабе,

Гуфт бахри дилдиҳиям раҳнамо:
«З-ин марам, натвонад ӯ орад халал,
То фуруд аз сахра ой бармало».

7 Гуфт сӯи зиштрӯи бадамал,
«Шав хамӯш, эй гурги малъуни ҳаром,
Хашму кинатро фурӯ хур дармаҳал!

10 Бар Ҷаҳим оем. Он ҷо ки лаҷом
Зад Микоил бар ғуруриосиён,
Ояд ин раъй аз ҳамон олӣ мақом.

13 Чун дукал бишкаст, афтад бодбон,
Рӯи ҳам печад, шавад зеру забар,
Мисли ин афтод ҳайвони калон.

16 Мо ба водии ғаму ранҷу хатар –
Ҷумла дарди коинот анбошта,
Сӯи гудоли чаҳорум раҳсипар.

19 Адли яздонӣ! Кӣ қудрат дошта,
То ки гирд орад ба ҷое ин азоб,
Аз чӣ осӣ худ ба ин водошта?
22 Чун ба Корибди ба ҷӯшу илтиҳоб
Сар занад амвоҷу дар ҳам бишканад,
Рӯҳҳо буданд андар печу тоб.

25 Мардум ин ҷо буд фаровон, беадад,
Вазнаро бо синаҳо дода такон,
Дошт фарёду фиғоне то абад.

28 Ду гурӯҳ бархурда бо ҳам беамон,
Рӯ ба ҳам мегуфт: «Аз чӣ, нобакор,
Харҷ нанмоӣ?». «Чӣ тафритест он!»

31 Чархгардон ҷумла дар гудоли тор,
Аз ду сӯ то нуқтаи охир равон,
Дар забон ҳарфи баду таҳқирбор.

34 Ним чархе гашта ҳар як з-осиён
Сӯи дигар, боз раҳ мекард сар.
Дил ба дард омад, кушодам ман забон.

37 «Кистанд, устод, - гуфтам, - даргузар
Сар тарошида зи дасти чап қатор
Роҳибонастанд ё қавми дигар?»

Гуфт: «Ин арвоҳи маҳруми қарор
Дар ҳаёти худ шуда кӯтоҳбин,
Гаштаанд аз ҳад зиёд исрофкор.

Маънии аккосашон чун саг яқин,
Дар хате, ки мекунад аз ҳам ҷудо
Он хатоҳои мухолифро бубин.

Сартарошида кашишон пеши мо,
Бинӣ ин ҷо кардинолу поп ҳам,
Ки хасисишон буда бемунтаҳо.
«Ман аз ин ҷамъи лаину бекарам,
З-ин гунаҳкорон, шиносам чанд тан
Бояд ин ҷо» – устоди муҳтарам.

«Иштибоҳе мекунӣ. – гуфт ӯ, – ба ман
Баски буданд ончунон мурдору зишт,
Ки наёрӣ ҳеҷ ҳам бишнохтан.

Байни ду нуқта абад хоҳанд гашт,
Рӯзи маҳшар дастае хезад зи гӯр
Бо сари бемӯй, дигар баста мушт.

Кард маҳруми ҷаҳони ҳусну нур,
Ҷумларо исрофу мол андӯхтан,
Худ ту дидӣ, шарҳи ман набвад зарур.

Эй писарҷон, гаштӣ огаҳ з-ин сухан,
Ки хушӣ з-иқболи умри бебақо
Нест ҷуз ваҳму хаёли марду зан;

Бас ҳама зарҳои олам зери моҳ
З-ин азоб асло раҳо кай мекунад
Лаҳзае ҳатто яки арвоҳро».

Гуфтам: «Эй раҳбар, маро кун гӯшзад,
Чист Иқболе, ки мегӯй, чӣ сон
Неъмати дунё варо дар даст шуд.

«Эй асири ҷаҳл, эй нобихрадон,-
Гуфт, – агар ин аст аҳволи шумо
Бишнавед андарзи ман бо гӯши ҷон;

Он ки илмаш аз азал шуд раҳнамо,
Осмонҳо офариду роҳбар,
Дод ҳар ҷузъи варо нуру зиё,
Нурдеҳ як ҷузъ бар ҷузъи дигар,
Неъмати рӯи заминро низ дод
Зери фармони ҳамон вологуҳар,

Гуфт, вақташ ояд он ганҷи зиёд –

Сарвати пуч аз диёре бар диёр
Боз аз қавме ба қавме мерасод.

82 Аз салоҳандешии он ки чу мор
Ҳаст дар байни алафзорон ниҳон,
Халқ аз халқе бишуд фармонгузор.

85 Зидди ин нирӯст дониш нотавон,
Ӯ салоҳ андешаду омил бувад,
Чун худоёни дигар фармоннишон.

88 Азми ӯ бевақфае ҳосил шавад,
Чун зарурат карда ӯро дар амал,
Ӯ ба вазъи мардумон оқил бувад.

91 Бахту толеъ ёфт ҳар к-ӯ бехалал,
Бояд ӯро ҳамд мегуфту сано,
Лек бад мегӯяд ӯро дар масал.

94 Нашнавад ӯ лек ҳарфи носазо,
Чархи худ гардонда бошад шодмон
Дар миёни аввалин махлуқҳо.

97 Меравем аз ҳавзаи ранҷи гарон,
Рафта поин ахтарон дар чархи дур,
Рухсати таъхир набвад ин замон».

100 Ҳалқаро дидем сар то сар ба нур,
Чашмае мерехт ҷӯшида ба таҳ,
Ки дар он кандаст як чоҳе чуқур.
103 Об буд на сабзу тира, буд сияҳ,
Мо ба поин аз паси амвоҷи тор
Бо раҳи душвор бигрифтем раҳ.

106 Он гаҳе ки мерасад ин ҷӯйбор
Бар таҳи девораи хокистарӣ,
Ном гирад «Истикас» – мурдобзор,

109 Ман, ки кӯшидам бубинам беҳтаре,
Мардумон дидам, ки пӯшида лажан
То гулӯ, буданд зишту қоҳире.

112 На фақат ҷанганд бо каф марду зан,
Бо сару сина, ба ҳар ду пои хеш,
Пора мекарданд бо дандон бадан.

115 Гуфт раҳбар: «Эй писар, бинӣ ба пеш
Мардуми дар султаи хашму ғазаб,
Низ медон, зери ин мавҷи пареш

118 Боз халқеанд дар ранҷу тааб,

Мешавад аз чархашон пайдо ҳубоб,
Ин аён асту маё з-ин дар аҷаб,

121 Ғарқаи мурдоб гӯянд: «Офтоб
Нур мебахшиду мо дилҳои худ,
Карда пур аз дуди талхи пуразоб.

124 Ҷоямон акнун даруни лой шуд».
Гуфта, ин афсурдагони ҷовидон,
Бо суханҳое, ки номафҳум буд.

127 Дар сари мурдоб буд қавси калон,
Аз паи девораҳо рафтем чанд
Дида ононро, ки гил хӯрокашон,

130 Омадем охир таги бурҷи баланд.

## СУРУДИ {АШТУМ

Боз мегӯям, ки то бурҷи баланд
Омадан, дидем дар болои он
Дар ду ҷо ду шӯълаи кӯчак буданд.

Шӯълаи саввум будӣ дур ончунон,
Ки ба чашмон хурду хира буд зи ҳад,
Лек медод он аломат ҳар замон.

7 Рӯй овардам ба дарёи хирад:
«Чист рамзи ин аломатҳо, - бигӯ –
Кист бо оташ, ки посух медиҳад?»

10 «Гар нагардад монеи дидори ту,
Ин лаҷанзору бухораш, интизор
Он чиро бошанд, бинӣ рӯ ба рӯ».

13 Аз камон тире нарафта ҳеҷ бор
Бар фазо он сон шитобу беҳаял,
Карда к-ин заврақ ба сӯи мо гузор.

16 Буд заврақбони танҳо дар мағал,
Бонг мезад сӯи мо он бе сипос:
«Омадӣ, охир ту, эй рӯҳи дағал!»

19 Гуфт муршид: «Фалҷиёс, эй Фалҷиёс,
Барабас доде мазан, ин бор зуд
Мешавем аз ихтиёри ту халос».

22 Чун касе ки дом дар пешаш намуд,
Дар шигифт ояд, шавад ҳайратфизо,
Фалҷиёс аз хашму кин биншаста буд:
27 Чун фуруд омад ба заврақ раҳнамо,

Аз канораш ҷой доду дарзамон
Зуд сангин гашт заврақ зери по.

28 Мо, ки биншастем, заврақ шуд равон,
Суръат аз пешинааш буд тезтар,
Об мебурриду мерафт аз миён.

31 Мо равону дӯзахии бадгуҳар
Гуфт, сар бар карда аз байни лаҷан:
«Кист, пеш аз вақт з-ин ҷо раҳгузар?»

34 «Омадам, гуфтам, намонам дер ман, –
Худ, ки ҳастӣ  нохушандоме чунин?»
Гуфт: «Рӯҳам, дилпарешон, пурҳазан».

37 Гуфтамаш: «Эй рӯҳи малъун, бо анин
Бо азоби худ бимон, ҳиллат масоз,
Ман туро бишнохтам дар гил яқин».

40 Сӯи заврақ карда дастонаш дароз,
Ронда дураш гуфт ҳушёр устод:
«Гум бишав, рав бо дигар сагҳо битоз!»

43 Гарданам бигрифт, рӯям бӯса дод,
Гуфт: «Эй рӯҳи дағал, бар он зане,
Ки ба батнаш парваридат шукр бод!

46 Дар замин ин мардро буд ман-манӣ,
Ҷуз ба мағрурӣ накард ӯ нек кор,
Шуд аз ин рӯҳаш ба хашм огандanӣ.

49 Беш худ хонанд он ҷо шаҳриёр,
Лек ин ҷо хуксон дар манҷалоб,
Монда аз худ хашму нафрат ёдгор!»
52 Гуфтам: «Эй устод, з-ин рӯди пуроб
Пеш аз он ки меравем, ӯро ба сар
Ғарқа мехоҳам бубинам андар об».

55 Гуфт: «То он ки бубинӣ пештар
Соҳили дигар чунин хоҳад шудан,
Ҳақ туӣ, гардӣ зи шодӣ баҳравар».

58 Баъд дидам дӯзахиёни лаҷан,
Ки чиҳо карданд бо ӯ аз ғазаб,
То кунун дорам Худоро пос ман.

61 Ҷумла мекард Орҷантиро талаб,
Ин флуронии рӯҳи тундхӯ
Хеш бо дандон газидӣ бо тааб.

64 Ӯ бимонд он ҷо, нагӯям ҳарфи ӯ,

Ногаҳ омад нолаи пуризтироб,
Сӯи он кардам нигоҳе рӯ ба рӯ.

67 «Эй писарҷон – кард устодам хитоб, –
Инак аст ин шаҳри Дита, бешумар
Аз кашокашҳо кашанд ин ҷо азоб».

70 Гуфтам: «Эй устод ояд дар назар
Масҷиди бисёр сурхи шӯълагун,
Гӯӣ овარданд аз оташ бадар.

73 «Оташи ҷовидашон сӯзад дарун, -
Ӯ бигуфт, – Ин ҷумла андар нору нур
Сӯхта дар «Дарки Софил» андарун.

76 Рафта мо сӯи ҷариҳои чуқур,
Ҳар яке чун хандақи мотамкада,
Оҳанин буд қалъаи шаҳри шурур.
79 Гирди хандақҳо басе пече зада,
Омадем он ҷо, ки завракбони зор
Гуфт: «Бифроед, мо шаҳр омада».

82 Ронда дидам пеши дар беш аз ҳазор,
Ки ҳамегуфтанд хашмин: «Кист он,
Ки намурда, омадан кард ихтиёр.

85 Бар диёри ҷовидони мурдагон?»
Кард ишора устоди некхӯ,
Ки ба онон дорад алфози ниҳон.

88 Он гаҳ онон хашми худ бурда фурӯ
«Ту ба назди мо биё, они дигар,
К-омада зинда, сари худ гирад ӯ.

91 Созад аз роҳи ҷунунаш пас сафар,
Баски мемонӣ ту дар ин сарзамин,
Ки варо будӣ ба ин ҷо роҳбар».

94 Чун бишуд, хонанда, ҳолам баъд аз ин
Ҳарфи шум, афтод дар ҷонам ҳарос,
Ки наёбам роҳ бар рӯи замин.

97 Гуфтам: «Устоди азизу ҳақшинос,
Ки наҷотам дода беш аз ҳафт бор,
Ҷон раҳондӣ аз хатар, дорам сипос,

100 Ту маро магзор дар ин ҳоли зор,
Гар набояд рафт з-ин ҷо пештар,
Бозгашт аз роҳ созем ихтиёр».

103 Муршидам, ки буд ин ҷо роҳбар,

Гуфт: «Хавфе не, натонад ҳеҷ кас,
Манъ созад хоҳиши ӯро дигар.

106 Интизорам бош ин ҷо як нафас,
Рӯҳи худ тобу тавон деҳ аз умед,
Ман туро танҳо нахоҳам монд бас.

109 Худ бимондам, рафт устоди саид
Дар сарам буд сад гумони лоҷавоб,
Буд байни «не»-ю «ҳа» ҷанги шадид.

112 Нашнавидам он чӣ мекардӣ хитоб,
Ӯ намонд он ҷо вале дуру дароз,
Бар дарун рафтанд онон бешитоб.

115 Баста шуд бар рӯи ӯ дарҳои боз,
Муршиди ман буд андар пушти дар,
Наздам омад нарм-нарм устод боз.

118 Баста итминони ӯ рахти сафар,
Бо алам мегуфт чашмаш бар замин,
«Кист бар ман баста ин роҳи гузар?»

121 «Бад макун дил, биниям гар хашмгин, –
Гуфт, – инон гарчи созандӣ паноҳ
Шаҳри худ, пирӯз гардам ман яқин.

124 Кинатӯзишон набуд нав ҳеҷ гоҳ,
Баски он дарвозае, ки барқарор
Боз монда то кунун, бошад гувоҳ.

127 Тори дар хондӣ ту ҳарфи маргбор,
З-он суи дар якка меояд фуруд,
Аз миёни ҳалқаҳои тангу тор,

Он, ки дар бар рӯи мо хоҳад кушуд.

## СУРУДИ НУ{УМ

Ранги хорӣ гашт бар рӯям аён,
Раҳнамо тағйиру ранги худ зи ман
Сахт мекӯшид, то созад ниҳон.

Чун касе ки гӯш дорад бар сухан
Истода, дошт бар зулмат назар
Лек чизеро намедид он заман.

7 Гуфт: «Моро мебувад, бешак, зафар,

Он ки дода ваъдаи ёрӣ ба мо,
Мерасонд ин ҷой бояд зудтар.

10 Хуб медидам, ки ҳарфи ибтидо
Ихтилофе дошт бо ҳарфи ахир,
Баски маънии суханҳо буд ҷудо.

13 З-ин маро тарсу ҳаросе кард зер,
Маънии бадтар зи ҳарфи нотамом
Баски дармеёфтам ман ногузир.

16 Ноумедӣ кайфараш бошад мудом,
Ҳар касе дар ҳалқаи аввал бувад,
Омад оё кас ба ин ҷо з-он авом?»

19 Ин бипурсидам, бигуфто: «Кам фитад
Иттифоқ арвоҳро ин сон сафар,
Кам касе паймуда ин роҳи абад.

22 Гарчи з-ин ҷо меравам бори дигар
Бо Ирикту на, ки бо ҷоду, фусун
Медарорад рӯҳ бар ҷисми башар.
25 Тоза қолаб чун тиҳӣ кардам, дарун
Карда буд он гаҳ маро бар ин ҳисор,
То кашам рӯҳи Яҳудое бурун.

28 Ҳалқаи поинтарин ин асту тор,
Дур бошад з-осмони бозиё,
Хуб донам роҳро, бовар биёр.

31 Бӯи бад меомад аз мурдобҳо,
Шахри дард аз ҳар тараф бадбӯй буд,
Дохилаш бояд, ки мегаштем мо».

34 Ногаҳон дар нуқтаи сурхи абад
Се нафар шайтонаи осемасар
Ғарқаи хун барфарозиданд қад.

37 Мори сабзи ҳафтсар – банди камар,
Гесӯ – афъӣ, мори печон дар ҷабин,
Чанбари морон ба аъзо сар ба сар.

40 Истодам. Дидам ашбоҳе чунин,
Дар диёри ашкҳои ҷовидон.
Гуфт: «Иринoҳои дарранда бубин».

43 Олкту дар рост гиряд, дар миён
Ин Тазифонаст, дар чап Мижҷаро,
Ин суханҳо гуфту барбаст ӯ забон.

46 Синадаррон ҳар яки шайтонаҳо,

Хешро силизанон, фарёдзан,
Ки шудам аз хавф ҷафси раҳнамо.

49 Бо ниҳеби сахт гуфтандӣ сухан:
«Ку Мидузо, ё Тизеоро ҳамон
Санг бандонем дар ҷояш бадан».
52 Рӯ бигардон, банд маҳкам дидагон,
Чунки Гургуна расад, бинӣ варо,
Ту нахоҳӣ рафт боло баъд аз он».

55 Гуфтаву чархонд рӯям раҳнамо
Сӯи дигар баст чашмам бесухан
Ӯ ба дасти хеш маҳкам ҷо ба ҷо.

58 Чашми равшанбини ҳар як марду зан
Ёбад он асле, ки мебошад ниҳон
Дар ҳиҷоби шеъри пурасрори ман.

61 З-обҳои пурталотум ногаҳон
Як ғиреве хост бас ваҳшатфизо,
Сахт ларзиданд соҳилҳо аз он.

64 Ҳамчу боде буд ғуррон он садо,
К-аз ҳавои мухталиф пайдо шавад,
Барканад аз пеши раҳ монеаҳо.

67 Шохаҳоро бишканад, бо худ барад,
Меравад чун гирдбоди пурғурур,
Мегурезад з-он ҳама чӯпону дад.

70 Чашми ман бикшоду гуфто: «Ту ба дур
Хуб бингар кафки амвоҷи куҳан,
Ки бухори ғафс ояд бар зуҳур».

73 Ҳамчунин аз мор ғукони лаҷан
Мешаванд осема пинҳон зери об,
Бар замин часпонда ҷисми хештан.

76 Дар фирор афтода арвоҳи хароб,
Чун бидид ӯро, ки по нокарда тар
Рӯи «Истекас» равон буд бешитоб.
79 Гоҳ бо дасти чап аз пеши назар
Дур меронд ӯ бухори ҷовидон
Гӯиё медод инаш дарди сар.

82 Ёфтам, ӯ буд пайки осмон,
Дидам, устодам ишора кард, то
Сар фуруд орам хамуш дар назди он.

85 Ваҳ, чунон меомад ӯ беэътино!
Паллаи дарвоза беишкол ӯ

Бо такони чӯбдасташ кард во.

88 Гуфт назди остон ӯ рӯ ба рӯ:
«Эй зи даргоҳи илоҳӣ рондагон,
Бадсиголу пурғуруру тундхӯ,

91 Аз чӣ охир зидди раъйи осмон,
Борҳо, к-он ранҷ бар ранҷе фузуд,
Бошад ин гарданкашии бегумон.

94 Ҷанг бо зӯри илоҳӣ? Нест суд.
Сибироро бурдед аз хотир магар,
К-аз занахдон то гулу бепӯст буд?»

97 Ин бигуфту бозпас кард ӯ сафар
Аз раҳи пургил чу он шахсе, ки ҳаст
Сад гирифториш дар ҷои дигар,

100 Ки варо хотир мушавваш доштаст;
Қуввати дил шуд ба мо ҳарфи азиз,
Роҳ бигрифтем сӯи даври паст.

103 Воридаш гаштем беҷангу ситез,
Сарнавишти қалъашинонро, ки ман
Диданӣ мехостам он лаҳза тез

106 Бингаристам гирду сӯи хештан,
Дидам аз ҳар сӯи деҳоти калон,
Ки ҳама оганда аз ранҷу шикан.

109 Меравад аз шаҳри Арли рӯди Рон
Назди Пола, бо Каварнору шавад
Кишвари Итолиё пайванди он.

112 Хок ноҳамвору гӯри беадад
Буд ин ҷо, лек фарқе ҳам дигар
Дошт, ки буд вазъашон бисёр бад.

115 Мезад оташ байни гӯристон шарар,
Гӯрҳоро мегудозид ончунон,
К-оҳаке нагдохт кас ҳеҷ ин қадар.

118 Буд муаллақ сангҳои гӯрашон,
Нолаҳои талх бармехестанд
Аз даҳони тирарӯ он осимон.

121 Гуфтам: «Эй устод, инон кистанд,
Хуфта андар гӯрҳо зору низор,
Нолазан бо дард баҳри чистанд?»

124 Гуфт: «Зиндиқанд ҳам бидъатгузор,

Пайравон доранд беҳадду ҳисоб
З-он чӣ пиндорӣ фузунтар дар мазор.

127 Ҷумлаи ҳамаслакон ин ҷой хоб,
Гӯрашон дар нор сӯзад бешу кам».
Пас ба дасти рост мехӯрдем тоб,

130 Монда сӯи шаҳру қалъа мо қадам.

## СУРУДИ ДА{УМ

Устодам мебарад бо худ маро,
Аз миёни шаҳру гӯри осиён
Меравад аз пеш ӯ, ман аз қафо.

Гуфтам: «Эй фозилсиришти ду ҷаҳон,
Ки барӣ аз байни нопокон маро,
Гӯ сухан, в-ин оташи рағбат нишон.

7 Метавон дидан даруни гӯрҳо,
Кистанд онон, ки санги ҳар мазор
Гашта боло, посбон бошад куҷо?»

10 Гуфт: «Инон аз Яҳушофот зор
Боз меоянд агар бо колбад,
Баста хоҳад гашт гӯри бешумор.

13 Дар ҳамин ҷо гӯри Эпикур бувад,
Бо тамоми пайравонаш, ки бигуфт:
Марги тан бар рӯҳ ҳам марг оварад.

16 Хоҳиши ту мешавад дарҳол ҷуфт,
Он чӣ дар дил ҳасту в-он чӣ дар забон
Гардад иҷро, посухаш хоҳӣ шунуфт».

19 Гуфтам: «Эй устод, ман майле ниҳон
Аз ту гар дорам, бихоҳам мухтасар
Ҳарф гӯям, худ ки фармудӣ чунон.

22 «Тусканиё, зиндаиву даргузар
То зи шаҳри оташе, бо эҳтиром,
Ҳарф гӯӣ, кун ту таъхири сафар.
25 Шевоат гӯяд ба назди хосу ом,
К-аз диёри нек ҳастӣ, лек ман
Сахтгирӣ кардамаш шояд мудом.

28 Аз даҳони гӯр омад ин сухан,
Бо ҳаросонӣ гирифтам сахттар
Бозувони раҳнамои хештан.

31 Гуфт: «Зан чарху ба ӯ бинмо назар,

Фориното ӯст, бархезад ба по,
Метавонӣ бинияш сар то камар».

34 Ҳол дидам гӯру чашми рӯҳро,
Синаву пешонӣ оварда бурун,
Дошт бар Дӯзах назар ӯ бо дағо.

37 Бо ду дасти зӯр карда раҳнамун
Аз миёни гӯрҳо бар сӯи ӯ,
Гуфт раҳбар: «Гӯ сухан равшан кунун».

40 Омадам бар назди қабр, оварда рӯ
Сӯи ман пурсон бишуд беэътино,
«Гӯй бар ман кистанд аҷдоди ту?»

43 Баски будам моили тоат варо,
Ному аҷдодам накардам ман ниҳон.
Зад гиреҳ абрӯю лабро кард во:

47 «Ҷумлаи инон ҳарифи нотавон
Буда бар хоки ману аҷдоди ман,
Ман ду дафъа рондаам берунашон».

50 Гуфтам ӯро: «Рост ду бор аз ватан
Гашта берун, лек баргаштанд боз,
Ин тавонад аз шумоён ҳеҷ тан.
53 Пеши чашмам рӯҳи дигар бо ниёз
Аз замин то бар занах баркарда сар,
Гӯ сари зону буду меҷуст роз.

56 Дид пиромуни ман, шахси дигар
Нест оё ҳамраҳи ман раҳгузар,
Чун надод он интизораш бору бар.

59 «Гар нубӯғат мебарад з-ин чоҳи тор»
Гуфт гирён, – ку маро якто писар?
Ӯ чаро бо ту набошад ҳамқатор?»

62 Гуфтамаш: «Ман худ накардам ин сафар,
Раҳбарам он ҷо, Гивидуи шумо
Эҳтимол ӯро нахонда муътабар».

65 Гуфтугӯяш, навъи он ранҷу ано,
Номи ӯро баҳри ман фаҳмонда буд,
З-ин сабаб посух бидодам ман варо.

68 Ногаҳон бархост, фарёде намуд,
«Ӯ нахондаш мӯътабар гуфтӣ? Писар?
Чашм аз нури саҳар барбаст зуд?»

71 Бар саволаш посухи ман дертар

Чун ба лаб омад, ба гӯри худ фитод,
Дигар ӯ аз гӯр бар н-овард сар.

74 Рӯҳи оличоҳ, бар ҷо меситод,
Бо тақозояш будам ман интизор,
Вазъи хеш ӯ ҳеҷ тағйире надод.

77 Гуфт дар дунболи он гуфтугузор:
«Гар табори ман надонанд ин ҳунар,
Сӯзадам ин беш, з-ин ҷогоҳи нор.
80 То ки ин фармонраво – бонуи зар,
Чеҳрааш равшан кунад панҷоҳ бор,
Донӣ аз ин нест фан душвортар.

83 Боз гардӣ бар ҷаҳони нурбор
Гӯ ба ман: мардум ба қонунаш чаро
Бо табори ман бувад носозгор?

86 Гуфтамаш: «Куштор, мавҷи Арбиё
Сурху хунин кард, дар маъбад аз он
Муҷиб омад халқро ин сон дуо».

89 Гуфт ӯ бо оҳ, сар дода такон:
«Бесабаб ҳаргиз наҷангидам яқин,
Ман магар танҳо будам дар он миён.

92 Ҷумла мегуфтанд яксони замин
Ин Флурунса бисозем, он замон
Пуштибонӣ кардамаш аз ростин».

95 Кош бархурдор, - сар кардам сухан, -
З-оштӣ гарданд авлоди шумо,
Лек ин мушкил  кунед осон ба ман:

98 Ёфтам он сон, ки оянда ба мо
Он чӣ орад, донед аз мо хубтар,
Нест ин қудрат кунунтон пас чаро?»

101 «Чизҳои дурро пеши назар
Нек мебинем ҳамчун дурбин,
Бенасиб аз ин накарда роҳбар.

104 Оҷиз ояд ақл, амр ояд қарин
Гар хабар надҳад касе, тақдиратон
Дарнамеёбем мо аз худ яқин.
107 Илму дарки мо, ба ту бошад аён,
Баста гардад чун дариояндаҳо,
Яксара поён пазирад бегумон».

110 Гуфтам он гаҳ ман ба islоҳи хато:
«Гӯед онеро, ки бар хок уфтод,

Ҳаст фарзандаш миёни зиндаҳо...

113 Гар хамӯшӣ ихтиёрам буд зиёд,
Хотири ман банди он асрор буд
В-ин суханҳо укда з-он мушкил кушод.

116 Устодам назди худ даъват намуд,
Лоҷарам аз рӯҳ гаштам хостгор,
Гӯядам ӯ номи ҳамроҳон-ш зуд.

119 Гуфт: «Ин ҷо хуфта кас беш аз ҳазор,
Федерику Кардинал бурда ба сар,
Дигаронро ман нагӯям ошкор».

122 Сӯи шоир по ниҳодам, аз назар
Ӯ ниҳон шуд, фоли бад аз он сухан
Баргирифта, фикр мекардам дигар.

125 Чун ба роҳ афтод, гуфт ӯ сӯи ман:
«Бас парешон менамоӣ ту чаро?»
Гуфтамаш з-он моҷаро дил дар ҳазан.

128 «Он чӣ бишнидӣ, – бигуфтам раҳнамо, –
Ёд дору он чӣ гӯям ҳуш дор».
Рост кард ангушт: «Бонуи сафо,

131 Ки фурӯғаш дилпазиру беғубор,
Чашми ӯ бинад савобу ҳам гуноҳ,
Баъд аз ин бо ту кунад гуфтугузор».
134 Шуд хамуш. Кардем бар поин нигоҳ
В-аз канори қалъа бинҳодем гом,
Дар дара охир ҳамешуд кӯрароҳ.

137 Бӯи бад меомад аз он бар машом.

## СУРУДИ ЁЗДА{УМ

Мунтаҳо бар сахраҳои ҳалқавор
Омада дидем ҷамъе дар азоб
Бештар аз дигарон буданд хор.

Мерасид аз жарфнои тиратоб
Бӯи бад, бурдем мо аз он паноҳ
Дар паси санги мазоре бошитоб.

7 Ҳак шуда дар санг: «Ман дорам нигоҳ
Поп Анастозӣ, ки баъд аз Фотино
Дар сиротулмустақим ӯ шуд табоҳ».

10 Пеш аз он, к-оем бар шеб аз фаро,

Андак истему ба бӯ гирем хӯ».
Гуфт раҳбар, низ ман гуфтам варо.

«То нагардад вақт зоеъ худ бигӯ,
Матлабеву ин қазоро чора чун,
Гуфт: «Худ он чора дорам ҷустуҷӯ».

16 Кард оғоз: «Эй писарҷон, дар дарун
Сангҳоро ҳаст се даври дигар,
Мисли онон, ки гузаштӣ гунагун.

19 Давраҳо мамлу шуда з-арвоҳи шар,
Аз чӣ ин ҷо ҷумла гашта ҷойгир,
Дарҳам афтода, фишурда сар ба сар.
22 Ҳар бадеро, ки само хонад шарир,
Ҳаст фарҷомаш ба бедоду дағал,
Дигаронро он зиён орад касир.

25 Баски дорад одамият он ҳиял,
Нохушоянд аст он бар кирдгор,
Дар таҳ ононанд аноро дар бағал.

28 Золимонастанд дар аввал қатор,
Сохта се ҳалқагӣ доираро,
Баски ин зӯрӣ равад се сон ба кор.

31 Бар худу бар дигарон, ё бар Худо,
Боз бар нафсу ҳуқуқу молашон,
Ҷабрро, донӣ, ту мебинӣ раво.

34 Метавон зад дигаре захми гарон,
Кушт ё оташ заду кардан хароб,
Бо дуруштӣ ё ситонӣ моли он.

Қотилу ғоратгарони беҳисоб,
Раҳзану захмикунон бо қасди бад
Дар ҳисори аввалин бинанд азоб.

40 Ҳар касе дасти тааддӣ ё ба худ
Ё ба моли хештан кардӣ дароз,
Ӯ муҷаззо дар дувумин қалъа шуд.

43 Худ зи умр он ки кунад маҳрум, боз
Мояву ҳастӣ бибозад дар қимор,
Гиряд он ҷое, ки хандад бениёз.

47 Ё тааддӣ кард бар парвардигор –
Куфр гуфту гашт мункир аз Худо,
Ӯ табиат, Лутфи Яздон дошт хор.
50 Бар Садум, Қоҳур он ки беибо
Кард таҳқири Худо дар дил, забон,

Ҳалқа дарзад муҳри оташ ҷо ба ҷо.

53 Ҳилла ҳар касро кунад озурдаҷон,
Ҳам касеро ки ба мо бовар кунад,
Ҳам касеро, ки бувад нобовар он.

56 Ҳилла пайванди муҳаббат барканад,
К-он бувад маҳзи табиат устувор,
З-ин сабаб дар давраи дуввум занад.

59 Ҳам дурӯю чоплусу вақфхор,
Ҳам қаводӣ, нодурусту ихтилос,
Кулли ҷодугар, тамоми нобакор;

62 Мекунад меҳри қарибонро асос,
Ҳиллати навъи дигар бурда зи ёд
Он касе, ки дошт имону сипос,

65 Дар сиёҳ ин  ҳалқаи дӯзах фитод,
Дар ҳамон ҷо, ки Дита шуд ҷогузин,
Ҳар хиёнатгар ба ранҷи умрбод.

66 Гуфтамаш: «Хуб аст тақсиме чунин,
Баски мардумро ба мо бидҳад нишон,
Ки баранд ин ҷо ба сар дар ранҷу қин;

68  Гӯй: «Онон ки ба лое ҷовидон
Зери борону ба чанги сарсаранд,
Дар ситезастанд бо ҳам беамон,

71 Мавриди қаҳри худовандӣ гаранд,
Пас чаро дар шаҳри оташ нестанд?
Пок агар, аз чӣ ба дӯзах андаранд?»
74 Ӯ бигуфт: «Аз чӣ туро ақли баланд
Шеваи пешини худ аз даст дод?
Ҷои дигар ё ки фикри туст банд?

77 Ё магар «Ахлоқ»-ро бурдӣ зи ёд,
К-андар он се хӯи бад назди Худо
Нохушоянд аз ҳама бошад зиёд.

80 Бадсиголӣ, ваҳшхӯиву або
Айби нопарҳезгорӣ, охирин.
Мӯҷиби кайфар набошад пас чаро?

83 Хубтар андешу некӯтар бубин,
Чӣ касон буданд онон бар фаро,
Ки кашида кайфари ҷурми яқин:

86 Хуб дарёбӣ чаро онон ҷудо
З-ин шарирон, эзиди одилназар

Аз чишон кам карда саркӯбу ҷазо.

89 Гуфтам: «Эй хуршед, эй нури басар,
Ризиям бар мантиқат, шакке варо
Шубҳа бар лутфи яқин бошад дигар,

92 «Боз пас рав, – гуфтамаш бар раҳнамо, –
Судхорӣ чун бувад носозгор
Раҳми яздонро, бигӯ, мушкил кушо».

95 «Фалсафӣ, – гуфт ӯ – ба шахси ҳушёр
Хуб омӯзад, ки яздонро хирад
Буда ношии табиат, з-ин қарор

98 Гар ба диққат хонӣ ту «Физик»-и худ
Чанд саҳфа, на саропо бехабар,
Зуд дарёбӣ, ки дар дунё абад
101 Аз табиат санъат омӯзад башар,
Ҳамчунон шогирд назди устод;
Чун навоси эзид аст асли ҳунар,

104 Гар зи Таврот ин дуро орӣ ба ёд,
Одамиро он чӣ мебошад зарур,
З-ин ба даст оранд бахри умри шод.

107 Гар рибохӯр аз рибо гардид дур,
Карда таҳқири табиат, санъат он,
Бандад уммеде ба нокарда зуҳур.

110 Ту биё, гардем мо бояд равон,
Баски Ҳут оварда рӯ сӯи фароз,
Хуфта Гардуна ба Куврус бегумон,

113 То ба таҳ бошад раҳе дуру дароз.

## СУРУДИ ДУВОЗДА{УМ

Рафтем аз сахра ба ҷои шебдор,
Лек мавҷуде дар он бурдӣ ба сар,
Кас накардӣ дидан он сӯ ихтиёр.

Ҳамчунон зери Тананту сангпар
Дар назар ояд, ки бар Одижаруд
Рехта, аз зилзила сар то ба сар.

7Омада сахра зи ҷогоҳаш фуруд,
Ончунон хобид дар сатҳи замин,
К-аз аз рухаш ҳар кас сабук бигзашт зуд.

10 Роҳи варта шеб будӣ ҳамчунин,

Сахраҳо ворафта аз боло ба паст,
Рӯи он ғӯли Карат бо қаҳру кин,

13 Ки даруни гов гӯё нутфа баст,
Хуфта буд, чун шахси дар хашму ғазаб
Дида моро, бар танаш дандон бихаст.

16 Дод зад раҳбар: «Гумонат дар талаб
Аз Афина омада фармонраво,
Ки диҳад бар дасти маргат, баднасаб?

19 Дафъ шав, ҳайвон, на чун хоҳар туро,
Омад ин ҷо кас ба сад макреву шар,
Омада, то бинад ӯ ранҷи шумо».

22 Чун гави ваҳшӣ, ки аз зарби табар
Канда занҷираш, вале дар ҳайрат аст,
Меҷаҳад ин сӯю он сӯ бесамар,

25 Ҳамчу Минутавр аз ҷояш биҷаст,
Бонг зад раҳбар: «Ба вақти хашми вай,
Зуд поин дав, ғанимат фурсат аст».

28 Сахраҳои резагашта пай ба пай
Зери по мерехт аз вазни гарон,
Мо давоми роҳи худ кардем тай.

31 Бар мани андешавар гуфт: «Ин замон
Мекунӣ фикри футури сахраҳо,
Ё ки мақҳурии ҳайвони дамон.

34 Дон, ки чун бори нахустин аз фаро
Омадам бар Дӯзахи сифлӣ фуруд,
Тахтасанг афтода буд кайҳо зи ҷо.
37 Гар тавонам хуб ташхисе намуд,
Пештар аз омади он кас, ки ӯ
Тӯъмаи шайтон зи дасти ӯ рабуд,

40 Ларза кард ин ҳалқа аз ҳар сӯю кӯ,
Дар хаёлам олам аз ишқи нахуст,
Ки гумон доранд бархе розҷӯ,

43 Чанд бор ошуфта гаштасту дуруст,
Боз ларзад, он замон ин сахраҳо
Рехтанд аз ҳам ба ин сурат, ки ҳаст.

47 Рӯди хун мебину дашти ҷонгазо,
К-он бувад ҷӯшишгаҳи онон, ки худ
Дигаронро дода сад ранҷу ано».

50 Туф ба ту, эй ҳирсу эй хашми зи ҳад,

Умри кӯтаҳ бигзарад дар ранҷҳо,
Қин кунӣ ту боз дар умри абад!

53 Ман камонишакл дидам жарфно,
Ҳамчунонки гуфта будам роҳдон,
Даштро бигрифта сартосар фаро!

56 Байни жарфу сахра бо тиру камон
Асподамҳо давон баҳри шикор,
Саф ба саф, гӯё ки ҳамчун зиндагон.

59 Дида моро ҷои худ карда қарор,
Се нафар бо найзаву бо тирҳо
Шуд чудо аз ҷамъи худ беихтиёр.

62 Бонг зад як: «К-ин сӯ оед, эй Шумо
Гашта маҳкуми чӣ сон ҷурму азоб?
Мекашам в-арна камони хешро».
65 Гуфт раҳбар: «Гар бувад лозим ҷавоб,
Посухи мо Кируна хоҳад шунуфт,
Ҳол ҳам ҳастӣ ту бемори шитоб».

68 Раҳнамо бозуи ман бигрифту гуфт:
«Ин Нису, баҳри Дижониру бимурд
В-интиқоми худ ба марги худ гирифт.

71 Хам сарашро Коруна бар сина кард
Ӯ Ашилро парварид, они дигар
Худ Фулу бошад, ки дил пуркина кард.

74 Садҳазорон карда дар соҳил гузар,
Мекунанд омоҷи тир арвоҳро,
Чун баранд аз об сар беҳад бадар».

77 Чун дадони чустро дидем мо
З-он дадон Коруна боло кард тир,
Ришу мӯйлаб бурд бо он бар қафо.

80 Чун хувайдо шуд даҳонаш, зад нафир:
«Аз ақиб ояд касе, ҳар чӣ ба по,
Мерасад ӯро, биҷунбад ногузир?

83 Ин натонад кард пои мурдаҳо».
Назди пайванди ду табъи гунагун –
Рӯи сина, буд расида раҳнамо.

86 Гуфт: «Ӯ зиндаст, ман бурда дарун
Бояд ин зулмат варо бидҳам нишон,
Нест майли ман, бувад лозим кунун.

89 Он ки хонд аз «Ҳаллилуё» ними он,

Омаду ин амр кардам вогузор,
Дузд не ман, нест раҳзан ин равон,
92 Фазли болоям бикарда раҳсипор,
Медиҳам савганд бо номаш туро:
Як нафар моро диҳӣ дар ихтиёр,

95 То гузаргаҳро нишон бидҳад ба мо,
Ҳамраҳамро бигзаронад рӯи дӯш,
Набвад ӯ рӯҳу напаррад дар фазо».

98 Чарх гашту гуфт Коруна ба ҷӯш
Сӯи Нису: «Шав ба инон раҳбалад:
Ту зи дигар даста бар дурӣ бикӯш.

101 Тӯли рӯди сурху ҷӯшони абад,
К-осиён ҷӯшида кардандӣ фиғон,
Раҳ гирифтем мо ба шахси мӯътамад.

104 Осиён ғӯтида то мижгон ба он,
Қантурас гуфт: «Ин сарон – бедодгар,
Карда ғорат ҷону моли дигарон:

107 Аз ситамкории худшон гирявар,
Ҳам Сикандар, Диунузий, ки намуд
Солҳо Сисилро зеру забар.

110 Ин сияҳмӯ – Атзулин бингар ту зуд,
В-он дигар Обитзу Диста пирасар,
Ки варо пури ҳаромаш кушта буд.

113 Рӯ ба шоир кардаму гуфт ӯ: «Дигар
Беҳ бувад, бошад туро ӯ раҳнамо,
Ман Шуморо меравам аз пушти сар».

116 Назди онон, ки зи ғарқоби бало –
То гулӯ бурданд худро бар фароз,
Омаду истод он Сентаври мо.
119Дид рӯҳе дар канору гуфт роз:
«Дар қадамгоҳи Худо, дар Тоймиз
Дил шикофидаст ҳангоми намоз».

122Мо касони дигаре дидем низ,
Ки сару ними тан оварда бурун;
Иддае бишнохта кардам тамиз.

125Мефаромад беш поин сатҳи хун,
Мо гузаштемаш, чу бар по мерасид,
Аз чаҳи пурхуну аз ашбоҳи дун.

128«Ҳамчунон бар чашм ин ҷо мерасид,
К-умқи дарё кам шуда аз пештар,

Бишнавед аммо, чу он ҷо мерасед,

131Боз гардад умқи дарё бештар,
То ба он ҷое, ки ҳаққо золимин
Нолаҳо доранду захми рештар.

134Отилошаҳ – он балое дар замин,
Пирую Сақту зи адли кирдгор.
Аз мукофоти амал хуну ҳазин,

137Рехта дарёи ашки шашқатор
Ҳам Ринар, Курноту, Ренар Потзу,
К-ин ҳама карданд ҷангу корзор!»

140 Пас бичархиду зи раҳ бигзашт ӯ.

## СУРУДИ СЕЗДА{УМ

Пеш аз он Нису расад он сӯи рӯд,
Мо даруни ҷангале мондем по,
Ки дар он ҷо кӯрараҳ пайдо набуд.
Баргҳо на сабз, тира, безиё,
Шохаҳо на рост, печопеч буд,
Меваe не, ҷуз ба заҳри хорҳо.

7 Аз Сисино, Курту рафта ҷумла дад,
Гарчи будандӣ ба дигар хорбум,
Н-омада аммо ба ин сон ҷои бад.

10 Ҳорпиён, дода он ахбори шум
Бар таруёнҳою рондандӣ бадар
З-Астаруфад, доштандӣ уштулум.

13 Болҳое доштанду унқу сар,
Сахт нолон дар дарахтони аҷиб,
Панҷаҳо чанголу ишкам зери пар.

16 «Пеш аз он ки, – гуфт устоди ҳабиб, –
Рафта бошӣ бар фазо з-ин ҷо, бидон,
Бар дувумин доира ҳастӣ қариб.

19 Пушти он шанзори сӯзони калон,
Чизҳое бинӣ аз онон сухан
Пеш гӯям, боварат н-ояд ба он».

22 Мешунидам нолаҳои пурҳазан,
Истодам ман вале ошуфтаҷон,
Пеши худ нодида халқе нолазан.

25 Буд аз пиндорам огаҳ роҳдон

З-он ки мепиндоштам ояд садо
З-он касони дар дарахт андар ниҳон.

28 «Лоҷарам, – гуфт ӯ, – агар з-ин шохаҳо
Бишканӣ ту шохи сабзи хурдтар,
Аз гумон озод гардӣ ҷо ба ҷо».

31 Даст бурдам, шохаи борики тар
Аз дарахте чун шикастам, дод зад:
«Аз чӣ узвам бишканӣ, бедодгар?»

34 Бутта баъди лаҳзае фарёд зад,
Рафт чун аз шохаи бишкаста хун:
«Ноқисам аз чӣ кунӣ, раҳмат бувад?

37 Одамӣ будем, акнун хорбун;
Гар гунаҳкорем фарзан мо ба шарр,
Ту макун моро ҷафо, хору забун».

40 Ҳамчунон он нимсӯхта чӯби тар,
К-аз суе сӯзону дигар сӯи хеш
Аз ҳаво нолон, хурӯшон, гирявар,

43 Низ аз ин шохаи бишкаста, реш
Мавҷи хун меомаду ҳарфу сухан,
Шохаро кардам раҳо зору париш.

46 Дод посух раҳбари донои ман:
«Рӯҳи маҷрӯҳ, ӯ агар шеъри маро
Хондаву мекард бовар як заман,

49 К-он чиро гӯям, бубинад, беибо
Ин накардӣ ҳеҷ. Аммо мушкил ин,
Ман варо гуфтам, хӯрам афсӯсҳо.

52 Кистӣ, гӯяш, чу баргардад яқин,
Тоза созад хотири ту, ёди ту,
Ӯ ба ҷуброни хато рӯи замин».

55 Гуфт он: «Маҷзубам аз ин пурсуҷӯ,
Ки натонам баъд аз ин хомӯш буд:
Гоҳ-гоҳ исте кунам дар гуфтугӯ.

58 Ду калид аз қалби Федерик вуҷуд
Дошт дар ман, чарх медодам чунон
Бо ҳалимӣ баставу бикшода зуд,

61 Ки бикардам ҷумларо берун аз он;
Баски будам дар вазифа бовафо,
Додам аз каф хоб, ҳам тобу тавон.

64 Он зани бешарму осӣ, дидаро
Барнаканд аз кохи Қайсар як нафас,-
Мояи фавти башар, дарборҳо.

67 Ҷумларо афрӯхт зидди ман сипас,
К-оташи Огуст он шаҳде, ки буд
Кард талху сӯгворӣ доду бас.

70 Рӯҳам озурду дилам ошуфта шуд,
То раҳоям худ зи сарафкандагӣ,
Додгар, бедодгар гаштам ба худ.

73 Решаҳои наврасу сабзандагӣ,
Мекунад тасдиқ имони маро,
Ки Худоро кардаам ман бандагӣ.

76 Як нафар боло равад гар аз шумо
Ёд дорад; номи некамро кунад
Бояд аз кинҷӯии душман раҳо!»

79 Гуфт шоир: «Ин дам ӯ хомӯш шуд,
Ҳар чӣ мехоҳӣ бипурсу худ бигӯ,
Дон ғанимат вакт, чун фурсат бувад».
82 Он чӣ лозим бишмарӣ – гуфтам ба ӯ, –
Худ аз ӯ мепурс, к-аз раҳмат кунун
Нестам ёрои пурсиш, гуфтугӯ.

85 Тоза гуфт: «Эй рӯҳи маҳбуси забун,
Бояд он чӣ хостӣ, ҳаққо, ки зуд
Гардад иҷро дарзамон, бе чанду чун,

88 Гӯ ба мо, чун рӯҳи инсонӣ вуҷуд
Метавонад дошт дар ин сон гиреҳ,
З-ин асорат ё раҳо ҳам гашта буд?»

91 Соқа охе гуфт бар боде шабеҳ,
Сурати гуфтор пайдо шуд аз он:
«Ин суханро посухи кӯтоҳ беҳ.

94 Колаби хокӣ чу рӯҳи баднишон
Тарк месозад, бар ин гудоли ҳафт
Мекунад Минус дарҳолаш равон.

97 Ҳар куҷо чун рӯҳи шар афтод, рафт,
Қабл ҷояш нест дар ҷангал аён:
Сабзад он ҷо ҳамчу дон, аммо бадафт.

100 То дарахте мешавад ваҳшӣ, калон,
Ҳам ба дард оварда, дарча карда во
Ҳорпиҳо мехуранд аз барги он.

Низ худро колбад ҷӯем мо,
Ҷо намегардем дар қолаб ду бор,
Боз настонем он чӣ додаро.

106 Ҷисмҳо оварда бар ин бешазор,
Дорем овезонашон дар хорбун,
К-андар он шуд рӯҳи душман хонадор».
109 Хорбунро буд ҳарфи гунагун,
Лек ногаҳ сахт ғавғое бихост,
Ки ҳамоно кардамон ҳайрат фузун.

112 Гӯиё сайёдҳо таъқиби рост
Карда, аз пушти гурозе дар шикор
Аз даду соқа ба гӯши кас садост.

115 Ду нафар дидем аз чап, дар канор
Бо тани маҷрӯҳу урён дар гурез.
Шохаи бунҳо шикаста дар фирор.

118 Пештозаш наъра мезад бо ситез:
«Мешитоб, эй марг, сӯям зуд, о!»
Дигаре, ки аз пасаш метохт низ:

121 Бонг мезад: «Кай ба ҳарби худ, Лано
Бо Папо аз ин давидӣ чусттар?!»
Уфтод ӯ бенафас дар буттаҳо.

124 Он дуро ҷангал будӣ дар пушти сар –
Модасагҳои сияҳ гӯё давон
Чун сагони тозие осемасар.

127 Тикка-тикка шуд зи дандони сагон,
Ӯ, ки дар рӯи замин афтода буд,
Рафта сагҳо тиккаҳо андар даҳон.

130 Устодам назди бутта бурд зуд,
Бутта аз бишкастагии хештан
Гиряи беҳосиле сар дода буд.

133 «Ҷокумо Сант-Андаро, дар пушти ман, -
Бутта мегуфт – аз чӣ рӯ гаштӣ ниҳон?»
Нест саҳмам дар гуноҳат мутлақан!»
136 Наздаш истод устоду гуфт: «Ҳон,
Кистӣ, гӯӣ сухан бо дарду ғам
Бо тани бишкаставу реши равон?»

139 Гуфт: «Эй арвоҳ, к-инҷониб қадам
Монда, ношоистагиро бингаред,
Ки маро бебарг карданду ситам,

142 Баргҳоро зери ман гирд оваред!
Аҳли шаҳри Маъмадам – ҳомист он,
Шаҳрам онро сарпарасти хеш дид.

145 Пас фалокатҳою андӯҳи гарон,
Боқии он гар набуд дар Орно,
Дар пули он мардуми шаҳри калон,

148 Дар сари вайронаҳои Отило,
Ки варо аз нав барафрозида буд,
Меҳнате мекард бесуду бақо.

151 Хонаи худро бикардам дори худ.

## СУРУДИ ЧА{ОРДА{УМ

Кард меҳри зодгаҳ бар дил асар,
Гирд кардам баргҳои зери по,
Дар таҳи хомӯш гашта он шаҷар.

Омадем он ҷо, ки месозад ҷудо
Давраи дуввум зи севвум, рӯ ба рӯ
Ногаҳон гаштем бо адлу сазо.

То шавад манзур дар чашмони ту,
Гӯямат, он ҷо замини хушк буд,
На гиёҳу рустанӣ буд гирду сӯ.
10 Ҷангале аз дард, тоҷе менамуд,
Чоҳҳои жарф ҷангалро ба сар,
Истодему ба дил ғам мефузуд.

13 Буд ин шанзор хушку бесамар,
Чун ҳамон ки дарнавардида Катон,
На тафовут буд, ки ояд дар назар.

16 Интиқоми кирдгору осмон!
Менамоӣ ончунон даҳшатфизо –
Бар касе, ки хонад ӯ ин достон.

19 Галлаи бисёр дидам рӯҳро,
Тӯдаҳо буданд урён, гирярӯ,
Ҳар якеро хоса буд навъи ҷазо.

22 Барх болорӯву бархе буд парӯ,
Барх ҳам биншаставу зону зада,
Барх беором буду роҳпӯ.

25 Бештар буд ҷамъи дар чарх омада,
Хуфтагон, биншастагони дар азоб
Гарчи камтар, ранҷашон вазнин буда.

28 Рӯи шанзор ахгарони шӯълатоб,
Ҳамчу барфи ғафс рӯзи бешамол
Нарм меборид, сусту бешитоб,

31 Ҳамчунон дар Ҳинд, дар гармои сол
Дид Искандар, ки бар лашкар варо
Гашт борон шӯълаҳо оташмисол.

34 Лоҷарам фармуд лашкарро, ки то
Карда ахгарҳо лагадкӯби замин.
Шӯълаҳо хомӯш созад ҳар куҷо.
37 Оташи ҷовид борон буд чунин,
Чун фатила шан, ки оташ мегирифт,
Осиёнро беш мешуд дарду қин.

40 Ман зи рақси шуми дастон дар шигифт,
Ки ҳамекарданд тоза боазоб
Рӯи танро з-ахгарони гарму тафт.

43 Гуфтамаш: «Устод гаштӣ фатҳёб,
Ҳар садеро, ҷуз сади он аҳриман,
Баст, к-ӯ дарвозаро бар мо шитоб.

46 Гӯ маро: Ин кист, рӯҳи кӯҳтан,
Хуфта ин сон саркашу беэътино,
Зери оташ беҳарос аз сӯхтан».

49 Ёфт, ки ҳоли варо аз раҳнамо
Шарҳ хоҳам, худ ба сӯям бонг зад:
«Зиндаву мурда чунинам доимо!

52 Зевси хашмӣ, ки з-оҳанкори худ
Барқ бигрифту задам рӯзи ахир,
Гӯй боз аз кор фарсояд, кашад

55 Халқро бар кӯра то барнову пир
Сар ба сар дар Сунҷибул, гӯяд ки: «Зуд,
Деҳ мадад Вулкайну дасти ман бигир!»

58 Ҳамчунонки дар Фалигро менамуд
Тирборонам, валекин то абад
З-ин қасос ӯ кай тавонад шод буд».

61 Бо ҳарорат дод посух раҳбалад,
Ки назирашро надидам ҳеҷ ҷо;
«Эй Капоно, ту зи мағрурии бад
64 Кайфари сахте кашӣ рӯзи ҷазо:
Ҳеҷ азобе балки беш аз хашми ту,
Бахри ту набвад бад-ин сон ҷонгазо».

67 Гашт орому ба ман овард рӯ:
«Ӯ яке аз ҳафт шаҳ, ки Фиваро
Кард иҳота, ҳам нишон медод ӯ,

70 Ки кунад ин гуна таҳқири Худо;
В-он чунонки гуфтамаш хашми зиёд
Зевари шоистае бошад варо.

73 Аз паи ман ой, аммо дор ёд;
То намонӣ по ба сӯзон регзор,
Ҷониби ҷангал бубояд по ниҳод».

76 Омада хомӯш то он ҷӯйбор,
К-аз дили ҷангал баромад ҳамчу хун,
Дил зи рангаш шуд ба тарсу беқарор.

79 Шуд равон аз Буликома сарнагун,
Гашта он тақсим, аз мобайни шан,
Бар табори рӯспии гунагун.

81 Бистару ду ҷадри ҷӯӣ айни шан,
Ду лаби беруни он – сангин буда;
Ёфтам, роҳи гузар буд он ба ман.

84 З-он даме мо вориди ин дар шуда,
Аз даре, ки во бувад бар ҳар нафар,
З-он ҳама чизи ба чашмаш омада,

87 Нест ҷолибтар зи ҷӯ чизи дигар,
Ки шарору ахгаронро мекунад
Дар дилаш сарду хамӯш он сар ба сар».
90 Ин суханҳо гуфт бар ман раҳбалад:
Хостам, чун ташнаам кард ӯ ба роз,
Сир кушояд, ташнагиям бишканад.

93 «Байни дарё, - гуфт мулке ҳаст боз, -
Ном Крета дораду дар рӯзгор
Буд ҷаҳон аз ҳукми шоҳаш бениёз.

96 Бошад он ҷо ном Идо кӯҳсор;
Дошт он ҷо на дарахт, одам вуҷуд.
Пеш буда пурдарахту обшор.

99 Реа маҳди амни тифли худ намуд,
То кунад пинҳон писарро хубтар,
Гиряд ӯ, шӯру садо фармуда буд.

102 Дар кух истода қавитан пирасар,
Пушт сӯи Домиёту рӯ ба Рим,
Чун ба оина ба он дорад назар,

105 Сар зарину синаву бозуш сим,
Боқии ӯ, то ба он ҷо, ки шавад
То душоха, бошад аз мис, ними ним

108 Поини ӯ з-оҳани беғаш бувад,
Зери пои рост гил буду залил,
Такя бар ин пой дода меравад.

111 Ҷуз сараш, сӯрох узви он ҷазил,
Қатраҳои ашк мешорад аз он,
Шуд мағора зоҳир аз ашки сабил.

114 Окрунта, Филжитунта шуд равон,
Боз Истекис зи зери сангҳо
Бо чунин маҷрои борику ниҳон.
117 Гашта пайдо дар нишебӣ Косито,
Он чӣ мурдоб аст мебинӣ ту худ,
Ҳарфи дигар з-он набошад муқтазо».

120 Гуфтамаш: «Ин ҷо, ки ҷӯ ҷорӣ бувад,
Гирад ар сарчашма дар дунёи мо,
Пас чаро танҳо кунун пайдо шавад?»

123 «Давра бошад ин макон, – гуфт ӯ маро, –
Ҷониби чап дар нузулат ин замон
Гарчи паймудӣ раҳе бисёрҳо,

126 Дарнавардидӣ ту сартосар чунон
Ин муҳити ҳалқаро, з-ин рӯ агар
Чиз нав бинӣ, машав ҳайрон аз он.

129 Гуфтам: «Устод ин Лита бошад, магар,
Филжитунта ку? Нагуфтӣ з-он чаро,
З-ашк пайдо мешавад, гуфтӣ, дигар».

132 «Бишнавам бо гӯши дил, – гуфто маро, –
Пурсишатро, лек ҷӯшон сурх-об
Ҳал кунад як мушкилатро з-он дуто.

135 Летаро бинӣ бурун з-он илтиҳоб,
Он куҷо арвоҳ карда ғусл худ,
Тоза мегарданд аз ҷурму азоб».

138 Гуфт: «Аз ҷангал бурун бояд бишуд,
То бимонӣ хуб поят хуш дор,
Дар бари мо тасмароҳе ҳасту буд,

141 Ки дар он хомӯш гардад шӯълазор.

## СУРУДИ ПОНЗДА{УМ

Мо равон аз ҷадри сахти ҷӯйбор,
Бар сари ҷӯ соя андозад бухор,
Дорад аз оташ масуну барканор.

Ҳамчунон аҳли фаломандадиёр
Дар Висонтову Баружо сад занад,
То амон бошад зи мавҷи рӯдбор,

Халқи Подуво ба тӯли рӯди худ –
Дар Баринто пеш аз тафси ҳаво
Ҳамчунон созад ба ҳифзи шаҳр сад.

10 Низ дар ин рӯд устоди бино
Ҳар ки бошад, на ба фарқи бештар,
На баланду паҳн садд кард ибтино.

13 Мо зи ҷангал дур гаштем он қадар,
Ки ба пушти сар назар созем ҳам,
Ҳеҷ натвонем бинемаш дигар.

16 Сӯи мо арвоҳ мемондӣ қадам,
Ҳам чунон кардӣ назар бар сӯи мо,
Ки шаби навмоҳ мардум дам ба дам

19 Сӯи ҳам бинанд шоми безиё;
Мижжа мезад ҳар кӣ чун хайёти пир,
Ки ба сӯзан бигзаронад риштаро.

22 Як тан аз он маҷмаи рӯҳи касир
Чун маро бишнохт, домонам гирифт,
Бонг зад: «Оваҳ, чӣ эъҷози кабир!»
25 Сӯхта рӯяш накардам дар шигифт,
Чун ба сӯям гашт дастоне дароз,
Бо фаросат ёфтам он рӯйзифт.

28 Лоҷарам ман даст поин бурда боз
Посухаш додам, ки: «Оё ин шумо
Сер Бурунетто, кунед ифшои роз».

31 «Эй писар, – гуфтам, – бадат н-ояд зи мо,
Ин Брунетто Латино ҳамқатор
Бо ту ояд, камтар аз ёрон ҷудо?»

34 Гуфтамаш: «Хоҳам ба майлу ихтиёр;
Гар ризо бошад ба инам роҳбар,
Менишинам ман шуморо дар канор».

37 «Эй писарҷон, – гуфт, – аз мо ҳар нафар
Як дам истад, чун ҷазо сад сол боз
Мебувад дар зери борони шарар.

40 Ту бирав, ман карда дасти худ дароз
Ҷомаат дорам, равам, вопас шавам
Назди ёрони ба ранҷи ҷонгудоз».

43 Дил накардам аз канори ӯ равам:
Доштам ҳоли фурӯтанро, ки ӯ
Бо сари хам монад аз паҳлу қадам.

46 Кард оғоз ӯ: «Чӣ толее, бигӯ,
Пеш аз рӯзат бад-ин ҷо оварид,
Кист марди раҳбару раҳёри ту?»

49 Посухаш додам, ки: «Дар даҳри умед,
Пеш аз он ки умри ман ёбад тамом,
Роҳ гум кардам ба водии баид.
52 Пушт бар водӣ будам дӯш ихтилол,
Боз мегаштам; шудам бо ӯ дучор,
Орадам бар хона з-ин роҳи муҳол.

55 «Пешгӯиям, – бигуфт, ояд ба кор,
Чун равӣ дунболи наҷми хештан,
Соҳил ою шавӣ ту растагор;

58 Гар намерафтам зи дунё зуд ман,
Дида бархурдорат аз лутфи само,
Дил қавӣ мекардамат дар анҷуман.

61 Лек ношукрони зишту носазо,
К-омаданд аз Фезула сарзер – зер,
То кунун пайваста дар ин саҳраҳо,

64 Мешаванд аз некии ту кинагир,
Баски бар анҷири шаҳдогин макон
Нест дар байни ғабирою забир.

67 Гашта онон кӯрдил, шуҳратнишон;
Мардуми мағруру мумсик! Ҳосиданд:
Дор ҳуш, парҳез кун аз ин касон.

70 Байни ҳарду дастаи толеъбаланд,
Душманишон бар ту монад нописанд,
Баски натвонанд орандат газанд.

73 Мон, дадони Фезула худро даранд,
Дасткӯтаҳ, байни ин саргину коҳ,
Аз касоне ки ба ин ҷо по ниҳанд,

76 Гар ба хун доранд аз румӣ гувоҳ,
Монда дар ин ошёна, ки бишуд
Баъд маъвои фасоду пургуноҳ».
79 «Гар дуоҳоям иҷобат гашта буд, –

Гуфтамаш, – аз ҳалқаи сарзиндагон
То кунун берун намерафтед худ.

82 Ёд дорам чеҳраи маҳбубатон,
Баски медодед панде чун падар,
Ёфта вақти мусоид ҳар замон.

85 Кас чӣ сон ҷовид шавад з-аҳли башар,
Бишнавед акнун зи ман то зиндаам,
Аз шумо ман қарздорам бешумар.

88 Он чӣ гуфтед аз ману ояндаам,
Бо каломи хонуме дорам ба ёд,
К-ӯ зи ҳақ огаҳ бувад, ман бандаам.

91 Моилам донед, к-аз виҷдон мабод,
Ман маломат бишнавам, то он заман
Хоҳамаш тақдирро гардан ниҳод.

94 Нест нав ин пешгӯиҳо ба ман;
Бели деҳқон чархаду маҳзи вуҷуд
Чархи худ Иқбол дорад чархзан».

97 Устодам ин суханҳо чун шунуд,
Сӯи китфи росташ диду бигуфт:
«Дошт ёд он беҳ, ки хуб бишнида буд».

100 Раҳравон ман ҳамчунон гуфтушунуфт
Доштам бо Сер Брунетто, ки ӯ
Бо кадомин шӯҳраварҳояст ҷуфт.

103 Гуфт: «Мебоист бишносиш ту,
Беҳ бувад ногуфтан аз он дигарон,
Бар тамоси кулли дигар вақт, ку?
106 Ҳам кашишастанд, ҳам номоварон,
Ҷумлаононро яке бошад гуноҳ,
Ки биолуданд бар он дар ҷаҳон.

109 Парсиёно мекашад ин ҷо ҷазо,
Ҳам Франческо де Курсо, ёд дор,
Гар бихоҳӣ боз созам ошно

112 Бо яке хидматгари хидматгузор,
К-ӯ зи Арно бар  Бакилон бурд тан,
То диҳад он ҳарза бар хоки мазор.

115 Ман фузун мехостам гӯям сухан,
Ҳамраҳият беш натвонам, чӣ сон,
Дида дуди тоза дар саҳрои шан,

118 Ман наомезам ба ин ояндагон,

Гир ин «Ганҷина»-и умрам, писар,
Дигар аз ту матлабам набвад, бидон».

121 Бар пас ӯ гашту давид осемасар,
Чун баранда, к-он ба Верона давад
Сахт сӯи парчами сабзи зафар,

124 На чу он ки бозаду сархам равад.

## СУРУДИ ШОНЗДА{УМ

Омадам ҷое ки бо ғуввос об
Муттасил мерехт дар даври дигар,
Дошт чун кандуи занбӯр изтироб;

Ногаҳон се рӯҳ омад дар назар,
К-аз гурӯҳи дӯзахиён шуд ҷудо.
Зери борони шиканҷа даргузар,
7 Додгӯён, шуд равон бар сӯи мо:
«Ҷомаат гӯяд, ки ту бешакку занн,
Зодаи шаҳри фасод, исто ба ҷо».

10 Ваҳ, ки ононро чунон захмист тан
З-оташи сӯзон, ки ёдаш дар замон
Мекунад дарди дилам тоқатшикан.

13 Муршидам бишнид чун фарёдашон,
Гуфтам, ӯ оварда рӯ: «Манмо шитоб,
Бар назокатҳо сазоворанд шон;

16 Гар набуд ин нори сӯзони азоб,
Сӯяшон биштофтан кори ту буд,
То аз онон беш гардӣ бахраёб».

19 Истодем, он се андар нола шуд,
Бар канори мо расида бо ҳазан –
Чарх мегаштанд гирдогирди худ.

22 Чун яли урёнтану равғанбадан
Гирди худ чархад, ки гирад бо ҳариф,
Сохтандӣ ҳалқа гирди хештан

25 Ҷониби ман будашон рӯи касиф,
Баски гарданҳояшон сӯи дигар
Буду поҳо, дар назар омадат зариф

28 «Сахтии шанзор, – рӯҳе кард сар, –
Гарчи рӯи сӯхта ҷисми сиёҳ
Мекунад беқадрамон назди башар,

31 Магзар аз мо, кун ба сӯи мо нигоҳ:
«Кистӣ, – баргӯ, – чунин осудаҷон
Меравӣ аз дӯзахи ҷонсӯз роҳ?»
34 Ин, ки бошам, ман зи дунболаш равон, -
Гарчи урён, пӯсткандаст ӯ кунун,
Буд як воломақоми он ҷаҳон.

37 Ӯ навоси Гвалдароди покхун –
Ном-ш Гиду Гиваройи шӯҳравар,
Бохирад, шамшерзан, ҳоло забун.

40 Дигаре, к-аз рӯи шан дорад гузар,
Тигяу Алдобарандӣ, ҳарфи он
Дар ҷаҳон масмӯъ буду мӯътабар.

43 Рустикуччиям, ба дарди беамон
Ман гирифторам зи бадхулқии зан,
Дод беш аз дигарон ранҷи гарон».

46 Гар амон будӣ маро аз шӯъла тан,
Назди онон мефикандам худ ба зер,
Меписандид устод ин кори ман;

49 Лек тарсам дод ранҷи ногузир;
Бифканам дар назди онон хешро,
То кунам бо меҳрашон бар сина зер.

52 Пас чунин гуфтам: «Ба дидори шумо
Нестам беэътино, аз ранҷу ғам
Лек натвонам кунам дилро раҳо.

55 З-он замон ин дард дар худ ёфтам,
Ки бигуфто муршидам, бишнос ту,
Чун касон монанд сӯи мо қадам.

58 Ҳамватанҳои ба иззу обрӯ,
Ман зи тифлӣ ному дастонҳоятон
Кардаам ҳамвора ёду бозгӯ.
61 Даргурез аз заҳру себи шаҳдсон
Ҷӯям акнун қавл додаст устод,
Қабл то марказ шавам поин равон».

64 «Кош, рӯҳат бар танат, – посух бидод, –
Дер гаҳ монад ҳамин сон раҳнамун,
Номи воло баъди ту барҷой бод;

67 Гӯй, к-андар шаҳри моён то кунун
Шеваи арзандагӣ оё ба ҷост,
Ё абад баркандаанд аз беху бун?

70 Гуляму Барсера к-афғонаш бихост,

Гуфтамон ин сон кашад бо мо азоб,
К-ин парешонкунхабар ҳақ то куҷост».

73 Эй  Флуронс, аз ғурури беҳисоб
Ҳам зи ифрот омадӣ андар фиғон,
Тозадавронҳот карданд иҷтизоб».

76 Гуфтам инро ман баланду саркашон,
Ҳар се кардандӣ назар бар якдигар,
Баски гуфтам ростои бегумон.

79 Чун ту дар розигарӣ дорӣ ҳунар,
Некбахтӣ, – посухам доданд тез, –
Фикру ҳарфат тавъаманду босамар!

82 Ҷилваи историагони шӯъларез
Чун бубинӣ, пушти ин зулматсаро,
«Будам он ҷо» гӯй бо шодиву низ,

85 Мардумонро ёди нек овар зи мо!
Чарх бас карданду кардандӣ фирор –
Гӯ ба ҷои пой руста болҳо.
88 Аз назар гаштанд ғоиб барқвор,
Ҳини он «омин» натонӣ гуфт ту,
Бар худ омад раҳбару шуд рафтагор.

91 Андаке рафтам ман аз дунболи ӯ,
То садои об омад аз қариб,
Пахш мекард он садои гуфтугӯ.

94 Бистараш сӯи чап он рӯди муҳиб
Чун зи Визо кӯҳ  густарда бувад,
Бар Апенену равад рӯ бар нишеб,

97 Пештар аз кӯҳ поинрӯ равад,
Назди Фурли карда номашро дигар,
Оквокито хурӯшон, медавад

100 З-Они боло бар Бинедитто ба сар,
Дар даруни партгоҳаш, ки ҳазор
Метавонад ҷой гирад раҳнигар, –

103 Ҷӯш мезад тираоби рӯдбор
Очунон, ки аз хурӯшаш дар замон
Мешудӣ кар ҷумла бегуфтугузор.

106 Ман танобе баста будам дар миён,
Бо умеде, ки палангеро асир
Мекунам дар чангали даҳшатнишон.

109 Боз кардам ин таноби шергир,

Чун калоба кардаму додам даме
Устоди хешро фармонпазир,

112 Чарх сӯи росташ гашт ӯ каме,
Он таноб афканда шуд дур аз канор
Дар даруни чоҳи тору мубҳаме.
115 Дар дилам гуфтам, ки: «Ин як тоза кор
Кард раҳбар, ҳикмате дорад ниҳон,
Нангарад таҳ бе сабаб бо чашми чор?»

118 Эҳтиёте шарт бо ин сон касон,
Ки бубинандӣ на танҳо кори мо,
Нек мебинанд ҳатто фикрамон!

121 «Зуд бошад, – гуфт, – гардад вонамо
Он чӣ ту андешию ман интизор,
Ӯ ба чашми ту намояд хешро.

124 Лаб убанд аз он ҳақе дар рӯзгор,
Ки бувад моно ба ҳаққи кизбранг,
К-он кунад бадном ғайри ихтиёр.

127 Чун кунам, хонанда, хомӯшу даранг,
Мехурам бо шеъри ин «Музҳик» қасам, –
Кош монад дер дар ёду қашанг, –

130 К-аз ғализии ҳавои тирадам
Ҳайкале дидам, ки бимафкан ба дил
Бар фаро мешуд шиновар дам ба дам,

133 Буд чу он, ки лангар аз сангу зи гил
Мекунад озод дар дарёву худ
Бахри боло омаданҳо муттасил

136 Даст бар боло кушояд, по занад.

## СУРУДИ {АБДА{УМ

Ин бувад ифрити ваҳшӣ, тездум,
Куҳ навардад, бишканад ҷавшан, ҳисор,
Дахр олояд, нагардад хеш гум!»
Раҳнамо сар кард ин гуфтугузор:
Назди сахра хонд ӯ ифритро,
Сӯи он будем моён раҳсипор.

7 Пеш омад мазҳари ғадру риё,
Синаву сарро баланд овард ӯ,
Дум ба зери хештан нокарда ҷо.

10 Зоҳираш ороста, дар чашму рӯ

Буд шабеҳи одамӣ, боқии он
Буд тани мори сияҳ бегуфтугӯ.

13 Дошт он ду пои пурпашми калон,
Синаву пушту бараш пурнақш буд;
Пургиреҳу лаққавору даврасон.

16 Турк ё тотор дар гоҳи вуҷуд
Ё Арагна парчаҳои пурнигор,
Кай ҳамин сон бофт бо ин тору пуд.

19 Заврақи кӯчак, чунонки дар канор
Ним монад дар замин, ниме дар об;
Ҳамчу ҳоли олмонӣ ногувор,

22 Сайд бедастар бипояд бешитоб,
Ҳамчунон ҳайвони нафратзо ба санг
Дар канори регзорон буд хоб.

25 Дар фазо дум тоб хӯрда ранг-ранг,
Чангали захробдори нӯги он
Чун думи ақраб задӣ бар тор чанг.

28 «Тоб бояд хӯрд, – гуфто роҳдон, –
То расем ифритро андар канор,
К-интизори мост ин бад аз бадон».
31 Рострӯ рафтем поин ҳамҷавор
Тӯли жарфи партгаҳ мо даҳ қадам,
То амон бошем з-оташ, регзор.

34 Омадам наздику дидам пушти ҳам
Халқи маҷҳуре нишаста дар ано,
Назди ҷар, дар чанги сӯзон бо алам.

37 Гуфт раҳбар: «Тарк созӣ бораро
Боядат аз ҳоли он огоҳ буд,
Ҳоли арвоҳи гирифтори ҷазо.

40 Мухтасар кун ту вале гуфтушунуд,
Гуфтугӯ созам ба ифрити шарир,
То ба рӯи шонааш орад фуруд».

43 Якка рафтам то ниҳои он ба зер,
Ҳалқаи ҳафтум бидидам ман аён,
Дар замин биншаста бадбахтон ҳақир.

46 Ранҷашон мешуд бурун аз дидагон;
То раҳанд аз реги тафту аз шарор
Рӯй мекарданд бо дастон ниҳон.

49 Ҳамчу сагҳое, ки дар айёми ҳор

Аз ҳуҷуми хармагас, кайкон кунанд
Хеш бо чанголу кӯза хор-хор.

52 Ман бидидам бо таваҷҷуҳ рӯи чанд,
К-оташе мерехт бар сарҳояшон,
Ҳеҷ кас нашнохтам дар он газанд.

55 Кисаи рангину нақшин, бонишон
Дошт овезон ба гардан ҳар нафар,
Чашмашон буд доимо бар сӯи он;
58 Чун шудам аз назди эшон даргузар,
Кисаи сарде ба нақши лоҷвард
Дидам, акси шер дар он ҷилвагар.

61 Кисае дар дуртар бар чашм хӯрд,
Дошт шакли ғозу чун хун сурх буд,
Дар сафедӣ ғоз ранг аз шир бурд.

64 Дошт нақши модахуки каб-кабуд
Кисаи хурди сафеди в-он дигар,
«Омадӣ ин ҷо чаро? – пурсиш намуд, -

67 Зиндаӣ ту, рав аз ин ҷо зудтар,
Ки расад ҳамшаҳриям Витолино,
Ӯ маро аз тарфи чап шинад ба бар.

70 Бо фулуронсӣ манам аз Подуво;
К-ин гурӯҳ озор бидҳад гӯши ман,
«Киса бо нақши се буз орад ба мо

73 Кош раҳбар», – гуфту тобида даҳан
Кард аз ком он забонашро бурун,
Чун гаве лесад димоғи хештан.

76 То мабодо хашм гирад раҳнамун,
К-истодам беш, гаштам ман равон
Тарк карда хаста дилҳои забун.

79 Пушти ҷин дидам нишаста роҳдон,
Гуфт бар ман: «Дор дил акнун қавӣ;
Баски моро бояд ин сон нардбон

82 Бошад аз ин баъд бар поинравӣ;
Пеш биншин, ман нишинам дар миён,
То ки бехавф аз думи ҳайвон шавӣ».
85 Чун касе, к-аз нудбаю таб дар замон
Нӯги нохунҳош мегардад кабуд,
Ларзад ӯ аз соярҳои нимҷон,

88 З-ин суханҳо ҷони ман дар ларза буд;
Ҳамчу ходим назди оқои азиз

Аз ҳаё ман дур кардам бим зуд.

91 Рӯи китфи ҷин нишастам банда низ,
Хостам гӯям, ки: «Дар оғӯш гир», –
Лек н-омад бар забонам ҳеҷ чиз.

94 Ӯ, ки будам дар хатарҳо дастгир,
Чун шудам бар шонаи ҷин ман савор,
Кард бо дастони худ бар хеш зер.

97 Гуфт: «Жарюн, бош акнун раҳсипор!
Давргардон, ту, мулоим о фуруд;
Ки ба пушти туст номаънус бор».

100 Дев чун омодаи тахрик буд,
Рафт завраксон зи бандар қаҳқаро,
Чун даме эҳсоси озодӣ намуд,

103 Дум кашид он зери сина, пас варо
Мормоҳисон бичунбонду кушод,
Сӯи худ ронд ӯ ҳаво бо панҷаҳо.

106 Кай Фитонро буд ҳаросе з-ин зиёд,
Он гаҳе гардунаро сар дод инон,
К-аз пасаш бар осмон оташ фитод.

109 Ё Икарро, чун гаҳе дарёфт он,
Муми болаш мешавад аз тан ҷудо,
Гӯядаш бобо: «Хато роҳат бидон!»
112 Дев мерафт аз раҳи худ бо шино,
Рафтани ҷин ҳис намекардам яқин,
Чун зи рӯи чаҳ вазидан бодро.

115 Худ бидидам дар фазои саҳмгин,
Ҷуз ба ҷин чизе наояд дар назар,
Дар дили ман гашт биме ҷогузин.

118 Ман ғиреви обшори навҳагар
Зери пои худ шунидам, сар фуруд
Кардаму дидам ба поин сӯи ҷар.

121 Ҷони ман дар тарсу ларз афтода буд,
Нола дар гӯш, оташ омад сӯи мо,
Дар ҳаросу тарс печидам вуҷуд.

124 Дидам атрофу шунидам ҳар куҷо
Нолаю ғавғо ба ҳангоми нузул,
Зер мерафтем мо бо даврҳо.

127 Ҳамчу шоҳине, ки аз парвози мӯл,
На бубинад ҷуфту на мурғе дигар,

Гӯяд: «О, афсӯс!» шоҳинбон малул

130 Аз куҷо пар зад, ҳамон сӯ болу пар
Мезанад, сад давр мечархад ба кин,
Шинад он аз соҳиби худ дуртар,

133 Поини гудол Жарюн бар замин
Назди харсанги амудие хамид,
Бар замин бинҳод морову яқин

136 Шуд чу тири ҷаста аз зеҳ нопадид.

## СУРУДИ {АЖДА{УМ

Дар ҷаҳаннам Мола Булҷа ҳаст ҷо,
Сангфарши оҳанинранг аст он,
Ҳалқа гӯйӣ гашта гирдаш сахраҳо.

Чоҳ даври шум дорад дар миён,
К-он басо паҳну чуқуру бетаҳ аст,
Боз гӯям шарҳи онро бегумон.

7 То куҷо бар ҷой девору чаҳ аст,
Даврасон ояд ҳаме андар назар,
В-он дара тақсим гашта бар даҳ аст.

10 Дарраҳо чун  ҳандақу чанди дигар
Чун ҳисор аз душманони ҷангианд,
Ки амон дорандашон аз ҳар хатар.

13 Ҳамчунонки қалъаро пул-тахтабанд
Бошад аз дарвозаҳо то бар канор,
Гирду пеши диж саросар ҳандақанд;

16 К-аз фарози чоҳу садди бешумор
Сахраи бисёр ёбад имтидод
То чаҳи марказ – ҳама болои ғор.

19 Дар макони шум моро вониҳод,
Бар замин Жарюн гаҳе омад фуруд,
Раҳнамоям ҷониби чап по ниҳод.

22 Ман ба самти рост дидам, менамуд
Тоза манзаргоҳи андӯҳу азоб,
Вартаи аввал аз он лабрез буд.
25 Осии урён буд ин ҷо беҳисоб,
Ними аввал омада бар сӯи мо,
Ними дигар аз муқобил дар шитоб,

28 Румиён он гуна баҳри рафтуо –
Баҳри мардум соли ҷашни мӯътабар

Кардаанд аз ду тараф ду пул бино,

31 То зи як сӯ сӯи маъбад даргузар –
Марқади «Сан-Пир» дида бармало,
Рӯ ба кӯҳ оянд аз сӯи дигар.

34 Ҳарду ҷониб шохдор ифритҳо
Рӯи харсанганд қамчинҳо ба даст,
Осиёнро мезанандӣ беибо.

37 Бо нахустин зарбати тунду башаст
Бар ҳаво мешуд ду пои бадниҳод,
Дӯзахие з-ин ҷазо ҳаргиз нараст.

40 Чашми ман чун бар яки эшон фитод,
Раҳравон гуфтам ба сӯи раҳбарам:
«Дидам аз ин пеш ӯро, устод».

43 Истодам, то ки дар ӯ бингарам,
Раҳнамои мушфиқ истода зи роҳ,
Дод иҷозат раҳ каме вопас барам.

46 Зер қамчинхӯрда мекардӣ нигоҳ,
То ки рӯ пинҳон кунад, гуфтам:
«Чӣ суд, – З-он ки бинӣ бар замин, эй пургуноҳ»,

49 Гар туро пои фиребанда набуд,
Виндику Кочонимикуӣ, бигӯ,
Аз чӣ дар чоҳи ано рафтӣ фуруд».
52 «Он чӣ мехоҳӣ, бигӯям, – гуфт ӯ, –
Ёдам орад ҳарфи ту даҳри куҳан,
З-ин сабаб водорадам бар гуфтугӯ.

55 Дод Гизулобало бо амри ман
Тан ба маркиз, гарчи з-ин коре чунин
Ҳар касе ҳар навъ мегӯяд сухан.

58 Як булунӣ нестам ин ҷо ҳазин,
Байни Совено, Рину, шав бохабар,
Аз чунин арвоҳи ин ҷо ҷогузин,

61 Гуфта «ҳо» дар ҷои «оре» бештар;
Гар гувоҳие туро дархур бувад:
Ёд ор аз озмандони дигар».

64 Ҷин дар ин ҳангом қамчинаш бизад,
Гуфт: «Рав, фосиқ! Дар ин ҷо нест зан,
Ки туро даллолагӣ лозим шавад».

67 Боз гаштам дар бари устод ман,
Омадем он ҷо ки монда буд ҷудо

Сангпул аз сахра, осон, бе сухан

70 Бар сари пул гашта боло дуи мо,
Тӯли домонаш бирафта сӯи рост,
Тарк кардем он замон ин ҳалқаҳо.

73 Зери пул, он ҷо, ки холигаҳ – фазост,
Он ҳама қамчинхӯрон андар убур,
Гуфт раҳбар: «Ҳуш дор, ин ҷо туроcт

76 Манзари бадзодагон, наҳсу шурур,
Ки ба мо буданд бар як сӯ равон,
З-ин сабаб буд рӯяшон аз чашм дур».
79 Бо пули кӯҳна шитобу сафзанон
Сӯи мо меомадӣ ҷамъи дигар,
Сахт қамчин хӯрдаву зарби гарон.

82 Гуфт бепурсиш накӯдил роҳбар:
«Бин, ки ояд сӯи мо ин рӯҳ зуд,
Хӯрда зарбатҳо набошад гирявар.

85 Ҷилваю рафтори ӯ шоҳона буд:
Ӯ Ҷусан бошад, ки бо тадбиру рой
Қӯчи зарринпашми кулшидин рабуд.

88 Чун ба хоки Лимну бинҳод пой,
Ки занонаш кушта ҷумла ҷинси мард;
Бо ҳамон занҳои пурдил, сахтрой

91 Чарбгӯӣ, зоҳиророй бикард,
То дили Ирфила духте, ки фиреб
Дода буд он ҷумла занҳоро, бибурд.

94 Бордору зор мондаш дар ниҳеб;
Мекашад аз он гуноҳаш ранҷҳо,
Интиқоми Мидиа ҳам беҳисеб.

97 Ҳиллагарҳо карда бо ӯ рафтуо,
Бо касон ки мекашанд ин ҷо азоб,
Бас бувад ин қадр бошӣ ошно.

100 Омада то кӯрараҳ мо бешитоб,
Чун салиб бубрида буд девори ду,
Бар пули нав поя мешуд он ҳисоб,

103 Мерасид аз «Булҷиё» бар чор сӯ
Нудбаю оҳу нафасҳои хафиф,
Ҳар яке мезад ба каф худро ба рӯ.
106 Буд зи қишри кафк шебиҳо касиф,
Ки барояд аз бухори зери чоҳ,
Ранҷа кардӣ бинию чашми асиф.

109 Гоҳ жарфу тира буд андар нигоҳ,
То бубинӣ гирду пешат хубтар
Боядат бар қавсии пул бурд роҳ.

112 Дидем аз пул буд халке ғӯтавар
Сар ба сар дар фазлаву саргин, кунун
Омада гӯё за мабразҳо бадар.

115 Буд он ҷо осии хору забун,
Бо сари олудагӯҳ, кай буд аён,
Кист, омӣ ё кашиши сардхун.

118 Ӯ итоболуд гуфто: «Ончунон
Бо самоҷат аз чӣ созиям назар?»
Гуфтамаш: «Бас дидамат дар он ҷаҳон

121 Қабл бо мӯи наолуда ба сар;
Олису Интарминаллӣ – аз Луко
Бинамат ман бо таваҷҷуҳ бештар».

124 Даст мезад бар каду мегуфт: «О,
Аз ҳама он чоплусиҳою шарр
Шуд насибам дарки софил мунтаҳо».

127 Пас бигуфтам раҳнамо: «Бар дуртар
Бингару хам шав, ба ту хоҳад намуд
Рӯ ба рӯ чеҳри зани ошуфтасар.

130 Дасту нохунҳош чирколуд буд
Ки зада чанге ба нохун бадсигол,
Шишту хезе дошт дар чаҳ зуд-зуд.
133 Ин Таису, кард чун фосиқ суол:
«Ҳаққи ишқ овардамат оё ба ҷо?»
«Мекунӣ эъҷоз!» – гуфто некҳол.

136 Он чиро дидем бас бошад ба мо».

## СУРУДИ НУЗДА{УМ

Эй ту Симун – соҳиру в-эй пайравон,
Эй таъмакорони амволи Худо,
Ки ба некӣ ақд бояд бандад он,

Баҳри зар бурда ба бозори зино;
Баҳратон шайпур бинвозад кунун,
Ки ба севум Булҷиё доред ҷо.

7 Дар масири хештан бо раҳнамун
Рафтем аз гӯри пасин бар сангпул,

Буд к-он болои жарфо бесутун.

10 Ақли олӣ, қодирӣ бар ҷузву кул,
Дар замину осмон, дунёи шарр
Қудрати адли ту дорад ҳукми кул.

13 Дидам он гаҳ дар ҳисору зери ҷар
Дар ҳама девори сангини кабуд
Буд сӯрохе мудаввар бешумар:

16 Ҳуфраҳо ҳам на калон, на хурд буд,
Буд чу дар Сан – Ҷувани зебои ман,
Ки бари тамъид хидмат менамуд.

19 Дар шикастам ҳуфраеро дафъатан,
Чун бидидам ғарқ гардад як писар,
Чанд соле пеш, ҳақҡ аст ин сухан!
22 Пойҳои дӯзахиён буд бадар
Аз даҳони ҳуфраҳо то соқашон,
Буд ниҳон дар ҳуфра боқии дигар.

25 Шӯълавар месӯхт пои осиён,
Ҷумла по мезад, ки аз зарби лагад
Гар танобе буд, меканд аз такон.

28 Гар ба чизе равғани оташ расад,
Рӯи он сӯзад, дар ин ҷо ҳамчунон
Шӯъла аз каф то ба нӯги по давад.

31 «Устодо, – гуфтамаш, – гӯ кист он,
К-аз ҳама бадтар ба худ печида буд
Дар миёни шӯълаи сӯзандаҷон?»

34 Гуфт: «Агар майлат бувад хоҳам намуд
Раҳ аз ин девора сӯи жарфно,
Кист, ҷурмаш чист, аз ӯ хоҳӣ шунуд».

37 «Ҳар чӣ хоҳӣ, – гуфтамаш, – мақбули мо,
Хуб донӣ, сар натобам з-амри ту,
Воқифӣ андешаи ногуфтаро».

40 Бар ҳисори чорумин оварда рӯ,
Пушти сар чархидаву зерам бибурд,
То чаҳи пурҳуфрае шуд рӯ ба рӯ.

43 Аз канораш раҳнамо дурам накард.
Бурд то ҷои касе, к-ӯ гиряҳо
Дошт бо соқи ду по аз сӯзу дард.

46 «Рӯҳи осӣ, карда сар дар ҷои по,
Ҳамчу мех ин ҷо фурӯ рафтӣ ту беш,

Гар тавонӣ, посухе деҳ беибо».
49 Чун кашише назди он к-аз қатли хеш
Сар ниҳода бар замин амре шунуфт,
То даме дигар зияд хоҳад кашиш,

52 Истодам бонг зад ӯ: «Ҳай, шигифт!
Бунифоси, омадӣ барвақт, зуд,
Саҳв ё дар дафтари тақдир рафт.

55 Аз дирам кай сер чашмат гашта буд,
Бахрашон бонуи зеборо, ки ту
Даррабудӣ, ҳақ зи чанги ту рабуд.

58 Буд ҳолам ҳамчу шахси шармхӯ,
Ки нафаҳмида маонӣ аз ҷавоб,
Ҳам намедонад чӣ хоҳад гуфт ӯ.

61 Гуфт Верҷил: «Гӯй ӯро бошитоб:
Ман на он астам, ки пиндорӣ маро».
Посухи фармудааш дидам савоб.

64 Дӯзахӣ бишнида, печу тобҳо
Дод пояшрою гуфто дилҳазин;
Пас туро аз ман чӣ бошад муддао?

67 Гар паи донистани номам аз ин
Вартаю девора гаштӣ ту фуруд,
Дон ки: ман будам ридопӯши меҳин.

70 Хирсаму бар баччаҳои хирс буд
Фикру зикри ман, ки бурдам дасти оз
Кисаҳоро, гашт ҷоям киса зуд.

73 Дигарони карда пеш аз ман дароз
Даст бар савдои амволи Худо,
Зери ман дар ҳуфраҳо гашта фароз.
76 Чун биояд он касе ки ман туро
Саҳван ӯ пиндоштам, ҷовид ман
Ҳамнишин бо осиёни чоҳҳо.

79 Инчунин посӯхта, вожунатан
Ман дар ин ҷо бештар бурдам ба сар,
К-ӯ чу ман ин ҷо кашад ранҷу шикан.

82 Пас кашише ояд – эзидбехабар;
Номаи аъмолаш он сон пургуноҳ;
К-ӯ кунад моро сафеду поктар.

85 Ҷисуни нав, Муккабинномa гувоҳ,
Қисааш буд, шаҳ ба ӯ заъфе намуд,
Ин кунад андар Фаронса низ шоҳ.

88 Посухи ман тунду лоқайдона буд;
«Во, шигифто! Ё магар яздони мо
Чун калиди қудрати худ дод зуд

91 Бар кафи Петерс, оё иддао
Кард аз ӯ нақду ганҷи шойгон?
Ҷуз ҳамон ки гуфт: «Дунболам биё!»

94 З-ӯ на Петерсу Матӣ, на дигарон
Зар ситониданд гашта ҷонишин
Ҷои ӯро, чун бирафт ӯ аз ҷаҳон.

97 Бар қазо тан деҳ; азоби худ бубин;
Нақди номашрӯъ шав ту посбон,
Ки ба Шарл аз он ситезидӣ чунин.

100 Гар набуд монеи азми ман ҳамон
Эҳтироме аз калидони биҳишт,
К-аз ту буда дар замини зиндагон,
103 Сахт аз ин мегуфтамат, эй бадсиришт,
Нек водоред аз некӣ шумо,
Зиштро хонед бар иқдоми зишт.

106 Дида буд акси кашишон Юҳано,
Дид чун дар об буд биншаста ғар,
Карда номус арза бар ҳар подшо;

109 Бар зане, ки зода шуд бо ҳафт сар,
Шавҳараш то хост бошад порсо,
Дод даҳ шохаш варо зӯри дигар.

112 Сохтед аз зар барои худ Худо,
Чист фарқе дар шумову бутпараст,
Вай парастад як буту сад бут шумо?

115 Константин, корат аз бад бадтар аст,
Попи аввал чун ситонд аз ту ҷиҳоз,
Он табоҳӣ ораду динро шикаст!»

118 Ман чунин гуфтам, ки аз хашму ниёз,
Ё зи дарду ранҷи виҷдони худ ӯ
Дошт бо пояш талоши ҷонгудоз.

121 Шуд писанд устодро ин гуфтугӯ,
То ба охир гӯш кард ӯ ҳарфи ҳақ,
Буд қаноатманду шоду хандарӯ.

124 Ман ба бозувон-ш гаштам мултасақ,
Бо ду дасти худ дар оғӯшам фишурд,
Бурд болорӯ маро бо он насақ.

127 То ки болои муқавваспул набурд,
Ки раҳи девори чор орад ба панҷ,
Аз бағал ҳаргиз раҳоям ӯ накард.
130 Ёри худ ором монд ӯ бешиканҷ
Рӯи харсанге, ки бузҳо ҳам аз он
Кай гузар созанд бе ишколу ранҷ:

133 Пеши чашмам водии нав шуд аён.

## СУРУДИ БИСТУМ

Ман ба назм орам кунун ранҷи навин,
Дар суруди бистумини ин китоб
К-оид он бар мардуми дӯзахнишин.

Чоҳро дидам ба диққат, бешитоб,
Ки ҳувайдо буд дар пеши назар,
Мешуд он сероб аз ашки азоб.

7 Мардум аз водии давра гирявар
Сӯи мо ояд, чунонки дар замин
Меравад тасбеҳхон сусту пакар.

10 Дар назар омад чу он халқи ҳазин,
Ҷисми ҳар як аз занах то сина буд
Гирди худ тобидаву рӯ бар сурин,

13 Кардаву сархам назора менамуд,
Бозпас бояд, ки мерафт ӯ ба роҳ,
Чун наметонист дидан пеш зуд.

16 Ҳар фалаҷ дорад ҳам ин ҳоли табоҳ
Эҳтимол, аммо надидам ман чунин
Мардуму ту ҳам набинӣ ҳеҷ гоҳ.

19 Эй ту хонанда, самар баргир аз ин
Хондаат, андеша мекун баъд аз он,
Чун нарезам охир ашк андӯҳгин,
22 Дида ҳамрӯёни худмонро чунон
Гирди худ тобидаву ашки қатор
Аз тиҳигаҳ рехта бар соқашон.

25 Мегиристам ман ба санге такядор,
Раҳнамо гуфтам, ки: «Оё шахси ту
З-ин муҳаббатҳои сарбарпуштдор?

28 Роҳим ин чо, он ки мурда раҳми ӯ,
З-ӯ, ки ҳамдардӣ кунад бар пургунох,
Назди яздон аст бадтар зиштхӯ?

31 Сар бубардору ба ӯ мекун нигоҳ,
Ки замин дар пеши пояш гашт во,
Пеши чашми аҳли Тиб рафт ӯ ба чоҳ.

34 Дод гуфтам: «Амфиорус, эй куҷо,
Мефитӣ ту, ё бикардӣ ҷанг бас?
Шуд ба дасти Минус ӯ дар мунтаҳо.

37 Шона ҷои сина шуд, бинаш, сипас,
Хост баски беш бинад рӯи худ,
Меравад, мебинад акнун бозпас.

40 Тирзис, бин, мард буду зан бишуд,
Шакл дигар кард аъзои бадан,
Бенасиб аз болу пар гардида буд.

43 Боз баъдаш ногузир омад задан
Химча аз нав бар сари печон ду мор
То пари мардона бозорад ба тан.

46 Бошад Орунус аз ин ҷо раҳгузор,
Он ки дар кӯҳи Луонояш буд паноҳ,
Зери Короро сарое дошт – ғор
49 Карда дар байни мағоза ҷойгоҳ,
Чор сӯяш буд зи мармарҳо сафед,
Дошт шаб бар анҷуму дарё нигоҳ.

52 В-ин зани ошуфта бо зулфи мадид,
Синаро пӯшида медорад ниҳон,
Ки дигар мӯяш натонад кас бидид,

55 Монту бошад: гашта ақсои ҷаҳон,
Оқибат дар шаҳри ман кардӣ қарор,
З-ин сабаб ҳарфаш шунав ту як замон:

58 Чун падар гаштам зи дунё рафтагор,
Дар асорат шуд Бако, саргашта зан,
Гашт деровораи шаҳру диёр.

61 Дар Шимол Италиёи чун чаман
Дар куҳистони Тирулӣ, Олмон,
Соҳили рӯди Бинокуи ҳасан,

64 Ки варо серобу хуррам созад, он
Назди Гурдо, Комунико ҳаст боз,
Дар Пинан садҳо бувад чашма равон.

67 Дар миёнаш усқуфони бениёз
Аз Таранту Веруною Баршиё
Метавон бо ҳам гузорандӣ намоз.

70 Дар фурӯгаҳ Пискирои дилрабо,
Шаҳри мустаҳкам, ки биргамҳош низ
Баршионро ҷумла биншонад ба ҷо.

73 Гар нагунҷад ҳеҷ оби мавҷхез
Дар Биноку, мешавад ин сӯ равон,
То равад аз марғзори сабзахез.
76 Чун хурӯшон шуд, Биноку нест он,
Минсу бошад, то ба Гувирну расад,
Пас ба рӯди Пу бирезад ҳамчунон.

79 Дур норафта ба водӣ мехамад,
Мешавад паҳновару мурдоб – рӯд,
Гоҳи гармо медиҳад он бӯи  бад.

82 Духти ваҳшиҳӯ гузар чун менамуд,
Хушк ҷое дар бари мурдоб дид,
Хона буд дар боир, аммо кас набуд.

85 З-одамиён дур ин ҷоро гузид,
Зист бо хидматгарону кард кор,
Ҷисми беҷонаш ба хок ин ҷо расид.

88 Мардумони рафта бар гирду канор,
Гирд омад дар макони байни шан,
К-аз таҳоҷумҳо бувад амну қарор.

91 Шаҳр шуд бар рӯи сутхонҳои зан,
Мантуво бо номи зан карданд ном,
К-интихобаш карду кард онро ватан.

94 Бар хато чун Козулудӣ монд гом,
То ки ӯро Пинамунте фанд дод,
Халқ то он буд фузуну бомақом.

97 Лоҷарам мегӯямат, ҳарфи зиёд
Бишнавӣ аз мабдаи кишвар маро,
Кист бошад ҷуз ҳамин, дорӣ ба ёд».

100 «Ҳарфи ту хуҷҷат бувад, эй раҳнамо, –
Гуфтамаш, – сахт аст имонам ба он,
Дигараш бошад зуғоли безиё.
103 Гӯ маро, з-ин ҷамъи сӯи мо равон
Кас бувад шоистаи ҳусни назар,
Гирди ин гардад хаёлам ҳалқасон».

106 Гуфт: «Ришаш рехта он як нафар,
То сари китфон-ш гандумгуна буд,
Дар ҳама Юнон намонд аз мард асар,

109 Ғайри тифли маҳдҳо марде набуд,

Ғайбгӯ буд; ҳамзамон бо Колчос
Дар Улис лангар бубардоранд зуд.

112 Урипило буд номаш; шуд асос
Моҷарояш бар фаҷеъ дастони ман.
Ту саропо хондаӣ, бошӣ шинос.

115 В-он дигар, ки меравад лоғарбадан
Микла Аскотӣ бувад, як ҳиллагар
Гашта аз ҷодугарӣ дар марзаған.

118 Бунато, Аҷдинтаро як ҷо нигар,
Ки дареғи чарму нах гӯянду дод,
Дер ёди тавбашон омад ба сар.

121 В-ин занони дар бало бурда зи ёд
Дуку сӯзан, чарх дар шуғли фусун,
Карда бо нақшу алав ҷоду зиёд.

124 Рафт бояд: рафта Қобил ҳам кунун
Бар ду ними курра бо он пушта хор,
Сӯи дарё гашт Сивилё нагун,

127 Дӯш моҳи бадр будӣ нурбор,
Ҳаст ёдат, к-он ба ҷангалзори тор
Кард ёрият ба нураш чанд бор,

130 Ӯ чунин мегуфт бо ман рафтагор.

## СУРУДИ БИСТУ ЯКУМ

Аз пуле бар пул гузаштему сухан
Н-аз Кумедӣ, буд аз чизи дигар,
Чун ба ними пул расидем он заман

Дидем он ҷо тоза-тоза Роғи Шар,
Ашки бесуду ғаму дарду ситез,
Муъҷизосо луҷҷаи зулматасар.

7 Дар зародихонаи аҳли Виниз
Фасли дай қатрон биҷӯшад доимо,
То шавад ҳар киштӣ қирандуд тез.

10 Баски натвон рафт аз бандар фаро,
Халқи дарёӣ кунад киштӣ дуруст,
Сахттар бандат шикофу дарзҳо.

13 Як нафар бинӣ, ки киштисоз ӯст,
Бел созад, ё танобе тобад он,
Бодбон дӯзад дигар чолоку чуст.

16 Н-аз алав, аз қудрати оллоҳ, дон,
Дар таҳи гудол меҷӯшид қир,
Гашта буд часпак аз он деворагон.

19 Ман намедидам ба ҷуз моеъ ба зер,
Ҷуз ҳубобу ҷӯшишу таркиданаш,
Боз поин менишаст оромгир.

22 Чашми ман буду ба поин диданаш,
Ки ба сӯи худ кашидам раҳнамо,
Пас: «Муроқиб бош» – гуфт ӯву манаш
25 Ҳамчу марде, ки бубинад аз қазо
Он чиро бояд ки бигрезад аз он,
Лек тарсаш баста дорад ҳар ду по,

28 Мегурезад, боз мебинад пасон, –
Ногаҳон дидам, ки шайтони сиёҳ
Сӯи пул боло ҳамеомад давон.

31 Ҳайбати бисёр будаш дар лиқо,
Бол бикшода сабук меомад ӯ,
Туршрӯву сангдил буд он бало.

34 Бар гунаҳкоре, ки меовард рӯ,
Ӯ ба китфи нӯгтезаш менишаст,
Даст бар пайҳои пояш мезад ӯ.

37 Гуфт: «Бадчанголҳо», – бар пул бичаст, –
Ин бувад Санто Тазиту менигар!
Ку, диҳедаш назди худ ҷои нишаст.

40 Меравам шаҳре, ки дар он сар ба сар
Мардумаш ҷуз Бунтуру савдогар аст,
Мекунад «на»-ро «бале» бо зӯри зар.

43 Кард партобу шитобон бор баст,
Ки саге дунболи дузди дар нафир
Ҳеҷ гаҳ ин сон натозиду начаст.

46 Дӯзахӣ ғӯтид, боло шуд ба қир,
Кулли шайтон бо ғазаб фарёд зад:
«Санту Валтуят нагардад дастгир!»

49 Сирку не ин ҷо, шино мушкил бувад,
То амон бошӣ зи садчангол ту,
Дарнаёр аз қир ҳаргиз рӯи худ.
52 Бар тани ӯ гашт сад дандон фурӯ,
«Гар тавонӣ туъма бо дандон бигир,
Пойкуб, аммо фақат пӯшида рӯ»

55 Кори эшон аст таббохиназир,

Ҳамчу шогирде, ки бо чангак кунад
Гӯштро аз рӯ ба зери дег зер.

58 Гуфт раҳбар: то набошӣ чашмзад
Хам шаву мерав паси санги азим,
Сахра то он ҷо ниҳонгоҳат шавад.

61 Ту зи ман ҳаргиз машав дар тарсу бим,
Ман ки ин ҷо будаам, дорам хабар,
Нест ин сон кашмакашҳоям алим.

64 Кард аз ман сӯи пул он сӯ гузар,
Чун бари девораи шашум расид,
Пурдил ӯ кӯшид, ояд дар назар.

67 Кулли шайтон қаҳр карда мечаҳид,
Чун сагони ҳамлавар, бар бенаво
К-илтиҷо дорад, «каме хайре кунед»,

70 Зуд рафтанд аз таҳи пул бар фаро,
Сӯи ӯ гардонда чангакҳои хеш,
Бонг зад ӯ: «Ин шарорат нобаҷо!»

73 Пеш аз он ки мекунедам реш-реш
Як нафар бояд, ки ҳарфам бишнавад,
Пас чӣ хоҳед, он кунед аз рои хеш.

76 Пас ҳама фарёд зад: «Баддум равад!»
Он ба пеш омад, ба ҷо кулли дигар,
Зери лаб мегуфт: «З-ин суде бувад?»
79 Гуфт: «Баддум, чӣ гумон дорӣ ба сар,
Гар набудӣ амри тақдиру Худо,
Омадан ин ҷо тавонистам магар

82 Бардаму солим ман аз доми шумо?
Роҳамон деҳ; амри гардун аст зӯр,
Ҳастамаш дар роҳи даҳшат раҳнамо».

85 Нест шуд з-ин ҳарф шайтонро ғурур,
Чангакаш дар пои хеш афканду гуфт:
«Дасти худ бардоштан аз вай зарур».

88 Раҳнамо гуфтам, ки: «Тарсону шигифт
Байни санги пул нишастӣ дар азоб.
Боядат акнун ба сӯям раҳ гирифт».

91 Хестам, рафтам ба наздаш бошитоб,
Он ҳама шайтон қадам сӯям ниҳод,
Бишканад паймон? Шудам дар изтироб.

94 Хайли сарбозон, ки карда эътимод

Ҳарфи душманро, зи Капруно бишуд,
Инчунин бар хеш ларзон буд зиёд.

97 Қолабам часпонда бар устоди худ,
Ман ба садҳо чашм мекардам назар,
Ҷаҳдашонро, к-изтиробангез буд.

100 Карда чангакҳо фурӯ бар ҳамдигар,
Гуфта ҳар дам: «Афканам ӯро ба зер?»
Боз мегуфтӣ: «Ба чанг овар» дигар.

103 Деви бо раҳбар сухангӯ шуд заҳир,
«Шав хамӯш, Искармилуна, – тунд гуфт, –
Дар замон ором гир, ором гир».
106 «Беш аз ин раҳ дур натавонед рафт,
Чун пули шаш варшикаста аз миён
Рехта андар ҷарӣ», – ӯ гуфт тафт,

109 Гар ҳамехоҳед з-ин ҷо шуд равон,
Сар-сари сангон ҳамебояд сафар,
Пас зи дигар пул гузаштан метавон.

112 Дӣ, аз ин дам панҷ соат дертар,
Шасту шаш солу ҳазору ҳам дусад
Сол шуд, ки банд ин роҳи гузар.

115 Чанд шайтон бояд он ҷониб равад,
То касе аз қир сар н-орад фаро.
Ҳеҷ аз инҳотон набошад бими бад.

118 «Эй ту, Качпар, Пиракӣ, ҳар ду бало!
Почагиру Риш, – сар кард ӯ сухан.-
– Эй мазангу эй ғазабнок Аждаҳо,

121 Аз паси эшон ту, Хуки баддаҳан,
Қалби бадчангол, Дунёбехабар,
Ҳамраҳи Алвон биёед ин заман.

124 Ҷӯши қатронро бидида сар ба сар,
Бо саломат аз сари ин пул ба он
Мерасонед ин ду танро безарар».

127 Гуфтам: Эй вой, устодо, алъамон,
З-ин тариқа ҳамраҳон, – хуб аст агар, –
Роҳро донӣ, шавем мо худ равон.

130 Ҳуши деринат агар бошад ба сар,
Бин чӣ сон соянд дандонҳои худ,
Карда ҳам имову таҳдиди дигар.
133 Гуфт: «Дил озод дор аз хавфи бад,
Ҳар қадар соянд дандон нест бим,

К-ин барои он балокашҳо бувад.

136 Чап бичархида шаётини раҷим,
Ҳар яке пинҳон баровварда забон,
Кард имое ба сардори дамим».

139 Маъқадашро кард ӯ шайпурсон.

## СУРУДИ БИСТУ ДУВУМ

Дидаам тахрики урдуи савор
Гоҳи пайкору гаҳи разму гурез,
То ки бошад ҷонаш амну пойдор.

Тохтҳое дидаму кину ситез,
Дастаи зӯроварон, эй артиён,
Бо садои сурно, ноқус низ, –

7 Бо ғиреви табл, дар дижҳо нишон,
Бо русуми мову ё бегонае
Гашта баҳри найзабозиҳо равон.

10 Нест беҳ аз нағмаи қурронае
Бар пиёда, баҳргарду ҳам савор,
Чун намояд наҷм, соҳил, хонае.

13 Мо ба даҳ иблис гашта раҳсупор,
Вой аз ин ҷамъияте, ҳаққо, нигар,
Маъбад аз мубад, шароб аз бодахор.

16 Ман ба ҷӯши қир мекардам назар,
То бубинам халқи дар аҷзу ниёз,
Ки дар он буд дар гудозиш сар ба сар.
19 Бахргардонро чу моҳии гуроз
Мекунад огоҳ аз киштишикаст,
Пушти худро карда аз дарё фароз.

22 То сабук созад каме ранҷи аласт,
Ҳамчунон аз қир меомад ба рӯ,
Барқосо дарзамон таҳ менишаст.

25 Ҳамчу ғукон сар ба боло назди ҷӯ,
Ки бурун оранд оби пӯзашон,
Зери об аммост танҳошон фурӯ, –

28 Сар зи қатрон карда боло осимон,
Аз бади Бадриш лек осемасар
Гашта чун ғукон таҳи қатрон ниҳон.

31 Ғуке аз ғукон маро буд дар назар,

З-он чӣ дидам дил ҳаме ларзон бувад,
Ғӯта зад як, кард таъхире дигар.

34 Калб бар зулфони ӯ қуллоб зад,
Бар ҳаво бардошт онро, чун самур
Дар фазо дидам, муаллақ рафта буд.

37 Буд ёдам номи иблисони ур,
Гӯш додам баски дар роҳи сафар,
Чун садо карданд ҳамдигар зи дур.

40 «Ҳой, Алвон, – дод гуфтандӣ зи шарр, –
Бар танаш он сон бизан чангак фурӯ,
То канӣ ту пӯсташро сар ба сар!»

43 Гуфтам: «Эй устод, агар донӣ, бигӯ,
Кист ин баргаштабахти бенаво,
Ки ҳарифон карда танг аҳволи ӯ.
46 Шуд ба ӯ наздиктар пас раҳнамо,
Кард пурсонаш, куҷоист, ӯ бигуфт:
«Ман ба дунё омадам дар Новаро.

49 Модарам бо марди фосид гашт ҷуфт,
То маро зоду ба аъёне бибурд,
Хизмати эшон ба ҷон кун гуфту рафт.

52 Шаҳ Тибалдуям қарини хеш кард,
Лек чапдастӣ бикардам дар амал,
Ки дар оташ сӯзам акнун ман ба дард».

55 Буд дандон Хукро зишту дағал,
Ҳамчу дандони гуроз андар даҳон.
Гуфт: Бин, чун медарондандат талал.

58 Гурбаро бозӣ, ба мушак назъи ҷон,
Гуфт, Бадришаш гирифта дар ду даст:
«Сокиту ором бошед ин замон».

61 Гуфт раҳбарро: «Туро дархост ҳаст,
Ҳар чӣ мехоҳӣ бипурсаш зудтар,
Ки кунандаш тикка-тикка банду баст».

64 Ин шуниду гуфт ӯро роҳбар:
«Лотиние ҳаст дар байни шумо,
Гар шиносӣ, гӯй». Дод ин сон хабар:

67 Лаҳзае шуд аз яке гаштам ҷудо,
Кош бо ӯ будам он ҷо дар амон,
Бими қуллобам набудиву ҷазо!»

70 Гуфт Дунёбехабар:  «Бас ину он!»

Дар хами бозу бизад қуллоби худ,
Чун кашидаш гӯштпора буд дар он.
73 Аждаҳо ҳам хост қуллобе занад,
Кард даҳбошӣ нигоҳи тунду тез,
Пас ба даври дӯзахӣ худ чарх зад.

76 Чун даме таскин шуданд аз ҷасту хез,
Раҳбарам з-он дӯзахӣ пурсид паст,
Ки ба захми худ назар мекард низ.

79 «З-ӯ ҷудо гаштам, бигуфтӣ, нодуруст,
Гӯй моро, кист ӯ?» Посух бидод:
Ӯ ба рӯҳонӣ Кумито додар аст.

82 Дар Галуро буд сари кизбу фасод.
Душманони соҳибашро даст бурд,
Ҳукмаш эшонро пазиро шуд чу дод.

85 Нақд бистонду муофи ҷурм кард,
Дар тамоми корҳои хеш ӯ
На каму андак, фаровон ришва хӯрд.

88 Он ба Микил Санки дорад гуфтугӯ;
Суҳбат аз Содиниё беинтиҳост,
Чун шавад бо Логудорӣ рӯ ба рӯ.

91 Вой бар ман, охирам ин чӣ ҷафост,
Сояд он дандон, чӣ гӯям ман дигар,
Бар сарам ин дев бадтар аз балост.

94 Гуфт сарваршон ба Дунёбехабар, –
Чап-чап ӯ бар дӯзахӣ карда нигоҳ, –
«Гум шав, эй паррандаи манҳуси шарр!»

97 Дӯзахӣ тарсон бигуфт он гаҳ ба мо:
«Тусканӣ, лумбардиҳоро гар зарур
Ҳаст дидантон, биорамшон фаро.
100 Лек Бадчанголҳо бошанд дур,
То ки набвадшон ҳароси қасдгир:
Аз ҳамин ҷои нишастам бе қусур,

103 Ҳафт тан берун биорам бо сафир.
Гар яке бошад бурун, ин шевамон,
Дигаронро хонад аз байни қаир».

106 Саг чу бишнид ин, сараш дода такон,
«Ваҳ, хабисе, – гуфт, – меҷӯяд сабаб,
То шавад худ як нафас дар таҳ ниҳон!»

109 Дӯзахӣ, ки дошт ҳиллатҳо аҷаб,
Дод посух гар намебудам разил,

Дом бинҳодам ба ёрон рӯзу шаб?»

112 Тоқати Каҷбол даррафту сақил
Гуфт: «Гар меафканӣ худро ба зер,
Кай кашам аз пушти ту бонги раҳил.

115 Балки то қатрон шавам думболагир;
Мо аз ин ҷо дуртар, хоҳем дид,
Чун ту хоҳӣ буд аз мо муқтадир.

118 Гӯш кун, хонанда дастони ҷадид,
Ҷумла шайтон сӯи дигар рӯй тофт,
Дастаи сангиндилони мустабид.

121 Рӯҳӣ Новорӣ даме бар пас шитофт,
Ҷаст бар таҳ тир карда ҳар ду по,
То халос аз ранҷи беандоза ёфт...

124 Гашта иблисон пушаймон аз хато,
Буд сабабгор аз ҳама бад дар ғазаб;
Ҷасту гуфто: «Ман гирифтам ҷо ба ҷо!»
127 Лек буд бесуд он шӯру шағаб,
Тарс аз парвоз будӣ тезпар,
Он фурӯ рафт, ин дигар боло аҷаб.

130 Инчунин аз ҳайбати шоҳин ба сар
Меравад дар об мурғобӣ фурӯ,
Дар само хашмин занад он болу пар.

133 Пиракӣ паррид қоҳир, кинаҷӯ,
То гурезад дӯзахӣ аз тарси он,
Бар адоват то баҳона ёбад ӯ.

136 Судҷӯ чун гашт аз чашмон ниҳон,
Кард чангак сӯи ҳамкораш дароз,
Шуд сари гудол ҷанги беамон.

139 Дигаре ҳам чанг зад монанди боз,
Ҳарду афтоданд дар ин шӯру шар,
Дар миёни биркаи ҷӯш аз фароз.

142 Кард ҷӯшонӣ ҷудо аз ҳамдигар,
Болҳошон гашт лек андуди қир,
Ки набуд ёрои парвози дигар.

145 Чун ҳама, Бадриш гашта ногузир,
Чор танро, гуфт, бо қуллоб зуд
Бар канори дигаре парвоз гир.

148 Омад он ҳар як ба ҷои худ фуруд,
Карда чангакҳошро он сӯй хам,

Ду нафар дар қири ҷӯшон пухта буд:

151 Рафта аз он ҷо, фурӯ бастем дам.

## СУРУДИ БИСТУ СЕВУМ

Хомушу танҳову аз ҳамраҳ ҷудо,
Пушти ҳам гаштем з-ин пас мо равон,
Чун «Бародарҳои кеҳтар» по ба по.

Ин ҳама кашмокашу ҷанги калон
Ёд овардам зи Эзоп он масал:
Макри ғуку марги муши нотавон.

7 Ҳамчу «ҳоло» -ву «кунун» аст ин амал,
Гар бисанҷӣ ибтидову интиҳо
Як бувад мақсуду маънош аз азал.

10 З-ояд аз андешае фикри расо,
З-ин хаёлам зода шуд дигар хаёл,
Шуд дучандон бимам аз ин инҷило,

13 Худ ба худ гуфтам, ки иблисони ол
Бас шуданд аз ваҷҳи мо беобрӯ,
Бегумон бадқаҳру пурхашманду зол.

16 Хайли иблисони озу тундхӯ,
Ҳамчу тозӣ мекунад таъқиби мо,
Ки давад думболаи харгӯш ӯ.

19 Сих шуд ҳар тори мӯям ҷо ба ҷо,
Баски мерафтам зи пушти раҳнамун,
Гуфтам: «Эй устод, – ман бо илтиҷо, –

22 Кун ниҳонмон, в-арна ҳоли мо забун,
Ман зи Бадчанголҳо дорам хатар,
К-аз паси худ ҳис намоям бӯи хун».
25 «Сохтандам з-обгина ҳам агар, –
Гуфт, – ин дам зоҳиратро аз замир
Кай тавонам ман намудан хубтар.

28 Сурати андешаҳоят ногузир
Баски чун андешаҳои ман шуда,
Тарҳи воҳид сохтам з-эшон хабир.

31 Гар канори рост саршеб омада,
Мо фуруд оем бар роғи дигар,
Он ҳама таъқиб беҳуда буда.

34 Ҳарфи худ нокарда ҳоло мухтасар,

Сӯи мо оянд, дидам, болзан,
То ба чанги хеш гирандӣ магар.

Раҳнамо чун модаре, ки мумтаҳан
Аз ғиреви нимашаб аз ҷо ҷаҳад,
Дида оташро ба наздаш шӯълазан,

Тифли худ бардораду з-он ҷо давад,
Дар танаш ҷуз пираҳан набвад либос,
Дар бараш тифли беҳ аз ҷонаш бувад, –

Хеш бар девораи мазбутасос,
Ки ба даври Роғи Шарр печида буд,
Барфиканду рафт лағзон, дар ҳарос.

Об бо ин суръате н-ояд фуруд
Дар сарошебии назди осиё,
То ба худ чархи варо гардон намуд.

Дар бараш бигрифта будам раҳнамо,
На ба мисли ҳамсафар, ҳамчун писар,
Зуд поин рафт аз фарти фаро.
Чун расидӣ пои ӯ бар умқи ҷар,
Шуд шаётин тори мо пайдо ба кин,
Дигар аз онон набуд аммо хатар.

Ғори панҷум, ҳокимонаш ҳеҷ аз ин
Ғор натвонанд берун шуд як он,
Баски бошад хости олӣ чунин.

Дидам он ҷо ранг карда осиён,
Хаста мерафтанд гирди партгоҳ,
Ашкҳо мерехтанд аз дидагон.

Буд ридошон бар бару бар сар кулоҳ,
К-омада то рӯи чашмоншон фуруд,
Чун ридои роҳибони Кулниёҳ,

Зер сурбу рӯй зарандуда буд,
Ки ридои Федерику дар қиёс
Аз пари коҳе сабуктар менамуд.

Ҷомаи сурбӣ бувад бар ранҷ асос,
Мо ба эшон гашта сӯи чап равон,
Гӯш мекардем зории шинос.

Кунд мерафтанд бо бори гарон,
З-ин сабаб дар роҳи худ мо ҳар қадам
Тоза мекардем пайдо дӯстон.

«Кӯш то ёбӣ, – ба раҳбар дам задам, –

Ошное з-ин миён ояд падид,
Менигар бар гирду пешат дам ба дам».

76 Лаҳҷаи тускониям шахсе шунид:
Бонг зад аз пушти сар: «З-ин ҷо шумо
Ки равон астед, оҳиста равед,
79 Матлаб аз ман мекунед акнун раво».
Пушти сар баргашту гуфтам роҳбар:
«Зуд мерав ҳамраҳи ӯ по ба по».

82 Дидам аз аҳли ҷаҳаннам ду нафар,
Доштӣ, шавқи шиносоӣ зиёд,
Борашон буд сахт, раҳ бориктар.

85 Омада наздики мо беарзу дод,
Сӯи мо диданд ҳамчун аҳвалон,
Ҳарду ҳам лаб бар сухангӯӣ кушод:

88 «Ин яке зинда-ст, ҷунбонад даҳон,
Мурда бошанд аз кадомин имтиёз
Нест бори ҷомаи сангинашон?»

91 «Тускание, – гуфт, – манмо эҳтироз,
Ту зи ҷамъи осиёни туршрӯ,
Гӯй номат, мон ту хашму кину оз».

94 «Зодаам дар шаҳри назди Орну,
Ҳам калон гаштам дар он, – гуфтам ҷавоб, –
Доимо буда маро ин ҷисму рӯ.

97 Кистед охир шумову аз чӣ боб
Рӯй шуд маҷрои ашки дар равон,
Аз чӣ кайфар гашта рахшон, дар азоб».

100 Дод посух: «Ин ридоҳоро чунон
Сохтанд аз сурб, к-аз бори ридо
Мекашад санги тарозуҳо фиғон.

103 Мо гудинтӣ бошем аз Булуниё;
Лудригу номи рафиқам, номи ман
Коталино, халқи шаҳрат ҷо ба ҷо
106 Ҷои як тан баргузида ҳар ду тан,
Доштанд аз мо сафову сулҳ умед,
Лек Гардинку шуд аз мо мумтаҳан».

109 Гуфтам: «Эй ихвон, чӣ ранҷи каснадид...» –
Лаб бубастам, – дӯзахӣ маслуби дард
Буд дар се мех, чашмонам бидид.

112 Ӯ маро чун дид печу тоб хӯрд,
Оҳ мегуфту бародар Коталин

Рӯ ба ман оварду ҳарф оғоз кард.

115 «Он ки маслуб аст ин ҷо инчунин,
Бар фарисиён бигуфт ӯ, ки равост
Дар шиканҷа куштани марде яқин.

118 Дар миёни раҳ бубин урёни рост,
Ҷисми ӯ хуфтасту бори раҳравон
Мефишорад пайкараш – инаш сазост.

121 Ҳам падарзан дорад ин ранҷи гарон,
Ҷумла шӯрое, ки монда сар ба сар
Бар яҳудон тухми лаънатро нишон».

124 Бингаристам Верҷили ошуфтасар
Сурати марди палидеро бидид,
Буд, к-ӯ маслуби хоки раҳгузар.

127 Ман бигуфтам: «Гарки моро ёвper,
В-ар шуморо ҳаст изни гуфтугӯ,
Бо сухан з-ин ҷоямон хориҷ баред.

130 Гар равон гардем з-ин ҷо рострӯ
Меравем оё аз ин варта бадар,
Бо малоик мо нагашта рӯ ба рӯ».
133 Гуфт: «Аз умедат бувад наздиктар,
Як пуле, к-аз ҳалқа гашта ибтидо,
Бигзарад, з-ин водии мотамасар.

136 Варшикаста лек рӯи жарфно,
З-ин сабаб бояд равед аз он нишеб,
Аз таҳи гудол рӯболо шумо».

139 Гуфт раҳбар бо таассуф, бо ниҳеб
Дар паси девори  ин ҷо, шуд аён
Кардамон шайтони чангакзан фиреб».

142 Дод посух додари рӯҳу равон:
«Ҳаст шайтон мояи ҷурми абад,
Дар Булуниё бигуфтандам чунон».

145 Раҳнамо дар хашм гашту гом зад,
Дӯзахиён хуфта андар зери бор,
Дар уқубат мондаву аҳволи бад.

148 Аз паи маҳбуб гаштам раҳсипор.

## СУРУДИ БИСТУ ЧА{ОРУМ

То ҷавонумр аст соли тозакор,

Давл гармӣ дода бар гесӯи шед,
Ҳамзамони рӯз гашта шоми тор,

Ях бимонад дар замин нақши сафед,
Ҳамчу шабнам хоҳари нозукадо,
Зуд гардад нақши сусташ нопадид.

7 Ҳамчу деҳқоне, ки кам дорад ғизо,
Хезаду бинад сафедиҳои деҳ,
Даст бар паҳлу бикӯбад ғамфизо.

10 Андарояд хона бо ҳоли табаҳ,
Боз ӯ берун равад бо оҳ, асаф,
Бингарад вазъи замин бад шуд, на беҳ,

13 Гирад ӯ чӯби шубонияш ба каф,
Барраҳоро бар чаро берун барад,
То хуранд онон зи дашт обу алаф.

16 Раҳбар ин сон дар ҳаросам оварад,
Бо парешонии ваҳмафзои хеш,
Боз бар захмам ҳаме марҳам ниҳад.

19 Чун ба пул мондем ҳарду пои хеш,
Ӯ ба лутфу марҳамат кардам назар,
Ҳамчунон дар пояи харсанги пеш.

22 Гирду ҷонибро бисанҷид аз дигар,
Бар сарошебӣ назар бинмуд он,
Вокушод оғӯшу бигрифтам ба бар.

25 Чун касе, ки кору фикраш тавъамон,
Боз ҳам фикри мабодо кардааст,
Ҷониби харсанг мебурдам чунон.

28 Тахтасангеро бидиду гуфт паст:
«Хешро овез дар он санги дур,
Ҳамл оё дорадат, санҷаш нахуст».

31 Бо ридо з-ин раҳ нашуд кардан убур,
Баски аз як санг бар санги дигар
Ӯ сабукпо мегузашту ман базӯр.
34 Роҳ аз ин сӯ гар набуд кӯтоҳтар,
Бар чӣ мекардам умеду вогузошт,
Зуд меандохтам, бешак, сипар.

37 «Роғи Шар рӯ бар даҳони чоҳ дошт,
Буд он дар қисмати поинтарин,
Ҳар дара худро аз он огоҳ дошт.

40 Буд баланду паст девори камин,

То расидем оқибат мо бар фароз,
Сахраеро карда мо бар худ гузин.

43 Дар фарозӣ чун ба худ дидем боз,
Тангтар дар сина печида нафас,
Ман ба рӯи раҳ, нишастам бемаҷоз,

46 Гуфт раҳбар: «Танбалӣ, бигзор, абас,
Аз таҳи пар хуфта, шистан рӯи пар
Шӯҳраву номӣ нагардад ҳеҷ кас.

49 Ҳар касе, ки мезияд бефахру фар,
Ҳамчу дуде дар ҳавову каф дар об
Мегузорад аз ҳаёти худ асар.

52 Зуд бархезу бишав ту фатҳёб,
Чун туро нирӯст пирӯзӣ зи туст,
Бартар ой то зи уммедат, шитоб!

55 Бояд аз он нардбоне рафт чуст,
Тарки инон нест кофӣ пеши мо,
Ҳарфи ман дарёфтӣ – андарзи туст».

58 Ин шунидам, хестам пурдил зи ҷо,
Хештанро ёфтам ман тозаҷон,
Гуфтамаш: «Акнун далерам, пеш, о!»
61 Мо пасон гаштем аз он пул равон,
Роҳ ноҳамвор буд, мушкилгузар,
Тай ҳамешуд аз раҳи пешин гарон.

64 Гап задам, то хаста н-оям дар назар,
Омад аз гудоли пеши рӯ садо,
Ки набуд чун ҳарфи авлоди башар.

Гарчи бар пул рафта будам ман фаро,
Маънии овоз кай гаштам аён,
Сахт хашмӣ буд, вале соҳибнидо.

70 Хам шудам, аммо надидам умқи он
«То расем устод, – гуфтам, – чора кун
Мо бадон девори дигар ин замон.

73 Пас фуруд оем аз он, зеро сухан
Бишнавам, аммо намедонам, чӣ гуфт,
Бингарам бар таҳ, набинам ҳеҷ ман».

76 Гуфт: «Бошад посухам бо кор ҷуфт,
Баски хоҳишро бувад дар пай амал,
В-арна суде нест аз гуфтушунуфт.

79 Мо ба поин рафтем аз пул бехалал,

К-он бипайвандад ба даври ҳаштумин,
Булҷиёро дидам он гаҳ бемасал.

82 Буд он ҷо хайли мори заҳргин,
Гурзаву афъиву анвои дигар,
Ёд ояд, шах шавад хунам ба ҳин.

85 Либиёро лоф бошад барҳадар
Аз шибарзору вуҳуши баднамуд,
Аз хазанда, аз газанда сар ба сар.
88 Баски дар ин сарзамини беҳудуд,
Дар канори Баҳри Аҳмар, Ҳабша ҳам,
То бад-ин андоза афъиён набуд.

91 Байни он хунхораҳои бадситам,
Халқи урён буд ҳаросону давон,
Беумед аз нӯшдоруву карам.

94 Баста морон пушти ҳам ду дасташон,
Думбу сар ҷо дода дар гирди камар,
То ба ҳам печанд он ҷо ҳалқасон.

97 Ногаҳон дидам, ки море тезпар
Хешро андохт бар рӯи яке,
Рахна кардаш гардани он ҷурмасар.

100 Зудтар з-он ки нависӣ «О», «як»-е,
Дӯзахӣ оташ гирифту сӯхт пок,
Ҷои ӯ хокистараш монд андаке.

103 Чун бад-ин сон гашт нобуду ҳалок,
Гирд шуд хокистари ӯ дарзамон,
Дар намуди аввал омад з-истикок.

106 Гуфтаанд алломаҳоюю бихрадон,
Чун самандар панҷсадсола шавад,
Мирад, аз нав зинда гардад, тозаҷон.

109 Он на гандум, на гиёҳе мехурад,
Ашки уду кундур аст онро ғизо,
Сунбулу гул бистари маргаш бувад.

112 Чун касе, ки мефитонандаш зи по
Бар замин иблис, ё қуввои шар,
Ӯ надонад, лек меафтад чаро.
115 Он маҳал, к-аз ҷой мехезад пакар,
Саргарон мебингарад гирду канор,
Мекашад оҳу фиғонҳо аз ҷигар.

118 Дошт айни ин азоб ин ҷурмдор,
Ваҳ, шигифто! Адли яздонӣ чунон

Мезанад зарбат ба қаҳру бо ниқор.

121 Раҳнамо пурсид аз ӯ ному нишон,
Гуфт: «Аз Тускониё ман, – бо нафир, –
Андар ин варта фитодам. Чун дадон,

124 На чу инсон зистам, будам хачир,
Вони Фучиям, ба хӯ чун чорпо
Будаам дар Пистуё ман ҷойгир».

127 Гуфтам: Ин ҷо бошад, – устод, – ӯ чаро,
Бо чӣ ҷурм афканда шуд дар ин макон,
Ӯ, ки бадхӯ буду савдоинамо.

130 Ин шунид осӣ, накарда сир ниҳон,
Рӯю рӯҳашро ба ман гардонд ӯ,
Чеҳрааш аз шарм буд чун арғувон.

133 Гуфт: «Ранҷам медиҳад дидори ту,
Ки маро бинӣ чунон ворунабахт,
Бошад аз маргам гарон ин гуфтугӯ.

136 Гӯям арчи гуфтанам сахт аст, сахт,
Шуд мағок аз он сабаб маъвои ман,
Ки бибурдам аз калисо рахту тахт.

139 Муттаҳам шуд дигаре дар ҷои ман,
То нагардӣ аз ғами ман шодмон,
Чун бурун ой аз ин мулк-ул-ҳазан,
142 Пешгӯиям шунав бо гӯши ҷон:
Чун шавад пок аз сиёҳӣ Пистуё
Нав шавад қонун ба Флуронс он замон.

145 Пар Марих аз Валди Магро бар фаро,
Абрҳоро ронад ин сӯ, к-оварад
Он ба Кампу Бичну тӯфони бало,

148 Гӯиё қоим қиёмат мешавад;
Мешикофад барқ абри торро
Ҳар сафеде бар ҳалокат меравад.

151 Ин ҳама гуфтам, ки бошӣ дар ано.

## СУРУДИ БИСТУ ПАНХУМ

Дузд дар фарҷоми ҳарфаш ҳар ду даст
Бурд боло, шакли анҷирӣ намуд,
Дод зад: «Ин ҳам Худоё, аз ту аст!»

Ҷумла морам шуд аз он дам дӯст зуд,

З-он яке печид дар гардан варо,
Гӯиё мегуфт: «Беҳ, хомӯш буд».

7 Дигаре дар бозувон зад ҳалқаҳо
Раг ба раг афшурд осиро валав,
Қудрати ҷунбиш намондаш з-илтиво.

10 Пистуё, восӯзу хокистар бишав,
То наоӣ беш аз ин ту дар ҷаҳон,
Дар бадӣ аз ҷодаат рафтӣ улув.

13 Ҳеҷ рӯҳеро надидам з-осиён,
К-инчунин бошад ба яздон дар ситез,
На ба Тибу, н-аз ҳисор афтодагон.
16 Дӯзахӣ шуд бекаломе дар гурез,
Дидамаш қантурси хашмолуда буд,
Медавиду: «Ку, – ҳамегуфт, – он кумез».

19 Мормо пурмор ин сон буда буд?
Селаи морон-ш печида ба рӯ,
Чеҳри инсонӣ ниҳон бинмуда буд.

22 Аждаҳо биншаста буд дар дӯши ӯ,
Ҳар чиро ки рӯ ба рӯяш бинад он,
Дарзамон медод бар оташ фурӯ.

25 Гуфт устодам, ки: «Кокуро, бидон
Ҷӯйбори хун падид оварда буд,
Дар Авентину ба пои куҳситон.

28 Қисматаш аз додарон фарқе намуд:
Галлаеро, ки ба наздаш мечарид,
Ӯ ба макру фанду ҳиллатҳо рабуд.

31 Нобакориҳош бар поён расид,
То вай аз Ҳаркул сад зарбат бихӯрд,
Лек бар даҳ зарба тоқат н-оварид.

34 Вай бигуфту Кокуро шуд раҳнавард,
Ҷамъ буд се рӯҳ андар зери по,
З-омаданҳошон касе ҳам пай набурд.

37 «Кистед?» Овоз омад сӯи мо,
Дарзамон бастем лабро аз калом,
Бо таваҷҷуҳ карда он сӯ дидаҳо,

40 Ман намедонистам онопро тамом,
Лек мисли он ки гоҳе мешавад,
Як нафар з-онон дигарро бурд ном:
43 Гуфт: «Чиёнфо куҷо ҳоло бувад?»
Раҳнамоям то шавад ҳушёртар,

Ман ниҳодам бар закан ангушти худ,

46 Боварат ояд агар душвортар,
Ту машав, хонандаам, з-ин дар шигифт,
Дар аҷаб з–ин моҷароям худ дигар.

49 Чун бидидам мори шашпои чу зифт
Хеш бар рӯи яке з-онҳо фиканд,
То саропо дар миёни худ гирифт.

52 Бо миёнпоҳо шикамро кард банд,
Бо ду пои пеш бозувон бубаст,
Зад ба ҳар ду гунааш дандони чанд,

55 Ҳар ду пои пас ба ҳар ду рон бубаст,
Дум бурун кард аз ду рону бо ҳуҷум,
Аз пас онро бар тиҳигоҳаш бихаст.

58 Кай бипечад ушқаи печони шум
Дар дарахте ҳамчу ин ҳайвон, ки зуд
Часп шуд бар ҷисми дигар ҳамчу мум.

61 Ин ду бо ҳамончунон часпида буд,
То ба ҳам омехт шаклу рангашон,
Сурати пешинашон дигар намуд.

64 Дар миёни шӯъла чун коғаз, ки он
Гашта гандумгун, намебошад сиёҳ,
Лек набвад аз сафедияш нишон:

67 «Вой, Анил гаштаст аҳволат табоҳ»
Баски гаштӣ на якеву на дуто».
Бонг мезад ду дигар бо оҳу воҳ.
70 Чун сари дугонашон шуд якнамо,
Рӯ ба рӯ омехт, то як рӯ бишуд,
Сурати пешини ҳар ду шуд фано.

73 Чор узви он чу як бозу бишуд,
Соқҳову синаву рону шикам
Шуд ба шакле, к-одамӣ нодида буд.

76 Шакли пешиншон намонда ҳеҷ ҳам,
Гоҳ ҳеҷу гаҳ ду кас буд дар назар,
То аҷиб-ул-сурате мезад қадам.

79 Ҳамчу як калпеса дар зери чапар
Ки бarad аз гармии сӯзон паноҳ,
Пас кунад аз роҳ чун барқе гузар,

82 Мори ҳамчун донаи филфил сиёҳ
Ҳам кабуд омад ба хашму бошитоб

Ҷониби он ҳар ду ишкам кинахоҳ.

85 Кард сӯрох он якеро боитоб,
Бар нахустин ҷо, ки бахшояд ғизо,
Бар замин афтод пас гӯё ба хоб.

88 Морзад кардаш нигоҳи норизо,
Кард хамёза хамӯшу беситез,
Дошт таб ё бурд хобаш аз қазо.

91 Мо ба ӯ дидему моро дид низ,
Аз шикофу аз даҳон бар шуд бухор,
Ҳар ду зуд омехт бадбӯю ғализ.

94 Гӯй: «Лукан, кун хамӯшӣ ихтиёр,
Дам мазан аз Собилиси рӯсиёҳ
Ҳам зи Носидису бар ман гӯш дор.
97 Увидий аз Кадмасу Артузио,
Ту нагӯяд, нест рашкам з-ин ҳунар,
Гарчи мору чашма кард ӯ ҳар дуро.

100 Ҳаргиз ин сон ду сиришти зидгуҳар
Рӯ ба рӯ н-омехт, то созад бадал
Он якеро бо ниҳодаш бар дигар.

103 Ин ду пайвастанд сахту дар амал
Шуд думи мори калон душохадор,
Як бишуд поҳои захмӣ бармаҳал.

Соқу ронҳояш чунон омехт мор,
То намонд аз ҷои по – пайванд асар.
Дум, ки дунима бишуд беихтиёр,

109 Мегирифтӣ бар худ ашколи дигар,
Он дигар аз байн мешуд нопадид,
Нарм мешуд пӯст, гоҳе сахттар.

112 Дӯзахӣ бозуи худ дар бар кашид,
Буд кӯтаҳ пои ҳайвони аҷиб,
Нисбати бозуи осӣ шуд мадид.

115 Шуд бадал нохост ду пои ақиб
Бар ҳамон узве, ки созандаш ниҳон,
Шуд дуто узве насиби бенасиб.

118 Ранги нав меёфт аз буғ ину он,
Дар яке рӯёнда мӯи нав бухор,
Мӯи дигар месутурдӣ бенишон.

121 Ин зи ҷо бархост, в-он афтод зор,
Лек ононро нигаҳ нопок буд,

Чашм нобардоштанд аз ин ивор.
124 Бар шақиқа мекашид он пӯзи худ,
Он чӣ бисёр омад андар ин бадал,
Ҳамчу гӯш аз гунааш пайдо бишуд.

127 В-он чӣ барҷо монда буд аз ин амал,
Шакли биннӣ гашт дар мобайни рӯ,
Гашт лабҳои захиму пурилал.

130 Бар замин афтода в-он дигар парӯ,
Ҳамчу ҳалзуне, ки шохашро кашад,
Дар даруни сар кашид ду гӯш ӯ.

133 Чун забони бешикофаш чок шуд,
Аз сухан монду ба ҳам омад забон,
Қатъ шуд мавҷи бухору бӯи бад.

136 Рӯҳи ҳайвонгашта бигрезад давон
Тӯли водӣ, дигаре гӯяд сухан,
Афканида аз пасаш оби даҳон.

139 Шонаҳои тозааш буд чархзан,
Дигареро гуфт: «Мехоҳад дилам,
Бӯвазо ҳам чорпо тозад чу ман».

142 Дидам ин гудоли ҳафтумро дижам,
Ҷилд меандохт ҳар дам он зи тан,
Шояд ин ҷо норасо омад қалам.

145 Тира буд ҳарчанд пеши чашми ман,
Ҳам хаёлам гарчи сахт ошуфта буд,
Кай тавонад гашт пинҳон мумтаҳан,

148 Ки дигар ташхис натвонам намуд,
Пӯчиёро, к-ӯ буд аз он се нафар,
Ки накарда ҳеҷ тағйири намуд;

151 Буд Говил баҳри дигар гирявар.

## СУРУДИ БИСТУ ШАШУМ

Эй Флуронс, шод бошӣ, эй азим,
Ки гирифтӣ баҳру барро зери пар,
Пур шуд аз овозаат ҳатто ҷаҳим.

Зодаи дуздат бидидам панҷ сар
Байни дигарҳову ҳастам шармзад,
Боиси фахри ту ҳам набвад дигар.

7 Субҳдам рӯъё агар содиқ бувад,
Чун Прото мешавад тақдири ту,

К-он бувад армони шаҳри беадад.

10 Ин бало ҳам бар сарат ояд фурӯ,
Гар биёяд, кош ояд зудтар,
Ки физояд ранҷи ман бегуфтугӯ.

13 Гӯиё аз нардбоне роҳбар
Бурд рӯи сангҳояш бар фаро,
Қабл аз он будем бар тах раҳсипар.

16 Буд чунон пасту баланде роҳи мо,
Ки натонӣ рафт бе ёрии даст
Аз миёни санги пул, ҳам сахраҳо.

19 Он чӣ дидам боиси ранҷи ман аст,
Бидҳадам то ҳол азоби беҳисеб.
Ман лаҷоми фикрро гирам ба даст,

22 То мабодо бе раҳомӯзи ҳабиб
З-он чӣ наҷми саъд ё лутфи само
Медиҳад, худро кунам ман бенасиб.
25 Орамад дар теппа аҳли русто,
Рӯи худро равшанибахши ҷаҳон
Он гаҳе ки кам кунад пинҳон зи мо,

28 Пашша дар ҷои магас ояд парон, -
Воҳаи сарсабзу току киштзор
Пур шавад аз кирми шабтоби калон,

31 Ворасидам ман чу бар он ҷои ғор,
К-умқи ҳаштумро тавонистам бидид,
Ёфтам онро фурӯзон, шӯълабор.

34 Чун бари гардуна Илиё расид,
Асбҳо бурданд-ш бар чархи барин,
Галлаи хирс интиқомашро кашид.

37 Ӯ надида ҷуз шарори оташин,
Ки чу абри кӯчаке боло бирафт
Аз паси гардуна аз рӯи замин.

40 Шӯъла боло мешуд аз гудоли тафт,
Лек нанмуд он чӣ медорад ниҳон,
Буд дар ҳар шӯъла осии бадафт.

43 Ман ба пул истода дидам хастаҷон,
Тахтасангам гар набудӣ такядор,
Мефитодам ман ба қаъри бенишон.

46 Раҳнамо дидам чу маҷзубу низор,
«Оташе арвоҳ дорад, – ӯ бигуфт, –

Дар ҳисори оташ онон хонадор».

49 Гуфтам: «Устод, аз ҳамин гуфтушунуфт,
Худ бидонистам, ки боистӣ чунин,
Хостам пурсон шавам рози нуҳуфт.
52 Этикул бо додараш дар он камин
Оташи душохаро карда гирон,
Шуд кадомин рӯҳ дар он ҷо гузин».

55 Гуфт: «Дар он шӯълаи оташфишон,
Деумед, Улисс кашандӣ ранҷу дард -
Ҳарду қоҳир, ҳар ду дар ранҷи гарон.

58 Дар миёни шӯълаҳо сӯзиш бикард,
Баҳри он асбе, ки дарвоза кушуд,
Аз Таруё нутфаи румӣ бибурд.

61 Нисбати Дейдомиё гиря намуд.
К-ӯ зи андӯҳи Ашил нолиш кунад,
Боиси Палладиус, к-ӯро рабуд.

64 «Гар яке з-ин шӯълаҳо ҳарфе занад, –
Гуфтам, – эй устод, ҳарфам гӯш дор,
Дорам аз ту илтиҷои беадад.

67 Лаҳзае ин ҷой бошем интизор,
Шӯълае душоха ояд назди мо,
Бин, ки сӯяш хам шудам беихтиёр».

70 Ӯ бигуфтам: «Хоҳише дорӣ, ба ҷо,
Мепазирам, он чӣ месозӣ талаб.
Ту забон барбанду мекун иктифо.

73 Вогузор инро ба ман, макшой лаб,
К-аҳли Юнонанд эшон сар ба сар,
Посухат надҳанд шояд з-ин сабаб».

76 Шӯълаи оташ ҳамешуд дар гузар,
Ҷою фурсатро муносиб чун бидид,
Инчунин гуфт устоди пурҳунар:
79 «Эй шумо, ки чун як оташ сар кашед,
Бегумон шоистаи алтоф ман,
Дар замин ки гуфтам ашъори машид,

82 З-ин сабаб бошед ин ҷо як заман,
Аз шумоён як нафар гӯяд ба мо,
Гум куҷо шуд, рафт ҷонаш аз бадан.

85 Шохаи он шӯълае, ки буд фаро,
Гашт ларзону садо омад аз он,
Бо садои бод буд он ҳамнаво.

88 Чун барои гуфтугӯ ҷунбад забон,
Шохаи оташ такони нарм хӯрд,
Омад овозаш, ки мегуфтӣ чунон:

91 «Сирсаам дар Гоито пинҳон бикард,
(К-Эйниё номе ба ӯ нанҳода буд),
Тарк гуфтам ман варо бо ранҷу дард,

94 Ҳурмату қадри падар, меҳри валад,
Ишқи ман бар Пенилопа, к-ӯ аз ин
Низ мебоист хушбахте шавад.

97 Ҳеҷ як з-инон накардӣ офарин
Шавқи сӯзони маро, ки имтиёз
Карданӣ буд айбу ҳусни одамин.

100 Лоҷарам як киштие кардем соз
Бо нафарҳои накарда тарки ёр,
Худ гирифтам роҳи дарёи дароз,

103 Сарзамини Сордро, гирду канор
Ҳам Марокаш дидаму Испониё,
Ҷумла кишварҳои буда ҳамҷавор.
106 Пир гашта дӯстони бовафо
Омадем он ҷо, ки Ҳаркул даргузар
Монда аз худ ду нишони бобақо.

109 То насозад одаме з-ин ҳад гузар;
Монда буд Сивилиё дар дасти рост,
Монда буд дар чап Суто з-ин пештар.

112 «Эй бародарҳо, – бигуфтам, – аз шумост
Дур биму рӯ ба Мағриб оваред,
Лек андак ҳушёритон равост,

115 Умри боқитон ғанимат бишмаред;
Кашфи ин дунёи номаскун мабод –
Аз раҳи хуршед дигар бигзаред.

118 Тухмаи аҷдодатон дар ёд бод,
Н-аз шумо буд қисмати нобихрадон,
Даҳратон чун марду донишвар бизод.

121 З-ин хитоб афзуд шавқи дӯстон,
То давоми роҳ биспоранд зуд,
Ҳеҷ натвон кард манъи азмашон.

124 Пушти худро бар саҳар киштӣ намуд,
Рӯи боли белҳо чапрӯ парид,
Шавқи парвозаш ҷунуномез буд.

Омадем он ҷо, ки чашмонам бидид
Дар шабонаш анҷуми қутби дигар,
Наҷми қутби мо ба дарё мерасид.

З-он даме кардем оҳанги сафар
Панҷ навбат равшану хомӯш зуд,
Гашт ними зери заррини қамар.
Кӯҳи торике ба чашми мо намуд
Қуллааш то осмон сар барфарохт,
Ки назираш ҳеҷ дар олам набуд.

Шодмон гаштем, аммо тира сохт
Ашки ҳасрат он хушӣ дар як нафас,
Гирдбоде сӯи киштимон битохт:

Се карат чархонд киштиро чу хас,
Навбати чорум ақиб бурдаш фаро,
Пеш зери об шуд гӯ з-амри Кас.

То ки дарё баста шуд бар рӯи мо.

## СУРУДИ БИСТУ {АФТУМ

Шӯъла дар ҷо қадфарозон меситод
Изнхоҳ аз шоири некӯнафас,
Бесухан то созад азми хайрбод.

Шӯълаи дигар, ки меомад зи пас
Бо садое, к-аз дарунаш сар бидод,
Сӯи худ мебурд ҳушу ёди кас.

Чун гави Сисил, ки дар наъра фитод,
Будаш аввал нола з-он ки офарид,
Бо дами сӯҳон-ш в-ин ҳақ буду бод,

Наъра мезад бо садоҳои шаҳид,
Гарчи аз мис рехтанд аъзои он,
Гӯиё ҳис дошт, дарде мекашид.

Кас сухан ин ҷо набурдӣ бар забон,
Дар даруни оташи пайкаргудоз
Бо забони шӯъла мегашт он баён.
Чун садо аз таҳ расидӣ то фароз,
Шӯъла бо савти сухан мешуд бурун,
Гӯӣ аз лаб мавриди арзу ниёз.

Бишнавидам гуфтаи шахси забун,
«Ту, ки бо ламбордӣ кардӣ хитоб:
Рав, туро заҳмат намеорам кунун!»

22 Омадам дер, арчи мекардам шитоб,
Бин ки месӯзам ба шавқи гуфтугӯ,
З-ин сабаб аз суҳбати ман сар матоб.

25 Гар расидастӣ зи Лотин тоза ту,
Ки аз он овардаам айбу хато
Андар ин зулматкада, ҳоло бигӯ,

28 Ҷанг ё сулҳ аст дар Румониё,
Ҳастам аз куҳсори Урбино, к-аз он
Рӯди Тибар меҷаҳад бо ҷӯшҳо.

31 Ман, ки медидам ба поин ҳамчунон,
Раҳнамо дасте бизад паҳлуи ман,
Гуфт: «Итолиёӣ омад бар забон».

34 Зуд гуфтам ман ҷавоби хештан:
«Эй ту рӯҳи дар бари оташ ниҳон,
Ҳеҷ буд Румониёят дар заман

37 Бенабард, ором алайҳи золимон?
Ҳам набуд ин сон, нахоҳад ҳам бишуд,
Лек ҳол осуда аз ҷанг аст он.

40 Ровно бошад чунонки буда буд,
Доли Пуланто ба наслаш мустамир,
То Сируё вокушода боли худ.
43 Кишваре, ки буд замоне мустақир
Сохт аз наъши фаронсӣ пуштаҳо,
Шуд тахи чанголи сабзе мункадир.

46 То сагу сагбачаи Верукиё
Гашта бар Мунтониё фармонгузор,
Ҳар куҷо ҳастанд дандон гӯштро.

49 Ломуну Сонтурну шуд таслимкор
Бар нишони баччаи шери сафед,
Ки кунад рангаш дигар соле ду бор.

52 Совиёруд он билоде парварид,
Як ҳаде бар дашту дигар кӯҳрӯ
В-он миёни зулму озодӣ гузид.

55 Кистӣ худ, в-аз куҷо ой, бигӯ,
Ту ба мо сахтӣ макун дигар кунун, –
Ҷовидон бодо ба дунё номи ту».

58 Шӯълаи оташ хурӯшон шуд зи бун,
Ҳам забони равшанаш гардон намуд,
Беадад омад садое аз дарун:

61 «Гар бидонистам, ки ин хоҳад шунуд
Он касе, к-ӯ меравад рӯи замин,
Шӯълаам орому бетаҳрик буд.

64 Он чӣ бишнидам, агар бошад яқин,
З-ин ҷарӣ берун нарафта ҳеҷ кас,
Гӯямат бетарси расвоӣ чунин.

67 Марди ҷангӣ, банди зунноре ҳавас
Кардаму пиндоштам акнун фароғ
Ёфтам дар олам, аммо буд абас.
70 Он кашиши аъзам омад бедимоғ,
Лаънатам бодо! – гунаҳкорам намуд,
Гӯямат ин нуктаро бо қалби доғ.

73 Будам аз мом устухонҳову вуҷуд,
Пешаи шерӣ набудам аз азал,
Чун насибам пешаи рӯбоҳ буд.

76 Ёфтам асрори ҳар макру ҳиял,
Кас набуд дар ин фунун чун ман ба тоб,
Дар ҷаҳон овозаи ман шуд масал.

79 Хештанро ёфтам дар он ҳисоб,
Дар замоне, ки биёрад кас фуруд,
Бодбонрову бупечонад таноб.

82 Он чиям матлуб, манфурам намуд,
Тавбагӯ, роҳиб шудам, бечора ман,
Қисматам, эй кош, он сон монда буд.

85 Сарфарисие, ки назди Лотаран,
На ба муслимҳо, яҳудон дошт ҷанг,
Размҳо будаш ба тарсоён зи занн.

88 Бар масеҳиён бизад ӯ бедаранг,
Фатҳи Акро рафта онон хосу ом,
Карда не бо муслимон савдои шанг.

91 Ӯ муқаддасрутбаю воломақом,
В-ин таноби ман, ки бандӣ бар миён,
То шавӣ лоғар, накардӣ эҳтиром.

94 Ҳамчу Константин касе кард ӯ равон,
Сӯи Сиротӣ, ки ӯ Силистуру
Оварад, то бахшад аз ҷуззом амон.
97 Ҳамчунонам зуд наздаш хонд ӯ;
Ӯ даво мехосту ман лоҷавоб,
Буд гӯё сархуши ҷому сабӯ.

100 «Дил мадорӣ бад, бигуфт ӯ бошитоб,
Мекунам аз айб покиза туро,
Гӯй, чун созам Пинистрину хароб.

103 Метавонам баст хулду кард во,
З-ин сабаб, донӣ, калиди ман дутост,
Қудрат ин сон дошт кай он мубтадо».

106 Чун шунидам ин бароҳин, пас сазост,
Монда хомӯшу нагӯям ман сухан,
Гуфтам: «– Эй воло падар, – ҳоло ба ҷост,

109 Мекунӣ аз ҷурмҳо татҳири ман, –
Ваъда бошад бешу кам бошад вафо,
Мешавӣ дар маснади худ мӯътаман».

112 Мурдаму омад Франсуво фаро,
Гуфт шайтони сияҳболе чунин:
«Мон, варо, ки дарди сар орӣ маро.

115 Назди мискинон бигардад ҷогузин,
З-он даме, ки дод панди макрбор,
Шуд ба дастам ихтиёри ин лаин.

118 Тавбанокарда нагардад растагор,
Тавба кардӣ, пас макун ҷурме дигар,
К-ин таноқуз нест дар қонун ба кор».

121 Буд бедориям он гаҳ талхтар,
Баргирифт ӯям ба чанголаш вуҷуд,
«Бошадам, – мегуфт, – аз мантиқ хабар!»
124 Назди Миносам кашон овард зуд,
Ҳашт бор ӯ дар камар дум печ зад,
Аз ғазаб онро тахи дандон намуд.

127 Гуфт: «Ин шоистаи оташ бувад!»
Лоҷарам саргаштаам дар банди нор,
Раҳ барам дар ин шиканҷа беадад».

130 Ҳарфи худ поён расонду рафт зор,
Шӯълаи оташ ҳамезад печу тоб,
Сӯхта ҷони варо бо як қарор.

133 Раҳбару ман рафтем аз пул бошитоб
Бар пули дигар, ки буд ҳамчун камон,
Зери он халқи мунофиқ дар азоб

136 Аз нифоқи хеш буд то ҷовидон.

## СУРУДИ БИСТУ {АШТУМ

Кас наёрад гуфт бо наср он изо,
Захму хунеро, ки дидам дар назар,
Гарчи бо такрор гӯяд ҳар ҳиҷо.

Ҳар забон қосир бувад, бешак, дигар,
Ин ҳама асло нағунҷад дар сухан,
Ҳаст фикри мо аз он маҳдудтар.

7 Гар кунанд он хунфишонҳо анҷуман,
Ҷумлаи қурбониёни Пулиё –
Куштаи аҳли Таруё, навҳазан,

10 Ки шуда дар ҷанги тӯлонӣ фано,
Ҳалқаҳои зар ба душман монда буд,
Ки набишта Ливию з-он бехато,
13 Он ҳама, мардум, ки ҳампоӣ намуд,
Аз паи Рубир Гвискарду ба разм
Боз онҳоро, ки сутхони вуҷуд,

16 Ҷуста дар атрофи Чипрону ба азм,
Ҷумлаеро, ки ба Талёкутзухок
Гашта буд пирӯз Алар бо макру ҷазм.

19 Гар наоянд он ҳама аъзои чок,
Дасту поҳои бурида, дар қиёс
Бо нуҳӯмин Булҷиё ҳеҷ аст пок.

22 Кай шавад сӯроху пора сатлу тос,
К-он чунон садпораву сӯрох буд,
Аз манаҳ то к... н-ш эзадношинос.

25 Рӯдаҳояш гашта байни по фуруд,
Дил, ҷигар он киссае, ки ҳар ғизо
Мешавад ахлот он ҷо, менамуд.

28 Чун бидид ӯ, ки нигаҳ дорад варо,
Синаашро ду дариду гуфт: «Бин,
Ман, чӣ сон худро даронам ҷо ба ҷо.

31 Кистӣ, к-аз пул нигаҳ созӣ ба мо,
Карда таъхиру тааллул эҳтимол,
Ё ба таъвиқ афканӣ вақти ҷазо?»

34 Гуфт устод: «Ӯ намурда то ба ҳол,
Ҷурм н-овардаст ин ҷояш кунун,
То шавад санҷидакору баркамол.

37 Мурдаам, амр аст бошам раҳнамун
Ман варо аз давр бар даври ҷаҳим,
Рост бошад ҳарфи ман бечанду чун».

40 Беш аз сад дӯзахӣ ранҷи алим
Бурда аз хотир, бидид аз жарфно
Сӯи ман, то осие гуфто: «Салим

43 Гар равӣ з-ин ҷою бинӣ меҳрро,
Дулчиноро гӯ, нахоҳад зудтар,
Гар паи ман ояд ин ҷо беибо,

46 Бештар хӯрок ҷамъ орад дигар.
То намонад зери барфи беадад,
Андар ин сурат насозандаш зафар».

49 Дигареро, ки гулӯ сӯрох буд,
Бинияш бубрида то абрӯи ӯ,
Дошт як гӯш, аз раҳаш истод шуд,

52 Пештар аз ғайр бикшодӣ гулӯ,
Кард ӯ бо соирин ҳайрон нигоҳ,
Буд гулӯяш ғарқи хуну пушту рӯ.

55 Гуфт: «Эй ки байни мои бегуноҳ,
Гар шабоҳат надҳадам ин дам фиреб,
Дидамат дар хоки Лотин гоҳ-гоҳ.

58 Бигзарӣ аз даштҳои дилфиреб,
Ёд ор аз Пер де Медисино,
Рафтӣ аз Варгил ба Маркобу нишеб.

61 Ту бигӯ бар мардуми хуби Фуно,
Бар Гвиду, Анҷулилои накӯ,
Нест ин ояндабинӣ гар хато,

64 Дар Католик бо фиреби кинаҷӯ,
Дар даруни кисаи барбастасар
Мераванд аз киштӣ бар дарё фурӯ.
67 Қибрису Моюрикои пурхатар,
Ҳам на Нептун ҳам на бахру роҳзан
Ҳеҷ нодида ҷиноят з-ин батар.

70 Хоини якчашм – раъси он ватан.
Он, ки мебинӣ маро андар канор,
Кош, хоинро надидӣ дар заман.

73 Ҳардуро хоҳад бари гуфтугузор,
Он чӣ созад, ки дигар назру дуо,
Назди Фукоро наоядшон ба кор».

76 «Ман бадон болонишинон беибо,
Ҳол гӯям, қиссаат гуфтам, бигӯ,
Кист ин марди ғамину дар ано?»

79 Даст он касро ба фук андохт ӯ,
Пас даҳонашро кушоду бонг зад:
«Ин бувад, натвонад аммо гуфтугӯ;

81 Бар Сизор он гаҳ нафӣ шуд раҳбалад,
«Ҳар касе омодаи кор аст, – гуфт, –
Гар дуранге кард, кай бинад мадад».

84 Куриюи тунд дар гуфтушунуфт,
Як забони пора андар ҳалқ дошт,
Буд парешонҳолу зору дар шигифт!

87 Дӯзахии дигаре чун барфарошт
Тиккаҳои бозуяш болои сар,
Хун ба рӯяш нақши олуда гузошт.

90 Бонг зад: «Доред аз Муско хабар,
Он ки гуфто: «Ҳар чӣ буда, вассалом,
Кишвари худро биовард ӯ зарар».
93 «Марг бар авлоди ту!» – кардам давом.
Чун ғаме бар ғусааш афзуда дид,
Пурғаму афсурдадил бардошт гом.

96 Ман миёни ҷамъ будам нопадид,
Лек дидам саҳнаеро дар назар,
К-оҷизам аз он кунам гуфтушунид.

99 Чун маро буд пои виҷдон роҳбар,
Ёри ғамхоре, ки мебахшад тавон,
То ҳақиқатро бигӯям сар ба сар.

102 Дидаму мебинам акнун ҳамчунон
Дар миёни ин ҳама баргаштабахт,
Буд тани бесар бар роҳи худ равон.

105 Он сари бубридаро медошт сахт,
Аз сари гесӯ чунон фонусро,
«Вои ман» мегуфт нолону карахт.

108 Худ чароғи худ буду сурат дуто,
Лек якто. Як вале дуто буд он.
Ин бидонад. Он ки ҳукми ӯ раво.

111 Зери пул бардошт дасташро чунон,
То сари хуншораш ояд дар назар,
То расад бар гӯши мо ҳарфаш аён.

114 Гуфт ин сон: «Омадӣ ин ҷо нигар,
Ранҷи ҷонкоҳи марову деҳ ҷавоб,
Метавон ёбӣ азобе з-ин батар?

117 То кунӣ дар он ҷаҳон аз ман хитоб,
Биртарон де Бурн ҳастам ёд дор,
Кард, к-ӯ шоҳи ҷавонро бадмаоб.
120 Кардаам ҷадду писар андар ниқор:
На бад он сон Аршитуфил бо риё,
Кард Довуд, Обасолун захмдор.

123 Кардаам пайвастагонеро ҷудо,
З-ин сабаб дур аст мағзи ман зи тан,
Он напайвандад ба тан ҳаргиз маро:

142 В-ин ҷазои ҷурми ман, подоши ман».

## СУРУДИ БИСТУ НУ{УМ

Касрати ин қавму захми гунагун
Дидагонамро ба мастӣ бурда буд,
Ки гиристан хостам зору забун,

«Ин шабаҳҳо ақлу ҳушатро рабуд?»
Гуфт Верҷилий,- ба ин жарфои ғам
Бингарӣ бар ноқисони баднамуд?

7 Булҷиёи дигарат н-овард алам,
Гар ту хоҳӣ бишмаришон сар ба сар
Даври он бисту ду мил асту на кам.

10 Моҳ дорад зери пои мо сафар;
Фурсате з-ин бештар морост, ку,
Боз бояд диданат чизи дигар».

13 Гуфтам ӯро: «Гар бидидӣ хуб ту,
Шояд изнам дода будӣ бешитоб
Бошаму андак бимонам назди ӯ».

16 Ман варо ин гуна мегуфтам ҷавоб,
Дур мегашту манаш дунболагир,
Даррасидам, то варо кардам хитоб:
19 «Гӯиё, дидам, ки дар гудоли зер
Рӯҳи хеши ман ба чашми гирявар
Мекашад он ҷо азоби ногузир.

22 «З-ӯ мабош ошуфта, – гуфтам роҳбар –
Дигаронро бингару ӯро бимон,
Зери пул ӯро, ки афтодам назар.

25 Бо сари ангушт медодат нишон,
Бо ғазаб таҳдид сахтат менамуд,
Он ки Ҷарри Дил Билу буд номи он.

28 Дигаре бас чашму ҳушат бурда буд,
Буд он фармонравои Алтуфурт,
Лоҷарам он кас бирафт аз роҳ зуд.

31 Гуфтамаш:«З-олам ба марги худ нарафт».
Нанги хуни ӯ ба хешу ақрабост,
Интиқоми марги ӯ бояд гирифт.

34 З-ин сабаб пиндорамаш хашми сазост,
Рафтани ӯ бесухан аз наздамон,
Дар дили ман бештар шафқат варост.

37 Мо ба ҷое даррасидем он замон,
Гар каме равшан будӣ жарфои зер,
Метавонистем бинемаш аён.

40 То фаро рафтем бар даври ахир,
«Мола Булҷӣ» савмаабиншастагон
Ҷумла буданд аз ҳамон ҷо чашмгир.

43 Нола мебишкофт манро ҷисму ҷон,
Ҳамчу пайконҳои аз ғам хӯрда об,
То бубастам гӯши худро дарзамон.
46 Ҷумла гирд орӣ маризи беҳисоб –
Дар тамуз аз Мормо, Валдикино,
Сурдиниё дар чунин умқи азоб,

49 Пас мусовӣ гашт хоҳад ин ано.
Бо ҳама гандидагию бӯи бад,
Ки биояд бар машом аз узвҳо.

52 Мо ба чап гаштем, пас бо раҳбалад
Омадем аз пул ба девори ахир,
Дидем он гудол бо чашмони худ.

55 Созад ичро Адли сустинопазир,
Ҳукми он фармонравои осмон
Бо тамоми ҷоили барнову пир.

58 Шуд фасод андар Ижино ҳам чунон
Мурда ҷондорону кирмон сар ба сар,
Гуфта аз он шоирони бостон:

61 Насли одам гашт боз аз мӯр сар.
Тӯда буданду парешон, ҳар куҷо
Ҷумла беморону арвоҳи башар.

64 Кас аз ин дидор мешуд дар ано,
Як парӯ, бар шона биншаста дигар,
Дигаре мерафт з-ин ҷо чорпо.

67 Бесухан будам аз он ҷо раҳгузар,
Сӯи беморон маро буд чашму гӯш,
Кӯшиши бархостаншон буд ҳадар.

70 Ду тане биншаста пушти ҳам хамӯш,
Ҳамчунон ду тобаи рӯи алав,
Пуста буданд аз ҷараб сар то ба дӯш.
73 Ман ғуломеро надидам, боҷилав
Хоҷаи худро бидида интизор,
Карда бошад аспро ин сон қашав.

76 Ҳар ду мекарданд худро хор-хор,
То даме аз хориш оромад бадан,
Бурда онон нӯки нохунҳо ба кор.

79 Пӯст меканданд узви хештан,
Ҳамчунон бо корд фалси симмаҳӣ,
Ё маҳии серфалси шӯртан.

82 Бо яке устод гуфт: «Эй ту гаҳе
Меканӣ худ пӯст бо ангушҳо
Ҳамчу бо анбӯр, оё огаҳӣ,

85 К-андар ин ҷо кас бувад з-Итолиё?
Кош бар посе, ки мегӯӣ хабар,
Кор ояд то абад нохун туро!»

88 З-он ду тан як тан бигуфто гирявар:
Ҳар ду лотиниву гандидем мо.
Худ, ки пурсонӣ, ки ҳастӣ, раҳгузар?»

91 Гуфт: «Бар ин зинда ҳастам раҳнамо,
Меравем аз сахра бар сахра фуруд,
То Ҷаҳаннам бинад ӯ бо дидаҳо».

94 Пас ду тан аз ҳам ҷудо гаштанд зуд,
Ҷониби ман дид дар тарсу ҳарос
Он гурӯҳе, к-ин сухан бишнида буд.

97 Гуфтам он гаҳ устоди раҳшинос:
«Ҳар чӣ хоҳишон бигӯй, бар лаб ор».
Кардам оғози сухан бо ин асос.
100 «Ёдатон дар даҳри аввал ёдгор
Бод андар хотири халқи саид,
Дар таҳи хуршедҳои бешумор!

103 Боз гӯедам, куҷоӣ, кистед,
Назди ман ҳаргиз набояд кард шарм
Аз азобу зиштию ҷисми палид.

106 З-Артазуям, андар оташ, – гуфт гарм, –

Олбарту де Сиенам барфиканд,
Лек ин ҷоям на бо ин айбу ҷурм.

Ман ба шӯхӣ гуфтамаш: «Донӣ, ки чанд
Мепарам дар осмон паррандавор».
Баски кӯдак буду камақлу лаванд,

Ӯ париш омӯхтан кард ихтиёр,
Чун нашуд Дедол, оне чун писар
Дӯсташ медошт, бифкандам ба нор.

Ҳаст Минус аз гуноҳам бохабар,
Пешаам, ки буд кимиёгарӣ,
Ҷо дар охир Булҷиё гаштам дигар.

«Чун сианоиҳо сабуксар дигаре
Нест, – гуфтам ман ба шоир, – аз башар,
Аз фаронсиҳо бувадшон бартарӣ!»

Посухам гуфто ҷазомии дигар:
Астарик мустаснӣ ояд з-ин миён,
К-ӯ ба харҷи муътадил буд пурҳунар;

Ҳам Никулу буд пеш аз дигарон,
Чошнӣ бар шираи мехак бизад,
То басо ҳосил гирифт аз гулситон.
Низ Кочо Ошёну мулки худ –
Боғҳо барбод дод аз базму сур
В-он Абалятто куҷо бар ӯ расад.

То шиносӣ ин кӣ бошад дар ҳузур,
К-ӯ ба танзи синиё пардохта,
Нек бин, бишнос, рӯҳи носабур,

Ман филизро кимиёӣ сохта,
Копукиёям, туӣ гар он нафар,
Ёд меорӣ, маро бишнохта,

Баски чун маймун будам ман пурҳунар».

## СУРУДИ СИВУМ

Рӯзҳое, ки Жунун пур хашм дошт,
Бар Тибиву Силмиву он хонадон,
Дар дилаш бисёр тухми кина кошт,

Отумосо бехирад шуд ончунон
Завҷаашро дид, дар дастон-ш буд –
Ҳар ду фарзандаш, ба сӯи ӯ равон,

7 Бонг зад ӯ: «Дом бикшоед зуд,
Модашеру баччашер ояд ба чанг!»
Баъд бераҳмона чанголаш кушуд,

10 То Лиоракро гирифту зад ба санг,
Кӯфту бишкаст, бо дигар писар –
Модараш ғарқонд худро бедаранг.

13 Бахт чун носозгор омад дигар,
Шишаи кибри Таруёро шикаст,
Кард мулку шоҳро зеру забар.
16 Ҳекубо мерафт асиру бастадаст,
Куштаи Пуликсинро чун бидид,
Ҳам писарро дар лаби дарёи маст.

19 Пулидурро – наъши фарзанди шаҳид,
Тира шуд аз дарду ранҷаш ақлу чашм,
Зӯзаҳо чун модасагҳо мекашид.

22 Дар Таруёю Тиба туғёни хашм
Гар сари инсону дад омад фуруд,
Он ҳама дар назди ин буд тора пашм.

25 Он ду рӯҳи танбараҳна, бенамуд,
Ҳамчу хуке, к-аз Тавила шуд ҷудо,
Медавиду тунду хашмолуд буд.

28 З-он яке бар гардани Копукиё,
Сахт зад дандони худ, к-аз дард ӯ
Бо шикам бар санг мезад хешро.

31 Ортинӣ кард бо ман гуфтугӯ:
«Ҷони Искикӣ бувад ин, мо зи ҷон
Сер з-ин девонаи даррандахӯ».

34 «Кош аз дандони ӯ бошӣ амон!» –
Гуфтамаш, – он аст ҳоло дуртар,
З-он дигар мегӯ маро ному нишон».

37 Гуфт: «Ин рӯҳи куҳан Мирраи ғар,
Дода худро ӯ ба ишқи нораво,
Шуд ҳариси нафсу ҳамхоби падар.

40 То кунад он ҷурму бинад ин сазо,
Худ зани дигар бикард ӯ бедаранг,
Чун касе, ки рафта бо макру риё,
43 То ки «Бону – галла»-ро орад ба чанг,
Ӯ васиятномаи қалбе навишт,
Худ Буузу сохта беору нанг».

46 Чун ду рӯҳи хашмгин з-ин ҷо гузашт,

Аз суи онон бикандам чашм зуд,
То тавонам дигаронеро нигашт.

49 Дидам оне, ки ба шакли чанг буд,
Гар буридӣ ҳар ду ронашро зи бун,
Ки аз он ҷо кас душоха менамуд.

52 Гашта з-обовардагӣ ҳолаш забун,
Норавон будӣ варо балғам ба тан,
Буд варам рӯю шикам аз ҳад фузун.

55 Ҳамчу беморе, ки сӯзаш дар бадан,
Як лабаш болою поин дигар он,
Ташнаи обу кушояд ӯ даҳан

58 Гуфтамон: «Аз чӣ шумо озодагон,
Бегуноҳ афтода дар явмулҳисоб,
Боз истодед, бинед – ин замон

61 Одум – он устодро андар азоб!
Зинда будам, ҳар чӣ хоҳам буд, буд;
Сӯзам акнун лек бе як қатра об.

64 Ҷӯйҳо, к-аз пуштаи сабзу кабуд,
Карда соҳилҳои худро чун чаман,
Рафта з-Арну бар Кузинтину фуруд,

67 Ҷилваҳо доранд дар чашмони ман.
Ёдашон хушконда рӯям бештар;
В-арна набвад дарди ман тоқатшикан.
70 Адли қаҳҳорам, ки озорад дигар,
Сохт тарзе маъсиятгоҳи маро,
К-аз дил оҳи сӯзнок орам бадар.

73 Ман ба Румно қалб кардам беибо,
Он филиз, ки нақши «маъмад» дар бараш,
Сӯхтандам, карда маҳкуми ано.

76 Бинам арвоҳи Гувиду, додараш,
Ҳам Алесандру, агар дар ин макон,
Ман Баранду бахш мекардам бараш.

79 Ҳақ бувад гар ҳарфи рӯҳи баднишон,
Ҳаст дар ин ҷо аз онон як нафар,
Нест суде, дасту поям нотавон.

82 Лек мебудам, агар чолоктар,
Банди ангуште хазам дар чанд сол,
Карда будам бегумон ин роҳ сар.

85 Ёбамаш то байни ҷамъи бадсигол,

Гарчи ним мил аст даври ин ҷарӣ,
Ёздаҳ мил аст арзаш айни ҳол.

88 Боиси онон бубинам кайфаре;
Буд се қирот нохолис аёр,
Ҳар гаҳе бар мис кашидам манзаре».

91 «Кистанд инон, – бигуфтам, – к-ин бухор.
Хезад аз танҳояшон чун фасли дай,
Як тараф афтода бо ҳам дарканор?»

94 Гуфт: «Ин ҷо, ки маро афтод пай,
Дидам ононро бад-ин аҳволи танг
То абад сокит бихобанд ину вай.
97 Зад яке тӯҳмат ба Юсуф бедаранг,
Дигаре Синуни Юнонӣ, ба таб
Ҳарду сӯзону бувад бадбӯю данг».

100 Он яке з-ин ҳарф омад дар ғазаб,
К-ин чунин зишташ бихонданду утул,
Мушт зад бар ишками дам аз тааб.

103 З-он шикам омад садо чун аз дуҳул;
Устод Одум ба мушти зарбазан
Бе талофӣ зад ба рӯи он забул.

106 Гарчи сангин шуд маро аъзои тан, –
Гуфт, – аммо метавонам зарба зад
Бо ҳамин бозу туро андар даҳан».

109 «Он гаҳе рафтӣ ту дар нори абад, –
Гуфт, – бозуят набуд ин гуна чуст,
Чуст буд дар сиккаҳои қалби худ».

112 Гуфт мустасқӣ: «Суханҳоят дуруст,
Дар Таруё кизб мегуфтӣ ҷавоб,
Ростгӯӣ душмани қаттоли туст».

115 Гуфт Синун: «Кизб агар будам хитоб,
Ту дурӯғин сикказан! Як айб ман
Дораму ҷурми ту бошад беҳисоб!»

118 Он дамида гуфт: «Эй паймоншикан
Аспро ёд овару каш ранҷу қин,
Ки хабар доранд аз он марду зан».

121 Гуфт юнонӣ: «Туро кайфар ҳамин:
Ташна бошию буридандат забон,
З-оби гандида шикам дам инчунин!».
124 Сикказан гуфташ: «Ту бикшоӣ даҳон
Гарчи тан пурбалғам астам, ташналаб,

З-ин сухан бошад туро аммо зиён,

127 Баски сарчархак туӣ, дар тобу таб,
Нест чандон даъватат кардан зарур,
То билесӣ шишаи Нарсис ба лаб».

130 Бурда будам ин сухан ҳушу шуур,
Гуфт устодам: «Чӣ созӣ, ёд дор,
К-аз ту дар хашм ояму қаҳру нуфур.

133 Ин сухан бишнида гаштам шармсор,
Дида сӯи устоди дар итоб,
Ки ҳанӯзам ҳаст ёдаш ногувор.

136 Чун касе, ки дида ваҳмангез хоб,
Хоҳад ин бошад фақат хобу хаёл,
Ҳастро чун нест хоҳад беазоб.

139 Низ ман мехостам узри вабол,
Ку маҷоли гуфтанам – гунги яқин,
Лек омурзида буд беқилу қол.

142 Устодам гуфт: «Шарме кам аз ин
Ҳаст ҷуброни хатои бештар,
Ҳайфу озармат набошад инчунин,

145 Гар шавем аз назди қавме раҳгузар,
К-он ба ҳам монанди ин овехтаст,
Гарчи ҳамроҳат манам, шав бохабар,

148 Ҳарфашонро гӯш додан – майли паст.

## СУРУДИ СИЮ ЯКУМ

Он забон, ки захм зад оғози кор,
То бишуд аз шарм рӯям пуршарар,
Боз он марҳамниҳӣ кард ихтиёр.

Найзаҳое, ки Ашиллу ҳам падар
Доштанд ин гуна буд, бишнидаам,
Дард медод аввалу дармон дигар.

7 Монда аз деворҳо боло қадам,
Рафтем аз он дарраи ранҷу тааб,
Бе сухан, хомӯш ҳарду пушти ҳам.

10 Дар назарҳо буд на рӯзу на шаб,
Дур пинҳон буд аз ҳадди нигоҳ;
Хест аз шайпур бонги пуршағаб.

13 Раъд ин гуна нағуррад ҳеҷ гоҳ,
Шӯри тундар дар қиёсаш ҳеҷ буд,
Сӯи он дидам мани ҳайратпаноҳ.

16 Хайли поки Шарл нобуд гашт зуд,
Наъраи шайпури Урланду чунон
Раъша кай овард дар ҷону вуҷуд.

19 Рӯ ба он сӯ  кардаму рифъатнишон
Дидам он гаҳ бурҷҳои бешумор,
Гуфтам: «Эй устод, чӣ шаҳр аст он?»

22 Гуфт: «Дар ин дури торикиасар
Ту ба нури чашм хоҳӣ рахна зад,
Фанд хоҳӣ хӯрд, бошӣ бохабар,
25 Мерасӣ наздику мебинӣ ту худ,
Чун ҳавоси мо кунад моро фиреб,
Пас каме биштофтан лозим бувад».

28 Дасти ман бигрифт устоди наҷиб,
Пеш аз он ки пештар оем мо,
Гуфт: «Хоҳӣ дид афроди аҷиб

31 Ин қатори бурҷ не – ифритҳо;
Ними болошон биёяд дар назар,
Ними поин аст зери чоҳ ҷо».

34 Соф гардад дудаи маҳ бештар,
Он чӣ пинҳон буд дар зери бухор,
Мешавад дар дидаи мо ҷилвагар.

37 Дур гаштам аз фазои пурғубор
Бар лаби чоҳ омадам, дидам аён
Саҳви худ, ваҳшат бикардам беқарор:

40 Чун ҳисори Мунтараҷюнӣ, ки он
Сар ба сар бурҷ асту дар дохил варо
Чоҳ гирдогирд бошад ҳамчунон,

43 Аз ғиреви «Ҷува», к-ояд аз само,
Карда боло ними аъзои вуҷуд
Ҷумла ифритон ба мисли бораҳо.

46 Он якеро рӯю шона менамуд,
Дидамаш ман синаю ними шикам,
Аз бараш овехта дастон-ш буд.

49 Кард некӯ, чун Табиат дам ба дам
Н-офарид аз ин дадон бисёртар,
То физояд лашкари Миррих ҳам.
52 Зод филону наҳангон бешумор,

Ин бувад мақбули ҳар равшаннигоҳ,
Баски суде ҳаст бар навъи башар,

55 Нест аз зӯроварӣ бадтар гуноҳ,
К-он бувад гар бохирад омехта,
Нест мардумро амон з-он ҳеҷ гоҳ.

58 Рӯи шайтон – коҷи баргаш рехта,
Чун зи кохи Пир назди Рум буд,
Устухонҳояш бало ангехта,

61 Зери девори чаҳе, ки менамуд,
Буд ними дев аз поин ниҳон,
Буд рӯи хок ниме аз вуҷуд;

64 К-он баланд аз се «фаризӣ» бегумон,
Аз гиреҳи зери боронии мард
То лаби гудол буд сӣ шибр аён.

67 Дев бикшода даҳон фарёд кард
Бас муваҳҳаш: «Рофили майи амак
Зобиат алмӣ», ки гӯш омад ба дард.

70 Раҳнамо гуфтам, ки: «Рӯҳи бедарак,
Карнаятро каш, агар дорӣ ғазаб,
Медиҳӣ худро тасалло кам – камак.

73 Боз ҷӯ дар гардани худ он канаб,
То биёбӣ, рӯҳи сарсон, карраной
Бар ба даври синаат дасти талаб».

76 «Мекунад худ бо забон маҳкуми рой, –
Ҷурми Намруд аст, – гуфто устод, –
Ки набошад якзабона ин сарой.
79 Мо ба пешу ӯ ба ҳоли хеш бод:
Баски лафзеро нафаҳмад, ҳамчунон
Дигаронро ҳарфи ӯ набвад ба ёд».

82 Лоҷарам гаштем сӯи чап равон,
Буд ифрите ба ҷои тиррас
Тундхӯ, пурхашмтар аз он дадон.

85 Чун варо дар банд овардаст кас?
Буд бозуи чапаш занҷирбанд,
Рӯи сина, росташ баста ба пас.

88 Ӯ зи гардан то ба поин дар каманд,
Ними пайдои танашро панҷ бор
Буд гирдогирд печонида банд.

91 Раҳнамоям гуфт: «К-ин ифрити ҳор

Бо «раб-ул-арбоб» – он болонишин,
Панҷа зад,  муздаш бувад бар ин қарор.

94 Ин Фиалтис; чун худоёнро зи кин
Дар ҳарос афканд бо ифритҳо,
Даст ҷунбондан натонад баъд аз ин».

97 Ман бад-ӯ гуфтам: «Агар бошад раво
Шакли Барёра бидидан аз қариб,
Нохушандоми варо бо ман намо».

100 «Дидани Онта туро гардад насиб, –
Дод посух, – нест дар занҷир ӯ,
Таҳ ниҳад моро дар ин ҷойи муҳиб.

103 Он ки хоҳӣ дуру андар зер ӯ,
Мисли он ифрит дар банду намуд,
Лек аз он ҳам ваҳшию даррандахӯ».
106 Зилзила ҳаргиз наларзонида буд,
Бурҷро он сон, ки медодӣ такон
Ин Фиалтис бо ғиреваш зуд-зуд.

109 Беш тарсидам ман аз марг он замон,
Гар надидам бар тани ифрит банд,
Буд он вақти ҳалокам бегумон,

112 Рафтем аз он ҷо ба роҳи хеш чанд,
Дидем Антуро зи чаҳ ниме бурун,
То сараш тан буд панҷ аршин баланд.

115 «Эй ки дар дашти саодатбахш чун
Зистӣ, Сипюнаро пирӯз сохт
Сарнавишташ, карда Ҳонибал забун, –

118 Шери бисёре зи дастат ҷон бибохт,
Гар дар он пайкор, пиндорад башар,
Бо бародарҳош дӯшодӯш тохт,

121 Зодагони Хокро будӣ зафар,
Зери Қӯшитуи яхбаста фурор
Беғазаб моро кунун ту зудтар.

124 Тисусу Тифу намеоянд кор:
Ин ки бинӣ, бидҳадат бахше гарон,
Хам бишав, аз рӯйтӯршӣ даст дор.

127 Созадат номовари номоварон.
Баски дер ӯ зиндагӣ хоҳад намуд,
То нахонад эзидаш аз ин ҷаҳон».

130 Гуфт устод; он дигар биштофт зуд,

То варо бардошт бо даст аз замин,
Он тавон Ҳаркӯл худ ҳам дида буд.
133 Верҷил шуд дар кафи ӯ ҷогузин,
«Пештар о, – гуфт, – баргирам ба бар»,
Кард оғӯшам ба дасти оҳанин.

136 Ҳамчу Корисинда ояд дар назар,
Ки сараш гоҳи убури абру дуд,
Хам намояд андаке сӯи дигар,

139 Ҳамчунон Онта ба тори сар намуд,
То бидидам, кардам аз тарс орзу,
Кош роҳи дигаре буд бар фуруд.

142 Ӯ сабук бинҳод бар асфал фурӯ,
Ки Яҳудо, Лусифар буданд ҷо,
Пас дубора қоматаш бардошт ӯ,

145 Аз хамӣ чун тири киштӣ бар фазо.

## СУРУДИ СИВУ ДУВУМ

Қофия буд пурниҳебу ҷонгазо,
Гар чунон, к-ин вартаро боистӣ,
К-он бувад такя ба дигар сахраҳо,

Фикри худ суфтан чунон шоистӣ;
Чун надорам ман пасованде чунин,
Ҳарфи ман ҷуз тарсу ваҳме, чистӣ?

7 Бохабар, тавсифи асфалсофилин
Нест коре, ки сабук пиндорияш,
«Момаю» «бобо» бигуфтан нест ин.

10 Дорад арзон, кош, Бону ёрияш,
К-Амфиюнро дошт, то созад Тиба,
То кунам мадҳу сано ҳаққорияш.
13 Ҷумла малъунон, ки бо ҳоли табаҳ,
Сокин ин ҷоед, аз рӯзи азал
Гӯсфанду буз агар будед беҳ!

16 Хешро дидем дар чоҳи ақал;
Умқи зулмонию ифрити тиҳӣ,
Гирди чаҳ буд ҳайратафзо бебадал,

19 Дод ногаҳ одамиям огаҳӣ:
«Зери по бингар! Ки бар сарҳои мо –
Додарони тирарӯзат по ниҳӣ!»

22 Пушти сар баргаштаму дар зери по,

Кӯли яхбандӣ бидидам чун булӯр,
Ях на обӣ, шишагун будӣ варо,

25 Дар Дунаб, Утришу, Тоноиси дур
Нест ҳатто дар зимистонҳои сард
Қишри ях ин сон захиму сахту зӯр;

28 Томбирник, Питрапоно нест хурд
Ҳардуро якҷоя, лек орӣ фуруд,
Рӯи ях асло нахоҳад қирсӣ кард.

31 Хушачиниҳои зан дар хоб буд,
Ғукҳо ҳам пӯзашон монанди он
З-об бардоранд баҳри бонг зуд,

34 Ҳамчунон арвоҳи осӣ буд ниҳон
Зери ях то ҷилвагоҳи шарму ор
Рӯи ҳам мехӯрд дандонҳояшон

37 Ҳамчу нӯли лаклакон, бо ҳоли зор
Дар даҳон буд ҳисси сардӣ сахтасар,
Дар ду чашм эҳсоси ранҷи бешумор.
40 Дида ҳар сӯ, зери по кардам назар,
Дӯзахӣ дидам ду тан ҷафсу қарин,
Ки ба ҳам печида будшон мӯи сар.

43 «Синаафшорон ба ҳамдигар чунин
Кистед, охир, – бигуфтам, – рӯ ба мо
Кардаву гардан кашида бас ҳазин,

46 Аз ду чашм афтод чун ашки ано,
Дар замон аз фарти сармо ях бубаст,
То ба ҳам часпид пилки чашмҳо,

49 Ки ду чӯб ин гуна ночаспидааст.
Лоҷарам гаштанд хашмин ду нафар,
Чун ду қӯчи шох бар шохею маст.

52 Гӯшсармобурда осии дигар
Гуфт бо ман: «Ин чӣ густохист, ҳон,
Ки барандозӣ ту моро сар ба сар?

55 Гар ту мехоҳӣ шиносӣ он ҳамон
Даррае, к-аз Биснузу сар мешавад,
Буд зи эшон, Олбарто – ҷаддашон.

58 Ин ду додар зодаи батне бувад,
Ҷӯӣ ар Қобилро ҳам ҳар тараф
Нест рӯҳе мислашон, ки ях бизад.

61 На ҳамон, к-Артур шаҳ шуд чун ҳадаф,

Сояву ҳам синааш бишкофтаст
Ин Фукаччо, на дигар он бешараф,

64 Ки сараш пеши нигоҳамро бубаст,
Ном-ш Сосул Мускурунӣ буду ту
Гар ту Тусконӣ бувӣ, донӣ, кӣ ҳаст.
67 То нахонӣ дигарам бар гуфтугӯ,
Ман Камисуни де Путзи интизор
Корланоро, кам шавад ҷурмам аз ӯ».

70 Рӯкабуд дидам зи сармо бешумор,
З-ин сабаб ҳар кӯл яхбаста бувад,
Созадам дар ларзаву дилбеқарор.

73 Раг ба раг ларзон зи сармои абад,
Раҳ ба сӯи марказе бурдем зуд,
К-он чӣ дорад вазн, рӯяш оварад.

76 Буд тасодуф, амд ё тақдир буд,
Ногаҳон по кӯфтам ҳини гузар
Ман ба рӯи он ки андар зер буд.

79 «Аз чӣ мекӯбӣ лагад, – нолид сар, –
Мунтапартиро кашӣ ё интиқом,
Аз чӣ ранҷам мекунӣ бисёртар?»

82 Гуфтам: «Эй устод, лахте дор гом,
То ки аз тардиди ин оям бурун;
Меравам пас бошитоби бардавом».

85 Раҳнамо истод, бо сӯзи дарун
Гуфтам онеро ки гуфтӣ носазо,
«Кистӣ, ки мезанӣ таъни фузун?»

88 Дод посух: «Кистӣ худ, беибо
Бигзарӣ, к-аз Онтанурою чунон
Сахт мекӯбӣ лагад бар рӯи мо?»

91 Посухаш додам, ки: «Ҳастам зиндаҷон,
Гар туро номоварӣ бошад умед,
Сабт хоҳам кард номатро, бидон».
94 Хоҳам акси он ки ду гӯшам шунид, –
Гуфт, – рав з-ин ҷо, наёзорам ту беш,
Чораи таълифи мо н-ояд падид».

97 Ман варо бигрифтам аз мӯи пареш,
Гуфтамаш: «Андар сарат як тор ҳам
Мӯ намонад, то нагӯӣ номи хеш!»

100 В-ӯ ба ман гуфто: «Агар мӯи сарам
Меканӣ ҳар тор, кай гӯям ҷавоб,

Гар занӣ лак-лак лагад ҳам дам ба дам».

103 Ҳалқаи мӯяш ба дастам дода тоб,
Ман ба зӯрӣ кандамаш аз тори сар;
Сар ба зер ӯ зӯза мезад аз азоб.

106 Дӯзахие бонг зад: «Буко дигар
Буд дондонсоиҳоят ҷонгудоз,
Боз аккас мезанӣ, ҷин зад магар?»

109 «Посухатро, – гуфтамаш, – набвад ниёз –
Зиндагонро ман хабар бидҳам зи ту,
Хоини малъун, шавӣ шарманда боз».

112 Гуфт: «Гум гав, ҳарчӣ мехоҳӣ, бигӯ,
Гар аз ин ҷо пои ту берун шавад,
Ёд кун з-ин лаққию аҳволи ӯ.

115 Ранҷаш аз пули фаронсуён бувад,
Гӯй: «Дуиро бидидам, мекашид
Дар яхистон кайфару ранҷи абад».

118 Боз пурсандат, киро чашмат бидид,
Дар канорат Бикриё дорад азоб,
Ки фулуронӣ гулӯяшро бурид;
121 Ҳоли Ҷони ди Сулландонир хароб
Дар канори Голинул, Тобалдулоҳ,
К-ӯ дари Фоин кушудӣ айни хоб.

124 Мо ба дур аз дӯзахӣ бурдем роҳ,
Дида андар чаҳ ду рӯҳи яхзада,
Ки якеро сар ба дигар буд кулоҳ.

127 Ончунонки гушна бар ҷон омада
Нон хурад, болосараш дандон занад,
Бар буни гардан, ба мағзи таҳ буда.

130 Тида гоҳи хашм, хашми беҳудуд
Чаккаҳои Монилипурро чунон
На ҷавида аз ғазаб, нагзида буд.

133 Гуфтамаш: «Ӯро ки ҳамчун душманон
Мехурӣ бо кинаи сахте, бигӯ,
Аз чӣ ин сонаш кунӣ озурдаҷон,

136 Шикваи ту гар ба ҷо бошад аз ӯ, –
Чун бидонам кистӣ, ҷурми ту чист,
Рӯи дунёят диҳам музди накӯ.

139 То забонам аз сухан вомонда нест».

# СУРУДИ СИВУ СЕВУМ

Дӯзахӣ бас кард хӯрдан, пок кард
З-он ғизои нафратангезаш даҳон,
Бо муи он сар, ки хӯрду чок кард,

Гуфт: «Хоҳиям аз он ранҷи гарон,
Лаб кушоям ман ба гуфтори муҳиш,
Ки хаёлаш мефизояд ранҷи ҷон.
7 Гар сухан базре бувад, ки мевааш
Нанги хоинест, к-ӯро мехурам,
Гирярӯ мегӯямат бо дарду ғаш.

Аз куҷою кистӣ мебингарам,
10 Мениюшам чун туро ҳарфу сухан
Тускание буданат пай мебарам.

13 Будаам Кунт Угулан ман як заман,
Дигар ускуф Руҷирӣ андар канор,
Гӯям аз ҳамсоягони хештан.

16 Эътимодаш доштам дар рӯзгор,
Лек зиндонам бикард ин бадниҳод,
Пас ба коми марг додам ихтиёр,

19 Моҷарои талхи маргам ёд бод,
То ту донӣ, чун надонад ҳеҷ кас,
К-ӯ маро чун ранҷу озоре бидод.

22 Танг девори шикофи он қафас –
Ном пас бигрифт Бурҷи Гушнагон,
Дигаронро мешавад зиндон сипас.

25 Шаб зи равзан дидаам маҳро нишон,
То шабе кобус дидам, ногувор;
Пардаи ояндаро бидрид он.

28 Буд ӯ сардастаи аҳли шикор,
Пушти Луко, теппаи аз чашм дур
Кард сайди гургу насли ширхор.

31 Аз паси сагҳои мода, чусту зӯр,
Говаланди, Сисмундиҳо давон,
Низ Лонафрокиёни носабур.
34 Ҷони фарзандон, падар кай монд амон,
Аз таоқиб хаста гаштанду халид
Тез дандоншон ба лаҳму устухон.

37 Норасида субҳ, гӯшам мешунид
Сӯги нонхоҳии фарзандон ба хоб,
Гушнамон медошт бас он мустабид.

40 Бесиришк орӣ чу бар ин қисса тоб,
Гар нагирйӣ, з-он чӣ бар ҷонам гузашт,
Пас бигирёнад чӣ сон дарду азоб?

43 Бачаҳо бедору шаб ҳам рӯз гашт,
Вақти хӯрок омад аз мо ҳар нафар
Хоби худ дар ёд бар дар менигашт.

46 Лек овоз омад аз зерина дар;
Мехкӯбаш менамуданду ба ғам
Ман ба рӯи ҳар писар кардам назар.

49 Ман набигристам, бишуд сангин дилам;
Гирявар фарзандҳо; Анселмучо:
«Эй падар, – гуфто, – чӣ бинӣ бо алам?»

52 Ман тамоми он шабу рӯзи Худо
На сухан гуфтам, на ашкам омада,
То бизад сар шоми дигар дар само.

55 Чун шуое тофт бар он ғамкада,
Дида рӯи чор тан фарзанди хеш,
Ёфтам ман низ ҳолам чун буда.

58 Даст бо дандон газидам, гашт реш,
Ҳар яке пиндошт хоҳам хӯрданӣ,
Як писар аз дигаре мегуфт пеш:
61 Гар падар ту кам ғами мо карданӣ,
Ҳар яки моро бихӯр, азбаски ту
Додӣ ин танро, тавонӣ бурданӣ».

64 То наозорам шудам оромхӯ,
Дар хамӯшӣ шуд ду рӯзи бемазод,
Эй замин, аз чӣ набурдимон фурӯ!

67 Рӯзи чорум зери пои ман фитод,
Бехабар Годду: «Падарҷонам мадад
Кун ба ман!» гуфту ба ҳасрат ҷон бидод.

70 Ҳамчуноне чашми ту бар ман бувад,
Дидаам ман марги боз он се писар,
Рӯзи панҷум ҳам шашум бо чашми худ.

73 Тира шуд чашмону кардам ламс сар,
Боз ман бо ном хондамшон ду рӯз,
Гушнагиям кард пас ранҷуртар.

76 Ин бигуфту бо нигоҳи кинатӯз
Чун саги гушна, ки хояд устухон
Хаст дандонаш ба мағзи тирарӯз.

79 Оҳ Пизо, нанги ин зебомакон,
Ки дар он гӯянд, «си!», дар ҳукми ту
Гар тааллул дошта ҳамсоягон,

82 Копроё, Гургуно ҷунбанд, бӯ,
Дар масабби Орно созанд сад,
То дар он ғарқанд халқи зиштхӯ!

85 Кунт Угулан зуд гар бо дасти худ
Хоинони қалъаро бар хасм дод,
Ранҷи фарзандони ӯ ҷоиз набуд.
88 Эй Тиба, дорӣ ҷавонишон ба ёд,
Ҳам Угуччуна, Баригото надошт
Чун дуи дигар гуноҳе дар ниҳод.

91 Ҷониби пеш устодам по гузошт,
Назди худ дидем халқеро, ки он
Тан саропо зери ях вожуна дошт.

94 Аз гиристан боз дорад ашкашон,
Раҳ наёбад бар бурун дарду ано.
Таҳ равад, афзун кунад ранҷи гарон:

97 Дар замон ях баста ашки дидаҳо,
Чун ниқоби шишагин буд дар назар,
Зери мижгон пур  намуда чоҳро,

100 Рӯй ях кардам зи сармо бехабар
Ҳамчу захми кабрабаста ногувор
Гашта буд маҳруми эҳсосе дигар.

103 Гӯиё боде вазон буд аз канор,
Гуфтамаш: «Устод ин бод аз куҷо?
Чунки хомӯш аст ин ҷо ҳар бухор?».

106 Ӯ бигуфтам: «Меравӣ ҳоло фаро,
Чашми ту бар пурсишат гӯяд ҷавоб,
Аз куҷо ин бод гардад ибтидо».

109 Дӯзахие кард аз яххо хитоб:
«Эй шумо, арвоҳи асфалсофилин,
Рафта он ҷо, ки кашед аҷзу азоб,

112 Парда бардоред аз рӯи ҳазин,
Пеш аз он ях бандад ашки чашми ман.
Дил тиҳӣ созам даме з-он дарду қин».
115 Гуфтамаш: «Хоҳӣ чунин, мегӯ сухан,
Хеш бишносон, таҳи ях меравам
Гар дурӯғе гӯямат бешакку занн!»

118 «Роҳибам, – гуфт – Албариго мешавам –
Мевае аз шохи зиштию бадӣ,
Киштаи худ ман дар ин ҷо бидравам».

121 «Эй шигифто! – гуфтамаш, – мурда будӣ?»
Посухам дод ӯ: «Намедонам чӣ ҳол
Бар сари ҷисми ман он ҷо омадӣ,

124 Баски андар Тулама бекилу қол
Пеш аз он ки рӯҳи касро Атрупус
Даст гирад, гардад ин ҷо интиқол.

127 То зи рӯям пок созӣ бефусӯс
Ашки яхро, дон, ки рӯҳи муртакиб
Гар чу ман ҷурме кунад сахт обнус.

130 Меравад шайтон ба ҷисми муншаиб,
Мезияд он ҷисм бо фармони дев,
Бигзарад то умри бар тан мунтасиб.

133 Рӯҳ меафтад ба луҷҷа боғирев,
Ҷисми хокии яхинрӯҳ эҳтимол
Мекунад он ҷо ба мардум макру рев.

136 Тозаомад бошӣ, огоҳӣ зи ҳол:
Ин бувад рӯҳи Баронко Д-урё:
Бастаи зиндони ин ҷо чанд сол».

139 «Ришханде мекунӣ, – гуфтам, – ба мо,
Бас Баронко Д-урё бошад ҳаёт,
Нӯшаду хобад, хурад, пӯшад қабо».
142 Гуфт: «Мишел Зонча, ҳоло з-ихтилот
Тан дар он гудоли пурқатрон надошт,
Буд зи бадчанголҳо андар наҷот,

145 К-ӯ тани хокӣ ба шайтоне гузошт,
Омад ин ҷо: ҳамқарини ӯ дигар
Низ кард ин сон, ки ҷурм ин гуна дошт.

148 Даст пеш ору маро бишко назар!»
Ҳеҷ накшудам ба каф чашми варо,
Чун набудаш хайр, мекардам-ш шар.

151 Эй ҷануиҳо, разоил – ошно,
Аз фазоил бенасибу бехабар,
Ин замин кай мешавад пок аз шумо?

154 Аз бади рӯмониёрӯхе батар
Аз шумо рӯҳе ба чашми ман намуд,
К-ӯ ба яххои Касит шуд ғӯтавар.

Ҷисмаш аммо рӯи дунё зинда буд?

## СУРУДИ СИВУ ЧА{ОРУМ

Рояти шоҳони дӯзах сӯи мо
Мерасад, – гуфт устод, – ар метавон
Доданаш ташхис, бин рӯ бар фаро.

Шоми торику ҳилоли маҳ чунон
Рӯи дунёро гирифта буд ба бар;
З-осиёби дур, гӯ, дидам нишон.

Ман панаҳ бурдам ба пушти роҳбар
Аз шамоли тунду аз тарси ҳалок,
Чун набуд он ҷо панаҳгоҳи дигар.
Омадем он ҷо, ки васфаш бимнок,
Ҷумлаи арвоҳ буд пӯшидарӯ
Зери шиша чун пари каҳ, чун ситок.

Истода, хуфта дар пушту парӯ,
Сар ба поён, по ба боло ях зада,
Чун камон сарро ба по бурда фурӯ,

Рафтем андак, раҳнамо пеш омада
Рӯи онеро ҳамедодам нишон,
К-ӯ замоне мазҳари зебо буда,

Рафт аз наздам, ман истодам чунон,
Гуфт: «Ин Дитост в-ин ҷоест ту,
Ки далерият кунӣ бояд аён».

Аз табу тобам макун ту пурсуҷӯ,
Дигар, эй хонанда, зеро ҳар сухан,
Қосиру суст аст дар тавсифи ӯ.

Бас на мурда будаму на зинда ман,
Пас бидон, маҳрум аз он маҳрум аз ин,
Ман чӣ ҳоле доштам дар он заман.

Подшоҳи он диёри ранчу қин,
Дошт ними синаро аз ях бадар,
Ҳеҷ ифрите набуд бо ӯ қарин,

Дар азимӣ, баски ифрити дигар;
То миён меомадаш, з-ин қисм ту
Кун қиёс ӯро, ки донӣ хубтар.

Хуб буд, акнун чунон бадрӯст ӯ,
Мояи зиштист ҳоло, беибо,
Бар илоҳӣ кард, охир, турш рӯ.

37 Ҳайратам афзуду гаштам бесадо,
Чун сараш дорои се сурат намуд,
Сурхрӯ буд сурати аввалнамо.

Пас ду сурат, ки бад-он пайваста буд,
Мебаромад аз миёни китфи он,
Ҳар се дар боло ба ҳам вобаста буд.

43 Рост рӯям буд сафеду заъфарон,
Ранги чап чун мардуми он сарзамин,
Ки дар он ҷо Нил мебошад равон.

46 Зери ҳар сурат ду боли саҳмгин
Руста буд шоистаи мурғи калон,
Кай ба дарё бодбон дидам чунин.

49 Ҳамчу боли шабпарак бепар буд он,
Чун ҳамеҷунбондашон аз зери бол,
Мешудӣ се риштаи боде вазон.

52 Кучито ях баста буд аз ин шамол,
Ашки он шаш чашму хуноби даҳан
Рехт бар се шонааш бо иттисол.

55 Дошт дар ҳар ком осӣ мумтаҳан
Ҳамчу чархе, ки кунад шаҳдона хурд,
Дастосе ранҷа медиду шикан.

58 Пешӣ аз дандон чунон ранҷе набурд,
Чун пасӣ, ки зарби шайтонаш забун
Карда пушташ, пӯст бо хун месутурд.

61 Гуфт раҳбар: «Ранҷи ин аз ҳад фузун,
Исхариюти Яҳудо аст ӯ,
Сар ба коми деву по андар бурун.
64 З-он дуи дигар, ки сар дорад фурӯ,
Ин- Бурут; аз фуки дев овехта,
Печутобе мехурад бегуфтугӯ.

67 В-он дигар – Кассий – ситабру рехта.
Лек шаб омад; бишуд ҳангоми рафт;
Дидаем арвоҳи нофарҳехта.

70 Дастро бар гарданам андоз, гуфт,
Интихоби вақт карду ҷойгоҳ,
Болҳо бикшуд чун деви бадафт,

73 Чанг зад паҳлуи пурпашми сиёҳ,
Аз сари мӯе ба зер овехт он,
В-аз миёни мӯю ях бигрифт роҳ.

76 Дар раҳи худ чун расидем мо ба рон,
Сар ба сӯи пои шайтон кард боз
Хастааҳвол устоди роҳдон.

79 Пас чу он кас ки равад сӯи фароз
Гашт овезон ба мӯ, кардам гумон
Бар ҷаҳим устод рӯ овард боз.

82 Мекашид усто нафас чун хастагон,
Гуфт: «Маҳкам дор, гардем мо бадар,
З-ин диёри зишт бо ин нардбон».

85 Рафт аз сӯрохи харсанги забар,
То нишонд андар канори он маро,
Сӯи ман омад ба иқдоми зафар.

88 Чун ба шайтон, ман назар кардам фаро,
Буд гумонам боз мебинам чунон,
Дидам, аммо сарнагун боло ду по.
91 Одаме, к-асло надонад ман чӣ сон
Роҳ рафтам, омадам ин ҷой низ,
Дилпарешонам кунад ин дам гумон.

94 Гуфт устодам: «Кунун бар по бихез,
Роҳи ноҳамвор дорему дароз,
Шамс аз ними саҳар карда гурез.

97 Ҷои мо буд ғор, на толори боз,
Буд ноҳамвор сатҳаш аз дарун,
Ҳам намеомад фурӯғе аз фароз.

100 Гуфтам: «Эй устод, по монам кунун
Ҳамраҳи ту зуд з-ин жарфи азоб,
Гӯ ба ман то аз хато бошам бурун,

103 Бахри ях ку? В-ин чӣ дарди беҳисоб,
Ки биистад доимо вожуна ин,
Чун расид аз шом то бом офтоб?»

106 Дар гумонат, мо дар он сӯи замин, –
Ки ба кирм овехтам, он ҷо, – бигуфт,
К-ӯ замин сӯрох карда ҳамчунин,

109 То танам вожуна поин гашту рафт,
Будӣ он ҷо, пас, гузаштӣ з-он миён,
Ки ҳама анҷом рӯ он сӯ бихуфт.

112 Бар фарози туст тоқи осмон,
Моваро тоқи баланду хушк буд,
Дар таҳи он зод маъсуми ҷаҳон.

115 Зист маъсуму ҳамон сон кушта шуд.

Курраи хурд аст ҷои истод,
Ними дигарро Яҳудо хон ту худ.
118 Чун ғуруб он ҷост, ин ҷо бомдод;
В-он ки пашмаш сохт бар мо нардбон,
Дар ҳамон ҳол асту андӯҳи зиёд.

121 Дарфитод ӯ як замон аз осмон,
Ин замин, ки дошт дар ин сӯ қарор.
Кард дарёро ҳиҷоби худ пасон,

124 То бишуд дар кураи мо устувор
Ин замине, ки бубинӣ тори сар,
Худ ба боло рафт, карда з-ӯ фирор».

127 Буд зи Билизбут ҷое дуртар,
Дар дарозои дафина он макон
Ки ба осонӣ наояд дар назар.

130 Аз садои ҷӯйборон метавон
Лек пай бурдаш, ки зери санг буд,
Сангро бишкофту ҷӯ шуд равон.

133 Раҳнамою ман ниҳода пой зуд,
То ки бозоем бар дунёи нур,
Ҳеҷ ороме надода бар вуҷуд;

136 Ӯ зи пешу ман зи пас рафтем ҷӯр,
Дидем аз он сӯи равзан мо нишон
Оқибат аз паҳнаи зебои дур;

139 Ахтарони шӯъларези осмон.

## ДАНТЕ ВА ШО{КОРИ БЕЗАВОЛИ Е

Таърихи адабиёти башарӣ то имрӯз се шоирро аз бузургтаринҳои шеъру адаб эътироф кардааст: Ҳумер, Данте, Шекспир. Пас аз ҷашни ҳазораи Фирдавсӣ ба ЮНЕСКО пешниҳод шуда буд, ки амри ҳақ ва адолат мебуд, агар «Шоҳнома»-сарои беназири машриқзамин ҳам дар сафи ин бузургон ҷой мегирифт. Моҳияти хизмати Фирдавсӣ дар шеъри форсизабон аз хизмати он се бузурги аввал, ки дар адабиёти халқи худ ва Урупо карданд, кам набошад ҳам қахрамонии шоиронаи Фирдавсӣ алҳол шуҳрату овозаи дунявии онҳоро пайдо накардааст. Шояд сабабаш дар он бошад, ки кишварҳои Урупо нисбат ба Осиё озодонатор мезистанд, инкишоф ва тараққиашон бештар буд ва аз ин рӯ, тавонистанд, ки дастовардҳои фарҳангиашонро ҳам дар рӯи дунё фарох ва хубтар ташвиқ кунанд.

Агар Фирдавсӣ ба ин саф дохил шавад, мавқеи Данте аз ҳама беш ба ӯ монанд хоҳад буд, зеро ҳарду бо як асар, Данте бо «Мазҳакаи илоҳӣ» ва Фирдавсӣ бо «Шоҳнома» зикр хоҳанд шуд.

«Мазҳакаи илоҳӣ»-и Данте дар аввалҳои асри XIV ба вуҷуд омада, мубориза҃ҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва мадании Итолиёро инъикос карда, аз назари фалсафаи пандомӯз ва бадеияти ороста аз беназиртарин, шевотарин офаридаҳои қареҳаи инсонист. Он дар ҳудуди ду замон – кӯҳна ва нав дар Урупо ба вуҷуд омада, барои ҳама чун асари ҳамеша тару тоза боқӣ монд.

Фридрих Энгелс навишта аст, ки: «Охири асри миёнаи феодалӣ ва аввали замони муосири капиталистӣ бо симои азиме нишон дода шудааст. Ин – Дантеи итолиёвӣ охирин шоири асри миёна ва дар айни ҳол аввалин шоири даврони нав мебошад».[1]

Дар асрҳои миёна асарҳоеро, ки бо услуби олӣ дар мавзӯъҳои қаҳрамонӣ, фоҷиавӣ ва ба забони лотинӣ навишта мешуданд, фоҷиа (трагедия) ва асарҳоеро, ки бо услуби миёна, васат ба қалам мемонанд, мазҳака (комедия) меномиданд. Данте асарашро «Мазҳака» ном дода, ба услуби миёна эҷод шудани онро таъкид карда буд. Аз итолиявии бузурги дигар Бокаччо, яке аз асосгузорони адабиёти замони эҳё дар Урупо, муаллифи «Декамерон» сар карда, ба номи «Мазҳака»-и Данте сифати «илоҳӣ» ҳамроҳ шуд, ки барҳақ буд ва минбаъд ин асар бо ҳамин ном «Мазҳакаи илоҳӣ» дар ҷаҳон шуҳрат ёфт.

Ҳарчанд маъруфияти «Мазҳакаи илоҳӣ»-ро эҳтиёҷи таъкиди махсус нест, ҳамин қадарашро қайд кардан басанда аст, ки дар бораи як худи қисмати «Дӯзах»-и ин асар, ки аз 4720 мисраъ иборат аст, ба забонҳои гуногуни дунё наздики сад ҳазор шарҳу тафсир, китобу рисола, мақолаву таҳқиқот ба қалам омада аст. Оид ба худи «Мазҳакаи илоҳӣ» қариб 10 ҳазор ҷилд китоб таълиф ва он қариб 800 маротиба ба забонҳои мухталиф баргардонида шудааст.

Гирем фақат дантешиноси русро. Дар он дар давоми камтар аз 200 соли охир ду ҳазор тадқиқоти калону хурд навишта шудааст, ки зиёда аз ҳаштсад номгӯи он ба давраи Шӯравӣ тааллуқ дорад. Бештар аз 70 нафар шоиру тарҷумон ба тарҷумаи пурра ва нопурраи асарҳои Данте ва асосан «Мазҳакаи илоҳӣ» машғул шудааст. Аз соли 1966 дар Шӯрои илмии таъриху фарҳанги ҷаҳонии Академияи илмҳои ИҶШ комиссияи доимӣ дантешиносӣ амал мекард. Вай он вақт шаш ҷилд татқиқотро аз силсилаи «Дантешиносӣ» ба табъ расонида буд. Дар ҳамин ҷилдҳо тарҷумаи тозаи «Мазҳакаи илоҳӣ», ки маҳсули қаламӣ олим ва тарҷумон А. Илюшин мебошад, ба табъ мерасид. Ин дар ҷумлаи тарҷумаи М. Лозинский, ки аз тарафи дантешиносон барҳақ «қаҳрамонии эҷодӣ» ном гирифта, соли 1946 бо мукофоти давлатии дараҷаи аввал ИҶШ қадр карда шудааст, кӯшиши бори дигар ба ин асари безавол амиқ сар фурӯ бурдан мебошад.

Хондан ва андаррасидан ба ин асар бо ҳама руҷӯъҳои асотирию динӣ ва таърихию фалсафияш кори саҳл нест, он меҳнати шадиди ақл ва дилро талаб мекунад. Вале ҳар касе ки ба ин муваффақ мешавад, аз файзу баракати он якумр баҳравар мегардад.

«Дантеи баҷидд» номида аст Пушкин офаридгори «Мазҳакаи илоҳӣ»-ро, ки ин сифат ҳам ба эҷодиёт ҳам ба зиндагии Данте, ки дар даврони ихтилофҳои шадиди сиёсию иҷтимоӣ итолиёӣ охири асри XIII ва аввали асри XIV ҷараён дошт, мувофиқ аст. Данте Алигерӣ соли 1265 дар Флуронс (Флоренсия) ба дунё омад ва аз тифлӣ аллакай мутааллиқ ба яке аз ҳизбҳои он – ҳизби гивелфҳо шуда буд, зеро дар шаҳре, ки дар он ду ҳизби мухолиф – гивелфҳо ва гибелинҳо – ба ҳамдигар мубориза доштанд, тамоми хонаводаҳо ба ду гурӯҳ тақсим ва ҷонибдори яке аз ҳизбҳо буданд. Худи ҳизби гивелфҳо ба ду шоха гивелфҳои «сиёҳ» ва «сафед» ҷудо буд ва Данте, ки узви «сафед»-ҳои он ба ҳисоб мерафт, пас аз ғолибияти «сиёҳ»-ҳо – тарафдорони ҳукумати кашиш ва ашрофзодагони сарватманд дар соли 1301 ба бадарғаи якумрӣ маҳкум шуд.

Данте аз Флуронс бадар рафт ва дигар то охири умраш барнагашт. Дар ин ҷо ҳам қисмати Данте то андозае бар тақдири Фирдавсии Тӯсӣ, ки дар натиҷаи ихтилофаш бо дарбори Султон Маҳмуд чандин соли умрашро дар ғарибӣ ва мусофират гузаронидааст, шабоҳат дорад.

Бачагии Данте дар Флуронс ва ҷавонияш дар Булуниё, ки дар донишгоҳи он таҳсил дошт, гузаштааст. Дар зодгоҳаш – Флуронс ӯ аз сер Бурунетто Латинӣ, ки нависанда ва ҳуқуқшинос буд, таълим гирифта, бад-ин васила ба асарҳои Ситсерон, Арасту, Верҷил муҳаббати хоса пайдо кард. Дар ҷавонӣ ӯ ба омӯзиши ҳуқуқ, фалсафа, таърих, табиёт, илми ҳайат, забон, адабиёт ва дигар илмҳое, ки дар замонаш муҳимтарин ҳисоб мешуданд, сахт машғул шуда, дониши фаровоне андӯхт. Ба шеъргӯӣ аз даврони ҷавонӣ ва таҳсилаш оғоз карда, пайрави ҷараёни «услуби нав» ва ё «услуби нарм» мешавад, ки мехост шеърро аз тумтароқӣ халос карда,

[1] К. Маркс ва Ф. Энгелс. Асарҳо. Ҷ. 22, нашри 2, саҳ. 382 (русӣ)

ба ифода ва тасвири эҳсосот ва таассуроти инсони воқеӣ мувофиқтар созад. Ӯ бовари комил дошт, ки суханвари асил ҳиссиёти қалбии инсонро пурра, бо самимияти хос ифода карда метавонад ва дар асл ин ҳар ду бояд ба ҳам пайванди ногусастанӣ дошта бошанд. Аз ин рӯ, шеърашро ба тақозои дилаш месозад, ки дар он суханварии асил бо ҳиссиёти самимона ба ҳам меомезад. Дар ин кор дониши фаровон, аз ҷумла фалсафа ҳам ба ӯ мадад мекунад, аммо шоир ҳамон ҷиҳатҳои илм ва фалсафаро ба олами шеър мекашад, ки онҳо имкони шеър шудан, инкишофи шоирона пайдо кардан доранд ва дар ин олам бо рангу бӯи нав ҷилва мекунанд.

Данте ин роҳро дар шӯъбаи ҳуқуқи донишгоҳи Булуниё, ки чанд муддат таҳсил доштааст, оғоз карда, дар аввал аз паи яке аз шоирони маҳбуби донишҷӯён, ки пайрави ҳамин «услуби нарм» буд, Гвидо Гвинитселли пайсипарӣ кард ва минбаъд худ бузургтарин устоди он гашт. Шеър агар намоёнгари эҳсосоти инсон, тасвири мутаҳаррики ҷунбишҳои қалбӣ бошад, пас хусусият, услуби ифода, тарзи баён ва рангу бори он ҳам ба вазъи шоир, ба аҳволи дили ӯ сахт вобаста мешавад.

Вақте ки мо шеъри Данте мегӯем, аввалин номе, ки дар алоқамандии он ба забон меояд, Биатрис (шакли дар байни форсизабонон машҳури Биатриче) аст, ки аз рӯи ақидаи боло ба шаклу услуб, тамоми ҷиҳатҳои эҷодиёт, бештар аз он ба ташаккули шахсияти шоиронаи Данте таъсири амиқ дошт. Кист ин сарчашмаи ошиқонаи шеъри Данте, ки дар ниҳоят ба он тааммуқи орифона ва ҷилваи илоҳиёна бахшид? Биатрис духтари марде бо номи Фолко Портиноро буд, ки бо хонаводаи шоири оянда наздикӣ дошт. Данте ӯро аввалин бор дар яке аз меҳмониҳо дид, ки худ нуҳ сол ва Биатрис ҳашт сол дошт. Ба қавли худи Данте, ки дар асараш «Зиндагонии нав» навиштааст, «аз ҳамин ҳангом буд, ки по ба қаламрави султон ишқ ниҳод». Ҳамин духтарак мавриди ишқи сӯзони Данте, қаҳрамони на фақат асарҳои давраи ҷавонии шоир, балки асарҳои тамоми умри ӯ шуд. Гумони ғолиб меравад, ки хоҳиши бисёр самимона, нарм, пурсӯзу гудози тасвир ва ифодаи эҳсосоти қалбӣ шоирро аз ҷавонӣ ба роҳи ҷустуҷӯи сабки хос, ки аз услуби пешинаи назми мутантан фарқ дошта бошад, равона мекунад. Данте алангаи тозаи ин ишқро ба дидори дуюми худ бо Биатрис, ки дар ҳаждаҳсолагиаш иттифоқ афтода буд, вобаста медонад. Аммо ин ишқ то охир ишқи рӯҳонӣ, ишқи афлотунӣ монд, зеро Биатрис ба марди дигаре ба шавҳар расид ва дар бисту чаҳорсолагӣ аз олам даргузашт. Ин марги нобаҳангом шоири ҷавон ва ҳанӯз нопухтаро дар оташи фироқ чунон сӯхт, ки дар сӯзу сози шоирӣ ва камоли суханварӣ беназири ҷаҳон сохт.

Данте дар китоби маъруфаш «Зиндагонии нав», ки пеш аз «Мазҳакаи илоҳӣ» эҷод шуда буд, навиштааст: «... умедворам дар бораи ӯ он чизеро бигӯям, ки то кунун дар бораи ҳеҷ зане гуфта нашудааст» ва гуфт ҳам, ки он «Мазҳакаи илоҳӣ» буда, дар он Биатрис чун маҳзари илоҳӣ, ҷилвагоҳи ҳақиқат зоҳир мешавад.

Дар паси шӯълаи ҷаҳонтоби ин ишқ симои зани дигаре, ки қисмати худро бо Данте пайваста буд ва бори гарони зиндагӣ ва тарбияи фарзандони ӯро бар дӯш кашид, нонамоён монд. Ин зани зебо, содиқ ва рӯҳан тавоно Ҷимми Донати буд, ки ӯро дар шашсолагӣ аз рӯи анъанаи он замон бо Дантеи дувоздаҳсола номзад карданд ва тӯи хонадоршавии онҳо пас аз марги Биатрис, тақрибан дар солҳои 1291-1292, дар бисту шашсолагии Данте барпо шуд. Аммо пас аз 10-11 соли хонадорӣ, дар соли 1302 дар натиҷаи ба сари ҳукумати шаҳри Флуронс омадани дастаи «сиёҳҳо» ӯ аз шавҳари худ якумрӣ ҷудо шуд. Данте гӯё барои аз худ кардани пулҳои коммуна (ӯ яке аз роҳбарони дастаи гивелфҳои «сафед» буд) ва монеъ шуданаш ба ҳукумати кашиш ва шоҳи Фаронса дар Флуронс ба бадарға ва мусодираи молҳояш маҳкум гашт. Ба қисмати аввали ин айбнома бовар кардан мушкил бошад, қисмати дуюмаш дуруст аст, зеро Данте дар ҳақиқат бар зидди ин ҳар ду – кашиши Бонифатсии VIII ва шоҳи Фаронса Филиппи Лобил ва ҳукумати онҳо дар шаҳри худ тамоми умр мубориза кардааст. Пас аз гузаштани бештар аз чиҳил рӯз ҳукми дигаре содир ва дар он таъкид карда шуд, ки агар Данте ба дасти ҳукуматдорони шаҳр афтад, зинда дар оташ сӯзонда шавад. Ҳамин тариқ зиндагии ғарибонаи Данте дур аз зодгоҳаш, аз ҷумла, дар шаҳрҳои Сиано, Верона, Подуво, Луко, Ровно

сар шуд, ки ин қисмат баъди понздаҳсолагӣ ба сари писаронаш ҳам меомад ва онҳо аз канори модар, аз шаҳри худ, ба назди падар бадарға мешуданд.

Данте Алигерӣ бузургтарин шоир, поягузори шеър ба забони итолиёвӣ, яке аз нобиғаҳои башарӣ дур аз ватан ниҳоят соли 1321 дар панҷоҳу шашсолагӣ аз зиндагии пурмоҷарои худ чашм пӯшид ва гӯё маҳз аз ҷаҳон абадан чашм пӯшидани ӯ зарур буд, то мардуми зодгоҳаш чашм бар ҷаҳон кушоянд ва бо афсӯс ва даҳшат бубинанд, ки бо бузургтарин фарзанди худ чӣ кардаанд ва баъд бо шаҳри Ровно – мадфани шоир, барои пас гирифтани ҷисми ӯ ба ҷангу талоши бенатиҷа дароянд, ҳол он ки шоир бо чунин суханони пуралам аз олам даргузашта буд: «Кош дар хонаи худ мемурдам!».

Дар анҷоми қисмати Дантеи флуронсӣ ба Фирдавсии Тӯсӣ ҳам шабоҳате ҳаст, ки ҳар дуро нӯшдору пас аз марг доданд – якеро баъди вафот наъш ба зодгоҳ талабиданд ва дигареро пас аз оворадориҳои бисёр гӯё қадри хизмат шинохта молу зари фаровон инъом фиристоданд. Аммо нӯшдоруи ҳар дуи ин бузург на қадршиносии дермондаи қадрношиносон, балки асарҳояшон «Шоҳнома» ва «Мазҳакаи илоҳӣ» шуд, ки ба онҳо безаволӣ ато карданд.

Асарҳои дигари Данте ҳам аз қудрати беназири шоирӣ ва ақли амиқу эҳсосоти гарми ӯ шаҳодат медиҳанд. Зикри яке аз онҳо «Зиндагонии нав» рафта буд, ки асари аз сонетҳо ва порчаҳои насрӣ ба ҳам омада буда, дар он шоири ҷавон аз суннати пешини шеъри камолоқа бомаврид ва ашёи тасвир халос шудан мехоҳад. Ӯ ҳарчанд дар он ба муваффақияти калон ноил нашуда бошад ҳам, аз шеъраш нафаси инсони воқеӣ ҳис мешавад.

Аз ҷавонӣ доираи омӯзиши Данте фарох буд. Ба замми илмҳое, ки болотар зикрашон рафт ва онҳоро Данте ҳангоми таҳсилаш дар шӯъбаи ҳуқуқи донишгоҳ меомӯхт, ӯ боз асотир, таърих, фалсафа ва илоҳиёти шаркро ҳам хуб медонист, ки аз асарҳояш пайдост. И. Голенишев – Кутузов, яке аз муҳаққиқони ҳаёт ва эҷодиёти Данте менависад, ки ӯ дар илми тиб ва дорусозӣ ҳам шуғл варзида, дар Флуронси асри XIII метавонист «асарҳои табиатшиносии Арасту, рисолаҳои табиби бузурги румӣ Ҷолинус, «ал-Қонун»-и Абу Алӣ Синои тоҷикро пайдо кунад. Дар асарҳои замони бадарғааш мо нақши ин машғулиятро мебинем».[2]

Дониши фаровон ва назари вусъатноки Данте дар асарҳои дигараш низ инъикос шудаанд: «Зиёфат» – оид ба масъалаҳои фалсафа, ахлоқ, адабиёт ва илоҳиёт, «Салтанат» – дар бораи давлату давлатдорӣ; «Оҳангҳо» – шеърҳо аз ишқи сӯзони Дилбари Сангиндил; «Дар бораи суханварии халқӣ» – аз хусуси ба забони халқ, бо забони итолиёвӣ имкон доштани эҷоди асарҳои бузурги адабию бадеӣ ва тамоми илмҳои дигар. Ин асари охир махсусан, бо таҷрибаи эҷоди бадеии Данте алоқаи мустаҳкам дорад, зеро дар он назарияи забони халқ ва таъсири он ба ташаккули забони адабӣ баён шуда, дар асарҳои Данте ва махсусан, дар «Мазҳакаи илоҳӣ» ба тарзи олитарин исбот мешавад, ки Дантеро бунёдгузори забони адабии итолиёвӣ, бузургтарин намояндаи шеъру адаби он месозад.

«Мазҳакаи илоҳӣ» бузургтарин асар дар адабиёти Италиё, яке аз шоҳномаҳои адабиёти башарӣ, кохи аз давру замон нафарсояндаи Данте маҳсули ранҷи бистсолаи ғарибиҳояш мебошад. Ҳар асари бузург ҳам барои фарҳанги халқе, ки онро офаридааст ва ҳам барои фарҳанги башарӣ хизмат мекунад. То «Мазҳакаи илоҳӣ» итолиёиҳо бо шеваҳои гуногуни забон асар менавиштанд, ки ба ҳамдигар фарқ карда, соҳиби як шева дигарашро бисёр ба сахтӣ мефаҳмид ва ақида доштанд, ки барои забони умумӣ забони Фаронсаи ҷанубӣ – провонсалиро қабул бояд кунанд. Асарҳои илмиашонро асосан ба забони лотинӣ таълиф мекарданд. Дар ҳамин ҳангом ба вуҷуд омадани «Мазҳакаи илоҳӣ», ки ба забони итолиёвӣ ва шеваи тускании он ки аз захираи шеваҳои дигар бой шудааст, комилан исбот кард, ки дар шахси офаридаи он – Данте забонсози бузурге ба пайдо омада, ба тамоми итолиёиҳо забони ягонаи пурқудрат, сарватманд ва печони адабӣ эҳдо кардааст. Ин таҷрибаи забонсозӣ ба халқҳои дигар ҳам бисёр ибратомӯз аст, ки маҳз забони халқ хазинаи сарватҳои бебаҳо буда, он дар натиҷаи истифодаи

[2] И. Голенишев – Кутузов. Данте. ЖЗЛ. Изд-во «Молодая гвардия», М., 1967, стр. 83.

устодона ба ифодаи амиқтарин ва мушкилтарин маъниҳо, ба тасвири нозуктарин рангҳо, манзараҳо ва ҳиссиётҳои қалбӣ қодир мешавад.

Ин шоҳкори Данте достони шевоест, ки аз қиссаву ривоятҳо, аз тасвири ҳаёти маишӣ, иҷтимоӣ, сиёсии Итолиё ва шахсиятҳои он ба ҳам омадааст, ки бо либоси бадеъ фаро гирифта шудаанд. Ҳарчанд шакли ин асар, – яъне тасвири сафари хаёлии худ ба он дунё дар адабиёти башарӣ нав набуд, аммо шахсияти бузурги шоир, таассуроти амиқи ӯ аз воқеаҳои таърихии замонаш ба он таровати абадӣ бахшида, онро вақоеъномаи як инсони зинда, ҳассос ва адолатхоҳ карданд.

Адолат ва пирӯзии он мақсади асосии Дантест, аз қудрати ҳамин адолат аст, ки дар ин асар кашишҳо аз минбарҳо, султонҳо аз тахтҳо сарнагун мешаванд ва аз рӯи гуноҳашон мустаҳаққи ҷазо гашта, ба Ҷаҳаннам фурӯ мераванд.

Адолати комили Данте ҳеҷ гуноҳ ва ҳеҷ гунаҳкореро беҷазо намемонад. Ин қонуни ягона ва одилонаи қисмати аввали «Мазҳакаи илоҳӣ» - и Данте «Дӯзах» аст.

«Дӯзах» бо нақшаи комил ва ҳайратангез, бо ҳамаи навъҳои гуноҳ ва кайфаркашон, бо тасвирҳои воқеъбинона ва оҳу надоматҳо, ки аз дилу ҷони гунаҳкорон бадар меоянд, бо андомҳои олуда ва чеҳраҳои гирифтаи дӯзахиён, ки аз пеши назар мегузаранд, маҳсули хаёлоти бой ва қалами ҳақиқатнигоронаи шоири бузург аст. «Нақшаи ягонаи «Дӯзах» худ аллакай маҳсули даҳои олист»[3] – навиштааст дар ин бора Пушкин. Сафари хаёлии Данте ба дӯзахи нуҳтабақа аз роҳгум шуданаш дар бешазори торике оғоз шуда, бо роҳнамои хирадмандаш, шоири бузурги Рум Верҷил сурат мегирад. Қалами тасвири Данте ба андозае воқеъбинона ва ҳисшаванда аст, ки хонанда сафари хаёлӣ будани онро фаромӯш мекунад ва ба назараш чунин вонамуд мешавад, ки тамоми он табақа ва минтақаҳоро ҳамроҳи Данте ва Верҷил тай мекарда ва ҳамаи он гунаҳкорон ва азобҳоро ба чашми худ медида бошад. Дӯзахи Данте ба монанди қифе мебошад, ки аз зери замин сар шуда табақа ба табақа тангтар мешавад ва табақаи нуҳуми он, ки поинтарин аст, ба маркази замин мерасад. Ҳар қадар табақа поинтар аст, гуноҳ бузург ва азоб ҳамон қадар ҷонгудозтар мешавад.

Тасвири дӯзах дар асотири шарқу ғарб, китобҳои динии яхудиён, масеҳиён ва мусулмонон ҷой дорад, аммо Дӯзахе, ки Данте офарида аст, аз назари навъи гуноҳҳо ва воситаи азоби гунаҳкорон – оташ, тӯфон, сармои яхбандӣ, тааффун, мор, тозиёна, бо чангак кандани гӯшт ва ғайраҳо комилтарин буда, ба хаёлоти бениҳоят бои ӯ шаҳодат медиҳад.

Дар адабиёти башарӣ сафари хаёлӣ ба он дунё собиқа дошт, ки дар Ғарб маъруфтаринашон «Одиссея»-и Ҳумер, «Энейнома»-и Верҷил ва дар Шарқ «Сайр-ул-ибод-ал-маод» -и Саноии Ғазнавӣ, «Рисолат-ул-ғуфрон»-и Абул Ало ал-Мааррӣ буданд. Асари дигаре, ки эҳтимол «Мазҳакаи илоҳӣ» ва «Дӯзах»-и он аз ҳамаи дигар асарҳо ба он бештар шабоҳат дошта бошад, «Ардовирофнома»-и Паҳлавӣ, китоби динии Зардуштӣ, ки ҳазор сол пеш аз Данте эҷод шуда, ба қавли Шуҷоуддини Шафо, донишманди эронӣ «... дар ҳеҷ асари дигар қабл аз «Кумидии илоҳӣ» ин навъ резакориҳоро (яъне ба ҳам мушобеҳ омадани тарзи сафар ба он дунё навъҳои гуноҳ ва азоби онҳо, тасвиргарӣ ва манзарасозиҳоро – А.Ҳ.) наметавон пайдо кард».[4]

Инҳо асарҳое ҳастанд, ки «Дӯзах»-и Данте аз ҷиҳати мавзӯъ, макон ва ашёи тасвир бо онҳо шабоҳат дорад, аммо «Мазҳакаи илоҳӣ» бо се қисмати худ – «Дӯзах», «Барзах», «Биҳишт», ки даҳои офаридгораш бо мақсади ниҳоӣ ва бузург – нишон додани ғалабаи ногузири адолати олӣ эҷод кардааст – онро асари комили нотакрор ва беназири ҷаҳонӣ сохтааст.

«Мазҳакаи илоҳӣ» аз рӯи моҳият, мазмунҳои пандомӯз, фаро гирифтани соҳаҳои гуногуни ҳаёти сиёсию иҷтимоӣ ва маънавии замонаш, ҳикояту ривоят ва асотирҳо дар адабиёти

---

[3] А.С. Пушкин. Соб. соч. т.11, М., Изд-во АН СССР, 1949, стр. 221.

[4] Шуҷоуддини Шафо. Маҷмӯаи комил. Осор, таълиф, тарҷума. Теҳрон. С. 1338, ҷилди аввал, саҳ. 45.

классикии мо ба «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолуддини Балхӣ бештар қаробат дорад. Банда ҳангоми тарҷумаи «Мазҳака» ҳамеша «Маснавӣ»-ро зери назар доштам, ки аз тарзи ифода ва услуби он ба қадри қудрати норасои худ истифода кунам, зеро ҳамчунонки қайд шуд, Данте дар асараш аз шеваи гуфтори халқ, калимаю иборaҳои он фаровон истифода кардааст, ки ин корро Мавлавӣ андаке аз ӯ пештар дар шеъри мо ба таври аъло ба ҷо оварда буд.

Ҳамаи гуфтаҳои боло шаммае аз беназирии «Мазҳакаи илоҳӣ»-ин асари умумибашарист. Кайҳост, ки банда дар дил орзуи тарҷумаи онро мепарваридам, аммо чун ба омӯхтани он машғул мешудам ба бузургӣ, мураккабӣ ва дар айни ҳол шевоии он дармерасидам, ин орзу бароям бештар муҳол мешуд, то ҳадде ки ман аз он даст мекашидам, аммо ин хоҳиш маро вонамегузошт ва чун рӯзе ҳикмате хондам ба ин маънӣ, ки «Ҳар мушкиле осон бигир» фаҳмидам, ки агар ба ин кор ба умеди осонӣ даст назанам, то он ки то куҷо мушкил буданашро медонам, ҳаргиз даст нахоҳам зад ва инак як қисмати он «Дӯзах» ба хонандагон пешниҳод шудааст. Аммо хуб медонам, ки ин кори кӯтоҳмуддат набуда, таҳриру такмили ин тарҷумаи норасои банда, меҳнати чандинсола ва шояд дар ин рӯзгори пурташвиши мо машғулияти якумраро талаб кунад.

Аммо ба хотири он ки хонандаи тоҷик аз ин асаре, ки дар адабиёти башарӣ яке аз ду асари бузургтарин ҳисоб ёфтааст, воқиф бошад, ба ин кори сангин ва шояд аз қудрати банда болотар даст зада шуд. Тарҷумон ҳангоми ба тоҷикӣ гардонидани ин асар тарҷумаҳои таҳтуллафзии форсӣ ва русии шоиронаро ба ҳамдигар дар муқоиса истифода кард, ки то ҳадди имкон ба олами шеъри Данте наздик шавад, зеро тарҷумаҳои таҳтуллафзӣ ҳам баъзан ба ҷиҳати рангу бор ва ташдиди сухан бар ҳамдигар фарқ мекунанд.

Банда намедонам, ки бо кори тарҷумаи худ барои ташвиқи асари безаволи Данте «Дӯзах» аз «Мазҳакаи илоҳӣ» чӣ хидмате кардам, аммо ҳаминашро хуб дармеёбам, ки худ аз ин машғулияти пурмеҳнат он қадар таҷриба андӯхтам, ки шояд аз ҳамаи оне ки то ин дам доштам, бештар бошад. Бо ин умед ба ин кор даст зада будем:

*Мо худ ба гарди домани марде намерасем,*
*Шояд, ки гарди домани марде ба мо расад.*

ва гарде, ки ба мо расид, ҳоло дар дасти шумост.

**Аскар Ҳаким**

## ТАВЗЕ{ОТ
## Д Е З А Х

### СУРУДИ ЯКУМ

Ҷангал. – Теппаи наҷот. – Се ваҳшӣ. – Верҷил.

1. **Нимароҳи зиндагӣ аз сар гузашт**. – Данте дар асари худ «Базм» қайд мекунад, ки қуллаи нимаи умри одам сивупанҷсолагӣ аст. Ақидае, ки давраи табиии ҳаёти инсон ҳафтод сол давом мекунад, дар асарҳои табибон ва файласуфони мактаби Арасту низ зикр шудааст. Данте сафари хаёлии худро бад-он дунё ба ин сана мувофиқ месозад, ки ба соли 1300 ва севупанҷсолагии ӯ рост меояд.

2. **Хешро дидам ба ҷангалзори тор**. – Маҷоз аст: мақсад зиндагии пургуноҳи инсон. Азбаски шеъри Данте ҳама ҷо сермаъност, ин мисраъ ҳам гумроҳ шудани рӯҳи инсон ва ҳам авзои сиёсии Итолиёро ифода мекунад.

13-18. **Даррасидам бехабар дар мунтаҳо Ман ба пои теппаи воломақом**. – Теппа рамзи баландии кӯҳ ва покдоманӣ, ки ба сараш офтоби ҳақиқат медурахшад. Сайёра офтоб аст. Аз рӯи таълимоти ҳайати Батлимус (Птоломей), ки Данте муътақиди он буд, хуршед яке аз сайёраҳое мебошад, ки ба гирди замини беҳаракат давр мезанад. Офтоб рамзан мазҳари Худованд аст.

31-60. Баромадани Дантеро ба қуллаи наҷот се ваҳшӣ монеъ мешавад: Паланг – рамзи шаҳвату нафсоният: мафҳуми сиёсии он Флуронс аст, ки ғарқи фасод ва ба дастаҳои мухталиф тақсим гашта буд, шер – ғурур ва модагург – хасисӣ, манфиатҷӯӣ.

62. **Марде он дам гашт пайдо бесадо**. – Мақсад Верҷил (солҳои 70-19 то солшумории масеҳӣ) шоири бузурги Рум, ки аз он ҷо пайдо мешавад ва Дантеро то охири Дӯзах ва қисмате аз Барзах (Аъроф) раҳнамоӣ мекунад. Верҷил дар «Мазҳакаи илоҳӣ» мазҳари хиради инсонист.

68. **Тухмаи ламбардиёст** – Аз аҳли кишвари Ламабрдиё, қисмати шимоли Итолиё.

69. **Диёри Монтуво**. – Вилояти Монтуво (Мантуан) зодгоҳи Верҷил.

70. **Суб Ҷулио** (лот.) – даврони ҳукумати Қайсари Рум (Юлий Тсезар, Сазор) асосгузори империяи Рум (соли 44 то солшумории мо кушта шуда).

71. **Айёми Августӣ** – ҳангоми ҳукумати императори маъруф Август, ҷонишини Қайсар (солҳои 27 то солшумории мо), ки Верҷил зиндагӣ кардааст.

74. **Пури Анхиз** – писари Венера – Эней, қаҳрамони достони «Энейнома»-и Верҷил, асосгузори шаҳри Рум.

91. **Роҳи дигар боядат ҷустан кунун**. – Данте ҳоло рӯҳан ва маънаван омодаи он нест, ки ба модагург зафар ёбад ва ба теппаи наҷот по ниҳад. Аз ин рӯ, ӯ аввал аз он се дунё бояд гузар кунад.

94-101. **Модагурге, ки ту гирёнӣ аз он**. – Данте аз он се ваҳшӣ – паланг, шер ба модагург бештар аҳамият медиҳад ва хислатҳои бади онро қасдан ба забон меорад. Зеро ӯ зери ин рамз – дарбор, кашишу калисоҳоро, ки ба ҳирсу озмандӣ ва тамаъ гирифтор мебошанд, дар назар дорад.

102**. Саг** – вораҳояндаи ояндае, ки шояд Итолиё ва тамоми дунёро аз тамау ҳирсу оз халос кунад. Ин пешгӯӣ эҳтимол ба император Генрихи VII ё ба Конгранде делла Скала тааллуқ дошта бошад , ки Данте «Мазҳакаи илоҳӣ»-ро ба ӯ эҳдо кардааст.

103. **Саг на хоку на зару гавҳар хурад**. Яъне ӯро бо заминҳою зару зеварҳо фирефта намешавад.

107-08. **Комило** – духтари силаҳшӯри подшоҳи валаскҳо, Турн – подшоҳи рутулҳо, ки дар ҷанги зидди таруёиҳо ва муҳофизати Итолиё ҳалок шуданд. Авриал ва Нис қаҳрамонони таруёиҳо, ки дар муҳорибаи рутулҳо кушта гаштанд. Онҳо ҳама қаҳрамонони «Энейнома»-и Верҷил ҳастанд.

117. **Кош мемурдем як бори дигар**. – Гуноҳкорони дӯзах, ки ҳоло фақат ҷисман мурдаанд, ба азобҳои сахт гирифторанд ва рӯзи растохезро мунтазиранд, ки дар додгоҳи Илоҳӣ маҳкумияти қатъии худро бидонанд ва бори дигар рӯҳан бимиранду аз шиканҷаҳо халос шаванд.

122. **Рӯҳи волотар** – Беатрис, раҳнамои Данте дар Биҳишт.

134. **Дари Сан Пир** – дарвозаи Барзах. Онро фариштае – нигаҳбони калидҳои Петерси муқаддас, ки дар оини католикиён калиддори биҳишт аст, нигаҳбонӣ мекунад. Верҷил Дантеро то қуллаи Барзах роҳнамо мешавад, ки Биҳишти заминӣ он ҷост.

## СУРУДИ ДУВУМ

Оғози Дӯзах. – Шакку гумонҳои Данте. – Ҷавоби Верҷил.

7-9. **Мурғи илҳомам, ба ту гӯям сухан**.- Суруди дуюм ҳам, ба мисли аввал, оғози достон аст. Данте аз рӯи анъанаи шоирони аҳди атиқа дар чанд ҷои «Мазҳаки илоҳӣ» ба Мурғи Илҳом – Муза, ки дар асотири Юнон париёни нуҳгона буданд, ки ҳар яке аз сарпарастони соҳаи алоҳидаи илму тамаддун, аз ҷумла шеъру мусиқию ҳунар ба шумор мерафтанд, муроҷиат карда, аз онон мадад мехоҳад. Ин анъана дар назми форсу тоҷик ҳам бисёр паҳн шуда аст.

13. **Волиди Силвию -** яъне Эней, падари Силвию аз рӯи нақли Верҷил дар « Энейнома» по ба дунёи мурдагон гузошт, ки падараш Анхиз – инсони фонӣ ва модараш Афродита (Зӯҳра – Худои ишқ) буд. Ӯ асосгузори императории Рум шуд. Дар ин ҷо ҳам, чунонки дар саросари

«Мазҳакаи илоҳӣ» ҳаст, ақоид ва ривоёти пеш аз Масеҳ ва афсонаҳои асотирии Юнон ва Румро Данте бо ақидаҳои католикии худ даромехтааст.

23. **Ноиби Петерс** – кашиши Рум.

28. **Зарфи бас олигуҳар**. – Лақабе, ки дар «Инҷил» ба Павлиси расул дода шудааст ва ӯ гӯё дар зиндагӣ ба осмони севум сууд кард. Масеҳиёни қарни васат ақида доштанд, ки Павлиси муқаддас дар давраи зиндагонияш ба Дӯзах ҳам сафар карда, ки ин гуфтаи Данте ҳам ишора ба он аст.

52. **Дар бари арвоҳ будам анҷуман**. – Ишора ба арвоҳе, ки гунаҳкор нестанд, онҳое, ки ғусли тамъиди масеҳиёнро нагирифтаанд ва аз ин рӯ, наметавонанд дар Биҳишт ҷой гиранд ва ҷовидон дар Лимбо (метавон Барзахаш бигуфт) бе ранҷу уқубат боқӣ мемонанд.

58. **Рӯҳи монтуӣ** – яъне Верҷил, ки вилояти Монтуво зодгоҳаш аст.

70. **Ман Биатрисам**... – Данте ӯро бори аввал дар нуҳсолагӣ ва бори дуюм дар ҳаждаҳсолагӣ дида, ошиқи ӯ шуда буд. Биатрис дар биступанҷсолагӣ (с. 1290) вафот кард ва Данте дар «Зиндагонии нав»-и худ навишта буд, ки: «умедворам дар бораи ӯ он чизеро бигӯям, ки то кунун дар бораи ҳеҷ зане гуфта нашудааст». Гурӯҳе аз муфассирини «Мазҳакаи илоҳӣ» ақида доранд, ки гӯё Биатрис танҳо рамз асту дар воқеъ вуҷуд надошта. Аммо аксаран ва, аз ҷумла банда ҳам, мӯътақиданд, ки ӯ воқеан будааст ва дар «Мазҳакаи илоҳӣ» ҳам ба сифати зани заминӣ – маҳбубаи шоир ва ҳам ба вазифаи мазҳари ҳақиқат ва раҳмати илоҳӣ падидор шудааст.

71. **Оям аз ҷое, ки гардам боз пас**. – Яъне Биҳишт.

77-78. **Бо ту дар кӯчак фалак навъи башар. Аз дигар махлуқҳо сабқат рабуд**. – Дар асоси назарияи нуҷумии Батлимус фалак нуҳгона аст, ба ин тартиб: Қамар, Аторуд, Зӯҳра, Хуршед, Миррих, Муштарӣ, Зуҳал, Савобат ва сайёраҳое бо номи лотинии Пчимум Мобил. **Кӯчак фалак** – фалаки аввалин, Моҳ аст. Аз он байт чунин маъно бармеояд, ки инсон танҳо ба дарёфти ҳақиқат аз дигар махлуқҳо мақоми болотар дорад.

94. **Бонуи пок** – яъне ҳазрати Марям, ки дар достон мазҳари бахшиш ва раҳмати Худовандист.

96. **Раъси накӯ** – яъне Худованд.

97. **Лучиё** – зани муқаддаси масеҳӣ. Данте худро муриди бовафои ӯ мегӯяд. Ин зани дар шаҳри Сиракуз ба шоҳодат расида, дар табобати чашмони бемор соҳибкаромот буд. Данте, чунонки худ мегӯяд, гирифтори наздикбинӣ ва дарди чашм буд. Луч **-** нур ба лотинӣ ва маҷозан таъмилу таваҷҷуҳ ба лутфи Илоҳист.

101. **Роҳил** – зани Яъқуб пайғамбар ва модари Юсуф. Маҷозан – мазҳари таъмил ва сайри маънавӣ дар олами ҷалоли Илоҳӣ.

124. **Се бонуи азиз** – ишора ба Марями муқаддас, Лучиё, Биатрис ё Роҳил.

## СУРУДИ СЕВУМ

Дарвозаи Дӯзах.–Ибн-ал-вақтҳо ва заиф-ул-нафсҳо. – Рӯди Окрунта.

1-3. **Мебарам**... – Ҳар мисраи ин тертсин (тертсинро тақрибан навъи мусалласи шеър метавон гуфт) якхела оғоз мешавад: «Мебарам». Таассуроте ҳосил мешавад, ин суханҳоро худи дарвозае, ки гунаҳкоронро ба азоби ҷовидон гирифтор мекунад, мегуфта бошад. Такрор дар шеъри қарни васат бисёр истифода мешуд.

4-6. **Адл дод илҳом бар он пуртавон**. – Дӯзах, аз рӯи асотири насронӣ бо кӯшиши Худоёни сегона эҷод шудааст: қудрати илоҳӣ, падар (Худо): ақли кул, писар (Масеҳ); ишқи нахустин (Ишқи азалӣ), рӯҳулқудс.

7-8. **Гашт то ман кулли ҷовидон падид**. – Данте дар суруди охири Дӯзах мегӯяд, ки Ҷаҳаннам дар натиҷаи суқути шайтони азим Лутсифер, пеш аз пайдоиши навъи башар яъне, қабл аз ҳама фанопазирон ба вуҷуд оварда шудааст. Навиштаи болои дари Дӯзах таъкид мекунад, ки ҳамаи бадиҳо ва бадкорон аз ҷониби адли ҷовидон ҳатман ба ҷазои барҳақи худ расонида мешаванд.

9. **Оед ин ҷо, даст шӯед аз умед**. – Ин мисраи маъруфтарини «Мазҳакаи илоҳӣ»-ст, ки садҳо сол инҷониб дар адабиёти мағрибзамин чун зарбулмасал ба кор меравад. Тамоми азобу шиканҷаи Дӯзахро дар ин мисраъ метавон хулоса кард.

21**. Бурд бар водии асрору итоб**. – Дунёи баъд аз марг, Дӯзах, ки ҳеҷ одам то вақти зинда будан ба он роҳ ёфта наметавонад.

37. **Гашта бо бадхӯ малоик ҳамқарин**. – Ишора ба онҳое, ки ҳангоми исёни шайтон Лутсифер бар зидди Худои худоён – Зевс бетараф истоданд, то бубинанд, ки охири кор чӣ мешавад. Бетарафонро на Дӯзах, на Барзах на Биҳишт қабул дорад. Данте ононро бо ин мисраъ сахт маҳкум мекунад: «**Бингару бигзар, чӣ арзанд ин касон**».

58-60. **Чанд тан бишнохтам аз ону ин**... – Ба эҳтимоли қавӣ ин кашиш Чаластинои панҷум аст, ки соли 1294 дар ҳафтодсолагиаш интихоб шуд, вале баъд аз панҷ моҳ бо талқини кординол Котони, ки мегуфт ҳар каси даст бар умури дунё дошта, ҳатман муртакиби гуноҳ мешавад, аз мансаби худ даст кашид. Пас аз он худи ин кординол ба унвони Бонифатсии 8-ум ба ҷои ӯ кашиш шуд, ки Данте ӯро муҷассамаи фасод, нопокӣ ва олудагии калисо ва боиси ҳамаи бадбахтиҳои шахсии худ медонад.

78. **Окрунт (Ахерон)** – Аввалин рӯде дар Дӯзахи Данте. Дар асотири Юнону Рум рӯди зери заминист, ки ҳамаи арвоҳ барои рафтан ба он дунё аз он гузар бояд кунанд. Он ашкҳои чашми пирамарди кӯҳансоли ҷазираи Каррата (Дӯзах. XIV, 94 - 142) ҳосил мешавад, ки дар ибтидо Окрунт (юнонӣ – рӯди ғам) ном дошта, даври аввали Дӯзахро печонидааст. Баъд он нишеб меравад ва ботлоқи Истиҷаро (юнонӣ – нафратангез) ташкил карда, девораҳои шаҳри Дитаро мешӯяд, ки чуқурии поини Дӯзахро ҳалқавор фаро гирифтааст. Боз поинтар он  Фалҷатунта (юнонӣ – сӯзон) рӯди ҳалқамонанди хунҳои ҷӯшон мешавад, ки дар он хиёнаткорон ба наздикон шиканҷа мекашанд. Пас он бешаи худкушон ва биёбони боронҳои оташинро гузашта, ба обшори пурғавғое бадал шуда ба амиқии Дӯзах мерезад, то дар байни замин кӯли яхбастаи Котситро (юнонӣ - гиря) ташкил медиҳад. Летаро (юнонӣ – фаромӯшӣ) Данте дар Биҳишти заминӣ ҷой медиҳад, ки хотироти гунаҳкориро бо худ мебарад.

82. **Пире куҳан** – Қорун (Карон), дар асотири Рум вай яке аз арвоҳи анвои дараҷаи севум аст, ки дар рӯди Орно киштиронӣ мекунад. Дар Дӯзахи Данте ӯ ба шайтоне бадал шудааст, ки осиёнро аз ин тарафи Дӯзах ба Дӯзахи аслӣ мебарад.

93. Ҳам сабук аз ин бувад заврақ туро. – Корун медонад, ки Данте ба азобҳои Дӯзах маҳкум нашудааст ва аз ин рӯ, чунин мешуморад, ки барои бурдани ӯ завраќи сабуке, ки малоика дар он варо ба пои теппаи Аъроф мебарад, лозим аст.

136. **Уфтодам бандаи хоби гарон**. – Дар чанд ҷои «Мазҳакаи илоҳӣ» Данте дар бораи он ки ӯро хоб ва ё беҳушӣ фаро мегирад, сухан мегӯяд. Ин одатан дар ҳолате рӯй медиҳад, ки рӯҳи ӯ аз дидани азобҳои сахт ба дард меояд ва дигар тоқати тобоварияш намемонад. Ҳамин тариқа ҳолати хоб андар хоб ба вуҷуд меояд.

## СУРУДИ ЧАҲОРУМ

Табақаи аввали Дӯзах (Лимбо). – Тифлони ғусли таъмиднадида ва бузургони даврони куҳан ва ғайримасеҳӣ.

2. **Ин садо барҳам бизад хоби маро**. – Данте дар лаҳзае бедор мешавад, ки дар он тарафи рӯди Окрунта, дар ҳалқаи донишмандони атиқа – Лимбо ҷой дорад.

23. **Пой бар даври нахустин монд ӯ.** – Данте барои тарсуёну беҷуръатон дар назди дарвозаи Дӯзах ҷой ҷудо карда, дар Лимбо, ки аз  рӯи анъанаҳои дини насронӣ ҷои тифлони ғусли таъмиднадида ва донишмандони аҳди атиқа аст, хирадмандони мусулмон ва сарлашкаронро, ки масеҳиёни комил набудаанд, аз ҷумла, қайсари Рум Овидий, Ювенал, Ибни Синоро ҷой медиҳад. Онҳо дар ин ҷо азоб намебинанд, аммо аз умеди фароғати биҳиштӣ абадан маҳрум ҳастанд.

51-54... **Тозакор омода будам...** – Верҷил аст, ки соли 19 то солшумории мо фавтида, тақрибан ним аср қаблан ба Лимбо, пеш аз он вақте ки аз рӯи ривояти насронӣ Исои Масеҳ барои берун овардани донишмандони атиқа ба Дӯзах фуруд омад, маскан гузида буд.

55. **Рӯҳи Бобо** – Ҳазрати Одам.

59. **Исроил**. – Яъқуби набӣ; Падари Исроил – Исҳоқи набӣ.

60. **Рӯҳи Роҳилро ба азми устувор**. – Яъқуб барои он ки Роҳилро ба занӣ гирад, маҷбур буд, ки 14 сол дар назди падари ӯ хизмат кунад.

80-102. Верҷилро, ки ба Лимбо бармегашт, бо эҳтимоли қавӣ худи Ҳумер таҳният мегӯяд. Данте аз шоирони атиқа чаҳор нафарро бузургтарин мешуморад: **Ҳумери юнонӣ**, ки Данте аз боиси надонистани забони юнонӣ бо асарҳои ӯ «Илиада» ва «Одиссея» ба воситаи тарҷумаи мухтасари лотинии онҳо шинос буд; Ҳоратсий (солҳои 65- 8 то солшумории мо), дар шинохти Данте ӯ шоири ҳаҷвгӯ буд; Овидий (солҳои 43-17 то солшумории мо) ва **Лукан** (солҳои 39-65 солшумории мо). «Истиҳолот»-и Овидий барои Данте қомуси навафлотунии фалакшиносӣ ва асотир, «Форсол»-и Лукан асари ҳамосии давомдиҳандаи анъанаи «Энейнома»-и Верҷил буд. Данте, ки ба забони итолиёвӣ менавишт, худро дар радифи шоирони аҳди атиқа мегузошт.

106-120. **Муртафеъ қасре ба чашм омад аён**. – Ин қаср ҳам ба мисли ишораҳои дигари Данте тамсилист, ки дар он арвоҳи одили хирадмандони аҳди куҳан ҷой доранд. Ҳафт девори он маҷозан ҳафт соҳаи донишро ифода мекунад: Сарфу наҳв, Диалектика, Илми маонӣ ва баён, Ҳисоб, Мусиқӣ, Ҳандаса, Илми ҳайат.

121- 129. **Дидам Электра миёни ҳамраҳон**. – Данте дар пеши назар шахсиятҳои маъруфи таруёиро, аҷдоди афсонавии шуҳратманди Румро мебинад, ки инҳоанд: Электра, духтари Атлас-подшоҳи афсонавии Марокаш маҳбубаи Худои худоён Зевес, модари Додонус, бунёдгузори Таруё; Ҳектор, писари подшоҳи Таруё, қаҳрамони афсонаи «Илиада» ва **Эней;** Қайсар (солҳои 100-44 то солшумории мо) сарлашкар ва ходими давлатӣ, асосгузори ҳукмравоии мутлақ; **Пантазила**, маликаи афсонаи кишвари амазонҳо (занони ҷангҷӯ) иттифоқчии Таруё, ки ба дасти Ашил (Ахилл) кушта шуд; **Комило**, духтари силаҳшӯри подшоҳи валаскҳо; **Шоҳ Ловин**, подшоҳи Лосиюм, яке аз ноҳияҳои Италиё; **Ловиниё,** духтари шоҳ Ловин, зани Эней; **Бурут** (Лусиюс Ёниюс Брутус), нахсутин консули румӣ, ки торкиҳо, нахустин подшоҳони румиро аз Рум берун ва режими ҷумҳурӣ барқарор кард; **Таркирон,** охирин подшоҳи Рум, ки ба дасти Бурут нобуд шуд; **Юлия,** духтари Қайсар, зани Помпея; **Лукратсиё**, зани Коллотинус, консули Рум, шоҳзода Секст Торквин ба номуси ӯ қасд кард, ки оқибат боиси худкушии ӯ ва сарнагунии салтанат шуд; **Мартисиё**, зани Котун, сенатори румӣ, ки соли 46 пеш аз милод худро кушт, то барҳам хӯрдани ҷумҳурӣ ва ҳукмравоии мутлақи Қайсарро надида бошад; **Карнелиё**, модари ду бародари маъруф – Тиберия ва Гея, Гаракҳо, ки дар Руми ҷумҳурӣ нақши калон бозидаанд. Модарашон ба покдоманӣ маъруф буд. Ҳамаи занони дар ин ҷо зикршуда ба иффат ва покӣ шуҳрат доштанд; **Салоҳиддин** (1138-1193), султони эронинажоди маъруфи Миср, ки дар ҷангҳои салибӣ бо масеҳиён шуҳрат ёфта, ҷавонмардию мардонагиҳояш дар шарқу ғарб вирди забонҳо буд.

131-147. Устоди ҷумлаи донишварон. – Ҳалқаи дигар аз файласуфон ба ҳам омадааст, ки ин ишора ба сарвари эшон, муаллими кулл, муаллими аввал ё муаллим-ал-ҳаким ба Арасту (қарни IV то мелод) аст. Суқрот (солҳои 469-399 то солшумории мо), Афлотун (солҳои 427-347 то солшумории мо); Зимуроқ (тақрибан солҳои 460-370 то солшумории мо), файласуфи бузурги Юнон, ки дунёро бар асари ба ҳам пайвастани тасодуфии атомҳо ҳосил шуда медонист, ки ба назарияи кунунии пайдоиши олам бисёр наздик аст; **Диоченс, Толис, Онаксағурос, Зенон, Эмпидуклос, Арқалитус** – файласуфони асрҳои VII-VIII то мелод; **Диускурид** табиби машҳури асри I пеш аз мелод, ки дар бораи хосияти давоии гиёҳҳо китоби машҳур дорад; **Сенако** (Сенека), (солҳои 65-2 мелод) файласуф ва шоири бузурги Лотин, ки мураббии Нерон буд ва ба дасти ӯ кушта шуд; **Орфей, Лину**, шоирони асотири Юнон, ки аввалӣ бо сурудҳои худ ҳатто ҳайвонон ва сангҳоро мафтун мекард; **Тулий (Марк Тулий Цицерон)**, хатиб ва сиёсатмадори маъруфи румӣ, (солҳои 43-106 пеш аз мелод), ки ҳарифи Қайсар буд; **Уқлидус,** риёзидони

бузурги Юнон (қарни IV пеш аз мелод); **Букрот, Ҷолинус**, табибони маъруфи юнонӣ (қарнҳои V-IV то мелод ва II мелод), **Батлимус**, риёзидон ва донишманди бузурги илми ҳайат (асри II мелод), ки Данте дар ситорашиносӣ аз ӯ пайравӣ кардааст; Сино, файласуф ва табиби тоҷик (асри XI); **Ибни Рушд** (Аверроэс), файласуфи маъруфи араб (асри XII), муфассири машҳури Арасту.

## СУРУДИ ПАНҶУМ

Табақаи дувуми Дӯзах. – Минос. – Шаҳватронон.

1-3. **Зер рафтам аз нахустин давра ман**. – Ҳар табақаи минбаъдаи Дӯзахи Данте нисбат ба пешина ва азоби дӯзахиёнаш сахттару бештар аст. Он торафт ба маркази Замин наздик мешавад.

7. **Минос** – дар асотири Юнон яке аз нимхудоён, подшоҳи ҷазираи Каррат мебошад, ки ба адолатпешагӣ ва қонунгузорӣ шухрат ёфта буд. Ӯ аз ишқи Худои худоён Зевес бо Урупо, духтари подшоҳи Финикия ба дунё омадааст. Дар Дӯзахи Данте ӯ ба шайтони бадрӯе мубаддал карда шуда, қозии арвоҳи мурдагон аст, ки осиёнро аз рӯи гуноҳашон азоб муқаррар мекунад.

7-10. **Минос** гуноҳи ҳар дӯзахиро муайян карда, думи худро ба атрофаш чанд бор печонад, дӯзахӣ ба ҳамон табақаи Дӯзах, ки нуҳтабақа аст, поён меравад. Ин тарзи гунаҳсанҷӣ ва ба азобфиристӣ дар асари Данте аввалин бор вомехӯрад.

34. **Мерасанд инон ба вайронӣ ба дод**. – Сахраи фурӯрафтае, ки Минос болои он мешинад. Ин фурӯрафтагӣ бар асари ду зилзила, ки дар Дӯзах шудааст, ба амал омадааст. Зилзилаи аввал ҳангоми сукути шайтони азим Лютсифер ба Дӯзах, зилзилаи дуюм ҳангоми марги Исои Масеҳ рух додааст, ки фурӯрехтагиҳои Ҷаҳаннам аз он аст.

37-49. Дастаи аввалини дӯзахиёни Данте, ки гуноҳашон «ишқ» ва шаҳватпарастист, нисбати ҳамаи дигар осиён азоби сабуктар доранд.

58. **Ин зани Нинос, Самиромис буд**. – Самиромис Маликаи маъруфи Ошур (тақрибан солҳои 1214 ва 1356 пеш аз мелод ҳукмравоӣ карда). Нинос, подшоҳи Ошур, шавҳари Самиромис, ки ба дасти ӯ кушта шуд.

61. **Хештанро кушта они нозанин** – маликаи зебои Кортос, Дидона, беваи Сико, зани Эней, ки пас аз тарки ӯ худро дар оташ афканд. Ҳарчанд худкушон дар Дузахи Данте дар табақаи ҳафтум кайфари сахте мекашанд, ӯ ин маликаи зеборо истисноан ба хотири он ки ӯ худро барои ишқ кушт, бар табақаи дуюм ҷой додааст, ки азобаш сабуктар бошад.

63. **Клеопатра** – Маликаи Миср, (солҳои 30-67 пеш аз мелод) яке аз занони маъруфи ҷаҳон аст, ки аввал маҳбубаи Қайсар, баъд маъшуқаи Антонио, сардори Рум буд, ки дар охир ҳар ду кушта шуданд.

64-67. **Елена** – маликаи зебои Испорт, зани Менелос; **Порис**, писари подшоҳи Таруё ошиқи ӯ шуд ва рабудаш, ки ба хотири баргардонидани ӯ ҷанги Таруё ва Юнон сар зад ва даҳ сол давом кард. **Акилла**, қаҳрамони ҷангҳои Таруё; Тристон, қаҳрамони достонҳои ишқии асри васати мағрибзамин, ки ба **Изолда** ишқи сӯзон дошт.

73-75. **«Шоиро, – гуфтам, – бихоҳам ин ду тан...»** –Қиссаи ин ду рӯҳи ошиқ, ки Данте ба он ишора мекунад, аз зеботарин қисматҳои «Дӯзах» аст. Франческо, духтари Гвидо дар Поланто, яке аз зимомдорони шаҳри Ровно буд, ки тақрибан солҳои 1275 ба Ҷовани Молатосо, яке аз ашрофи шаҳри Римини, шевалеи ҷангҷӯю далер, аммо ланги зиштрӯ ба шавҳар дода шуд. Вакте ки ӯ Франческо ва додари худ Паолоро дар бистар ҳамоғӯш ёфт, ҳардуро бикушт. Ин тақрибан солҳои 1283 ва 1286 буд.

Франческо аммаи Гвидо Новелло Поанто, ашрофи бузурги Ровно буд, ки Данте солҳои охири умри худро таҳти ҳимояти ӯ ба сар бурдааст. Эҳтимол аз ҳамин ҷиҳат аст, ки ӯ ишқи Франческоро бисёр бо муҳаббат тасвир кардааст.

**Гуфтам: «Эй арвоҳ, монеъ нест кас»...** – яъне Худо монеъ нест.

97-99. **Дар маконе, ки маро модар бизод** – дар Ровно.

108. **Қобилистон** – ҳалқаи аввали табақаи нуҳуми Дӯзах, ки дар он ҷо бародаркушон ҷазо мебинанд. Суханони Франческо ин ҷо оҳанги нафрин дорад.

100-108. Ин ҳар се бандро Данте махсус бо ҳарфи «ишқ» сар мекунад, ки ба хотири он сабук кардани гуноҳи ононро бори дигар таъкид намояд.

128. **Достони ишқи Лонсулотаро**, – романи машҳури ошиқонаи фаросавист, дар қарни васат, ки аз ишқи Лонсулота, яке аз дувоздаҳ силаҳшӯри «Мизи Гирд» ба Женевра, зани шоҳ Артур, подшоҳи Инглистон ҳикоят мекунад. Данте, ба он роман, ки он солҳо дасти ба даст мегашт, ишора мекунад.

136. **Голеот** – ҳам муаллиф ва ҳам қаҳрамони китоб аст, ки боиси баҳамназдикшавии Лонсулота ва Женевра мешавад ва маликаи зеборо ташвиқ ба он мекунад, ки қаҳрамони шарминро барои аввалин бор бибӯсад.

## СУРУДИ ШАШУМ

Табақаи севум. – Сирбир. – Шикампарастон. – Гуфтугӯи аввали Данте бо рӯҳ..

13. **Сирбир** – Дар асотири Юнон саги сесаре буд, ки хидмати раб-ул-навъи Дӯзах Ҳодисро мекард ва дар зери замин мезист. Дар Дӯзахи Данте ин шайтони сесарест, ки шакли инсон дошта, ҳамон хизматро ба ҷо меорад ва мазҳари ҳирсу шикампарастист.

36. **Менамуд ашбоҳи зан, абшоҳи мард**. – Данте дар «Мазҳакаи илоҳӣ» – арвоҳро чанд навъ баъзан чун соя, шабаҳ ва баъзан барои таъсирнок шудани тимсол соҳибҷисм тасвир мекунад.

49... **Шаҳре пурҳасуду пурбало** – Флуронс.

52.**Чиёку** – Эҳтимол меравад, ҳамон фулуронсие бошад, ки Бокаччо ҳам аз он дар «Декамерон» ёд меорад. Ӯ шахси шикампарасте, ки ба зиёфатҳо бе даъват ҳам омада шикам пур мекардааст, вале ба хотири шӯхӣ ва хушчақчақияш Данте ӯро дӯст медоштааст.

64-75. ... «**Баъди кашмакашҳои зиёд**...» – Дар ин ҷо Чиёку аз вазъи ояндаи Флуронс пешгӯӣ мекунад. Дар аввалҳои асри XIV Флуронс шаҳри ободу сарватманд ва гирифтори ихтилофоти бисёр буд, ки дар он дастаҳои гивелфҳо ва гибелинҳо ба ҳам мубориза карда, дар охир гибелинҳо мағлуб шуданд. Баъд аз чанде гивелфҳои ғолиб ба ду гурӯҳ «сиёҳҳо» ва «сафедҳо» тақсим шуда, байни худ мубориза карда ва ниҳоят «сиёҳҳо» бо мадади кашиши Бонифатсияи VIII, ки ӯро Данте ӯро ба Дӯзах ҷой ва ба азоби сахте гирифтор кардааст, ба сари ҳокимият омаданд. Аз он замон сарсониии Данте оғоз шуд, ки дигар то охири умр дур аз Флуронс зист ва вафот кард; **Фирқаи ҷангал** – дастаи «сафедҳо», ки фармондеҳи онҳо Чарки аз як деҳоти Фулуронс ба шаҳр омада буд. **Дигар фирқа** – дастаи «сиёҳҳо», ки фармондеҳашон аз хонадони Донатиҳо буд.

73. **Кас надорад гӯш бар одил ду мард**. – Ба таври дақиқ гуфта намешавад, ки Данте бо ин суханҳояш киҳоро дар назар дорад.

80-88. Данте инҷо аз қисмати 5 нафар фулуронсиёни машҳур – Фориното, Тигё, Рустикуччи, Оригю, Муска пурсон мешавад, ки дар Дӯзах маскан доранд.

96. **То нахезад нафҳаи сури қазо**. – Ишора ба рӯзи растохез ва Исо, ки Данте номашро дар ҳеҷ ҷои Дӯзах сареҳан намебарад.

107-111. **«Донишат ёд ор...»** – Ба суоли Данте, ки баъди растохез азоби гуноҳкорон зиёдтар мешавад ё камтар Верҷил ӯро даъват мекунад, ки таълимоти Арасту, махсусан, «Ахлоқ»-и ӯро ба ёд орад, ки дар он бад-ин маъно гуфта мешавад: баъди растохез арвоҳи гуноҳкорон бештар азоб ва савобкорон бештар роҳат хоҳанд дид.

116. **Плутун** – дар асотири Юнон Худои сарват, писари Димутр, хоҳари Худои худоён аст. Данте ин худоро низ шайтони ҳайвоншакле тасвир мекунад, ки нигаҳбони табақаи чаҳоруми Дӯзах, азобгоҳи хасисон ва исрофкорон аст.

## СУРУДИ ҲАФТУМ

Табақаи чаҳорум. – Шайтон Пулутун. – Хасисон ва исрофкорон. – Табақаи панҷум. – Ботлоқи Истиҷа. – Арбоби ғазаб.

1. **Попи Сотин, олапе** – ин сухани муаммоомез дар ҳеҷ забони дунё маъно надорад. Дантешиносон ба тафсили он саҳифаҳои бисёре сарф карданд. Ба эҳтимол наздикаш он аст, ки ифодакунандаи қаҳру ғазаб бошад.

11. **Микоил** – аз малоики муқарраби Худо. Ҳангоме ки шаётин исён мекунанд, онҳоро аз осмон ба зери замин партоб кард.

22. Корибди – сахраи маъруфе дар канори халиҷи Мессино, назди ҷазираи Сисил, ки дар «Одиссея», **-** и Ҳумер ҳам омада аст.

57. **Бо сари бемӯй, дигар баста мушт**. – Зарбулмасали итолиёӣ ҳаст, ки дар ифодаи исрофкории беҳад «як мӯи сар намонда, сарф кард» мегӯяд. Бар муқобили ин дастони муштбаста аломати ифроти хасисист.

62-95. **Иқбол** – ба юнонӣ Фортуна, Худое, ки ба сурати зани зебо таҷассум шуда, ҳамеша дар парвоз ва чархи гардоне бо худ дорад, ки рамзи бебақоии сарвату мақом аст. Данте ӯро дар зумраи фариштагон тасвир ва вазифадор мекунад, ки сарвату шуҳрат ва мақоми инзаминиро аз мардуме бар мардуме интиқол диҳад.

96. **Аввалин махлуқҳо** – фариштагон.

98. **Рафта поин ахтарон...** – вақте ки Данте ва Верҷил оғози сафар карда буданд, ситорагон дар осмон болорӯ мерафтанд, акнун поин меравaнд, яъне поёни шаб мерасад.

108. **Истекас –** муроҷиат шавад ба шарҳи «Дӯзах», суруди 11, мисраи 77.

## СУРУДИ ҲАШТУМ

Табақаи панҷум (охираш). – Фалҷиёс. – Шаҳри шайтон Дита.

3. **Ду шӯълаи кӯчак** – аломати он аст, ки ба зудӣ шайтонҳои посбон ба қалъа ду бегонаро роҳ медиҳанд, ки пас аз ин завракбон ба сӯи ояндагон меравад.

19. **Фалҷиёс** – Дар асотири Юнон яке аз қаҳрамонони афсонаи Худоён, писари Миррих, Худои ҷанг, ки ба Худои ишқ Апполон ба сабаби фирефтани духтараш ба ӯ ғазаб гирифт ва маъбади бузурги Далфро оташ зад. Дар Дӯзахи Данте ӯ посдори бадхашми табақаи панҷум аст.

31. **Дӯзахии бадгуҳар** – Филиппо Арҷенти, яке аз сарварони хонаводаи «Адимари»-и Фулуронс, душмани ашаддии Данте. Аз он сабаб Арҷенти (нукрагин) лақаб пайдо кардааст, ки аз сарватмандӣ наъли аспҳояшро аз нукра месозондааст.

68. **Шаҳри Дита** – Дӯзахи Данте аз табақаи панҷум минбаъд дар даруни ин шаҳр ҷой дорад. Дита – ба Итолиёи Дис, ба Юнонӣ Плутун (Ҳодис) Худои Дӯзах аст. Данте ин номро ҳам ба шайтони аъзам ва ҳам ба шаҳри Дӯзах додааст.

82. **Ронда дидам пеши дар беш аз ҳазор**. – Онҳое, ки ҳамроҳи шайтони азим Лютсифер бар зидди Худо исён карданд ва аз осмон ба зери замин афканда шуданд.

124-126. Ишора ба ривояти масеҳӣ, ки гӯё вақте Исо барои бурун овардани арвоҳи савобкорон ба Дӯзах фуруд меояд, шайтонҳо дарвозаро ба ӯ намекушоянд ва ӯ дарвозаро мешиканад, ки то ҳол боз мондааст.

## СУРУДИ НУҲУМ

Дарвозаи шаҳри Дита.–Пайки осмон. – Табақаи шашум. – Зиндиқон.

1-3. **Ранги хорӣ гашт бар рӯям аён**. – Верҷил мебинад, ки аз ҳарос ранг аз рухи Данте рафтааст, мекӯшад, ки паридани ранги худро аз ӯ ниҳон дорад.

8. **Он ки дода ваъдаи ёрӣ ба мо.** – Беатрис.

17. **Ҳар касе дар ҳалқаи аввал бувад** – яъне Лимб.

23. **Ирикуна** – ҷодугарзани афсонавӣ, ки ба қавли Лукан, шоири румӣ мурдаро зинда мекунад, то аз ӯ асрори ояндаро бипурсад.

25-27. Аз табақаи поинтарини Дӯзах, ки дар он ҷо Яҳудо, хиёнатгари Исо азоб мебинад, рӯҳи гунаҳкореро берун кашам.

29**.** **Осмони бозиё** – осмони нуҳум, дар асари Данте осмону замин ҳар кадоме нуҳтабақа ҳастанд.

35-48. **Се нафар шайтона** (Фурия) – Дар асотири Юнону Рум арвоҳи бадкори интиқомҷӯ буданд. Тазифона, Мижҷаро, Олку модашайтонҳои зансурати сангдил, ки барои гуноҳҳои калонтарин азоб медоданд.

53. **Мидузо** – Дар асотири Юнон номи яке аз се хоҳарони Умура, ки ҳар касе ба ӯ менигарист, санг мебаст. Персей ниҳоят ӯро бикушт ва сарашро ба Олимп бурд. Тезео – қаҳрамони афсонавӣ ва нимахудои юнонист, ки аз рӯи ривоят бо Пиртиусу барои рабудани маликаи зебои дӯзах Ҳакота меояд ва бо занҷире ба тахтасанги азим баста мешавад. Иринохо афсӯс мехӯранд, ки ӯро дар вақташ нобуд накардаанд, вагарна касе дигар ихтиёри ба дунёи зеризаминӣ омадан намекард.

82. **Пайки осмон** – яъне фаришта.

89-99. Сирбиро. – Посдори табақаи чаҳоруми Дӯзах, ки ҳангоми ба он дохил шудани Ҳаркул монеъ шуд ва Ҳаркул онро бар занҷири гарон баста, кашон-кашон ба рӯи замин бурд. Аз асари ин кор занаху гулӯи Сирбиро бепӯст шуд.

109. **Арли** – шаҳр дар Прованс, дар соҳили чапи Рон, ки дар наздикии он қабристони бузурге ҷой дорад.

110. **Пола** – шаҳрест дар резишгоҳи Истрия, ки ёдгориҳои бисёри антиқ дорад. Каварнору – халиҷест, ки Истрияро аз Далматсия ҷудо мекунад ва дар соҳилҳои он дахмагоҳи бузург воқеъ буд.

## СУРУДИ ДАҲУМ

Табақаи шашум. – Аҳли зиндиқа.

10. **Яҳушофот** – номи дарае дар наздики Байтулмуқаддас, ки аз рӯи ривояти динӣ гӯё рӯзи растохез дар он маҳкамаи илоҳӣ барои расидагӣ ба гуноҳҳои аҳли башар ташкил мешуда бошад.

13. **Эпикур** – файласуфи бузурги Юнон (солҳои 341-270 то солшумории мо), ки абадияти рӯҳ ва ҳаёти баъд аз маргро инкор мекард.

32-51. **Фориното** – (Фориното Делли Уберти) яке аз ашрофи машҳури Флуронс, раиси дастаи гибелинҳо (тарафдорони ҳукумати республикавӣ), ки бо гивелфҳо (тарафдорони ҳукумати императорӣ) ҷангид, вале дар охир шикаст хӯрда, соли 1258 аз Флуронс ронда шуд. Сипас ӯ бо писари ғаришаръии Федерики II забон як карда, соли 1260 ба Флуронс ҳамла овард ва дар назди Монтапарти ҷанги хунине карда, пирӯз шуд. Фориното дар соли 1264, як сол пеш аз таваллуди Данте аз олам даргузашт. Ҳамасрони ӯ аз ғурур ва саркашии бениҳояти ӯ сухан гуфтанд, ки Данте ҳам онро бисёр олӣ ба қалам овардааст. Баъд аз марги Фориното гивелфҳо боз қувват пайдо карда, гибелинҳоро шикасти сахт доданд ва ба сари ҳукумат омаданд.

53. **Рӯҳи дигар** – яъне Кавалканте падари шоир ва файласуфи машҳур Гвиду Кавалканте (тақрибан солҳои 1259-1300), дӯсти наздики Данте. Кавалканте падар аз Данте писари худро мепурсад ва аз ҷавоби ӯ гумон мекунад, ки писараш мурдааст ва дубора ба гӯри сӯзони худ фурӯ меафтад.

80-83. Моҳтоб панҷоҳ бор нав шавад, яъне баъд аз панҷоҳ моҳ Данте дар ҳақиқат умеди баргаштанро ба Флуронс батамом канд.

86. **Арбиё** – рӯдхонае дар назди Сена, дар Итолиё, ки ҷанги Монтапарти дар он ҷо ба амал омада буд.

91 – 93. Ҳангоме ки гибелинҳо зери фармонравоии Фориното ғолиб ва соҳиби Флуронс шуданд, шӯрои низомию сиёсӣ талаб кард, ки шаҳр яксони замин карда шавад ва Фориното онро девонагии маҳз номида, гуфт, ки ман то лаҳзаи охир дар дифои шаҳр хоҳам буд ва ба ин кор роҳ надод.

108. **Баста гардад чун дари ояндаҳо** – яъне рӯзи растохез.

120. Федерик – Федерики дуюм (1194 - 1250), императори маъруфи Олмон ва Рум, ки ба бединӣ маъруф шуда, дар давоми тамоми салтанаташ бо кашиш дар ҷанг буд. Фармуда буд аз «Инҷил» ва «Таврот» далелҳое ёбанд, ки боқӣ намондани одамиро пас аз марг тасдиқ кунанд. Кардинал – Оттавиано Делли Убалдини (вафоташ соли 1237), гибелини машҳур, ки зиндагии

пурмоҷарои сиёсӣ ба сар бурда, чунин гуфтаи ӯ машҳур аст: «Агар рӯҳе доштам, онро дар роҳи гибелинҳо аз даст додам». Ва ҳамин «Агар» гуфтанаш оид ба рӯҳ ӯро ба аҳли зиндиқа даровардааст.

130-133. Ба ин маъно, ки Биатрис ба ту рӯҳи Каччагвидиро (ҷадди Данте) менамояд ва ту аз он ояндаи худро хоҳӣ донист.

## СУРУДИ ЁЗДАҲУМ

Табақаи шашум (давомаш). – Зиндиқон.

7-9. **Поп Анастозӣ** – поп Анастозии дуюм, ки солҳои 496 – 428 бар ин мансаб буд, мекӯшид ду калисои мухталис – ғарбию шарқиро ба ҳам оштӣ диҳад. Ӯро ба сабаби усқуфи калисои Юнон Фотинро ба хушӣ қабул доштанаш бедин эълон карданд. Мавриди ихтилофи калисоҳо таъйин кардани асли Исо буд, ки писари Худованд аст ё ба мисли мардуми дигар зодаи инсон.

16-66. Верҷил ба Данте табақабандии минбаъдаи Дӯзахро шарҳ медиҳад, ки ҳафтум, ҳаштум ва нуҳуми он торафт тангтар мешаванд, аммо шарҳи гуноҳон ва азобҳои дӯзахиён муфассалтар.

Дар табақаҳои болоии Дӯзах гуноҳ ва азобҳо сабуктар, ҳар қадар ки табақа поинтар равад, ҳамон қадар сахттар мешаванд.

Дар ҳалқаҳои табақаи шашум гунаҳкорон барои: хушунат, дуздӣ, худкушӣ, куфргӯӣ, макру ҳилла, дурӯӣ, хиёнаткорӣ ва ба монанди ин гуноҳони сахт азоб мебинанд, ки дар матни достон шарҳи онон меравад.

48. **Садум** – аз рӯи ривояти динӣ шаҳрест, ки барои алоқаи ғайритабиӣ мардумаш сӯзонда шудааст. Кору – шаҳре дар ҷануби Фаронса, ки мардумаш ба судхӯрӣ машҳур буд.

64. **Дита** – Лутсифер, шайтони аъзам; шаҳри Дӯзах (ниг. ба шарҳи суруди ҳаштум, 68).

78. **«Ахлоқ»** – («Этика») асари маъруфи Арасту, ки Данте аз рӯи он гуноҳҳо ва ҷазоҳои онҳоро табақабандӣ кардааст.

96. **Фалсафӣ** – Арасту.

99. **«Физик»** – асари Арасту, ки Данте хуб медонист ва қабул медошт.

113-114. Бурҷи моҳиён боло рафта, Гардуна (Дубби Акбар) ба самти шимоли ғарби осмон ба сӯи Курус чархида; яъне то дамидани субҳ камтар аз ду соат вақт мондааст.

## СУРУДИ ДУВОЗДАҲУМ

Табақаи ҳафтум. – Минутур. – Минтақаи аввал. – Таҷовузкорон ба наздикон ва амволи онон.

4-9. Данте фуромадгоҳро ба табақаи ҳафтум ба фурӯрехтагии кӯҳистони маъруф Сивини ди Марко, ки дар байни шаҳрҳои Ровно ва Таранту воқеъ аст, монанд мекунад.

12-16. Ғӯли Карат – ишора ба Минутур, қаҳрамонони афсонавии Худоён, чунонки дар асотири Юнон нақл мешавад, он аз зани Минус (подшоҳои ҷазираи Карат) Пасифей, ки ба гови ваҳшии сафед ошиқ шуда, даруни гови чӯбӣ бо он даромехт, ба дунё омад. Ними бадани он аз инсон ва ними дигар аз гов буд. Ӯ дар Дӯзахи Данте посдори қисмате шуда, ки дар он гунаҳкорони даррандахӯ азоб мебинанд.

16-18. Яъне ту (Минутур) гумон мекунӣ, ки Тезей, шаҳзодаи Отин омада, ки туро бикушад. Хоҳари Минутур Ориёно ба Тезей ошиқи худ ресмоне дод, ки вай барои рафтан ва боз омадан аз роҳи пурпечутобе – лабиринте, ки дар он Минутур мезист, имкон ёбад ва ӯро бикушад.

34-39. Данте аз ривояти дини масеҳӣ истифода мекунад, ки гӯё баъд аз марги Исо дар Дӯзах зилзила ба амал омад ва ин фурӯрехтагиҳо аз он аст. Ҳангоми сафари пешинаи Верҷил, ки пеш аз марги Исо буд, дар Дӯзах ин фурӯрехтагиҳо вуҷуд надоштааст.

41-43. ... **Олам аз ишқи нахуст**... асари таълимоти Эмпидокл, ки ҷаҳон дар натиҷаи аз ҳам дур шудани чаҳор унсур (об, оташ, бод, хок) аз ин шакл баромадааст ва агар онҳо боз ба ҳам оянд, ҷаҳон нобуд, боз бешаклу намуд хоҳад шуд.

46. **Рӯди хун** – ишора ба Фалижитун.

65. **Кируна** – дар афсонаи худоёни Юнон аз дурусткортарин ва фаҳмидатарин қантурасҳост, ки мураббии бисёр қаҳрамонон, аз ҷумла – Ашил ҳам будааст.

67-69. **Нису** – ба ҷазои гуноҳе доимо одамонро ба дӯши худ аз рӯд мегузаронид ва рӯзе, ки зани зебои Ҳаркул Дижониррo бар дӯш мебурд, ошиқи ӯ шуд ва мехост, ки ба номуси ӯ дастдарозӣ кунад, Ҳаркул аз соҳили дигар ӯро бо тири заҳролуд бикушт. Ӯ ҳангоми мурдан ба Дижониру ҷомаи хунуни худро дода гуфт, ки хуни қантурасҳо иксири ишқ аст. Ҳангоме Дижониру дарёфт, ки Ҳаркул дил ба ишқи  Иолаи зебо бастааст, то ишқи ӯро ба худ бозгардонад, ҷомаи қантурасро ба ӯ фиристод, ки бипӯшад. Чун Ҳаркул онро бипӯшид, сӯзиши тоқатфарсое дар дилу ҷонаш ҳис кард ва тоқат надошта, ҷангалеро оташ зад ва дар он худро сӯхт. Ҳамин тариқ Нису аз Ҳаркул ба марги худ интиқом гирифт.

72. **Фулу** – яке аз қантурасҳое, ки дар асотири Юнон ба зӯроварӣ маъруф аст.

84. **Ду табъи гунагун** – табиати инсонӣ ва ҳайвонӣ.

88-89. **Он ки хонд аз «Ҳаллилуё» ними он**. – Ишора ба Беатрис, ки аз осмон фуруд омадааст («ҳаллилуёҳ»-ибрӣ «ситоиш кунед Худовандро»).

107. **Сикандар** – Искандари Мақдунӣ (солҳои 356-323 то солшумории мо). Диунузий – Диунузий аввал, подшоҳи Сиракул (солҳои 407-367 то мелод), ба писараш  машҳури хунхорӣ ва ситамгарӣ гашта буд.

109. **Атзулино -** Атзулино дар Романо (солҳои 1194-1259) яке аз ашрофҳои маъруфи Итолиё, ки оқибат дар зиндон ҷон супурд.

110. **Обитзу Диста** – муқаллаб ба маркиз Фароро, яке аз ашрофони Итолиёи қарни сездаҳум.

113. **Беҳ бувад, бошад туро ӯ раҳнамо**. – Яъне ин тараф туро Нису рафнамоӣ мекунад.

119. **Дил шикофидаст ҳангоми намоз**. – Ишора ба Гиу де Монфор, ҳокими вилояти Тускониён Итолиё, ки соли 1272 ҳангоми иҷрои маросими мазҳабӣ писари подшоҳи Ингилистон Ҳенриро бикушт. Аз рӯи ривоят қалби Ҳенриро дар дохили муҷассамае ниҳода, дар сутуни назди кӯли рӯди Тоймиз ҷой доданд.

134-137. **Отило** – подшоҳи ҳунҳо, дар қарни панҷуми масеҳӣ зиста, Урупоро ба дасти ғорат ва вайронӣ супорида, соҳиби лақаби «тозиёнаи Худо» гашта буд. Пиру – эҳтимол дорад, писари Ашил бошад, ки дар ҷангҳои Таруё ғорат ва сангдилии бисёр кард. Ва ё подшоҳи номиии Юнон аст (солҳои 319-272 то мелод), ки бо румиён дуру дароз ҷангид. Сакту – писари консули маъруфи Рум, ҳарифи Қайсар, роҳзани дарёӣ, ки куштори бисёре кардааст.

Ринар Курноту, Ренар Потзу – ҳар ду ҳам роҳзанҳои машҳур.

## СУРУДИ СЕЗДАҲУМ

Табақаи ҳафтум. – Минтақаи дуюм. – Зӯроварон ба худ.

7. **Дар Сисино, Курту рафта ҷумла**. – Минтақаҳое дар Итолиё, ки обу ҳавоашон носолим ва санглоханд.

10-13. **Ҳорпиён** – дар асотири Юнон паррандагони духтарсурате буданд, ки дар ҷазираи Астаруфодис зиста, вазифаашон ҷони мардумро аз танаашон бо худ бурдан буд.

47-48. Верҷил дар асари худ «Энейнома» ҳикоя мекунад, ки Эней ҳангоми расиданаш ба Тарокия ниҳоли мурудеро шикаст, то ибодатгоҳро оро бидиҳад ва ҳангоми бори сеюм такрор кардани ин амал аз ниҳол садои шоҳзодаи Таруё Пулидур ба гӯшаш расид, ки ӯро маломат мекард.

58-59. **Ду калид аз қалби Федерик вуҷуд**... – Ин рӯҳи сухангӯ Пер делла Виниё садри аъзаи император Фредерики дуюм аст, ки аввалҳо мавриди эътимод буд ва баъд мағзуб гашту охир (соли 1249) худкушӣ кард. Ду калид – меҳрубонӣ ва ғазаб.

64. **Бешарму осӣ** – ҳасад.

65. **Қайсар** – ишора ба Фредерики дуюм.

101-102. Яъне, рӯҳ аз ҷои шикастаи худ, ки хун мешорад, сухан гуфта метавонад.

103. **Низ худро колбад ҷӯем мо**. – Дар рӯзи растохез.

104-105. Яъне рӯҳи худкуштагон дубора ба қолабашон барнамегардад.

118. **Пештозаш наъра мезад бо ситез**. – Лано ҳалли Сиҳно, ки дар ҷанги Тупу миёни сиҳноиҳо ва ортиниҳо кушта шуд.

120. **Дигаре** – ишора ба Ҷиёкуму де Сант-Андреа, яке аз аҳли шаҳри Подуво, ки ба бадхарҷӣ шуҳрат дошт.

143. **Аҳли шаҳри Маъмадам**... – Ишора ба шаҳри Флуронс, ки аввал пеш аз даврони Масеҳ Миррих, Худои ҷангро ва дар замони насроният Яҳёи Маъмадро сарпарасти худ қарор дода буд. Яке аз муқаддасонро сарпарасти худ хондан дар анъанаи шаҳрҳои қадимаи Урупост.

146-150. **Боқии он гар набуд дар Орно**. – Пули Орно дар Флуронс аст, ки дар замони румиён дар даромадгоҳи он муҷассамаи Миррих буд ва дар даврони ҳамлаи Отило он ба дарё афканда, ба ҷои он калисои Яҳёи Маъмадро сохтанд. Ғайбгӯён гуфта буданд, то замоне, ки шикастаи ҳайкали Миррих дар рӯд аст, Флуронс аз ҷанг амон нахоҳад ёфт, аз ин рӯ, мардум онро берун оварданд ва дар ҷояш барқарор карданд, то соли 1333 аз сели бузург хароб шуд.

151. **Хонаи худро бикардам дори худ**. – Аниқ нест, ки ин гуфта ба шахси алоҳида таъаллуқ дорад, ки худкушӣ карда аст, ё ба вазъи умумии сиёсии Флуронс доир дар нимаи дуюми қарни сенздаҳум.

## СУРУДИ ЧАҲОРДАҲУМ

Табақаи ҳафтум. – Минтақаи севум. – Хушунаткардагон бо Худованд.

14. **Катон** – сардори румӣ, ки соли 47 пеш аз милод бозмондаи сипоҳиёни Пумпаро ба воситаи саҳрои Либиё ба Африқо бурд, ки бо шоҳи Марокаш Жубо ҳамроҳ шавад. Яъне манзараи ин минтақаи Дӯзах ба саҳрои Африқо бешабоҳат набуд.

32. **Дид Искандар** – дар ин ҷо номаи Искандар ба Арасту, ки аз Ҳинд навишта буд, манбаи сухани Данте аст.

46 – 72. **Кист рӯҳи кӯҳтан**... – ин мард, ки номаш поинтар хоҳад омад, Капоно, яке аз ҳафт подшоҳи Юнон буд, ки шаҳри Тиброро ба муҳосира гирифтанд. Дар ин ҷанг ӯ болои ҳисор баромад ва ба Худои худоён куфр гуфт, ки Зевс бо соиқаи хашмаш ӯро бисӯхт. Ӯ дар Дӯзах ҳам ба куфргӯияш машғул аст. Оҳанкори худ – писари Зевс Вулкайн аст, ки Худои оҳанкорон буда, Зевс аз ӯ тирҳои камони худро мегирифт. Мунҷибилло – номи ин кӯҳ аз калимаи арабӣ сохта шуда, ҷои кори Вулкайн буд. Фалигро – ноҳияест, ки дар он Титонҳо – ғӯлони афсонавӣ бар зидди Худои худоён исён карданд.

79. **Буликома** – кӯле, дар назди Витербо ки аз оби чашмаҳои маъданӣ ба вуҷуд омада, бо шифобахшияш машҳур буд.

95. **Крета** – ҷазираи маъруф, ки Зуҳал дар «асри тиллоӣ» подшоҳи он буд.

99. **Реа маҳди амни тифли худ намуд**. – Сотурн, шавҳари Реа медонист, ки бо дасти тифлаш аз тахти худоӣ сарнагун хоҳад шуд ва аз ин рӯ, ҳар тифли навзодашро фурӯ мебурд. Чун Зевс таваллуд ёфт, Реа ба ҷои ӯ сангеро парпеч карда ба Сотурн дод, ки фурӯ бурд ва тифлро ба кӯҳи Идо пинҳон карда надимонашро фармуд, ки ҳангоми гиряи кӯдак найзаҳо ба сипарҳо зада садо бароранд, то Сотурн овози тифлро нашунавад.

103-114. **Қавитан пирасар** – образи рамзист дар Дӯзахи Данте, ки мазҳари кулли башарият аст ва аз «Таврот» гирифта шудааст. Ба подшоҳи Ошур Набӯкаднасур ҳамин гуна қавиҳайкале ба хоб даромад, ки таъбирашро ба ӯ Дониёли Набӣ бигуфт. Данте ӯро таҷассуми аз даврони тиллоӣ, нуқрагин, мисин, оҳанин гузашта ҳоло дар гилин қарор доштани инсоният тасвир кардааст, ки гӯё интиҳояш наздик аст. Аммо пирасар, ки пушт ба Домиёту, ба машриқ, мазҳари гузашта ва рӯ ба Рум, ба мағриб, мазҳари оянда кардааст, имони аз нав таҷаллӣ додани ҷаҳонро дорад, таъкид мекунад Данте.

112-120. Аз ин ҳайкали қавӣ ба ҷуз сар, ки тиллоӣ ва рамзи даврони бегуноҳии башарият аст, ҳамаи дигар узвҳо ашк мешорад, ки аломати гуноҳҳои инсоният мебошад.

133. **Ҷӯшон сурхоб** – рӯди Фалҷатунта.

139. **Гуфт: «Аз ҷангал бурун бояд бишуд**...» – яъне аз ҷангале, ки аз рӯҳи худкушон пайдо шуда буд.

## СУРУДИ ПОНЗДАҲУМ

Табақаи ҳафтум. – Минтақаи саввум. – Хушунаткардагон ба Худованд. – Аҳли Лавот.

**4-12. Ҳамчунон** аҳли фаломандадиёр... – Данте бо Верҷил аз рӯи сарбанди рӯди Фалҷатунта равонанд ва Данте онро ба сарбанди дар байни шаҳри Баружо ва Витсонто, ҳамчунин сарбанди Барантон назди Подуво монанд мекунад.

30. **Сер Бурунетто** – Бурунетто Латини (тақрибан солҳои 1220-1295), донишманд ва сиёсатмадори фулуронсист, ки аз гивелфҳо буда, ҳангоми ҳукумати онҳо ба мақомоти баланд соҳиб буд. Аз ӯ қомуси бузурге ба забони фаронсавӣ ва достони ахлоқӣ ба забони итолиёӣ боқӣ мондаанд. Данте, ҳарчанд ӯро ба Дӯзах ҷо додааст, ба ӯ эҳтиром, ҳатто «шумо» – гӯён муроҷиат мекунад, ки ин фақат бо ду каси дар Дӯзах буда, ба Сер Бурунетто ва Фориното воқеъ шудааст.

55-57. Данте ва Бурунетто Латини ба ақидае, ки воқеаҳои заминӣ аз таъсири ситораҳои осмон вобаста буданд, бовар доштанд.

58. **Гар намерафтам зи дунё зуд ман** – вақте ки Сер Бурунетто бимурд, Данте 29 сол дошт.

61-63. **Лек ношукрони зишту носазо.** – Яъне мардуми Флуронс. Аз рӯи ривояти румиён дар ҷанги Каталон шаҳри Фезуларо яксон карда, Флуронсро асос гузоштанд, ки ба он фезулагиҳои бадхӯй омада ҷо гирифтанд. Данте аҷдоди худро аз он румиёне медонад, ки он шаҳрро бунёд карданд.

90. **К-ӯ зи ҳақ огаҳ бувад**... – Биатрис.

97. **Устодам** – Верҷил.

109. **Парсиёно** – Парисин, шоир ва наҳвии маъруфи Лотин, дар асри VI.

110. **Франческу де Курсу** – ҳуқуқшиноси маъруфи Итолиё, ки солҳои 1225-1293 зистааст.

112-114. **Бо яке хидматгари хидматгузор**. – Ишора ба поп Бонифатсии VIII, ки усқуф Андреа де Мотзиро барои бадхӯияш аз Флуронс ба шаҳри Виченза фиристод, ки ӯ пас аз як сол бимурд.

119. «**Ганҷина**» – асари қомусии Сер Бурунетто ба забони фаронсавӣ.

122. **Чун баранда, к-ӯ ба Верона давад**. – Дар Верона, шимоли Итолиё, соле як рӯз мусобиқаи давандагони бараҳна барпо мешуд, ки ғолиб як парчами сабзро ба даст медаровард ва ҳақ дошт онро тамоми сол бо худ дошта бошад. Охирин каси дав бояд хурӯсеро дар зери мазоҳи мардум ба шаҳр мебурд. Данте дар ин ҷо аҳволи Сер Бурунеттоþað ба ин касони дар дав иштирок мекарда монанд мекунад, ки ба гурӯҳаш бояд бирасад.

## СУРУДИ ШОНЗДАҲУМ

Табақаи ҳафтум.-Минтақаи севум (давомаш). – Хушунаткардагон ба Худованд. – Аҳли Лавот.

19-21. Гунаҳкорони ин минтақа, чунонки дар суруди гузашта гуфта шуд, агар як лаҳза ором биистанд сад соли дигар зери борони оташ месӯзанд. Аз ин рӯ, онҳо дар гирди худ беором чархида, бо Данте сухан мегӯянду меноланд.

37. **Гвалдарод** – духтари яке аз ашрофи аҳли Ровно, аҷдоди гивелфҳо, ба ривоятҳои урупоӣ чун таҷассуми покӣ ва хайр дохил шудааст.

38-45. Гиду Гиваро, ашроф Гвидо, Тегяо Алдобаранди, аз хонадони Адимари, Рустикуччи, Якопо Рустикуччи – аз ашрофони гивелфӣ, ки дар нимаи асри XIII шуҳрат доштанд.

63.**То марказ** – яъне то маркази замин.

70. **Гуляму Барсера** – байни аҳли Флуронс эътибори калон дошт, эҳтимол сарроф бошад, ки номаш чунин маъно дорад.

94-102. **Он рӯди муҳиб** – рӯди Мунтун, ки аз кӯҳсори Мунту Верзу сар шуда, аз қаторкӯҳҳои Апеннину поин меравад ва ба баҳри Адриатик мерезад.

106. **Ман танобе баста будам дар миён**. – Ин таноб боиси шарҳҳои бисёр шуда, ки гурӯҳе онро мазҳари покӣ ва гурӯҳе мазҳари нопокӣ гуфтаанд. Он, бешубҳа, маънои рамзӣ дорад.

128. «**Музҳик**», **Комедиа** – ба ҷуз дар мавриди эҳдои китоб ин бори дуюм, ки Данте асарашро «Комедиа» гӯён ном мебарад.

## СУРУДИ ҲАБДАҲУМ

Жарюн. – Табақаи ҳафтум. – Минтақаи севум (давомаш). – Аҳли Лавот. – Поинравӣ ба табақаи ҳаштум.

1-15. **Ин бувад ифрити ваҳшӣ, тездум**. – Жарюн яке аз образҳои маъруфи достон, дар асотири Юнон ҳайвони сесара, подшоҳи ҷазираи Иберие̄, соҳиби говҳои қирмизиранг, ки охир ба дасти Ҳаркул кушта шуд. Сабаби дар Дӯзахи Данте посдори табақаи ҳаштум шуданаш, эҳтимол, дар он бошад, ки он меҳмононро бо фиреб ба назди говони ваҳшияш партофта мекушт. Данте симои онро ба тарзи аз паланг, шер, инсон ва бисёр баднамуд офарида, худ онро мазҳари ҳиллагарӣ ва зиштрӯӣ номидааст.

16-19. **Турк ё тотор дар гоҳи вуҷуд**. – Дар замони Данте дар Итолие̄ асосан колои чинӣ шуҳрат доштанд ва умуман чизҳои аз Шарқ бударо тоторӣ мегуфтанд. Арагна – дар асотири Юнон духтари бофандаи моҳирест, ки бо Худои бофандагон Отина даъвои баробарӣ кард ва чун Отина ӯро ба мусобиқа хоста, дар кораш нуқсе пайдо карда натавонист, ӯро аз ҳасад ба тортанак мубаддал кард, ки ҳамеша машғули танидан бошад. (Арагна ба юнонӣ маънои тортанакро медиҳад).

22. **Бедастар** – (Саги обӣ) ними тан дар об дошта, гӯё аз худ ҷараёни бӯе мебарорад, ки ба он моҳиҳо меоянд ва онҳоро бедастар дошта мехӯрад.

39. **Ҳоли арвоҳи гирифтори ҷазо.** – Аз ин ҷо тасвири гунаҳкорони рибохор (судхӯр) сар мешавад, ки Данте баъдтар онҳоро ба сагҳое, ки дар тобистон хармагасҳоро аз худ меронанд, шабоҳат медиҳад.

52-53. Кисаҳое, ки бар гардани судхорон овезон шудаанд ва рангу нақшаҳои гуногун доранд, аломати фарққунандаи ҳар хонаводаи машҳури судхӯрон мебошанд.

67. **Витолино** – Витолино делли Денте, саррофи барҷастаи Подуво.

69-70. Ин лақаби тамасхуромез ба Ҷованни Буайнонте, ки дар Фулуронс сарвари саррофон буд, тааллуқ дошт. Нишони ӯ тасвири се бузро дорад.

106. **Кай Фитонро буд ҳаросе з-ин зиёд.** – Фоитун, дар асотири Юнон писари Фабус, Худои хуршед, ки аз падар рӯзе иҷозаи саворагии гардунаи хуршедро гирифт, аммо идора карда натавониста, ба замин партоб шуд ва аспҳои бесоҳиб беш аз ҳад ба хуршед наздик шуданд, Зевс онҳоро бо соиқаи хашмаш сӯхт, ки аз он Роҳи каҳкашон боқӣ монд.

106 – 109. **Икар** – писари Дедал аст дар асотири Юнон. Падараш ба худ ва ба ӯ барои аз ҷазираи Карат ба осмон рафтан болу пар месозад ва онҳоро бо мум ба баданаш мечаспонад, ки ҳангоми аз ҳад беш ба хуршед наздик шудани Икар об мешаванд ва ӯ ба дарё фурӯ меафтад.

## СУРУДИ ҲАЖДАҲУМ

Табақаи ҳаштум (Мола Булҷа). – Фиребкорон. – Чоҳи аввал. – Айёшон ва ҳарзагон. – Чоҳи дуюм. – Чоплусон.

1-18. **Дар Ҷаҳаннам Мола Булҷа ҳаст ҷо.** – Данте аз ду калимаи мола – хӯҷаин ва булҷа – тӯбра як калима сохтааст – молабулҷа, ки дар аксари тарҷумаҳои «Мазҳакаи илоҳӣ» ба забонҳои дигар онро тарҷума накарда, ҳамон тавр овардаанд, ки мо ҳам он тавр кардем. Табақаи ҳаштуми Дӯзах комилтарин буда, Данте ба тасвири он сенздаҳ суруд бахшидааст. Он ба мисли худ чоҳе дорад, ки ба табақаи нуҳум мебарад.

Верҷил ва Данте ба ҳар чоҳ надаромада, аҳволи дӯзахиёнро аз болои пулҳои амудӣ назора мекунанд, ки аз болои ҳамаи чоҳҳои даҳгона мегузаранд. Ба онҳо фақат аз даруни чоҳи шашум гузаштан зарур меояд, зеро пули болои он шикастааст.

Дар ҳамаи чоҳҳои даҳгонаи табақаи ҳаштум дӯзахиён асосан барои гуноҳҳои макру фиребгарӣ, ки ба тарзҳои гуногун зуҳур кардаанд, азоб мебинанд.

22-39. Данте аз канори чоҳи аввал роҳ бурда, ду гурӯҳеро мебинад, ки яке аз наздиктар ҳамқатори онҳо меравад ва дигаре аз дуртар рӯ ба сӯяшон меояд. Гурӯҳи ба онҳо наздик – қалтабонҳо, (даллаҳо), дуртар – занбозон.

**Ҷашни мӯътабар** – юбилей, ки поп Бунифосии VIII бори аввал соли 1300 эълон намуд. Дар он сол маросими авфу бахшиши умумӣ барпо шуд, ки дар Рум ва бо ширкати поп сурат гирифта, мардуми бисёре дар он иштирок кард. Ба эҳтимоли тамом Данте ҳам дар он он ширкат варзидааст.

43-57. **Виндику Кочонимику** – яке аз сарварони гивелфҳои Булуниёи Италиё буд, ки соли 1302 фавтид. Ин марди ҷоҳталаб барои расидан ба мақсад аз ҳеҷ чиз ибо надошт ва хоҳари худ Гизулабаллои зеборо ба оғӯши маркиз де Бароро Убитзу афканд.

58-61. Дар дӯзах онҳоеро, ки ба ҷои «сиа», «сипа» (бошад, бале) мегӯянд, яъне мардуми дар байни рӯдҳои Совено ва Рину мезист, ки булуниёиҳо ҳастанд, аз онҳои дар рӯи замин барҳаёт буда бештаранд.

83-96. Ҷисун, дар афсонаи Худоёни Юнон духтари подшоҳи кулгисҳо Медеиро барои ба даст овардани пашми заррини қучҳои махсус ба доми ишқ кашид. Ӯ баъд Ҳипсипил, духтари подшоҳи Тузо, ки падари худро аз дасти занони ҷазира, ки тамоми мардҳоро ба сабаи сард шуданашон ба онҳо кушта буданд, бо фиреб наҷот дод, ба ишқ гирифтор кард ва баъд ӯро ҳам бо хотири муҳаббати Круеза бо ду тифлаш вогузошта рафт.

112-117. Ин ҷо Данте дар бораи хушомадгӯён бо услуби халқӣ, дурушту фошофош сухан мегӯяд.

122. **Олису Интарманели** – яке аз ашрофи шаҳри Луко, тақрибан муосири Данте, ки соли 1295 зинда будааст.

124. **Даст мезад бар каду...** – яъне ба сари беақли худ.

133. Таиса – яке аз фоҳишаҳои маъруфи Отин, қаҳрамони асари Теренсий «Хоҷасарой» – (қарни II пеш аз милод). Вақте ки фосиқи ӯ Тарасом ба ӯ канизаке ҳадя фиристода, баъди чанде мепурсад, оё Таиса ӯро писандидааст? Таиса ба ӯ духӯра «Олиҷаноб» гӯён ҷавоб медиҳад.

## СУРУДИ НУЗДАҲУМ

Табақаи ҳаштум. – Чоҳи саввум. – Харидуфурӯшкунандагони машоғили рӯҳонӣ.

1. **Симун-соҳир** – аз рӯи ривоят шахсе, ки ба ҳавориюни Масеҳ пул пешниҳод карда, хост, ки дар ӯ қудрате ато кунанд, то ба сари мардум даст гузорад, рӯҳулкудс бар сари эшон нозил шавад. Аз ин рӯ, онҳое, ки ба харидуфурӯши молҳо ва мансабҳои рӯҳонӣ машғул мешуданд, симунистҳо – симуниён ном гирифтанд.

17. **Сан Ҷувани** – калисои маъруфи Флуронс, ки дар асри XI масеҳӣ сохта шуда, ҳоло ҳам барқарор аст.

19-21. **Даршикастам ҳуфраеро дафъатан**. – Азбаски дар рӯзҳои Иди пок ба калисо халқи бисёре ворид мешуд, ба кашишони табарруккунанда хатари ҷон дошт. Аз ин рӯ, барои онҳо дар дохили сангҳои мармар хуфраҳо – чуқуриҳо сохта буданд, ки дар онҳо ҷойгир шуда, иҷрои маросим кунанд ва аз хатар эмин бошанд. Барои шикастани яке аз ин хуфраҳо Дантеро гунаҳкори бединӣ карда буданд, ки шоир дар ин ҷо сабабаш – наҷот додани писареро, ки дар ҳақиқат буда ва Антонио ном доштааст, баён мекунад.

31. **Кист он** – ин гунаҳкор поп Николаи III.

49-51. Дар асри миёна дар Италиё касонеро, ки дигаронро уқубати сахт медоданд ва падаркушонро ҳамин тавр – бо сараш то ними бадан дар чуқурӣ гӯр карда мекуштанд. Маҳкумшуда пеш аз иҷро шудани ин ҳукм кашиш мехост, то ба гуноҳаш иқрор кунад. Ӯ инро ба хотири боз чанд лаҳза дарозтар кардани зиндагиаш тақозо мекунад, ки Данте ба ин ишора дорад.

52. **Бунифосӣ** – хитобкунанда поп Николаи III гумон мекунад, ки Бунифосии VIII омадааст, ки ҷои ӯро бигирад ва ӯро аз азоб халос бикунад. Ӯ дар тааҷҷуб аст, ки Бунифосӣ чаро се сол пештар омад, яъне Данте ба ин поп Бунифосии VIII, ки ӯрои боиси тамоми

бадбахтиҳои худ меҳисобад, ҳанӯз дар вақти зиндагиаш дар Дӯзах ҷой муайян кардааст. Ӯ инро дар чанд ҷои «Мазҳаки илоҳӣ» таъкид мекунад.

53. **Дафтари тақдир** – Николаи III дар китоби тақдир хондааст, ки Бунифосии VIII бояд соли 1303 ба ҷои ӯ биёяд, пас чаро дар соли 1300 – соли сафари хаёлии Данте ба Дӯзах омад. Арвоҳ пешбинӣ кардани ояндаро дорад.

56. **Бонуи зебо** – калисо.

70-72. **Хирсам** – номи хонаводаи Николаи III Орсин (ба итолиёӣ хирсбачаҳо) буд, ки рӯҳан ҳам хислати хирсона дошт. Муҳаббати хирс ба авлодаш зарбулмасал шудааст.

82. **Пас кашише ояд – эзидбехабар...** – Ишора ба поп Климони панҷум, ки аслан фаронсавӣ буда, соли 1205 ба мартабаи попӣ расид ва қароргоҳи худро аз Вотикон ба Овенюн кӯчонд.

85. **Ҷисун** – шайхи бани Исроил буд, ки аз подшоҳи Сурия Антиох (асри II то солшумории мо) мансаби худро харида буд. Данте дар ин ҷо пуштибонии шоҳи Фаронса Филиппи Лобилро ба Ҷосуни нав – попи Климони V ба он воқеаи пешина монанд мекунад.

94. **3-ӯ на Петерсу Матӣ, на дигарон**. – Баъд аз он ки Масеҳ бо хиёнати Яҳудо ба қатл расид, ҳавориюн барои таъйин кардани ҷонишини вай аз Петерсу Матӣ ва дигарон зар наситонида, балки бо қуръапартоӣ интихобашон карданд.

99. **Шарл** – Шарл де Анҷуи I, писари Луи VIII, подшоҳи Фаронса, ки бо Николаи III робитаи хешу табориро нахост.

106-112. Юҳано – Муаллифи охирин қисмати «Инҷил», «Апокалипсис» (Мукошифаи Юҳанои расул), ки дар он дар бораи охирзамон сухан гуфта, Руми томасеҳиро ба мисли ғари дар об дар болои ҳайвони ҳафтсару даҳшох нишаста тасвир кардааст. Данте сурати ғар ва ҳайвонро ба ҳам омехта, ба попи Рум нисбат медиҳад.

110. **Шавҳараш то хост бошад порсо**. – Аз ин чунин маъно бармеояд, ки попи Рум калисоро ба номусфурӯшӣ водор насохт.

115. **Константин, корат аз бад бадтар аст**. – Константини Кабир, императори Рум (қарни IV милод) оини Масеҳиро мазҳаби асосии Рум эълон кард ва марказро ба Византия кӯчонд, то гӯё Румро ба ихтиёри поп Сидвестуруи I дода бошад. Данте, ки ҳадяи Константинро воқеӣ мешумурд, онро боиси фасодии минбаъдаи калисо донистааст, ки ба корҳои ғайрирӯҳонӣ – ҷамъоварии молу сарват машғул шудааст. Дурӯғии ин ҳадя дар асри XV ба исбот расидааст.

## СУРУДИ БИСТУМ

Табақаи ҳаштум. – Чоҳи чаҳорум. – Ғайбгӯён.

1-15. Данте дар ин мисраъҳо ғайбгӯёни дӯзахиро тасвир мекунад, ки сарҳояшон ба пас тоб хӯрда, ҳангоми рафтан фақат қафояшонро мебинанд, ҳол он ки дар зиндагӣ даъвои пешбинӣ мекарданд.

28. **Раҳим ин ҷо, ки мурда раҳми ӯ** – аз мисраъҳои маъруфи достон аст, ки чунин маъно дорад: тараҳҳум надоштан дар Дӯзах тараҳҳум доштан аст, зеро ба гунаҳкорони ба ғазаби Худованд гирифтор раҳм кардан ҷабр кардан ба накӯкорон мебошад.

34-39. **Амфиорус** – дар асотири Юнон яке аз ҳафт подшоҳе, ки ба шаҳри Тиб ҳамла кард. Ба ӯ ғайбгӯён гуфта буданд, ки дар ин ҷанг ҳалок хоҳад шуд, аз ин рӯ, дар зери ҳисори шаҳр дар паногоҳ меистод, ки бо фармони Худои худоён замин дар он ҷо аз ҳам кушода шуд ва ӯро фурӯ бурд.

40-45. **Тирзис** – дар асотири Юнон ғайбгӯест аз шаҳри Тиб, ки бо чӯбе ду мори ҳамхобро зада аз ҳам ҷудо кард ва ба ҷурми ин ба зан табдил дода шуда, дар он шакл ҳафт сол боқӣ монд, то он амалро бори дуюм такрор карда, аз нав мард шуд, – болу пари мардона ба тан боз овард, яъне боз соҳиби ришу мӯйлаб гашт.

46-51. **Орунус** – ғайбгӯи шаҳри Этруска, ки дар ҷанг зафари Қайсарро бар Пумпа пешгӯӣ карда буд. Луно – шаҳри қадим, ёдгори даврони ҳукумати этрускҳо, ки дар асри XI хароб карда шуда. Шаҳри Қароро наздики он аст, ки бо мармарҳои сафедаш шуҳрат дорад.

55. **Монту** – духтари Тирзис, ки пас аз марги падар шаҳри Тибро тарк карда, ба зодгоҳаш Монтуво рафт. Бако – ишора ба шаҳри Тиб, ки тахти ҳимояи Бако буд.

63. **Биноку** – номи қадимаи дарёчаи Гурдо, дар шимоли Итолиё ва ҷануби Олмон.

65-66. **Комунико** – дараи хуррам дар шимоли Итолиё, Апенин – қаторкӯҳҳои Апенин, ки дар байни дарёчаи Гурдо ва Валкамонико қарор дорад.

68. Таранту, Баршиё, Веруно – шаҳрҳои маъруфи Итолиё.

70. **Пискиро** – шаҳр ва қалъае, ки верунагиҳо дар назди дарёчаи Гурдо барои муҳофизати худ аз баргамиҳо ва баршиёиҳо сохта буданд.

94-96. **Козулуди** – кунт Олберто де Козулуди, ҳокими шаҳри Монту, раъси гивелфҳо; пинамонте – Пинамонте де Бунокурси, яке аз мушовирони ӯ, гибелин буд, ки Козулудиро бо фиреб мағлуб ва хонаводаи ӯро нобуд карда, ҳокими шаҳр шуд.

106-117. **Урипило** – ҳангоме ки юнониён бар муқобили таруёиҳо ба сафари ҷангӣ рафтанд, аз ду нафар ғайбгӯ Урипило ва Колкос хостанд, ки соати саъдро таъйин кунанд. Дар шаҳри Улис, ки киштиҳои онҳо тайёри сафар буд, онҳо соати саъди ҳаракатро гуфтанд. Мишел Искот – духтури ситорашиноси шотландӣ (нимаи қарни XIII милодӣ).

118. **Бунато** – Гуиду Бунатти, ахтаршиноси асри XIII, Азданта – кафшдӯзе аз Подво, ки ғайбгӯӣ мекард.

124 – 126. **Рафт бояд...** – Аз рӯи ақидаи мардуми асри миёна доғи рӯи Моҳ ин тасвири Қобил мебошад, ки писари бародаркуши Ҳазрати Одам буда, ба дӯш пуштаи хор дорад. Ин тасвир ба он далолат мекунад, ки моҳ ба нуқтаи ғарбӣ Сибииё, ки дар замони Данте қисмати ғарбии дунё ҳисоб мешуд, расидааст, яъне вақт соати шаши бомдоди шанбеи муқаддаси соли 1300 аст.

## СУРУДИ БИСТУ ЯКУМ

Табақаи ҳаштум. – Чоҳи панҷум. – Савдогарони номашрӯъ ва ришвахорон.

7. **Дар зародихонаи аҳли Виниз**. – Коргоҳи киштисозӣ ва таъмиркунии машҳур, ки дар асри XII дар Виниз (Венетсия) сохта шуда буд.

37. **Бадчанголҳо** – лақаби умумии шайтонҳои посдори ин қисмати табақаи ҳаштум аст.

38. **Санто Тазинту** – зани муқаддас, ҳомии шаҳри Луко, ки ӯ дар он зистааст (асри XIII).

41. **Бунтуру** – Бунтуру Дати, сиёсатмадор ва ришвахори ашаддии шаҳри Луко.

48. **Санту Валту** – муҷассамаи маъруфе, ки тасвири Исоро дар чӯб тарошида дар калисои шаҳри Луко нигоҳ медоштанд.

49. **Сирку** – рӯди хурде дар назди шаҳри Луко.

94-96. **Капруно** – номи қалъаи низомӣ дар назди шаҳри Пизо, ки онро соли 1289 лашкари Флуронс ва Луко забт кард, ки дар байни онон Дантеи ҷавон ҳам буд.

111-114. Ин пули Дӯзах бар асари зилзилае, ки дар рӯзи ба шаҳодат расидани Исо воқеъ шуда буд, шикастааст. Ба гуфтаи «Инҷил» Исо дар сию чаҳорсолагӣ кушта шуд, ки Данте ҳам чунин ақида дошт. Бо гуфтаи шайтон, аз вақти зилзила 1266 сол гузаштааст. Аз ин чунин бармеояд, ки соли ин саҳна – 1300 мебошад.

## СУРУДИ БИСТУ ДУВУМ

Табақаи ҳаштум. – Чоҳи панҷум (давомаш)

5. **Эй артиён**. – Аҳолии шаҳри Артису, ки соли 1289 Данте дар ҳайати дастаи гивелфҳои Кампалдино бо онҳо ҷангида, шикаст додааст.

12.**Чун намояд наҷм, соҳил, хонае**. – Ишора ба он ки баҳрнавардон самти ҳаракати худро аз рӯи исторагон ва намуди соҳил муайян мекарданд.

19. Гӯиё ҳангоми дар рӯи дарьё пайдо шудани делфинҳо (моҳии гуроз) тӯфон ва киштишикаст мешуда бошад.

48. **Ман ба дуньё омадам дар Новаро**. – Чиёмпулу ном шахси бениҳоят қашшоқ.

52. Шаҳ Тибалду – шоҳ Тибуи дуввум (ҳукмронияш соли 1253-1270).

65. **Лотиние** – яъне итолиёвиҳо.

81-87. **Ӯ ба рӯҳонӣ Кумито додар аст**, – рӯҳонӣ, фармондеҳи кулли Сурдиниё, ки ӯро Нино Висконти таъйин карда буд, вале ба сабаби ришвахорӣ охир ба дор кашида шуд. Галуро – яке аз чаҳор ноҳияи Пизо, дар марғиби Итолиё.

88-89. **Мишел Зончи** – аз тарафи подшоҳ Инизу, писари Фредерики дуввум ба ҳукмронии Логодоре мансуб шуда буд. Зончи хиёнаткорона бо дасти домодаш кушта шуд.

## СУРУДИ БИСТУ СЕВУМ

Табақаи ҳаштум. – Чоҳи панҷум (давомаш). – Чоҳи шашум. – Риёкорон.

3. **Бародарҳои кеҳтар** – дастаи мазҳабие, ки фаронческиён ном дошта, фақру риёзатро баргузида буданд.

5. **Ёд овардам зи Эзоп он масал**. – Ба Эзоп шоири бузурги Юнон (қарни VI пеш аз мелод) афсонаеро нисбат медиҳанд, ки дар он қурбоқа ба муш пешниҳоди аз кӯле гузарондан мекунад ва пояшро ба думи муш бо ресмоне баста, дар миёни об ғӯтида меравад, то мушро ҳалок созад, ки муш аз ҳавли ҷон часту хез мекунад ва онро аз ҳаво бозе дида, ба минқор бармедорад ва ҳардуро тӯъмаи худ месозад.

58. **Рангкарда осиён** – риёкорон, ки аз берун либосҳои зебою тиллоиранг доштанд.

63. **Роҳибони Кулниёҳ** – ишора ба рӯҳониёни савмааи маъруфи Кулунӣ, шаҳре дар Фаронса.

65. **Ридои Федерику** – аз рӯи ривоят Федерикуи дувум касонеро, ки ба шоҳ сӯиқасд мекарданд ё шарики хиёнати ватан мешуданд, либоси сурбӣ мепӯшонид ва дар оташ меафканд, то либоси сурбӣ об мешуду пӯшандааш месӯхт.

103-108. **Гудинтӣ** – «бародарони гудинтӣ», номи ҷавонмардони мазҳаби фирқаи «Марями хуҷаста», ки барои пуштибонии бечорагон ва оштӣ додани душманон ташкил шуда, барои дилхушии худ кӯшиданд, ки онҳоро мардум «бародарони хушгузарон» номиданд. Лудрингу – Лудригу делли Андалу, гибелин Коталино – Коталино делли Малаволти, гивелф, гибелинҳои Флуронс аз задухӯрдҳо ба дод омада, ба ҳар дуи ин шахс ваколат доданд, ки бар оштии онҳо кор кунанд. Онҳо ба ҷои фурӯ нишондани хурӯҷҳои сиёсӣ онро оташ медоданд, ки охир ба ғалабаи гивелфҳо анҷом ёфт. Ҳавлии делли Уберти, ки дар назди қалъаи Гардинку буд, вайрон карда, оташ зада шуд ва сухани Данте дар ин ҷо оҳанги тамасхур дорад.

115. Ишора ба рӯҳонии яҳуд **Қиёфо**, ки аз рӯи ривоят мунофиқона мардумро бар зидди Исо шӯронд ва дар охир маслиҳат донист, ки ӯ кушта шавад, то мардум ба ғазаби румиён гирифтор нашаванд.

116. **Фарисиён** – намояндагони ҷараёни мазҳабие дар Яҳудо (қарнҳои II то солшумории мо ва I солшумории мо), ки бо дастаҳои нахустини масеҳӣ мубориза беамон кардаанд, ки дар «Инҷил» ҳам ононро мунофиқ хондаанд.

121. **Падарзан** – рӯҳонӣ Ҳано, падарзани **Қиёфо**, ки барои бандӣ кардани Исо мадад кард.

122**. Ҷумла шӯрое** – ҳамаи рӯҳониён ва фарисиён.

## СУРУДИ БИСТУ ЧАҲОРУМ

Табақаи ҳаштум. – Чоҳи ҳафтум. – Дуздон.

2. **Давл** – ишора ба бурҷи Давл, ки хуршед дар он ҳиссаи севуми январ ва аз се ду ҳиссаи феврал қарор дорад, яъне ҳаво кам-кам гарм мешавад.

4. **Ях бимонад дар замин нақши сафед** – барф.

21. **Ҳамчунон дар пояи харсанги пеш** – харсанг, теппае, ки Данте аввалин бор Верҷилро пеш аз ворид шудан ба дӯзах дида буд.

31. **Бо ридо** – ҳамон ридое, ки аз рӯҳ сохта шуда ва зикраш рафта буд.

55-56. **Бояд аз ин нардбоне рафт чуст**, – ишора ба баландии дигаре, ки бояд баромад, яъне Барзах. Аз назари тамсилӣ ин чунин маъно дорад, ки тарки гуноҳ душвортар аст, ки аз яке ба дигараш гузарӣ.

85-88. **Либиё** – сарзамини Либиё дар шимоли Африқо; дар Урупои замони Данте онро ба маънои тамоми Африқо истифода мекарданд. Пас номгӯи навъҳои гуногуни мор меравад.

92. **Халқи урён** – duздон.

107-111. **Самандар** – Феникс, мурғи афсонавии оташинбол, ки атри гул ва бухори кундур ғизояш буда, баъди панҷсад сол умр диданаш бистаре аз гулҳои муаттар ва баргҳои кундур месозад ва зери гармии хуршед онро бо болҳояш оташ дода худро месӯзад ва аз хокистараш боз аз нав эҳё мешавад.

125. **Вони Фучи** – писари ҳаромзодаи яке аз аъёни шаҳри Пистуё, ҷонибдори дастаи «гивелфҳои сиёҳ», ки ба ихтилофҳои байни дастаҳои «сиёҳ» ва «сафед» оташ дардода, оқибат ба сӯхта нобуд шудани Флуронс боис шуд.

143-144. **Чун шавад пок аз сиёҳӣ Пистуё**. – Дастаи «сафедҳо» дар моҳи ман соли 1301 дастаи «сиёҳ»-ҳоро аз Пистуё ронд. Баъдтар дар охири сол дастаи «сиёҳҳо» «сафедҳо»-ро ронд, ки дар байни онҳо Данте ҳам буд.

145-150. Дастаи «сиёҳ»-ҳо соли 1302 муттаҳид шуданд ва зери фармондеҳии Марки Муруиллу Мулаcпино шаҳри Пистуёро ба тасарруфи худ даровarданд. Ин задухӯрд дар майдони ҷангии Кампу Бигну, дар хоки Пистуё воқеъ шуд. Вал ди Магра – дараи бузурге дар ноҳияи Луниҷиё.

151. **Ин ҳама гуфтам, ки бошӣ дар ано**. – Ин аз авзои Флуронс пешгӯӣ буд, зеро вуруди шоир ба Дӯзах соли 1300 воқеъ шуда, ҳодисаҳое, ки дӯзахӣ ба Данте гуфт, ба соли 1302 ба амал меоянд. Данте, ки аз дастаи «сафедҳо» буд, дӯзахӣ пешомади мағлубиашро гуфта, ӯро ба азоб мононданист.

## СУРУДИ БИСТУ ПАНҶУМ

Табақаи ҳаштум. – Чоҳи ҳафтум (давомаш).

1-3. Дастро шакли анҷирӣ кардан аз қадим маъмул аст. Дастро мушт карда ангушти шастро аз байни ангуштони дуввум ва саввум мегузаронанд, ки маънои маҷозии тавҳин, суст, паст кардани тарафи муқобилро дорад. Дар асл он аз тасвири олоти таносули зан ва мард гирифта шудааст.

10-12. Пистуёро аз рӯи ривоят гӯё Католино дар асри I то солшумории мо бунёд гузошта, мардумаш аз сипоҳони ӯ, ки бадқаҳру сангдил будаанд, реша гирифта зиёд шудаанд.

15. **На ба Тибу, н-аз ҳисор афтодагон** – яъне Копона, ки зикраш рафта буд («Дӯзах», суруди 14, мисраи 46).

19. **Мормо** (Морим) – сарзамини табларзахези ноҳияи Тусконо, ғарби Итолиё.

25-33. Коку – дар асотири Юнон писари Вулкайн, Худои саноат ва оҳангарӣ хост, ки говҳои Ҳаркулро бидуздад ва Ҳаркул аз ин хашм гирифта, ӯро нобуд кард.

35. **Ҷамъ буд се рӯҳ андар зери по.** – Кӣ будани ин рӯҳҳо минбаъд маълум мешавад, аммо барои дарки беҳтари онҳо лозим аст, ки ҳоло зикр шаванд. Онон Онелло Брунилески, Бувазу Донати, Пугиё де Галигаи, Чиёнфо, Донати, Франческо Кавалканти мебошанд, ки аз аъёну ашрофи Флуронс ҳастанд.

49. **Мори шашпои чу зифт**. – Ин Чиёнфо Донатист, ки табдил ба мор шуда, ба Анҷелло Брунелесчи меомезад.

73. **Чор узви он чу як бозу бишуд.** – Яъне ду дасти мори шашпо Чиёнфо ва ду дасти Онелло.

83. **Мори ҳамчун донаи филфил сиёҳ**. – Франческо Кавалканти Бувазоро заҳр мезанад ва бо ӯ табдили шакл карда, худ инсон мешавад ва Бувазо мор.

94-99. **Гӯй: «Лукан, кун хамӯшӣ ихтиёр...»** – Лукан, шоири бузурги лотин нақл мекунад, ки («Фарсалия») ду сарбози румӣ дар саҳрои Либиё тӯъмаи морҳо шуданд. Собул аз заҳри мор ба мисли мум об шуд. Носидиус чунон варам кард, ки заҳраш аз тан бадар омад. Овидий шоири бузурги лотин низ нақл мекунад, ки («Истиҳолот») марде ба номи Кадма ба сурати море ва зане бо номи Артузио ба шакли чашмае даромад.

151. Буд Говил баҳри дигар гирявар. – Деҳкадае дар назди рӯди Орну, ки мардуми он Фаранческо Кавалкантиро кушта буданд. Хонадони Кавалканти дар хунбаҳои ӯ мардуми Говиларо чунон бисёр куштанд, ки хонаи беазо намонд. Аз ин рӯ, онҳо ба ҳоли худ мегирянд.

## СУРУДИ БИСТУ ШАШУМ

Табақаи ҳаштум. – Чоҳи ҳаштум. – Дуздон. – Мушовирони фосид.

8. **Прото** – шаҳри хурде дар наздикии Флуронс, ки шоир аз ҳукмравоии он норозӣ буда, ба мисли дигарон харобии онро мехоҳад.

26-30. **Рӯи худро равшанибахши ҷаҳон...** – яъне хуршед, ҳангоме ки дарозии рӯзҳо аз вақтҳои дигари сол бештар аст, тобистон. **Пашша дар ҷои магас ояд парон** – яъне шаб.

34-39. **Чун бари гардуна Илиё расид.** – Аз рӯи ривояте, ки дар «Инҷил» омадааст, чун Илиё бо аробаи оташинаш ба осмон рафт. Илишаъ онро дида фарёд кард, бачагон ӯро масхара доштанд ва ӯ онҳоро бо номи Яҳва лаънат кард, ки ду хирс аз ҷангал берун омада, онҳоро дарид.

52-54. **Оташи душоха**. – Ду бародар Этикул ва Пулинис барои тахту тоҷ ҷанги тан ба тан карда ҳалок шуданд ва ҳангоме ки ҷасади онҳоро аз рӯи суннат ба оташ доданд, шӯълаи ҳар ду ҷисм аз ҳам ҷудо буд, яъне ба ҳам нафрати шадид доштанд.

56. **Диумед, Улисс** – ду қаҳрамони ҷанги Таруё, ки дар «Одиссея»-и Ҳомер тавсиф шудааст.

59-60. **Баҳри он асбе...** – Улисс пас аз ҷанги даҳсолаи бефоида асби чӯбие сохта, дар даруни он лашкари Юнонро ҷой кард ва бо фиреб вориди Таруё шуд. Эней, ки бояд сараҷдоди румиён мешуд, аз Таруё берун рафт.

61-63. **Дейдомиё** – духтари зебои подшоҳи Таруё, маъшуқаи Ашил. Улисс ва Диумед Ашилро ба ҷанги зидди Таруё кашиданд, то ҳалок шуд. Дейдомиё аз ғами ӯ ҷон дод. Палладиус – муҷассамаи муқаддас, то пойдории он Таруё мағлубнопазир буд.

81. **Ашъори машид** – «Энейнома».

91-96. **Сирса** – аз рӯи афсонаи юнонӣ ҷодугарзани зебо, ки Улисс ва ҳамроҳони ӯро ба ҳайвонот мубаддал кард, аммо ба Улисс дил бохт, пас ӯро шакли инсонӣ боз дод ва як сол бо худ нигоҳ дошт. Гоито – шаҳре, ки Эней дояи худ Конторо дар он ҷо ба хок супорида, номашро ба он дода буд. Пинилуп – зани Улисс буд.

103. **Сарзамини сордҳо** – Сурдиниё.

107-111. **Омадем он ҷо, ки Ҳаркул даргузар**. – Дар асотири Юнон гуфта мешавад, ки Ҳаркул дар ҷустуҷӯи себи тиллоӣ ба Ҷабалторуқ расид ва ба аломати нуқтаи ғарбии дунё дар он ҷо сутун гузошт. **Сибилиё** – шаҳри маъруфи Испониё. **Сито** – шаҳри соҳили Марокаш.

116. **Дунёи номаскун** – яъне укёнус.

127-129. Улисс ва ҳамроҳонаш дар сафари худ ба хатти устуво расиданд, ки дар он ситораҳои қутби шимол ҷои худро ба ситораҳои қутби ҷануб медиҳанд.

130-132. Яъне панҷ моҳ гузашт.

133. **Кӯҳи торик** – Барзахи Данте.

141. **З-амри кас** – яъне Худо.

## СУРУДИ БИСТУ ҲАФТУМ

Табақаи ҳаштум. Чоҳи ҳаштум (давомаш).

4. **Шӯълаи дигар, ки меомад зи пас**. – Шӯълае, ки меравад, рӯҳи Улисс мебошад ва шӯълаи дигаре, ки рӯҳи дӯзахиро дар худ ҷо додааст, сарлашкар ва сиёсатмадори охири асри XIII Гвиду де Монтефелтрост, ки бо попи Рум гоҳ дар мубориза ва гоҳ дар мусолиҳа буд.

7-12. **Чун гави Сисил, ки дар наъра фитод**. – Дар афсонаҳои юнонӣ нақл мешавад, ки Перили мисгар ба Фаларис, шоҳи ситамгари ҷазираи Сисил (асри VI то солшумории мо) гови мисие пешниҳод кард, ки ҳангоми дар он андохта сӯзондани инсон фарёдҳои одамӣ аз он ба мисли баоси гов берун меомад. Фаларис барои имтиҳон созандаи онро аввал дар он андохта сӯзонд.

28-39. **Ҷанг ё сулҳ аст дар Румониё**. – Дӯзахие, ки мепурсад Гвиду де Монтефелтро мебошад, ки Румониё, ноҳияи шимолу шарқии Тускониёро, ки дар он, аз ҷумла, шаҳрҳои Булуниё, Фаэнза, Равенна, Форли ҳастанд, дар қаламрави худ дошт. Дар даврони ашроф дар ин ҷо муборизаҳои сиёсӣ байни гибелинҳо ва гивелфҳо дар авҷ буд.

40. **Ровно** – шаҳри маъруф дар канори дарёи Адриатик. Доли Пуланто – хонадони ҳукмраво, ки Ровно, Сирвиёро зери фармон медошт.

43. **Кишваре, ки буд замоне мустақир**: – мақсуд шаҳри Фарлист, ки зери роҳбарии Гвиду да Монтефелтро бар қувваи поп Мортинои чаҳорум, ки аксаран аз фаронсавиҳо буд, дар соли 1281 зарбаи сахт зад.

45. **Шуд таҳи чанголи сабзе мункадир**. – Соли 1300 шаҳри Форли ба истилои хонаводаи Орделофи гирифтор шуд, ки аломати хонаводагиаш шери сабзранг буд.

46. **Верукиё** – Малатеста де Верукиё ва писараш Малатестино. Соли 1295 Малатесто ҳокими Римини шуд. **Сагбачча** – писари калонаш Малатестино, ки аз соли 1312 то соли 1317 ҳокими Римини буд.

47. **Мунтониё** – Мунтониё де Порчитоти раъси гибелинҳо, ки Малатеста ӯро хиёнаткорона маҳбус кард ва писараш ӯро бо ишораи ӯ дар маҳбас нобуд сохт.

49. **Ломуну Сонтирну шуд таслимкор**. – Шаҳре тахти ҳукумати Моинорду Погони, ки аломати хонаводагиаш шери обиранг дар заминаи сафед буд.

52. **Совиёруд** – дар байни Фарли ва Риминист, ки дар он шаҳри Сисино, озодии худро оқилона муҳофизат мекард.

70. **Кашиши аъзам** – поп Бунифосии ҳаштум.

85-90. **Сарфарисие** – яъне поп Бунифосии VIII.

**Лотаран** – шаҳре, ки дар он хонаводаи Кулуно қалъаи мустаҳкам дошт ва поп Бунифосии VIII душманашон буд. Поп ваъда дод, ки онҳо қалъаро тарк кунанд, ӯ ҳукми такфирашро аз онон хоҳад бардошт, онҳо қалъаро тарк карданд, поп ба қавлаш вафо накард ва бештар аз ин қалъаро яксони замин сохт.

**Акро** – шаҳре дар Фаластин, ки пойгоҳи охирини насрониёни он ҷо буд.

92. **Таноби ман** – танобе, ки попҳо бар камари худ мебастанд, таноби Гвиду.

94-96. **Ҳамчу Константин касе кард ӯ равон**. – Константин, императори Рум бар масеҳиён ҷабри бисёр кард, ки поп Силвестиру даргурез аз шиканҷа дар кӯҳи Сироти ба ғоре паноҳ бурд. Константин гирифтори бемории ҷуззом шуд ва илоҷи даво намеёфт, ки дар хобаш ҳавориюни масеҳӣ Петрес ва Павлис гуфтанд, ки ӯро Силвестеру даво хоҳад кард. Фармуд, то биоранд, даво кард, сиҳат ёфт, пас оини масеҳӣ қабул дошт ва ними Рум ба поп тӯҳфа кард, ки ин корро Данте маҳкум мекунад. Чунки ба ақидаи ӯ аз он замон попҳо ба молу сарватҷамъкунӣ дода шуданд ва он боиси харобии имон гардид.

103. **Пинистрину** – қалъаи мустаҳками хонадони Кулуниҳо, дар назди шаҳри Рум, ки поп Бунифосии VIII хароб кард.

112. **Франсуво** – муассиси фирқаи мазҳабии фаронсискан, ки Гвиду узваш буд.

116. **Дод панди макрбор** – яъне ваъда бисёр додану дар иҷрояш кор накардан.

## СУРУДИ БИСТУ ҲАШТУМ

Табақаи ҳаштум. Чоҳи нуҳум. – Тафриқаандозон.

8. **Пулиё** – ноҳияе дар ҷануби Итолиё.

10. **Ки шуда дар ҷанги тӯлонӣ фано**. – Ҷангҳои маъруфе миёни Рум ва Кортож, махсусан, набарди таърихӣ дар байни Бин Оннибол сардори бузурги румиён (соли 216 пеш аз солшумории мо), ки ба қавли Тит Ливию, муаррихи румӣ он қадар румӣ кушта шуд, ки аз ангуштарҳои тиллоии онҳо ду хум пур шуда буд.

14. **Рубирту Гвискарду** – сардастаи нормандиҳо (солҳои 1010-1080), ки бо Итолиёи ҷанубӣ ҳамла ва ишғол кард.

16. **Чипрону** – шаҳре дар наздикии аёлоти Калисо ва қаламрави Нопил, ки дар он ҷо пулиҳо дар ҷанг хиёнат карда, роҳро ба лашкари Шарл де Анжур кушоданд ва боиси мағлубият ва нобудии Манфред шуданд.

18. **Талёкутзу** – шаҳре дар шарқии Италиё, ки дар ҷанги назди он Шарл де Антуй ба Кародино ғолиб омад. Ин ғалаба бо маслиҳати оқилонаи мушовири ҳарбӣ Алар де Валери муяссар шуда буд.

55-60. **Дулчино** – Дулчино Турниели муассиси фирқаи мазҳабӣ, ки мехост усули мазҳабиро ба содагии пешинааш бозгардонад, барои муҳаббати бародарона, умумӣ кардани молу ашё, дастгирии бечорагон ташвиқ мекард. Поп Климентӣ V бар зидди ӯ муборизаи сахте сар кард, Дулчино бо дастгирии низомиёне, ки асосан аз бошандагони шаҳрҳои Верҷелли ва Новаро буданд, хеле истодагӣ кард ва ниҳоят мағлуб ва дар оташ сӯзонда шуд.

73. **Пиер де Медесино** – аз хонаводаи католиҳо, ки бо нифоқафканӣ шуҳрат ёфта, шаҳри худро ба шаҳрҳои атроф борҳо ба ҷангу ҷидол андохта буд.

75. **Рафтӣ аз Варгил ба Маркобу нишеб** – яъне аз шаҳри Варгил, дар ноҳияи Ломбардиё, то Маркобу, қалъае дар резишгоҳи рӯди По, ки дар аввали асри XIV вайрон карда шудааст.

76. **Фуно** – шаҳре дар Италиё, дар соҳили дарёи Адриатик.

77-90. Пиер пешгӯӣ мекунад, ки Малатистинои якчашм, ҳокими Римини Шивидо делли Корсу ва Анҷултуддо Кориниёнуро ба шаҳри соҳили баҳр Локотулико ба мулоқоти дӯстона давъат мекунад ва он ҳар дуро ғофилгир карда, ба халтаҳо меандозад ва ба баҳр партофта, соҳиби шаҳри Фано мешавад.

96. **Ин бувад** – Кай Хурион, хатиби румӣ, ки бо фармони Пумпа аз Рум ронда шуд ва ба назди Қайсар рафт, ки ҷангро бо Пумпа сар кунад.

106. **Муско** – аз шахсони маъруфи Флуронс, Бууделмунтӣ, ки бояд ба духтаре аз хонаводаи Омодиҳо ҳамсар мешуд, бо хотири ишқи дигар аз номзад даст кашид ва ба маслиҳати Муску кушта шуд, ки ин кор боиси ихтилофи садсола миёни гивелфҳо ва гибелинҳо гашт.

134. **Биртарон де Бурн** – аз ашрофи Фаронсаи нимаи дуюми асри XII, ки ду писари Ҳенрии дуввум, подшоҳи Инглисро бар зидди падар шӯронд. Сари худро чун фонус дар даст бурдани ӯ яке аз саҳнаҳои ҷолибтарини Дӯзах шинохта шудааст.

137-138. **Аршитуфил** – аз рӯи ривояти «Таврот» мушовири шоҳ Довуд аст, ки бар зидди падар қиём кардани Обасолун, писари Довудро таҳсин карда буд.

## СУРУДИ БИСТУ НУҲУМ

Табақаи ҳаштум. – Чоҳи нуҳум (давомаш).

– Чоҳи даҳум. –Қабулкунандагони филизот ва сиккаи пул.

20. **Рӯҳи хеши ман** – Ҷарри дил Билу, писари амаки падари Данте, ки аз хонаводаи Сокети якеро ноҷавонмардона кушта буд ва худ низ ба дасти он хонавода кушта шуд. Ӯ Дантеро барои нагирифтани интиқоми хуни худ таҳдид мекунад, ки Данте ҳам онро қарзи худ медонист.

29. **Фармонравои Алтуфорт** – яъне Биртарон де Бурн.

40-43. Дар чоҳи даҳум табақаи ҳаштум кимиёгарон, сикказанҳои қалбакӣ, фиребгарон ва дурӯғгӯён ҷазо мебинанд.

47-48. **Валдикино** – ноҳияе дар маркази Италиё, наздикии Флуронс Мормо – минтақаи табларзахези италиё. Сурдиниё – ҷазираи маъруф, ки он ҷо ҳам табларзахез аст.

58. **Ижино** – аз рӯи ривоят ҷазирае, ки дар он Зевс ошиқи парии он Аҷино шуда, аз ӯ писаре дарёфт, ки занаш Ҳаро хашм гирифта, ба сари ҷазира марг овард, ки танҳо писари Зевс Иок ва мӯрчагон зинда монданд. Пас Иок аз Зевс хоҳиш кард, ки ҷазираро маскун кунад, Худои худоён муқаррар дошт, ҳар мӯрчае, ки ба сари он Иок пой гузорад, инсон шавад, ки пас ҷазираро Мурмидон (аз калимаи юнонии мӯрча) номиданд.

109-120. **3-Артазуям, андар оташ**... – Гӯянда мардест, бо номи Гириффолино аҳли шаҳри Артазу, ки ба Олберту яке аз ашрофзодаи сарватманд ваъдаи омӯхтани парвоз карда пули

бисёр гирифт. Олберту чун дарёфт, ки фиребаш додаанд, аз ускуфи шаҳри Сиано дархост, то фиребгарро ҷазо диҳад. Ускуф ӯро ба ҷодугарӣ муттаҳам карда дар оташ сӯзонд.

121. **Ҷазомии дигар** – кимиёгар Копукиё, яке аз дӯстони ҷавонии Данте, ки ба айби кимиёгарӣ сӯзонда шуда буд.

124. **Никулу** – аввалин касе, ки дар ошпазӣ чошнӣ задани гули мехакро истифода кард.

127. **Кочо Ошёну** – сарватманде, ки падараш боғҳои ангур ва ҷангалҳои бисёре дошт.

129. **Абалятто** – Бартоломео делли Фулкокидо, ки бисту панҷ сол узви шӯрои олии шаҳри Сиано буд.

## СУРУДИ СИВУМ

Табақаи ҳаштум. – Чоҳи даҳум (давомаш). Қалбкунандагони ашхос, сикка ва сухан.

1-12. **Рӯзҳое, ки Жунун пур хашм дошт** – дар афсонаи Худои худоён нақл мешавад, ки Зевс ошиқи духтари заминӣ Симила шуд ва аз ӯ писар ёфт. Юнона бародари Симила Атахмасро, ки подшоҳи шаҳри Тиб буд, ба интиқоми он девона кард ва дар назари ӯ зан ва ду писараш шер ва шербачаҳо намуданд, ки сари як писарашро зада маҷақ кард. Зан бо писари дигараш худро ба дарё афканд.

16-21. **Ҳекубо** – зани Пириём, подшоҳи Таруё, ки пас аз шикаст хӯрдани шаҳр ба Юнон чун каниз мебурданд ва ӯ дар роҳ куштаи духтараш Пулисно ва писараш Пулидорро дида, аз сахтии дард чун сагон ба нӯлазанӣ даромад.

25. **Он ду рӯҳи танбараҳна...** – Ҷонни Аскики ва Мирро, ки худро ба ҷои каси дигар нишон додаанд.

31. **Ортинӣ** – Гириффолино (шарҳи суруди 29 Дӯзах).

37-41. **Мирро** – аз рӯи афсонаҳои юнонӣ духтари зебои подшоҳи ҷазираи Қибрис, ки ошиқи падар шуд ва шабе худро ба ҷои зани дигар вонамуд ва бо падари худ ҳамхоба гашт. Падар хост ӯро бикушад, гурехта халос шуд. Худоён аз рӯи илтиҷояш ӯро ба дарахти Мирро бадал карданд.

42-45. **Чун касе, ки рафта бо макру риё** – яъне Ҷонни Аскикӣ, вақте ки Буозо Донати бимурд, Симун Донати писари ӯ аз вай хоҳиш кард, ки ба ҷои мурда хобида, сарваташро ба номи Симун васият кунад. Ӯ ҳамин тавр кард ва худ ҳам соҳиби чизҳои гаронбаҳо ва модиёни машҳури сафедранг гашт.

61-90. **Одум** – устоди заргари шаҳри Баршиё, ки бо фармони хонадони маъруфи Гвиду сиккаҳои қалбакӣ месохт ва охир дар соли 1281 дар оташ сӯзонда шуд.

76-78. Заргар Одум номи ду бародарони ашроф Гвиду да Романа: Гвидуи II ва Александрои I-ро мебарад. Баранду сарчашмае дар назди Ромена, ки ҳоло хушк шуда.

80. **Ҳаст дар ин ҷо аз онон як нафар**. – Ашроф Гвиду, ки то соли 1300 мурда буд.

89. **Буд се қирот нохолис аёр**. – Сиккаҳои фулуринӣ, ки зарб мешуд 24 қирот дошт, заргар Одум, ки сикка қалб мекард фақат 12 қирот тилло дошт.

97. **Зад яке тӯҳмат ба Юсуф бедаранг**, – яъне Зулайхо, зани шоҳ Путифор, ки ошиқи Юсуф, хидматгори хона шуд, чун ӯ даъвати ҳамхобагии ӯро рад кард, ба Юсуф тӯҳмат зад, ки ба номусаш дастдарозӣ кардан хост. Ин ривоят аз «Инҷил» аст.

98. **Синун** – ҷавони юнонӣ, мардуми Таруёро фиреб дод, аспи чӯбинро, ки дар дарунаш аскарони юнонӣ буданд, ба шаҳр роҳ диҳанд.

99. **Ҳарду**... – Яъне Синон ва Одум.

129. **Шишаи Нарсис** – об; Нарсис ҷавони зеб буд, ки рӯзе акси худро дар об дид ва гумон кард, ки аз каси дигарест, ошиқ шуд ва ҳамеша дар канори об менишаст. Худоён ба ӯ тараҳҳум карданд ва гулаш (Наргис-чашм) сохтанд, ки ҳамеша дар лаби об бошад ва ба чашмони худ нигарад.

## СУРУДИ СИВУ ЯКУМ

Чоҳи ғӯлҳо.

4-6. **Найзаҳое, ки Ашиллу ҳам падар**. – Найзаҳое, ки ба Ашилл аз падараш Пелеу расида буд, гӯё хосияте доштанд, ки дар зарбати аввал захмӣ мекарданд ва дар зарбати дуюм даво.

16-18. Ишора ба «Достони Рулон»-и фаронсавӣ, ки дар он Рулон фармондеҳи дастаи сарварони шарламонӣ ба ҳуҷуми мусулмонони Андалусия гирифтор шуда, шайпури худро бо тамоми қувва чунон навохт, ки аз ду фарсанг ба гӯши Шарламонӣ расид.

41. **Мунтарачҷюнӣ** – қалъаи мустаҳкам дар наздикии шаҳри Сиано.

43-46**. Ифритон** – (титанҳо, девҳо) мехостанд, ки осмонро мусаххар кунанд, вале Зевс онҳоро бо барқҳои хашмаш торумор кард.

46-81. **Он якеро рӯю шона менамуд**. – Ишора ба Намруд, нахустин подшоҳи Бобул, ки аз ӯ дар «Таврот» ҳикоят шуда. Мехост кохи баланде то осмон бисозад ва дар он ҳангом мардум забони ягонаи худро гум карданд.

58-60. **Баргаш рехта** – ишора ба меваи коҷи фулузии калоне, ки дар муқобили калисои Сан-Петру насб шуда, бештар аз чаҳор метр буд.

64. **Се физӣ** – аҳолии Фаризланд, яке аз ноҳияҳои Ҳуланд, ки мардумаш дар замони Данте қадбаландтарини дунё ҳисоб мешуд.

94. **Фиалта** – писари Позейдун, Худои дарё қавитарин дев буд, ки бо кӯмаки бародараш Отус тасарруфи осмон кардан мехост.

98. **Барёра(ҳ)** – яке аз он девоне, ки зидди Зевс шӯрида буд. Верҷил ӯро дар «Энейнома» ғӯли саддаст тасвир кардааст.

113-121. **Анту** – писари Позейдун, Худои дарё ва Толус, раббулнавъи замин имтиёзе дошт, ки чун пушташ бар замин мерасид, қувват нав мегирифт, зеро модараш замин буд ва аз ин рӯ, ҳеҷ кас ӯро кушта наметавонист, то Ҳаркул, паҳлавони мағлубнопазир ӯро бардошт ва он қадар дар осмон нигоҳ дошт, ки хафа шуда мурд.

124. **Тисусу, Тиф** – ин ду ғӯл, ки аввалӣ зодаи Толус (замин) ва дуюмӣ бе ҳамхобагӣ бо Худои худоён ба дунё омада буд, ба кӯҳи Олимп ҳамла карданд ва Зевс онҳоро дар даҳонаи кӯҳи оташфишон ба занҷир баст.

136. **Горисинда** – номи бурҷи машҳур дар Булуниё, ки сараш хам хӯрдааст.

## СУРУДИ СИВУ ДУВУМ

Табақаи нуҳӯм. – Хоинон ба волидайн ва хешон. – Хоинон ба ҳамфикрон ва ба ватан.

11. **Амфиюн** – аз рӯи асотири юнонӣ барои сохтани девори атрофи шаҳри Тиб гумошта шуд ва нағмаю созаш чунон хуш буд, ки худи сангҳо аз кӯҳҳо фуруд омада, дар деворҳо қарор мегирифтанд.

16-18. Шоир ба он ишора мекунад, ки ифрит Антуус худ ҳаракат карда наметавонад, аммо онҳоро ба дастонаш ба табақаи охирини Дӯзах гузоштааст.

21. Гӯянда Дантеро яке аз дӯзахиёне гумон мекунад, ки нав ба ин ҷо омадааст.

27. **Тоноис** – номи юнонии дарёи Дон.

28. **Томбирник** – кӯҳе, ки ҳоло ҳам кадом ва дар куҷо будани он маълум нест.

29. **Питрапоно** – қаторкӯҳҳое дар Итолиё дар байни рӯдхонаи Саркию ва Мадитарона.

35. **Ҷилвагоҳи шарму ор** – чеҳра.

41. **Дӯзахӣ дидам ду тан ҷафсу қарин**. – Инон аз рӯи хабари бародарон Александро ва Наполеоне делли Олберто ашрофзодаҳои Мангон, писарони Олберто ҳастанд, ки дар асри XIII соҳиби қалъаи Бизенсо буданд ва аз душмании шадид дар охир ҳамдигарро куштанд.

52. **Гӯшсармобурда осии дигар** – ин дӯзахӣ Камичон де Путси мебошад.

61. **На ҳамон...** – Ишора бо подшоҳи Инглис, ки аз қасди хоинонаи писари номашрӯҳаш Мордрек хабар ёфта, ӯро ба як зарбаи шамшер нобуд кард. Аз рӯи ривояте, ки дар романи оид ба Ланчелотта карда мешавад, аз ҷои захми Мордрек нури офтоб гузашта, сояи ӯро аз замин бардошт.

Мордрек пеш аз мурдан Артурро захмӣ кардааст, ки ӯ ҳам мурдааст.

63. **На Фукаччо** – Фукаччо деи Кончелри, аз маъруфони шаҳри Пистуё, ки ӯро ба хешовандкушӣ гунаҳкор кардаанд.

65. **Сосул Мускурунӣ** – аз аҳли Флуронс, ки писари амаки худро кушта, ба молаш соҳиб шудан мехост, вале овоза паҳн шуд ва пас худи ӯ ҳам кушта шуд.

68. **Ман Камисуни де Путси** – аз хонадони Путсӣ, яке аз хешовандони худро ноҷавонмардона кушт.

69. **Карлано** – аз аҳли хонаводаи Путсӣ, маъмури қалъае дар Валдарону буд, вале ришва хӯрда, онро ба «дастаи сиёҳҳо» таслим кард, ки чанд хешованди худаш ҳам кушта шуд.

74. **Раҳ ба сӯи марказе бурдем зуд**. – Ишора ба нуқтаи ниҳоии Дӯзахи Данте, ки маркази вазнини дунёст.

80. **Мунтапарти** – номи биёбоне, ки дар он 1260 ҷанги хунин миёни гибелинҳо ва гивелфҳо шуда буд.

89. **Онтануро** – номи қисмати дуюми табақаи нуҳуми Дӯзах аст, ки дар он хоинон ба Ватан ҷазо мебинанд. Номи қисмати аввал, ки бародару хешовандкушон дар он азоб медиданд, аз номи Қобил сохта шуда, номи ин қисмат аз номи Онтану, шоҳзодаи Таруё, ки шаҳр ва муҷассамаи маъруфро ба юнониён фурӯхта буд, гирифта шудааст.

106. **Буко** – Буко делли Оботӣ, аз гивелфҳои барҷаста, хоин, ки дар ҷанги Монтапарти дасти байрақбардори гивелфҳоро шамшер зада бурид, ки дар сафи саворон парешонӣ афтода, ҷангро бой доданд.

116. **Дуеро-Буозо** ва гибелинҳои маъруф, хоин, ҳокими ноҳияи Кармуно, ки ҳангоми ҳуҷуми қувваҳои Шарл де Анжу ба хотири пуле, ки аз ӯ гирифта буд, роҳро кушод.

119. **Бикриё** – Тезуаро де Бикриё, намояндаи поп дар Тускониё. Пас аз ронда шудани гибелинҳо гивелфҳо ӯро ба хиёнат ва қасди таслим кардани шаҳр айбдор карда бикуштанд.

121. Ҷонни ди Сулandонир, аз раисони гибелинҳо, ки ба дастаи худ хиёнат кардааст.

122-123. Голинул, касе ки дар набарди Рулон бо мусулмонони Андалус хиёнат кард, ки боиси қатли Рулон ва шикасти масеҳиён гашт. Тобалдуо Мубаррозӣ – аз аҳли Фаинҷо, гибелин, ки соли 1280 барои қасосгирӣ дарвозаҳои шаҳрро ба рӯи гивелфҳои Булуниё кушод ва шаҳрашро ба душманон таслим кард.

130. **Тида** – яке аз шоҳоне, ки шаҳри Тибро муҳосира карда, ба дасти Моналиппу захмӣ шуд ва ҳангоми наздикии марг аз Капонеу дархост, ки сари Моналиппуро ба ӯ биёранд, то онро шикасту аз мағзаш бихӯрд ва пас бимурд.

## СУРУДИ СИВУ СЕВУМ

Табақаи нуҳум. – Минтақаи дуюм (Антунура). – Хоинон ба ватан ва ба ҳамҳизбон (давомаш). – Минтақаи севум. Хоинон ба валинеъматон ва дӯстон.

13-15. **Кунт Угулан-** Угулан делла Гарордеско, яке аз роҳбарони шаҳри Пизо ва дастаи гивелфҳо, ки бо бародарзодааш Нину Висконти ихтилофи назар дошт, бо усқуф Руҷерри делли Уболдинни гибелин пинҳонӣ забон як карда, ӯро аз миён бардошт. Пас усқуф аз ин истифода карда мардумро бар зидди Угулан шӯронд ва ӯро бо ду писару ду набераааш соли 1289 дар бурҷи маъруфи Говаланди маҳбус карда, аз гуруснагӣ кушт.

28-31. **Буд ӯ.** – Руҷерри. Гург – Угулан. Насли ширхорафарзандон ва наберагони Угулино.

32-33. **Говаланди, Сисмундиҳо, Лонафранкиён** – ҷонибдорони усқуф Руҷерри, ки барои аз байн бурдани Кант Угулан ҳамдастӣ карданд.

45. Ишора ба хоби бад диданашон.

38. **Фарзандон** – Угулино ду писару ду набераашро дар назар дорад.

80. **Дар он гӯянд «си» -** дар кишвари Италиё мардум бисёр «си» - (ба маънои бале, чаро, худ) мегӯянд ва Данте сигӯён забони итолиёвиро дар назар дорад.

82. **Копроё, Гургуно** – ду ҷазирае дар назди рӯди Орно, ки дар тасарруфи шаҳри Пизо буд.

85-90. **Кунт Угулан** дар соли 1284 яке аз қалъаҳои Пизоро ба Флуронс бахшид. Аммо Дантеро бегуноҳ кушта шудани фарзандони ӯ ором намегузорад. Угучуна, Баригото – лақабҳои наберагони Угулино. **Дуи дигар** – Гаддо ва Анселмучо.

91. **Ҷониби пеш устодам по гузошт.**

Минтақаи севуми табақаи нуҳум, Толомио ном дошта, ки дар он хоинони меҳмонкуш азоб мебинанд. Унвони ин минтақа аз номи Толомея, ки падарзани худ, рӯҳонии яҳудро ба зиёфат хоста, ӯро бо ду писараш аҳдшиканона куштааст (соли 135 то солшумории мо), гирифта шудааст.

118. **Роҳибам... Албариго** – аз хонадони Монфардӣ, аз раисони шаҳри Фойинтосо, ки соли 1285 хешовандони худ Монфард ва ду писари ӯро барои оштӣ ба зиёфат хоста, дар охир ба хидмадгорон «Акнун мева биоваред» гӯён ба қатли онҳо ишорат кард. Аз ин рӯ, Данте ӯро «меваe аз шохаи зишту бадӣ» мегӯяд.

125. **Атрупус** – ниг. ба тавзеҳи суруди 21 «Дӯзах».

137**. Баронко д-Урё** – ниг. ба тавзеҳи суруди 22 «Дӯзах»

154. **Аз бади рӯмониёрӯҳе батар.** – Ишора ба Албариго деи Монфардӣ, аҳли Фаинтосо.

155. **Рӯҳе ба чашми ман намуд.** – Яъне Баранко д-Орё.

## СУРУДИ СИВУ ЧАҲОРУМ

Табақаи нуҳум. – Минтақаи чаҳорум. – Хоинон ба валинеъматон. – Лютсифер. – Хоинони бузурги Худованд ва одамият. – Маркази дунё. – Хурӯҷ аз Дӯзах.

1. Ин мисраи аввал бо лотинӣ омада аз суруди динии насрониест, ки ба он Данте калимаи Дӯзахро ҳамроҳ кардааст.

10-15. **Омадем он ҷо,** – яъне минтақаи чаҳорум, маркази Дӯзах, пӯшидарӯ – яъне дар зери Ях.

20. Дито – ин калима дар сурудҳои пештараи «Дӯзах» чун номи шаҳри шайтон омада буд, ин ҷо худи номи шайтон аст. Вақте ки фариштаи зебо бар зидди Худо исён кард, аз осмон ба қаъри замин партоб шуд ва ба шайтон мубаддал гашта, то ними тан дар ях банд ва ҳукмравои Дӯзах шуд. Ҳамин тариқа дар дунё бадӣ оғоз гашт.

36. **Бар илоҳӣ кард, охир, турш рӯ** – яъне бар зидди Худо исён кард.

45-46. Яъне чун сиёҳпӯстони Ҳабашистон.

55-67. Дар се даҳони Лютсифер, се гунаҳкори бузург  сар дарун ва по дар берун азоб мебинанд. Яҳудо, ки аввал аз ҳавориюни Исо буд, вале пас ӯро ба фарисиён фурӯхт; Бурут, писархондаи Қайсар, ҷумҳурихоҳ чун донист, ки Бурут режими диктатурӣ ҷорӣ карданист, ӯро ханҷар зад. Кассий – ҳамдасти Бурут дар куштани Қайсар. Аз назари Данте, ки парвардаи асри XIII буд, амали Бурут ва Кассий, ки барои озодии инсон мубориза кардаанд, ба мисли хиёнати Яҳудост, зеро ӯ режими импературиро иродаи Худовандӣ медонист.

68. **Шаб омад**– яъне дар рӯи замин.

76-81. **Дар раҳи худ чун расидем мо ба рон**... – То миёнаи шайтон фуруд омада, Верҷил сар ба сӯи пои шайтон мекунад, чунки ба нимкураи ҷанубӣ расидааст ва бояд сарболо берун ояд. Данте бошад, гумон мекунад, ки ӯ боз роҳ ба Дӯзах гирифтааст. Хастаҳолии Верҷил аз он аст, ки худ дар «Энейнома» ба ин маъно гуфтааст, ки ба Дӯзах поин рафтан осон аст, аммо фаро рафтан ба сӯи равшанӣ, ба боло ранҷи бисёр дорад. Аз назари тамсилӣ, яъне гуноҳ кардан осон асту тарки гуноҳ мушкил ва кӯшиши бисёр мехоҳад.

96. **Шамс аз ними саҳар карда гурез**. – Яъне дар нимкураи ҷанубӣ саҳар аст, зеро мусофирон дувоздаҳ соат бар сӯи пеш ҳаракат карданд.

112-117. Аз рӯи ривояти «Таврот» баландтарин қуллаи маскун Урушшалим аст, ки дар он фарди маъсум, яъне Исоро ба салиб кашиданд. Ҷудко – қаламрави Яҳудо дар Дӯзах.

121-126. Яъне ҳамон вақт ки шайтони аъзам аз осмон бар замин партоб карда шуд, ба зарби фурӯ рафтани ӯ замин аз нимкураи муқобили ҷои фурӯ рафтани шайтон барҷаста баромад ва кӯҳи Барзах ба пайдо омад. Рӯи замине, ки ҷои зист буд, дар зери об монд ва зери замин, ки аз тарафи дигараш барҷаста буд, дар асл таҳи замин буд, ин ҳоло нимкураи мост.

127. **Билизбут** – яке аз номҳои Лютсифер, шайтони аъзам.

128. **Дарозои дафина** – гӯри шайтон, Дӯзах дар назар дошта шудааст.

130. **Садои ҷӯйборон** – ишора ба Лета, рӯди фаромӯшӣ аз асотири Юнон, ки дар Барзах ҷорист. Пеш аз вориди Биҳишт шудан арвоҳ аз он кафи обе менӯшанд, то хотираи ҳамаи гуноҳони худро фаромӯш кунанд ва пок шаванд.

## ЛУҒАТ

| | |
|---|---|
| Авомуннос | - гурӯҳи одамон; тӯдаи мардумон |
| Акин | - нола, зорӣ, оҳу вовайло; оҳи вазнин ва дарднок |
| Ано | - заҳмат, ранҷ, машаққат |
| Ашбоҳ | - шабаҳҳо |
| Аъмоқ | - умқҳо, чуқуриҳо |
| Ақил | - оқил, доно |
| Аҷсом | - ҷисмҳо |
| Асфал | - поинтар, пасттар |
| Асаф | - ғам, андӯҳ, ҳасрат |
| Бармало | - ошкоро, бепарда, рӯирост |
| Баъид | - дур |
| Базр | - тухм, дона |
| Бирка | - ҳавз |
| Бағӣ | - фармоннобардорӣ, саркашӣ, беитоатӣ |
| Бароат | - покӣ, тозагӣ, бегуноҳӣ, беайбӣ |
| Билод | - кишвар, сарзамин |
| Видод | - дӯстӣ, муҳаббат |
| Вожунабахт | - бадбахт, бахтбаргашта |
| Валав | - лоақал, ақаллан, ҳеҷ набошад |
| Воруна | - вожгун |
| Гӯшагир | - гӯшанишин, хилватнишин |
| Гуроз | - хуки нари ёбоӣ, хуки даштӣ |
| Дувол | - ҳила, макр, фиреб, қаллобӣ |
| Даға | - макр, ҳилла, фиреб |
| Дамим | - зиштрӯ |
| Зиндиқ | - бедин, бехудо |
| Зуғол | - ангишт |
| Зулминан | - соҳиби миннатҳо, соҳиби эҳсонҳо; киноя аз Худо |
| Захим | - ғафс, калонҷусса, тануманд |
| Забул | - пажмурда, лоғар |
| Зиф | - сохтакор, қаллобӣ |
| Истикок | - ба ҳам расидан, ба ҳам задан ва молиш хӯрдани ду чизи сахт |
| Инҷило | - ошкор шудан, ҳувайдо шудан |
| Ихвон | - дӯстон, ёрон |
| Ивор | - айб, нуқсон |
| Илтиво | - печидашавӣ |
| Илтиҳоб | - асабонӣ шудан, оташин шудан, ғазабнок шудан; ҷӯшу хурӯш |
| Иттисол | - наздикӣ ба ҳамдигар, висол |
| Ибтино | - табассум, лабханд |
| Канбур | - ҳила, макр, фиреб |
| Кабр | - навъе аз либоси ҷангии қадима |
| Кадир | - тира, хира |
| Кайфар | - ҷазо, сазо, подош |
| Касир | - бисёр, зиёд, фаровон |
| Кизб | - дурӯғ, фиреб |
| Канду | - қуттии занбӯри асал |
| Кумез | - наҷосат, палидӣ |
| Лажан | - гили сиёҳ ва тира, ки дар таҳти ҳавз, ҷӯй ва |

ғайра пайдо мешавад; лойқа
Луҷҷа - миёни дарё, ҷои чуқуртарини дарё ва ё баҳр
Музайян - зебу зиннат додашуда, ороста
Манкуб - бадбахт, ба сахтӣ дучоргардида
Муфтатан - ошиқ, мафтуншуда
Матрук - тарккардашуда, фурӯгузоштошуда, аз байн бурдашуда
Меҳин - калонтарин, бузургтарин
Мултасақ – часпида ба чизе
Масир - сайр, равиш, ҳаракат
Мамлу - пуркардашуда, оганда, пур
Мақҳур - дучори қаҳру хашмшуда
Мухтас(с) - махсус, хос
Масаб - ҷои охирин, нуқтаи охирин, мунтаҳо
Маъман - ҷои манъ, паноҳгоҳ
Мунтасиб - хешу табор
Муҳиш - ваҳшатовар, ғамгин ва андӯҳгинкунанда
Муртакиб - он ки аз вай гуноҳе сар задааст
Муншаиб - ба қисмҳо ҷудошуда
Маҷоз - маҳалли гузаштан, гузаргоҳ
Машид - баланд, устувор
Муоф - бахшидашуда, авф кардашуда
Муҷрим - гунаҳгор
Маъқад - сӯрохи поин
Маҳр - мувофиқи қонуни шариати ислом пули накда ва молу матоъ, ки дар вақти никоҳ барои арӯс ба зиммаи домод муқаррар карда мешавад; кобин
Маслуб - кашида гирифташуда, рабудашуда
Маҷзуб - ҷазб кардашуда, кашидашуда
Мазбут - банду бастшуда
Нузул - фуруд омадан, поён рафтан, поин омадан
Нафир - бонг, садо, фарёд, ғавғо, ғалоғула
Нудба - гиря, нола
Нафха - як бор дамидан, як бор бод додан
Нафӣ - инкор, рад
Ноқус - зангӯлаи калисо, зангӯлаи ибодатхонаи насоро
Озарм - ғам, ғусса, андӯҳ
Пуста - ҳарире, ки атторон дар он мушк мебастаанд.
Пуз - атрофи даҳон ва бинӣ, даҳон ва гирдогирди даҳон, тумшук, фук
Раҳил - мурдан, вафот кардан
Сахра - харсанг, кӯҳпора
Саъб - душвор, мушкил
Судур - бузургон, раисон; пайдо шудан, содир шудан
Ситабро - ғафсӣ, кулуфтӣ
Сақил - вазнин, гарон
Сатл - зарф барои кашондани об, сатил
Софил - паст
Талал - ҷисм
Таноқуз - мухолифат, ба ҳамдигар зид будан
Таъвиқ - ба таъхир андохтан, таъхир, дермонӣ
Тарфа - канора, канор
Тардид - дудилагӣ, шакку шубҳа
Тааб - ранҷ, сахтӣ, азоб, хастагӣ, мондагӣ

| | |
|---|---|
| Таъмид | - қасд кардан |
| Таҷаммул | - ороиш, шукӯҳ, дабдаба |
| Тафрит | - кӯтоҳӣ кардан, бепарвоӣ кардан дар коре |
| Тафаръун | - бедодгарӣ кардан, золимӣ |
| Уштулум | - дурущтӣ, тундӣ, ҷанг |
| Утул | - саркашӣ |
| Ур | - бараҳна, луч, урён |
| Фалс | - пулакчаҳои моҳӣ |
| Фарт | - аз ҳад гузаштан, зиёдравӣ, аз ҳад афзун |
| Хайёт | - либосдӯз, дӯзанда, дарзӣ |
| Хабир | - бисёр доно ва кордон |
| Хулд | - биҳишт, ҷаннат, фирдавс |
| Шед | - шакли кӯтоҳшудаи хуршед |
| Шағаб | - фитна ва фасод |
| Шеб | - тозиёна, қамчин, тозиёнае, ки ба нӯги он чарми борик васл мекарданд; нишеб |
| Шанг | - зебо, хушрӯ |
| Шан | - санги майда, рег |
| Эҳтимом | - саъю кӯшиш ва ҳиммату ғамхорӣ ба кор бурдан |
| Эҳтизор | - расидани аҷал |
| Ғариз | - бурдборӣ, сабру тоқат |
| Қаир | - чуқур |
| Қосир | - оҷиз |
| Қирот | - миқдори бисёр ками чизе |
| Қоҳир | - қаҳркунанда, ғазабкунанда, хашмгин |
| Қуллоб | - чангча, чангак, шаст, шасти моҳигирӣ |
| Ҳанзал | - як навъ кадуи ёбоӣ, кадуи талх |
| Ҳуфра | - замини кофташуда, чуқурӣ |
| Ҳисн | - қалъа, паногоҳ |
| Ҷаҳим | - дӯзах, номи яке аз ҳафт қисми дӯзах |
| Ҷадр | - девор |
| Ҷоил | - созанда, халққунанда |

**М. Ю. Лермонтов**

## ХАЗИНАДОРЗАНИ ТАМБОВВ

***Қарта бибоз, сарро мабоз.***
Зарбулмасал.

### ЭҲДОИЯ

Бимон, машҳур гардам кӯҳнаоин,
Надорад ҳеҷ фарқе аз бароям.
Аз он шодам, ки бар вазни Анегин,
Ба оҳанги қадимӣ месароям.
Ба ин афсонаи ман гӯш доред,
Агар майли сафои ҳуш доред,
Каме ҷунбонда сарҳотон, аҷиб аст,
Писандед охирашро, к-он ғариб аст.
Ба расми бостонӣ мо бинӯшем,
Шароби дилкушои арғувонӣ,
Ба ашъори дурушти норавоне
Ва аз лангии онҳо чашм пӯшем,
Ки онҳо мешаванд аз ёди мадҳуш

Ба дарёи фаромӯшӣ фаромӯш.

**I**

Нагардад дар харита қайд ҳар бор
Надорад даврача Тамбуф – нишона.
Замоне буд шаҳри шуҳратосор,
Кунун шаҳрест камтар аз миёна.
Дар он се кӯчаи тахту калон аст,
Чароғонаш ба шаб партавфишон аст.
Ду меҳмонхона дорад, беш аз ин,
Яке «Масковский», дигар-ш «Берлин».
Қаровулхонаҳо он ҷо намудор,
Ки дорад ду қаровул, як қиёмат.
Зи рӯи қоида гӯяд саломат,
Шабонрӯзе иваз гарданд ду бор.
..................................................
Хулоса, шаҳраки дилҷӯи хуб аст.

**II**

Дар он ҷо ҳузну дилтангӣ, худоё,
Чу соҳилҳои Нева карда нозиш.
Диҳад захроби дилтангӣ шуморо,
Кунад бо дасти бемеҳраш навозиш.
Дар он ҳам хушгапу олуфта ҳастанд,
Гурӯҳе сахт расмиятпарастанд.
Зи аблаҳҳою мусиқишиносон
Халосӣ нест ин ҷо ҳам ба инсон.
Дар он ҷоянд хонумҳо паривор,
Ки ҷиддро аз Диана карда пеша.
Ҷавоби рад ба лабҳошон ҳамеша.
Худо аз фикри бад бошад нигаҳдор.
Чу дар чашмат нигоҳи носавоб аст.
Ба ту лаънат расад, ҳолат хароб аст.

**III**

Ба чунбиш ногаҳ омад аҳли аъён,
Дигар гаштанд духтарҳо тамоман.
Хабар омад, ҳамин ҷо полки Улан
Ба сар хоҳад барад фасли зимистон.
Аҷаб шаҳбозҳо дар полки Улан,
Бувад палковникаш,
                    албатта, безан.
Чу ояд генерал, ин ҷо фурояд,
Шаби рақсу тараб барпо намояд.
Нигоҳи модарон оташ фурӯзад.
Падарҳои хасису сахту якроҳ
Фурӯ рафтанд дар андеша ногоҳ,
Ки шамшеру сипору наъли мӯза
Расонад фарши рангинро харобӣ...
Ҳамин сон дошт Тамбуф изтиробе.

**IV**

Ва боре як пагоҳи бомдодон
Ба ҳангоми шакархоби гуворо

Зи пушти пардаи абри парешон
Намоён шуд Сна пеши назарҳо,
Даме ки гумбази заркори маъбад
Зи нури шамси заррин зарҳалӣ буд,
Набудӣ давраи майхона дар ҷӯш –
Ва он хасми хамӯшӣ буд хомӯш.
Уланҳо шашкасӣ саф баста, аз рост
Ба шаҳр андар шудандӣ бекаму кост.
Ба аспон чанд машшоқе нишаста,
Навозад марш хоболуду хаста.

**V**

Шунида шиҳаи аспони мушкин
Пас аз рӯзу шабони интизорӣ,
Ҳама ҷону дили муштоқу мискин
Тапон гашта зи шавқу беқарорӣ.
Ва ҷогоҳи париқу рафт аз ёд...
«Ту, эй нодон, Катерина, бишав шод,
Бидеҳ рӯмолу кафшамро ба зудӣ,
Куҷо Иван? Чӣ халта! Ваҳ, чӣ будӣ.
Даричаро кушоед. Ин чӣ таъхир...»
Фаромуш карда мардум хобу хӯрок,
Кунад ойина бо моҳутҳо пок.
Ба чашмони варам, ҳоли муассир,
Назар созанд духтарҳои зебо
Сафи ҷиддию ҷанголудаеро.

**VI**

«Ба ман бингар, кузина, бин кӣ омад».
«Киро? Майорро?» Не, бин, дигар сӯ.
Чунон хушрӯст. Аспаш мисли сурат,
Вале, афсӯс, корнет будааст ӯ.
Чунон чолок, хам шуд вай ба паҳлу...
Даромад як шабе дар хоби ман ӯ...
Ки хоб аз чашмҳоям шуд гурезон...
Пас аз ин синаҳои сахти ларзон.
Сарандози варо андак бубардошт –
Зи шавқи дил,
                    дили пурормонаш.
Бишуд торик пеши дидагонаш,
Вале бигзашт полку ҷанг бигзошт.
Зи пушташ баччаҳо бо шӯру ғавғо
Давон чиркину получак куҷоҳо.

**VII**

Дар он даврон сарои «Московский»,
Бари хушмӯлабон буд манзили ист.
Дар он сӯяш ҷаноби Бобковский,
Ки ганҷури вилоят буд, мезист.
Варо ҳавлии кӯҳна буд он ҷо.
Агарчи бенамуд, ором аммо,
Қадимӣ ду сутунро дар миёна,
Базӯр истода буд балкони хона.
Ба бомаш тахтаҳое менамуданд,
Ки онҳоро алафҳо зер карда.

Валекин чор тӯси қайчихӯрда,
Паси тирезаҳо гул карда буданд.
Ба ҷои пардаҳои пуркаруфар
Ҳамин буд зебиши он ҳавлию дар.

**VIII**

Чунон як мӯсафеди тираандеш,
Сараш кал буду афташ ҳам аҷобат.
Ба сӯми дигарон чун бо пули хеш
Зи даврони ҷавонӣ карда одат.
Фурӯ мерафт дар кори ҳисобаш,
Чунон ҳам қартабозе буду осӣ,
К-аз ин нуқсон набуд ӯро халосӣ.
Ба шабҳои зимистон беш мехост,
Ки ҳар қадре тавонад қарта бозад,
Ба ҳайрат ораду қойил бисозад
Тамоми қартабозонро ба нохост.
Агар бахташ натобад вақти бозӣ,
Бинӯшад май,
кунад бо хеш нозе.

**IX**

Ба меҳнат душмани қаттол буд ӯ,
Сару саркардаи мардони он ҷо.
Балои модару занҳои бешӯ,
Мураббии писарҷонҳои онҳо.
Намекард он замон, гар қарта омад,
Ҳар он чӣ дошт аз суду даромад.
Зи мурғу равғану аз коҳу аз хас,
Ҳамерафтанд аз каф лаҳзае пас.
Табибу додрас, сардори полис,
Ҳаминҳо буда узви маҳфили вай.
Раиси полисон ҳам ҳамдили вай.
Касе чун ӯ зарифу ҳазлкаш нест.
Зани сандуқдор аз ҳазлҳояш
Гаҳе суп-сурх мешуд ҳамчу оташ.

**X**

Нагуфтам бо шумо,
хонандагон, ман,
Хазинадори ман буд марди зандор.
Насибаш карда аз занҳо чунин зан,
Ки зан не, аз Худо як дурри шаҳвор.
Агарчи одияш медошт шавҳар,
Вале аз ганҷ медонист беҳтар.
Ба ӯ аз шаҳрҳои дури марказ,
Намефармуд шоҳивор газ-газ.
Ба ӯ ёд дода расми дилрабоӣ,
Чӣ сон бояд кашид «оҳ»-у назар дӯхт,
Чи сон олуфтаҳоро ҷо ба ҷо сӯхт,
Ки худ андар назар оӣ, наоӣ,

Валекин мӯйсафеди зирак ӯро
Ба зери чашми худ медошт ҳар ҷо.

### XI

Буд Авдотя Николавна, ҳақиқат,
Аҷоиб луқмаи чарбу лазизе.
Қаду рафтор бину сарви қомат,
Хиромон меравад – ҷони азизе.
Ба Тамбуф кас надид ин сон қашанге,
Ба ин ду синаи сахту таранге,
Сафедии танаш монанди шаккар,
Ки рагҳои бадан бинмуда яксар.
Ту гӯӣ аз барои ишқу оғӯш
Ба дунё омада...
чашмаш кабуд аст,
Гули фирӯза назди он чӣ будаст,
Ва гардунаш чӣ бошад?
Мебарад ҳуш
Зи бас чашми кабудаш, ман натонам,
Худамро довари якрӯй хонам.

### XII

Чунон бинӣ! Чунон лабҳои алвон,
Гули садбарги навбишкуфтае бин.
Чӣ дандоне, садаф бошад, на дандон,
Садояш? Орзуворaст ширин.
Ба андак иллате ӯ дур ҳамесуфт,
Ки ҳарфи «эр»-ро тоза намегуфт.
Камак ин сон калолат бахри ӯ чист.
Магар ин нуқсакаш бахшиданӣ нест?!
Ба нозиш мӯсафедаш дӯст медошт,
Ки зулфони варо созад парешон,
Вале афсӯс . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .

### XIII

Шавад то дар раман ҳар нукта равшан,
Бигӯям бо шумо бояд дар ин ҷо.
Яке аз хоҳарони хурди он зан
Гирифтори Улан гаштасту шайдо.
Чунон бояд, вай ин асрори худро
Ба Дуния бигуфт танҳо ба танҳо.
Шунидастед то ин дам ягон бор
Шумо гуфтори хоҳарҳои шӯдор?
Худоё, аз ҳазорон бобу ашё
Бувад гапҳояшон аз ҳар хусусе –
Ба дунё зинда бошӣ, хулқи русӣ,
Набошам одами каззоб асло.
Тасодуф ман зи пушти пардаи тор,
Чунин суҳбат шунидастам ду-се бор.

### XIV

Хулоса, дилбари таннози Тамбуф
Чунин хушмӯлабонро дӯст медошт...

Ҳамин ишқаш варо нобуд бинмуд,
Ҷавони уланӣ ишратталаб буд.
(Ба ӯ бисёрҳо будем якҷо)
Гирифт аз хонаҳо ӯ хонаеро,
Ки буд дар рӯ ба рӯи хонаи зан.
Ҷавони хушқаду сисола буд ӯ,
Ва сарвори саворон буду хушрӯ.
Сияҳмӯлаб, нигаҳ сӯзону равшан.
Хулоса, орзуи духтарон буд,
Миёни русҳо аз беҳтарон буд.

**XV**

Ҳама мулки падар, молу маунат
Ба вақти корнетӣ аз дасти худ дод.
Дар он даврон ба бахшишҳои қисмат,
Чу мурғи беғаме мезист дилшод.
Ҳамеёзиду мехусбиду дар сар
Набудаш фикри хӯроке муқаррар.
Бигашта хоки рус аз ҳар канора,
Гаҳе пои пиёда, гаҳ савора.
Гаҳе устои ҳар таъмиру тармим,
Гаҳе бекори андар истироҳат.
Ба ин сон корҳо кардаст одат.
Агар дар як гапи ӯ мешунидем
Каме оҳанги лофу худситоӣ,
Худам мегуфтамаш, бас худнамоӣ.

**XVI**

Набудаш шарм аз шавқи табиӣ,
Дар ин бобат худашро гум намекард...
Гаҳе ҳангоми афшони гулӯла,
Ки битвонад кунад касро ду бӯла,
Лабаш инҷу кашида рӯй дарҳам,
Ба шӯхиҳош механдонд ҳар дам.
Ба шӯхӣ баъди ҷанҷоле тасодуф
Рафиқашро паронд ӯ бе таассуф.
Ба шӯхиҳою бозӣ метавонист.
Бихобад рӯи тобуту шавад нест,
Гаҳе чун кӯдаке хулқи хушаш буд,
Шарафманду накӯю ҳазлкаш буд.

**XVII**

Набуд аз ошиқони беқароре,
Ки бошанд ошиқон ин гуна бисёр.
Намерафт ӯ зи роҳи рафта боре,
Барои худ кушода роҳ ҳар бор.
Чу мегуфт аз муҳаббат рози дил ӯ,
Намеафтод пеши зан ба зону.
Вале, ёрон,
чу ин қатъи назар буд,
Вай аз мову шумо хушбахттар буд.
Кашидам сураташро, ман ба ҳар ҳол,
Чунин буд пеш аз ин ӯ панҷ-шаш сол.

## XVIII

Зи шаҳру аз аҷобатҳои дигар,
Зи меҳмонхоначӣ донист ҳар чиз.
Аҷоиб корҳои хандаовар
Ва шаш ё ҳафт сирри фитнаомез,
Арӯсонаш бадавлат то кучҷоянд,
Миёнҷӣ, хостгоронаш киҳоянд.
Чу қисса аз зани ҳамсоя бишнуд,
Дигар сабру қарораш гашт нобуд.
Бишуд ранҷури дарди бедавое.
«Ту, мегуфт ӯ ба худ бечораи ман,
Қафасбанд аблаҳат карда тамоман»
Ва дорад ӯ ба вай ҳукми равое.
Худамро ман каси бадкор хонам,
Туро гар ман ба ин аҳвол монам.

## XIX

Нишинад дар бари тиреза ӯ зуд,
Либоси форсияш карда дар бар
Ва дар байни лабонаш мекунад дуд
Чубуқи минчақи пурнақш камтар.
Ба сар,
болои мӯҳои мулоим
Кулоҳи олуболуранг қоим.
Варо зеҳе кашида бо хати зар
Ба ишқу орзу молдовидухтар.
Нишаста бо адаб дорад нигоҳ ӯ,
Ана,
он нозанин аз тирагӣ тофт.
Баногаҳ рӯи шиша нақш партофт,
Ба нармӣ он сару он як бари рӯ.
Баногаҳ ду тиреза хӯрд бо ҳам...
Ҳамин ҳозир кушода мешавад ҳам.

## XX

Ҳанӯз ором шаҳри хоболуд,
Саҳар равшан, тиреза буд муҷалло;
Ва роҳи сангфарше пинакӣ буд,
Намеомад садои фойтунҳо.
Зани барнои он хозин сабаб чист,
Ки ҳангоми саҳар аз хоби худ хест?
Чаро ӯ гаштааст ин сон саҳархез
Ва ё хобаш задаст аз дида маҳмез?
Ба дасташ такя додаст ӯ сарашро,
Ва оҳе мекашад дар даст ҷӯроб,
Ва дар ҷӯроб не, гап дар дигар боб –
Ва шарҳи он муносиб нест моро...
Ҳақи гапро агар гӯӣ, ба зинҳор.
Варо ҷӯроб бофидан чӣ даркор!

## XXI

Нигоҳи дилрабояш сайр мекард
Ба паҳнои кабуди осмонҳо.
Сипас рӯи замин вай рӯй овард...
Чӣ ин шармандагӣ бошад, Худоё!

Ба он сӯ рӯ ба рӯ марде, кадоме
Нишаста бесарупои низомӣ,
Ба тан пӯшид, сарвори саворон.
Либосашро ... тиреза зуд, алъон
Ба ҳам омад... Ва ӯ гум аз назар шуд.
Чунин коре шуморо, эй рафиқон,
Ҳамекард андаке хотирпарешон.
Вале коре, ки шуд, бе як зарар шуд.
Ва улан он замон дар ҷо-ш биншаст
Бигуфто: «Хайр, бад не, аввалаш ҳаст!»

**XXII**

Ду рӯзе буд тиреза баста доим,
Фақат рӯзи сеюм ногоҳ шуд боз.
Намуд дар оина нарму мулоим
Нигори дилбару фаттону танноз.
Ғиҷиррас зад дарича ногаҳон паст,
Ба каф ҷӯроб зан дар тоқ биншаст.
Чӣ чашме дошт сарвори саворон
Ки зуд дарёфт авзои нигор он.
Бигашта аз барори кор хушдил,
Аз он ҳавлӣ баромад бо сипоҳӣ,
Ба он ҷо барнагашт ӯ то пагоҳӣ.
Сипас, ҳарчанд ҳолаш буд мушкил,
Агарчӣ дошт дар ҷону ҷигар сӯз,
Ба дур ӯ аз тиреза буд се рӯз.

**XXIII**

Валекин андак ин нозу итобе
Ба монанди ҳама он нозҳо буд,
Ки фардо норасида бошитобе
Ба рози босухан табдил мешуд,
Забони ишқ – лафзи ҳайратовар,
Забони навҷавонӣ, меҳри дилбар.
Касе боре агар маҳбуб будаст.
Аз он ҳарфе магар матлуб будаст,
Ба айни эҳтироси ҷовидона,
Касеро ту агар ёрӣ накардӣ?
Магар ту, эй забони ошиқона,
Зи байни ҷумла ҳосид, бадниҳоде,
Наҷоте ҷони ошикро надодӣ?!

**XXIV**

Бидонист ӯ, хулоса, дар ду ҳафта,
Тамоми реҷааш, он сон ки бояд.
Кай ӯ бедор, кай дар хоб рафта,
Кай ӯ чое хурад, гардиш барояд.
Биёяд зан ба маъбад бар ибодат,
Ҳамон ӯ ҳам шавад ҳозир ба тоат.
Ба паҳлуи сутуни намкашида
Биистад на салибе ҳам кашида.
Дар он ҷо чилчароғи партавафкан,
Варо дар равшанияш ғарқ кардаст.
Валекин чеҳрааш бигрифта, сард аст.
Нигоҳи чашмҳояш ҷониби зан,

Гаҳе хомӯш, гаҳ рахшон намояд,
Ва занро рост дар сина дарояд.

### XXV

Набошад шубҳае дигар тамоман,
Ки кулли зан ҳамеша кунҷков аст.
Зани сандуқдор аз ваҷҳи улан,
Зи ҷону дил муассир сахт гаштаст.
Улан дар чашми ӯ шахси аҷиб буд,
Варо ин аҷобат шавқ афзуд.
Хаёли носавоб, аммо набояд,
Ба қалби бовафояш роҳ ёбад.
. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Ҳаёти бемуҳаббат, чӣ ҳаёт аст,
Ва бошад шавҳари пире чӣ шавҳар.
Ки бошад мӯ сафед ӯро саросар.

### XXVI

Валекин вақт ҳам мерафт. Имрӯз,
Бишуд вақташ. Бигуфто ошиқи ман.
Дар афсона бубояд оҳи ҷонсӯз
Кашидан, хомушу ғамгин нишастан.
Ва хизматгор бо хат медарояд.
Ба таъзиму салом он сон ки бояд,
«Салом, арбоб, мегӯяд, ба зинҳор,
Худаш мехост ояд – кор бисёр.
Ҳамехонад шуморо бар зиёфат,
Ба бегоҳаш шавад рақсу тамошо,
Худаш фармуд, то гӯям шуморо».
«Ҳамеоям, бигӯ бар хӯҷаинат».
Ба вақташ соати се базми ёрон,
Парон мерафт сарвори саворон.

### XXVII

Сару саркардааш Амфитрион буд, –
Нигаҳбони шадиди расму одат.
Ки рӯзе буд занашро ҷашни мавлуд,
Саронро дар вилоят кард даъват.
Тамоми полку ҳам генералро,
Агарчи дер омад ӯ ба он ҷо.
Ба ҳар дам гарчи хамёза кашидӣ,
Вале з-он базм осебе надидӣ.
Аҷаб ороста буд базми мавлуд.
Ки рӯи миз, болои лаганҳо
Зи себи сурх пур буд, бахри занҳо.
Ва дар ҷевон барои мардҳо буд,
Ҳанӯз аз субҳи содиқ дар ниҳоне,
Май андар чор қуттии калоне.

### XXVIII

Гирифта бозуи хонумгенерал,
Ба сӯи миз омад хӯҷаин-мард.
Зи мардон дур андак, аз муқобил
Нишаста хонумони нозпарвард,

Баногаҳ бо садои корд, қошуқ.
Ва лаълиҳоюю ғавғою таку туқ.
Расид овоз аз балкон, на аз дур,
Ки буд ҳангомаи оҳанги шайпур.
Русуми кӯҳнаи оличаноб аст...
Гаҳе шайпурро кас менавозад,
Кушояд, иштиҳоро, тез созад,
Гаҳе хомӯш созад суҳбати кас –
Валекин дар замони мо муқаррар,
Бувад ҳар кори кӯҳна хандаовар.

**XXIX**

Зи авлоду зи услуби баярҳо
Кунун натвон нишоне кард пайдо.
Фақат дар ҳалқаи базми гусарҳо
Навозад дастаи шайпурзанҳо.
Ба зудӣ гардадам оё муяссар
Нишастан ҳамраҳи ёру бародар.
Ба дастам ҷуръае аз оби заррин,
Ба зери нағмаю оҳанги ширин
Бубинам, бошад оё боз дарров
Ҷилои сурхранги ментиқонро.
Дар он соат, ки аз гардун шафақҳо
Ба сафҳои гусарҳои пинакрав,
Ба назди беша, урдугоҳи онҳо
Ниҳонӣ мефишонад нури худро.

**XXX**

Нишаста буд сарвори саворон
Ба Авдотя Николавна дар он ҷо.
Нигоҳашро намеканд аз рухи он,
Ба дасте тоб дода мӯлабашро.
Ҳамедид ӯ заданҳои дилашро...
Намедонам, чӣ навъе шуд баногоҳ,
Ки маҳмезе ба пои ӯ расидӣ,
Ва ё бо кафшаки ӯ, кас надидӣ.
Ҳамоно узру маъзуре шуд оғоз
Ба ин шуд риштаи суҳбат кушода,
Ду хушгӯӣ, нигоҳи гарму сода.
Ва кор оид бишуд бо гуфтани роз...
Бале ӯ – афсари шаъну шарафманд,
Зан, аммо буд бо андешаҳо банд.

**XXXI**

Чу зан ҳарфи лаби хомӯш бишнуд,
Дилаш шодиву ҷонаш кард бозӣ,
Ба афсар дӯстӣ таклиф бинмуд
Ба ҷои ошиқию дилнавозӣ.
Чунин аст одати занҳои деҳот,
Тариқи ишқашон ранҷ аст, ҳайҳот.
Ба мо кайҳост, охир, лек равшан,
Чӣ бошад дӯстию ёрии зан!
Аз ин бадтар магар ранҷу азоб аст
Нишинӣ бесамар, боистиҳола
Тамоми шаб ба ёри ҳаждасола...

### XXXII

Умуман, ҳис намудам бегумоне,
Гурӯҳи духтарон,  ин соли охир,
Ки бо сафсаттаҳои осмонӣ
Басе шавқу ҳавас созанд зоҳир.
Зане ин сон хирадманду батоат.
Ба соатҳои ишқу истироҳат,
Баногаҳ мекунад ин чиз исбот,
Ки дую се набошад панҷ, ҳайҳот.
Ва ё ҷои канори бӯсу оғӯш
Кушояд боби миқнотис, дарёб.
Чи хушбахт аст шавҳар, гар равад хоб,
Макун ин нуктаҳои ман фаромӯш.
Агарчи роҳи ҳаллаш нест пайдо,
Валекин манфиат дорад шуморо.

### XXXIII

Шаби рақси аҷоиб буд он шаб,
Намесозам вале тасвир онро.
Тамоми шаб Амур дар роҳи матлаб
Ҳамекардӣ мадад бар улани мо.
Вале афсӯс...
Ки ҳоло бар Амур бовар надоранд,
Халоиқ шоҳи ишқ аз ёд бурдаст.
Ва меҳробаш кунун хомӯшу сард аст!
Барои маърифат, таълими марказ
Вилоятбудагон рағбат надоранд.
. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
. . . .. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .

### XXXIV

Дили Дуния бар таслим омад,
Нигаҳҳо гӯияш баста ба занҷир.
Тамоми шаб ба хобаш медаромад
Садои хӯрдани маҳмезу шамшер.
Бихезад соати нуҳ, ӯ нишаста
Бидӯзад тарҳи гул такрор-такрор.
Ва хобаш дар назар ояд дигар бор.
Ба хизмат шавҳари бадрашк машғул.
Тани танҳост – авҷи орзуҳо!
Баногаҳ кӯфта шуд дар.
«Кист он ҷо?
Ту Андреи, лаванди сусти маҷбул!»
Биёяд шарфааш – худ ҳам намудӣ,
Фақат Андрей ҳаргиз ӯ набудӣ.

### XXXV

Шумо, албатта, донистед ҳоло,
Кӣ буд ин меҳмони ногаҳонӣ
Ва шояд ошиқи бесабри шайдо
Шитобе кард дар кори ниҳонӣ.
Қарорашро чунон аз даст дода,

Ки бар ҳоли ҷавони дил ниҳода
Ба роҳи ишқ, андешӣ, бидонӣ
Таваккал мекунад аз чӣ ҷавонӣ.
Сарашро як тараф ҷунбонда камтар
Ба назди Дуния хомӯш омад,
Нигоҳи тираи ӯ мефуромад
Ба маҳзунӣ ба чашму рӯи дилбар.
Сипас мӯи лабашро тофт, пурдард
Кашид оҳею оғози сухан кард:

### XXXVI

«Шумо ҳеҷ интизори ман набудед –
Зи чашмони Шумо мебинам ин дам.
Шумо дар ишқ оё озмудед
Чӣ бошад соате, рӯзе, даме ҳам!
Ки ҷон дар изтиробу дар ҳақиқат
На қувват ҳасту на ҳукму на тоқат.
Ман ин ҷоям – манам бо ҳар чӣ тайёр,
Вафодори туям – ҳастӣ маро ёр.
Гапу ҳам гапчаи ашрофу аъён
Баҳои як пулеро ҳам нашояд,
Маро з-он гуфтугӯҳо ор ояд.
Ва ё аз тири таппонча диҳам ҷон...
Матарс аз ман, маларз, алҳол боре,
Бигӯ, охир, маро ту дӯст дорӣ!..»

### XXXVII

Нигоҳаш бардурӯғу содаёна
Ба рӯи зан гаҳе хомӯш мегашт.
Гаҳе аз шавқи дил мезад забона,
Аланга мегирифт чун оташи ташт.
Ва зан шармандаю рангаш парида
Ситода пеши ӯ, ӯро надида.
Вале ӯро хаёле буд дар сар
Ки ҳоло мешавад ишқаш музаффар...
Баногаҳ шарм андар зан асар кард...
Ду рӯяш аз ҳаё оташ гирифта,
Ва ғайри ихтиёр ин ҳарф гуфта,
Зи худ ӯро ба дасташ дуртар кард,
Ки: «Бас! Дигар намехоҳам шунидан,
Маро монед! Доде мезанам ман!..»

### XXXVIII

Ва ӯ донист, к-ин кораш риё на,
На манъаш манъи каззобу дурӯғин,
Ки ин истодагиҳои занона,
Худоё, чин занад ин расму оин.
Ба пеши зан ба чӣ хорӣ расид ӯ,
Ки сарвори саворон зад ба зону.
Ва мекард илтиҷо; он дам баногоҳ.
Дами дар шавҳари зан гашт пайдо.
Ҷавонзан «оҳ» гуфту ду нигоҳе.
Ба ҳам бо тирагиҳо рӯ ба рӯ гашт.
Вале раъди нигаҳ хомӯш бигзашт.
Баромад Гарин он гаҳ бо сипоҳӣ

Ва дар таппончаҳояш тир ҷо кард,
Чубукро даргиронду дар лабаш бурд.

XXXIX

Чу як соат гузаштӣ, пешхизмат
Ба ӯ як хатчаи чиркин биовард.
Чӣ кор ин! Мӯъҷиза! Ӯ маҳви ҳайрат,
Ки мард ӯро ба базми худ хабар кард.
Ба ҷашн оянд меҳмонони бисёр.
Магар дорад сари найранг маккор?
Нашуд рӯз изтиробаш ҳеҷ ором.
Ниҳоят шом омад, шуд ҳаво тор.
Ба тиреза назар кард, ӯҳ, айёр,
Зи меҳмон хона пур буду чароғон.
Хаёле дошт, ки дар кисаи худ
Ҳамин таппончаро гирад, нагирад.

XXXX

Ба ҳавлӣ ӯ даромад. Пешвозаш
Худи зан кард. Чашмаш бар замин буд.
Ва дарди оҳи вазнину дарозаш
Сари суҳбат ҳамоно қатъ бинмуд.
Зи кори ин пагоҳӣ дар ҳаросанд,
Зи нав бо ҳам тамоман ношиносанд.
Сухан гӯяд вай аз боду ҳавое
Ҷавоби зан фақат гаҳ «не»-ву «ҳо»-е.
Басо ранҷури афсӯси ниҳонӣ,
Раҳ ӯ бар хонаи корӣ бигирад...
Ба кори мо шитоб андар нагирад,
Шитоб аслан на баҳри мост, не, не.
Ба дамгирӣ ба мо акнун иҷозат,
Кунемаш пас фуроварди ҳикоят.

XXXXI

Шитобе доштам дар умри қимат,
Биҷустам изтиробу беқарорӣ.
Ба қонуну ба рафтори табиат
Зи беақлӣ накардам эътиборе.
Чӣ ҳосил дод! Афсӯсу надомат!
Ба ҷонам мерасад ранҷу риёзат.
Таассуф хӯрдаам ман бешумора,
Зи дирӯзам диҳад ёде. Чӣ чора?
Ба кӯшиш барнагардад рафта дигар.
Уқоби навҷавоне дар қафас зор
Нишинад чашм бар водӣ, ба кӯҳсор,
Ба гардунҳо набикшояд абас пар,
Варо на бо ғизою гӯшт кор аст,
Нишаста хомушу марг интизор аст.

XXXXII

Ту бигзаштӣ магар, эй даври ширин,
Ки дилро буд оламҳо дар оғӯш.
Дили ман метапид аз шавқи чандин,
Хаёлу ифтихорам буд дар ҷӯш.
Уқоби қулла з-ин суде набинад,

Ки побанди қафас ғамгин нишинад.
Раҳи парвози худро сӯи гардун
Биёбад, гарчи ҳолояст дилхун.
Ба он ҷое ки дар пушти туманҳо
Ва зери барф харсангон ниҳонанд,
Фақат он ҷо уқобон лона монанд,
Ки сайронгоҳи аброн аст он ҷо.
Дар он ҷо боз хоҳад бол бикшод
Ба парвози фалаксайреаю озод.

**XXXXIII**

Ба поён мерасад ҳар чизи олам
Ва ҳатто ин ҳавои орзуҳо.
Ба меҳмонхона Гарин ҳам даромад,
Чи мӯъҷиз буд, ки соҳибхона ӯро,
Ба истиқбол бо шодӣ баромад,
Нишонду кард бо шиннӣ зиёфат.
Биовард истакони пур зи шампан.
«Яҳудо!» – дошт лек андеша улан.
Ба гирди мизи сабз анбӯҳи меҳмон
Ба шавқуну садоҳо ҷафс мегашт.
Ба авҷаш рафта бозӣ гашт бар гашт.
Ва бонкаш ҳам ба ёрон буд осон.
Ба бозӣ бо русуми дӯстдорӣ
Хазинадор кардӣ бонкдорӣ.

**XXXXIV**

Ҷаноби Бобковский, хулоса,
Худаш банд аст бо кори кабире.
Иҷозат, то кунам ин ҷамъи хоса
Шиносат, то ба онҳо унс гирӣ.
Нахустин, ин кас оқои мушовир
Хушахлоқанду ғайбатчии моҳир.
Аз уезди дигар – сардору сарвар,
Таноби тираву мӯи лабак дошт.
Ва шӯрангези оромист дигар,
Худаш, сардори пулис, шишта ин ҷо,
Ки кайҳо гуфтаам ман қиссаашро.

**XXXXV**

Ана ин атрбӯи нимтанпӯш,
Худи Митрофани даврон буд, алҳақ.
Чунон кунду дағал, бедонишу ҳуш,
Аҷаб махлуқи бадахлоқи аҳмақ.
Ба бозӣ, дониши ганҷур дорад,
Ба шасту боварӣ пулаш барорад,
Кунад бозӣ, чӣ сон гӯянд аз пеш
В-аз ин гуна шараф розист аз хеш.
Дигарҳо ҳам буданду ... ин кифоят
Туро, эй дӯст,
эй хонандаи ҷон,
Ки дар ин қиссаи паҳну парешон,
Ба оҳанги қалам карда итоат
Ва бо ин худсариҳои сиёҳӣ
Худо донад, ки бинвиштам камоҳӣ.

**XXXXVI**

Бувад дар авҷ бозӣ. Ранг бозад
Якеро. Қартаро дарронда хезад.
Дигар бар бохташ бовар  насозад,
Сари хам менишинад, меситезад.
Дигарҳо бо барори даври бозӣ
Стакан пур кунанд аз бениёзӣ.
Валекин бонкдор аз чист ин бор,
Хашину тирарӯю хам, арақшор, -
Сари бемӯю тосаш то ба гардан,
Паи ҳам ҳар чиро,
                    ки дошт мебохт,
Дар ин бораш ба ӯ қисмат намесохт.
Бурун аз хештан гашт ӯ тамоман.
Ва ҳавлӣ бой дод,
                    аз дасти ӯ шуд
Ҳар он чӣ дар танаш, дар ҳавлияш буд.

**XXXXVII**

Паи ҳам чорчархии музайян
Ва як файтуну се аспу ду юғ ҳам,
Ҳама асбоби хона, ҳалқаи зан,
Зи дасташ рафт, ҳолаш хӯрд дарҳам,
Чӣ маъюсу ғазабноку хамида,
Нишаста хомушу рангаш парида.
Шаб аз нима гузашта бемуҳобо
Шуда як шамъ ҳам хомӯш кайҳо.
Кабудиҳои камранги пагоҳӣ
Зи шарқи осмонҳо паҳн мешуд.
Ва ҷамъи қартазан дар фикри он буд,
Ки мехобад, ки соҳибхона нохост
Зи меҳмону рафиқон диққате хост.

**XXXXVIII**

Ба ҷидду кибр мехоҳад иҷоза
Ба як даври дигар қарта кашидан,
Ки амволаш барад дар даври тоза,
«Диҳад ё бой дар болои ин зан».
Чӣ даҳшат ин чӣ бадкорӣ, разолат,
Ба ин аҳвол чун боист тоқат –
Кунад аҳли ҷамоат, пас наомӯхт
Ки оби ҷӯш ғӯё ҷисмашон сӯхт.
Фақат хурсанд буд улан-ҷавонмард,
Ба наздаш омаду ӯро бигуфто:
«Басо хушнуд ман. Бигзор ғавғо
Кунанд инҳо. Вале бояд чунин кард.
Фақат найранг дар ин кор набвад.
Вагарна мешавад аҳволатон бад!»

**XXXXIX**

Ниҳоят аз Шумо мехоҳам ором
Тасаввур созед он аҳволи маҳҷур.
Тамоми гунагун он афту андом,
Дурахши айнаку чашмони камнур.
Сипас он қаҳрамони мӯйлабдор,
Ки қарта медиҳад истода ин бор.

Ба байни шамъҳо дар рӯ ба рӯяш
Ба пешонии паҳн, испед мӯяш,
Ки ҳар ҷои сараш кам-кам ҳувайдо,
Даҳонаш каҷ валекин аз табассум.
Ба дасташ дастаи қарта. Таҷассум
Бишуд дар чашматон он саҳна ҳоло.
Кунем ин саҳнаро мо пурра андак,
Занаш биншаста дар курсӣ ба кунҷак.

### L

Чи ҳоли ногуворе буд занро,
Маро ҳаргиз сари фаҳмонданаш нест.
Ғаме дар чеҳраи ӯ буд пайдо,
Ки кӯҳи ғуссае дар нисбаташ чист.
Чу мебардоштед ин пардаи роз
Ба сӯзу нола мекардед оғоз,
Вале, бигзор, ашки ғамгусорӣ
Нагардад ин замон аз дида ҷорӣ.
Аҷоиб хандаовар буд шояд
Ба ғам ҳамдардии ашрофу аъён
Агарчи қиссаҳои дарди онон
Ҳама фанду дурӯғин менамояд,
Басе бигриста буданд асри пешин...
Савол ин ҷо – кӣ бурде кард аз ин?

### LI

Кашид ин ҳарб ҳам на он қадар дер,
Улан чун ҷонфидо мекард бозӣ.
Ба ҳоли пиракӣ хандид тақдир.
Уланро қуръа додӣ – бениёзӣ.
Ва Авдотия Николавна пурсарор,
Зи курсӣ шуд баланд, оҳиста, ҳамвор.
Ба назди миз хомуш даррасид ӯ,
Парида ранги рӯяш, сап-сафед ӯ.
Ва меҳмонҳо карахтастанд акнун
Ва ҳар як ботаҳайюр интизор аст,
Ки занро шикваву сад оҳи зор аст
Ки ин дам мешавад аз сина берун,
Вале бар рӯи шавҳар бо нигоҳе
Зад ӯ ангуштари ақди никоҳе.

### LII

Ва зан аз ҳуш рафт. Ӯро дар оғӯш
Гирифта ҳамчу ганҷи шоҳворе
Кулаҳ, шамшери худ карда фаромӯш,
Улан мерафт хона – бахтёре.
Пагоҳӣ з-ин аҷоиб кору ҳолат
Бишуд он шаҳри хуштинат хиҷолат.
Зи баъди ҳафтае ҳар кас ба ҳар сон
Яке бо ҷидд, дигар бо ҳазлу хандон
Сухан мегуфт аз он рухдоди камчин.
Тарафдорони худро ёфт он пир.
Ба Улан з-ин сабаб мекард то дер,
Чаро ҷинси латиф изҳори нафрин.
Ва аз рашку ҳасад ин буд шояд,

Надорам тоқати бухтон. Набояд!

**LIII**

Расид ин қиссаи маҳзун ба итмом,
Аниқаш гӯям ар –  афсонаи ман.
Кунед икрор, кардедам чӣ дашном?
Шумо шавқу амал ҷустед ҳатман?
Азобу фоҷиа хоҳанд ин дам,
Ки ҳатто хунталаб ин бонувон ҳам.
Яке шогирди беҷуръат, ки ҳастам
Ба ҷои хуби қисса лаб бубастам.
Ба бархӯрди асаб, бо як фитодан.
Ба охир саҳнаи хушро расондам.
Рақибонро надодам оштӣ ҳам.
Дурустак ҷангашон н-андохтам ман...
Чӣ чора? Қиссаам ин аст, ёрон,
Ҳаминаш бас бувад бар дӯстдорон.

Геворг Эмин

## ЧАНД СУХАН АЗ ТАРХУМОН

Ҳар вақте ки аз моҳияити шеър сухан ба миён овардаанд, яке аз масъалаҳое, ки бисёрҳо мавриди мубоҳиса қарор гирифтааст, бунёди ҳиссӣ ва ё ақлӣ доштани шеър аст. Дар ин маврид фикру мулоҳизаҳои гуногун ва мухталиф баён шудаанд. Вале ҳақиқат ин аст, ки дар шеъри асил ин ҳар ду – ҳиссиёт ва тафаккур – ҳамеша ба ҳам омехтаанд. Дар асл бигирем, худи дониш дар асоси таҷриба, аз воқеият таассуроти ҳиссӣ бардоштани инсон андӯхта мешавад. Дар шеър ҳам ҳамчунон аст. Шеъре, ки дар он имтиёзи ақл, фикр бештар аст, агар он фикр муҳим, ҷиддӣ ва тоза бошад, бешубҳа, эҳсоси тароватнокеро низ бо худ дорад.

Ашъори шоири машҳури арман Геворг Эмин яке аз мисолҳои беҳтарини омезиши ҳиссиёт ва тафаккур мебошад. Шоири маъруфи рус Евгений Евтушенко ба дуҷилдаи асарҳои Геворг Эмин, ки соли 1979 нашриёти «Художественная литература»-и Москва нашр карда буд, сарсухан навишта, ин нуктаро таъкид кардааст ва ҳатто ба сарсухан «Фикре, ки чун ҳиссиёт аст» ном гузоштааст.

Дар ҳақиқат Геворг Эмин шоирест, ки бо дилаш фикр мекунад ва ба мағзаш эҳсос. Аз ин рӯ, омезиши эҳсосу тафаккур дар ашъори ӯ решагист. Ӯро, агар дар як ҳолат қисмати буми танҳо ба риққат орад, дар ҳолати дигар вай аз тунду тезии асри XX ва масъалаҳои ҷаҳоншумули он бо эҳсоси баланди шадид ва бо тамоми масъулият сухан мегӯяд. Вусъати тафаккур ва эҳсосот дар ашъори Геворг Эмин аз махсусиятҳои асосист. Бесабаб нест, ки яке аз маҷмӯаҳои шоир «Аср. Замин. Ишқ» унвон дошт ва барои он соли 1976 ба ӯ Ҷоизаи давлатии СССР дода шуда буд. Ин далели он аст, ки маҷмӯа ба он номи доштааш сазовор аст ва он мафҳумҳоро ба тариқи шоирона тафсир кардааст.

Маҷмӯаи шеърҳои ба тоҷикӣ тарҷумашудаи шоир ҳам ҳамин номро дорад ва аксари ашъораш ҳам аз он ба тоҷикӣ гардонда шудааст. Азбаски маҷмӯаи Геворг Эмин ба забони мо нахустин бор нашр мешавад, эҳтимол дорад, ки хонандагони гиромӣ ба донистани мухтасари тарҷумаи аҳволи шоир иштиёқ пайдо мекунанд.

Геворг Эмин соли 1919 дар деҳаи Аштараки Арманистон ба дунё омада, баъдтар падару модараш ба шаҳр кӯчиданд. Ӯ соли 1940 факултети гидротехники институти политехникии Ереванро хатм намудааст. Баробари таҳсил вай дар Палатаи китобҳо ва дар Институти илмӣ – тадқиқотии омӯзиши дастхатҳои қадима (Матинадорон) кор ҳам кардааст. Баъди хатми институт дар сохтмони нерӯгоҳи барқ инженер будааст.

Аз соли 1942 – 1944 дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ иштирок карда, сипас дар Иттифоқи нависандагони Арманистон ва баъд ҳамчун мухбири махсуси «Литературная газета» хизмат доштааст. Солҳои 1954 – 1956 дар Курси олии адабиёт дар назди Иттифоқи нависандагони ИҶШС хондааст.

Аввалин маҷмӯаи ашъораш соли 1940 ба табъ расида, пас аз он китобҳои бисёри шеъраш ба забонҳои арманӣ, русӣ, халқҳои бародар ва хориҷӣ нашр шудаанд. Геворг Эмин маротибаи аввал соли 1951 барои маҷмӯаи шеърҳои «Роҳи нав» барандаи мукофоти давлатии СССР гашта буд.

Геворг Эмин наср ҳам навиштааст, ки он «Ҳафт достон дар бораи Арманистон» ном дошта, асари машҳур аст.

Ин аст мухтасари чанд лаҳза аз ҳаёт ва эҷодиёти Геворг Эмин, ки мо бо он маҷмӯаи тоҷикии ӯро ба ҳаводорони шеър пешкаш мекунем ва умедвори қабули хотирашон мебошем.

## АСРИ БИСТ

Асри бист.
Ман ки меҷустам шарор аз қалби санг,
Рафтаам аз қаъри ғор
То ба авҷи осмони нилранг.

Мекунам ман дар кафи дастони худ
Мавҷи оташро ниҳон.
Карда тақсими атом,
Боз метарсам аз он.

Асри бистум
Нури неон.
Мерасад дар гӯшҳо
Ҳазёни Нерон.

Тер-Зорҳо,
Освенсимҳову
Бухенвалдҳо.
Аз чунин шармандагӣ,
Ваҳшигарии соҳибони ақлу ҳуш,
Шамъҳои Торквемада
Мешавад ҳатто хамӯш.

Асри бист…
Шонаи ҳамвори Бриҷит Бордо,
Дар сари ҳар тахти хоби
дардманди бедаво.

Асри бист…
Шӯри ҷаз,
Ҳангома,
Ғавғои твист…
Асри бист…

Ихтилоҷу
Ин ҳама суфрову
Аъсоби хароб…

Асри бист…
Барфу борони ту
Марговар зи чист?
Асри бист.
Хаста гашта аз машаққатҳои сахти пуразоб,
Дар ҳамоғӯшӣ ба доварҳои давр
Мехурад ҷаллод вискию шароб.

Ҳам дурӯғу
Ҳам ҳақиқат
Бетафовут гаштаанд,
Дар сутуни радиоҳо чормех.

Асри бист,
Озодии навъи милал,
Арсагоҳи инқилоби бебадал,
Асри суръатҳо, баландиҳо, тӯӣ,
Қутбҳо зери нигин,
Вусъати кайҳону
Тангии замин…

Асри бист!
Нурҷӯиҳои ту,
Кашмакашҳову
Сару савдои ту,
Баҳри ман бисёр мебошад азиз.
Мешавӣ ту,
Асри неку некбахтии башар.
Асри бист,
Аз ту сухан сар мекунам,
Ман ба некии ту бовар мекунам!

* * *

Боварам ҳаст ба эъҷози замон,
Боварам ҳаст ба ақли инсон.
Сангҳоро зада оташ мекофт
Дина дар пайраҳаи кӯҳистон.

Тарсаш аз раъд буду зулмати об,
Тир аз шохи шаҷар буд варо.
Сӯи афлок кунун раҳ гирад,
Офтобе бифурӯзад фардо.

Мағзи ӯ муъҷизае нест магар,
Зӯри ӯро ба ҷаҳон нест назир.
Ӯ ба тағйири ҷаҳон пардозад,
Дили ӯ лек наёбад тағйир.

Дар дилаш ҳамчу ба даврони куҳан
Боз ҳам ғуссаву шодист ниҳон.
Санг бо ҳам зада оташ рӯёнд,

Боз он шӯъла парастид инсон.

Тарсаш аз раъд буду зулмату об,
Бишуд он кошифи асрори азал.
Магар он рӯз ба ҷон ҳис мекард,
Ки фаро меравад аз авҷи Зуҳал…

## ЭХОД

Асо дар даст ҳар субҳи дурахшон
Бароям бар фарози қуллаҳо ман,
Ки ашъори маро ҳам бишнавад кӯҳ,
Диҳад онро зи ҷовидон нишеман.

Ҳама атроф хомӯш аст, хомӯш,
Ҷаҳону Ҷовидон ором ин дам.
Ба ҷонам изтироби қудсиёна-ст,
Ки шеър эҷод созам ё ки Олам.

Бигӯям: – Шӯъла зан, нури дурахшон,
Ба гардун сар занад хуршеди озод.
Фуроям ман зи оғӯши шафақҳо
Шафақҳое, ки худ бинмудам эҷод.

Манам сармасти байту мисраи нав,
Басо хушбахтаму зӯру тавоно.
Дилам осудаву ором бошад,
Зи меҳри ман бувад саршор дунё.

– Саломат бош, – гӯям, эй падар, ман,
Ба чӯпони равон аз пушти пода.
– Нигаҳдорат Худо, – посух диҳад вай,
Ба ман боиззу икроми зиёда.

Валекин офаринанда худастам,
Бузургу оқилам дар ҷадду авлод.
Мададгори худӣ худ будаам ман,
Сабоҳе, ки варо мекардам эҷод.

* * *

Як замон боре сияҳкорӣ бикард,
То кунун аз шарми он ӯ рӯй пӯшад аз ҷаҳон.
Шаб ҳама шаб мекашад ранҷи гарон –

Бум менолад,
Бум мегиряд,
Бум мегӯяд ба гӯши ман суханҳои параш.
Ҳеҷ н-ояд хобам аз он дарду ранҷи қалби реш…
Чун кунам ӯро мадад.

Ё равам аз кулфату бадбахтияш огаҳ шавам,
Ҳамдаму ҳамғам шавам, ё ҳамдилу ҳамраҳ шавам.
То дилашро дил диҳам, аз дарду ғам дураш кунам,

Шеър гӯям аз ғамаш, бар халқ манзураш кунам.

Ё магар дарду аламҳои дили ман камтар аст?

Бум менолад,
Бум мегиряд,
То тиреза, равзани камнур, равшан мешавад,
То арӯси субҳи содиқ ҳам гиребон медарад,
То шакархоби сабо ҳам мебарад.

Чораи ман чист, охир, дарди чандинро барам,
Ман ба шеъри худ гуноҳу айби чандинро харам?
Шоирам ман, з-ин сабаб
Ман ба ҷои ин ҳама бадбахтҳо баргаштабахт,
Ман ба ҷои ин ҳама матрукҳо матруки сахт.

Дарду ранҷи кулли маҳкумон бувад дар ҷони ман,
Чист суд аз шеъру аз шоир ба дунё омадан.
Ман ҳам охир, одамастам, бандаам,
Боз бар болои ин мирандаам.

* * *

Заҳмати шоир!..
Гаҳе парвозу хӯрдан бар замин…
Заҳматат танҳо бувад аз умр суд.
Зиндагият фикру ранҷ асту азоб,
То биёрӣ мисраеро бар вуҷуд.
Баъд, рӯзе ларзадат ин ҷисму ҷон,
Ҳамчунон к-аз зарбаи мушти гарон,
Нест чизи тозае,
ёбӣ ба зери осмон…

Кашфиёте?.. Як замоне дар китоби кӯҳна буд,
К-он зи лавҳи ёд нобуд гашт зуд.
Буд гӯё он ба даврони Нерон.
Зери гарду чангҳо гум гашт он.
Солиёне буд хоб,
Дар ғарамҳои китоб.

Сурате, ки ёфтию зеби шеърат гаштааст,
Дар китоби кӯҳнаи гумгаштааст,
К-он даме рахшидаву бигзаштааст.

Тозагие нест дар дайри куҳан,
Ҷилваи рангу қавофӣ
буд дар шеъру сухан…
Заҳмати вазнини шоир, ин чӣ бахт?
Сарнавиште аз машаққатҳои сахт.

* * *

Сухан дониста кор андохтан бояд,

Ба асри мушкили мо, эй ҷавон, эй пир,
Ки он як сурб, охир, кор меояд
Барои ҳам ҳуруфи чопию ҳам тир.

* * *

Дар таги равзани мо ҷӯш занад ҷанги калон,
Ҷангбозӣ бикунанд аз саҳарӣ ин бачагон.

Санг паррондаю хурсанд таку дав бикунанд,
Байни чангу хасу хошок даводав бикунанд.
Гоҳ ҷамъ омадаю гоҳ парешон бишаванд,
Бачаҳо ҷанг бибозанд, ба ҳар сӯ бидаванд.
Сети бепой ба ин ҷанг назар медӯзад,
Дида ин ҷанг ба худ мисли шарар месӯзад.
Ӯ ба ҳайрат нигарад, ханда дар ин ҷанг бувад,
Моту мабҳут шавад, ҷанг бад-ин ранг бувад?
«Монда дар хотири ман ҷанг ба дигар минвол».
Ба асои бағалаш такя зада, дошт хаёл.
Назди ҷанги бачаҳо зору хамуш истодаст.
Марди бепой, асо дар бағалаш истодаст.
«Ин амакро набувад ҳеҷ дигар кор магар,
Кори ӯ чист ба ин ҷанг, ки морост дигар».
Сет ҳаргиз натавонад кунад ором назар.
Ногаҳон пеши назар омадаш он ҷанги дигар.
Санг дар дидаи ӯ ҳамчу гулӯла бинамуд,
Навдаҳо дар назараш кам зи сари найза набуд.
Ӯ чаро бетараф истода бувад дар ин ҷо,
Худи ҳозир бидиҳад вай адаби фиссинҳо.
– Ширмакҳо! Ҳама бас карда равед аз ин ҷо,
Ёфтастед ба худ бозии бемаъниро!
Бачаҳо лек фақат завққунон механданд,
Боз аз пештара сахт ба ҳам меҷанганд.
«Урра» – гӯянд барангехта ӯро ба ғазаб…
Ин чӣ ҷангест, ки чун ид фараҳбахш аҷаб.
Кист орому батамкин бачаҳоро гӯяд,
То бидонанд, ки аз ҷанг чиҳо мерӯяд.
Бача донад, ки ба ҳар ҷанг бувад ин таъбир:
Ё асо зери бағал, ё ба ҷигар захмаи тир.

## ДАР НАЗДИ СОАТ

Бузурастӣ, бузургастӣ ту, охир
Ва ман хурдам, сари баҳсе надорам.
Бузургии ту бошад ақрабаквор
Ва хурдиҳои ман ҳам ақрабаксон.
В-агар ман як қадам монам, ту монӣ
Дуву даҳто қадам, фарқ аст осон.

Ва аслан гап дар ин ҳам нест,
Маро дарёб зинҳор.

Наҷӯям заррае иззатбаландӣ
Ва тоҷи ифтихорам нест даркор.

Ману ту хизмати як аср дорем
Ва мо як вақту як соатро шуморем.
Манам соатшумору ту
Дақоиқро шуморӣ.

Ба дигар кор,
Агар хурдам,
маро бигзор.
Бузургӣ бар ту додам,
Шараф бодо туро ёр.
Фақат мехоҳам аз ту
Барои хотири аср –
Машав бар ман халалгор.

## БА ДЕСТИ ШОИРАМ

Ба лутфу марҳамат боре ба ман гӯ,
Чӣ шуд бо ту, чаро зору ҳазин ту.

Шамол аз боғ дар боғе натозад,
Ба майли худ магар сайре насозад?

Магар ҳукме пазирад раъди ғуррон,
Ва ё бо амр борад селу борон?
Ва ё бахри дамон занҷирбанд аст?
Уқобе дар катак дилгир чанд аст?

Агарчи ҳар касе гӯяд ба ҳар ҷо,
Ки ҳар чӣ дар ҷаҳон бошад ба савдо.

Зи рӯзи офариниш буд бепул
Суруди боду баргу ларзиши гул.

Навои чашмаву хуршеди тобон
Ва панду ҳикмати умри шитобон.

Ва гармиҳои дил, ки бебаҳо аст,
Туро пас ҳарф аз савдо чаро аст?

Магар ин сурату рангу садоро,
Ту беташвиқу таъкиди дигарҳо;

Ҳама обу ҳаво, анҳору анвор
Магар эҷод кардастӣ худовор.

Бигӯ, охир, ба ман аз лутф боре,
Чӣ шуд бо ту, чиро андеша дорӣ?

* * *

– Ин тавр макун, бикун ту он тавр… –
Судест аз ин ба ман муқаррар?

Дар ишқ кунун риё кунам ман?
Шеъри ҳаки худ занам зи дафтар?

Ҳар ҷост, ки эҳтирос, онро
Ҳаргиз натвон бикард пинҳон.
Шеъре, ки ба ифтихор бошад,
Кай коҳад он ба давру даврон.

Дар олами оқилонаи ту
Бечора мане ба кор н – оям?
Бар шеър намекунам хиёнат,
Аз шавқ ба чарх сар бисоям!

*       *       *

Ҳамехоҳам, шумо донед,
Чу бози зўрманде рўи гардун мекушояд бол,
На баҳри он парад озод,
Ки мурғонро кунад тарсон,
Ки мурғонро кунад ларзон.
На барқасду на бадқасд он кунад парвоз,
Аз он рў мекунад парвоз,
Ки бошад боз,
Ба дунё омада чун боз!

Ҳамехоҳам, шумо донед:
Ки ҳар чӣ ақлнорас баҳри мурғон аст,
Ба боз осони осон аст.
Ва сайри осмонҳояш на маҷбурист,
Равад сўи фазо озоду безаҳмат.
Парад дар осмонҳо
Шод аз парвоз!

Ҳамехоҳам бидонед,
Шумо гар дар катак тавлид гаштед,
Намешояд,
Ки беҳуда ба сўи осмон кўшед!
Чу кўшишҳоятон донед, беҳуда-ст,
Нашояд кард лаънат.
Ба кут-кут аз тааccуф
Хешрову кулли оламро!
Нашояд в-аз камин
Бо макру бо ҳиллат
Ба сўи боз тир андохт!
Мапиндоред,
Шумо аз он сабаб парвоз натвонед,
Ки камтар сайъ доред,
Ва ҳамболи уқобон нестед
андар сари кўҳсор,
Ва рўи қуллаҳо ҳам лонаҳотон нест,
Ва ё «болои худ кардед камтар кор»…
Ҳамоне тухм мебояд гузорад,
Намебояд варо дўшид:
Ки ин беҳуда як кор аст,
Ҳаёт он қадр бопаҳност
Ва чизе, ки Шумо фаҳмед,

омӯзед бисёр аст.

Вале мехостам ҳоло,
Ҳаминро лоақал фаҳмида бошед!

## ИЛ{ОМ АЗ {АЙНЕ

Маро рафтору гуфтори ҳасудон
Агарчи нафратангез аст бисёр.
Ҳама макру бадиро мекунам ман
Ба мардӣ пушти сар ором
ҳар бор.

Мабодо пахшашон созӣ ба зарбе,
(Аз ин корат Худо бошад
нигаҳдор!)
Агар мурдор мирад зери пое,
Ҷаҳонро пур кунад аз бӯи мурдор.
* * *
Ҳар касе хоҳад ба ҷидд фаҳмад
ва хоҳад ҳар касе
Бар сари ин кори ман хандад басе.
Лек ҳоло
Он ҳама гулҳои беғам рустаро,
Дар замини конслагерҳо,
Боғаки ҷаллодҳо,
Ман ба номи адлу дод,
Дод мехоҳам ҷазо.

Мавҷи Эжеро, ки он
Буд беnолиш равон,
Партизанҳоро чу оварданд
Баҳри тирборон.

Моҳтоберо, ки бешарму ҳаё
Кард равшан
Теғи якдамро, ки буррид
Гардани арман.

Булбулонеро, ки андар
Освенсим мондаанд,
Дар сари хокистари гарми
шаҳидон хондаанд.

Коғазеро –
Баҳри он ки кард тоқат
Чун ба рӯяш сабт мешуд
Ҳарфи туҳмат.

Ман ба онҳо
Дод мехоҳам ҷазо.
Ҳеҷ имкон нест, аммо,
Кард зикри кулли онҳое, ки ҳастанд
Лоиқи ҳукму ҷазо!

* * *

Рӯзе, ки гузар кунам зи дунё,
Як бегаҳ бо ғуруби хуршед.
Дунё магар ин ки ҳеҷ донад,
Бурдам зи ҷаҳон чӣ гуна уммед.
Гум карда ҳазорҳои моро
Дар тӯли ҳазорсолаҳо вай.
Аз мо чӣ басо ки буда то ҳол,
Аз мо чӣ басо ки ояд аз пай.
Афсӯси мане, ки гум намоям
Покизагии самои равшан.
Ин олами беназири зебо,
К-он буд даме насибаи ман.

* * *

Набувад фикру хаёли маргам,
Рӯи хонам чу бувад нону шароб.
Ман, ки ҳоло битавонам дил баст,
Битавонам, ки кунам кори савоб.

Гандуми сабзи арақҳои ҷабин,
Тухми он зинда бимонад ба замин,
То ба наврӯз зи нав зинда шавад,
Нон шавад, миз намояд рангин.

Ин ҳамон навдаи токе, ки варо,
Тирамоҳон ба замин гӯр кунанд.
Лек вақташ бирасад – рӯзи баҳор,
Зиндаву сабз шавад боз дучанд.

Ишқи пуршӯр ба ногоҳ чу марг
Хонаро ларза диҳад аз бунёд.
Он вале баъд намирад ҳаргиз,
Бикунад хонаи моро обод.
Мисрае, ки набувад тарсаш ҳеҷ
Аз дами марг, бимонад ба ҷаҳон.
Он ба ҳар лаҳзаи мирандаи умр
Бидиҳад зиндагии ҷовидон.

Набувад фикру хаёли маргам,
Чу бувад дар сари хон нону шароб.
Чӣ рабудан битавонад аз ман,
Чӣ зи умрам бикунад кам
ба ҳисоб?!

* * *

Аломати савол…
Чаро ту зорию низор,
Чаро фурӯ хамидаӣ?
Киро ба ёд мерасад,
Кӣ ҳастӣ он аломати хитоб,

Аломати ғурури беҳисоб?

Магар фақат зи солҳо
Ту кач шудӣ, хамидаӣ?
Ва ё балои аср,
Ки асри мушкилам
Баёния, шифокада – ст,
Ва дафну ғолибист?..
Туро чунин хамида кард?

Ба сар хаёли зовия, ҳуҷум
Савол кам наяст…

Аломати савол –
Аломате, ки оқиласту хастааст,
Аломате, ки интизори посух аст…

* * *

Ниҳон медошт атом сирри худро,
Ба чашми кас намекард ошкоро.
Варо дар дил умеде буд шояд,
Ки асрораш ба некӯдил кушояд,
Чу медонист, агар бикшояд асрор,
Ҷаҳонро хавф афзояд дигар бор.
Намешуд ҳеҷ гаҳ тақсиму тақдим,
Ки дунёро ба ӯ созанд тақсим.

## ДАР САРТАРОШХОНА

**1**

Ин калонсолон ба ман гӯё забон як кардаанд,
Ҳар нафас гӯянд: «Поятро наҷунбон, хап бишин!
Ту сару дастони худро як даме бозӣ надор!
– Хулқу хӯи баччаҳои ин замон бошад ҳамин!»

Ришу мӯи сар гирифта ин замон додои ман,
Зери лаб ғур-ғур кунад: «Ором бош, эй, ту писар»
Ман ба ту гуфтам «Наҷунб, охир» бишӯрад сартарош,
Меравад болову поин қайчӣ аз болои сар.

Боз ғаш меоварад қайчӣ маро бисёрҳо,
Мӯи сар мерезад андар зонуи урёни ман.
Мехалад монанди сӯзан. Акси қайчӣ дар рухам.
Чехраам коҳида тобад аз азоби ҷони ман.

Ҳалқаи заррини мӯям ҳамчунон ангуштар аст,
К-оби кӯли тозаи оина гирад дар бараш.
Рӯи ҳавлӣ навбаҳор аст.
Офтоби шӯълавар
Ҳар қадар хоҳад дилаш, он қадр ҷунбонад сараш.

**2**

Ин зани зардинамӯи сартарош

Метарошад мӯлаби навсарзада.
Дам ба дам гесӯи равғандодааш
Ӯ ба нозе шонаи дигар зада.

Рони гарму ким-чиро омодааш
Мерасад ногоҳ бар оринҷи ман.
Олами эъҷозкореро кунун
Метавонам даст кардан бе сухан.

Гӯиё аз осмон ояд садо:
«Компресси гарм?» «Ҳо, ҳо, компресс».
«Балки сарро ҳам бишӯям?», «Ҳо, бале».
Ин садоҳои хушу ҷонпарварест.

Он қадар хушбахт ман, гӯё ки андар тахт ман,
«Мӯйҳотонро бихушконам?», «Бале, инаш аҷиб!»
Бар саволи «Атр пошам?» гуфтанаш бо эҳтиром,
«Ҳо, бале, пошед» гӯён дод мегӯям қариб.

Ин ҳама идрору кайҳонро ба кулли ахтарон
Хоҳамаш бахшам ба ин нозукниҳоли ҷонситон.
К-ӯ ба афсуну назокат метарошад риши ман,
Риши носабзида, сад афсӯс, дар айни замон.

Шир-шири борон ба гӯш ояд зи берун гоҳ-гоҳ,
Он раши борон чу мӯҳоям ҷилодору сиёҳ…

**3**

Рӯз ё тира - ст?
Ё худ тираам?
Хоҳише дар ким-куҷоҳои дилам. –
Май хурам, сармаст гардам, ҷангу ҷанҷоле кунам.
Пас бигирям худ ба худ
Бо ҳой-ҳою ҳой-ҳой!
Гӯиё аз ғусса метаркам,
Ҳамин ҳоло ба мисли раъду барқ!
Қайчӣ –
Аз рӯи ҷабинам ҳамчу барқ.
Гӯиё қайчист менолад ба худ:
Қирч-қирч!
Мефитад бар фарши чиркине
маро мӯи сиёҳ:
Қирч-қирч!
Мефитад бар фарши чиркине
маро мӯи сафед:

Қирч-қирч!
Рӯи ҳавлӣ – авҷи борони сиёҳ,
Рӯи ҳавлӣ - ҷилваи барфи сафед.

Аз зимистон ҳеҷ гаҳ

Бар тирамоҳи хештан натвон гурехт.
Одамӣ, инро макун ҳатто умед.
Метавон аз ақл шуд бегонае,
Лек аз мӯи сафед,
Охир халосӣ дар куҷо?
Нимдаймоҳ омада,
Нимрафта тирамоҳ.

**4.**

Мефитанду
мефитанд ин мӯйҳои сап-сафед,
Мефитанд ин мӯйҳо ҳам
ноилоҷу ноумед.
Ришҳо ҳам сап-сафеду
мӯйлабҳо ҳам сафед,
Сар сафедасту
саропои худи одам сафед.
Хилъату рӯкаш сафед,
ин сон сафедӣ кас надид,
Дар назар оина ҳам
чун кӯли яхбандӣ сафед.
Аз дурахши барф
ҳавлӣ ҳам сафеди нуқрасон.
Мехалад мусиқии мотам
ба гӯшам ногаҳон.
Ин чӣ савте,
мешавад якпаҳлу ин дунё, чаро?
Ё касеро гӯру чӯбе мекунанд?
Оё маро?
… Қайчӣ оҳе мекашад,
Дар ғиччиросаш нолаест,
«Атр пошам?» – Не, не, аз баҳри худо
даркор нест.

*   *   *

Бо боди вазон ҳамнафасу ҳамдаму ёрӣ,
Чун боди вазон манзилу маъво, ки надорӣ,
Бо абри гузар меравӣ аз паҳнаи гардун,
Сармаст зи бобунаю аз сабзаи ҳомун.
Гулҳо нашуда сер аз он суҳбати кӯтоҳ,
Партофта ҳам суҳбату гул меравӣ онгоҳ.
Водӣ ту ба водӣ равӣ, аз санг ба санге,
Аз деҳа биёӣ ба бари шаҳри қашанге.
Дар зери лаб алфози ту кам нест зи ҳазён,
Шуғле бари худ ёфтанат нест ҳам осон.
Чун оҳани бас зангзада ҳарфу садоят,
Бо ар-ари раҳрав бикунӣ сар ту шикоят.
Ҳам раҳгузарон тела занӣ вақти гузаштан,
Дар кӯпруку раҳраву дар кӯчаю барзан.
Худро ба азобу алам андохтаӣ ту,
Ношод зи тақдир, ҳама бохтаӣ ту.

Ҳар соату ҳар лаҳза зи кас толиби ёрӣ,
Маълуми касе нест чӣ дорӣ, чӣ надорӣ.
Эй дӯст, бикун гӯш кунун ҳарфи маро ту,
Ҳар дам гузарон аст, ба таҳлука чаро ту?
Гар бод надорад нафасе роҳату ором,
Он бод бувад, несташ андешаи айём.
Худро ба азобу алам андохтаӣ ту,
Ношод зи тақдир, ҳама бохтаӣ ту.
Дастони ту овеза бигаштанд чу қамчин,
Эй дӯст, ба худ ой, кушо чашму ҷаҳон бин.

## {АМЛЕТ

Раҳи мо бо раҳат як нест, Ҳамлет,
Набошад лаҳзае сӯгу ғунудан.
Чу тафсон аст ҷангу мили тӯпе,
Саволе нест аз «Будан, набудан».

Шабаҳ ҳаргиз набошад, он ки хоҳад
Писар гирад қасосашро зи нокас.
Ҳама аҳли ҷаҳон дар нола, Ҳамлет,
Ба зери ханҷари шоҳ аст з-ин пас.

Магар дуди сияҳ чашмат гирифтаст?
Ва ё аз байни ин ғавғои маҳшар.
Намеояд ба гӯшат нолаи ёр,
Ки бошад банди занҷири ситамгар.

Хаёли беамал дар ин замона
Зи дарду ғам набитвонад амон дод.
Туро нодидаю чашмаш ба роҳат
Ба гардан ҳалқа Офелия ҷон дод.
Чаро дар саҳна созӣ саҳнасозӣ?
Ҳама актёрҳоро ҳам раҳо кун,
Хиёнаткорро донӣ, туфангат
Ба каф гиру адои моҷаро кун!

Ба маҳбас мурдаҳо чун сард гарданд,
Буғӣ созад ҷаҳонро панҷаи ғам.
Ҳаросу дудилӣ бошад ҷиноят,
Барад сустӣ ба коми маргу мотам.

Китоби шафқати худро бипӯшем!
Биё, Ҳамлет, к-аз он нест ҳосил.
Канемаш гӯри шоҳи қотили наҳс,
Чу мо ҳастем сарбозони одил!

Аз шеърҳои Париж

## ШАБИ МАЙКАДА

Ҷаз кунад шӯру фиғон.
Дар бари саҳна занест,
Ваҳ чӣ фаттону ҷавон.
Маъзарат, хонуми ҷон,
Исматон чист?..

Месарояд ин зан?
Шеър мехонад ё меракқсад?
Вой ман, вой ба ман,
Мекашад пираҳан ӯ аз бари хеш,
Мекунад лучаку урён баданаш
Назди ашхоси тамошогари хеш.

Шавқи мардӣ бизанад шӯъла ба ҷон,
Шавқи мардӣ ҳамаро месӯзад.
Чорааш чист, вале
Роҳ бар саҳна набошад осон!

Ваҳ чӣ урёну чӣ оҳиставу нарм
Бадани нозуки ӯ ларзон аст.
Ҷуфти ронаш ба хамӯшӣ хонад,
Софии синаи ӯ рахшон аст!
Шавад ин лаҳза қиёмат қоим!

Барги анҷир куҷо меёбӣ,
Ту ба урёнии асри урён?
Эй Шумо,
хонуми Ҳавво ба биҳишт,
Ҳолатон хубу фароғат доред?
Дар ҷаҳанам ба чӣ сахтист азоби инсон.

Эй ту мардинаи ҷӯёи ҳавас,
Эй ки хоҳӣ ту ба шавқаш сӯзӣ,
Аз чӣ ин шӯъла насӯзад ҷонат?
Тани урёни варо мебинӣ,
Ту намесӯзӣ,
чун барқ намеафрӯзӣ.
Лаҳзае кун радиоро ту хамӯш,
Ҳам газетро ту бипӯш.
Ба чунин машғала, охир, то чанд,
Шавқи мардонаи моро бикушанд?!

Лек донам,
ки ҳамин ҳоло ту,
Баҳри як лаҳзаи танҳо бо ӯ,
Баҳри бикшодани як тукмаи ӯ,
Дар сари синаи ӯ,
Дар сари синаи ин зан, на дигар,
Ду ҷаҳонро бидиҳӣ ту дарҳол,
Бе ягон фикру хаёл.

## 2. РОЗИ ШОИР

Намедонӣ,

чӣ сон мо менавиштем, –
Намеғунҷад туро ин дар тасаввур.
Ба дафтар як навишта мо даҳашро
Нигаҳ медоштем андар тафаккур.

Намедонӣ, чӣ сон эҳсоси дилро
Ба боде дода,
исрофаш намудем.
Таги сандуқ пинҳон карда зарро,
Ба мардум мо мисе оварда будем.

Чӣ сон буд ошиқии мо? Гирифтем
Ҳар он чӣ буд осонгиру дар паст.
Ниҳояш пешакӣ дониста будем,
Наҷустем орзуе, ки ба арш аст.

Бипурс аз бодхарҷони муқимӣ,
Чӣ сон бар бод дода зиндагишон,
Гумон карданд бошад зиндагонӣ
Ҳамин сон рӯзгори нобасомон.

Чунон дил додаву дил мерабудем,
Чунон эҷод мекардем,
донӣ.
Чӣ сон кас мешудем, охир, дигар бор
Насиби мо чу мешуд зиндагонӣ.

## НАЗДИ ОБШОРИ НИАГАР

Ду чашм сӯи обшори Ниагар,
Ки бо ғазаб, ба қахр,
Ба тангнои тор мефитод он ба сар,
Зани гурезаи ҷавони арманӣ
Хамӯш мегирист.

Чӣ обшори аъзаме,
Чӣ илтиҳоби об.
Чӣ ғарқоби пурсадо –
Ва қатраи сиришк рӯи мижжагон
Ба ларза буд аёну ноаён.

Ба ҳар гумон,
Ба шоир, эй ту Ниагар,
Бубахш, гар гунаҳ биёфтӣ,
Бале, бале, таассуф аст,
Ки пушти пардаи ҳамин сиришк
Ба чашми ман натофтӣ.

Шеърҳо дар бораи Гарсиа Лорка

## ШИКВАИ ЛОРКА

«Эй, Худоҷон, шояд ин зоғон набуда айбдор,
Гар маро ту мурғи хушхону суханвар сохтӣ,
Лек байни мурғҳои сип-сияҳ, минқортез
Пас чаро баҳри ҷазову интиқом андохтӣ.

Эй, Худо, охир, чаро ту офаридиям сафед,
Ман кунун аз гӯрковонат чӣ сон ёбам раҳо?
Мезанад бар ҷони ман минқор ҳар мурғи сиёҳ,
Душмани ранги сафед аст, он ки мебошад сиё.
Ту агар мехостӣ, ки тӯъмаи минқорҳо
Гардаму хуншор афтам бар заминат аз ҳаво.
Пас чаро ин қадр бедардӣ ту аз ин дарди ман,
Баъди зоғонам диҳӣ бар ҳалқаи морон, чаро?

Ҳар хазанда дар қиёсам гарчи ночиз асту ҳеҷ,
Мехазад, аммо ба ин бошад зи ман пурзӯртар.
Баски аз парвозу аз сеҳри сухан бегонааст,
Баҳри ӯ аз болдорон нест кас манфуртар.

Хомушии марғзоронро надодиям, Худо…
Кардаӣ бори  гаронро бор бар парҳои ман.
Гар ба зоғон додаӣ озодии минқорҳо,
Морҳоро пас чаро озод дорӣ, войи ман!»

## ХОБИ ЛОРКА

Хоб дидам, хоби тарсовар, париш,
Як шабаҳ омад маро болои рахт.
Ӯ ба дасти рости пурмӯи хеш
Аз гулӯям дошту бифшурд сахт.

Дар даҳонам латта зад бо дасти чап.
Аз нафастангию аз талвосаам
Мезад ӯ писханд, ҳам бемазза гап.

Гар садо медодам аз дарду шикан,
Мезад ӯ бар ҳоли зорам заҳрханд:
Боз гӯё фош мекард айби ман:

«Дар сухан ҳусни расое несташ,
Хирриву созу навое несташ,
Нест овозаш, вале шуҳратталаб,
Боз эшон гӯиё шоирнасаб!»

## ОХИРИН СУХАНИ ЛОРКА

Ватан – танҳо наво, нақлу ҳикоё нест,
Сафои обу сахтиҳои хоро нест.
Агар таслим гаштӣ бар ситамгар ту,
Маро испониёӣ, модарандар ту!

Насозад эзиду шайтон ҳамоғӯшӣ,
Насозам гӯш ҳарфи шайтанатандӯз!
Беҳ аст аз ёдҳо қатъан фаромӯшӣ,
Ки бошӣ доҳию мамдӯҳи дастомӯз!

Чӣ суде аз сухан бар бод доданҳо,
Насозам баҳс ман бо бешараф, ифлос.
Кашам бо гургҳо гургона уллосе?
Ки инсон бо сухан зинда, на ба уллос!

Лабону гӯшҳоямро фурӯ бандам:
Суханро нест дигар қимату маъно.
Шуморо бишнавам, ҳамроҳ созедам
Ба кулли ин ҷиноятҳои худ ҳоло.

Кунам ман бо шумо ҷангу кашам ханҷар?
Шумоён бар силоҳ иснод овардед.
Нахоҳам з-ин ҳаво гирам нафас ҳатто,
Ҳама Испониёро заҳргин кардед!

Зи рӯзу рӯзгорон даст мешӯям,
Ки дар он неку бад омехт, мегӯям:
Шумо гар зиндагиямро ба ман бахшед,
Ман аз он зиндагонӣ даст мешӯям.

Шуморо мурдаи шоир бувад маҳбуб,
Ҳамегӯям сано бар марги хуношом.
Вале бо шуҳрату шони пас аз маргам
Чӣ коре мекунеду мешавед ором?!

* * *

Шеъри ман аз баъди ман гӯяд сухан
Аз ману аз зиндагиям дар ҷаҳон.
Дар ҳамин бошад магар умри абад,
Ин бувад ниме зи умри ҷовидон.

Хоҳам, эй хонандагони дури ман,
Беш донам аз Шумо, ояндаҳо,
Дӯстонам аз дигар сайёраҳо,
Аз набарду ғуссаю кори шумо.

Рӯзи фардо,
ишқи фардои Шумо,
Мардуми фардои номаълуми ман,
Олами фардо, ки он ҷо нестам, -
Аз Шумо бар ман кӣ мегӯяд сухан.

## БА ФАРДО

Аз хатоҳоям нигаҳдорӣ бикун,
То бихезам ҳар саҳар ёрӣ бикун,
Коргар бошам – набигрезам зи кор,
Ҳам дари бикшода накшоям ду бор.

То набошам танбали беҳудакор,
Бо ҳама беҳудакорӣ бахтёр.
Ёварам шав,
то зи шаъни бенишон
Назди мардум ҳеҷ накшоям забон,
Шеърро бояд ба дил парварданам,
Пас ба рӯи дафтаре оварданам,
Санг нобуррида аз кӯҳсори санг,
То нагӯям сохтам девори санг.
Гар намондам пойбасти хонае,
То нагӯям сохтам кошонае.
Ёварам шав, гар наям ҳақ, худ ба роҳ
Вонамуди ҳақ насозам ҳеҷ гоҳ,
Бар ҷиноят, бар хато беихтиёр
То набошам ман мукофот интизор.
Ончунон бошам, ки оям дар назар,
То набошад зоҳиру ботин дигар.
Рӯзи фардо, кун мададгорӣ маро,
Дар талоши зиндагӣ ёрӣ маро.

## ЗАМИН

* * *

Бош ҳушёр дар баландиҳо!
Дор дар ёд: ҳар ҳиҷои туро
Санги куҳсор мекунад такрор,
Мебарад куҳ ба куҳ садои туро.

Сухани хуш чу дар забон дорӣ,
Кӯҳҳо сар фуруд оварда,
Ҳурмати ту ба ҷой меоранд,
Суханатро ба кӯҳҳо бурда.

Сухани бад чу дар забон дорӣ,
Чеҳраи кӯҳсор хира шавад.
Кӯҳи оташфишон шавад бедор,
Осмонҳои соф тира шавад.

Бош ҳушёр дар баландӣ ту,
К-ин баландӣ басе хатар дорад.
Пайраҳи танг мекунад тангӣ,
Ду мусофир агар сафар дорад.
Гар касе кинае ба дил дорад,
Рӯ зи ҳастӣ ба нестӣ орад.
Пайраҳи кӯҳсор танг бувад,
Ҳар кас аз хеш бохабар бишавад.

Бош ҳушёр дар баландиҳо,
Нашиносем тоҷдори дигар.
Мо ҳама тоҷдору тоҷварем,
Мо ҳама афсарони беаскар.

Генералҳои бесипоҳастем
Ҳамчу куҳҳо баланду мардона.
Мо ҳама додарони ҳамширем
Ҳар касе олами ҷудогона.

Гарчи аз якдигар ҷудо ҳастем,
Лек бо ҳамдигар бупайвастем.
Он гаҳе меҳмони нохонда,
Лашкари хеш сӯи мо ронда,
Мақсади кӯҳсори мо кардаст –
Қасдаш ӯро ба хокҳо бурдаст.

Бош ҳушёр дар баландиҳо!

## КОМИТАС ДАР БИЁБОН

Ҳамчу фикри гарон гарон буд роҳ,
Буд геронтар зи раҳ хаёли гарон.
Роҳи мотам. Даме фароғат нест.
Лаҳзаи дамгирист кулфати ҷон.

Тӯдаи арманӣ ҳаме рафтанд,
Гӯиё мурда буд табиат ҳам.
Роҳиб аз ғам сурудҳо мехонд,
Раҳ ба раҳ бо фиғону бо мотам.

Савт мехонду фикрҳо мекард:
Асри тороҷ, зулму дарбадарӣ…
Лек боре Худой ҳам нашунид
Ин ҳама нолаҳою навҳагарӣ.

Агар аз осмон ту мебинӣ,
Бин ҳазорон ҳазор куштаи тир.
Баҳри тан ранҷи ташнагӣ ҳеҷ аст,
Ранҷи ҷон аст
лек ҳар таҳқир.

Нағма мехонду фикр мекард ӯ:
Ашки дарди Аракси ман ҷорист.
Дили санг об мешавад з-ин ғам,
Гашт аз ғусса сарсафед Масис.

Магар ин дам Худой нобиност,
Як диёри куҳан ҳамемирад.
Охир аз рӯз равшан аст ин ҳол,
Сари он халқ хун ҳамегиряд.

Ӯ ҳамехонд, лек ғамҳоро
Натавонад ба бод дод асло.
Ин қадар ғуссаро магар одам
Битвонад кашад дар ин дунё.

Гирду атроф ваҳшату даҳшат,
Зулмату ваҳшиёни девона.
Мағзи одам ба дард меояд,
Олам аз ақл гашт бегона.

…Дар деҳи турк хуну хокистар,

Афсар ахбор дод қоидатан:
«Ҳама парронда шуд,
яке роҳиб
Гашт девона то паронидан».

## О{, ИН КЕ{И МАСИС…

Оҳ, ин кӯҳи Масис…
Мекунад дилҳои моро нарм, нарм,
Худ, вале санг аст, санг.

Мекунад дилҳои моро гарм, гарм,
Худ, валекин барфпӯш.

Аз заминҳои дигар сӯи ватан
Насли арманро бихонад бесухан,
Худ ятими кишвари бегона аст;

Орзуяш ваҳдати матрукҳо
Худ, валекин аз азал бошад ҷудо
Бар ду қисму қуллаҳо.

Нагзарад он ҳеҷ чун ишқи ҳабиб,
Ҳам нагардад ҳеҷ наздику қариб.
Дар сари водӣ чу абри барфӣ аст…
Оҳ, ин кӯҳи Масис…

## СУРУД ДАР БОРАИ ТУРНА

Бурдӣ ба болҳоят
Хокистари Айистон.
Чашмон пуроб буданд
Аз дарду ранҷи ҳиҷрон.

Бо кур-курат бигуфтӣ:
Ҳаргиз наоям ин сӯ.
Ин ҷост кулфату марг,
Мотамсарост ҳар кӯ.

Аз қисмати Айистон,
Оё ту дур будӣ?
Дарди варо ҳамеша
Қисмат ба ҷон намудӣ.

Ҳеҷ армании матрук
Дур аз ватан наосуд.
Ҳар лаҳза дар дили ӯ
Азми «Ватан, Ватан!» буд.

Карданд лонаатро
Парту хароб ҳар ҷо.
Нашнидӣ аз касе ту

Як ҳарфи рӯҳафзо.

Гуфтӣ ба хеш турна:
«Маргам бувад муқаррар.
Беҳтар, ки мирам он ҷо –
Дар сабзазори кишвар».

Чун бозгашта, дидӣ
Эъҷозро ба ҳар ҷо:
Гулҳо шукуфта дар санг
Садбарги сурху раъно.

Аз пушти рӯди Оракс
Хоҳад Арарат ояд.
То бӯстони моро
Ҳусни дигар физояд.

Эй ҷон, ба болҳоят
Хокистаре нишаста,
Аз дарду ноумедӣ,
Аз сӯзи ҷони хаста.

Бар дӯстони мо бар
Ин хӯшаҳои ширин!
Кун бар Ватан ту даъват
Он додарони дерин.

Аз обу осмон бар
Хубию дилфиребӣ.
Хоки Ватан бубаршон
Бар кишвари ғарибӣ.

Эй ҷон, раву биё боз
Бо додарони ҷонӣ.
Ин кӯҳҳо кушоянд
Оғӯши меҳрубонӣ.

Ин турнаро дигар ҳеҷ
Дур аз Ватан нахонанд.
Бошад, ки халқи матрук
Дур аз Ватан намонанд.

## АФСОНА

Шохае аз шохаи себе бурид
Арманӣ аз ҳиҷрати худ пештар.
Солҳо аз дасти шахшӯлаш намонд,
Шоха шуд борику суфта дар назар.
Бозгашту ӯ асояшро гирифт,
Дар канори боғи ҳавлияш шинонд.
Аз асо як себи навбар сабз гашт,
Шуд тановар, шоху баргу реша ронд.

Дар сабоҳи пуршафақ, дар рӯзи нав,

Канда шуд се дона себ аз шохаҳо.
Як – зи овора, дигар-ш аз шоир аст,
Севумаш аз он ки мефаҳмад маро.

Сурудҳое, ки дар кӯҳсори Лори
эҷод шудаанд

* * *

Канори Лори сабзу марғзор аст,
Ба болои сараш меғи баҳор аст.
Ба гӯш ояд садои чашма ҳар субҳ,
Садои булбул аз шохи чинор аст.
Зи оби чашма ҳар гоҳе бинӯшам,
Расад ашъори Туманян ба гӯшам.

* * *

Тамоми роҳҳои рафтаи мо
Ба ёди сангҳои бостонист.
Замин, аз селу тӯфон дар азобӣ,
Вале аз ту ба ман мушфиқтаре нест.

Бибӯсам сангҳои сарди ту ман,
Ки монанди ҷабини мурдагонест.

* * *

Хуш аст оҳанги кӯҳистон шунидан,
Суруди Комитас ояд зи ҳар сӯ.
Чу накши шом ҳар ҷо соярез аст,
Бувад дурӣ ба дуриҳо сухангӯ.
Суруд оғози кӯҳи хушнамуд аст,
Ва ё куҳ зодаи савту суруд аст?

* * *

Биларзад чун ғизоли тирхӯрда
Дил аз ин нолаи бо ҷон баробар.
Суруди халқи ман, оё ҳамеша
Будӣ ин гуна маҳзуну ғамовар?

Ва ё андӯҳи марги Комитас кард
Туро ин сон лаболаб аз ғаму дард?

* * *

Бари харсангҳо ин рӯд ҷорист
Сабукхезу ғазалхону дурахшон.
Ҳамин сон мерасад шеъру тарона
Зи авлоде ба авлоди куҳистон.

Ба ҷони мардумон дорад асар ин –
Садои рӯду соҳилҳои сангин.

* * *

Ба сӯи одамон дорад назора
Салиби сард аз мобайни майдон.
Ту гӯйи ҳоли ҳозир даст-афшон
Биёяд пешвоз он сӯи моён.

Агарчи марг бошад сахту мудҳиш,
Вале танҳоияш мудҳиштар аз он.

*   *   *

Шиновар дар фарози осмонҳо
Чу абри қуллаҳои кӯҳсоре,
Расад рӯзе, ки ман ҳам бигзарам, пас
Набинам қуллаҳои сабзи Лори.

Сурудамро ба меҳри бекарона,
Чу боронҳо бирезам бо тарона.

*   *   *

Аё, эҷоди шавқу изтиробам,
Шумо шояд ба фардоҳо заруред?
Ба пушти остонтон марг н-ояд,
Шумо дар кух паи парвози дуред.

Маро навбоваи шавқи расоед,
Зи ман хушбахттар, аммо шумоед.

## МАНЗАРАИ ШАБ

Биларзад кам-камак барги сафедор,
Ҳаво торик шуд аз бегаҳӣ пеш.
Саге ак-ак занад аз боми хона
Ба сӯи моҳ чун бар нисбати хеш.

Шабоҳанге расад дар гӯш форам...
Қатори кӯҳсорон дар назарҳо
Ба мисли корвони уштуроне
Барад, к-он деҳаро сӯи сафарҳо.

Насиме раҳ ба раҳ аз кӯҳсорон
Ба водӣ мерасад бо беқарорӣ.
Ва роҳи Каҳкашон чун рӯди ором
Зи дашти осмон ҷорист, ҷорӣ.

*   *   *

Масис, хуш, хуррамат бинам,
Валекин ман
Ба ғамҳои ту ғамгинам.

Ҷавонастӣ, Масис, ин дам,
Валекин ман
Ба меҳрат пир мегардам.
Аз ин шояд
Маро ин сарсафедию
Туро ин тозагию навҷавонихост,
Ки ман дар ин замин меҳмони дурӯза,
Насиби ту, валекин ҷовидонихост.

Чӣ беҳтар буду беандӯҳ,
Ту – шоир бошию
               ман – Кӯҳ!

## ДАР БОUИ ПИР

Мезанад борону борон, мезанад шаб то саҳар,
Сахт меларзад зи борон ҳар дарахти гулбасар.

Мезанад борону борон, то ки гулҳои баҳор
Мешаванд аз шохаҳо бар рӯи майдонҳо нисор.

Олуболуи маро он ногаҳон бар сар бирехт,
Аз дарахти гулбасар гулҳои тар яксар бирехт.

Ё ки бӯрони зимистон хест, зад барфи калон,
Зарби борон баргҳоро бурд ҳар сӯ пар-парон.

Рехтанд аз бутта гулҳо, буттаҳо урён шуданд,
Бутаҳои бегул аз танҳоишон гирён шуданд.

Олуболуи азизи ман, ҳамин сон мешавад,
Пухтани ҳар ҳосиле дар шохаҳо мушкил бувад...

Сахт меларзад зи борон ҳар дарахти гулбасар,
Мезанад борону борон, мезанад шаб то саҳар.

Мекунад хомӯш борон шӯълазори шохсор,
То ба гармо олуболуям бигардад сербор.

## ШЕЪР ДАР БОРАИ ЗАМИНУ ОСМОН

Осмонҳо ситора меборад,
Ин замин аз шафақ дурахшон аст.
Ошиқи осмонаму ба замин
Меҳри ман ҳамчу меҳр рахшон аст.

Чашмаи ҷовидони шеъри мананд
Осмону замини хушманзар.
Гарчи шеърам ба васфи гардунҳост,
Лек васфи замин бувад хуштар.

Осмон бар замин ҳамегӯяд:
– Аз Арарат, бубин, баландам ман.
Бо ҳазорон ситора мерахшам,
Бо гули моҳтоби нурафкан.

Лек гӯяд замин: – Бубахшоям,
Ин қадар бо ғурур лоф мазан.
Лолазорон зи меҳри ман ханданд,
Сабз бошад зи ман гулу гулшан.

Осмонҳо ба ханда мегӯяд:
– Надиҳам гарки шабнаму борон,
Гулу гулзори ту чӣ сон ханданд,
Боғҳо хушк мешаванд алъон.

Гӯянд он дам замин, ки боронро
Надиҳӣ бесабаб ба ман асло.
Баҳру кӯлам агар намебошад,
Бинӣ оё ту рӯи боронро.
Мешавад осмон ба қаҳру ғазаб:
– Манамо ту маро ба худ душман.
Киштаҳои туро тавонам сӯхт
Сабзазори туро ба як дам ман.

Лек гӯяд замин, ки аз дили хеш
Чашмаҳои равон бурун созам.
Киштаҳоро ҳамекунам сероб,
Сабзаҳоро ба меҳр бинвозам.

Мешавад осмон ба қаҳру ғазаб:
– Будаӣ, эй замин, ту ҳамчу ғулом
Доимо баҳри офтоб, туро
Осмон буд аввалу анҷом.

Лек гӯяд замин ба шавкату фахр
Дар ҷаҳон ҳокими кул инсон аст.
Ҳокими офтобу моҳу замин,
Ҳокими беназири кайҳон аст...

Ҷилвагоҳи замину гардунро
Шафақи субҳ мекунад равшан.
Сар фурорад само ба сӯи замин,
Дар сари кӯҳ ёбад он маскан.

Оқибат осмон накӯ донист:
Дар ҷаҳон ҳокими кул инсон аст:
Аз ҳама бештар ба ашъорам
Васфи ӯро кунам, ки шоён аст.

* * *

Бо ғулғула рӯди соф ҷорист,
Пир аст Ара ба мисли дарё.
Аз субҳи фараҳфизой маст аст
Занбӯри асал зи бӯи гулҳо.

Хуршед равад зи кӯҳ бар кӯҳ –
Меҳмони накӯхисоли рахшон.
Ҳар буттаи ток ҳамчу маъбад,
Монанди чароғ хӯшаи он.

Эй мавҷи сиришк! Авҷи борон
Мерез ба боғи гулпарастон.
Бозӣ бикунад ба боғ духтар
Бо тӯби кабуд рӯи дастон.

Бозӣ, ки ба дил асар намояд,
Ҳайф аст, агар кунӣ фаромӯш,
Аз тирукамони рӯи ҳавлӣ
Буд олами ман фасонаоғӯш.

Гӯё ки набуд боисе ҳам

Аз баҳри ғаму шикоят ин бор.
Хомӯш бишуд вале ҷаҳонам,
Гӯиё ки ҳақир будаму зор.

Ман мешунавам садои пинҳон:
Ишқ ояду боз дил кушояд.
Аз ҳар чӣ ки ҳаст андар атроф
Гуфтан сухани наве бибояд.

## ШАБЕ{АИ РАССОМ

**Ба Мартирос Сарян**

Мӯи сафед хам зада болои чашми ӯ
Пурсад: «Зи чӣ туро ҳама ташвишу дарду ғам?
Аз зиндагӣ ту боз чӣ хоҳӣ ба худ барӣ?»
«Чизе намебарам, ки фақат қарз меканам.

Бошад аз они ман ҳама он чӣ, ки мениҳам,
Чизе, ки ман ба худ бубарам, мешавад адам.
Ман қарзшикастаи ин зиндагониям,
Аз зиндагӣ гирифтаву чизе надодаам

Чун метавон, ки партави чашмони модарӣ,
Он партави илоҳии мушфиқ ба худ барӣ.
Ё нури беғамонаи гардуни баччагӣ,
Ё ранги ҳамчу барф сафеди муҳаббате,
Ё нури пирие? Чӣ гузорам барои ӯ –
Ман к-аз ҳаёт дидам ин сон саховате.

Он марди мӯсафед, ки роҳат бидидааст,
Дар зиндагии худ бувад орому бедаранг.
Он марди оқили ҳамадон гӯяд аз хирад,
Рахшад камони Рустам танҳо ба ҳафт ранг!..»

*   *   *

Навиштанҳои ман танҳо навиштан нест,
Ки ман ҳар бор аз нав мешавам тавлид.
Ба дӯшам болҳое мебарорам ман,
Ки бо онҳо парам то хонаи хуршед.
Ҷаҳон хоҳад, ки дар чашмам намояд хуб,
Шарофатманду неку оқилу матлуб.
Набошад садд ба ман дар хоку дар афлок,
Ба ман осон бувад ҳар мушкилу ҳар кор.
Тавонам бо ишороте намоям пок
Зи рухсори башар чини ғаму озор.
Маро умри абад бахшад ҳавои кӯҳ,
Наметарсам зи маргу нестам андӯҳ.
Гаҳе ки шеър н-ояд бар забони ман,
Замин таркад, зи ҳам пошад ҷаҳони ман.
Ҳамон умри абад, ки ёфтам аз кор,
Ба мисли мурда хобад зери поям зор.
Дароз аз аср гардад ҳафтаи умрам,

Дареғи рӯзи бечо рафтаи умрам.
Хушо, тобу тавон ояд, сар афрозам,
Нависам, дӯст дорам, зиндагӣ созам.

## БА{Р

Ба кафки мавчҳои нукраворе,
Ба ҳар як лаппиши амвочи дарё,
Диҳам ман бандару осудагиро,
Пинак азбас намехоҳам ба дунё.

Ҳаёти ман набошад ҳеч бе баҳр.
Ки баҳрам чустучӯи човидонист.
Суруди пурчаранги баҳр асло
Ба соҳилҳои тангу соките нест.

## БА ШОИРЕ

Ба боло рафтани ту
Чунон ҳам ногаҳию бошитобу серғавғо,
Ки ёд орад... фитоданро.
Ҳамин сон
Санг меғелад зи тори кӯҳ.

## СЕБ

Медурахшад ба рӯи лаълӣ себ,
Мечакад шира аз буридаи он.
Баҳсҳо мекунед аз эъчоз
Ба сараш то саҳар, хирадмандон...

«Себ, ваҳ себ! Нейтронҳояш
Чашмаи донишу шакаррезанд.
Бомборанд себҳои Нютон,
Бар чабини замин фурӯ резанд.

Себро мор дод бар Ҳавво,
Олам он дам ба шӯру ғавғо буд,
Аз сари шохаҳои хамхӯрда
Себи рахшони синаҳо хам шуд.

Бошад ин себи тоза мисли замин,
Ҳусни эъчозкор дорад он.
Ҳамчу себе ба зери сояи барг
Мехр гардад ба абрҳо пинҳон.

Себ, эй себ! Себи сурхи нифоқ!
Себи эъчозҳову макнунҳо!
Дар ривоят чу чирмҳои само
Ҳафт себе фитад зи гардунҳо.

Бошад ин себи тозаро... витамин...»

Хиради ту нашавад хаста аз ин,
Ҳамчу дом аст, баски маккор аст,
Аксиома дар он чӣ бисёр аст,
Ҷуз яке, к-он туро бувад дархурд –
Бояд ин себро гирифту бихӯрд.

* * *

Гар бахт ба гирудори қисмат
Ин бор ба рӯи ту нахандид,
Дилгиру ҳазин машав, дигар бор
Сӯи ту ба меҳр хоҳад он дид...

Гар мисраи шеъри ту наомад
Ин бор хушу балеғу ширин.
Ғамгин машаву ту кор мекун
Бо хомаву бо хаёли рангин.

Гар ишқу муҳаббат аз ту рӯ тофт,
Гар аз ту бурид ёри ҳамдам,
Маҳзун машав аз чунин тасодуф,
Боке набувад, чунин шавад ҳам...

Гар бо ту насохт зиндагонӣ,
Аммо ту, бигӯ чӣ кор бояд,
Онро натавон гирифт аз нав,
Он бори дигар, ки пас наояд...

* * *

Бад нест аз баҳри Худо,
Аҳволу кору бори ман,
Дар зиндагӣ ҳам кам-каме
Гирад бароре кори ман...

Гар мекунам ман бехалал
Дар умри хеш ин сон амал,
Ман зиндагиро баъд аз ин
Шояд бифаҳмам инчунин –
Пеш аз нафасҳои пасин...

* * *

Ба ҳар чуну чарову ҳар саволе,
Ки фарзандон зи ту пурсанд ҳар бор,
Ҷавоби ту бувад ҳар лаҳза тайёр.

Саволу шубҳаҳову илтимосе...
Ба мушкилҳо намедонӣ ту боре
Ба назди кӣ ниёзи худ биёрӣ.

Агар ҳаргиз илоҷи дигарат нест –
Хавотир – дил, наёбӣ ту тасалло, –
Худоро рӯ биёрӣ бо тавалло.

Худо, бошад агар, акнун ба ман гӯ,
Ба кӣ рӯ ораду ҷӯяд мадад ӯ?
Мададгори Худо оё кӣ бошад?

*   *   *

Қулларо абрҳо ниҳон карданд,
Зери кулла-ст рӯди кафколуд.
Гӯиё об гашта хирмани абр,
Меравад сӯи дарраҳои кабуд.
Ман ҳамин рӯз рафта меҷӯям.
Резаҳои ситораро дар рӯд.

## ТАРОНАИ КУ{АН

Эй модаракони содалавҳе,
Эй модаракони якраҳи мо.
Ҳастед аз ин ҷаҳон фаротар,
Пурмеҳру шафиқ дар ҳама ҷо.

Он шири сафед нукравор аст,
Покизаву неку хушгувор аст.
Парпеч бикарда, шуста моро,
Ҳар дам дилатон чӣ беқарор аст.

Биншонда писар ба рӯи зону,
Гӯяд модар: «Аз они ман ту...»-
Гул карда лабонаш аз табассум,
Шодона дилаш ҳамезанад гум.

Бечора надонад ӯ, зи мавлуд
Ин як писараш зи даст додаст.
Ӯ қайд шуда ба рӯйхатҳо,
Бояд ки равад туфанг дар даст.

Шояд ки занест интизораш,
Ё тири кушандааш биҷӯяд.
Аз ин ҳама нест модар огоҳ,
Ҳам нест касе ба ӯ бигӯяд.

Модар гӯяд: «Аз они ман ту...»
Бар кӯча агар назар кунад ӯ,
Бинад, ки ҳазор соҳиби он
Истода буванд толиби он.

Он зумра ситода, ӯ набошад,
Гӯё писараш зи чашм пинҳон.
Эй модаракони  содалавҳе!
Эй модаракони насли инсон!

*   *   *

Зи «ҳо»-ю «не» намеёбӣ ҷавобе,
Ту кӯтаҳ дар тамоми рӯи дунё:
Агар гоҳе зарур омад, ки «ҳо» гуфт,
Ва ё якбор «не» бояд бигуфто.
Ба мо баъзан набуду нест кофӣ,
Ба коре инчунин умри сари мо.

*   *   *

Маро аз баччагӣ дар ёд монда,
Ки пирон беш мекарданд такрор;
Агар хоҳӣ нахоҳӣ ду карат ду
Яқин медон, ки ҳар гаҳ мешавад чор.

Вале ман ҳар замон шак оваридам,
Набошад ду карат ду доимо чор,
Шавад гаҳ ду карат ду ногаҳон панҷ,
Гаҳе он ҳеҷ бошад, кардам иқрор.

Ба худ гуфтам гунаҳкоранд онҳо,
Ҳақиқатро зи ман пинҳон намуданд,
Ба мактаб ҳам накӯ дарсам надоданд,
Муаллимҳо ҳақиқатгӯ набуданд.

Вале дар зндагӣ дарёфтам ман,
Хатои баччагии хеш ин дам,
Ки дар дунё тамоми шарту қонун
Ба истисно бувад пурзӯру маҳкам.

*   *   *

Кафтарон –
Афсонаҳои сап-сафед –
Рӯи боми маъбади вайронае  биншастаанд.
Кафтарон –
Афсонаҳои сап-сафед –
Гарчи доғе нест дар парҳояшон,
Аз чӣ бошад панҷаҳо хун бастаанд.

Кафтарон дар маъбади вайронае биншастаанд.

*   *   *

Буттаи одии гул пеши назар
Дар замони сахту вазнине шукуфт.
Ғарқи гул шуд сар ба сар.

Зуд пайвастед арзанро ба гул,
То шавад гул рустании борвар.
Гул аз он пас гул набуд,
Лек арзан ҳам нашуд,
Гарчи ҳар ҷо коштед.

Ё шумо бо ман
Саволе доштед?

*   *   *

Ифтихоре мекунӣ аз шони хеш?
Мебарандат рӯи даст?
Лаҳзае андеша кун,
Такяи дастон чӣ номустаҳкам аст.
Дастҳое, ки туро
То само бардоштастанд ин замон,
Мефарорандат чу рӯзе бар замин,
Мешавӣ дар зери пои раҳравон...

Мебарандат рӯи даст?
Оқилон бар зӯри бебунёд бовар н-оваранд!
Кӯш,
то мардум туро
Дар ҳарими дил баранд!

* * *

Барраи меҳрубон, ду мешро мемакад.
Зарбулмасал.

Баррача,
Доночае
Мемакӣ ду мешро якбора ту,
Барра мебошӣ, вале
Дар шитобӣ аз чӣ рӯ?

Аз чӣ рӯят ин талошу ҳамҳама...
Ё ки хоҳӣ ҷо шавӣ
Зудтар ту дар миёни гӯсфандони рама?

* * *

Ҳамедонед оё?
Чӣ сон дар дом мегиранд маймунро?
Даруни кӯзаҳои танггардан қанд мемонанд,
Ва маймун даст андар кӯза меандозаду он гоҳ
Чунон хурсанд мегардад,
Ки ҳоло қанд мегирад.

Вале ҳарчанд мекӯшад,
Ки аз он кӯза дасташро кашад берун
Набитвонад.
Кушояд мушти худро – қанд меафтад,
Ба қанд онро кашидан лек натвонад.

Бад-ин минвол маймунро
Зи дасташ, ки даруни кӯзаи қанд аст, медоранд.
Ба ин моро набошад кору боре ҳеҷ,
Ки мо авлоди инсонем!

* * *

Ҳар гаҳе ки аз қубури хонаам мешорад об,
Мерасад савту садои рехтанҳояш ба гӯш.
Аз ҷаҳони дури тифлӣ ёд меояд маро,
К-аз сари харсанг меҷастам ба рӯди пурхурӯш.

Вонамудам мешавад, ки гӯиё ман то ба ҳол
Мезиям дар деҳаву дар хонаи бобоиям.
Андар ин ҷо ҳар хаму пайроҳа бо ман ошност,
Дар алафҳо хуфта зери осмони обиям.

Ҳамчу дар даврони пешин ман ҷасуру беғамам,
Аз дарахтон меҷаҳам, сабре надорам як нафас.

Сӯи дарё медавам бо дӯстон, ки мекунанд
Дар деҳ акнун зиндагии шаҳрии моро ҳавас.

* * *

Ҳар гаҳ аз ташвишҳои барзиёд оям ба танг,
Беғаму беғуссаву хунсард меҳоҳам шудан,
Бошам аз ғавғою аз ташвиши олам дар канор,
Чаппагардон ҳам шавад дунё набошад кори ман.

Вогузорам кори дунёро, равам дар хонаам,
Ман қаламро гираму дар фикр гардам ғӯтавар.
Лек, ҳоло ман чӣ бинвисам, зи чӣ гӯям сухан,
Ман, ки гаштам бар садоҳои ҷаҳону аср кар,
Оташи сӯзони онҳо ҳам намесӯзад дигар....

... Парнас, охир сахт сангин аст қонунҳои ту!

* * *

Агар байтат дурӯғу ҳарза бошад,
Варо чун шохаи хушке ту бишкан.
Бувад гар қофия бемаъниву хушк,
Варо чун гил ба зери пой афкан.

Насибат гар набошад хонаву дӯст,
Фақат бо хеш бошу бо раҳи хеш.
Гадо бошу гурусна бошу бечиз,
Мабош аммо даме бадчашму бадкеш.

* * *

Суратгар агар сурати моро бинигорад,
(Моро, ки ба андеша фақат ҳарфу китоб аст),
Шояд, ки ба коғаз бикашад сурати як сар,
Гар чизи дигар ҳам накашад, айни савоб аст.

Пое, ки раҳи дуру дарозе наравад ҳеҷ,
Дасте, ки набошад ҳама дам дар паи як кор.
Бинӣ, ки набӯяд гулу гӯше, ки садое
Менашнавад он аз гулу гулзор, чӣ даркор.
Ҳаргиз накашад мушаки сахтеву дамида,
Аз бозуи пурзӯр ҳам он ҷо на нишон аст.
Танҳо бикашад сурати як калла, ки худро
Таскин бидиҳад он, ки хирадманди замон аст.

* * *

Мебигзаранд ин солҳои бешумор,
Чун абри боронӣ ба тори кӯҳсор,
На об мегардӣ, на меборӣ, ҳанӯз.

Мебигзаранд ин солҳои бешумор
Чун раъд як ғурриш,
садое мебарор,
То чанд бефарёду беғурриш туӣ.

Мебугзаранд ин солҳои бешумор,
Чун шӯълаи бебарқ мерахшиву бас,
Танҳо шабеҳи туст барқи бешарор...

Ҳамчун Масис аз ҳар кучо хонӣ мудом
Матрукҳои беватанро бар ватан, -
Бар сӯяшон нагзорӣ аммо ҳеҷ гом.

Гар барқ мебошӣ ту – чун оташ бисӯз!
Гар абр мебошӣ ту – чун борон бибор!
Гар раъд мебошӣ ту – фарёде барор!

Он беватанҳоро, агар бошӣ Масис,
Дигар ту беҳосил махон сӯи ватан...
Дар осмони шаб сафедӣ ҳам мазан...

## ТИРАМО{

Вой бар мо, вои мо, мирандагон!
Ток гӯр аст арчи то фасли баҳор,
Рӯзи навро боз бошад интизор!
Мерасад мавлуди ботакрори он!

Аз даруни буттаҳо дорад нигоҳ
Сӯйи таҳхона кадуи зарнигор.
Шояд ин ҷо монад он дар тирамоҳ.

Ин кабудиҳои абрии самост,
Ё магар дар осмон дуди кабоб?
Мерасад аз тӯй савти сурной,
Нағмае хуш, чун хуморе аз шароб.

Ин дарахти пир ҳамдастони рӯд
Қомати пиронааш ҳам хушнамуд,
Ҳамчу бибимон, ки ларзад дастҳош...
Ҳосилашро бетафовут резад он
Аз сари ҳар шоха бар домони рӯд.

* * *

Ҳар саҳар бар мӯсафедон гӯ: «Салом!»
К-умрашон монанди поёноб мегардад тамом.
Шоду мамнунанд онҳо ҳар саҳар,
К-умрашон аз шаб расид
Боз ҳар субҳи дигар.
Пурсашон аз хобу бедории шабҳо,
Аз ҳама ранҷу танозории шабҳо.
Ваҳ, чӣ хушбахтанду хушнуд,
К-ин саҳар чун зиндаҳо бархостанд,

Аз хоб зуд.

Мӯсафедонро маёвар дарду ғам,
Баски набвад дар дилу ҷонҳояшон андӯҳ кам.
Ҷумла хушнуданд, к-охир
Бар аҷал ҷангида пирӯз омаданд.
Бо ҳамин як ними ҷону ними тан
Аз шаби торик то рӯз омаданд.

Мӯйсафедонро мадеҳ заҳмат, ки худ
Бори пирӣ бар сари китфонашон
Ҳаст бе ин ҳам гарон.

* * *

Ё раҳи тоза мекунам пайдо,
Ё ки гум мекунам раҳи дерин.
Дар ҷавоби суолҳои шумо
Мекунам ман табассуми ғамгин.

Яке аз худ Худо тарошидаст,
Мекунам ман табассуми ғамгин.
Дигаре бо Худо ситезидаст,
Мекунам ман табассуми ғамгин.

Ин накӯкору он гунаҳкор аст,
Мекунам ман табассуми ғамгин.
Ин паямбар, дигар сияҳкор аст,
Мекунам ман табассуми ғамгин.
Гаштаам ё ҳакими ботадбир?
Ё ҳама кори ноилоҷ аст ин?
Ё ба тадриҷ гаштаам ман пир?
Мекунам ман табассуми ғамгин.

## ГУВО{ИИ ДИЛ

Малламӯе зери лаб ҳуштаккашон
Нағмаеро менавозад дам ба дам.
Назди оташ ӯ чӣ коре мекунад?
Тир мерезад барои куштанам.

Хуб медонам, ки бошам ҳар куҷо,
Дар макони тоза ё деринаам,
Тир ороме нагирад ҳеҷ гоҳ,
То нагардад ҷой андар синаам.

Кӣ, надонам, пахш бинмояд куланг,
Ҳаст, аммо ҳар гаҳам пеши назар
Манзили бебозгашти охирин,
Манзили торику шоми бесаҳар.

Нест з-инҳоям вале ҷои гурез,
Нест ҷои шикваву кину ситез.
Марг ояд – ман ба чашмаш бингарам,
Зиндагӣ ояд – насозам хам сарам.

Ман бигӯям: – Малламӯ, сайёди ман,
Менамоӣ автомат? Буҳудааст.
Арманиям. Он қадар хун дидаам,
Кай дигар аз хун ҳаросам будааст.

Метавонад тири ту сӯзон шавад,
Сӯзад, аммо худ насӯзад дар ҳаёт?
Чун дили ман, нафрати сӯзони ман,
К-огаҳастанд аз ҳаёту аз мамот.

Бишнавӣ? Дар кӯраҳои хештан
Тири ҳамчун оташи сӯзон бирез.
Худ барои пешвозаш меравам,
Мепазирам ҳамчу эҳдои азиз.

Гарчи ҳамчун оташи сӯзандаӣ,
Ҳар қадарҳо мекушиям бенишон, –
Боз ҳам ночиз ҳастӣ ҳамчу марг,
Ман, вале чун зиндагиям ҷовидон.

* * *

Духтаре меравад зи роҳи дароз,
Меравад дар лабаш тарона, ба ноз,
Шоду мамнуну дилбару танноз.

Аз паси ёри хурраму масрур,
Рафтам аз кӯчаҳои дуродур,
Аз суруду таронааш махмур.

Аз ғаму дарду ранҷ озодам.
Гарчи ҳатто назораам накунад,
Нашавам дилфигор – дилшодам.

Аз пасаш рафта шеър месозам
Ҳар адову нишонаи ӯро,
Ҳар табассум, таронаи ӯро.

Шӯъла зан, эй чароғ, рахшонтар,
Раҳгузар, шоду бо ҳавас бингар,
Бин, ҳаво аст хубу тозаву тар.

Духтаре меравад ба дуродур,
Духтаре бо таронааш масрур,
Ҷони ман аз таронааш махмур.

* * *

Барфи аввал омаду ту омадӣ,
Буд сафедиҳо нишони ишқи ту.

Мекунем аз кӯчаҳои барфпӯш
Сайругаште то сабоҳи тозарӯ.

Чархгардон зарраҳои сап-сафед
Бар замин резанд аз тоқи баланд.
То ба зери барфҳо садбаргҳо
Дар раҳи ҷононаи ман бишкуфанд.

Бе муҳаббат шеър н-ояд бар забон,
Бе муҳаббат сабзад оё киштзор?
Мепарад пар дар сипеҳри сап-сафед...
Сайри барфи аввалин хуб аст, ёр.

* * *

Бо китобам нишастаӣ хомӯш,
Сояи туст дар суруди дилам.
Ҳамчу нури муҳабатат дар ман –
Сояи туст дар вуҷуди дилам.

Агар акнун ба ҳар куҷо биравам,
Дар забонам таронаи меҳр аст.
Сояи туст дар ҳама шеърам –
Сояи ту хизонаи шеър аст.

* * *

Ҳамчу баҳри беканор аст ишқу армони бузург,
Шоҳболе боядат то бигзарӣ баҳри азим.
Гарки гунҷишки заифӣ, сӯи ин дарё марав,
То наандозӣ ту худро бесабаб дар хавфу бим.

Мепарад танҳо уқоб аз рӯи тӯфонҳои баҳр,
Бе ҳаросе во намуда бо шаҳомат болҳо.
Хаставу беҳол гардӣ дар бузургиҳои баҳр,
Гар уқобе нестӣ, чун гардӣ аз тӯфон раҳо.

Ҷони ман, бо ин заифӣ, бо зании хештан,
Гаштаи ту озими оворагии ҷовидон.
Мерасӣ оё ту бар он соҳили аз чашм дур,
Ё ки беҳолу мадор афтӣ ба дарёи дамон?

Ғун макун ту болҳоятро, бизан боли дигар,
Мерасӣ шояд, ки бар он соҳили баҳри кабуд.
Гар ба дарё бемадор афтӣ, набошад айби ман,
Гар уқобе нестӣ ту, нест аз азми ту суд.

* * *

Дар таги кӯҳи сияҳ истодаам,
Дарра дар ранги сияҳ олудааст.
Бофта маҳтоб қолии кабуд,
Гӯиё рӯи раҳам бикшудааст.

Бингарад аз осмон фавҷи нуҷум
Бо ҳавас бар боғҳои гулбасар.
Мепаранд анҷум ба домони замин,

Лек мемиранд дар раҳ беасар.

На ситора, на шамолу мавҷ ман,
Ман, ки инсонам бузургу қодирам.
Ошиқи зӯру ҷавону ташнаам,
Ҳусни олам дар замиру зоҳирам.

Ғуссаву ғам мехурам, бе ту, ки ман
Мекашам танҳо нафас аз ин ҳаво.
Ту зи ман дурию ҳавлии ту аст
Дар туманҳои ғализу сип-сиё.

Мезанад девори об абри матир
Дар паси тирезаи ту рӯзу шаб.
Кишварам зебосту ман хешро
Меҳисобам айдбор аз ин сабаб:

Ошиқон бо ёр қисмат мекунанд
Шавқу шодиву ғаму дарди ҷаҳон.
Ман ба шеърам мефиристам сӯи ту
Мавҷи баҳру ахтарони осмон.

Ин шаби орому рӯҳафзойро,
Ин хамӯширо,
ки бошад чун суруд,
То ту ҳар дам ҳис кунӣ бо ҷону дил
Тозагии кӯҳсори хушнамуд.

Чун кушоӣ номаам – эъҷозвор,
Мефитад бар рӯи дастат ахтаре.
Хешро мебинӣ он гаҳ дар барам
Дар канори кӯҳсори дилбаре.

* * *

Ишқи поку аввалини ман будӣ,
Рози дилро бо ту гуфтан хостам.
Ханда кардиву
бирафтӣ хонаат,
Ман бимондам дар дилам дарду алам.
Мегузаштам кӯҳу дарёҳо сипас,
Борҳо дил додаву дил бурдаам,
Он ҳама ҳарфу амал осон буданд –
Бӯсаву савгандҳои хӯрдаам.

Ман ҳам ишқи аввалини ёрро
Як шаби найсон ба пушти по задам.
Шояд он шаб то кунун дар ёди ӯст,
Ман, ки ӯро захми нобарҷо задам.

Нест захм аз захми ман носуртар!
Чун кунам бо дарди дил падруд ман,
Ними оламро агарчи рад кунам,
Боз ёд ояд,
ки худ мардуд ман!

## БА ЗАНИ ФОРС

Сурати суратгарам эъҷозкори халқи форс,
Боз шояд ин нафас беҳуда бар ёдам расид:
Бо канизак шоҳ истодаст байни боғи қаср
Тираруву хашмгин, бо аҳли аъён дорад ид.

Бовараш маҳкам бувад бар шуҳрату бар зӯри хеш,
Нангарад бар рӯи зебои нигори нозанин.
Бингарад бар қасри худ, бар аспҳои масти хеш,
Бингарад бар посбонҳои ҳисори оҳанин.

Чашми зан бар ҷониби дарвозаи қасри бузург,
Бар суи шерони сангӣ –
посбони қасри шоҳ.
Баски з-он сӯ тирандози далери навҷавон
Мекунад ҳамвора сӯяш бо ғаму дарде нигоҳ.
Дар дилаш ишқест назди шоҳ ҳоло нотавон,
Дар дилаш ишқест аз ҳар шоҳу ҳоким зӯртар...
Шӯълавар ин ишқ андар тухмаи чашмони ӯст, -
Қалъаву қасру ҳисораш нест садди ногузар.

Аз чӣ ман суратгари эъҷозкори бостон
Ёд овардам кунун бо хавф аз он суратат?..
Эй азизам, эҳтиёте! Шоҳ маккор асту зӯр, –
Сахт метарсам, ки бадбахтӣ биёяд бар сарат.

## МАРГИ МУ{АББАТ

Мани шоир ба ту дил дода будам,
Аз ин гаштӣ чаро дар қаҳр акнун.
Магар аз он ки гуфтам бо муҳаббат:
Замини сабз бошад зери гардун.

Ба ту дил дода будам. Ҳамчу роҳиб,
Ки ишқи дил варо бар дайр бурда.
Ба шоир нуру зулмат ҳам азизанд,
Замин, гуфтам, набошад ҷисми мурда.

Бубояд донаро дар хок афшонд,
Ки ҳар як дона танҳо дар замин руст.
Мани шоир накӯ гуфтам, ки пайванд
Шаробу шавқу дарду ғуссаи туст.

Ту мехондӣ навои ишқи нозук,
Ту будӣ чун самои пурситора.
Маро, аммо замин, зулмоту кӯча,
Ҳамехонданд сӯи худ ҳамора!

Ту мехондӣ навои ишқ. Рафтам

Ман аз ин хонаву аз ин нишеман.
Ҳамезад буттаро борон ба қамчин,
Табассум кард як девона бар ман.

Шунида нолаи тарнов рафтам
Зи рӯи сангҳои суфтаи роҳ.
Кутубон аз пасам рафтанд. Роял
Шиновар гашт чун тобут он гоҳ.

Зи пас ногаҳ навои ишқ бархост
Ба монанди бухур аз сӯи гулзор
Ва афсӯс ин ҳама буд з-осмонат
Ва мурдам ман. Набудам ман гунаҳкор.

Ва шояд ошиқи ту ҳам набудам?
Ва санъат баҳри санъат? Ҳазлу бозист?
Бимон гӯянд, ман бо ғусса гӯям,
Манам шоир! Дигар чуну чаро нест!

* * *

Мекунад барфи кӯчаҳо парвоз,
Мепарад барфу об гардад боз.
Духтаре меравад хамӯшу бағам,
Ашки худро фурӯ барад ҳар дам.
Аз чӣ дар кӯча мекаловад ӯ,
Мебарад аз чӣ ашки талх фурӯ.
Дар шаби Соли Нав равад маҳзун,
Ё магар навбаташ расад акнун
Зиндагию азоб бишносад,
Бахтро дерёб бишносад...
Зери лаб ким-чиҳо бигӯяд ӯ,
Мебарад ашки талхи хеш фурӯ.
Рӯи худро ба барф мешӯяд.
Дар дилаш эҳтимол мегӯяд: -
Бахт дигар маро намеҷӯяд...

Ин ҳама об мешавад чун барф,
Ин ҳама зуд меравад чун барф...

* * *

Сухан аз ину он гуфтам,
Чунин гуфтам, чунон гуфтам.
Агарчи он қадар бисёр
Бигуфтам ман, на он гуфтам.

«Тарафдор»-у «Муқобил» ман
Ҳамегуфтам ба ину он.
Гапи бисёр мегуфтам,
Агар ногаҳ намедидам
Туро чашмон.

Худовандо,
Чаро ин қадр маҳзунанд,
Чаро ин қадр ғамгинанд,
Чаро ин қадр хомуш,

бепаноҳастанд,
Чу андӯҳи сиёҳе сип-сиёҳастанд.

Ба чашмони ман он чашмон
Чу ду нурафкане бинмуд,
Ки аз нури сиёҳи он
Тамоми шаҳр зулмат буд.

Ва гӯё дар фарохии хиёбонҳо
Бувад андӯҳи ту танҳо,
Вуҷуде нест.
Хиёбонҳо ҳама холист.
Чунин дарёфтам он гоҳ,
Ки дар назди чунин чашмон
Ва ё фарёд бояд кард –
Ва ё хомӯш бояд монд.

* * *

Хоҳам, ки ман ба нағмаи борон сухан кунам,
Аз шеъри хеш қофия бандам ба боли бод.
Ёбам навои дилкаши шаббодаву насим,
Дар бешазори тирамаҳ оҳанги хайрбод.

Хоҳам  зи мавҷи рӯд бихонам каломи рӯд,
Хоҳам ба осмон чу сафедори хушнамуд
Бо шоху баргҳо ҳама суратгарӣ кунам.
Хоҳам, ки сурати ҳаракат, ларзаро кашам,
Ҳамчун насими гул бинавозам қади занон.
Хоҳам, ки баъд аз ин ҳама рӯзу шаби дароз,
Аз ҳарфи пургудоз,
Аз ашку аз ниёз,
Рози ниҳони ту бишавад баҳри ман аён.
Монанди осмону шамолону бешазор,
Борони навбаҳору чаманҳои беғубор,
Чун рӯдҳои шӯхи ғазалхони кӯҳсор,
Монанди хатти пайраҳаи сабзи лолазор,
К-он мебарад ба сӯи туям ғайри ихтиёр.
Бо меҳри ҷовидона фароям гирифтаӣ.
Оҳанги гуфтугӯт шинос асту дер боз,
Ҳаст он ба мисли ҳарфи табиат аёну роз.

* * *

Боғ буд андар сукут
Бо тамомии вуҷуд.
Шомгоҳон
Олуболу кандам аз шохи ниҳол
К-он чу марҷон сурх буд.
Навниҳол урён бишуд.
Ҷони ман месӯхт аз афсӯси ман!
Дар хаёлам менамуд,
Гӯиё ман гӯшвори сурхро
Мерабудам ҳамчу дузд аз гӯши зан...

## СУРУДИ UАМАНГЕЗ

Монд захми бад басо дар қалби ман!
Дле яман, дле яман[5].

Кӣ маро ин роз фаҳмонад, ки чист?
Балки он душвору нофаҳмонданист:
Ҳар гаҳе ки тир мебоист зад,
Ҳар гаҳе ки сайд мебоист кушт,
Тири ман мерафт кач, норост бад.

Субҳи як рӯзи дурахшони баҳор,
Дар само сармасти худ мехонд сор.
Ман камони хеш бигрифтам ба даст, -
Сорак аз созу навояш буд маст,
Дар гумонам медиҳад тирам фиреб...

Қиссаи талх аст ин дастони ман,
Тир зад, бархӯрд бар виҷдони ман,
Сор ҳам афтод бар кӯли Севан,
Дле яман, дле яман...

Боварам гарчи набуд бори дигар
Дом мондам ман ба ваҳшии калон, –
Омадам, афтода гунҷишке ба дом,
Буд зери дом дар ҳоли гарон...
Монд захми бад басо дар қалби ман!
Дле яман, дле яман!

То ки юрмони давони даргузар
Оҳуи мушкин наояд дар назар.
То нахонам ман навои пурмалол
Ҷои шеъри ноб дар зери сипеҳр.
То нагӯям баъд сад ҳайфу дареғ,
Кинаву ранҷиш нагирад ҷои мехр.

* * *

Дил гувоҳӣ медиҳад аз шеъри нав
Ҳамчунон дар соати эҳёи ишқ,
Ки биронад бод киштии варо
Ноаён, оҳиста бар дарёи ишқ.

Дил гувоҳӣ медиҳад, ҳис мекунам,
Ман варо чун шиҳаи аспи батоз,
Ҳамчу бӯи гул, чу оҳанги садо,
Чун дари маҳкам ба рӯям бастае,
Ки шавад бар рӯи ман имрӯз боз.

Хушк мегардад гулӯям. Чун вуҳуш
Гӯиё дар бешаҳо дорам талош.
Ногаҳон бишнида бӯи оҳуе
Оҳуе, ки чун тарозу шоххош.

---

[5] Дле яман – бахти бадам, бахти бадам; нақароти суруди халқии арманист.

Мешавам хомӯш, гӯё нестам.
Метапам ман, беқарору интизор.
Изтиробангез оҳуям куҷост?
Ман варо андар куҷо оям дучор?

Аз чӣ бошад ин гувоҳии дилам,
Синаи сӯзон пуропур кардааст.
Илтимосу илтиҷое мекунам,
Мекунам уммед то орам ба даст.

То нагардад ишқ бар бозӣ бадал
Андар ин хомӯшии тӯфонмасал.

* * *

Дилу ҷонам, азизу ҷононам,
Бо ту мегӯям аз таҳи дил ман.
Бо ту будам, вале бубахшоям,
Эътиборе надодамат баъзан.

Чун расиданд рӯзҳои фироқ,
Аз ҳам, эй ёр, дур афтодем.
Гарчи ҳар дам фиреби дил кардем,
Лек дилро ба дасти ғам додем.

Чун ҳаво ҳар куҷо ба ман будӣ,
Дар ҳама лаҳзаҳои умр басе.
Бишиносем лек қадри ҳаво,
Нарасад гар ҳаво ба мо нафасе!

* * *

Равонастем чандин сол
Зи роҳи печ-пече мо.
Сухан гӯем аз ҳар боб,
Вале аз якдигар асло.
Туро ман дӯст медорам,
Маро ту дӯст медорӣ,
Ҳама инро ҳамедонанд –
Валекин бар забон инро
Намеорам,
Намеорӣ...

* * *

Дар таги тирезаам хонад суруд,
Ошиқе боз имшаб аз буду набуд.

То саҳар хонад зи ишқи бебадал,
Дода бар эҷоди шеъри ман халал.

Аз садо ҳамсоя ҳам бедор шуд,
Аз суруди нисфи шаб безор шуд.

З-ин суруд аммо дили ман хуш шавад.
Шеър гуфтан ҳам зи ёди ман равад.

Аз дилаш хонад ҷавон, ошиқ бувад.

Кош агар илҳоми ман шоиқ бувад.

Кош ман ҳам ҳар гаҳе гӯям суруд,
Ишқи ман дар шеър ёбад ҷойи буд.

Хон, ҷавон, то рӯз аз ишқи абад,
Ту зарурӣ бар ману созӣ мадад.

* * *

Орзуям васфу таҳсини Шумо бошад, Мари,
Ман намедонам, вале дар ин чӣ меорад халал.
Сатрҳоям ногаҳон дар нимраҳ гардад бадал
Бар садои дигаре, бегонаи нодилбаре.

Ман намедонам, бале, ин ҷо халал аз чӣ бувад,
Ман ки бошам доимо камҳарфу соҳибифтихор.
Бар Шумо хоҳам кушудан орзуи қалби зор,
Лек дар ҳоле биафтам, ҷуръат аз ҷонам равад.

Сатрҳои ман бимонад норавон дар ними роҳ,
Мешавам мафтуну маҳви қалби зебои Шумо.
Мерасад дар сина гармии нафасҳои Шумо,
Эй Мари, аммо намебинам Шуморо, чун ҳаво.

Шеъри ман бегонагие мекунад бар гӯши ман,
Мешавад эҳсоси ман таҳрифу кунду дигаре.
Изн деҳ, то бесухан ман дӯстат дорам, Мари,
Баски меорад халал вазну қавофиву сухан.

* * *

Зи танҳоӣ бувад ин дард
Ва ё аз рӯзи боронӣ?
Ба андӯҳе гирифторам,
Амон аз сӯзи пинҳонӣ!

Биё бо ман! Наҷотам деҳ,
Ки меҳрат ёварам бошад.
Ҳароси субҳу шомам нест,
Чу дастат бар сарам бошад....

Қадам бар остонам неҳ,
Ки бе лабҳои ту мирам.
Лаби мо чун ба ҳам ояд,
Ҳаёти ҷовидон гирам.

Биё! Борони найсонӣ
Ғубори гардро шӯяд.
Дурахшад чеҳраи хуршед,
Табассум дар лабат рӯяд.

Биё, ман илтиҷо дорам
Зи ту такрор бо такрор.
Биё, дар хона бе пурсиш,

Ба сӯи тифл модарвор...

* * *

Бубахшоям, хилофи ваъда кардам,
Вале ҳаргиз набошад айб аз ман.
Дили беақли ман бошад гунаҳкор,
Ки то ҳол аз ту натвонад гузаштан.
Гуноҳи гӯшҳоям, ки насозанд
Садои пасту нарматро фаромӯш.
Зи айби хуни гарми худ чӣ гӯям,
Ки аз ишқи гунаҳкорат занад ҷӯш.

Чӣ бисёр аст ҷурми ҳар ду поям,
Тиреза-т бинаду орад таги он
Ва чашмонам ки нашносанд раҳро
Чу дуранд аз туву з-он барқи чашмон.

* * *

Он қадарҳо дӯстат дорам ба ҷон,
Бингарам сӯят нафас нагрифта ман.
Дасти худро ман наҷунбонам зи тарс,
Ман набинвисам, на мегӯям сухан...

Он даме беҳазлу шӯхӣ дил диҳӣ,
Ишқу эҳсоси ту беандозаанд.
Он даме бахшӣ ҷаҳонҳоро ба ман,
К-аз дурахши ашкҳоят тозаанд.

Он даме ки дар хамӯшии бузург
Эҳтиросоти муқаддас оварад
Бо ҳама камҷуръатиҳоят туро
Дар канори ман, ки ҷонам парварад.

Хоки пои ту маро чун нӯшу неш,
Медиҳам фармони хомӯшӣ ба хеш!..

* * *

Навниҳоли сабзи себ
Рост гашта нӯги по,
Эй басо рахшон зи бахт,
Эй басо ларзон зи рашк,
Интизору зор буд танҳо туро,
Карда сӯят дастҳояшро дароз,
Себро мехост тақдимат кунад.

Ту, валекин,
Омадӣ,
Бе ягон ҷурму сабаб,
Бе ягон фикру хаёл,
Дасти сабзашро шикастӣ -
Ҳайфи дасти сабзи ӯ,
ки бо умед
Себро мекард сӯи ту дароз .......

Эй дарахти себи ман,

Ишқи беосеби ман,
Аз гуноҳи ман гузар.
– Кист мегиряд дар он ҷо?
Гиряаш бо ёди кист?

* * *

Чанд, охир, ба ту гӯям бояд,
Ишқу уммеди туро
Баҳри парвози баланд
Осмонҳои фарохе шояд.

Боварам кун, ки ту гармии дилат
Бикунӣ бахши касе, к- ӯ набувад
Ҳеҷ шоистаи ту.

Кун фаромӯш маро.
Ин раҳи хостаи туст хато:
Ҳосилат ашк бувад, дигар ҳеҷ.
Гӯш кун, сар ту мапеч.
Лонаи сохтаам дар бари гул,
Лонаи бум бувад, на булбул!

Ман туро ғам бифазоям ҳар дам,
Лек  танҳо биравам,
                                        ман биравам,
Бо дилу ҷон биравам,
Сӯи он хонаи бегонаи ту....

Ба раҳи ман бувадат чашми нигоҳ,
Аз саҳар то бегоҳ.
Дарди ҷонсӯз кашӣ дар бистар
Як худат то ба саҳар.

Ин ҳама беҳуда, бовар бинамо,
Гаштаам ҳавсала пир.
Ту ба кух меравию ман аммо
Равам аз кӯҳ ба зер.

Нест суде! Бикунам боз давом?!
Баски дарёфтаам:
Ҳар қадар ранҷ диҳам шому саҳар,
Мешавӣ он қадарам мушфиқтар.

Дар ҷавоби ситами ман ту чаро
Мекунӣ даъвату фарёд маро,
Мебарад бӯсаат аз ёд маро
Чанд такрор кунам ман ба ту ин,
Ҷони ширин...

## ШЕЪРЕ, КИ ВИХДОНИ ШОИР АСТ

***Ба муносибати 70-солагии Ярослав СМЕЛЯКОВ***

Боме, ки баланд аст, барфаш бештар ва шоирӣ ҳам, ки ном ва боми баланд аст, рисолати гарон дорад.

Шеъре, ки виҷдони шоир аст, дар худ таҷаллии виҷдони замонро бояд инъикос кунад. Саропо қисмати шоир, фитрати ӯ дар партави он бояд сиришта шавад. Ярослав Смеляков барои ман ҳамин гуна шоир ва шеъраш ҳамин гуна шеър аст.

Шеъри ӯ дугоники қисмати ӯст. Қисмати ӯ қисмати бачаест, ки дар оилаи коргар таваллуд шуда, аз бачагӣ ба меҳнати коргарӣ унс гирифта, дар кӯраи пурҷӯши панҷсолаҳои аввал пухта, чун шоири ростин ба камол расида, яке аз асилтарин ва содиқтарин ситояндагони ғояҳои инсонпарварона шинохта шудааст.

Ярослав Смеляков шоири мавзӯъ, орзую омол ва дилу ҷони коргар аст ва шеъраш ҳам коргари дилу ҷон аст. Ӯ соли 1932, ҳангоми ба нашр рафтани маҷмӯаи нахустини ашъораш «Меҳнат ва муҳаббат» дар матбаа ҳуруфчин буда, онро худ ҳуруфчинӣ кардааст. Баъд аз гузаштани солҳои бисёре шоир он замонро ба ёд оварда навиштааст: «Ман шодам, ки ҳар ду касби ман ба ҳамдигар наздиканд ва ман то ҳол онҳоро дӯст медорам ва бо ҳар дуяшон мефахрам».

Эҳтимол, дар назми советии рус Ярослав Смеляков яке аз беҳтарин шоирҳост, ки меҳнати коргарон, дилу ният, орзую омол ва зиндагии онҳоро шоирона шинохта ва сутудааст. Аз рӯи моҳияти иҷтимоӣ ва шаҳрвандии ашъор, ин ном барои ман дар назми советии рус пас аз Владимир Маяковский ва Александр Твардовский меояд. Ин ақидаи шахсии ман аст.

Ба ман эҷодиёти ин шоир маҳбуб аст, аз он ҷиҳат, ки ӯ садоқати ягонаи инсонӣ ва шоирӣ дорад, яъне ӯ дар асл ҳамчунон ҳаст, ки дар шеъраш мегӯяд, шеъраш пурбори маънӣ ва саршори ҳиссиёти ватандӯстӣ ва бунёдкорист. Ӯ дар умри худ шеъре набофтааст, ӯ шеърро аз зиндагӣ ҷустааст ва гуфтааст. Ҳар шеъри ӯ як пораи ҳаёти ваянд. Ӯ дар қайдҳои тарҷумаи ҳолаш беҳуда нанавиштааст: «Шеърҳое, ки дар бораи комсомолони сохтмони истгоҳи барқии Братск ҳастанд маҳз ба он сабаб ба дунё омадаанд, ки ман ба он ҷо бо аввалин ихтиёриёни Москва рафта будам, дар эшелони аввал...».

Ярослав Смеляков агар дар бораи Ҳамза, пиёлаи қалмоқӣ ва рӯзгори тоҷикон шеър ва силсилаи шеърҳо гуфта бошад, ин маҳсули он аст, ки вай онҳоро бо чашми худ дида, шоирона эҳсос кардааст. Ӯ чизеро надида, эҳсос накарда нагуфтааст, бинобар ин дар тамоми гуфтаҳояш нақши шахсияти ӯ пайдост. Шахсияти ӯ бошад, шахсияти пурмаънӣ, нодир ва баркамоли шоирона аст.

Ашъори Ярослав Смеляков аз такаллуфҳо, назаррабоиҳои сабукбор, зеботарошиҳои ноасил, иборапардозиҳои бемақсад пок аст. Махсусан, дар ашъори даврони баркамолияш ин ночизиҳо тамоман ба назар намерасанд. Дурахши шеъри ӯ на дурахши ялаққосии никелу бозичаҳои сохта, балки дурахши асил, дурахши алмос аст. Ин дурахшест, ки аз сухан судани устоди ҳунар пайдо мешавад. Ин дурахш дурахши саҳли мумтанеъ аст. Маҷмӯаҳои ӯ «Санавбарҳои Кремл», «Гуфтугӯ аз муҳимтарин», «Рӯзи Русия», «Декабр», «Одамони ҷовид», аз ҳамин гуна ашъоре фароҳам омадаанд, ки ба ҳар мавзӯъ ва таассуроте, ки бахшида шуда бошанд, ҷавҳари онҳоро ба ҷилва овардаанд. Повести манзуми «Муҳаббати сахтгир» ҳам, ки аз ҳаёти ҷавонон ва ҷавонии шоир қисса мекунад, аз қабили он асарҳост. Маҷмӯаи «Рӯзи Русия» соли 1967 ба Мукофоти Давлатии СССР тақдир шуда буд.

Ярослав Смеляков ба замми маҳбубияташ ҳамчун шоири асил ба мо, тоҷикон, махсусан, дучанд азизтар аст. Ӯ сарзамини мо, мардуми хоксору меҳмондӯсти моро азиз дошта, китоби ашъоре бо номи «Садбарги Тоҷикистон» эҷод карда буд, ки саросар аз шеърҳои пурмуҳаббат, рӯҳбахшу диловез иборат аст. Илова ба ин Ярослав Василевич ашъори шоирони тоҷик М. Турсунзода, М. Миршакар, М. Қаноат, Ф. Ансорӣ, А. Баҳорӣ, Убайд Раҷаб, А. Қаҳҳорӣ, Ш. Ёдгориро ба русӣ тарҷума ва ба хонандаи русзабон пешкаш кардааст. Махсусан, бобҳои устодона ба русӣ гардонидаи вай, аз достони лирикии М. Қаноат «Мавҷҳои Днепр» барои назми мо воқеаи бисёр муҳим буд, зеро тавассути он достон шоири тоҷик дар арсаи собиқ умумииттифоқ шинохта шуд ва баҳои баланди сазовор гирифт.

Ярослав Смеляков соли 1972 дар панҷоҳнуҳсолагӣ аз олам даргузашт. Агар ӯ зинда мебуд, ҳафтодсолагии ӯро ҷашн мегирифтем. Мо акнун шеъри ӯро ҷашн мегирем ва ба хотирааш сипосгузорӣ мекунем.

Ҷашни Ярослав Смеляков бузургдошти шеъри иҷтимоӣ ва шаҳрвандист. Меъёри эҷоди бадеӣ дар худи асарҳои бадеист. Адбатта, дар беҳтарин осори бадеъ. Барои ман эҷодиёти яке аз шоироне, ки аз он меъёри ашъори иҷтимоию гражданиро муайян кардан мумкин бошад, эҷодиёти Ярослав Смеляков аст. Ман яқин дорам, ки дар ақидаам танҳо набошам, чунки ин ҳақиқат аст.

***Аз тарҷумон***

**Соли 1983**

## ТАЪРИХ

Ҳамзамонон, гузаштагон бо ман
Ҳар шабе мекунанд суҳбати хос.
Ман ҳам акнун ба тундии тоза
Рафти таърих мекунам эҳсос.

Он ба зулмоту равшанoияш
Гаҳ маро сӯхт, гаҳ маро афрӯхт.
Рӯз то рӯз чеҳра зоҳир кард,
Кор омӯхт, ақидаҳо андӯхт.

Ман зи давру замони зодани хеш
Ҳаргиз ин сон набудаам дилшод.
Балки ин гуна рабту пайванде
Ман ба давру замон надорам ёд.

Тифли навроҳсон гаҳе афтон,
Гоҳ хезону шоду гаҳ маъюс,
Ман зи домони меҳри ту дорам,
Чун зи домони бибиям, эй Рус.

**Соли 1966.**

## ГУФТУГЕ АЗ ШЕЪР

Сахту бепарво бигуфтӣ ту ба ман,
К-ин замон эҷодат айни муддаост.
Чорсадто шеъри ишқӣ гуфтаӣ,
Лек шеъри ишқии ман дутост.

Гӯиё, афсӯс, истеъдоди ман,
(К-он ба қавли ноқидон кӯчак набуд),
Баҳри шеъри шаҳрвандии дурушт
Пурра з-истисмори ман нобуд шуд.
Ҳеҷ ҳоҷат нест пинҳон карданам
Ин кушоду фошгӯии туро,
Будаӣ ту шоири эъҷозкор.
Будаам ман шоири косибнамо.

Рост, дар албоми духтарҳои пир,

Дар қатори ёваи бўсу канор,
Дар миёни саҳфаҳои маҳраме,
Шеъри ман шояд намеояд дучор.

Меҳмони кал ба хомўшии базм
Баъди нўшонўш бикшояд даҳан,
Шояд ў ҳаргиз нахонад бо алам
Шеъри мазбуту дуруштоҳанги ман.

На зи рўи фахр – аз баҳри Худо –
Лек мегўям каме бо дарду ғам,
К-аз барои инчунин нақши бадеъ
Кор н-ояд шеъри минбарпарварам.

Ҳамчу тифли дар даҳонаш бўи шир –
Шеър кай гўям газофу беасар.
Мушкили дигар бувад ашъорро,
Шеър бошад баски масъули дигар.

Шеъри бисёр аз ҳаде нанвиштаам,
Лек аз ҳар байти худ будам умед.
Родиёро бас паёмовар шуданд,
Котиби журнал бигаштанду газет.

Зиндагиро бешу кам бишнохтам,
Дошт омад бахти ман дар рўзгор.
Шод аз он астам, ки асли касби ман
Ҳаст чун эҷоди таърихи диёр.

**Соли 1961.**

## ДУХТАРАКИ ХУБ – ЛИДА

Қад-қади хонаҳои хурди сафед
Гул кушояд ақоқиёи баҳор.
Дар ҳамин кўча мезияд Лида
Духтари дилрабои хушрафтор.

Аз сари шонаҳош мерезад
Ҳамчу занҷир зулфи тиллоӣ.
Бари домони куртаи чити ў
Бишкуфад лолаҳои саҳроӣ.

Моҳи найсони шўхи гулгардон
Дар дилаш парварида ёди варо.
Карда аз гарди лола гардолуд
Бистари хоби бомдоди варо.

Ҳар пагоҳӣ ба сўи мактаби хеш
Меравад портфел дар дасташ,
Ҳама ҳамсояҳо назора кунанд
Шоду масрур бар қаду басташ.

Лида оҳиста меравад ҳар рўз,
Меравад рўй-рўи ин дунё.
Дар бари шишаҳои тиреза

Мешавад акси қоматаш пайдо.

Духтари хубу дилрабо Лида
Шуд ба меҳраш писарчае шайдо.
Ӯ ба ин ном ҳар шабе хобад,
Ва ба ин ном хезад ӯ шабҳо.

Ӯ ба он тахтасангҳои сафед,
Ҳар кучҷое, ки Лида раҳ гаштаст,
Аз ғаму ғуссае ба дарду алам
«Духтари хуб – Лида» бинвиштаст.

Ошиқиро гудози ин писарак, –
Одамонро ҳамекунад дилшод,
Пушкин ин тавр шояд ошиқ буд,
Шояд ин тавр Ҳейне дил дод.

Мешавад баркамолу номовар,
Меравад ӯ зи хонаи падарӣ.
Пас ба ишқи бузургаш ояд танг
Хонаву кӯчаеву раҳгузаре.

Ҳеҷ садде надонад ин ошиқ,
Шарму тарсу ҳарос сафсатта-ст.
Бингарӣ дар саросари дунё
Номи ёри азиз бинвиштаст.

Дар ҷануб – бо забонаи оташ,
Рӯи саҳро – ба мавҷи гандумзор.
Дар бари дашти рус бо гулҳо,
Рӯи дарё – ба мавҷи хушрафтор.

Мебарояд шабона бар гардун,
Сари ангушти хешро сӯзад.
Дар миёни ситорагон аммо
Бурҷи нав – бурҷи Лида афрӯзад.

Москва, дар шабони шӯълаварат
Партавафшон бувад нишонаи ӯ.
Дар миёни ситорагон рахшад
Ин суханҳои ошиқонаи ӯ.

**Соли 1940.**

* * *

Гар шавам бемор ман,
Бар табибон нест корам,
Ман ба ёрон рӯ биёрам.
(Ин суханҳоро алоӣ ҳеҷ машморед):
Густаредам бистари дашт,
Бо туман рӯйи тирезамро бипӯшед,
Шаб маро болои сар
Кавкаби рахшон гузоред.

Ман набудам нозпарвар,
Балки будам садшикан.

Дар миёни ҷангҳои боадолат
Гар шавам маҷрӯҳ ман,
Бар сарам чун дока печонед
Роҳи кӯҳсоронро,
Пас ба болоям кушоед
Бистари гулҳои сурхи тирамоҳонро.

Ҳоҷати дору надорад дарди ман,
Дар стакан, бигзор, рахшад офтоб,
Боди тафсони биёбон,
Нуқрамавҷи обшорон,
Мекунад дармони дарди беҳисоб.

Аз дами дарё, зи дашту кӯҳсор
Мебиёяд бӯи аъсори қадим.
Мекунӣ эҳсос ҳар гаҳ бингарӣ –
Ҷовидонӣ зиндаем.

Меравам ман на ба сӯи қабрҳо,
Меравам балки ба сӯи абрҳо.
На зи долони шифохона
Равам аз ин ҷаҳон
Аз шумо гар меравам ман.
Меравам танҳо ба Роҳи Каҳкашон.

**Соли 1940.**

* * *

Ман ба кулли Русия
Гуфта будам бемаҷоз,
Гар шавам бемор ман
На, ба дорую табиб,
Н-оварам рӯи ниёз.

Ин дурӯғи бефурӯғ
Гуфтам аз нодониям.
Дар шифохона кунун
Бин, парешонҷониям.

Журнали «Здоровье»
Шишаи оби шифо,
На ситора ҳаст дар болои сар
Шабчароғи хира сӯзад безиё.

Нест дарё, нест дашт,
Аз туман осор нест.
Дар тиреза мавҷзан
Пардаи меҳвор нест,
Он суханҳои мани бемор буд,
Қавли ман бинмо қабул
На барои худнамоӣ –
На барои молу пул.

Гӯям акнун дар таби сӯзони хеш
Валя, эй хоҳар, ба доди ман бирас.
Ман аз ин ҷо меравам,

Боз бахшандам абас ин ҷо нафас.
Он калиди зангхӯрда, кӯҳнаро
Аз барои ман бидузд
Дигарам як лаҳза
Тамкин нест, нест.

Шоирон бофанд агар ҳарфи дурӯғ,
Зиндагонӣ ҳеҷ мумкин нест, нест.
**Соли 1967.**

Емелиан Буков, шоири молдовӣ

## НОМА БА МИРЗО ТУРСУНЗОДА

Бо ту, эй Мирзо, шудам дар анҷуманҳои бузург
Дар миёни дӯстони сулҳҷӯи ҷоннисор.
Халқ ҳар ҷо кард моро бо муҳаббат пешвоз,
Бо гулу гулдастаю бо чеҳраҳои чун баҳор.

Буд дар дилҳо ҷаҳони эътиқоду эътимод,
Мерасид он аз забони мардуми олам ба гӯш.
Чеҳраҳо аз нури ҳарфи амният гул карда буд,
Аз сафои бовариҳо буд дилҳо дар хурӯш.

Гӯиё тири замин меруст аз меҳри замин,
Сар ба сар нав мешуд ин сайёраи пири куҳан.
Дар тамоми арзу тӯлу дар ҳама шебу фароз
Тозаҷону тозадил мегашт кулли марду зан.

Эй азизу меҳрубон,
Эй дӯсти ҷонии ман,
То даме ашк аст,
Дар рӯи замин ором нест.
То даме ҷанг аст,
Моро роҳати айём нест.

Эй рафиқи меҳрубон, дар дафтари ашъор мо,
Мекунем аз сидқ, аз бахту саодатҳо сухан.
Аз талошу ҷангҳои беамону неку бад,
Аз ғуломи ҳалқабаргӯши кунун занҷиркан.

Мехалад ҳар мисраи ашъори мо монанди тир
Дар баданҳои сиёсатбозҳои ҳилагар,
Дар баданҳои касоне, ки ба савдо додаанд,
Сидқу номуси башарро аз барои молу зар.

Мо намеорем бастан ҳеҷ гӯши хешро
То даме фарёди ҷонкоҳи ғарибон нашнавем,
То шавем озод аз бори гарони дарду ғам,
Дар бари илҳоми худ шоду бароҳат биғнавем.

Гоҳ-гоҳе мо бари боғи баҳорон дидаем,
Ошиқонро даст андар гардани ҷононаҳо,
Дил бихоҳад бишнавад оҳанги маҳтобии шаб,
Ошиқонро то бихонад қиссаю афсонаҳо.

Лек ин дам осмонҳоро битарконад садо –
Ин садои раъди ғуррон не, садои тӯпхост.
Кӯдакони камбағал ҷӯянд дар партовҳо
Бурдаи ноне, ки онҳоро атои бебаҳост.

Чеҳраи пажмурдаи тифлони зору бенасиб,
Бегумон, рӯзе бисозад кӯр чашми қотилон.
Дар миёни ин ҳама ваҳшоният, ранҷу азоб
То ба кай охир бисӯзад ҷисму ҷони одилон?

Мебарем аз ёд мо, эй дӯст, ҳарфи ошиқӣ,
Хомаи мо мекунад бар шеъри заҳмат содиқӣ.

Мо ба кишварҳои олам меравем аз роҳи сулҳ,
Бар алайҳи зулм, истисмор, ҷангу душманӣ.

Бар сари одам бирезад файзи борони баҳор,
Бар сари олам наборад ҳеҷ сели оҳанӣ,

Дар дили халқи ҷаҳон сабзад ниҳоли дӯстӣ,
Бинад аз мо мардуми олам камоли дӯстӣ...

Мухтор Шаханов, шоири қазоқ

## RАЗИЯИ {УСНИ ТАФО{УМ

Хона торик аст аз андӯҳи дарди ҷонгазой.
Сина тангӣ мекунад имрӯз бар савдои ӯ.
Дар ҳамин ҷо марг бистонид ҷони Толстой.
Ҳамсараш омад. Фурӯ бинмуд сар болои ӯ.

«Ман гунаҳкорам! Бубахшоям! Бубахшо, чора чист?»
Ӯ вале хомӯш. Андешад, ки: «Ёри бовафо,
Ту марезон ашк. Дардам камтар аз дарди ту нест.
Ҳар қадар гирён шавӣ ҳам, дар лаби гӯр аст по.

Дӯстат медоштам, носозгор омад насиб,
Ҷони ман аз ранҷи нофаҳмии ту ранҷур шуд.
Ту нафаҳмидӣ маро, будӣ агарчи чун ҳабиб,
Завҷаи Толстой будан гарчи худ осон набуд.

Ранҷи нофаҳмии ту душвор буду ғамфизо,
Метавонистӣ бифаҳмӣ дарди ман, аммо куҷо...

Умрҳо будем як ҷо, мешавем акнун ҷудо,
Ман туро бахшидаам, бошад, ки бахшоӣ маро...»
Фошкори ҳар бадие чашм пӯшид аз ҷаҳон,
Он, ки ӯро завҷааш, афсӯс, нофаҳмида буд.
Нест акнун Толстой. Эй доҳии давру замон,
Он қадар бадбахт будӣ аз дилогоҳии худ!

Раҳму шафқат ҳам ба мо бикшояд оғӯши наҷот,
Кӣ ба гармӣ соя бошад, гарм созад рӯзи сард?
Умқу паҳнову баландӣ ҳаст меъёри ҳаёт,
Ҳар кӣ ин маъно надонад, нест аҳли фаҳму дард!

Кай бувад пайроҳаи ҳамвор аз дил сӯи дил,
Ҳар касеро гар намефаҳманд, аз ӯ нафрин кунанд.
Ҳаст чун ҳарби танотан раҳкашӣ бар кӯи дил,
Раҳ ба сӯи ҳалқаи мардум чӣ сахту пургазанд.

Гар ту, нофаҳмӣ, азоби бегуноҳонӣ, чӣ бок?
Он, ки фаҳмидан нахоҳад, лек бошад пургуноҳ.
Эй басо чашма, ки дидам, монд зери сангу хок,
Эй басо роҳе, ки дидам, кӯр шуд дар нимароҳ!

Эй, ту нофаҳмӣ, хиёнат, қотилӣ омӯхтӣ,
Қотилӣ, ки мекушӣ бефарқ дар зулмоти шаб.
Ин туӣ, ки ҷисми Ҷордано ба гулхан сӯхтӣ,
Бар Галилей ҳукми куштанро ту бинмудӣ талаб.

Гардани Бирҷон-сало аз ту ба арғамчин фитод,
Кардӣ аз чашми Улуғбек нури кавкабро ниҳон.
Лаънати кулли башар бар ному осори ту бод,
Узру бахшоиш наёбӣ ҳеҷ дар рӯи ҷаҳон.

Тарсакиҳо мезадӣ ту дар бари рӯи Абай,
Даррасидӣ ту ба сарвақти Авезов бехабар.
Чашм аз рашку хусумат доштӣ бар сӯи вай,
Кам-кам аз ӯ ҳам кушодӣ ғайбату миш-миш дигар.
«Қиссаи ӯ ҳеҷ бар дилҳо намесозад асар,
Раҳ надорад ин асар бар авҷи волои сухан».
Заҳрханде кард Авезов, гарчи шуд хуни ҷигар:
«Халқ рӯзе худ бигӯяд арзиши осори ман!»

Эй басо ин тавр буд,
Он тавр буд,
Айни ҷазост!
Ин чӣ кӯриест, бинию набинӣ азми дӯст.
Ҳар касе, ки кунду нофаҳм аст, оё бегуност?
Ҳар кӣ фаҳмидан намехоҳад, ҷинояткор ӯст!

Баски нофаҳмӣ мисоли абри тира-ст аз азал,
Он бигирад рӯи уфқу чеҳраи хуршеди рӯз.
Соҳибистеъдоди барное биёяд сӯи мо,

Дарзамон фаҳмем ӯро, то нагардад хирасӯз!

Муҳаммад Алӣ, шоири ӯзбек

Духтар имшаб тарона мехонад
Нурборон самои ниликор.
Духтар имшаб тарона мехонад
Бо само, бо ситораҳо бедор.

Духтар имшаб тарона мехонад,
Ғазалаш мебарад ба гардунам.
Шеър резад зи умқи синаи ман
Гашта моҳу ситора мафтунам.

Духтар имшаб тарона мехонад,
Аз фараҳ мерасам ба чархи барин.
Бишнавам чун садои «Дӯст»-и касе
Меравам з-осмон ба қаъри замин.

* * *

Ҷавони хушқади абрӯкушода,
Ба мисли шӯъла чашмонаш батобанд.
Бо роҳаш духтарон дилро ниҳода,
Ба ҷони худ вале дармон наёбанд.

Нигоре буд шӯху ишвакоре,
К-аз ӯ буд дар фалак оҳи ҷавонон.
Агар созад ба кас наззора боре,
Чу дар оташ бисӯзонад дилу ҷон.

Вале онҳо ба ҳам дар рӯзгорон
Расидан ҳеҷ натвонанд, ёрон.

## ҚИССАИ МОРБОЗ

Андар замонҳои куҳан
Дар назди Сурхони қадим,
Буд морбози беҳарос,
Марди накӯкору ҳалим.
Пур буд ҳавлияш зи мор:
Аз тирмору кӯрмор,
Аз чархмору мори об,
Аз айнакиву мори хоб.
Ӯ морҳоро рӯи даст
Бозӣ аҷаб медоштаст.

Аз морҳои бешумор
Як мори айнакдор буд.
Он морбоз аз мори худ
Бисёр миннатдор буд.
Чунки зи мораш байни халқ
Суде варо бисёр буд.
Мебурд онро дар сабад

Сурнайнавозон деҳ ба деҳ.
– Баҳри тамошо омадӣ,
Пеши сабад пулро бинеҳ.

Як морро он морбоз
Медошт аз мардум ниҳон.
Чанде гузашт овозае
Шуд паҳн байни одамон.
Эй ҷӯрачон, донӣ магар,
Он мори морафсои мо,
Бар кас агар заҳре занад,
Касро кушад он ҷо ба ҷо.
Дирӯз сагро захр зад,
Саг мурд андар ҷои худ.

Рӯзе ба назди морбоз
Омад арӯси навҷавон,
Гуфто, ба ман, эй морбоз,
Бинмо мадад, серам зи ҷон.
– Бахшед аз маргам наҷот,
Ҳар рӯз ҳолам бад шавад,
Бар ҳоли ман ҳеҷ одаме
Мушкил бувад тоб оварад
Бо ин ҳама ҷабру ҷафо
Бо ин ҳама ранҷу бало...

Пурсид аз ӯ морбоз,
– Эй наварӯс, ҳолат чӣ сон?
Гуфто, ки ёрам меҳрубон,
Аммо зи модаршӯ амон.
Таъну маломатҳои ӯ
Бигзашт аз ҷону ҷигар.
Як лаҳзаам ором нест,
Захр аст дар комам шакар.
Хезам, бигӯяд, рӯсиёҳ,
Шинам, бигӯяд, сад бало.
Гӯянд море дар шумост
Дар мушкилам ёрӣ кунед,
Онро ба ман бифрӯхта,
Боре мададгорӣ кунед.
Мардак бигуфто, эй арӯс,
Будаст ин қисмат туро.
Бишнав кунун рози манат,
К-ин морбозиям чаро.
Гар морбозе ман шудам,
Аз тарси хушдоман шудам.

Море, ки ту хоҳӣ, вале,
Феъли баде дорад дигар.
Ногоҳ захрат мезанад,
Андак бимонӣ бехабар.
- Аз ман набошӣ дар ҳарос,
Кайҳост серам ман зи ҷон.
Чанд аст мори айнакӣ,
Онро фурӯшед ин замон.

Ӯ мор дар даст оварад,
Гӯё ки ҷонро мебарад.

Дилшоду хандон рафт арӯс,
Ӯ ёфт гӯё болу пар.
То мақсади ӯ ҷилвагар
Бигзашт аз пеши назар.
Нобуд модаршӯ шавад,
Ӯ шоду хандонрӯ шавад.
Бо ёри ҷонаш то абад
Ӯ зиндагонӣ мекунад.
Фархундарӯзу бонишот
Фирӯзу сармасти ҳаёт.

Бар чашм модаршӯ набуд,
Ӯ морро сар дод зуд.
Хушдоманашро заҳр зад,
Гуфто, арӯс, кораш бишуд.
Ором модаршӯй буд,
Ҳатто нафаҳмид ин чӣ кор.
Худро ба ҳар сӯ мезаду
Талвосаҳо мекард мор.
Дар як замон фиш-фишкунон
Худ мурд мори заҳрдор.

* * *

Ба бегоҳӣ чароғонанд равшан,
Ба сӯи Руставели меравам ман.
Шиносу ношинос ояд дучорам,
Яке шодасту дигар бандаи ғам.

Сиёҳӣ мекунад мӯи сиёҳе
На кам аз чашму абрӯи сиёҳе.
Дар ин бегаҳ намехоҳам ҷудоӣ,
Кунам ноошноро ошноӣ...

* * *

Гуфта будаст як замон Хайём,
Ин чӣ дунёи бебақо бошад.
Баъди мурдан шавем хок тамом,
Пас нишоне зи мо куҷо бошад.
Гуфта будаст як замон Хайём.

Аҷаб ояд зи кори ин дунё!
Карда Хайём ҳарфи хеш инкор,
Бошад имрӯз, боз фардоҳо
Бонишон, бобақову боосор!
Аҷаб ояд зи кори ин дунё...

Карло Каладзе, шоири гурҷӣ

**СУХАНИ СОДА**

Нест осон бо камоли содагӣ гуфтан сухан,
То бигӯӣ сода, мерезад арақҳои ҷабин.

Нест андар шеъри сода ҳарфи бебору сабук,
Сабки саҳли мумтанеъ хоҳад маонии матин.

Рӯз равшан мешавад... Бе рангу бори барзиёд,
Менависам «Рӯз равшан мешавад...» он сон ки ҳаст.
Мекунам чун мӯсафеди Тсеретели бешароб
Ҳамраҳи хонандагони дӯстдори худ нишаст.

Шодмон аз зиндагиям, бандаи ғам нестам,
Чеҳраи хандон хушам ояд зи рӯи пурҳазан.
Гар сиришке дар сари мижгони ман ларзон шавад,
Дар сари ашъор ҳам, бигзор, ларзад дасти ман.

Шодмонам, ки зи ҳарфу байтҳои аввалин
Хешро бахшидаам бар шеъри гурҷӣ бебадал.
Шеърҳои шоири боҷурмро аз айбу нуқс,
Пок месозад забони модарияш дар амал.

Мекунам то нимашаб бо хайли ғам баҳсу талош,
То замоне ки варо ман зери фармон оварам.
Лек бори умри худро бо ҳама дарду ғамаш,
Бо ҳама андӯҳу шодияш ба дӯшам мебарам.

Аз гузашти рӯзҳои бебадал, бебозгашт
Гарчи дил дар синаам ҳар лаҳза нолиш мекунад.
Гарчи худ онро гаҳе барбод месозад, вале
Дар ҳақи дил кай забони ман сиголиш мекунад?
Ёди ҷовидон надорад ин дили савдозада,
Сурати яктои ҳастии заминияш манам.
Бетанаффус мезанад дар синаам ҳар рӯзу шаб,
Гар даме ором гирад, меравад ҷон аз танам.

Сӯхтам аз дарду бигристам, вале бо амри дил
Зиндагӣ чун шоирони олиҳиммат кардаам.
Ҳар чӣ омад бар сари шӯридаам, бо дӯстон
Ҳиссаи нони ҳалоли хеш қисмат кардаам.

Васил Биков

**СОТНИКОВ**

## I

Онҳо аз роҳи хилват ва барфпӯши ҷангал мерафтанд, ки дар он аллакай аз нақши суми асп, лезаки чана ё пои инсон ҳатто асаре намонда буд. Аз ин ҷо, эҳтимол, дар тобистон ҳам кам мегузаштанд, ҳоло бошад, пас аз бӯронҳои дуру дарози моҳи феврал ҳамаро барф пӯшида буд ва агар ин ҷангали дарахтони сӯзанбарг ва хадангзор намебуд – вай ба ду тараф каҷу килеб ақиб рафта, шабона як роҳрави хираравшан мекушод – роҳ будани онро фаҳмидан душвор мешуд. Ҳар чӣ ҳам бошад, онҳо хато накарданд. Рыбак аз байни буттаҳои урён ва дар оғӯши торикӣ монда, он ҷойҳоеро, ки тирамоҳ дида, дар хотир нигоҳ дошта буд, торафт бештар мешинохт. Он вақт ӯ ва боз чор нафар аз гурӯҳи Смоляков  аз ин роҳ гузашта, ба умеди ягон хел хӯрокворӣ ба даст овардан, ба сӯи хутор мерафтанд. Ана, ҳамон ҷаричаи шинос, ки онҳо се кас дар лабаш нишаста, бехавф будани ҳаракати дигаронро, ки бояд он ду нафари пештар рафта бо ишора хабар медоданд, мунтазир шуда, тамоку мекашиданд. Акнун ба ҷарича фуромада намешуд: барфе, ки бӯрон рӯфта оварда буд, аз лаби он бомгӯша барин ба поён овезон шуда, дар нишебии ҷарича дарахтони урён то худи нӯгашон ба барф ғӯтида буданд.

Аз паҳлу аз болои дарахтони сӯзанбарг, дар осмон нимаи моҳи хира, ки қариб равшание надода, дар чашмакзании сарди ситораҳо фақат базӯр йилтиррос мезад, сабук лағжида мерафт. Вале ҳамроҳи он кас худро дар ин шаб он қадар танҳо ҳис намекард ва чунин менамуд, ки онҳоро дар ин роҳ ягон шахси зинда ва меҳрубон ҳамсафари дилхоҳ шуда бошад. Дуртар аз ҷангал, ки дарахтони сӯзанбарг, буттаҳо, ким-чӣ хел сояҳои номуайян ва шохаҳои парешон ба ҳам печида буданд, торик метофт; дар наздиктар бошад, роҳ дар сафедии барфи тоза бе душворӣ ба назар менамуд. Роҳ аз чунин ҷои касногузар гузашта, роҳгардиро душвор кунад ҳам, аз тасодуфҳо эмин медошт ва Рибак фикр мекард, ки гумон аст дар ин ҷои дурдаст онҳоро ягон кас поида истода бошад. Ҳар чӣ бошад ҳам, ҳушёр шудан шарт, махсусан, пас аз воқеаи Глиняни, ки дар наздикии он ду соат пештар қариб ба немисҳо бархӯрда буданд. Хушбахтона, дар назди тавораи деҳа марде дучор омада, ҳезумкаше аз хавф огоҳ кард ва онҳо ба тарафи ҷангал тоб хӯрда, то ба ин роҳ баромадан дар паттазорҳо дуру дароз роҳгум заданд.

Бо вуҷуди ин задухӯрди тасодуфӣ дар ҷангал ва ё дар саҳро Рибакро он қадар наметарсонд: онҳо яроқ доштанд. Дуруст аст, ки тирашон кам, вале илоҷи дигар набуд: онҳое, ки дар ботлоқи Горелий монданд, аз захираи кам дар ками худ чизи дода метавонистагиашонро доданд. Ҳоло ба ғайр аз панҷ тире, ки дар карабин буд, дар кисаҳои нимпӯстини Рибак боз се тирдони дигар ҷиринг-ҷиринг мекард ва ҳамин қадари дигар дар Сотников буд. Афсӯс, граната нагирифтанд, шояд даркор ҳам нашавад, онҳо ҳарду то саҳар дар лагер мешаванд. Ба ҳар ҳол аз нобарории корашон дар Глиняни камтар дер монданашонро ҳис мекард ва бояд шитоб мекарданд, аммо ҳамроҳаш наметавонист.

Вақте ки онҳо аз ҷангал мерафтанд, Рибак аз пушти худ ҳамвора сулфаи паст ва часпаки ӯро мешунид, ки баъзан аз наздик ва баъзан аз дуртар ба гӯш мерасид. Ана, ӯ тамоман хомӯш шуд ва Рибак қадамашро сусттар карда, ба ақиб нигарист – Сотников хеле қафо монда, дар торикии шаб базӯр кашол шуда меомад. Рибак бетоқатии худро фурӯ нишонда, лаҳзае нигарист ва дид, ки вай чӣ тавр, дар пой мӯзаи соқаш намадин ва пошнааш качшуда, пилоткаи аскариашро то худи гӯшҳояш фуроварда, аз рӯи барф беҳолона кашол шуда меояд. Дар ин сармои шаби хомӯш зуд-зуд ва ба душворӣ нафас кашидани ӯ аз дур ба гӯш мерасид ва Сотников акнун аз роҳ бозистода бошад ҳам, онро то ҳол бартараф карда наметавонист.

– Хӯш, чӣ хел? Азоб не?

– Э! – базӯр ва номуайян гуфт ӯ ва милтиқро дар кафаш дуруст кард. – Дур аст ҳоло?

Рибак ба ҷавоб додан шитоб накарда, аввал ба андоми лоғари ҳамроҳаш, ки аз рӯи шинели кӯтоҳ тасмаро таранг баста буд, озмоишкорона нигарист. Вай медонист, ки ӯ хаста шуда бошад ҳам, иқрор накарда, худашро бардам нишон медиҳад: хайр, мегузарад гуфта, хаёл мекунад, то ки дигарон ба ӯ дилсӯзӣ накунанд. Сотников, дигараш як тараф истад, иззати нафси баланд ва аз ҳад зиёд гарданшахӣ дошт. Вай ба ин супориш ҳам қисман аз рӯи ҳамин

иззати баланди нафси худ омада монд, вақте ки командир дар назди гулхан ба Рибак ҳамроҳ интихоб мекард, Сотников бемор бошад ҳам, ба ӯ дар ин бора чизе гуфтан нахост. Аввал ду нафар чеғ зада шуданд. – Вдоветс ва Глушенко, лекин Вдоветс навакак қисмҳои пулемёташро ба тоза кардан сар карда буд, Глушенко бошад, тар будани пойтобаашро баҳона кард: барои об рафта, то зону ба ботлоқ ғӯтидааст. Он гоҳ командир Сотниковро ном гирифт ва ӯ хомӯш аз ҷой хест. Вақте ки онҳо аллакай дар роҳ буданд, Сотниковро сулфа безор кардан гирифт ва Рибак пурсид. – Модом ки он ду нафар рад карданд, чаро ту хомӯш нишастӣ. Сотников ҷавоб дод: «Барои он рад накардам, ки он ду нафар рад карданд». Ин ба Рибак он қадар фаҳмо набуд ва ӯ каме истода фикр кард, ки умуман ҷои хавотир кашидан не: вай дар пояш истодааст, ба сулфааш аҳамият додан чӣ ҳоҷат, дар ҷанг аз шамол хӯрдан намемиранд. Ба ягон манзил расида, гарм мешавад, картошкаи гарм мехӯрад ва бетобиаш дидам–надидам гузашта меравад.

– Ҳеҷ гап не, наздик шудем, – рӯҳбаланд карданӣ шуда гуфт Рибак ва тоб хӯрд, ки роҳро давом диҳад.

Вале ӯ як қадам ҳам намонда, Сотниковро боз сулфа гирифт ва дарунноки дуру дароз сулфа кард. Ӯ, то ки худашро дорад, хам шуда, даҳонашро бо остинаш маҳкам кард, вале сулфааш аз ин фақат сахттар шуд.

– Барф хӯр, вай сулфаро мебурад, – маслиҳат дод Рибак.

Сотников бо хуруҷи сулфаи синахарош мубориза карда, як каф барфро гирифта макид ва сулфааш дар ҳақиқат каме ором гирифт.

– Бало занад! Ҳамин ки часпид, торс кафам, мегӯй!

Рибак аввалин бор бо хавотир қавоқ андохт, вале чизе нагуфт ва онҳо ба роҳ даромаданд.

Аз ҷарича ба тарафи роҳ нақши пой қатор шуда мерафт ва Рибак ба он нигариста фаҳмид, ки аз ин ҷо ба наздикӣ гург гузаштааст. (Шояд вайро ҳам манзили одам ба тараф худ мекашад – ба вай ҳам дар ин хунукии ҷангал осон нест). Онҳо аз роҳ канортар баромада, баъд аз рӯи он нақш, ки дар ин шаби туманолуди намнок на фақат роҳро нишон медод, балки ҷойҳои камбарфро ҳам муайян менамуд, пеш рафтан гирифтанд: гург ҷои камбарфро бехато муайян карда буд. Роҳи онҳо ба охир мерасид, ҳамин замон хутор ҳам мебоист намудор шавад ва ин ба Рибак рӯҳи тоза ва хурсандӣ мебахшид.

– Дар ин ҷо Люба гуфтанӣ духтар зиндагӣ мекунад, духтар не, оташ! – бо овози паст гуфт вай, рӯяшро нагардонда.

– Чӣ? – нашунид Сотников.

– Духтараке ҳаст мегӯям, дар хутор. Дидан ҳамоно касалиатро фаромӯш мекунӣ.

– Ту ҳоло фикри духтарро ҳам дорӣ?

Сотников, ки аз қафо базӯр кашола шуда мерафт, сарашро поён андохт ва китфаш бештар хамида шуд. Аз афташ, ҳоло тамоми диққати ӯ танҳо ба он равона буд, ки қадаммониашро гум накунад, суръати ҳаракати метавонистагиашро суст нагардонад.

– Хайр, набошад чӣ! Фақат як хӯрок мехӯрем...

Вале ба ёд овардани хӯрок ҳам ба Сотников, ки боз қафо мемонд, таъсире набахшид ва Рибак қадамашро сусттар карда, ба қафо нигарист.

– Медонӣ, шаб дар ботлоқ пинак равам, нон хоб дидам. Буханкаи гарм дар бағалам. Бедор шуда фаҳмам, гармии гулхан будааст. Ҳазор афсӯс...

– Чӣ ҷои ҳайрат, – бо овози паст илова кард Сотников. – Як ҳафта боз ҷавдори буғпаз мехӯрем...

– Ҳоло ҳамон ҷавдори буғпаз ҳам тамом шудааст. Дишаб Гронский боқимондаашро тақсим карда дод, – гуфт Рибак ва ин дафъа кӯшиш кард дар бораи чизе ки дар ҳақиқат диққати ӯро ба худ мекашид, сухан ба миён наоварад ва хомӯш монд.

Ба замми ин ҳозир вақти гап ҳам набуд. Ҷангал ба охир расида, роҳ ба саҳро мебаромад. Онтарафтар, дар як тарафи роҳ, паттазори хурде доман паҳн карда буд ва дар ботлоқ бедбуттаҳои паст руста буданд, ки роҳ аз назди онҳо сӯи теппача тоб хӯрда мерафт. Рибак интизор буд, ки ана ҳозир аз паси хадангзор боми сӯрохи бедахона намоён мешавад, дар он ҷо,

дар паси чиғ ҳавлии саройдоре ҳаст, ки манҷаниқи чоҳи он боло бардошта шудааст. Агар нӯги манҷаниқ боло бошад – ҳама кор хуб аст, даромадан мумкин; агар аз чангакаш ба девораи чӯбии чоҳ баста шуда бошад, қафо гаштан даркор – дар ҳавлӣ бегонаҳо ҳастанд. Ҳар чӣ набошад, як вақт бо амаки Роман ҳамин хел шарт карда буданд. Дуруст аст, ки ин кайҳо буд, онҳо тирамоҳ боз ба ин ҷо наомада, дар ҷойҳои дигар, дар он тарафи роҳи сангфарш мегаштанд, то даме, ки гуруснагӣ ва жандармҳо онҳоро таъқиб карда, боз ба ҳамон ҷое оварданд, ки як моҳ пеш аз он ҷо ронда буданд.

Рибак тез-тез қадам монда ба хамгашти роҳ расид ва ба тарафи теппача гашт. Нақши пои гург ҳам рӯ-рӯи барф ба ҷониби хутор тоб хӯрда буд. Маълум, ки гург наздикии манзилро ҳис карда, аз канори роҳ, ба буттазор ҷафс шуда, боэҳтиёт ва реза-реза қадам монда рафтааст. Воқеан, Рибак акнун ба роҳ нигоҳ намекард – ҳама диққати вай ҳоло ба пеш, ба он ҷое ки паттазор ба охир мерасид, равона шуда буд.

Ниҳоят ӯ саросема аз нишебӣ болои теппача баромада, ҳамон замон андешид, ки шояд хато карда бошад – эҳтимол, иморатҳои хутор каме дуртар бошанд. Дар роҳи на он қадар шинос бисёр мешавад, ки баъзе қисмҳои он аз хотир мераванд ва он гоҳ роҳ аз будааш наздиктар менамояд. Рибак боз қадаммониашро тезтар кард, вале Сотников аз нав қафо мемонд. Аммо Рибак акнун ба Сотников аҳамият намедод – баногоҳ ва гӯё бе ҳеҷ сабаб ӯро хавфу ҳаросе фаро гирифт.

Дар ин хирагии шаб, чунонки дар пеш дигар биноҳо наменамоянд, бедахона низ ба назар намерасид, вале боди шадид якчанд бор вазида, аз он ҷо бӯи сӯхтагии тунду тезро ба димоғи раҳгузарон зад. Рибак аввал фикр кард, ки ба ӯ ҳамин тавр намудагист, ин бӯй шояд аз ягон ҷои ҷангал расида бошад. Вай боз ягон сад қадам рафта, зӯр мезад, ки аз байни паттазорҳо бомҳои шиноси барфпӯши хонаҳоро бинад. Лекин умеди ӯ барабас рафт – хутор набуд. Вале боз бӯи сӯхтагӣ омад ва он бӯи дуду оташи нав не, балки бӯи мутааффини ангишту хокистари хомӯшгардида буд. Рибак хато накардани худро фаҳмида, бо нимовоз ҳақорате дод ва аз миёни роҳ тозон рафт, то даме ки ба тавора барнахӯрд.

Тавора дар ҷояш буд – чанд ҷуфт мехи чӯбие, ки ходаҳо бо химча ба он баста шуда буданд, аз таки барф каҷу килеб намуда меистоданд. Дар ин ҷо дар паси полези картошка, ки ҳоло дар ҷои он барфтӯдаи баланде қад афрохтааст, як вақтҳо ҳамон бедахона буд. Ҷо-ҷо ким-чӣ дӯнг–дӯнг ва пасту баланд сиёҳӣ мекард – чӯбҳои нимсӯхта буданд магар? На он қадар дуртар, дар он ҷое ки иморатҳо ва себзори ҷавон ба назар мерасид, теппачаҳои барфпӯш буданд, ки аз байни онҳо бухории нимвайрону урён ба як тарзи нозебу бемаъно ба чашм мехӯрд.

Рибак дар дил ҳақорати худро давом дода, дар назди тавора як лаҳза истод ва ба зудӣ нафаҳмид, ки дар ин ҷо чӣ ҳодиса рӯй дода бошад. Дар пеши чашмони вай манзараи манзили инсон, ки фароғати оддии деҳқониро таҷассум мекард, бо хонааш, бо даҳлезаш, бо бухории калони дудолудаш, ки дар назди он пиразан Мелания ҷунбуҷӯл карда, самбӯса мепухт, намоён шуд. Вайҳо он вақт дар роҳ нағзакак хӯрок хӯрда буданд ва дар рӯи бухории хиштин бемӯза нишаста, Любаҷони хандонро, ки бо чормағзи ҷангалӣ онҳоро зиёфат мекард, механдонданд. Ҳоло дар пеши онҳо ҷои сӯхта хокистаршудае буду бас.

– Палидон!

Рибак карахтии лаҳзагиашро бартараф карда, ба болои хода гузашта ба назди бухорӣ омад, ки кулоҳи барфӣ дошт. Ин қабати ғафси барф, ки дар рӯи дамгири бухорӣ хобида ва ҳатто даҳани онро маҳкам карда буд, ба назар тамоман бемаънӣ метофт. Дудкаши бухорӣ набуд, аз афташ вақти сӯхтор афтода ва ҳоло ҳамроҳи нимсӯхтаҳои зери барф теппачаеро ташкил дода буд.

Дар ин фурсат Сотников ҳам расида омад ва дар назди тавора каме истода, аз рӯи барфи тозаи ҳавлӣ ба тарафи девораи чоҳ рафт. Чоҳ, эҳтимол, дар харобкории дар ин ҷо ба наздикӣ воқеъшуда ягона чизе буд, ки зарар наёфтааст. Манҷаниқаш ҳам дуруст буд. Чангаки болошудааш аз дами шамоли сард оҳиста-оҳиста алвонҷ мехӯрд. Рибак бо алам сатили холии

сӯрохро бо мӯзааш як лагад зада, соғуи аробаи шикаста ва бечархро, ки барф нимпӯш карда буд, давр зада гузашт. Дар ин ҷо дигар чизи ба даст меовардагӣ набуд, чизеро ки оташ насӯхтааст, эҳтимол, одамон бурдаанд. Ҳавлӣ сӯхта хокистар шудааст ва дар он акнун касе нест. Аз инсон осоре ҳам намондааст, дар гирди тавора фақат изи гург буд – эҳтимол, вай ҳам ба ин хутори бадбахт қасде доштааст.

– Ба замин яксон кардаанд! – ғамгинона ба назди чоҳ баргашта ғурунгос зад Рибак.

– Касе сирро ошкор кардааст, – бо овози гирифта гуфт Сотников. Вай паҳлу ба девори чӯбии чоҳ дода, аз хунукӣ меларзид ва ҳамин ки сулфааш меомад, хирроси қафаси синааш, ки ба садои гармони вайрон шабоҳат дошт, ба гӯш мерасид. Рибак дасташро ба киса андохта, дар байни тирҳо як каф ҷавдори буғпазро ҷамъ овард, ки боқимондаи ҳиссаи имрӯзаи вай буд.

– Мехоҳӣ?

Сотников дасти худро начандон бо рағбат дароз кард ва Рибак ба он аз кафи худ ҷавдор рехт. Ҳарду хомӯшона ба хоидани донаҳои сард ва мулоим сар карданд.

Акнун эҳтимоли ба таври ҷиддӣ омад накардани кори онҳо бештар мешуд ва Рибак фикр кард, ки ноомади кор дигар тасодуфӣ нест: маълум мешавад, ки немисҳо отрядро сахт тазъиқ кардаанд. Гурусна мондани ин ду нафар он қадар аҳамияте надошт, фикри онҳое, ки дар ботлоқ хунук хӯрда гуруснагӣ мекашанд, азобашон медод. Одамон дар ин як ҳафтаи ҷанг беша ба беша давутоз карда аз ҳол рафта, аз бенонӣ бо як картошка лоғар ва ба замми ин боз чаҳор нафарашон маҷрӯҳ шуда буданд, ки ду нафари онҳоро ба сароча бор карда мебурданд. Гӯё ин кам бошад, онҳоро боз полису жандармҳо чунон печонда гирифта буданд, ки аз ҳеҷ ҷо сар бароварда намешуд. То даме ки аз ҷангал мерафтанд, Рибак фикр мекард, ки эҳтимол ин тарафи ҷангал баста нашуда бошад ва аз он ба деҳа гузаштан мумкин шавад, ки дар он тараф ҳар чӣ набошад, хутор ҳаст. Ана ҳоло умеди хутор барбод рафта, дуртар, дар се километр мавзее буд, ки дар он ҷо гарнизони полисҳо ҷой гирифта, атрофаш майдонҳои бедолу дарахт буд ва роҳи онҳо аз ҳамон ҷо мегузашт.

Ҷавдорро то охир хоида, Рибак баргашта ба Сотников ташвишомез нигарист.

– Аҳволат чӣ хел? Бад бошад, қафо гард. Ман шояд ба ягон деҳа расам.

– Як худат?

– Як худам, хайр чӣ? Дасти холӣ барнамегардем-ку?...

Сотников аз хунукӣ меларзид: дар шамол сардӣ боз ҳам сахттар таъсир мекард. Вай барои он ки илоҷе карда, боқимондаи гармии баданашро нигоҳ дорад, дастони сармохӯрдаашро ба даруни остинҳои васеи шинелаш чуқуртар медаровард.

– Чаро ту ягон телпаки дурусттар наёфтӣ? Ин гарм мекунад, магар? – бо коҳиш гуфт Рибак.

– Дар ҷангал телпак намерӯяд-ку.

– Бо вуҷуди ин ҳар мардаки деҳа телпак дорад.

Сотников зуд ҷавоб надод.

– Кашида гирифтан шарт нест. Дигар хел ҳам мумкин.

– Хайр, рафтем, – гуфтугӯро бурид Сотников.

Онҳо аз болои тавора гузашта, якбора ба майдон баромаданд. Сотников боз ҳам хамтар шуда, сари хурди пилоткадори худро ба гиребонаш даронтар кашида, кӯшиш мекард, ки рохравон рӯи худро аз шамол гардонад. Рибак аз ким-куҷои бағалаш дастпоккуни чип–чиркини пайтобамонандро бароварда афшонд ва ба ҳамроҳаш рӯй овард.

– Ма, гарданатро печон. Ҳар чӣ набошад, гармтар мешавад.

– Хайр, моне...

– Ма, ма! Набошад, тамоман ях мекунӣ.

Сотников бо дили нохоҳам истод, милтиқашро дар байни зонуҳояш фишурда, бо ангуштони аз хунукӣ шахшудаи худ як навъ карда, гарданашро бо дастпоккун печонд.

– Ана! – бо қаноатмандӣ гуфт Рибак. – Акнун биё як ба тарафи Гузакӣ зӯр мезанем. То он ҷо аз ду километр зиёд не. Кӯшиш мекунем, ки ягон чиз ёбем, ҳеҷ мумкин не ки...

## 2

Дашт назар ба ҷангал боз ҳам хунуктар буд, аз рӯ ба рӯ шамоли на он қадар сахт, вале хунуки сӯзон мевазид, ки аз он дастони бедастпӯшак ба дарду сӯзиш медаромаданд. Сотников онҳоро ҳар қадар гоҳ дар кисса, гоҳ дар остин, гоҳ дар бағал андозад ҳам, боз хунук мехӯрданд. Дар ин ҳол ва махсусан, гӯшҳоро зуд хунук занондан хеле осон буд ва Сотников аз дард рӯй турш карда онҳоро ба остини моҳутии шинел молиш дод. Ӯ аз пойҳояш хавотир набуд: онҳо аз роҳравӣ гарм мешуданд. Дуруст аст, ки ду панҷаи сармозаи поиросташ карахт шуда, чизеро ҳис намекарданд, вале онҳо пештар ҳам доимо аз хунукӣ карахт шуда дар гармӣ ба дард медаромаданд. Вале ҳоло дар ин хунукӣ ҳама аъзои бадани шамолхӯрдаи ӯ ниҳоят тоқатшикан дард карда, илова бар ин боз ба ларза даромад.

Боз бахти онҳо тофта буд–барфи дашт сахт буду на он қадар баланд, онҳо қариб ҳама ҷо рӯ-рӯи барф мерафтанд, фақат, баъзан ҷо-ҷо гоҳ як пой ва гоҳ пои дигарашон қабати сахтшудаи рӯи барфро шикаста ба он меғӯтид. Акнун онҳо қад-қади буттаҳои бурган аз пастхамӣ поён мерафтанд. Майдон нисбат ба ҷангал равшантар, торикии хокистарии шаффоф васеътар паҳн шуда, дар поён, дар рӯи барф шохаҳои аз шамол хушкшудаи бурган гоҳ-гоҳ ба назар мерасиданд. Чоряк соат нагузашта, дар пеш, дар наздикии дарё буттазоре сиёҳӣ кард, ки аз буттаҳои хаданг ва ё бед ба ҳам меомад ва онҳо шитоб накарда, ба сӯи он буттазор рафтанд.

Сотников худро торафт бадтар ҳис мекард: сараш чарх мезад, гоҳ-гоҳ дар шуураш гӯё ким-чӣ чӯкида фурӯ мерафт, риштаи хотирааш канда мешуд ва он дам вай дар як муддати кӯтоҳ фаромӯш мекард, ки дар куҷост ва ҳамроҳаш кист. Эҳтимол, бо ин аҳволи ӯ ба ҷангал баргаштан ва ё умуман аз ҷангал набаромадан зарур буд, вале ӯ ба таври ҷиддӣ нотоб шудани худро ба гӯшаи хаёлаш оварда ҳам наметавонист. Ҳаминаш монда буд, ки дар ҷанг бемор шавад. Аз онҳо ҳеҷ кас ба ин дараҷа бемор нашуда буд, ки ӯро аз супориш ва боз махсусан, аз ҳамин хел супориши дупула озод карда бошанд. Бисёриҳо месулфиданд, шамол мехӯрданд, лекин шамол хӯрдан дар ҷангал бетобӣ ҳисоб намешуд. Аз ин рӯ, Сотников он вақт, дар он ҷо, дар назди гулхани ботлоқ, ки командир фамилияи ӯро гирифта ҷеғ зад, дар бораи бемории фикр накард. Ба деҳа барои хӯрокворӣ рафтанро фаҳмида, ҳатто хурсанд шуд, чунки тамоми ин рӯзҳо гурусна буд ва ба замми ин дар хонае имконияти ягон соат сахт гарм шудан ҳавасашро меовард.

Ана гарм ҳам шуд.

Ҳар чӣ ҳам бошад, дар ҷангал аҳволаш сабуктар буд, дар ин ҷо, дар шамол ӯ худро тамоман бад ҳис кард ва ҳатто тарсид, ки афтоданаш мумкин аст: сараш ниҳоят сахт чарх мезад ва ӯ аз беқувватӣ мекалавид.

– Аҳволат чӣ тавр?

Рибак истода, ба қафояш нигарист. Ӯро мунтазир шуд ва аз ин як саволи одии вай, ки ба он ҷавоб додан зарур ҳам набуд, дар дили Сотников гармӣ пайдо шуд. Ӯ аз ваҷҳи ҳамроҳи худ бисёртар метарсид, мабодо ба вай бори сарзиёдӣ шавад, ҳарчанд медонист, ки агар аҳволаш бисёр бад шавад, ҳеҷ касро заҳмат надода, илоҷи худашро худаш меёбад. Ҳатто Рибакро, ки гӯё ба ӯ умед бастан мумкин аст, заҳмат намедиҳад. Пас аз он ки ба наздикӣ роҳи сангфаршро гузашта, қафо гаштани боқимондаи отряди торуморшударо таъмин мекарданд, онҳо ба якдигар ким-чӣ хел наздик шуданд ва баъд рӯзҳои охир якҷоя буданд. Эҳтимол, аз ҳамин сабаб ба ин супориш ҳамроҳ афтоданд.

– Ҳамин ки нишебиро гузаштем, аз паси он баландӣ деҳа мебарояд. Акнун дур нест, – то ин ки баробар равад, Рибак қадамашро суст карда, рӯҳи ӯро мебардошт.

Сотников ба ӯ расида гирифт ва онҳо ҳамроҳ аз нишебӣ роҳи худро давом доданд. Барф дар ин ҷо нисбат ба теппача баландтар буд ва пойҳо қабати тунуки онро бисёртар мешикастанд; моҳ акнун ба тахтапушти онҳо равшанӣ меафканд. Шамол дар саросари дашти пурбарф бошиддат сайр мекард, барҳои кӯтоҳи шинел ба зонуҳои сармохӯрдаи Сотников сахт-сахт бармехӯрданд. Рибак банохост ба рафиқаш рӯй овард:

– Якзайл пурсидан мехоҳаму ... дар армия ту кӣ будӣ? Албатта қаторӣ не-а?

– Командири баталион будам.

– Дар қӯшунҳои пиёда?

– Дар артиллерия.

– Ин хел бошад, ҳамааш маълум: кам роҳ гаштаӣ. Ана ман ҳама вақт дар сафи пиёдагардҳо қадам мезанам.

– То куҷо расидӣ? – роҳи худро ба тарафи шарқ ба ёд оварда, пурсид Сотников.

Вале Рибак инро дигар хел фаҳмид.

– Чунонки мебинӣ. Старшина будам, қаторӣ шудам. Ту сирф ҳарбӣ ҳастӣ?

– Он қадар ҳам не. То соли сиюнуҳум дар мактаб кор мекардам.

– Чӣ, институтро тамом кардаӣ?

– Институти муаллимиро. Дусола.

– Ман бошам, медонӣ, фақат панҷ синф маълумот дорам. Ҳамон ҳам...

Рибак гапашро тамом накарда, банохост бо ҳар ду пояш ғӯтида рафт, бо овози на он қадар баланд ҳақорат дода, аз канортар роҳ гирифт. Якбора буттазор, бедбуттаҳо ва наистон сар шуданд, барф ковоктар гардида, одамро қариб ҳеҷ дар болои худ нигоҳ намедошт: дар таги по ботлоқ будагӣ барин буд. Сотников беҷуръатона истод – вай намедонист, ки ба куҷо пой монад.

– Аз паси ман, аз паси ман биё. Аз рӯи из гардӣ, осонтар мешавад, – ба сӯи буттазор таноби роҳ кашида, аз дур гуфт Рибак.

Онҳо дар роҳи нишеби васеъ то аз қамишзори сармозада, ки беором хишир-хишир мекард ва аз дарёчаи барфпӯшида гузаштанд ва боз аз нав бо пойҳои худ барфи ковок ва баландро парешон карда, ба алафзор баромаданд, Сотников тамоман беҳол шуда, вазнин-вазнин нафас мекашид ва то ба охир расидани ботлоқзор ва сар шудани дашт худро бо азоб нигоҳ медошт. Ниҳоят буттазор қафо монд ва аз пеш баландие баромад, ки барфаш кам буд. Вале маълум шуд, ки боло рафтан осон набудааст. Сотниковро торафт хастагӣ фаро мегирифт, дар ӯ ба ҳама чизи олам ким-чӣ хел беаҳамиятӣ пайдо шуд. Дар гӯшҳояш як садои кашолдор – ё аз шамол, ё аз хастаӣ ҷарангос мезад ва ӯ, то наафтад, тамоми иродаашро ҷамъ карда, худро ба ҳаракат водор менамуд.

Дар миёнҷои нишебии дуру дароз аҳволаш тамоман бад шуд: пойҳояш суст гардиданд. Хайрият, ки дар ин ҷо барф камтар, ҷо-ҷо вайро шамол тамоман рӯфта бурдааст ва дар зери мӯзаи ӯ ҷойҳои пурчангу лойолуди урён ба назар менамуданд. Рибак хеле пеш рафт – эҳтимол, кӯшиш мекард, ки ба болои теппа расад ва ба атроф нигарад, ки бояд аз он ҷо деҳа менамуд. Бо вуҷуди ин вай то қулла нарасида истод. Ба Сотников чунин вонамуд, ки ӯ дар он ҷо чизеро дид, ки аз ин ҷо чӣ будани онро аниқ кардан душвор буд. Теппаи пурбарф ба сӯи осмони пурситора сар мекашид ва дар он ҷо, дар кадом нуқтае бо он меомехт ва дар хираравшании шаб нопадид мешуд. Дар қафо, дар зери туман ҳамвории фарох доман паҳн карда, дар он ҷо-ҷо тасмаи буттазорҳо, бо тарҳи хираи доғҳои мубҳам, сояҳои норавшан ва боз дуртар, ки аз ин ҷо қариб ба назар намерасид, ҷангали убур кардаи онҳо нопадид гашта буд. Он ҷангал хеле дур буд, шаб замини атроф саросар ях мебаст ва агар ҳодисае рӯй диҳад, аз ҳеҷ ҷо мададе намерасид.

Рибак ҳоло ҳам, то даме ки Сотников илоҷе карда ба назди ӯ кашола шуда омад, рӯяшро аз шамол гардонида меистод. Вай акнун аз рӯи нақши пои ӯ намерафт – ба ҳар ҷое ки рост ояд, по мемонд, фақат кӯшиш мекард, ки наафтад. Ва расида омада баногоҳ дид: роҳ дар зери пояш буд.

Онҳо ба ҳамдигар чизе нагуфтанд, истода гӯш доданд, нигоҳ карданд ва оҳиста-оҳиста, яке аз тарафи рост, дигаре аз тарафи чап боло рафтанд. Роҳ эҳтимол, ба деҳа мебурд – маълум мешавад, ки акнун дар роҳ наафтода, ба деҳа расидан мумкин аст. Дар атроф ҳамон фарохии шаффофи шаб – саҳрои хокистарранг, барф, нимторикие, ки дар он сояҳои номуайяни бисёре ҳамдигарро иваз мекунанд ва доғҳои мубҳам буданду халос. Дар ҳеҷ ҷо оташаке ба назар намерасид, ҳама ҷо дар сукут, хомӯш, ором ва гӯё замин дар худ пинҳон шуда буд.

– Исто!

Сотников як қадам гузошта, шах шуда монд, дар таги мӯзаи ӯ барф кӯтоҳакак хиширрос зад ва боз оромӣ ба миён омад. Дар паҳлу Рибак хомӯшу беҳаракат меистод. Аз ким-куҷои ҳамон тараф, ки роҳ тӯл кашида мерафт, садои номафҳуме ба гӯш расид – вай овози кандае буд, ки дар шаби сармо як садо дода, хомӯш шуд. Онҳо ба торикии шаб боизтироб нигаристанд, гӯё каме пештар, дар пастхамӣ деҳа буд: дар торикӣ як тирагии бесулуқай тасмаи качу килеб барин хира метофт. Лекин дар он ҷо ягон чизи муайянро дидан имкон надошт.

Онҳо ҳар ду дар ҳолате ки дар ҳақиқат садо будан ва ё ба онҳо вонамуд шудани онро намефаҳмиданд, ба пеш нигариста, дар роҳ шах шуда monданд. Дар атроф, дар байни бурганҳо шамол найкашӣ дошт ва шаб шаби хомӯши сарде буд. Ва баногоҳ аз сари нав, ин дафъа аз пештара нисбатан муайянтар садои одам ба гӯш расид, ки оҳанги фармон ва ё ҳақорат дошт ва баъди он аз дур садои тир баланд шуда, акси он ба тамоми саҳро паҳн шуда рафт ва ҳамаи шубҳаи онҳоро барҳам зад.

Рибак чизеро пай бурда, бо сабукӣ нафасашро рост кард ва Сотников, шояд аз он ки дуру дароз нафасашро нигоҳ медошт, ба сулфа сар кард.

Вай ҳар қадар кӯшиш мекард, ки сулфаашро нигоҳ дорад, вале намешуд, ӯ як дақиқа ба атроф гӯш дод, ки садоҳои нав ба гӯш мерасанд ё не ва беором сулфид. Дуруст аст, бе ин ҳам маълум буд, ки ин садои тир аст: охир дар ин нимашабӣ дар деҳа ғайр аз немисҳо ва нӯкарони онҳо дигар кӣ тирпарронӣ мекунад? Аз ин мебарояд, ки дар ин самт ҳам роҳи онҳо баста буда, қафо гаштанашон даркор аст.

Аммо дигар тирпарронӣ нашуд, як-ду бор шамол ба садо монанд чизеро, ки овози гуфтугӯ ва ё фарёд буданашро аниқ фаҳмида намешуд, ба гӯш расонд. Рибак мунтазир истода, бо ғазаб аз байни дандонҳояш ба рӯи барф туф кард.

– Ҷадал мекунанд, палидон! Барои Германияи бузург.

Онҳо боз камтар ба хомӯшии шаби пурбод гӯш дода, масъалаи баъд аз ин чӣ бояд кардан ва ба куҷо рафтани худро бо ташвиш фикр мекарданд. Рибак боз гӯё ба чизе умед доштагӣ барин, ба ҳамон тарафе менигарист, ки роҳ дар торикӣ гум шуда мерафт; Сотников аз шамол рӯ гардонда, аз сармо кам-кам ба ларза даромад.

– Маълум, ки ба ин ҷо ҳоҷати даромадан нест, – қарор дод Рибак, дар рӯи барфе, ки ғарч-ғарч садо мебаровард, пойҳои худро гарангона монугир карда: – Биё, аз ҳамин нишебӣ равем-чӣ? Ба ёдам ҳаст, ки дар ҳамин гирду атроф бояд боз як деҳа бошад.

– Рафтем, – кӯтоҳакак розӣ шуд Сотников ва аз хунукӣ китфонаш ларзида рафт.

Барои вай ба куҷо рафтан фарқ надошт, фақат дар ин шамоле ки то мағзи устухон мерасид, наистад, шуд. Ҳиссиёти вай, чун дар хоб, кунд мешуд, сараш пештара барин чарх мезад. Акнун тамоми кӯшиши вай фақат ба он сарф мешуд, ки пешпо нахӯрад, наафтад, дар акси ҳол вай, бешубҳа, дигар хеста наметавонад.

Онҳо аз роҳ тоб хӯрда, ба саҳрои пурбарф ба он тарафе, ки ким-чӣ хел буттазори васеъ сиёҳӣ мекард, равона шуданд. Дар аввал барфи нишебӣ камтар, то буҷулаки пой буд ва баъд торафт, махсусан, дар пастхамиҳо, баландтар мешуд. Хушбахтона, пастхамӣ он қадар васеъ набудааст, онҳо вайро зуд гузашта, ба тарафи буттазори тунук гузаштанд ва қад-қади он, вале ба он наздик нашуда, роҳ гирифтанд. Сотников ин мавзеъро хуб намедонист ва аз ҳамин сабаб аз ҳар ҷиҳат ба Рибак умед баста буд, ки ӯ ин ҷоро ҳанӯз тирамоҳ, вақте ки отряди на он қадар калони онҳо дар ботлоқи Горелий қувва ҷамъ мекард, бо пайроҳаҳои махфӣ давр зада баромада буд. Ин отряд дар роҳ кори худро аз амалиёти вайронкории на он қадар калон сар карда, пас ба корҳои муҳимтар машғул шуда, кӯпруки Ислянкаро тарконд, заводи зағирпояpкоркуниро сӯзонд, вале баъде ки кадом як хизматчии калони немисро кушт, истилогарон ба шӯру ташвиш афтоданд. Охири моҳи ноябр се ротаи жандармҳо ботлоқи Горелийро печонда гирифта, ба ҳуҷумҳои ногаҳонӣ сар карданд, ки дар натиҷа онҳо ротаи жандармҳоро ба зӯр рахна карда, дар ҷангали ҳамсояи Борков паноҳ бурданд.

Лекин он вақт Сотников аз ин ҷо хеле дур ва дар бораи партизанӣ фикр карданаш даргумон буд. Вай сеюм бор кӯшиш мекард, ки хатти фронтро бурида гузарад, аз армия берун мондани худро аз фикраш ҳам гузаронида наметавонист. Дувоздаҳ шабонарӯз боз гурӯҳи на он қадар калони артиллериячиён, ки аз корпуси як вақтҳо пурқуввати полки артиллерӣ боқӣ монда буд, аз поёни Слоним ба тарафи шарқ мерафт. Вале полк ҳангоми аз Березина гузаштанаш аз камин қариб пурра қир карда шуда буд ва онҳое ки безарар монданд ва ё ба қаъри дарё нарафтанд, ба асорати немисҳо афтоданд. Сотников ё аз хушбахтӣ ва ё аз бадбахтӣ, ки дар қатори ҳамин охиринҳо буд.

Бале, онҳо тӯпчиёни ӯ, разведкачиҳо, оташзанҳо ва алоқачиҳо бачаҳои оличанобе буданд. Ӯ ҳамроҳи онҳо тамоми сол аз тайёрии ҳарбӣ, маҳорат ва нишонзании амиқ дар машқҳои полк, армия ва машқҳои намунавӣ аз сардорон фақат баҳои аъло мегирифт. Фикр мекарданд, ки ҷанг сар шавад, ғалабаи дурахшони онҳо таъмин аст, орденҳо, мақолаҳои шуҳратовари рӯзнома ва ҳама чизҳои дигар тайёр мебошад, ки онҳо дар ҳақиқат ба онҳо омода буда, ба ҳамаи ин чизҳо, бешубҳа, меарзиданд. Ҳар чӣ бошад ҳам, аз дигарон дида, арзандатар буданд.

Вале дар ҷанг ҳамааш дигар тавр шуд. Ҳамин тавр шуд, ки дар ихтиёри батарея сонияҳои башумор монда буд ва ба натиҷаи калонтарин ҳамонҳое расиданд, ки зудтар нишон гирифта тавонистанд, чолокона тир ҷой карданд ва ниҳоят чобукӣ карда, ҳангоме ки дастонашон меларзид, худашонро гум накарданд.

Рибак бо қатъият пешопеш, қад-қади доманаи ҷангал мерафт. Сотников боз камтар қафо монд, мӯзаи кӯҳнаи вай, ки ба ӯ аз партизани ҳаминҷоии кушташуда расида буд, дар сахтии рӯи барф якнавохт хашар–хушур мекард. Роҳи онҳо ба поён мерафт, шамол акнун аз як тараф мевазид, дар осмон моҳ як зайл хираравшанӣ мекард. Ҳаво пештара барин хунук буд, шамол мевазид, Сотников худро дарҳам кашида, дарунаш шах шуда буд. Чунин менамуд, ки вай ҳеҷ вақт ин хел хунуки сабилмондаро надидааст, ки дар ин шаби феврал медид. Аз хастаҳолӣ, хишир-хишири якнавохти бурганзор ва шамол сараш ғуввос зада, дар он ибораҳои номафҳум ва гуфтугӯҳо ба ҳам меомехтанд. Баъзан дар ин бетартибии хираи фикрҳои ӯ аз гузаштааш чизе равшан намудор мешуд...

Барои Сотников аз ҳама бадтаринаш, ин аввалин ва охирин будани ҷангест, ки ба он комбат дар давоми тамоми хизмати ҳарбии худ тайёр мешуд. Вале таассуфангез он буд, ки ин ҷангали шум боз як бори дигар он санаи доимӣ, вале бисёр вақт ба ҳисоб гирифтанашавандаро муқаррар кард, на фақат қувват, балки беқувватии армия, ин ҳар ду, шояд натиҷаи ба эътибор гирифтани таҷрибаи ҷангҳои пешина аст.

Эҳтимол, хусусияти ҳар ҷанги минбаъдаро на он қадар қонуниятҳои доимии пешина, балки он ҳодисаҳои мустасно ва ғайричашмдоште, ки ба ҳисоб гирифта нашудаанд, вале ғалабаю мағлубияти ҷанг ба онҳо вобаста аст, муайян менамояд. Афсӯс, инро Сотников хеле дер фаҳмид, вақте фаҳмид, ки аллакай дарси кӯтоҳи илми ҷангии вай барояш бефоида буд ва тамоми қувваи батареяи ӯ ба тӯдаи филизоти қатупат мубаддал гашта, дар роҳи сангфарши поёни Слоним мехобид.

Ҳамаи ин ҳоло чун хоби мудҳиш бадвоҳима менамуд, ҳарчанд пас аз он боз дидани санҷишҳои даҳшатноктар ҳам дар қисмати ӯ будааст, вале он ҷанги нахустин ҳеҷ аз хотири ӯ намерафт.

... Рӯзи чаҳорум буд, ки сафи полк тарақ-туруққунон аз роҳҳои ҷангал ва қишлоқ кашола шуда, ба тарафи ғарб мерафт, баъд ба ҷануб гашт, вале даҳ километр ҳам нарафта буд, ки онро ба тарафи шимол гардонданд. Ғурроси якзайли тракторҳо гирду атрофро пахш карда буд, об дар радиаторҳо гарм шуда меҷӯшид, рӯи ҷанговарон аз арақ ва чанг месӯхт. Саҳар то шом авиатсияи немис болои сарашон буд, – «юнкерсҳо» сафро беист бомбаборон мекарданд. Дар роҳ ҳама дар зери хоку гил монда буд, мошинҳои вазнини ҳарбӣ бӯи бад бароварда месӯхтанд; зарарнадидаашон беист гузашта мерафтанд: саф ҳаракати худро бознамедошт. Ҷанговарон аз болои мошинҳо аз милтиқҳо ба боло бетартиб тир холӣ мекарданд, лекин аз ин тирпарронӣ

фоида кам буд. Онҳо ҳатто самолётҳоро барои болотар паридан маҷбур карда наметавонистанд, онҳо аз болои роҳ қариб ба дарахтҳо расида мегузаштанд.

Сотников дар трактори сари батарея менишаст ва фармони аз ин роҳи наҳс фуромадан ва саф кушода паҳн шудани батареяро чун наҷот ва бахти бузург мунтазир буд. Ана он вақт вай немисҳоро пешвоз мегирифт. Вай ба сари онҳо чунон чизе фурӯ мерехт, ки дар хобашон ҳам надида бошанд. Вале ҳатто фармони истодан ҳам набуд, полк ҳаракат мекарду ҳаракат мекард ва ҳар ду соат дар болои онҳо «юнкерсҳо» ва «хекелҳо» бори худро густохона холӣ менамуданд, ки ҳамаи ин қувваи оташфишон дар назди онҳо илоҷе надошт.

Ҳамин тариқ охирин шаби саргардонии онҳо дар роҳҳои ғарбии Белоруссия фаро расид.

Полк акунун он полки пештара набуд: чанд расчет нобуд шуд, дар роҳ қариб рост ба болои тӯпи батареяи ӯ бомба афтода, онро пора-пора карда партофт. Дуруст аст, ки ҳоло сетояш дар ифоқа буд, ҳарчанд ҷо-ҷои зиреҳҳояшон пачақ, тасмачархҳо канда ва дар милу қисмҳои аслӣ ва номутаҳаррики худ паи бисёри тир доштанд. Равғандони аз тир сӯрохдоштаи тӯпи дуюм ба чакидан сар кард. Нафарони батарея чор каси кушташударо аз қафо, дар притсеп, дар болои қуттии гулӯлаҳо мебурданд, ҳафт нафари маҷрӯҳшударо ба ақибгоҳ фиристода буданд. Ҳар чӣ бошад ҳам, инҳо талафоти калонтарин набуданд, аҳволи батареяҳои дигар боз бадтар буд. Колоннаи полк қариб нисф кам шуда, чанд тӯп дар роҳ монда буд: тракторҳои вайрон онҳоро кашида наметавонистанд, эҳтиётиаш набуд. Ҳоло қариб тамоми шаб ба тарафи шарқ мерафтанд ва ин аломати бад дошт: ёрдамчии сардори штаб аз қуттии ӯ тамоку кашида ишорае кард, ки дар муҳосираанд, дар ҳақиқат ба ин монанд буд. Ҷанговарон тамоми чаҳор шабонарӯз нахобида буданд, баъзеҳо дар болои қисмҳои аслӣ ва номутаҳаррики тӯп нишаста, қарибии саҳар камтар пинак рафтанд – агар ин номуайянии вазъият, ки дар болои полк чун марги муфоҷот доман густарда буд, набошад, шаб аз ҳама вақти ором буд. Пеш аз субҳ, дар ким кадом қишлоқ исти кӯтоҳе карданд, аз пеш пиёдагардҳо меомаданд; на он қадар дуртар дар торикии шаб кадом як чизи авиатсия оташзада бо алангаи рахшоне, ки нисфи осмонро гирифта буд, месӯхт. Мегуфтанд, ки истгоҳ аст. Ҳеҷ кас ба онҳо ҳеҷ чиро нафаҳмонд, маълум буд, ки командирҳо аз ҷанговарон бисёртар намедонанд, вале одамон худ аз худ фаҳмиданд, ки немисҳо тамоман наздиканд. Дере нагузашта командири полк майор Парахневич сафро ба паҳлу, ба роҳе гардонд, ки дар ду тарафаш бед шинонда буданд. Ба ҷануб, ба кадом як манзили номаълум равона шуданд. Шабона бе авиатсия оромтар буд, декин онҳо кару кӯр буданд: аз ғурроси тракторҳо ҳеҷ чизро шунида намешуд, дар торикии шаби тобистон бошад, бисёр чиз ба назар наменамояд. Пеш аз субҳ Сотников дигар тоқат карда натавониста, дар курсӣ ба пинак рафта буд, ки ӯро таркиши раъдосое дар канори роҳ аз оғӯши хоб канда гирифт. Ба сару рӯи комбат хок ва мавҷи гарми таркиш бархӯрд, ӯ ҳамон лаҳза парида хест: «Комсомолетс» ба тарафи тасмачархи росташ хеле фурӯ рафта буд. Ва дар ҳамон ҷо сар шуд...

Баробари дамидани субҳ, ки аз паси бедҳо як бари осмон ба ранги кабуди дурахшон ва саҳрои ҷавдор хокистарӣ метофт, аз ким-куҷо, аз пеш, аз сари саф, онҳоро танкҳо ба тирборон сар карданд. Сотников аз трактор поён наҷаҳида, дар паҳлу аллакай тягачи батареяи сеюм аланга гирифт, тӯпи вазнини қалъазан ба чуқурӣ ғӯтида рафт. Ӯ, ки аз зарби таркишҳои наздик гӯшҳояш қулф зада буд, ба батарея фармон дод, ки ба тарафи чап ва рост гарданд, вале ба тӯпҳои бесулуқай дар ин як роҳи танг тоб хӯрдан он қадар осон набуд. Расчети дуюм ҷӯйборро гузашта, ба тарафи ҷавдор шитофт ва худи ҳамон лаҳза ба трактораш ду гулӯла зада таркид, тӯпи вазнини қалъазан чаппа ва чарххояш ба осмон шуд. Субҳ аз алангаи дурахшони тракторҳои оташгирифта равшан мешуд, ниҳолон аз паси дуд наменамуданд – полкро дар роҳ танкҳо тирборон мекарданд.

Бадтарин воқиае, ки шуданаш мумкин буд, ҳамин буд, – онҳо нобуд мешуданд, вале тамоми қувваи офташфишони онҳо қариб ҳеҷ ба истифода нарафта мемонд. Сотников фаҳмид, ки онҳо чанд сонияи кӯтоҳе дар ихтиёр доранд, илоҷе карда, тӯпи охирини сиҳатмондаро дар худи болои роҳ гардонд ва пояҳояшро мустаҳкам накарда, баробари ҷилди милашро кашидан

бо гулӯлаи вазнин паронд. Дар аввал дар куҷо будани танкҳоро дидан ҳам имкон надошт: мошинҳои пешгард месӯхтанд, аз он ҷанговарони сиҳатмонда мегурехтанд, дар пеш дуд ва тракторҳои қатупатшуда барои нишон гирифтан халал мерасониданд. Ҳарчӣ ҳам бошад, вай пас аз ним дақиқа аввалин танки немисро дид, ки аз он тарафи ҷӯйбор оҳиста хазида меомад ва мили гулӯлапарронашро гардонида, ба саф аз уреб беист тир мепаронд. Сотников нишонзанро ба як тараф тела дода (ба тӯп гулӯла ҷой карда шуда буд), мили ғафси тӯпро ба азобе бо дастони ларзон то охир тоб дода, дар ин пагоҳии дудолуду хиралавшан ниҳоят он чизи бадҳайбатро дар миёнаи чорраҳа дарёфт ва ба нишон гирифт.

Садои тири ӯ чун раъд гулдурос зада рафт, тӯп ӯро сахт ба қафо тела дода, ба ҷоғаш сахтакак зад; дар поён, аз зери позаҳои номустаҳкам, аз сангҳо шарора ҷаст, як поя бо позаҳои худ ба лаби ҷӯйбор чуқур фурӯ рафт, дигараш дар болои роҳ овезон монда буд. Вай аз байни чанге, ки аз парондани тир хеста буд, ҳоло чизеро дида натавониста бошад ҳам, чӣ хел бо хурсандӣ фарёд задани нишонзанро шунида фаҳмид, ки тираш ба нишон расидааст. Вай ҳамон лаҳза ба болои тӯп хам шуда дид, ки аз паси роҳ танки дуюм қариб тамоми доираи биниши онро бо худ панаҳ карда, ҳаракат мекунад, мили тӯпро ба пешонии калони хокистарии он рост кард – танк дар дурбин ниҳоят наздик менамуд – ва фарёд зад: «Оташ!» Нишонзан ҳамон лаҳза амал кард ва аз садои тир боз гӯшҳояш руст шуданд, вале ин дафъа ӯ худашро аз болои тӯп ба як тараф гирифта тавонист ва аз байни чанги пеши мил дид, ки ҳамон чизе ки то як сонияи паронидани тир танк буд, чӣ тавр чун пӯчоқи тухм қасаррос зада, аз таркиши дохилии худ ба ҳар сӯ пора-пора шуда рафт. Тӯпи дағали вазнин, ки барои аз ақибгоҳи дур паронда буд, бо гулӯлаи пурқудрати худ танкро пора-пора карда партофт.

Онҳоро баногоҳ шавқу ҳаяҷони муваффақияти ҷангӣ фаро гирифт. Онҳо дигар ба талафоти худ, ба кушташудагон ва маҷрӯҳон, ки дар рӯи қайроқсанги чангзеркарда ба хуни худ ҷӯлида мехобиданд, бо оташе, ки техникаи онҳоро фурӯ мебурд, бо сели тире, ки аз танкҳо фурӯ мерехт, аҳамият надода, бо чанд расчети безарармонда бо танкҳо ба ҷанги нобаробар даромаданд. Дар ин муддат субҳ равшан шуд, акнун ҷои нишон мегирифтагиро дидан мумкин буд. Дар он сӯи роҳ чанд сӯхтор дудолуд аланга мезад: мошинҳои немисҳо месӯхтанд.

Сотников шаш гулӯлаи вазнин паронд ва боз ду танки дигарро майда–майда карда партофт. Лекин кадом як ҳисси бешуурона, ки аз наздикии хатар пуршиддаттар шуда буд, ба ӯ хабар медод, ки барорашон поён ёфта истодааст, он сонияҳоеро, ки қисмат ва ё тасодуф ба ӯ бахшида буданд, ӯ пурра истифода кард ва минбаъд дуюм ва сеюм гулӯлае, ки аз танк мепарад, ба ӯ равона хоҳад шуд. Дар пеш, эҳтимол, аллакай зиндаҳо намонда буданд, аз он ҷо охирин шуда командири полк кашола шуда омад ва пояи тӯпро хунолуд карда, лағжида афтод; дар паҳлу дар ҷӯйбор чанд ҷанговар сӯрохии танкҳоро нишон гирифта, қарс-қарс тир холӣ мекарданд. Дар назди қуттиҳо тиркаш Коготков сар ба замин афтода мехобид, дар қафо дигар ҳеҷ кас набуд. Ин вақт Сотников худаш бо зону ба тарафи қуттии гулӯла рафт. Бо вуҷуди ин вай то он ҷо хазида рафта натафонист, аз қафо садои гӯшкаркунандае баланд шуд, мавҷи фишори сахти таркиш ӯро ба рӯи қайроқсанг парчин кард ва чанд сония дуру дароз роҳро пардаи сиёҳӣ нафасгир бо худ пӯшонд. Ӯ аз чангу хок нафастанг шуда бо вуҷуди ин бо як зарраи шуур дар кард, ки зиндааст ва ҳамон замон дар зери пошхӯрдаҳои лою хок, ки аз боло ба сараш фурӯ мерехтанд, ба сӯи тӯп давид. Вале тӯп дар лаби чуқурӣ яклаба шуда базӯр меистод, аз таркиш милаш ба як тараф тоб хӯрда резини чамбараки чарх бӯи бад бароварда месӯхт. Ана он вақт ӯ фаҳмид, ки бо ҳамин кор тамом аст. Вай ҳанӯз он қадар дуруст намедонист, ки худаш сиҳат мондааст ё не, вале ҳис мекард, ки кар шудааст: таркишҳои атроф гӯё ба паси девори ғафси овозногузар рафтанд, садоҳои дигар якбора гум шуданд, сараш дуру дароз ва дардовар ғуввос мезад. Аз бинияш хун намоён шуд, вай онро ба рӯи чиркинаш молид ва аз роҳ лағжида ба ҷӯйбор фуромад. Аз муқобил, аз паси бедҳо, эҳтимол, тасмачархҳои танке ки ӯро зада буд, вазнин-вазнин ҳаракат карда меомад. Шамоли тозаи пагоҳӣ фағонаҳои дуди сиёҳро, ки аз трактори сӯхта мехест, паҳн менамуд, атроф бӯи солярка ва таркиш, бӯи тротил мекард, дар китфи командири мурдаи полк гимнастёрка дудкунон месӯхт.

Сотников аз ин торумори ногаҳонӣ моту мабҳут шуда, дақиқае ба танкҳои немис, ки аз он тарафи роҳ мехазиданд, ба рақамҳои сиёҳу сафед ва нақши салибӣ аз рӯи қолиб кандашудаи онҳо гарангона нигариста монд. Ва ҳамон вақт касе аз остини ӯ кашид. Ӯ сарашро гардонд – дар пеши ӯ рӯи сиёҳ ва хунолудаи старшинаи батарея пайдо шуд, ки фарёдкунон чизе мегуфт ва ба дастонаш ба ӯ ба ақибгоҳ, ба он ҷое ки ҷанговарон аз даруни ҷӯйбор мегурехтанд, ишора мекард.

Онҳо ҷастанд ва аз байни дуди ғализи болои роҳ хам шуда, ба он сӯ тохтанд...

**3**

Рибак димоғачаи ҷангали майдадарахтро гузашта истод. Дар пеш, дар нишебии теппача, ки дар иҳотаи шаб базӯр ва хира метофт, биноҳои охирини деҳа сиёҳӣ мекарданд. Аз ин ҷо чӣ хел намудани онро Рибак ҳоло дар хотир надошт: як вақт, сари тирамоҳ онҳо аз канор, аз роҳ гузашта рафта, ба деҳа надаромада буданд. Лекин ин чиз ӯро ҳоло кам ба ташвиш меандохт – муҳимаш муайян намудани он буд, ки дар ин ҷо немисҳо ва ё полисҳо ҳастанд ё не, то ки нохост ба дом наафтанд.

Вай дар назди бутта камтар гӯш дода истод, вале гӯё аз қишлоқ ҳеҷ садои шубҳанок шунида намешуд. Чанд садои канда-канда ва гирифтаи шабона ба гӯш расид, саге танбалона аккос зад. Шамол ба мисли пештара дар роҳҳои сармохӯрда як хел беист ва оҳиста ҳуштаккашон мевазид, бӯи дуд мерасид, эҳтимол, дар куҷое алав мекарданд. Дар ин муддат Сотников аз қафо расида омад ва ӯ ҳам ба торикӣ синча кард.

– Хӯш, чӣ гап?

– Оромӣ барин-ку, – бо овози паст гуфт Рибак. – Рафтем, оҳиста-оҳиста...

Ба хонаи канортарини ин деҳа, ки то худи тирезаҳояш ба барфтӯда ғӯтида буд ва аз наздик сиёҳӣ мекард, рафтан мувофиқтар ва роҳаш ҳам наздиктар буд, аз он ҷо кӯча сар мешуд. Вале дар назди хонаи канорӣ ҳама вақт хавфи ба ягон нохушӣ бархӯрдан ҳаст: одатан посбонҳо ва патрулҳо дар охири кӯча роҳи худро тамом мекунанд, полисҳо низ дар ин ҷо камин мегиранд. Ва ӯ аз рӯи барф рафта ба паҳлу тоб хӯрд. Онҳо ба сӯи биноҳои на он қадар дур, ки дар охири полези канори деҳа ҷафс–ҷафс ҷойгир шуда буданд, равона шуда, қад-қади панҷараи дуқатораи симхордор рафта, нишебиро гузаштанд. Вай хирманҷо буд. Дар он ҷо дар паси кунҷи кафидаи бедахона ва сарои ғаллакӯбии бомаш сӯрох–сӯрох онҳо боз як дақиқа гӯш дода истоданд ва Рибак ба қафояш нигоҳкунон ба назди хирманҷо рафт. Аз ин ҷо то кулбаи танҳои пастак ва саройчадор, ки пайраҳаи пурбарф сӯи онҳо мебурд, хеле наздик буд. Рибак аз он ду қадам монда, ҳамон замон худро ба рӯи барф гирифт – пайраҳа дар зери по баланд хиширрос зад. Сотников аз қафои ӯ худро ба як тараф гирифт ва онҳо ҳамин тавр, аз ду тарафи пайраҳа ба сӯи кулбача равон шуданд.

Онҳо ҳанӯз ба саройча ҳам нарасида буданд, ки ба гӯшашон садои тӯқ-тӯқ расид – касе ғӯё бо дили нохоҳам бо ними қувваташ ҳезум мекафонд. Рибак хурсанд шуд: агар ҳезум кафонанд, маълум мешавад, ки дар деҳа бегонаҳо нестанд, бояд оромӣ бошад. Ба заммӣ ин тирезаро кӯфта, хоҳиши даромадан кардан лозим намешавад – ҳама чизро аз ҳезумкафон пурсидан мумкин аст, дуруст аст, ҳамон лаҳза аз хаёлаш гузашт, ки беэҳтиётӣ карда одамро тарсондан мумкин, рафту бегонаҳоро дида дарро аз дарун маҳкам кунад, ана он вақт қанд зану ӯро аз кулба берун барор. Ва ӯ то ҳадди имкон саройчаро оҳистакак давр зада гузашт, аз охири ходаҳои дар рӯи барф партофта гузашта, аз кунҷ баромад.

Дар торикии сиёҳчатоби хокистарӣ дар назди панҷараи ҳавлӣ касе бо ғӯлакафонӣ овора буд. Рибак зан будани ӯро якбора нафаҳмид ва ӯ дар қафои худ шарфаи поро шунида нохост тарсида, дод гуфт.

– Ҷим, очаҷон! – на он қадар баланд гуфт Рибак.

Ин зани қадпастаки солхӯрда, ки рӯймолро ба сараш дағал ва ғафс карда баста буд, дар назди Рибак шах шуда, садо ҳам бароварда наметавонист. Рибак аз рӯи эҳтиёт ба даре, ки ба сӯи даҳлез мебурд, нигоҳ кард, он маҳкам буд, дар рӯи ҳавлӣ гӯё каси дигаре набуд. Бо вуҷуди

ин вай он қадар хавф надошт – ӯ аллакай медонист, ки дар ин деҳа оромист. Полисҳо, эҳтимол нишаста, араҷи дастӣ нӯшида истода бошанд.

– Хайр, худогӯӣ кифоя. Дар деҳа полисҳо бисёранд?

– Нестанд полисҳо. Якта буд, он ҳам ба куҷое кӯчида рафт. Дигар нест.

– Хӯш, – Рибак дар рӯи ҳавлӣ гашта, аз кунҷ ба берун нигоҳ кард. – Деҳа чӣ ном дорад?

– Лясини. Деҳаи Лясини, – ҷавоб медод зан, ки ҳоло ҳам тарсаш нагузашта, саропо диққат буд.

Табари вай ба ғӯлаи ғурмдори коҷ чуқур фурӯ рафта буд, ки зан зоҳиран, беҳуда зӯр мезад, ки онро кафонда бӯлак кунад.

Рибак аллакай фикр карда дид, ки дар ин ҷо озуқа ҷамъ кардан бад намешуд: даромад–баромади хуб дорад, дар роҳ сарои ғаллакӯбӣ, ҷангалча ҳаст, рафту ягон чӣ шавад, вай онҳоро аз чашми бегона пинҳон медорад.

– Дар хона боз кӣ ҳаст?

– Ман худам танҳо-ку, – гӯё аз бехабарии онҳо ҳайрон шуда ҷавоб дод зан.

– Дигар ҳеҷ кас нест?

– Ҳеҷ кас. Ҳамин хел як худам зиндагӣ мекунам, – баногоҳ шикоят кард зан, нигоҳи хавотиромези худро аз ӯ наканда, ки эҳтимол, мехост мақсади пинҳонии ташрифи шабонаи онҳоро пай барад.

Вале ба Рибак ин оҳанги шикоятомез ва мутеонаи гуфтори занони деҳа ба ӯ кайҳо шинос буд, бо ин роҳ тараҳҳуми вайро овардан осон набуд. Ҳоло ӯ шароити ҳавлиро меомӯхт – дарвозаи кушодаи оғилро дид ва ба даруни он, ки торику пур аз бӯи ҳар гуна ахлот буд, нигарист.

– Чӣ, холист магар?

– Холӣ, – бо овози маҳзун тасдиқ кард зан, аз табари худ дур нашуда. – Ҳамаро пок-покиза кашида гирифтанд.

– Кӣ гирифт?

– Кӣ гирифтанаш, албатта, маълум. Модари аскари сурх гуфта гирифтанд. Дар гулӯяшон дармонад, лаънатиҳо!

Ҳамин дам Рибак ба зан нигоҳи дилсӯзонае афканд – ӯ ба лаънат фиристодан сар карда бошад, дурӯғ намегӯяд, бовар кардан мумкин аст. Ӯ фаҳмид, ки аз ин ҷо ҳам эҳтимол, чизе нарӯяд, дар дилаш норозиёна «ҳм» гуфта монд – охир як сӯзанаш намонда гирифта намебарӣ-ку, бе ин ҳам немисҳо тороҷ кардаанд. Дигар ҷойро кофтан лозим меояд.

Сотников дар таги девор пушт хам карда, маҳзунона мунтазир буд ва Рибак ба сӯи зан қадам монд.

– Чӣ кафонда наметавонӣ?

Зан фаҳмид, ки вай ёрӣ мекунад ва андак хурсанд шуда, ҳамон лаҳза хавфу ҳароси худро дур кард.

– Ана, ана, ба задан задаму кашида наметавонам. Бегоҳ боз зӯр мезанам, на ин тараф, на он тараф...

– Канӣ, бидеҳ!

Рибак карабини худро ба паси китфаш партофта бо ду даст аз дасти хушки ҳамвори табар гирифт. Ӯ «ҳаъ» гуфта табарро сахт ба ғӯлачӯб зад ва боз зад. Ӯ созу бехато, бо қаноатмандӣ, дар дастонаш зӯр ва маҳорати бачагиро, ки шабҳои зимистон барои саҳарӣ ҳамин хел ҳезум мекафонд, ҳис карда, табар мезад. Арра карданро дӯст намедошт, ба ҳезумкафонӣ доимо бо хурсандӣ тайёр буд ва дар ин кори вазнин, ки чустучолокии мардонаро талаб мекард, қаноатмандии азалӣ медид.

Ӯ чорум бор зарба зада буд, ки ғӯла аз паҳлуи гурм каҷ кафида ду пораха шуда рафт. Ӯ нимпорахаҳоро ҳам кафонд.

– Э, раҳмат, писарҷон. Илоҳо, саломат бошӣ, – миннатдорӣ мекард зан, ки аз тарси пешинааш осоре намонда буд.

– Бо раҳмати хушк халос намешавӣ, оча. Хӯрокворӣ ҳаст?

– Хӯрокворӣ? Чӣ хел хӯрокворӣ? Картошка ҳаст. Лекин хурд-хурд. Рафту лозим бошад, дароед, пухта медиҳам.

– Вай чӣ мешавад? Ба мо бо худ бурдан даркор. Ягон чорво мебуд.

– Ҳе, чорво. Ҳозир чорворо аз куҷо меёбӣ...

– Дар он ҷо кӣ зиндагӣ мекунад? – Рибак бо дасташ аз болои полез он тараферо нишон дод, ки дар паси чиғҳои нӯгтез боми пурбарфи хонаи ҳамсоя сафедӣ мекард. Дар он ҷо гӯё оташ афрӯхта буданд: шамол ба ҳавлӣ бӯи дуд ва чизи хӯрданиро меовард.

– Ҳавлии Петр Качан. Вай ҳоло амини ин ҷо, – софдилона хабар дод зан.

– Ҳамин тавр? Амини ин ҷо? Ту мешунавӣ? – Рибак ба тарафи Сотников, ки ба кунда такя дода, дар таги девор тоқат карда меистод, рӯй овард.

– Хайр чӣ? Амин мондаанд.

– Палид будагист-а?

– Не, одами бад не. Худӣ, ҳаминҷоӣ.

Рибак пас аз фурсате қарор кард:

– Хайр, рафтем ба хонаи амин. Вай аз ту, албатта, бойтар будагист.

Онҳо худро ба роҳҷӯӣ овора накарда, аз таги чиғи тавора аз ҳаётаи хокистарпӯш, ки ба рӯяш пӯчоқи картошка пошида буданд ва аз сӯрохии чапаракдевори кӯҳна гузашта, ба ҳавлии амин даромаданд. Ин ҷо нисбат ба ҳавлии ҳамсоя батартибтар буд, дар ҳама чиз муносибати дилсӯзонаи соҳибаш ҳис карда мешуд. Се тарафи ҳавлиро биноҳо печонда буданд: хона, оғил, айвон; дар назди остона чанаи деҳқонии ба дарунаш қаҳпартофта меистод, ки гувоҳи бешакку шубҳа дар хона будани соҳиби ҳавлӣ буд. Дар таги боми оғил як сарҷини баланд ва калони ҳезум, ки арра карда кафонида шуда буд, менамуд.

Ҳанӯз вақти ҳаётаро гузаштан, Рибак дар тирезаи яхбаста шӯълаҳои хирaро дида буд, ки шояд аз чароғи сиёҳ пошида мешуданд ва ӯ акнун бо қатъият ба тахтаи ғиҷирросии остона пой монд.

Вай тақ-тақ накард – дар қулф набуд, ба ӯ, ба одами қишлоқӣ кушодани он хеле осон буд: ҳалқадавакашро чоряк давр гардонда буд, ки дар пастакак ғиҷиррос зада худаш оҳиста кушода шуд, ӯ бӯи тез ва доимии хонаи деҳқониро, ки қариб фаромӯш карда буд, нафас кашида, ба даҳлези торик даромад ва рӯи деворро оҳиста даст-даст кард. Панҷаҳои ӯ аввал ба ким-чӣ хел либосҳои сарди сӯзон расида, ҳалқаи дарро, ки дар ҳамаи хонаҳои қишлоқ як хел аст, ба осонӣ дарёфт. Ин дар ҳам қулф набуд, вай онро ба тарафи худ кашида, ҳалқаро ба дастони сарди Сотников дода, аз остонаи андаке баланд гузашт.

Дар болои тағорачаи чаппаи рӯи миз чароғи сиёҳ месӯхт, ки шӯълаи он аз фавҷи ҳавои хунук ба ларза даромада, каҷ шуд. Одами солхӯрдаи паси миз нишаста, ки риши кӯтоҳ қайчизада дошт ва ба китфаш пӯстинча партофта буд, сари сафедашро бардошт. Дар рӯи паҳни ӯ, ки аз таг ба таври ғайриоддӣ равшан мешуд, як нигоҳи норозиёна пайдо шуду боз худи ҳамон лаҳза дар зери абрӯҳои сафеди пастхамидааш нопадид гашт.

– Салом, – бо эҳтироми батамкин гуфт Рибак.

Албатта, ба ин хизматчии немис ин тавр салом надодан ҳам мумкин буд, вале Рибак гуфтугӯи барояш нохушро якора сар кардан намехост. Мӯйсафед бо вуҷуди ин, ҷавоб нагуфт, дар паси миз ҳатто наҷунбид, фақат як бори дигар, ин дафъа бе ҳеҷ хел кунҷковӣ ба онҳо нигарист.

То ҳол аз қафо хунукӣ медаромад – Сотников ноуҳдабароёна дарро пӯшониданӣ шуда, бенатиҷа тарақ-турук мекард. Рибак ба қафо назаре афканд ва бо як таққоси муқаррарӣ дарро пӯшид. Ниҳоят соҳиби хона, ифодаи бепарвоёнаи чеҳраи худро дигар накарда, гӯё кӣ будани ин шабравони нохондаро пай намебурда бошад, дар паси миз рост шуд.

– Ту амини ҳамин ҷо ҳастӣ? – бо оҳанги расмӣ пурсид Рибак, ба сӯи миз равон шуда. Мӯзаи ғаниматии вай аз хунукӣ лағжонак шуда буданд ва маҷбур буд, ки қадамашро боэҳтиёт гузорад.

Мӯйсафед оҳ кашид ва эҳтимол, дар пеш гуфтугузоре буданашро фаҳмид ва китоби ғафсро, ки то ин дам паси чароғи сиёҳ мехонд, пӯшид.

– Бале, амин, – гуфт ӯ бо овози муқаррарӣ, ки дар он на оҳанги тарс буду на тамаллуқ.

Ин вақт аз паси бухорӣ хирроси кӯтоҳе шунида шуд ва рӯймоли сарашро дуруст карда, аз паси парда зани хурдакак ва лоғараки аз афташ хеле серҳаракат, ки эҳтимол, соҳиби хона буд, пайдо шуд. Рибак карабинро аз киташ гирифта, ба пояш такя дода рост карда монд.

– Кӣ будани моро пай мебарӣ?

– Кӯр нестам, мебинам. Агар барои арақ омада бошед, нест. Ҳамаашро гирифтанд.

Рибак ба Сотников нигоҳи маънидоре кард: ин кундаи пир онҳоро полис-ку гумон намекунад? Агар ин тавр бошад, хуб ҳам будагист, фикр кард ӯ тамкини ҳалимонаи худро нигоҳ дошта:

– Чӣ илоҷ, арақ набошад ҳам, майлаш.

Амин гӯё дар бораи чизе фикр карда хомӯш монд ва тағорачаи милмилакдорро ба канори миз тела дод. Рӯи фарш равшантар шуд.

– Ин тавр бошад, шинед.

– Ҳа, ҳа, шинед, шинед, бачаякҳо, – аз таклифи мард хурсанд шуд зан. Ӯ курсичаро аз назди миз гирифта, ба пеши бухорӣ гузошт, ки дар он сӯхта тамом шудани ҳезуми барои шаб андохта намудор буд. – Ин ҷо гармтар аст, хунук хӯрдагистед, албатта. Чунон хунук, ки...

– Як нафас шинем ҳам мешавад, – розӣ шуд Рибак, вале худаш нанишаста, ба Сотников ишора кард: – Бишин, гарм шав.

Сотниковро ба розӣ кардан ҳоҷат набуд – вай ҳамон дам ба курсӣ нишаста, тахтапушташро ба девори сафеди паҳлуи бухорӣ часпонд. Милтикро, гӯё ба он такя медода бошад, дар дасташ нигоҳ медошт, ҳатто пилоткаи сарашро дуруст накарда буд ва он чи хеле ки ба болои гӯшҳои сармохӯрдааш чуқур фаровардагӣ буд, ҳамон хел меистод. Рибак дар ин муддат торафт гармтар мешуд, вай тугмаи нимпӯстинашро аз боло кушода телпакашро ба пушти сар тела дод. Мард дар паси миз ба ҳамон қиёфае, ки ифодаи мустақилӣ ва карахтӣ дошт, рост меистод, соҳибхоназан дастонашро ба рӯи шикамаш гузошта, ҳар як ҳаракати онҳоро бо тарсу ҳарос назорат мекард. «Метарсад», – фикр кард Рибак. Вай пеш аз он ки шинад, аз рӯи одати партизании худ, хонаро як давр зада, тасодуфан гӯё ба торикии паси бухорӣ назар андохта, дар назди ҷевони фанерии сурх, ки кунҷи катдори хонаро панаҳ мекард, истод. Соҳибхоназан бо эҳтиром худро як тараф гирифт.

– Дар он ҷо ҳеҷ кас нест, бачаҳо, ҳеҷ кас.

– Чӣ, худатон танҳо зиндагӣ мекунед?

– Танҳо. Ана бо мӯйсафед ба ризқи зиндаҳо шарик шуда гаштаем, – бо ҳасрати ошкоро гуфт зан. Ва баногоҳ на ин ки таклиф, балки гӯё амр кард: – Шумо ягон чӣ мехӯрдагистед? Гурусна ҳастед, гапам дуруст аст? Албатта, аз беруни хунук омадед, боз хӯроки гарм нахӯрда...

Рибак табассум кард ва бо қаноатмандӣ дастони хунукхӯрдаашро молиш дод.

– Шояд хӯрем ҳам. Фикри ту чӣ хел? – бо дудилагии сохта ба Сотников муроҷиат кард ӯ. – Агар хонум амина меҳмон кунанд, шикамро бақувват карда мегирем...

– Ана ин хеле хуб мешавад. Ман ҳозир, – хурсанд шуд зан. – Карамам ҳоло гарм будагист. Ва боз... Картошка ҳам пазам?

– Не, пухтан лозим не. Фурсат нест, – бо қатъият эътироз кард Рибак ва ба амин, ки дар кунҷ ба миз такя карда беҳаракат менишаст, каҷ назар афканд.

Дар болои сари ӯ се тимсоли қадимаи пайғамбарони насронӣ, ки бо дастпоккуни гулдӯзӣ баста шуда буданд, сиёҳӣ мекарданд. Рибак ба тарафи девори дутиреза бо мӯзаҳояш вазнин қадам монда, дар назди чаҳорчӯбаи калони оинабанди суратдор омада истод. Ӯ қасдан ба амин рост наменигарист, вале пай мебурд, ки вай худаш аз паси ӯ беист, пинҳонӣ назорат мекунад.

– Ба немисҳо хизмат мекунам, гӯй?

– Лозим меояд, – оҳ кашид мӯйсафед. – Чӣ илоҷ!

– Музди бисёр медиҳанд, охир.

Мӯйсафед оҳанги тамасхури рӯирост доштани ин саволро ҳис накарда наметавонист, бо вуҷуди ин бо оромӣ ва эътибор ҷавоб дод:

– Напурсидаам ва донистан ҳам намехоҳам. Бо ёфту тофти худам қаноат мекунам.

«Аҷиб! – дар дил гуфт Рибак. – Маълум, ки баирода аст».

Ӯ ба девор, ба чаҳорчӯбаи тӯсӣ бодиққат нигоҳ карда, дар байни тахминан шаш расми ҳархела расми ҷавонеро дарёфт, ки ба ин мӯйсафед аранге монанд буда, дар тан гимнастёркаи дар петлитсаҳояш эмблемаи тӯпчӣ ва дар сари синааш се нишон дошт. Дар нигоҳи ӯ як ифодаи бепарвои ором ва дар айни ҳол боварии содалавҳонаи ҷавонона ҳувайдо буд.

– Кист ин? Писаратон будагист?

– Писарамон, писарамон, Толикҷонамон, – бо навозиш тасдиқ кард соҳибхоназан, ки дар паси китфи Рибак истода, ба сурат менигарист.

– Ӯ ҳоло дар куҷост? Баногоҳ полис-ку не?

Амин рӯи туршашро боло кард.

– Мо аз куҷо медонем? Дар фронт буд...

– Вой, худоҷоне, ҳамин ки соли сиюнуҳум рафт, дигар надидем. Тобистон боз хату хабар ҳам нест. Ақаллан медонистем, ки зинда аст, ё аллакай, устухоннакош пӯсида... – тағорачаи карамшӯрборо ба рӯи миз гузошта, ба гап даромад аминзан.

– Хӯш, хӯш – гуфт Рибак, ба суханҳои ноҳамвори ӯ ҷавоб надода. Ӯ мунтазир истод,ки зан суханашро гуфта тамом кунад, пас бо таъкид ба мӯйсафед гуфт: – Ту писаратро шарманда кардӣ!

– Набошад-чӣ! Ман ҳам шабу рӯз ба вай ҳамин гапро мегӯям, – бо ҳарорат аз назди бухорӣ сухани ӯро қувват дод соҳибхоназан. – Писарат ва ҳамаи дигаронро тамоман шарманда кардӣ...

Ин як андоза ғайричашмдошт буд, ба замми ин гӯё дар овози аминзан дарду ҳасрати амиқ ҳис карда мешуд. Бо вуҷуди ин, амин ба суханҳои ӯ ҳеҷ ҷавоб надода, беҳаракат хамида менишаст ва ба Рибак чунин намуд, ки ин мӯйсафед ноқисулақл аст. Вале ӯ дар ин бора фикр кардан замон қавоқи гирифтаи амин боз ҳам гирифтатар шуд.

– Бас! Кори ту не!

Зан ҳамон дам суханашро то охир нагуфта, хомӯш шуд ва амин нигоҳи инодкоронаашро ба Рибак дӯхт.

– Вай чӣ, маро шарманда накард? Ба немис дод – ин шармандагӣ нест?

– Ҳамин тавр шуд. Дар ин гуноҳи вай нест.

– Гуноҳи кист, набошад? Шояд аз они ман? – ҷиддӣ, бе истиҳола ва ё тарс пурсид мӯйсафед ва маънидорона ба миз тиқ-тиқ зад: – Гуноҳи шумо.

– Хӯш-ш, – номафҳум талаффуз кард Рибак ва гуфтугӯи на он қадар оддию барои ӯ нохушро, ки дар вақтҳои охир беинтиҳо будани онро медонист, давом надод.

Соҳибхоназан дастархони кӯтоҳакакро, ки ними мизро мепӯшонд, паҳн карда ба рӯи он тағорачаи карамшӯрборо гузошт, ки бӯи гӯшти он тамоми ҳиссиётҳои дигарро пахш карда, фақат ҳисси гушнагиро, ки якбора ба хурӯҷ омада буд, тундтар месохт. Рибак ба ин одам ҳеҷ эҳтиром ҳис намекард, муҳокимаи умумӣ ва сабабҷӯиҳои вай оид ба чи тавр амин шуданаш ба Рибак даркор набуданд – худи ба немисҳо хизмат карданаш ба ӯ ҳама чизро муайян менамуд. Бо вуҷуди ин ҳоло ӯ бениҳоят хӯрок хӯрдан мехост ва Рибак қарор кард, ки давоми муайян намудани муносибати мӯйсафедро бо немисҳо андак ба таъхир гузорад.

– Бишинед, камтарак хӯрок хӯред. Мана, нон гиред, – бо меҳрубонии пурнавозиш муроот мекард соҳибхоназан.

Рибак телпакашро нагирифта, ба паси миз гузашт.

– Гир, мехӯрем, – гуфт ӯ ба Сотников.

Вай беҳолона сар ҷунбонд:

– Хӯр. Ман намехӯрам.

Рибак ба рафиқаш, ки дар курсӣ хам шуда сулфида менишаст, бодиққат нигоҳ кард. Вай ҳатто гоҳ-гоҳ, чунонки табларза гирифта бошад, ларзида мемонд. Соҳибхоназан, аз афташ, аҳволи меҳмонро дурусттар нафаҳмида, ҳайрон шуд:

– Охир, барои чӣ намехӯред? Шояд, аз хӯроки мо ҳазар мекунед? Хоҳед, ягон чизи дигар диҳам?

– Не, раҳмат. Ҳеҷ чиз даркор нест, – бо қатъият гуфт Сотников, ки хунук хӯрда, панҷаҳои борики дасташро ба остинаш меандохт.

Соҳибхоназан софдилона ба ташвиш афтод.

– Э худоҷоне, шояд ягон корам маъқул нашуд? Мебахшед-дия.

Рибак дар паси миз дар курсии васеъ баҳузур нишаста, карабинро дар байни зонуҳояш фушурда, ҳатто пай набурд, ки тағорачаро хомӯшона тамоман холӣ кардааст. Амин бо ҳамон қиёфаи гирифта дар кунҷ беҳаракат менишаст. Соҳибхоназан дуртар аз миз истода, тайёр буд, ки ба меҳмон аз таҳти дил хизмат кунад.

– Хӯш, ман нонро мегирам. Ин ҳаққи вай, – гуфт Рибак, ба тарафи Сотников ишора кард.

– Гиред, гиред, бачаяконам.

Амин хомӯшона гӯё ягона калима ва ё, шояд ибтидои гуфтугӯро дар бораи масъалаи асосӣ мунтазир буд. Дастони калони шахшӯлнамои ӯ дар болои муқоваи сиёҳи китоб оромона мехобиданд. Рибак боқимондаи нонро ба бағалаш андохта ба оҳанги сарзаниш гуфт:

– Китоб ҳам мехонӣ?

– Хайр чӣ, хондан ҳеҷ вақт зарар намекунад.

– Советӣ ё немисӣ?

– Инҷил.

– Канӣ, канӣ! Аввалин бор мебинам.

Рибак аз паси миз наздик шуда, китобро бо кунҷковӣ ба даст гирифт ва муқоваашро гардонд. Лекин ӯ ҳамон дам ҳис кард, ки ин корро, яъне мароқи худро ба ин китоби бегона ва боз шояд немисҳо чоп карда, зоҳир карданаш лозим набуд.

– Беҳуда кардӣ. Хонӣ, зарар намекард, – ғурунгос зад амин.

Рибак Инҷилро боқатъият пӯшид.

– Хайр, ин кори ту не. Ту ба мо ақл ёд надеҳ. Ту ба немисҳо хизмат мекунӣ, бинобар ин душмани мо ҳастӣ, – гуфт Рибак ва қаноатмандии ниҳонӣ ҳис кард, ки барои ба меҳмондорӣ сипосгузорӣ нанамудан баҳонае ёфт шуд, то бо оҳанги ба шароит басе мувофиқ гап сар кунад. Вай аз паси миз ба миёнаи хона баромада, тасмаи аз рӯи нимпӯстин бастаи худро, ки акнун тангтар шуда буд, дуруст кард. Маҳз ҳамин тағйир дар муносибати онҳо ба ӯ имконият медод, ки ба асли масъала, ҳарчанд ҳоло барои ба он гузаштан камтар тайёрӣ даркор буд, наздиктар шавад. – Ту душман. Бо душманон чӣ хел гап доштани моро медонӣ?

– Ба кӣ душман? – гӯё ҷиддияти тамоми вазъияти худро пай набурда, оҳиста, вале бо қатъият эътироз кард мӯйсафед.

– Ба худиҳо. Ба русҳо.

– Ба худиҳо ман душман не.

Амин гарданшахона розӣ намешуд ва ин Рибакро ба ғазаб меовард. Акнун ҳаминаш кам буд, ки ба ин хизматчии немис исбот карда шинӣ – барои чӣ ӯ, хоҳад – нахоҳад, душмани Давлати Советӣ мебошад. Рибак ҳеҷ хоҳиш надошт, ки бо ӯ гуфтугӯи дуру дароз сар кунад ва оҳанги таҳқири суханашро рӯйпӯш накарда пурсид:

– Чӣ, магар маҷбур кардaнд? Бар хилофи хоҳишат?

– Не, барои чӣ зӯран, – гуфт хӯҷаин.

– Маълум мешавад, ки худат.

– Чӣ гӯям. Ҳамин хел мебарояд.

«Ин хел бошад, ҳамааш маълум, – фикр кард Рибак, – ҳоҷати гап ҳам нест». Ҳисси бадбинии ӯ ба ин одам торафт зиёдтар мешуд, вай аллакай афсӯс мехӯрд, ки ин қадар вақтро ба гуфтугӯи беҳуда сарф кардааст, ҳол он ки ҳамааш аз аввал равшан буд.

– Хайр! Пеш даро! – сахт карда фармон дод ӯ.

Дасташро ба ҳаво бардошта, аминзан худашро ба тарафи Рибак партофт.

– Вой, писаракам, вайро куҷо мебарӣ? Ин хел накун, ба ҳоли ин ҳафтафаҳм раҳм кун. Мӯйсафед вай, аз рӯи ҳафтафаҳмияш...

Вале амин ба такрори фармон водор накарда, ниҳоят батамкин, саросема нашуда, аз паси миз бархост ва остинашро пӯшид. Вай тамоман сарсафед ва ба солхӯрдагияш нигоҳ накарда, бузургҷусса ва шонапаҳн буд ва ҳамин ки хест бо худ ҳамаи кунҷи хонаро, ки дар он ҷо тимсоли авлиёҳо истода буданд, panaҳ кард.

– Дам шав! – фармон дод ӯ ба занаш. – Дам шав!

Эҳтимол, аминзан ба итоаткорӣ одат карда буд, ки фиқ-фиққунон охир ба паси парда гузашт. Амин оҳиста, гӯё метарсида бошад, ки ба ягон чиз мерасад, аз паси миз берун баромад.

– Хайр, чӣ илоҷ, ихтиёр ба шумо. Паронед! Шумо напаронед, дигарон мепаронанд. Ана, – вай ба девори байни ду тиреза кӯтоҳ ишора кард, – аллакай рост монданд, паронданд.

Рибак беихтиёр ба он тарафе, ки хӯҷаин нишон медод, нигоҳ кард, дар ҳақиқат дар девори сафеди назди тиреза чанд сӯрохӣ сиёҳӣ мекард, ки ба сӯрохии тир шабоҳат дошт.

– Кӣ паронд?

Хӯҷаин, ки ба ҳар чиз тайёр буд, дар миёнаи кулба беҳаракат рост меистод.

– Шумо баринҳо. Арақ талаб карданд.

Рибак дарунакӣ як қад парида монд: вай ба ким-кӣ монанд шудан намехост. Ӯ мақсадҳои худро одилона ҳисоб мекард, вале монандии мақсади дигаронро ба мақсади худаш фаҳмида, аз они худро ҳам дигархелтар дарк кард. Ва боз дар айни ҳол бовар намекард, ки амин ӯро фиреб медода бошад – ба ин оҳанг дурӯғ намегӯянд. Аминзан паст-паст фиқ-фиққунон аз паси парда ҳар замон нигоҳ карда мемонд. Сотников дар курсӣ хам шуда нишаста, месулфид ва ба гуфтугӯи Рибаку хӯҷаин ягон калима гап ҳамроҳ накард – ҳамин тавр менамуд, ки ӯ ҳоло ба ин кор майле надорад.

– Хӯш. Модагов ҳаст?

– Ҳаст. Ҳоло ҳозир, – ба тобиши нав гирифтани масъала ҳеҷ шавқе зоҳир накарда, ноумедона ҷавоб дод амин.

Аминзан гиряашро бас кард ва ба гуфтугӯ гӯш дода, хомӯш монд. Рибак фикр мекард модаговро ба ҷангал ҳай карда бурдан фиребанда буд, вале шояд ҷангал аз ин ҷо хеле дур бошад, ки ба он пагоҳӣ нарасанд.

– Хӯш, рафтем!

Вай карабинро ба паси китфаш партофт, амин телпаки аз мех гирифтаашро итоаткорона пӯшид ва хомӯш дарро кушод. Рибак аз қафои ӯ равона шуда ба Сотников ишора кард:

– Ту мунтазир бош.

## 4

Ҳамин ки дар аз паси онҳо пӯшида шуд, соҳибхоназан ба тарафи остона давид.

– Вой, худоҷоне! Вай ӯро куҷо бурд? Вой, барои чӣ? Вой, худоҷоне!

– Қафо гардед! – базӯр бо овози гирифта гуфт Сотников ва аз курсӣ нахеста, пояшро дароз карда, роҳи дарро баст.

Зан тарсида истод. Вай ба садоҳои берун бодиққат гӯш дода, гоҳ мегиристу гоҳ хомӯш мешуд. Сотников ба маънои гуфтугӯе, ки каме пештар дар ин ҷо воқеъ шуд, дуруст сарфаҳм нарафта бошад ҳам, чизе ки шуури аз табларза тираи ӯ дарк карда буд, имкон намедод фикр кунад, ки Рибак, эҳтимол, аминро паронад.

Вале вақт мегузашту садои тир намебаромад. Зан бо гӯшаи рӯймол даҳанашро руст карда, якзайл оҳу нола мекард. Сотников дар курсӣ нишаста ӯро посбонӣ мекард, ки ба рӯи ҳавлӣ

давида набароянд ва фарёд назанад. Вай худро бад ҳис мекард. Сулфа ба ҷонаш мерасонд, сараш сахт дард мекард, дар назди бухории гарм вайро гоҳ таб мегирифту гоҳ аз хунукӣ меларзид.

– Писарҷон, мон охир, ман бароям! Мон якборакак бинам, ки онҳо дар он ҷо...

– Ҳоҷати дидан нест.

Зан дар нимторикии кулба кӯр–кӯрона шитобон пасу пеш қадам мезад ва беист навҳагарӣ мекард, ки шояд раҳми ӯро биёрад ва ба тарафи дар роҳ ёбад. Вале муроД ҳеҷ ҳосил намешуд, вай ба ин таваллову зорӣ сар намефуровард. Сотников нағз дар хотир дошт, ки чӣ хел тобистони гузашта ба ҳамин хел як зан аз ҳад зиёд зуд бовар карда, қариб аз ҳаёташ маҳрум шуда буд. Ва ӯ ҳам дар назар ҳамин хел оддиякак, чеҳрааш хушнамо, дар сар саргираки сафед дошт.

Вай аз чакалакзор баромадан замон ӯро дар майдони ҳаёта, дар байни баргу пояҳои лаблабу дида монд ва фикр кард, ки ана, хуб шуд! Ин зан ба ӯ чӣ хел ба ҳамон як пайроҳа баромаданро нишон медиҳад, ки он аз ин деҳа сар мешавад ва фақат ҳамонро ёфта, ба воситаи он, чунонки дишаб ба вай гуфта буданд, аз ботлоқи Черние Вигори гузаштан мумкин аст.

Вай аз буттазори тар берун шуда, қад-қади роҳи бангдонаи баланд ба назари ҳеҷ кас нанамуда, ба зан, ки дар байни ҷӯяҳо бодиққат ҷунбуҷӯл мекард, наздик омад. Нимкуртаи сиёҳчатоби қаткарда, соқҳои сафеди офтобхӯрда ва ким-чӣ хел нимтанаи кӯҳнаи китфаш дарбеҳи ӯ то ҳол дар пеши чашмаш менамоянд. Зан, ки пояҳои бангдонаро мешикаст, ӯро ба зудӣ надид. Вай ботамкин салом дод. Ва зан аҷибаш ин ки натарсид, фақат ба ӯ бодққат нигоҳ мекард ва ба ҳамин як хоҳиши оддии вай гӯш дода, онро гӯё намефаҳмид.

Баъд ӯ ҳамаашро хеле хуб – чӣ хел ба пайроҳа баромада, рахти хиштро гузаштан ва то ин ки ба ботлоқ даромада намонад, анбӯҳи дарахтони сӯзанбаргро аз кадом тарафи дасташ қафо гузоштанро фаҳмонида дод. Вай миннатдорӣ карда, акнун рафтан мехост, вале ӯ ҳамин вақт рӯяшро гардонида, гуфт: «Сабр кун, ту, эҳтимол гурусна бошӣ» – ва саросемавор пояҳоро ба домонаш бардошта, ӯро аз рӯи марза ба сӯи ҳавлӣ бурд. Чӣ ба вай зарур омада буд, ки розӣ шавад! Вале ӯ дар айни ҳол чун гурги баҳорон аз гуруснагӣ ба ҷон расида буд ва аз паси зан мутеона рафта, аз наҳории бақуввати деҳотиён пешакӣ лаззат мебурд ва хурсандӣ мекард.

Вай ҳам ҳангоми рафтанашон бо ӯ ҳамин тавр бо меҳрубонӣ «писарҷон» гуфта, муроҷиат мекард ва ҳатто ёд дорад, ки як-ду бор ӯро «бачаякам» гуфта буд, вай ҳозира барин ришаш расидагӣ, чип–чиркин, то зону аз шабнам тар ва як намуди ҳузнангез дошт. Ӯ на инҷоиҳо барин гуфтугӯ карда ва на мансубияти аёни ҳарбии худро пинҳон дошта метавонист – кӣ ва аз куҷо будани вай дарҳол маълум шуда меистод. Ӯ он вақт ягон хел яроқ надошт – фақат як рӯз пештар бо мӯъҷизае аз мурдан халос шуда буд ва ҳол он ки барои наҷот ёфтан як зарра ҳам умедаш намонда буд...

Аминзан то ҳол ором шуда наметавонист, худро ба ин тарафу он тарафи кулба андохта, мегирист.

– Писарҷон, охир, ин чӣ хел мешавад? Вай ӯро мепаронад!

– Дар ин бора пештар фикр кардан лозим буд, – ба оҳанги сард гуфт Сотников ва кӯшиш кард, ки ба садоҳои аз ҳавлӣ мерасида гӯш диҳад.

– Бачаҷон, ман магар нагуфтам, ман магар кам хоҳиш кардам?! Чӣ рӯзи сахтест, ки ба ин кор даст зад! Ҷавонтарҳо буданд. Вале одамони нағз худашон намехостанд, аз бадон мардум метарсиданд.

– Магар аз ӯ наметарсиданд?

– Аз Пётр? Э, ӯро охир дар ин ҷо ҳама медонанд, мо дар ин ҷо як умр зиндагӣ мекунем, ними деҳа хешовандони мо. Вай кӯшиш мекунад, ки бо ҳама ба нағзӣ кор кунад.

– Бисёр ҳам ба нағзӣ-дия!

– Шояд доимо ин тавр ҳам набошад. Шояд гапи ту рост бошад, писарам, ба ҳама нағзӣ карда намешавад. Ӯро ҳам маҷбур мекунанд: гоҳ нон деҳ, гоҳ пӯшок ҷамъ кун, гоҳ фармон медиҳанд, ки мардумро бароварда барфи кӯчаро тоза кунонад. Вай бошад, аз куҷо меёбад – мардумро маҷбур кардан даркор, чӣ тавр, худиҳоро тороҷ мекунӣ.

– Шумо чӣ хаёл доштед? Барои ҳамин ҳам истилогаранд, ки тороҷ кунанд.

– Тороҷ мекунанд. Охир чӣ гап ин? Худо торочашон кунад! Мошинсавор омаданду хукҳоро бурданд. Аз мо гӯсолаамонро гирифтанд. Мегӯянд, ки писаратон дар Армияи Сурх аст, ин барои гуноҳатонро сабук кардан дар назди Германия. Илоҳо, дар оташ сӯхта хокистар шавад, ҳамон Германияи онҳо!

«Лаънат кардан гир, ман сода нестам, ки ба ту бовар кунам», – хоболудона фикр мекард Сотников пои дарозкардаашро накашида. Дар хотир дошт, ки он зан ҳам ҳангоми ба рӯи миз хӯрданӣ гузоштану нон пора кардан, дар бораи Германия ким-чиҳое гуфта буд. Зан барои равған ва аз кӯза шир гирифтан якчанд бор ба даҳлез даробаро кард, ӯ бошад, дар курсии назди миз аблаҳ барин нишаста, оби даҳонашро фурӯ бурда, мунтазири меҳмондорӣ буд. Дуруст аст, ба гӯши ӯ як бор чунин расид, ки дар даҳлез касе оҳиста, гӯё ба пурсише ҷавоб дод ва пас пичр–пичири кӯтоҳе ба гӯш омад, вале ӯ ҳамон замон овози бача будани онро фаҳмид ва ором шуд. Соҳибхоназан ҳам ба кулба оромона баргашт ва чун пештара навозишкор буд, ба ӯ як дӯлча шир рехта дод, равған пора кард ва ӯ дар хотир дорад, ки ин меҳрубонии вай ӯро қариб ба риққат оварда буд. Сипас ӯ нонро бо равған ҳарисона хӯрда, аз болояш шир менӯшид ва ҳамин тавр агар як ҳароси беихтиёр, ки сабабш маълум ҳам набуд, ӯро барои нигаристан ба тирезаи гулпӯш водор намекард, эҳтимол барои дупула кор нобуд шуда мерафт. Нигаристу худашро гум карда, шах шуда монд: аз кӯча ду каси милтиқдор, ки дар дасташон бандина сафедӣ мекард, тез-тез қадам монда меомаданд ва аз паҳлуяшон бошад, чизеро фаҳмонида, духтарчаи тақрибан ҳаштсола медавид.

Афсӯс ки он вақт забонаш лол шуда ӯ ба он холаи навозишкор чизе гуфта натавонист, – вай фақат ӯро аз пеши дар тела дода, худро девонавор ба майдони ҳаёта зад ва аз девор ҷаҳида ба чарогоҳ гузашт ва аз он ба ҷӯйбор фуромада гурехт. Аз қафо мепаронданд, дод мезаданд, ҳақорат мекарданд. Сипас, аз афташ, ӯ дар ҷӯйча аз байни овозҳои дигар садои чирроси он занро, ки ба пештарааш ҳеҷ монанд набуд, шунид – вай ба полисҳо дар кадом буттазор пинҳон шудани ӯро нишон медод.

– Акнун ана инаш – «писаракам», «бачаякам»... аминзан аз рӯи ҳавлӣ ҳеҷ чизи даҳшатнокро нашунида, андак ором гирифт ва дар рӯбарӯи вай ба нӯги харак нишаст.

– Бачаякам, охир ин гап дуруст нест, ки вай бо ихтиёри худ... Вайро мардакони ин ҷо хоҳиш карданд. Вай он қадар намехост, ки! Болокорӣ ҳамон вақт аз район коғаз омад – аминҳоро ба маҷлис даъват мекарданд. Дар мо, дар Лясини бошад ҳанӯз ҳам ягон амин набуд. Баъд мардакҳо гуфтанд: «Ту рав, Петро, ту дар асорат будӣ». Росташ, ки вай дар он ҷанги Николай ду сол дар асорат буда, дар дасти немис кор кардааст. «Ҳамин тавр, – гуфтанд онҳо – хулқу атвори онҳо ба ту шинос, Як-ду моҳ то бозгашти одамони мо тоқат кун. Набошад, Будиларо мемонанд – аз бало халос намешавем». Будила ҳам аз ҳамин ҷо, аз Лясини, одам не – даҳшат. То ҷанг ким-чӣ хел сардор шуда кор мекард, деҳаҳоро савора давр зада мегашт – ҳамон вақт мардакҳо аз ӯ метарсиданд. Акнун ӯ полис шудааст. Хук, ки ҳаст, ифлосӣ мекобад.

– Аҷалаш мерасад.

– Кошкӣ, хас кам ҷаҳон пок... Ҳамин хел, ин Петро, ин ҳафтафаҳмро розӣ кунонданду ӯ ба шаҳрча рафт. Ба бади худаш, ба бадбахтии худаш рафт. Ҳоло магар вай нӯкари немис шудан мехоҳад? Ҳар рӯзи худо таҳдид мекунанд, дод мезананд, боз таппончаро ба пешонааш мемонанд, гоҳ арақ талаб мекунанду гоҳ боз ягон чизи дигар. Вай чунон ғусса мехӯрад, ки худо нишон надиҳад.

Сотников дар назди бухорӣ гарм шуда менишаст ва сию ду рагашро таранг карда, мекӯшид, ки хобаш набарад. Дуруст аст, ки барои мубориза бо хоб ба ӯ сулфааш, ки лаҳзае мемонду боз чунон мегирифт, ки аз он мағзи сараш хала зада мерафт, ёрӣ мерасонд. Гапҳои аминзан ба гӯши вай шунавам–нашунавам медаромаданд, вай барои шикоятҳои ӯро амиқ фаҳмидан рағбат надошт. Вай ба шахсе ки ба хизмати немисҳо розӣ шудааст ва он хизматро ба ҷо меорад, раҳмхӯрӣ карда наметавонист. Сабабҳое, ки ӯ барои сафед кардани ин хизмат меовард, ба Сотников, ки оқибати ин тавр бахшоишро медонист, кам таъсир мекарданд. Дар

муборизаи беамон бо фашизм ҳеҷ гуна сабаб, ҳатто мӯътабартаринашро ҳам ба эътибор гирифтан мумкин набуд, – танҳо бар хилофи ҳамаи сабабҳо ғалаба кардан имкон дошту халос. Ӯ инро аз муҳорибаи аввалин фаҳмид ва маҳз аз рӯи ҳамин ақида амал мекард ва ин дар навбати худ ба ӯ бисёр ёрӣ расонд, ки мавқеи худро дар ҳамаи мураккабиҳои ин ҷанг мустаҳкам нигоҳ дорад.

Сотников аз пинак рафтани худ ногаҳон хабар ёфта, кӯшиш кард, ки хезад, вале чунон калавида рафт, ки қариб ба девори хона бархӯрда буд. Соҳибхоназан дар ҳолате, ки худаш метарсид, ӯро илоҷе карда нигоҳ дошт ва милтиқашро аз рӯи фарш бардошт.

– Ҳе, бало занад.

– Писарам, ба ту чӣ шудааст, охир? Э ту нотоб-ку! Вой худоҷоне! Тамом дар таб месӯзад! Хобиданат даркор. Қафаси синаат чӣ хел хиррос мезанад! Як дам ист, камтарак биншин, ман ба ту даррав алафдору ҷӯшонда медиҳам...

Вай самимона ба ёрӣ додан тайёр буд, ки ҳамон лаҳза ба паси бухорӣ гузашт ва садои ҷаранг–ҷурунги чизе ба гӯш расид. Ва ӯ фикр кард, ки агар ин зан ин қадар ба ташвиш афтода бошад, аҳволи ӯ эҳтимол, ба ростӣ, хароб аст.

– Ташвиш накашед, ба ман ҳеҷ чиз лозим нест.

Ӯ акнун дар ҳақиқат на нӯшидан мехост ва на хӯрдан, ба ӯ ба ғайр аз гармию оромӣ чизи дигаре даркор набуд.

– Чӣ хел, даркор нест, писарам? Мебинам, ки нотоб ҳастӣ. Ман кайҳо боз дида истодаам. Рафту фурсат надошта бошӣ, бигир, бигир, мармиҷони хушк, дар ягон ҷой ҷӯшонда мехӯрӣ. Ана инаш шираи алаф.

– Ҳеҷ чиз даркор нест.

Зан аз халтачаҳои аз паси бухорӣ гирифтааш ба ӯ ким-чиҳо дароз мекард, аммо вай ҳеҷ чиз гирифтан намехост. Вай ба ин зан некӣ намехост ва бинобар ҳамин ба тараҳҳум ва ёрии вай розӣ шуда наметавонист. Ҳамин дам дар даҳлез тарақ-турук шуд, овози Рибак ба гӯш расид ва амин ба хона сар даровард.

– Равед, рафиқатон ҷеғ мезанад.

Ӯ хест ва дар ҳолате, ки сараш ғуввас мезад, аз беҳолӣ калавида, ба даҳлези торик баромад. Рибак дар рӯи ҳавлии пурбарф буд, ки аз дари кушода менамуд ва дар пеши пояш танаи сиёҳи меш мехобид, вай онро гӯё ба китфаш бардоштан мехост.

– Майлаш. Ту рав, – бо овози муқаррарӣ, ки дар он адовати пешина ҳис карда намешуд, гуфт Рибак ба амин, – ва дарро пӯш, ҷои тамошо не.

Амин гӯё чизе гуфтан мехост, вале аз фикраш гашта, хомӯшона ба тарафи хона рафт. Аз паси ӯ дари даҳлез маҳкам пӯшида шуд ва баъд аз он чӣ хел тараққос задани дари хона ба гӯш расид.

– Чӣ, сар медиҳӣ? – ҳамин ки дар мобайни ҳавлӣ ҳардуяшон монданд, бо овози гирифта пурсид Сотников.

– Бало ба пасаш.

Рибак бо як силтави сахт танаи мешро ба китфаш партофту аз кунҷи оғил гузашт ва аз он ҷо майдонро миёнбур карда, ба тарафи сарои ғаллакӯбии шинос тоб хӯрд, ки на он қадар дуртар биноҳои каҷу килеби он дар барф сиёҳӣ мекарданд.

Сотников аз қафо кашола шуда рафт.

## 5

Онҳо хомӯшона аз рӯи нақши пешинаи пойҳои худ қадам зада, аз сарои ғаллакӯбӣ гузаштанд ва қад-қади тавораи симхордор роҳ гирифта, ба нишебии буттазор баромаданд.

Деҳа саросар ором буд, аз ягон тиреза нури чароғе ҳам наменамуд; бомҳои пурбарф, деворҳо, таворахо, дарахтони боғҳо дар торикии шаб хоболуд ва хира метофтанд. Рибак дар китфаш танаи гӯсфанд аз пеш тез-тез мерафт – каллаи қашқаи овезони гӯсфанд дар китфи ӯ ба ин тарафу он тараф алвонҷ мехӯрд. Вақт, эҳтимол, аз нимашаб гузашта буд, моҳ ба миёнаи

осмон омада, дар байни шафақи туманолуди равшаннамо кам-кам ҷило медод. Ситораҳо нисбат ба аввали шаб дурахшонтар метофтанд, барф дар зери по баландтар ғиҷиррос мезад – хунукии шаб бениҳоят шиддат мегирифт. Рибак бо таассуф фикр кард, ки онҳо ҳар чӣ ҳам бошад, дар хонаи амин бисёр андармон шуданд, хайрият ки беҳуда не: дам гирифтанд, гарм шуданд ва аз ҳама муҳимаш дасти холӣ барнамегаштанд. Ба ҳабдаҳ кас аз ин гӯсфанд бисёр набошад ҳам, албатта якпорагӣ мерасад. Ҳарчанд аз дур бошад ҳам, пайдо карданд ва акнун онро то субҳ ба манзил расондан даркор буд.

Вай зери бор дар шабонгаҳ аз майдон, аз роҳи шинос он қадар ҳам эҳтиёт нашуда, аз худаш розӣ тез-тез қадам монда мерафт. Агар Сотников, ки ӯро танҳо партофта рафтан мумкин нест, набошад, вай эҳтимол дур мерафт. Шояд ҳамин шаб аввалин бор дар Рибак аз ҳамсафараш ҳисси норизоӣ пайдо шуд, вале чӣ чора: магар ӯ гунаҳгор аст. Лекин метавонист, ки аз ягон ҷой либоси гармтаре ба даст орад ва он вақт шояд саломат мебуд ва ҳоло барои бардошта бурдани ин гӯсфанд мадад ҳам мекард. Аввал вай он қадар вазнин нанамуда буд, лекин баъдтар вазниниаш афзудан гирифт, китфашро бисёртар мефушурд ва ӯро маҷбур менамуд, ки сарашро хам кунад, вале ин барои пеши роҳро дидан ба вай халал мерасонд. Рибак борро аз як китф ба китфи дигараш мегирифт: то даме ки бор дар як китфаш буд китфи дигараш дам мегирифт ва чандон азоб намекашид.

Вай дар нимпӯстини сиёҳ, ки чанд вақт пештар тамоман нав буд ва дар ин сармо ба ӯ хуб хизмат кард, роҳравон нағзакак гарм шуд. Бе нимпӯстин, эҳтимол, аҳволаш тамоман хароб мешуд. Ин ҳам сабук, ҳам гарм, ҳам мепӯшӣ ва ҳам шаб ягон ҷой хоб равӣ ба болоят мегирӣ. Раҳмат ба амаки Ахрам: дилаш насӯхта дод. Ҳарчанд ки, албатта, Ахрам ба ин сабабҳои худро дошт ва аз ҳама асосияш, бешубҳа, Зося буд: Зося ба вай – Рибак ин чизро аниқ медонист – ба василаи дилхушӣ ва ҳавасангез, вале ниҳоят кӯтоҳи замони ҷанг сахт дил баста буд.

Хайр, агар ҷанг набошад, чӣ мешуд! Агар ҷанг намешуд, вай бо ин Зося дар куҷо вомехӯрд? Чӣ навъ Рибак, старшинаи ротаи тирандозон ба Корчевкаи онҳо, ба ин деҳи хурди хомӯш, ки дар канори беша ҷой гирифтааст, меомад. Шояд тамоми умр гузораш ягон бор ба ин ҷо намеафтод, фақат ҳамин ки ҳангоми машқҳои тирамоҳӣ эҳтимол дошт аз роҳи калони мошингардаш гузашта равад. Ҳоло лозим омад, ки бо пои маҷрӯҳи бо куртаи чиркини ғафс печонидашуда ба ин ҷо кашола шуда ояд ва хоҳиш кунад, ки ӯро дар хона ҷой диҳанд – метарсид, ки дар кӯча монад, ӯро немисҳо, ки рӯзона савора мегарданд, бемалол гирифтанашон мумкин аст. Дар ҳақиқат онҳо аз саҳарӣ мототсиклу аспсавор майдони ҷангро, ки пур аз ҷисмҳои мурдагон буд, ба давр гаштан сар карданд, вале ӯро он вақт аллакай дар оғил, дар зери ғарами нахӯдпояҳо нағзакак пинҳон карда буданд. Ахрам ва Зосяҷон рӯзу шаб нигаҳбонаш буданд – эҳтиёт карданд, дастгир накунонданд. Баъд ... Баъд атроф ҳама ором шуд, ҳукумати нав, ҳукумати немисӣ барқарор гардид, шабона ҳатто гулдурроси тӯпҳо ҳам ба гӯш намерасид: аҳвол ниҳоят ғамангез буд. Ҳамаи он чизе ки  вай пештар барои онҳо зиндагӣ ва кӯшиш мекард, чунин менамуд, ки тамоман ва абадан сарнагун шуда бошад. Дар деҳа он вақт рӯзҳои вай ниҳоят талх буданд ва дар он давраи зиндагии пинҳонӣ ягона василаи дилхушиаш ҳамин Зосяҷони фарбеҳаки навозишкор буд. Он ҳам он қадар дуру дароз не.

Саломатиаш ҳама вақт хуб буд, ширу қаймоқ мерасид, ҷароҳати пояш дар муддати як моҳ навъе ба ҳам омада, фақат ҳангоми роҳ гаштан каме аз худ хабар медод. Вай бисёр фикр мекард, ки минбаъд чӣ кор кунад. Махсусан, пас аз фаҳмидани он ки немисҳо баъди муваффақиятҳои тобистона ногаҳон дар назди Москва дармонданд ва ҳарчанд онҳо карнай мекашиданд, ки гӯё пойтахти болшевикон имрӯз ё пагоҳ сарнагун мешавад. Рибак фикр мекард: эҳтимол, ҳоло истодагӣ кунад. Москва Корчевка не, барои ҳимояи вай қувва пайдо мекардагистанд.

Ин замон ҷӯраҳои вай, ки монанди ӯ дар муҳосира монда буданд – яке аз ҷароҳат шифо ёфта, дигаре аз сактаи торумори аввалин ба худ омада, аз хутору деҳаҳо дар як ҷо ҷамъ шудан гирифтанд ва ба як маслиҳат омада, яроқҳои пинҳонкардаашонро баровfestival.

карданд: дар кулбаи деҳқонон дар бари ҷавондухтараконии нармдили меҳрубон, занҳои деҳотии бекайду никоҳ чӣ қадар нишастан мумкин, ба ҷангал баромада рафтан даркор аст. Ва рафтанд.

Хайрухуши вай бо Корчевка хурсандибахш набуд. Дуруст аст, ки вай ба монанди дигарон фиреб накард ва ё аз ин ҳам бадтар, пинҳонӣ баромада нарафт – ҳамаашро, чунонки ҳаст, фаҳмонда дод ва аз ҳама аҷибаш ин ки ӯро фаҳмиданд, наранҷиданд ва аз раъяш гардониданӣ ҳам нашуданд. Албатта, Зосяҷон гирист, вале амаки Ахрам гуфт: «ҳамин тавр кардан даркор бошад – кардан даркор, ин кори ҳарбӣ». Ӯ ва Гануляхола, ки писар надоштанд, ӯро ба монанди писари худ ба сафар тайёр карданд. Рибак қавл дод, ки аз худаш хабар дода ва фурсати мувофиқ рост ояд, аз онҳо хабар гирифта меистад. Як бор охири тирамоҳ хабар ҳам гирифт, баъд аз он ҷо дур рафтанд – аз ҳама асосияш дигар дилкашолӣ надошт: эҳтимол бегона ҳам шуда бошад? Ва, эҳтимол, дар муносибати онҳо ҳамон чизе ки ҷиддан ва дурудароз афсун мекунад ва ба худ ҷалб менамояд, вуҷуд надошт ва ҳамон чизе ки як пайдо шуд, бо гузаштани сӯзаш худаш ҳам гузашт. Ва ӯ аз ин ваҷҳ афсӯс намехӯрд, аз худ розӣ буд – фиреб накард, дурӯғ нагуфт, рӯирост рафтор кард. Бигзор одамон чунонки мехоҳанд, ҳукм кунанд, виҷдони вай дар назди Зося қариб пок буд.

Вай ба одамон на беихтиёр ва на қасдан бадӣ карданро дӯст намедошт ва тоқат надошт, ки аз ӯ ранҷида, дар дил гирифта гарданд. Албатта, бе ин дар хизмати ҳарбӣ хеле мушкил буд – вақташ шудааст, ки ҷазо додааст, вале кӯшиш мекард, ки ҳамааш хубӣ ба хубӣ анҷомад, ба нафъи хизмат бошад. Ҳоло Сотникови ғазабнок, ки аз дард азоб мекашид, ӯро барои беҷазо сар додани амин коҳиш кард, вале ҳоло аз ҷазо додан нафрати Рибак меояд – бало ба пасаш, бигзор, рӯзашро бинад. Албатта, ба душман бе ҳеҷ тараҳҳум муносибат кардан даркор буд, аммо дар ин ҷо ҳамин тавр шуд, ки ин Петр ба ӯ бо тамкини ниҳоят ва хислатҳои деҳқонияш бисёр шинос ва азиз намуд. Рафту ягон чӣ шавад, бигзор, ӯро ҷазо диҳанд.

Ҳангоми гуфтугӯи нохуш дар кулба, Рибак адаби аминро додан мехост, аммо баъд, вақте ки бо гӯсфанд машғул шуданд, ин хоҳиши ӯ кам-кам аз байн рафт. Оғил ҳарвақта барин бӯи муқаррарии беда, бӯи поруи ҳайвонот мекард, се гӯсфанд аз тарс худро аз ин кунҷ ба он кунҷ мезаданд: якеи онҳо – пешонақашқаашро Петр чолокӣ карда аз мӯяш дошт ва ҳамон дам чобукона аз гардани он сахт оғӯш гирифта, ким-чӣ хел хурсандии нимфаромӯшшудаи бозёфтро аз нав ҳис кард. Баъд вакте ки ӯ гӯсфандро медошт ва соҳибаш гулӯи онро мебурид ва гӯсфанд дар рӯи пахол, ки ба он ҷӯйчаи хуни тоза мешорид, бардорузан мекард, дар ӯ як ҳиссиёти аз бачагӣ шиноси ҳаросноки ҳурсандӣ ба ҷунбиш омад. Ин ҳиссиёт одатан охири тирамоҳ ҳангоми як ё ду гӯсфандро якбора куштани падараш ва ӯ ки бача буду ба ӯ ёрӣ медод, пайдо мегашт. Ҳамааш ҳамон тавр буд: ҳам бӯи оғил, ҳам пеш аз куштан аз тарс бардорузан кардани ҳайвон, ҳам дар хунукӣ бӯи ғализ баровардани хуни тоза...

Саҳрое, ки Рибак аз буттазор ба он тараф тоб хӯрда буд, баногоҳ маълум шуд, ки паҳну фарох будааст: эҳтимол онҳо қариб як соат боз аз замини нокорами он мерафтанд. Рибак аниқ намедонист, вале ҳис мекард, ки аз ким-кадом тарафи рафтаистодаашон бояд роҳ барояд, ҳамон роҳе, ки онҳо ҳангоми ин тараф омадан аз он каме рафта буданд, баъд ба сӯи дарёча ҳамворӣ сар мешавад. Лекин вақти бисёре гузашт, онҳо тақрибан ду километрро, агар зиёдтар набошад, андоза карда диданд, роҳ ҳоло пайдо набуд ва хавф бурд, ки мабодо роҳро пай набурда гузашта рафта бошанд. Дар ин ҳол сари вақт тарафи чап, ба ҳамворӣ нагашта самти ҳаракатро гум кардан осон буд. Бадии кор дар он, ки ин ҷо ба ӯ чандон шинос нест ва ӯ роҳро дар ҷангал аз партизанҳои ҳаминҷоӣ напурсида буд. Дуруст аст – вай он вақт фикр накарда буд, ки ин қадар дур рафтанаш зарур мешавад.

Рибак истод ва Сотниковро, ки қафо монда дар нимторикӣ базӯр-базӯр беҳолона меомад, мунтазир шуд. Рӯи моҳро пардаи ғафси торикӣ гирифт, шаб зулмот шуд, дар дурӣ бошад, ҳеҷ чизро фарқ карда намешуд. Вай гӯсфандро ба рӯи барф партофт, карабинашро ба паҳлуи он гузошт ва китфи хастаашро рост карда, сабукӣ ёфт. Лаҳзае гузашта буд, ки Сотников калавида–калавида ба назди ӯ расид.

– Чӣ хел? Мешавад?

– Медонӣ... Ту худат як илоҷ карда... Аз ман имрӯз мададгор намебарояд.

– Ҳеҷ гап не, илоҷашро меёбем, – нафасашро рост карда гуфт Рибак ва гапро ба тарафи дигар бурд: – Ту тахмин накардӣ, мо дуруст рафта истодаем?

Сотников вазнин-вазнин нафас гирифта, ба оғӯши шаб нигарист.

– Дуруст барин. Беша дар он ҷо.

– Роҳ чӣ?

– Роҳ ҳам дар ҳамин қарибиҳо. Агар ба тарафи дигар тоб нахӯрда бошад.

Ҳарду ба даруни нимторикии пурбарф хомӯшона назар дӯхтанд ва ҳамин дам аз байни шиддати пурсадои шамол ба онҳо, ки бодиққат гӯш медоданд, як садои дури номафҳум расид. Як лаҳза пас маълум шуд, ки ин садои шунавам-нашунавами сум аст. Ҳарду якбора ба тарафи шамол гаштанд ва чунонки дарёфта буданд, дар нимторикӣ ҳаракати базӯр аёнро диданд. Аввал ба Рибак чунин вонамуд, ки онҳоро таъқиб мекарда бошанд, вале дарҳол фаҳмид, ки на аз паси онҳо савора меоянд, балки роҳашонро бурида мегузаранд, эҳтимол аз он роҳе мераванд, ки онҳо наёфтандаш. Як ларзидани дилашро ҳис карда, вай карабинро дарҳав ба китфаш партофт. Бо вуҷуди ин вай ҳамон лаҳза савқан дарёфт, ки онҳо аз дур ва аз канор мераванд, вале аз назари онҳо пинҳон мондан ё намондани худашонро муайян карда натавонист. Ва хам шуда танаи жӯлидамӯи гӯсфандро саросема ба китфаш партофт. Майдон ба сӯи теппача баланд шуда мерафт, онро ҳар чӣ зудтар давида гузаштан даркор буд ва он вақт эҳтимол дошт, ки онҳоро набинанд.

– Канӣ, канӣ! Бидав! – на он қадар баланд гуфт ӯ ба Сотников, аз ҷояш ба давидан сар карда. Пойҳои ӯ ҳамон лаҳза сабукӣ, баданаш чун ҳарвақта дар лаҳзаи хатарнок чолокӣ ва қувват пайдо карданд. Ва ӯ баногоҳ аз худ панҷ қадам дуртар роҳро дид – изи дароз аз ду тараф роҳи онҳоро уреб бурида мегузашт. Акнун маълум шуд – ин ҳамон роҳест, ки аз он рафта буданд, вай ба паҳлу нигариста, на он қадар дуртар бaралло доғҳои хираи ҷунбонро дид; аз афзоли аспу ароба садои пасте мерасид, чана зуд наздик мешуд. Рибак пас аз саргарангии кӯтоҳ худро ба даст гирифта ин роҳи лаънатзадаро, ки дар ин қадар вақти нобоб банохост аз пешаш баромада монд, чунонки як масофа роҳи мина гӯркардаро мегузашта бошад, давида гузашт ва худи ҳамон лаҳза равшан ҳис кард, ки ғалат кард. Эҳтимол худро ба он тараф қафо гирифтан даркор буд, вале фурсати дар ин бора фикр кардан кайҳо аз даст рафта буд. Вай бо мӯзаҳояш қабати нозуки рӯи барфро шикаста ба тарафи теппача метохт ва дилаш таҳ зада интизор буд, ки ҳозир ҷеғ мезананд.

Вай ҳанӯз ба қуллаи теппача, ки аз паси он нишебӣ сар мешуд, нарасида, як бори дигар баргашта нигоҳ кард. Чана акнун дар роҳ равшан намоён буд: маълум мешавад, ки чана дуто будааст – дуюмаш ба паси якумаш қариб часпида меомад. Вале саворагонро дар ин нимторикӣ фарқ кардан ҳанӯз имкон надошт, фарёд ҳам ба гӯш намерасид ва ӯ акнун бо камтарин умеди дилхоҳ фикр кард, ки онҳо эҳтимол деҳқонон бошанд. Агар фарёд накунанд, он гоҳ дар ҳақиқат деҳқононанд, ки бо кадом сабабе шаб бевақт мондаанду ҳоло ба деҳаи худ баргашта истодаанд, он гоҳ ин тарси ӯ беҳуда аст. Вай ба ин фикри ногаҳонии худ умед баста, як-ду бор оромона нафасашро сар дод ва аз давидан наистода ба Сотников баргашта нигоҳ кард. Вай қасд кардагӣ барин аз дуртар ноустувор қадам монда меомад, гӯё камтар зӯр зада барои то қуллаи теппача давида гузаштани ягон сад қадам роҳ маҷол надошта бошад.

Ва ҳамин дам дар торикии шаб фарёди қаҳролуди батаҳдид баланд шуд.

– Э, хей! Канӣ, исто!

«Меистам, ки мегирӣ!» – аз дил гузаронд Рибак ва аз рӯи барф бо қувваи нав тохт. Ба ӯ акнун камтарак монда буд, ки дар паси нишебии теппача пинҳон шавад, он тарафаш гӯё ҳамворӣ сар мешуд – он вақт онҳо эҳтимол, гурехта метавонистанд. Вале чанаҳо маҳз дар ҳамин фурсат аз роҳ истоданд ва аз он ҷо аз паси онҳо чанд овоз баланд шуд:

– Исто! Исто! Мепарронем! Исто!

Бадтарин хаёл аз сари Рибак гузашт: «Ба даст афтодем!» – баъд аз ин фикр дар назараш ҳама чиз ниҳоят оддӣ ва ошно намуд, ки ҳатто ҷонаш ба дард омад. Рибак аз паҳнои теппача

хастаҳолона метохт ва бо азоб дарк мекард, ки ҳоло аз ҳама муҳимаш ҳар чӣ дуртар рафтан аст. Шояд, аспсавор таъқиб накунанд, парондан бошад, ҳар қадар хоҳанд, парондан гиранд: шабона ба нишон расидан осон не. Бо вуҷуди ин вай гӯсфандро, ки дар ин як вақти нобоб дар китфаш буд, напартофта, бардошта медавид ва аз ҳамон умеди ночизе, ки илоҷе карда, аз ин дом раҳо шуданашонро дар хотир дошт, ҷудо шудан намехост.

Вай ба зудӣ теппачаро ҳам давида гузашт ва аз он тарафи нишебӣ калон-калон қадам партофта, ба тохтан сар кард. Пойҳояш ӯро чунон тез мебурданд, ки Рибак худро аз эҳтимоли ҳамроҳи бор афтодан эҳтиёт мекард. Қундоқи карабини немисии дар тахтапушташ овезон сахт ба қафояш бармехӯрд, тир дар кисаҳояш паст-паст ҷирингос мезад. Вай аз дур кадом як чизи хираравшанро дида, гумон кард, ки эҳтимол буттазор бошад ва он тараф гашта буд. Аз қафо фарёдҳо хомӯш шуданд, ҳанӯз садои тир набуд. Чунин менамуд, ки ваю Сотников аз назари онҳое, ки дар роҳ буданд, нопадид шуданд.

Нишебии теппача ҳам тамом шуд, барф баландтар гашт ва Рибакро ташвиши нав фаро гирифт, ки ӯ ба пасаш нигарист. Сотников ниҳоят қафо монда буд ва чунин менамуд, ки ана ҳозир ӯро зинда ба зинда дастгир мекунанд. Ӯ бо вуҷуди ин гӯё ҳеҷ шитоб намекард – натохта, дар нимторикии пурбарф базӯр кашола шуда меомад. Ва аз ҳама бадтаринаш он буд, ки Рибак ба ӯ ҳеҷ ёрӣ карда наметавонист, вай наистода якзайл ба пеш ҳаракат мекард ва бо ҳамин рафиқашро аз пасаш бурданӣ мешуд. То буттазор, ки он гӯё дар пеш, на он қадар дуртар сиёҳӣ мекард, давида расидан даркор буд.

– Исто! Роҳзани бадзот. Исто! – аз қафо боз фарёдҳои таҳдидомезу ҳақорат баланд шуданд.

Маълум мешавад, ки ҳар чӣ ҳам бошад расида гирифтаанд. Рибак ба қафо нигариста – дар китф гӯсфанд ба қафо нигаристан мушкил буд – аз фарёд фаҳмид, ки таъқибгарон дар болои теппаанд ва эҳтимол онҳоро дидаанд. Вазъияти онҳо, махсусан, вазъияти Сотников, ки ҳоло то буттазор боз хеле давиданаш даркор буд, ниҳоят нобоб шуда монд. Чӣ илоҷ... Ҳамеша ҳамин тавр аст, ки ҳар кас дар дақиқаи хавфноктарин ғами худро мехӯрад, кафили маргу зиндагии худ мешавад. Агар аз бобати Рибак бошад, ӯро дар ин ҷанг пойҳояш на як бору ду бор наҷот додаанд.

Маълум мешавад, ки буттазор нисбат ба он ки дар шаб менамуд, хеле дуртар будааст. Рибак ҳанӯз нисфи роҳи онро тай накарда аз қафо садои тирпарронӣ баланд шуд. Вале тирандозон беҳунару корношоям буданд, вай инро ба қафояш нанигариста, аз рӯи он ки тир аз болои ӯ чӣ хел чун садои зеҳи таранг садо дода парида рафт, муайян кард. Тир хеле баланд гузашта буд, вай инро аниқ фаҳмид. Ва ӯ худашро маҷбур кард, ки зери он тирборон то буттазор давида расад.

Эҳтимол, аз он ҷо шибарзор сар мешуд – дар ҳамвории барфпӯш шохҳои урён ва яхзадаи хадангҳо намудор буданд, дар зери по, дар таги барфи ковок лойтӯдаҳои шах кам-кам баландӣ мекарданд. Рибак дар канори буттазор худашро партофт, гӯсфандро аз китф фуровард. Шояд боз камтар давиданаш даркор буд, вале ӯро дигар қувват намонда буд. Дар қафо тирпарронӣ авҷ мегирифт ва ӯ фаҳмид, ки онҳоро Сотников боздошта истодааст. Ин дар аввал ӯро хурсанд кард: маълум мешавад, ки Рибак аз онҳо дур рафтааст ва акнун дар буттазор паи худро нопадид карда, халос шуданаш имкон дорад. Вале пеш аз ин ба қафо нигаристан даркор буд. Вай милтикро ба даст гирифта, ба зонуҳояш нимхез шуд ва дар дур, дар таги теппа Сотниковро дид, ки базӯр меҷунбид. Вале аз ин ҷо, аз байни нимторикии хираранги шаб фаҳмида намешуд, ки вай ба кадом тараф ҳаракат мекунад ва ё умуман дар як ҷо истодаасту бас. Баъд аз ду-се тире, ки аз теппа паронида шуд, якеаш аз наздик садо дод ва Рибак тири Сотников будани онро аниқ фаҳмид. Вале ҳар чӣ бошад ҳам вай дар ин аҳволи вазнин маънои бо полисҳо тирпарронӣ карданро намефаҳмид. Шояд ҳар чӣ зудтар дур рафтанаш даркор буд – буттазори сари роҳ ба онҳо барои аз таъқибгарон ҷудо шудан имкон медод. Сотников гӯё инро намефаҳмид ва ҳамин тавр менамуд, ки дароз кашида, аз ҷунбидан ҳам монда бошад. Агар тирпаронихояш намешуданд, гумон кардан мумкин буд, ки вай кушта шудааст.

Эҳтимол тир хӯрда бошад?

Аз ин фикр авзои Рибак бад шуда бошад ҳам, вай ба Сотников ҳеҷ гуна ёрӣ дода наметавонист. Полисҳо аз боло, аз теппа, эҳтимол, дар рӯи барф ин одами танҳоро хеле хуб мебинанд ва ҳарчанд ҳоло ба сӯяш наметозанд – онҳо ӯро, бешубҳа, паронда мекушанд. Агар Рибак худро ба ёрии ӯ андозад, ҳардуяшонро мекушанд – вай ба ин боварии комил дошт. Ҳангоми ҷанги финҳо, вақте ки кӯрбошаҳои лаънатӣ дар як дақиқа чор-панҷ касро мезаданд, ҳамин хел ҳодисае рӯй медод ва онҳо ин кори худро бо ҳамон тарзи ниҳоят оддӣ анҷом медоданд: барои наҷот додани тирхӯрдаи аввал каси ҳампаҳлуяш мерафт ва дар паҳлуи вай абадан сар ба хок мемонд, баъд ба тарафи онҳо шахси оянда мехазид. Ва ҳар як каси оянда мефаҳмид, ки ӯро дар он ҷо чӣ интизор аст, вале кушта шудани рафиқашро дида худро нигоҳ дошта наметавонист.

Аз ин мебарояд, ҳоло ки имконият ҳаст, рафтан даркор аст. Сотниковро акнун наҷот дода намешавад. Рибак чунин қарор карда, зуд карабинро ба тахтапушташ партофт ва бо қатъият гӯсфандро ба китфаш бардошт ва ба лойтӯдаҳои шахшуда пешпо хӯрда, аз канори ботлоқ ба давидан сар кард.

Эҳтимол, вай аз он ҷо хеле дур рафт, ки боз беҳол шуд. Дар қафо садои тир хомӯш шуда буд ва ӯ ба хомӯшӣ гӯш дода, бо сабукии номафҳуме фикр кард, ки аз афташ дар он ҷо ҳамааш кайҳо тамом шудааст. Вале як ё ду дақиқа нагузашта, аз қафо боз овози тир баланд шуд. Се бор садои тир баланд шуда як тир аз болои ботлоқ вижжасзанон гузашта рафт. Аз ин мебарояд, ки Сотников ҳоло зинда аст. Ва маҳз ҳамин тирҳои ногаҳонӣ дар Рибак изтироби наве бедор карданд. Онҳо суръати дави ӯро бозмедоштанд ва ҳиссиёти аз хатар тундтаршудаашро ангезиш медоданд. Гӯсфанд торафт вазнинтар мешуд, баъзан танаи нарму мулоими он беҳудаю бемаъно менамуд ва ҳарчанд дар фикраш тамоман чизҳои дигар буд, онро беихтиёр бардошта мебурд.

Баъди як дақиқа дар пеш оббурдаи на он қадар чуқур намудор шуд, ки аз афташ, соҳили наҳрчаи яхбаста буд. Шояд ба тарафи дигар гузаштан даркор буд, вале Рибак ба он даромад, даромаду лағжида афтод ва борашро сар дода, барфро бо дастонаш ба ҳар тараф парешон карда, ба боло баромад ва банохост равшан фаҳмид, ки гурехтанаш мумкин нест. Вақте ки дар он ҷо рафиқаш мондааст, вай чӣ тавр метавонад, ки ин қадар қувватро барои бардошта бурдани гӯсфанди лаънатӣ сарф кунад? Сотников, албатта, ҳоло зинда буд ва бо тирпарониҳояш аз худ хабар мерасонд. Дар асл, вай Рибакро паноҳ карда, ӯро аз марг наҷот медод, вале аҳволи худаш ниҳоят бад буд. Вай акнун дигар халос шуда наметавонист. Вале ба Рибак гурехтан чунон осон буд, ки аз паяш ҳам расида наметавонистанд.

Аммо ӯ дар ҷангал чӣ мегӯяд?

Ҳамаи нозебии мақсади пешинааш чунон аён намудор шуд, ки Рибак оҳиста ҳақорат дода, ташвишомез дар канори оббурда нишаста монд. Аз дур, аз паси буттаҳо боз садои як тир баланд шуд, аз теппа дигар садои тир намерасид. «Шояд дар он ҷо аҳвол тағйир ёфта бошад», – фикр кард Рибак. Як лаҳзаи ниҳоят вазнине сар шуд, ки дар давоми он қарори нави ӯ пухта расид ва ӯ дарҳол бархост.

Вай мекӯшид, ки дигар фикр накунад ва тез-тез қадам монда, аз рӯи изи худ қафо гашт.

## 6

Сотников нияти тирпаронӣ надошт – вай ҳамин тавр дар нишебӣ афтод, сараш чарх зад, ҳама чизи атроф давр мегашту шино мекард ва ӯ тарсид, ки дигар хеста наметавонад.

Аз ин ҷо ба ӯ дар поён чӣ хел бо тамоми қувват ба тарафи буттазор давидани Рибак, ки дасташ чун пештара бо бор банд буд, хеле хуб менамуд ва Сотников ӯро ҷеғ назад, чунки ба наҷот ҷустан дер шуданашро медонист. Вай то даме аз қафо садоҳоро шунид ва фаҳмид, ки ӯро ба зудӣ дастгир мекарданд, дар рӯи барф аз кӯфтагӣ нафастанг шуда хобид. Вай баъд аз он милтиқашро аз таги барф кашида гирифт ва то он кори даҳшатнокро, ки воқеъ шуданаш даркор буд, аз худ як лаҳза дур кунад, ба нимторикӣ тир холӣ кард. Бигзор донанд, ки вай худро ҳамин тавр осонакак ба дасти онҳо намедиҳад.

Тири вай таъсир кард: онҳо дар он ҷо, дар майдон гӯё истода монданд. Ва ӯ фикр кард, ки аз ин ҳол истифода карда ҳар чӣ бошад, ба гурехтан кӯшиш кардан лозим аст. Ҳарчанд вай ночиз будани имконияташро медонист, бо вуҷуди ин бар хастагии худ ғолиб омад ва зӯр зада, ба милтиқ такя карда, аз ҷояш бархост. Онҳо ҳамон дам ба ногоҳ се тарҳи беҳаракат, дар шонаи хокистарии теппа, дар наздикии ӯ пайдо шуданд. Як нафари аз тарафи ростбуда ӯро дидагӣ барин ким-чӣ гуфт ва Сотников қариб нишон ҳам нагирифта, бори дуюм тир холӣ кард. Аз тири худ ӯ худро чӣ тавр ба як тараф партофтан, нишастан ва ё хам шуда аз нав тир парондани ӯро мунтазир шудани онҳо намоён буд, бо мӯзаҳои соқнамадинаш барфро тела карда, беҳолона ба поён метохт ва эҳтимоли ҳар лаҳза ба рӯи барфи нишебӣ дароз афтоданашро ба таваккал партофта буд. Рибак аллакай дур рафта, ба буттазор расида буд ва Сотников фикр кард: шояд халос хӯрда тавонад? Вай худаш ҳам бо тамоми қувва мекӯшид, ки аз ин теппа ҳар чӣ дуртар гурезад, вале сад қадам ҳам нарафта буд, ки аз қафо якбора садои чанд тир баробар баланд шуд.

Вай ҳис кард, ки меафтад, боз чанд қадам давид, – рони росташ якбора ба сӯзиш даромад, моеи часпаке аз зону ба даруни мӯзааш шорид. Баъд аз чанд қадам қадами дигар ӯ пояшро қариб тамоман ҳис намекард – вай зуд вазнин шуда, аз ихтиёраш мерафт. Баъд аз лаҳзае ӯ ба рӯи барф афтод. Бо вуҷуди ин дарди сахтро ҳис намекард, фақат синааш бо гармии тоқатшикан месӯхт ва пояш ҳам аз зону боло сӯзиш мекард. Шимаш тамоман тар шуда буд. Вай чанд муддат лабонашро, то ба дард омадан сахт газида, дароз кашида хоб рафт. Акнун дар ӯ на танҳо тарси каме пештар доштааш набуд, балки таассуфе ҳам ҷой надошта, фақат ҳушмандие, ки марги наздик ва беилоҷи ӯро бо тамоми дақиқӣ дарк мекард ва он гӯё на фаҳмиши ӯ, балки фаҳмиши каси бегонае буд, вуҷуд дошту халос. Фаро расидани ин марг маҳз дар ҳамин лаҳзае, ки аз ҳама камтар нигаронаш буд, ӯро андак ба ҳайрат меандохт. Марг, ҳар чӣ бошад, ӯро борҳо дар беилоҷтарин лаҳзаҳо дар канор гузошта буд. Вале дар ин ҷо акнун дар канор гузошта наметавонист.

Аз қафо боз овозҳо ба гӯш расиданд, аз афташ, полисҳо наздик меомаданд, ки зинда ва ё мурдаи ӯро бигиранд. Вай хурӯҷи дарди пояшро ҳис карда, хастагии худро ба зӯр бартараф намуд ва ба дасташ такя зада, баланд шуд ва биншаст. Бари шинел, мӯза, остин ва зонуҳояш ба барф чуқур ғӯтида буданд, дар шимаш аз зону болотар доғи тари хун паҳн мешуд. Вале ӯ акнун ба ин аҳамият намедод–затворро ҳаракат дода, гилзаи тири паронидашударо берун партофт ва тири навро гирифт. Вай дар нишебӣ боз ҳамон се нафарро дид – яке аз пеш, дуи дигар аз қафо, ки сояҳои норавшан барин менамуданд, аз теппа на он қадар боваринок фуромада меомаданд. Вай дандонҳояшро ба ҳам фишурда, пои маҷрӯҳашро ба рӯи барф дароз карда хобид ва аз аввала дақиқтар нишон гирифт. Баробари ба дурӣ паридани садои тир вай дар он ҷо, дар нишебӣ, якбора афтодани ҳамаи онҳоро дид ва баъд ҳамон замон садоҳои баланди тир дар хомӯшии шаб гулдурос заданд. Вай фаҳмид, ки онҳоро нигоҳ дошт, барои ӯро ба инобат гирифтан маҷбур сохт ва ин боиси каме қаноатмандии ӯ гардид. Баъди шиддат ва зӯрзании беморона ӯ худро суст карда, пешонаашро ба қундоқи карабин гузошт. Вай нҳоят хаста шуда буд ва аз паси онҳо беист назорат карда ва ё аз тири онҳо худро паноҳ карда наметавонист ва бинобар ин қувваи боқимондаашро барои боз як бори дигар паронидан сарфа мекард. Онҳо аз болои теппа ба тарафи ӯ аз милтиқҳояшон тир мекушоданд. Як-ду бор ӯ садои тирро ҳам шунид – яктояш аз болои сараш вижжосзанон гузашта рафт, дигараш ба ким-куҷои таги оринҷаш зада барфро ба рӯяш пош дод. Вай наҷунбид – бигзор зананд. Агар кушанд ҳам, чӣ илоҷ... Вале то даме ки зинда аст, вай онҳоро ба худ наздик шудан намегузорад.

Вай дар ҷанг аз марг наметарсид – даҳҳо бор ба беилоҷтарин ҳолатҳо афтода, тарсашро гум карда буд, – вай аз он метарсид, ки ба дигарҳо бори гарон шавад, чунонки командири взводашон Жмаченко шуда буд. Тирамоҳ дар ҷангали Крижовск ба шикамаш тирпора расида, маҷрӯҳ гашт ва онҳо ӯро аз ботлоқ, аз назди ҷазодиҳандагон, ки ба ҳар кас сари худро ба саломат бурдан осон набуд, бардошта мебурданд ва тамоман ба ҷон расида буданд. Ҳамин ки шаб ба ҷои бехавф баромаданд Жмаченко вафот кард.

Сотников аз ҳама бештар аз ҳамин хел қисмат метарсид, ҳарчанд чунин менамуд, ки ин тавраш ба сари ӯ намеояд. Эҳтимоли наҷот ёфтан, бешубҳа, набуд. Вале ӯ ҳуш ва яроқ дошт – ин аз ҳама муҳим буд. Пояш аз каф то рон беихтиёр карахт мешуд, вай акнун гармии хунро ки шояд кам ҷорӣ нашуда буд, ҳис намекард. Онҳое, ки дар болои теппа буданд, баъди чанд тир кушодан ҳоло фурсат мепоиданд. Ана кадоме аз онҳо хест. Боқимондаҳо дароз кашида буданд, инаш дар нишебӣ як сиёҳӣ карда, ба поён ғелид ва сокит гашт. Сотников дасташро ба милтиқ дароз карда, чӣ қадар аз ҳол рафтанашро пай бурд. Болокории ин дарди пояш ҳам сахттар мешуд. Аз чист, ки тир ба болотар, ба ронаш зада бошад ҳам, зону ва рагу пайи зери он дард мекард. Вай дандонҳояшро фишурда ба паҳлуи чапаш каме тоб хӯрд, ки вазнинии паҳлуиросташро андак сабуктар кунад. Ҳамин дам дар теппа боз як сиёҳӣ ба назар расид – чунин менамуд, ки онҳо аз рӯи ҳамаи қоидаҳои ҳарбӣ амал карда, ба ӯ бо давиданҳои кӯтоҳ-кӯтоҳ наздик мешаванд. Вай мунтазир шуд, ки сеюмаш хезад ва тир холӣ кард. Ӯ таваккал ва тақрибан тир холӣ карда буд – дар нимторикӣ қаровулаку нишонгири милтикро дуруст фарқ карда намешуд. Дар ҷавоб аз он тараф ҳам тирҳо қарсас заданд – ин дафъа ягон даҳ бор, ки кам не. Вақте ки тирпаронӣ хомӯш шуд, вай аз кисааш тирдони навро гирифта ба милтиқ ҷой кард. Чӣ набошад, тирро эҳтиёт кардан зарур, фақат понздаҳ дона монда аст.

Эҳтимол, вай дар рӯи барф муддати дароз хобид, сардӣ ба баданаш асар кард, пояш бештар ба дард даромад; аз хунукию хунравӣ ӯро акнун ларза гирифта, шиканҷа медод. Интизорӣ ниҳоят пуразоб буд. Онҳо паронданду хомӯш шуданд. Гӯё дар шаб ғойиб гаштанд – дар ҳеҷ ҷойи теппа ягон соя пайдо намешуд. Бо вуҷуди ин вай ҳис мекард, ки ӯро дар ин ҷо мондани онҳо гумон аст – кӯшиш мекунанд, ки зинда ва ё мурда ба даст гиранд. Ва ӯ аз хаёл гузаронд: онҳо шояд гаваккашон омада истода бошанд? Ва ё чашми ӯ хуб намедидагӣ шуд? Аз беқувватӣ дар пеши чашмонаш доғҳои сиёҳ пайдо мешуданд, дилаш камтар беҳузур буд. Вай тарсид, ки аз ҳуш меравад ва он вақт ҳодисае рӯй медиҳад, ки вай дар ин ҷанг аз он аз ҳарчӣ бисёртар метарсид. Аз ин мебарояд, ки вай қувваи боқимондаи худро ба кори охирин – барои зинда ба даст наафтодан сарфа карданаш даркор аст.

Сотников боэҳтиёт сарашро бардошт – дар пеш дар нимторикии сард чизе милтос зад. Одам? Вале ӯ бо зудӣ фаҳмид, ки хато кардааст ва андак осуда шуд: дар пеши мил шохчаи бурган милтос мезад. Вай ин дам нолишро бас карда, пои маҷрӯҳашро ҳаракат дод, ки ҳамоно тамоми онро дарди сахте сӯзонда гузашт ва ӯ зонуяшро андак ҷунбонду монд. Вай акнун панҷаҳои пояшро тамоман ҳис намекард. Хайр, бало ба паси ин панҷаҳо, фикр мекард вай, акнун онҳо даркор ҳам нестанд. Пои дуюмаш тамоман сиҳат буд.

Эҳтимол вақти бисёр ва ё каме гузашта бошад, ӯ намефаҳмид – вақтро дарк намекард. Ӯро акнун муҳимтарин фикр ба ташвиш меандохт: Худро ғофилгир накунад. Гумон кард, ки онҳо ба тарафаш гавак мекашанд ва барои он ки навъе карда наздикшавии онҳоро боздорад, ба болои милтиқ хам шуда, боз тир холӣ кард. Вале полисҳо, аз чӣ бошад, ки шитоб надоштанд ва ӯ фикр кард, ки ҳоло онҳо, эҳтимол ба ҷарӣ фуромада ӯро намебинанд. Ин дам, ӯ ҳам қарор кард, ки аз танаффуси кӯтоҳ истифода кунад ва бо азоб якпаҳлу шуд.

Аз по кашидани намадмӯзаи аз хунукӣ шахшуда душвор аст ва ҳоло онро аз ҷо нахеста, аз по канда гирифтан даркор буд. Ва Сотников чангак шуд, худро дар ҳам кашид, то ҳадди дандонаш ғиҷироос задан ҷоғашро фишурд ва бо тамоми қувва намадмӯзаро аз по кашид. Зӯри аввал нафъ накард. Баъди як лаҳза вай аллакай аз ҳол рафт, ӯро араќи сард зер карда, сахт-сахт нафас мегирифт. Вале камтар дам гирифтаю ба атрофаш назар карда, вай боз ҳам қатъитар ба кашидани намадмӯзааш сар кард.

Вай онро пас аз кӯшиши панҷум ва ё шашум кашид ва сахт аз мадор рафта, чанд дақиқа дар рӯи барф ҷунбида ҳам натавонист. Баъд тарсид, ки эҳтимол таъхир кунад, мӯзаро бар рӯи барф партофта, сарашро бардошт, аз афташ, дар наздикиҳои ӯ касе набуд. Акнун бигзор даванд – вай барои тамом кардани худ тайёр буд, фақат мили милтикро ба таги манаҳаш монда бо ангушти пояш кулангро пахш кунад шудааст. Ва хомӯшу ғазабомез шодие кард: ҳарчӣ ҳам бошад, ӯро зинда гирифта наметавонанд. Вале ӯ ҳоло боз ду тирдон тир дошт – вай

ба онҳо охирин ҷанги худро нишон медиҳад. Вай баландтар хест–охир он душманони вай дар ягон ҷой буданашон даркор аст, ба таги замин фурӯ нарафтаанд-ку...

Аз чӣ бошад, ки онҳо дар ин наздикиҳо набуданд. Ва ё эҳтимол, ӯ шабона акнун дида наметавонист? Шаб торикнамо шуда, моҳ дар осмон боз ба ким – куҷо ғайб зада буд. Маълум мешавад, ки ҳаёташ шабона, дар ин майдони тираи яхбаста, дур аз одамон, дар ин танҳоӣ тамом мешудааст, фикр кард ӯ. Баъд ӯро, эҳтимол ба полисхона мебаранд, либосашро мекашанд ва дар ягон хандақи лошапартоӣ мепартоянд. Ва ҳеҷ кас ҳеҷ гоҳ дар он ҷо хуфтани ҷасади ӯро намедонад. Қабристони бародарӣ, ки як вақтҳо ӯро ба даҳшат меовард, акнун барои ӯ орзуи дастнорас, шукӯҳи бемонанд шуда буд. Лекин ҳамаи ин кирои ташвиш намекард. Дар вай аллакай чизе, ки ӯ пеш аз мурданаш боиси он афсӯс хӯрад, намонда буд. Танҳо магар ин милтиқ, ки тамоми ҷанг ба ӯ беҷурм хизмат кард. Дар кори ягон қисматаш нуқс набуд, ягон қисмаш ҳангоми паронидан аз кор намонд, тираш ҳамеша ниҳоят дақиқ ва бехато мезад. Дигарон автоматҳои зудпарони немисӣ, баъзеҳо автомати СВТ доштанд – вай аз милтиқи худ ҷудо намешуд. Ним зимистон боз он муҳофизи боэътимодаш буд, акнун ба ягон полис мерасидагист.

Пои бараҳнааш ба хунук хӯрдан сар кард, ҳаминаш кам буд, ки онро сармо занад – он вақт кулангро чӣ тавр пахш мекунад? Ӯ ба хастагию дард ғолиб омада, дар рӯи барф ҷунбид ва ба ногоҳ дар теппа ҳаракатеро дид. Фақат ҳаракат на ба тарафи ӯ, балки ба тарафи муқобил буд. Ду сиёҳӣ ба нимторикӣ омехта ва ба зӯр ба назар намоён оҳиста аз нишебӣ ба баландӣ мебаромаданд. Ба зудӣ онҳо ба қуллаи теппа расиданд ва ӯ дар он ҷо чӣ ҳодиса рӯй доданашро фаҳмида наметавонист. Онҳо, албатта, ба куҷое равона буданд – эҳтимол, ба сӯи чанаҳо ва ё барои ёрӣ гирифтан, ӯ бошад, аз фикраш ҳам гузаронида наметавонист, ки ӯро партофта рафта бошанд, вале ба роҳ баргаштани онҳоро баралло медид.

Яъне ӯ як худаш мемонад. Вале ӯ ба ҳар ҳол як худаш дар ин сармо дер тоб оварда наметавонад, дар миёнаи майдон аз хунукӣ ва хунравӣ оҳиста-оҳиста ҳалок мегардад. Сотников аз ин аҳдшикании онҳо гӯё ба қаҳр омада, як навъ карда нишон гирифт ва тир холӣ кард.

Ва ҳамон замон фаҳмид, ки беҳуда хавотир кашида будааст: на он қадар дуртар аз зери теппа тири ҷавобӣ паронида шуд. Маълум мешавад, ки ба ҳар ҳол посбон мондаанд. Онҳо аз афташ, барои ёрӣ овардан рафтанду якеро гузоштанд, ки ба ӯ назорат кунад ва ӯро дар зери тир нигоҳ дорад. Онҳо фаҳмидагистанд, ки вай маҷрӯҳ аст ва дур рафта наметавонад. Чӣ илоҷ, ҳамааш дуруст аст.

Бо вуҷуди ин чунин ранг гирифтани кор ӯро ҳатто рӯҳбаланд кард – ба як кас ҷангидан мумкин буд. Дуруст аст, ҳаминаш бад буд, ки вай душмани худро намедид – аз афташ, хуб пинҳон шудааст, мурдор. Шабона аз рӯи тирпаронияш дар куҷо шинак гирифтани ӯро он қадар равшан муайян карда наметавонист. Эҳтимоли қавӣ меравад, ки полис ӯро дар мадди нишон дорад – ҳамин ки Сотников сарашро андак мебардошт, дар он дурӣ садои тир гулдурос мезад. Аз афташ, дароз кашида, аз хунукӣ шах шудан рост меояд. Ӯ кайҳо боз беором меларзид ва Сотников фикр кард, ки вай ба ин ҳол дер поида наметавонад.

Ҳарчанд ба ҳамааш осонакак хотима гузошта метавонист, вале ба чӣ умед баста, корро кашол доданаш маълум набуд. Шояд, ӯ наҷот ёфтан мехоста бошад? Аз афташ, ӯ инро махсусан, ҳоло ки онҳо муҳосираро бардошта буданд, бисёр мехост. Фақат чӣ тавр? Гавак кашида наметавонист, ҳатто кӯшиш мекард, ки пои маҷрӯҳашро наҷунбонад. Вале пои сиҳаташ ҳам акнун аз сармо карахт мешуд – яъне тамоман бепой мемонд. Бе пой чӣ тавр наҷот меёбӣ?

Вай милтиқашро дар барф гузошта, паҳлу гашт ва сарашро набардошта намадмӯзаашро ҷуст. Мӯза, ки соқаш дар барф буд, дар наздаш мехобид. Вай даст дароз карда намадмӯзаро гирифт ва барфашро афшонда мепалмосид, ки онро ба пои карахташ пӯшад. Вале пӯшида натавонист – ин аз кашиданаш ҳам душвортар буд. Ҳамин ки пояш ба соқи мӯза даромад, сараш боз чарх зад ва ӯ дар худ ғунча шуд, ки ба беҳолӣ ва хурӯҷи дард тоқат кунад. Дар ин дам садои тир, ки аз он ҷо, аз зери теппа паронида мешуд, қарсос зада рафт ва акси садои сарди

ҷарангосиаш дар майдон паҳн гашт. Пас дуюм ва сеюм бор қарсас зад. Бо вуҷуди ин вай садои тирро намешунид ва аслан ба он гӯш ҳам намедод. Вай дар хобҷои барфии худ якпаҳлу тоб хӯрда, бо тамоми қувва кӯшиш мекард, ки намадмӯзаашро ба пой кашад ва ҳолаш андак сабук шуд. Вай ҳатто рӯяшро гардонд, ки барф он қадар рӯю пешониашро сахт ба сӯзиш наорад.

Ва ӯ баногоҳ овозеро шунид, ки аз куҷо расиданаш маълум набуд.

– Сотников, Сотников...

Ӯ аз ин сахт ба ҳайрат омад ва фикр кард, ки ин шояд ба ӯ фақат вонамуда бошад. Бо вуҷуди ин вай ба қафо нигарист – дар қафо ким-кадом чизи зиндае меҷунбид, гӯё касе ҳатто гавак мекашид ва паст-паст боисрор такрор мекард.

– Сотников, Сотников!

Ин, бешубҳа, Рибак аст! Сотников овози пасти хавотиромези ӯро дақиқ шунид ва он дам дар ҳолати шадиди пуризтироби худ якбора аз арақ тар шуд. Ҳарчанд ҳоло хуб ё бад будани баргаштани Рибак маълум набуд (эҳтимол роҳи баргаштан ҳам баста бошад), вале ӯ баногоҳ дарк кард, ки марг вогузоштааст ӯро.

## 7

Онҳо ба сӯи буттазор гавак кашиданд, – Рибак аз пеш, Сотников аз қафои ӯ. Ин роҳи дарози пурмашаққате буд. Сотников аз паси рафиқаш расида наметавонист, баъзан дар ҷӯяки пурбарф тамоман хомӯшу беҳаракат мемонд ва он вақт Рибак баргашта ӯро аз гиребони шинелаш гирифта, аз пасаш кашола карда мебурд. Ӯ ҳам аз қувват рафта буд – ба Сотников ёрӣ доданаш кам буд, ки вай боз дар пушташ ду милтиқро, ки ҳар лаҳза лағжида мефуромаданд ва дар барф дармемонданд, кашида мебурд. Шаб торик, моҳ дар тумани тиратоб тамоман нопадид шуда буд ва ин, эҳтимол, онҳоро наҷот медод. Дуруст аст, ки аз таги теппа ду бор қарсасзанон садои тир баланд шуд – аз афташ, полис чизеро пай бурда буд.

Онҳо ба як навъ то канори буттазор расида, дар байни лойтӯдаҳои мулоими барфпӯш дароз кашиданд – шохҳои тиратоби хадангзор онҳоро дар шаби нимторик он қадар бад панаҳ намекарданд. Рибак тамоман тар, андаруни остин ва гиребони нимпӯстинаш барф об мешуд, аз арақи бисёр тахтапушташ нам кашида буд. Вай чунон кӯфта шула буд, ки дар умраш, эҳтимол, ягон бор ин қадар хаста нашуда буд ва ҳоло бемадроноа парӯ хобида, ба тарафи теппа ҳар лаҳза нигоҳ карда мемонд: оё аз паси онҳо наметозанд. Вале аз қафо касе набуд, полис ким-чизеро пай бурда бошад ҳам, ба таъқиб кардан ҷуръат надошт– дар ин ҳолат тӯъмаи тир шудан осон буд.

– Хӯш, аҳволат чӣ тавр? – овоз дод Рибак ҳоло ҳам аз буғи ғафс, ки ҳатто дар нимторикӣ намудор буд, сахт-сахт нафас кашида.

– Бад,– базӯр шунаво иқрор кард Сотников.

Вай якпаҳлу, сарашро, ки пилоткаи яхбаста ба он сахт часпида буд, қафо партофта мехобид. Зонуи пои маҷрӯҳаш андак боло шуда, – маҳин-маҳин ва асабонӣ меларзид. Рибак пастакак ҳақорат дод.

– Биё, ҳаракат мекунем. Набошад... ба муҳосира мегиранд – баромада наметавонем.

Вай, пеш аз он ки хезад, андак баланд шуда, дастурӯпоккунаки маҷақи худро аз паси гиребони Сотников кашида гирифт ва бо дастони аз бемадорӣ ларзонаш пои ӯро аз зону боло сахт баст. Сотниов ягон ду бор аз дард худро дур кашид ва нафас нагирифта нолаашро фурӯ мебурд. Рибак ба зонуяш нимхез шуда, тахтапушташро ба ӯ рост кард:

– Канӣ, маҳкам дор.

– Ист, шояд ман худам...

Сотников дар рӯи барф бемадорона паҳлу гашта, бо азобе ба як зону рост шуд. Ӯ ҳарчанд пои маҷрӯҳашро боэҳтиёт ба як тараф гузошта, кӯшиш кард, ки бархезад, вале он сахт ба дард омада, ин кор ба ӯ муяссар нашуд.

– Ту куҷою хестан! Канӣ, маҳкам дор!

Рибак ӯро аз зери бағалаш гирифт ва Сотников оқибат хест; ба пои маҷрӯҳаш сахт лангида, ду қадам монд. Ин Рибакро рӯҳбаланд кард – одам агар ба пои худ истода тавонад, аз афташ ҳоло умед ҳаст. Зеро ӯ ба назди Сотников хазида омада, чун фаҳмид, ки маҷрӯҳ аст, авзояш беҷо шуд: вай дар ин вазъият бо ӯ чӣ кор ҳам карда метавонад? Акнун Рибак кам-кам ором мешуд ва фикр мекард, ки ҳоло ягон илоҷ карда халос хӯрданашон имкон доштагист.

Сотников бо мадади Рибак як-ду қадами ноҳамвор бардошт. Онҳо ба буттазори тунук ва қадпасти ин ҷо, ки барфи ковоку баланд дошт, даромаданд. Сотников, бо як дасташ Рибак ва бо дасти дигараш шохаҳои сарди хадангро дошта, бо пои маҷрӯҳаш сахт лангида мерафт, бо тамоми қувват кӯшиш мекард, ки тезтар қадам монад. Қафаси синаи ӯ хиррос зада ким-чӣ хел садои ҳуштакмонанди носоз мебаровард, баъзан ӯро сулфаи пасту пурдард мегирифт ва Рибак тамоман ба худ фишурда мешуд: онҳоро аз дур ба осонӣ шунида метавонистанд. Вале ӯ хомӯш буд. Вай дигар аҳволи саломатӣ напурсид: ӯ нафас рост накарда, Сотниковро аз байни буттаҳо кашола карда мебурд.

Дар паси нишебие, ки буттазор ва ботлоқи яхбастаи васеъе буд, ба сӯи теппача боз баландӣ сар шуд. Онҳо ба он уреб часпида мебаромаданд ва Рибак ҳис кард, ки тамоман аз мадор рафта истодааст. Вай акнун ба Сотников, ки ба поён бештар хам мехӯрд, ёрои мадад кардан надошт ва худаш ҳамчунон беҳол гашта буд, ки онҳо байни худ ҳарфе нагуфта, баробар ба рӯи барф афтоданд. Баъд, дар онҳо нисбат ба ҳама чиз чунон бепарвоие пайдо шуд, ки дар пастхамӣ бодиққат ва баланд–баланд нафас кашида дуру дароз хобиданд. Воқеан Рибак мефаҳмид, ки ҳар лаҳзаю ҳар дақиқа ба болои онҳо омадани полисҳо мумкин аст, вай ҳама вақт овози шуми онҳоро мепоид, вале вуҷуди ӯ бар бемадории ҷисмаш ғолиб омада наметавонист.

Эҳтимол, ягон чоряк соат гузашта буд, ки вай нафасашро андак рост карда, паҳлу гашт. Сотников якпаҳлу хобида аз таб саҳл меларзид.

– Тир монд?

– Як тирдон, – бо овози хирросӣ гуфт Сотников.

– Рафту ягон чӣ шавад, зада мегардонем.

– Он қадар ҳам зада гардонда намешавад.

Дар ҳақиқат бо бист дона тир он қадар дер истодагӣ карда намешавад, фикр кард Рибак, вале онҳо илоҷи дигар надоштанд. Ҳар чӣ ҳам бошад, худро асир намедиҳанд-ку – ҷангидан лозим мешавад.

– Онҳоро кадом бало овард? – Рибак аз он ҳодиса бо қувваи нав афсӯс мехӯрд. – Ба ростӣ ҳам: ғам якка намеояд.

Сотников бо кӯшиши бисёр нолаҳои худро фурӯ бурда, ором мехобид. Чеҳраи аз аёс тира ва ранҷур, риши расида ва аз ҳаври нафас шӯшабастаи ӯ баногоҳ ба назари Рибак қариб ношинос намуд ва ин дар ӯ як ҳиссиёти нохушро бедор кард; аҳволи ҳамроҳаш, аз афти кор, тамоман бад аст.

– Сахт дард мекунад?

– Дард мекунад, – ғурунгос зад Сотников.

– Тоқат кун, – дағалнамо рӯҳбаланд кард Рибак, ҳоло ҳисси тараҳҳуми беихтиёр ва тамоман бемавқеъро дар худ фурӯ нишонда. Баъд вай дар рӯи барф нишаста, ин ҷойро ки ба ӯ тамоман ношинос менамуд, хавотиромез аз назар гузаронд: кадом як майдони сертеппа, ҷангалча ва ё чакалакзори на он қадар дур, вале он ҷангали ба онҳо даркори калон куҷо буд, вай дар ин бора тасаввуроте ҳам надошт. Вай ҳангоми гурезогурез дар буттазор баногоҳ куҷо будан ва ба кадом самт харакат карда, аз назди одамони худӣ баромаданро фаромӯш карда монд.

Ин дам дили ӯ хавфи тозаеро бедор кард – акнун роҳгум заданашон монда буд. Вай дар ин бора бо Сотников гап сар кардан хост, аммо ӯ дар паҳлу дароз кашида, хавфу хатар ва сарморо, ки аз шамоли сард боз ҳам тоқатшикан мешуд, гӯё ҳис намекард. Акнун ба бадани аз роҳгардӣ тафсидааш кам-кам хунукӣ таъсир мекард. Бо вуҷуди ин ҳоло хастагӣ онҳоро аз

замин бархостан намегузошт ва Рибак ба гирду атрофи нимторик назар дӯхта, ба кадом сӯ рафтанашонро бо азоб фикр мекард.

Вай инро муайян карданӣ шуда, роҳи печ дар печи ба ин ҷо омадаашонро бефоида дар хотир барқарор мекард, аммо ҳисси худмудофиакунӣ якзайл ба тарафи буттазори муқобил тела медод, ки дар паси он политсия онҳоро таъқиб карда буд.

Ҳамин ки ин ҳис ӯро комилан фаро гирифт, Рибак хест ва ҳар ду милтиқро ба китфаш овезон кард.

– Биё, як илоҷ карда...

Сотников бо машаққат ба хестан сар кард ва Рибак ин дафъа ҳам ӯро дошта мадад намуд, вале ӯ ба пояш рост шуда, оринҷашро раҳо кард.

– Милтиқро бидеҳ.

– Чӣ, худат меравӣ?

– Санҷида бинам.

«Хайр, бин», – милтиқро бозгашта дода, сабукҳолона фикр кард Рибак. Сотников ба он чун ба асо такя карда, бо азоб чанд қадам гузошт ва онҳо аз майдони пурбарф оҳиста-оҳиста равон шуданд.

Як соат гузашта буд, ки онҳо аз ботлоқ хеле дур шуда, кӯр–кӯрона аз ёнаи нишеби майдон мерафтанд. Рибак ҳис мекард, ки охирин соати шаб гузарон аст, ба наздикӣ субҳ медамаду онҳо дигар расидагӣ карда наметавонанд. Субҳ, агар онҳоро дар саҳро дарёбад, дар он ҳолат халос нахӯрданашон аниқ аст.

Ҳоло ҳозир, онҳоро ҳамин наҷот медод, ки барфи ин ҷо баланд набуда, пояшон ҳамчун дар ботлоқ зуд-зуд фурӯ намерафт. Пояҳои бурган, ки дар баъзе ҷойҳо бисёртар буданд, дар муҳити барф хира–хира метофтанд ва Рибак он ҷойҳоро давр зада, ҷои камбарфтарро интихоб карда мерафт. Вай барои ба пастхамӣ нафуромадан мекӯшид, зеро метарсид, ки ба барфтӯдаҳо нағӯтанд, нишебии теппа бехавфтар аст. Вале дар рӯи барф нақши пои онҳо ниҳоят равшан намудор буд ва Рибак ба қафояш як нигоҳ карда, ба тарс афтод: онҳоро шабона ҳам дошта гирифтан хеле осон буд. Ва ба атроф назар андохта, андешид, ки роҳи имрӯз онҳоро қариб нобуд карда, чӣ қадар хатарнок бошад ҳам, аз афташ, боз ба он баромадан рост меояд. То ки полисҳоро аз паи худ ба бошишгоҳ набиёранд, фақат аз роҳ рафта дар байни нақшҳои дигар ду паи пойро пинҳон кардан мумкин аст.

Аз байни пардаи ғафси шаби торик саҳрои барфпӯш аранг-аранг ба назар мерасид, ки ҷо-ҷо дарахтони ёбоӣ дошт ва дар он буттаҳо ҳам доғ барин ягон-ягон сиёҳӣ мекарданд; дар як ҷои он чизи номаълуме сиёҳ метофт ва Рибак наздиктар омада дид, ки харсанг аст. Роҳ дар ҳеҷ ҷо набуд. Сипас ӯ рост ба баландӣ роҳ гирифт – ин хел рафтан мушкилтар шуд, вале умеде пайдо гашт, ки дар боло дар паси теппа, ҳар чӣ ҳам набошад, ҷангал наздик аст. Дар ҷангал имкони пинҳон шудан буд, чунки ҳамоно аз паси онҳо афтодани полисҳо гумон аст, аввал фикр мекунанд ва бо ин ба онҳо фурсат медиҳанд, ки худро аз таъқибгарон ҷудо кунанд.

Рибак ба ин хел вазъият аввалин бор наафтода буд, вале ҳар бор як навъ карда халос мехӯрд. Дар ин ҳолатҳо ҷусту чолокӣ ва зиракӣ, ҳамон қарори ягонаи дуруст, ки бе дақиқае таъхир қабул карда мешуд, наҷот медоданд. Ва ӯ халос меёфт. Ҳозир ҳам ҳамин хел имконият, ки полисҳо ба онҳо бо сабаби номаълум дода буданд, мавҷуд буд ва агар Сотников намешуд, Рибак аз он ба тарзи аъло истифода мекард. Лекин бо Сотников дур рафта намешавад. Онҳо ҳанӯз ба теппа набаромада ҳамроҳаш бори чандум ба сулфаи сахту нафасгир сар кард, бадани ӯ чанд дақиқа аз дарду азоб меларзид, гӯё мехост бо сулфаю бо ин зӯри беҳуда ким-чиро берун кунад. Рибак бозистод ва ба назди рафиқаш баргашта, кӯшиш кард, ки ӯро аз зери бағалаш дошта истад. Сотников дар пояш бо машаққат рост меистод ва ӯ вайро ба рӯи барфи шамоллесидаи сахт шинонд.

– Чӣ, аҳволат бад аст?

– Аз афташ халос хӯрда наметавонистагӣ барин...

Рибак ҷавобе надод, – вай намехост дар ин бора гап сар кунад ва ё бардурӯғ умедвор карда, тасалло диҳад, вай худаш бо чӣ роҳ халос шуданашонро дуруст намедонист. Ва ҳатто ба кадом тараф рафтанашонро намедонист.

Ва дар болои сари Сотников, ки беҳолона ба як паҳлу хам шуда, пои маҷрӯҳашро ба тарафаш мекашид, камтар истод. Дар қалби Рибак нисбат ба ӯ ҳиссиётҳои гуногун ба ҳам меомехтанд: аз як тараф, аз он ки ба сари танҳои худи ӯ ин қадар кулфат омад (беморияш кам буд, ки боз тир ҳам заданд), дар ӯ тараҳҳуми беихтиёр пайдо мешуд ва боз дар айни ҳол аз он ки мабодо ин Сотников ба сари ҳардуяшон балое биёрад, як ҳисси афсӯси пешакии номаълум зуҳур мекард. Дар ин ҷараёни ҳиссиётҳои пуртаҳрик гоҳ ҳисси хавотирӣ аз ҳаёти худ тамоми ҳиссиётҳои дигарро пахш карда, ҳар чӣ бештар аз худ хабар медод. Дуруст аст, вай мекӯшид, ки онро аз худ дур ронад ва то қадри имкон худро оромтар нигоҳ дорад. Вай мефаҳмид, ки ҳамин аз ҳаёти худ тарсидан барои худгумкунӣ қадами аввал аст: ҳамин ки ба тарсу ҳарос афтодӣ, асабонӣ гаштӣ паси ҳам балоҳо ба сарат боридан мегирад. Ана он вақт масъалаат ҳал мешавад. Ҳоло агарчи ба сараш сахтӣ омада бошад ҳам, эҳтимол ҳама чиз аз даст нарафтааст.

– Хӯш. Ту мунтазир шав.

Рибак Сотниковро дар барф, дар ҷои хуфтааш гузошта, аз нишебӣ ба баландӣ баромад, ки атрофро аз назар гузаронад. Ба ӯ то ҳол дар паси теппа ҷангал будагӣ барин менамуд. Онҳо имшаб он қадар роҳ гашта буданд, ки агар дуруст бошад, бояд ба ягон ҷои наздики ҷангал мерасиданд.

Ҳаминаш бад буд, ки моҳ тамоман ғоиб шуд ва дар дуртар ҳеҷ чиз наменамуд-шаб ба торикии туманолуди сард ғарқ мешуд: нимторикии пеш аз субҳ дар гирду атроф ҳамаро печонида мегирифт. Аммо ҷангал дар ин наздикӣ набуд. Дар паси теппа боз саҳрои сертеппаи нишеб доман паҳн карда, дар он чизе хира–хира метофт, аз афташ, чакалакзори ниҳоят тунук буд ва хасе дар биёбон барин менамуд, ки бештар не. Дар ҳама ҷо доғҳо номаълум, шохчаҳои тираи бурган, тарҳи ноаёну норавшани буттаҳо ба назар мерасиданд. Лекин, ана, аз нимторикии пурбарф дар рӯи замин хати рости кӯтоҳе ба чашм намуд, як пайдо шуду боз нопайдо гардид. Рибак бо як сабукии ғайричашмдошт ба назди он шитофт ва баногоҳ чӣ тавр дар рӯи барф ба тасмаи сиёҳнамои роҳ мубаддал шудани он хатчаро пай набурда монд. Ин роҳи хеле шиббахӯрда, ки изи чархи ароба ва паи суми аспон дошт, ниҳоят дар вақти зарурӣ пайдо шуд. Рибак аз теппа пас гашта, ба назди Сотников, ки дар рӯи барф печутоб хӯрда мехобид, давида фуромад. «Роҳ он ҷо! Мешунавӣ!».

Вай сари кулӯла ва ниҳоят хурди пилоткадорашро беҳолона бардошт, тоб хӯрд ва гӯё кӯшиши хестан кард.

– Дар роҳ аз ягон ҷо фиртӣ фуромада меравем – ёфта наметавонанд. Фақат дар вақташ расему ба ягон бало рӯ ба рӯ назанем, шудаст.

Сотников бо ёрии Рибак хомӯшона хест, бо панҷаҳои карахту ногирояш қундоқи милтиқро дурусттар дошт.

Онҳо оҳиста ба сӯи роҳ равона шуданд. Рибак хавотиромез ба қафояш нигоҳ карда мемонд – оё дар торикӣ дар ягон ҷой одамон ба назар намерасанд. Аз рӯи одат нигоҳи пурдиққати вай саросари майдонро мекофт, кӯшиши зиёде сарф мекард, то ба он ҷое, ки дар ин шаб охири роҳ дар он гум мешуд, рафта расад. Ва ӯ баногоҳ тамоман ғайричашмдошт пай бурд, ки осмон дар болои майдон гӯё сфаед шуд, ба худ ранги кабуди равшан гирифт, ситораҳо аз дурахшидан бозмонданд, фақат аз ҳама бузургтаринашон дар фарози гардун нурфишонӣ мекарданд. Ин аломати бегумони дамидани субҳ ӯро зиёда ба изтироб андохт, ки одамонро ҳам бинад, ба ин дараҷа намерасид. Андаруни ӯ ким-чӣ кашида шуд, ба пеш баромад, фақат аз ин майдони холӣ ва хоинвор равшаншудаистода зудтар дур шудан даркор буд. Вале пойҳояш чунон беҳол буданд, ки илоҷе надошт ва ба замми ин Сотников аз қафо базӯр-базӯр меомад. Хоҳанд–нахоҳанд, маҷбур буданд, ки бо ин роҳи пайдошуда оҳиста-оҳиста раванд, чораи дигар набуд.

Ӯ инро фаҳмида, бесабриро дар худ фурӯ нишонд ва дандонҳояшро сахттар фишурд. Вай ба Сотников ягон калима гап назад – ӯ бе ин ҳам охирин мадори худро сарф карда, базӯр кашола шуда меомад, ва андаруни Рибак чизе ҷунбид – вай акнун медонист, ки: барор намеёбанд. Шаб ба охир мерасид ва бо ҳамин ҳимояти худро ҳам ба онҳо тамом мекард, рӯз хубии бисёр оварданаш гумон буд. Ва Рибак бо дилафтодагӣ оҳиста ва беист фаро расидани пагоҳии зимистонро назора мекард: осмон равшан мешуд, аз паси нимторикиҳои шабона паҳнои пурбарф равшантар намудор мегашт, дар пеш роҳ кам-кам дароз мешуд ва то дуриҳо ба назар мерасид.

Онҳо аз ин роҳ ба тарафи чакалакзор равона шуданд.

**8**

Сотников ҳам мисли Рибак медид, ки шаб ба поён расидааст ва хеле хуб мефаҳмид, ки ин субҳи нобаҳангом ба онҳо бо чӣ анҷомиданаш мумкин аст.

Бо вуҷуди ин вай мерафт. Вай ҳамаи қувваташро, ки дар ҷисми беҳолаш боқӣ монда буд, ҷамъ оварда ва худ аз милтиқ мадад гирифта, бо машаққати бениҳоят қадам мемонд. Дарди ронаш ҷонгудоз буд, кафи пояшро тамоман ҳис намекард, намадмӯзаи хунолуд ях баста, шах шуда буд; ними соқи пои дигари мӯза, ки онро то охир напӯшида буд, аз даромадани барф нобоб қат гашта буд.

То чакалакзор расидани онҳо субҳ боз ҳам равшан шуд. Гирду атрофи саҳро, теппаҳои зери барф ба назар намуданд; аз тарафи чап, дуртар аз роҳ, дар нишебӣ ҷангали майдадарахт, буттаҳо доман паҳн карда буданд, вале аз афташ ин ҳамон буттазоре буд, ки онҳо аз он баромаданд. Ҷангали калони ба онҳо ниҳоят зарур ҳатто дар канори уфуқ ҳам ба назар наменамуд – вай гӯё дар як шаб ба коми замин фурӯ рафта буд.

Рибак чун ҳарвақта босубот ба пеш ҳаракат мекард, ки сабабаш маълум буд: онҳо гӯё аз дами шамшер мерафтанд, ҳар сония онҳоро дида, расида гирифта дастгир карданашон мумкин буд. Хушбахтона, роҳ ҳоло холӣ буд, он қитъачаи дар пеш будаи беша оҳиста-оҳиста бошад ҳам, наздик мешуд. Сотников бо қундоқи милтиқ такя доштаю сахт лангида, бо тамоми азобу машаққати худ ба он ҷо нигоҳҳои бесаброна меафканд – вай ҳар чӣ зудтар ба он ҷо расидан мехост ва на барои он ки аз роҳ пинҳон шавад, балки бештар барои он ки роҳат шавад.

Ба бадбахтии ӯ ҳоло ними роҳи чакалакзорро ҳам тай накарда буданд, ки Рибак ҳақорат дода, дар роҳ мисли ях рост истода монд.

– Э, дунёи ғар! Ин қабристон-ку!

Сотников сарашро бардошт – акнун дар асл қабристони қишлоқ будани ин қитъаи дарахтдор, ки ба чашми онҳо чакалакзор намудааст, равшан намоён гашт: дар зери шохҳои паҳни санавбар чанд салиби чӯбӣ, тавора ва дарунтар, дар теппа сағонаи хиштӣ баралло ба назар менамуданд. Вале аз ҳама бадтараш он буд, ки паси санавбарҳо бомҳои хаспӯши деҳа наздик намудор меистоданд: дудро аз дудкашҳо каҷукилеб ба боло кашидани шамол намоён буд.

Рибак бинӣ афшонда, парешонхотирона онро бо панҷааш пок кард.

– Дигар куҷо равем?

Дар ҳақиқат ҷои рафтан набуд, вале дар ин ҷо, дар миёнаи роҳ ҳамин тавр истодан ҳам намешуд. Ва онҳо боз бештар рӯҳафтодаю музтарибҳол ба сӯи деҳа равон шуданд.

Дар аввал гӯё корашон омад мекард: деҳа, эҳтимол, акнун бедор мешуд ва онҳо дар роҳ ҳеҷ касро дучор нашуда, то қабристон саломат расиданд. Дар ин ҷо ҳам дар роҳ ва ҳам дар майдони назди он изҳои ҳархела бисёр буданд. Онҳо аз пайраҳаи базӯр намоёни пурбарф рафта, саросема ба таги шохаҳои хамхӯрдаи санавбар даромаданд. Одатан Сотников аз дидани ин оромгоҳи ғамангез дар худ як ҳиссиёти тарсоварӣ ҳазаромезро базӯр рафъ мекард ва мекӯшид, ки аз он дуртар ва дар наздаш наистода гузарад. Вале ҳоло чунин менамуд, ки худо худаш ин қабристонро барои наҷоташон пеш овардааст, вагарна онҳо аз назари деҳа дар куҷо пинҳон мешуданд.

Онҳо аз назди қабри нави хурди бачагона, ки теппачаи лоинашро ҳоло барф напӯшонда буд, саросема гузаштанд ва онҳоро акнун санавбарҳои сершохаи гурмдор ва чанд тавораи гӯр аз тирезаҳои деҳа панаҳ мекарданд. Аз ин ҷо рафтан осонтар шуд – Сотников бо тамоми кӯшиш ба худ бо дастонаш мадад карда, гоҳ аз салиб, гоҳ аз гурмҳои танаи дарахт ва ё аз панҷарадевор дошта мерафт. Вай аз роҳ хеле дур шуд ва ба назди танаи ғафси санавбар расида, худро сахт рӯи барф партофт. Дар ин шаби лаънатрасида тамоми аъзои баданаш риёзат кашид, сармо хӯрд, якзайл ором нагирифта ҷонгудоз дард кард.

Вай аз беқувватии ҷисмаш азоб мекашид ва танашро ба танаи шахшӯли санавбар, то ин ки нигоҳаш бо нигоҳи Рибак барнахӯрад ва гуфтугӯе ба миён наояд, такя дода, чашмонашро пӯшида мехобид. Вай дар бораи чӣ будани ин гуфтгугӯро медонист ва аз он мегурехт. Ӯ аз ин худашро қариб гунаҳкор ҳис мекард, ки азоб кашида, рафиқашро ба хатар мегузорад ва агар вай набошад, ӯ кайҳо, албатта, аз ин ҷойҳо дур мерафт. Рибак саломат ва нисбат ба Сотников бештар ташнаи ҳаёт буд ва ин масъулияти ҳаёти ҳардуяшонро ба зиммаи ӯ мегузошт. Сотников ҳамаи кӯшишҳои босубот ва шадидро, ки Рибак шаби гузашта барои халосии ӯ карда буд, бо таҳайюр ба ёд оварда, ҳамин тавр фикр мекард. Вай инро ёрии ҳамдигарии муқаррарии аскарӣ медонист ва агар ин ёрӣ ба ягон шахси сеюм карда мешуд, ӯ ба он ҳеҷ муқобилат нишон намедод. Вай бо вуҷуди маҷрӯҳ буданаш худро ба ҳеҷ ваҷҳ заиф ва ба кӯмаки бегона муҳтоҷ ҳисобидан намехост – ин барои ӯ ғайриоддӣ буд ва аз он тамоми вуҷудаш нафрат мекард. Вай кӯшиш мекард, ки то тавонистан, худ худашро уҳда кунад ва он ҷо ки наметавонад, вобастагиашро аз касе ки бошад, камтар кунад. Ва аз Рибак ҳам.

Вале Рибак, аз афташ, ба таассуроти рафиқаш камтар зеҳн мемонд, ки ғамхории худро ба ӯ давом медод ва андак нафас рост карда, гуфт:

– Ту ин ҷо мунтазир бош, ман зуд рафта меоям. Ана хона наздик. Рафту ягон ҳодиса шавад, дар сарои ғаллакӯбӣ пинҳон мешавем.

«Мунтазир шудан хуб аст, – фикр кард Сотников, – фақат роҳ наравем шудаст». Вай тайёр буд, ки агар аз ин мунтазирӣ ягон бӯи умед расад, дуру дароз мунтазир шавад. Рибак хастаҳолона ба пой хест ва карабинро гирифт. Сотников чашмонашро кушод, камтар ба паҳлу гашта, милтиқро наздиктар кашид. Аз байни танаи санавбарҳо кулбаи канори деҳа ва оғили вайронаи он наздик намудор буд: дар чапаракдевори кӯҳнаи каҷшуда шамол ким-чӣ хел латтаи фаромӯшшударо меҷунбонд.

Дар он ҷо гӯё одамон набуданд.

Рибак ба зудӣ аз мадди назари ӯ нопадид шуд, вале деҳа ба мисли аввала хомӯшу холӣ буд. Сотников барои он ки пои маҷрӯҳашро дурусттар ҷой кунад, як чӯби шахшӯли тавораро дошт ва он пастакак қисиррос зада, дар дасташ монд. Қабр кӯҳна, эҳтимол кайҳо боз ба ҳолаш гузошта шуда буд, аз даруни тавораи он санги танҳое аз рӯи барф намуд меистод, ки салиб ҳам надошт. Таворачаи фатарот рӯзҳои охири худро ба сар мебурд ва маълум буд ягона чизест, ки аз инсон дар ин ҷо боқӣ мондааст. Ва баногоҳ дар ин қабристони деҳа, дар байни тавораю сангҳои гӯр салибҳои пӯсидаю хамхӯрда, Сотниковро ғуссаи тоқатшикане фаро гирифт ва ӯ ба ҳамаи инҳо нигариста, бо маҳзунии писхандомез фикр кард: «Барои чӣ? Чӣ даркор ин расму одатҳои дақёнусии лавҳи мазоргузорӣ, ки аслан аз кӯшиши содалавҳонае беш нест, ки одам пас аз барг барои ҳастии худро дар рӯи замин дарозтар кардан ба кор мебарад? Оё ин имкон дорад? Ва чӣ даркор аст ин?

Не, ҳаёт ин ягона чизи арзишнок аст барои тамоми мавҷудот ва, аз ҷумла барои инсон ҳам. Ягон вақт вай дар ҷамъияти комили инсонӣ дараҷаи мутлақ, меъёр ва санги маҳаки баҳои ҳама чиз мешавад. Ҳар яки чунин ҳаёт моҳияти шахси зиндаро ташкил дода, барои кулли ҷамъият ҳам арзиши камтар нахоҳад дошт, ки қудрат ва муносибии он аз хушбахтии тамоми аъзои вай муайян мешавад. Марг чӣ, аз марг илоҷи гурехтан нест. Муҳимаш он аст, ки фақат марги маҷбурӣ, пеш аз вақт бартараф шавад, ба инсон имконият дода шавад, ки умри бе ин ҳам на он қадар дарози худро дар рӯи замин оқилона ва бо манфиат гузаронад. Охир, одам бо тамоми қудрати бемонандии худ, аз афташ, аз ҷиҳати ҷисмонӣ дуру дароз ҳамин тавр зуд

маҷрӯҳшаванда мемонад ва як пораи хурдтарини фулузот зиёдатӣ аст, ки ӯро аз ҳаёти ягона ва ин қадар азизаш абадан маҳрум кунад.

Бале қобилияти ҷисмонии инсон маҳдуд аст, вале имконияти рӯҳи ӯро кӣ муайян карда метавонад? Кӣ метавонад дараҷаи ҷасорати ӯро дар ҷанг, нотарсӣ ва мустаҳкамии ӯро, ки бо вуҷуди дар муқобили душман заррае ҳам имконият надоштанаш, боз ба ғиреви шуҷоатноки мағлубкунанда қодир будааст, муайян кунад?»

Сотников, тобистон дар қароргоҳи саҳроии асирон аз тарафи немисҳо чӣ тавр истинтоқ шудани полковники мӯйсафедро, ки дар майдони муҳориба маъюбу маслуқ шуда, панҷаҳои дасташ шикаста, базӯр зинда буд, дид ва тамоми умр дар хотир нигоҳ дошт. Ҳамин тавр менамуд, ки ба ин полковник ҳиссиёти тарс тамоман бегона аст ва ӯ сухан намегуфт, балки ба офитсери гестапо бар зидди Гитлер, фашизм ва тамоми Германияи онҳо найзаи суханҳои ғазаболудро меандохт. Немис чунонки як соат пештар ду  политруки пиёдаҳоро паронида буд, метавонист, ки ӯро паронад, корашро бо зарби мушт тамом кунад, вале ин одамро ӯ таҳқир накард, эътиборашро паст накард. Ҳамин тавр барин менамуд, ки ин хел гапҳоро бори аввал мешунид ва тамоман гаранг шуда буд, баъд саросема телефонро гирифта, ба сардорашон ким-чиро хабар дода, эҳтимол, мунтазири қарори боло истод. Албатта, полковникро баъд паронданд, вале он чанд дақиқаи пеш аз марг тантанаи вай, охирин ғалабаи вай, шояд аз ғалабаи дар майдони муҳориба ҳам душвортари вай буд, охир ӯ умеде ҳам надошт, ки ӯро касе аз одамони худӣ мешунавад (онҳо тасодуфан дар паҳлу, дар паси девори хонаи тахтагӣ буданд).

Сотников кам-кам ва торафт сахт хунук хӯрда, пуртоқатона ба канори қабристон менигарист ва Рибакро баробари дар он ҷо пайдо шуданаш дид. Рибак рост наомада, эҳтимол, барои он ки ба чашми мардуми деҳа нанамояд, қад-қади тавора ба тарафи саҳро хеле роҳ рафт ва баъд ба тарафи ӯ тоб хӯрд, пас аз лаҳзае вай дар паҳлуи ӯ буд ва нафастанг шуда, зери санавбар афтод.

– Кор панҷ барин. Медонӣ дар он ҷо кулба, як худакаш, дар канор. Диққат кардам, гӯё касе нест...

– Хайр?

– Охир, мефаҳмӣ... Хоҳӣ ман туро барам, гарм мешавем, баъд.

Рибак бо дудилагӣ хомӯш монда, ба дашти фарохи пагоҳӣ, ки аллакай то дуриҳо намоён буд, ташвишомез нигоҳ кард. Овози ӯ ким-чӣ хел беҷуръатона ва гӯё гунаҳкорона садо медод, ки Сотников рамуз бурд.

– Хайр, чӣ илоҷ! Ман мемонам.

– Ҳа, албатта, ин хел беҳтар мешавад, – андак хурсанд шуд Рибак. – Ба ман лозим аст, ки... Фақат намефаҳмам, ки он ҷангали балозада куҷо бошад. Мо роҳгум задем.

– Пурсидан лозим.

– Мепурсем... Ту бошӣ, ҳоло каме тоқат кун. Баъд  эҳтимол, ба ягон ҷои дигар мефиристем. Ба ҷои боэътимодтар.

– Майлаш, майлаш,  – ба ин бо оҳанги хушҳолии сохта ҷавоб дод Сотников.

– Ту хавотир нашав, ман ба ту ҷой муқаррар мекунам. Мефармоям, ки нигоҳубин кунанд ва ғайра...

Сотников хомӯш буд. Умуман, ҳамааш аз рӯи мантиқ ва дуруст буд, вале бо вуҷуди ин андаруни ӯ чизе ларзид ва дилаш хаёле озор ёфт. Воқеан, ӯ ҳамон лаҳза ҳис кард, ки ин аз беқувватӣ ва натиҷаии шаби гузаштаи лаънатист. Вай аз чӣ ҳам меранҷид? Муносибати онҳо комилан баробар аст, касе ба касе уҳдадор нест. Ва ҳамин хел, шукри худо, ки Рибак барои ӯ ҳама кори аз дасташ меомадаро кард. Дар беилоҷтарин лаҳзаҳо наҷот дод гӯем ҳам мешавад ва ҳоло вақташ расидааст, ки вай акнун ӯро пойбанд накунад.

– Чӣ илоҷ, ин тавр бошад, рафтем. Ҳоло ки касе нест.

Аввал Сотников кӯшиши хестан кард, вале ҳамин ки пои маҷрӯҳашро каме ҷунбонд, ӯро дарди ҷонкоҳе фаро гирифт ва ӯ дар рӯи барф дароз кашид. Лаҳзае мунтазир шуда, худро бо як азоб ба даст гирифт ва дандонашро сахт ба ҳам ҷафс карда, хест. Онҳо аз байни санавбарҳои

ҷавон ва лаб-лаби пастхамӣ рафта аз қабристон баромаданд. На он қадар дуртар пайроҳаи хуб шиббахӯрдае баромад, ки онҳоро ба ҳавлии кушоди атрофаш бетавора овард. Дар канортари деҳа ҳавлии калони кӯҳнаи ба ҳоли худ гузошта буд, ки ба кунҷҳояш лой молида, ба ҷои оинаи шикастааш ким-чӣ хел латта баста буданд. Дар ҳақиқат дар сӯрохии сиёҳшудаи дар парахаи саросема хаста менамуд – эҳтимол, касе ба ҳамин гирду атроф баромада, дар хона касе намондааст. Сотников фикр кард, ки шояд ин тавр беҳтар бошад: ҳеҷ набошад, дар лаҳзаҳои аввал аз шарҳу баёне, ки дар ин хел ҳолатҳо он қадар гуворо нест, халос мешаванд.

Рибак парахаро кашида, рафиқашро ба даҳлез гузаронд ва дарро оҳиста аз дарун пӯшид. Даҳлез ториконамо буд. Дар зери девор ким-чӣ хел чалакҳо, ғарами ҳар хел кӯҳна-сӯҳнаҳои соҳибхона, сандуқи ниҳоят калони бо оҳани зангзада парчин шуда меистоданд; кунҷро санги осиё банд карда буд. Сотников боре ин асбоби одии деҳаро, ки барои кӯфтани дон истифода мешуд, дида буд: дар қуттии на он қадар чуқур ду доира санг ва аз болояш чӯби чархак маҳкам карда шуда буд. Тирезачаи хурди девор, ки пешашро тори анкабут панаҳ карда буд, имконият дод, ки онҳо дари кулбаро пайдо кунанд.

Сотников ба девор такя карда, ба зӯр то ин дар расид, ба мадади Рибак аз остонаи баланд гузашт. Аз кулба ба пешвози онҳо бӯйҳои омехтаи ғализ ва гармӣ баромад. Вай дасташро ба паҳлуи урёни бухорӣ, ки тозаалав буд, дароз кард ва якбора бар баданаш ҳамин хел роҳате ворид шуд ва ӯ нолаи худро, ки ҳар лаҳзаи ин шаби мудҳиш сар задан мехост, эҳтимол, аввалин бор нигоҳ дошта натавонист. Вай беҳолона ба хараки кӯтоҳи назди бухорӣ нишаст ва қариб ким-чӣ хел тубакҳоро ба фарш чаппа карда буд. Фурсате, ки ӯ пояшро дурустакак мегузошт, Рибак, аз паси пардаи рах-рах, ки қисми дигари кулбаро ҷудо мекард, нигарист, – дар он ҷо ягон ду бор кат оҳиста ғичиррос зад. Сотников бодиққат гӯш дод – ҳозир бояд чизи барои онҳо муҳимтарин ҳал мешуд.

– Шумо дар ин ҷо танҳоед? – дар долон истода бо қатъият пурсид Рибак.

– Ҳа.

– Падаратон куҷост?

– Нест.

– Модаратон чӣ?

– Очаҷонамон дар хонаи амаки Емелян орд мекашад. Барои ризқурӯзӣ кор мекунад. Охир, мо чор хӯрандаем, вай худаш танҳо.

– Оҳо, ту ҳама чизро мефаҳмидаӣ! Дар он ҷо чӣ – хӯрандаҳо хобидаанд? Майлаш, мон хобанд, – паст гуфт Рибак. – Ту ба мо ягон хӯрок меёбӣ?

– Очаҷонам пагоҳӣ картошка пухта буд, – ҷавоб дод бо кушодазабонӣ садои бачагонае.

Ҳамон лаҳза дар рӯи фарш пойҳои луч тап–тап карданд ва аз паси парда духтарчаи тақрибан даҳсолаи жӯлидамӯй ва дар бар куртаи кӯҳнаи сатини дарозакак намудор шуд. Ӯ бо чашмакони сиёҳаш ба Сотников нигоҳи сатҳие кард, вале натарсид, балки бо боварии соҳибхонагӣ ба бухорӣ ва ба нӯги пояш рост шуда, ба дамгири аз қади ӯ баланд даст дароз кард. Сотников барои ба ӯ халал нарасонидан, пои маҷрӯҳи худро оҳиста ба як тараф кашид.

Дар таги тиреза мизи бедастархон ва назди он хараке меистод, ки дар болояш тағорачаи сафолӣ буд; духтарак тағорачаро гирифта, ба канори миз гузошт ва ҳамаи картошкаро ба он чаппа карда афшонд: ҳаракати дастакони ӯ ночаспон ва он қадар чобук набошанд ҳам, духтарча бо майли тамом мекӯшид, ки ба меҳмон маъқул шавад; ӯ аз зарфмонак кордро гирифта, дар кунҷи торикӣ ким-чӣ кор кард ва табақчаи бодирингҳои калон-калони пажмурдаро ба рӯи миз гузошт. Баъд ба тарафи бухорӣ қафо рафт ва бо кунҷковии хомӯшона ин одами мусаллаҳи ришрасида, эҳтимол, андак воҳиманок, вале бе ҳеҷ шакку шубҳа, ба ӯ мароқоварро тамошо карда истод.

– Канӣ, биё, мехӯрем, – ба сӯи миз рафт Рибак.

Сотников ҳоло нағз гарм нашуда буд, бадани сармохӯрдааш аз вараҷа меларзид, вале аз картошкаи рӯи миз як буғи сабуки ниҳоят хушбӯ баланд мешуд ва Сотников аз харак бархост. Рибак ба ӯ барои ба назди миз омаданаш ёрӣ расонд, пои маҷрӯҳашро дар рӯи харак дуруст ҷо

дод. Ин хел мувофиқтар буд. Сотников як картошкаи гарм ва андак сӯхтаро гирифта, пушташро ба девори сафед кардашудаи ғӯлачӯбӣ такя дод. Духтарча бо эҳтироми пешина дар долон меистод ва як лаби пардаро ғиҷим карда, ба онҳо бо чашмакони сиёҳаш нигоҳҳои тез меафканд.

– Чӣ нон нест магар? – пурсид Рибак.

– Лёняҳак шаб ҳамаашро хӯрд. Вақте ки очаҷонамро мунтазир будем.

Баъди лаҳзае Рибак аз бағалаш пуштаки нонро, ки аз хонаи амин гирифта буд, баровард ва аз он порае шикаст. Сипас боз як пораи дигар шикаста, хомӯшона ба духтарча дароз кард. Ӯ нонро гирифт, вале нахӯрд, – ба паси парда бурда монду боз ба назди бухорӣ баргашт.

– Модарат дер боз орд мекашад? – пурсид Рибак.

– Пареррӯз боз. Вай боз як ҳафта орд мекашад.

– Фаҳмо. Аз ҳама калонӣ ту?

– Ҳа, ман. Катя  ва Лёняҳак аз ман хурд, ман аллакай нуҳсола.

– Калон будаӣ. Дар ҷои шумо немисҳо нестанд?

– Як бор омада буданд. Вақте ки мо бо очаҷонам ба хонаи холаи Гелен мерафтем. Аз мо хукбачаи алобулоямонро кашида гирифтанд. Дар мошин гирифта бурданд.

Сотников бо азоб ду картошкаро фурӯ бурда буд, ки боз сулфаи сабилмондааш сар шуд. Ӯ тақрибан панҷ дақиқа чунон сулфид, ки гӯё дар қафаси синааш ягон чиз канда мешуда бошад. Баъд сулфааш андаке паст шуд, вале дигар хоҳиши картошкахӯриаш намонда буд, вай фақат ним дӯлча об хӯрда, чашмонашро пӯшид. Ӯ чунон ҳис мекард, ки гӯё чизе мелағжад, меллапад, сустии ҳаловатноки дардовар ӯро алла мегӯяд ва хобаш мебарад. Аз шуури тираи ӯ овозҳои омехтаи Рибак ва духтарча зуд дур мешуданд.

– Номи модарат чист? – бодиринро китирросзанон хӯрда пурсид Рибак.

– Дёмчиха.

– Оҳо. Яъне падаратон Демян?

– Ҳа. Очаҷонамро боз Авгиня ҳам мегӯянд.

Харакро ғиҷиррос занондани Рибак ба гӯш мерасид, аз афташ вай барои гирифтани картошкаи дигар даст дароз кард, ки дар таги миз мӯзаҳои ӯ тарақ–тарақ карданд. Гуфтугӯ чанд лаҳза хомӯш шуд, вале пас аз он овози чарбу нарм ва кунҷкову айёронаи духтарак шунида шуд:

– Амак, шумо партизан?

– Чӣ даркор донистани ту? Ту ҳоло хурд ҳастӣ.

– Ман медонам, ки шумо партизан.

– Донӣ, дам шин.

– Вай амакро маҷрӯҳ кардагиянд-а?

– Маҷрӯҳ кардаанд ё накардаанд, дар ин бора лом нагӯ. Фаҳмидӣ?

Духтарча ҷавоб надода хомӯш монд. Гуфтугӯ як лаҳза қатъ шуд.

– Ман давида рафта очаҷонамро биёрам, майлаш?

– Шину ин қадар питир–питир накун. Боз ба сарамон ягон бало набиёрӣ.

– ... Бало ба сари онҳо! Мо одамем ё ҳайвон?

– Одам будем.

Вале ин садоҳо на аз ҳоли ҳозир, балки аз гузашта мерасид. Шуури Сотников ҳоло қариб ноаён ба оғӯши фаромӯшӣ рафтани ӯро қайд карда метавонад ва баъди ин аллакай он лейтенанти аз nаяш маҷрӯҳшуда, ки дар саф ба китфи рафиқи бақувваташ такя карда лангида–лангида ба зӯр мерафт, намоён мешуд. Сари лейтенант докапеч аст. Докаи кӯҳнаи чиркин ва дар пешонаи лейтенант хун шах шуда мондааст; лабони хушк ва дурахши нохубу таболуди чашмони сурхаш ба чехраи лоғари ӯ ким-чӣ хел қиёфаи нимдевонае медиҳад, аз пои маҷрӯҳаш чунон бӯи бад паҳн мешавад, ки дили Сотниковро беҳузур мекунад: бӯи ғализи фасод аз панҷ қадам ҳам ҳаворо вайрон менамояд. Онҳоро сафи сафар баста ба ҷангал пеш меронанд. Дар канори роҳ ҳар ҷо-ҳар ҷо санавбарҳо рустаанд, зери пои онҳо реги сафед, ки дар рӯяш сӯзани

дарахтони сӯзанбарг рехта буд, мелағжид. Офтоби нимрӯз беамон метасфонд. Сафи сафарро немисҳои пиёдаю савора мебурданд.

Мегуфтанд, ки ба паронадан бурда истодаанд.

Ин ба ҳақиқат монанд буд – дар ин ҷо ҳама онҳое буданд, ки немисҳо онҳоро аз қароргоҳи асирон аз байни ҳазорон – ҳазор нафар ҷудо карда буданд: хизматчиёни сиёсӣ, коммунистон, яҳудиҳо ва дигарон, ки бо ягон чиз немисҳоро ба шубҳа оварданд. Сотниковро ба ин ҷо барои гурехтани бебарораш гирифта буданд. Эҳтимол онҳоро дар он ҷо, дар теппаи регзори санавбарҳо мепаронданд. Инро онҳо вақте ҳис карданд, ки аз роҳ тоб хӯрда ба он ҷо бо эҳтиёт наздик мерасиданд. Посбонони онҳо баландтар фарёд мезадагӣ шуда сафи сафарро ба як тӯда ҷамъ мекарданд. Дар нишебӣ аскарони дигар менамуданд, шояд мунтазир буданд, ки кори худро зуд ботифоқ ба ҷо биёранд. Вале аз афташ дар кори немисҳо ҳам нобобӣ мешудааст. Сафи сафар ҳоло ба нишебӣ нарасида, посбонон ба онҳое, ки дар канори санавбарзор буданд ким-чиҳо гуфтанд ва пас фармон баланд шуд, ки ҳама нишинад – ҳар вақт, ҳангоми ҳаракатро боздоштан ҳамин тавр карда мешуд. Асирон дар офтоби тафсон нишастанд ва дар зери мили автоматҳо мунтазир буданд.

Ҳамаи рӯзҳои охир Сотников гӯё рӯҳафтодаю хаста менамуд. Худашро бад ҳис мекард – бе обу хӯрок бемадр шуда буд. Ва ӯ хомӯшона, дар байни тӯдаи ҷафси мардум дар рӯи алафи халандаи хушк дар ҳолати нимфаромӯшӣ бе ҳеҷ фикру хаёл дар сар нишаста буд ва эҳтимол барои ҳамин маънои пичир–пичири ҳампаҳлуяшро якбора фаҳмида натавонист: «Ҳеҷ набошад кори яктояшро тамом мекунам. Албатта...». – «Ту як дам ист. Давомашро мебинӣ». – «Магар чӣ шуданаш маълум нест». Сотников оҳиста нигоҳашро ба он тараф равона карда – худи ҳамон лейтенанти ҳамсояи ӯ аз чашми дигарон номаълум аз зери докаи чиркини пояш – кордчаи қаткунаки оддиро мебаровард ва дар чашмони ӯ ҳамон қадар қатъият буд, ки Сотников фикр кард: инхелашро боздошта намешавад. Ҳамоне ки вай ба ӯ муроҷиат мекард, – марди солхӯрдае буд, ки дар бараш либоси командирӣ дошта, дар гимнастёркааш петлитса набуд – ба посбонон нигоҳҳои ҳароснок мекард. Онҳо ду нафар дар як ҷо истода аз фандақ сигарета дармегиронданд, дигаре каме дуртар болои асп сафи сафарро бодиққат аз назар мегузаронд.

Онҳо дар офтоб боз тақрибан понздаҳ дақиқа нишастанд, то даме ки аз теппа ким-чӣ хел фармон шунида шуд ва немисҳо ба хезондани сафи сафар сар карданд. Сотников аллакай ба чӣ қасд кардани ҳамсояашро, ки ҳамоно аз сафи сафар ба як тараф, ба тарафи посбон наздик мерафт, медонист. Ин посбон боқувват, немиси қадпасти тануманд буд ва чун ҳамаи дигарҳо дар сари синааш автомат ва дар тан яктаҳи танге дошт, ки зербағалаш арақ карда буд; аз таги пилоткаи моҳутии тарнамояш, ки сиёҳи қиргун буд бӯи ҳаргиз ориёӣ набудааш, баромада меистод. Немис сигареташро саросема кашида, аз байни дандонҳояш туф карда ва аз афташ, ягон асирро зудтар ронданӣ шуда, оромона ба тарафи сафи сафар ду қадам монд. Худи ҳамон лаҳза лейтенант аз қафо ба ӯ чун калхот ҳуҷум оварда ба гардани офтобхӯрдаи ӯ кордро то дастааш зад.

Кӯтоҳакак воҳ гуфта, немис ба замин нишаста монд, касе аз қарибӣ фарёд зад: «Гурез!» – ва чанд нафар онҳоро гӯё фанар (пружина) аз сафи сафар тела дода бошад, худро ба тарафи майдон андохтанд. Сотников ҳам ба тамоми қувват гурехт. Лейтенант, ки аввал мегурехт, баногоҳ пешпо хӯрда ба якпаҳлу ва ба таги пои Сотников афтод ва худи ҳамон лаҳза шиками худро бо корд дударрон кард. Сотников аз болои ӯ ҷаҳида гузашт ва қариб буд ба дасти ларзону тобхӯрдаи ӯ по монад, ки аз он дами тари ҳамон кордчае, ки қади ангушти ишорат буд як дурахшида ба рӯи рег афтод.

Саросемагии немисҳо на бештар аз панҷ сония давом кард. Ҳамон лаҳза аз чанд ҷо пайи ҳам тир кушоданд – аввалин тирҳо аз болои сари ӯ гузашта рафтанд. Вале ӯ метохт. Ҳамин тавр менамуд, ки вай дар умри худ ҳеҷ ин тавр девонавор надавида буд ва бо чанд ҷаҳиши калон ба теппаи санавбарҳои хурд тозон баромад. Тирҳо аллакай ҷои ғӯллии санавбарзорро бисёр ва бетартибона сӯрох карда мегузаштанд, ба болои ӯ аз ҳар тараф баргҳои сановбар мерехтанд ва

ӯ бошад мегурехт, ба роҳ нигоҳ накарда, ҳарчӣ дуртар мегурехт ва ҳар замон бо таҳайюри шодиангез худ ба худ такрор мекард: «Зинда! Зинда!».

Мутаассифона, санавбарзор як тасмаи борики кӯтоҳе будааст, ки тақрибан баъди сад қадам баногоҳ тамом шуд ва аз пеш майдони васеи гиёҳҳои чалипогул баромад. Бо вуҷуди ин ҷои гурез набуд ва ӯ аз майдони даравида, ба он тарафе, ки буттаҳои хадангзор ба назар менамуданд, пеш тохт.

Дар ин ҷо ӯро зуд диданд, аз пас садо баланд шуд, аз қарибӣ тир қарсос зада рафт – тир қамчин барин шартӣ ба шими ӯ зада гузашт ва дар кисааш тамокудони холиро сӯрох кард. Сотников ин зарбаро баралло ҳис кард ва ба қафо нигарист: ба паси ёли асп хам шуда ва дасти рости таппончадорашро поён партофта аз қафои ӯ савор асп монда меомад. Маълум аст, ки аз асп гурехта намешавад ва Сотников ба таъқибгараш рост рӯй гардонд. Асп ӯро қариб аз пой афтода буд, вале дар лаҳзаи охирин ӯ ким-чӣ хел карда худро аз суми асп канор гирифт ва ба қатори наздиктарин гиёҳҳои чалипогул тохт. Немис худро дар рӯи зин якбора қафо партофта, дасташро пеш андохт ва тири паронидааш ба болои ғарами коҳбеда расид, коҳбеда ба ҳар тараф пош хӯрд ва ба замини даравшуда рехт. Ҳар чӣ ҳам бошад, Сотников сиҳат монд ва аз авҷи нотарсию ноилоҷӣ аз майдони зери пояш санги оддиро, ки ба андозаи мушташ буд, бардошт. Боз як навъ худро аз асп канор гирифта, ба тамоми қувват сангро рост ба рӯи савора андохт, вай пеш аз вақт тир паронд, ки ин дафъа ҳам аз паҳлу гузашт. Сотников дар ин сангҳо қувваи наҷотро ҳис карда, онҳоро аз таги пояш бардошта ба немис, ки дар болои аспи тафсида давр мезад ва, бешубҳа, ба паронидани ӯ кӯшиш мекард, андохтан гирифт. Дар майдон боз ду тири дигар садо дод, вале онҳо ҳам ба гуреза нарасиданд ва ӯ аз муваффақияти худаш хурсанд шуда, санг дар даст ба қатори дигари гиёҳҳои чалипо тохт.

Фурсате, ки немис аспи ростхестаашро идора карданӣ мешуд, Сотников як даҳ қадам ба қатори дигар тохт ва боз якбора рӯ гардонд, ки сангро рӯ ба рӯ занад. Ин дафъа санги вай ба сари асп расид ва немис боз хато кард. Сотников ба ӯ паи ҳам се санги дигар паронд ва худро аз суми асп канор гирифта, торафт дур мегурехт. Ана гиёҳҳо ҳам тамом шуданд, қатори охиринашон монд. Сотников дар даст санг дар паси он аз ҳол рафта афтод. Ин дафъа немис аспро ба тарафи ӯ бо тамоми қатъият ронд ва қасд карда буд, ки гурезаро бо суми асп зада ғалтонад. Асп бо ду пои пасаш баланд рост шуд ва гуппас карда сахт ҷаҳид ва аз болои Сотников алафу бедаро пош дод. Ӯ вақти афтодан хурсандона фарёд зад – таппончаи автоматии дасти немис, ки дар назари ӯ як намуда буд, бо тарафи затвордораш сахт боло шуд: тирдон баромад. Хатои худро фаҳмида, немис аспро якбора тунд нигоҳ дошт ва он вақт Сотников бархоста бо тамоми қувват ба тарафи буттазори наздик тохт.

Таъқибгари вай чанд сонияи ниҳоят муҳимро аз даст дод, вай то даме, ки ба таппонча аз нав тир ҷой мекард, – барои ин аспро нигоҳ доштан лозим буд, – Сотников тавонист, ки ба хадангзор давида расад. Дар ин ҷо акнун асп ба ӯ хавфнок набуд. Ба тирҳои боз паронидашуда ва шохаҳое, ки рӯяшро мехарошиданд, аҳамият надода, вай хеле давид, то ба ботлоқ расид. Ҷои гурез набуд; вай ба ботлоқ, ба мурдоб даромад, ки аз он ҷо дигар ба ҳеҷ ҷо баромада наметавонист. Ӯ дар он ҷо фаҳмид, ки агар ғарқ нашавад, худро наҷотёфта ҳисоб карданаш мумкин аст. Ва ӯ то манаҳаш ба об ғӯтида, аз шохчаи бутта, ки чун лелачааш буд, дошта, пинҳон шуда меистод ва ҳама дам бошиддат фикр мекард: шохча медорад ё не. Агар шохча мешикаст, вай худро нигоҳ дошта наметавонист, мадораш намонда буд. Вале шохча имконият намедод, ки ӯ худро тамоман пинҳон дорад, ӯ кам-кам нафасашро рост кард ва ҳамин ки дар дурӣ тирпаронӣ хомӯш шуд, бо як азоб ба ҷои хушк баромад.

Аллакай шаб фуромада буд, ӯ дар осмон ситораи қутбро ҷуста ёфт ва ба наҷоти хеш ҳеҷ бовар накарда, ба сӯи шарқ роҳ гирифт.

## 9

Сотников дар болои харак беҳаракат мехобид, эҳтимол, хобаш бурда буд. Рибак ба тиреза наздиктар нишаста, аз паҳлуи он пайроҳаро назорат мекард. Вай гуруснагиашро бо картошка андак бартараф карда, дар ин ҷо ҳеҷ кор надошта бошад ҳам, менишаст, аз ин ҷо рафтанаш

мумкин набуд, бинобар ин мунтазир нишастан зарур меомад. Ба кӣ маълум нест, ки интизорӣ ва кӯшиши ба касе расида гирифтан аз ҳама бадтар аст. Шояд аз ин ва ё сабаби дигар бошад, ки таассуфи ӯ зиёд шудан гирифт ва ҳатто ғазабаш, ҳарчанд каси ғазаби ӯро меовардагӣ набуд, ба афзудан сар кард. Магар Сотников, ки ӯ вайро ба ин бачаҳо гузошта рафта наметавонист. Соҳибхоназан барнамегашт, ӯ ҷуръат намекард, ки ба овардани вай кас фиристад: ин корро чӣ тавр ба як бача бовар кардан мумкин буд?

Ва ӯ дар назди тиреза чиро мунтазир буданашро надониста, ба садоҳои тасодуфие, ки аз берун мерасиданд, гӯш дода менишаст. Дар он тарафи парда бачаҳо хеста буданд, бозию ҷунбуҷӯли онҳо паст-паст ба гӯш мерасид–баъзан дар гузаргоҳ пардаи дағалбофт кушода мешуд ва аз роғ чеҳраяки бачаи кунҷкове намоён мегашт. Вале ҳамон замон аз назар ғоиб мешуд. Духтарча дар он ҷо бо шавқун фармон медод, ҳеҷ касро аз паси парда баромадан намемонд.

Рибак роҳи тиреза, боқимондаи тавораи шикастаю вайрон ва канори қабристони бедеворро, ки дар марзаи он буттаҳои хордор рӯида буданд, то хуртдарин ҷузъиёташон нағзакак омӯхт. Латтае, ки ба ҷои оинаи шикаста хаста буданд, ӯро дар паси тиреза бад пинҳон намекард. Дар зертахтаи намкашидаи пӯсиданамои тиреза чанд шишачаи чиркини дору меистод, тӯбчаи ресмон ва лӯхтаки латтагин, ки чашму даҳони он хеле ранг кашида шуда буд, ғелида хоб мерафт. Дар рӯ ба рӯи миз Сотников дар хобаш ноороmона нафас мекашид, ки ӯро дилпуртар ҷой кунондан лозим буд, вале барои ин соҳибхоназан даркор буд. Рибак аз ин мунтазирии номуайяни худ дилтанг ва асабӣ шуда, нафаскашии бемороnаи рафиқашро қариб бо хусумат гӯш мекард ва аз имрӯз омад накардани корашон торафт ғамгинтар мешуд. Ва ҳамаи ин аз боиси Сотников. Рибак одами бадфеъл набуд, вале азбаски саломатии худаш хуб буд, ба беморон ҳамдардии зиёде намекард ва баъзан намефаҳмид, чӣ тавр мешудааст, ки шамол хӯрӣ, нотоб шавӣ, касал шавӣ. «Аслан, – фикр мекард ӯ, – дар ҷанг бемор шудан бемаънитарин корест, ки ба хаёли кас омаданаш мумкин аст».

Дар давоми хизмати дуру дарози ҳарбияш дар ӯ нисбат ба заифон, касалмандон, ба ҳар хел бетолеъон, ки бо ин ё он сабаб ин ё он корро наметавонистанд, қудраташон намерасид, як навъ ҳиссиёти нописандона пайдо шуда буд. Вай кӯшиш мекард, ки ба ҳар кор зӯраш расад, ҳар корро тавонад. Дуруст аст, ки то ҷанг баъзе барояш душворнамо буданд, махсусан, вақте ки кор ба дониш ва маълумот оид шавад – вай илми китобро дӯст намедошт, ки барои аз бар кардани он сабру тоқати бисёр ва дуру дароз нишаста тавонистан даркор буд. Ба Рибак бисёртар кори серҳаракат, кори ташвиши бисёр, мушкилӣ ва нобарориҳодошта маъқул буд. Шояд аз ҳамин сабаб ӯ се сол старшинаи рота шуда хизмат кард – Худо ӯро аз боиродагӣ ҳам бенасиб накарда, қувваташ ҳам кифоя буд. Ҷанг ба Рибак ба як маънӣ осон, оддӣ буд: мақсади мубориза маълум буд, дар бораи шароитҳои дигараш вай бисёр ҳам фикр намекард. Ҳаёти партизаниашон он қадар ширин набуд, вале ҳар чӣ бошад ҳам, аз тобистони гузаштае ки дар фронт буд, сабуктар ва Рибак қаноатманд буд. Умуман то ҳол кори ӯ омад мекард, бадбахтиҳои калон ба ӯ нарасида мегузаштанд, вай фаҳмид, ки чизи асосӣ дар санъати ҷангии онҳо худро гум накардан, фурсатро аз даст надодан, сари вақт ба қароре омадан аст. Аз афташ маънии ҷанги партизанӣ дар он буд, ки ҳаёти худро мудофиа карда, ба душман зарар расонӣ ва дар ин ҳол вай худро партизан, ҷанговари ҳақиқӣ ҳис мекард.

– Очаҷон, очаҷонам меояд! – баногоҳ шодона фарёд заданд бачаҳо дар паси парда.

Рибак ба тиреза як назар андохта, дар роҳ занеро дид, ки майда–майда қадам партофта саросема ба тарафи хона меомад. Домани хираранги дароз, нимпӯстини чиркин ва рӯймол, ки ба сараш ғафс карда печонида буд, ҳарчанд ки вай, аз афташ, ҳоло он қадар пир набуд, ин аз гузаштани ҷавонии ӯ гувоҳӣ медоданд. Рибак аз қафои ӯ нигоҳ карда дар паси оина оҳиста ҷунбид. Сотников дар паси миз аз доди бачаҳо як қад парид, вале Рибакро дар наздикӣ дида, боз дар рӯи харак дароз кашид.

Вақте ки дар даҳлез садои ғалақаи дар баромад, Рибак ба охири харак ғеҷида, кӯшиш кард, ки қиёфаи як шахси ботамкин ва накӯкорро гирад. Соҳибхоназанро ҳар чӣ бештар хуш

истиқбол кардан, натарсонидан ва наранҷонидан даркор буд: бо ӯ дар бораи Сотников гуфтугӯ кардан ва ба қароре омадан дар пеш меистод.

Вай ҳанӯз дарро накушода, бачаҳо аз паси парда берун тохтанд, ду духтарча пардаро бардошта, дар баромадгоҳ монданд, вале писарчаи тақрибан панҷсола, ки пойлуч буд ва эзори тасмачадор дошт, ба тарафи остона ба пешвоз давид:

– Очаҷон, очаҷон, палтизанҳо дар хонаи мо!

Ӯ даромада, хам шуд, ки бачаро бардорад, вале баногоҳ рост шуда, бо тарсу ҳайрат ба шахси ба ӯ ношинос нигоҳ кард.

– Салом, бону, – бо хайрхоҳии тамом, ки дар ин лаҳза ба он қодир буд, гуфт Рибак.

Вале соҳибхоназан аллакай аз чеҳраи хастааш осори таҳайюрро дур карда, ба тағорачаи холии рӯи миз як назар афканд, ки дар рӯяш чизе ларзида монд.

– Салом, – сард ҷавоб дод ӯ, бачаро аз худаш дур карда истода. – Яъне ки нишастаед?

– Ҳа, мана, чӣ хеле ки мебинед. Шуморо интизор.

– Хӯш, шумо ба ман чӣ кори муҳиме доред?

Не, корашон он қадар барор накарда истодааст, зан рӯирост намехост ба он оҳанге, ки Рибак бо ӯ гапзанон мекард, гуфтугузор кунад – дар овози ӯ ким-чӣ хел оҳанги хашму ғазаб ва моҷароҷӯӣ ба гӯш мерасид.

Рибак каме хомӯш монд, зан дар ин фурсат тугмаи пӯстинчаи кӯҳнаашро кушода, рӯймолро аз сараш гирифт. Рибак ба ӯ синча карда менигарист – мӯйҳои даққии шонанокарда, нармаи гӯшҳои чанголуд, чеҳраи хаста ва ким-чӣ хел коҳидаю на он қадар солхӯрда, тӯри оҷингҳои бармаҳали гирди даҳонаш аз ғуссаи доимии ҳаёти меҳнатрӯзии вай хеле хуб шаҳодат медоданд.

– Он чӣ кори муҳиме будааст? – вай рӯймолро ба чӯби назди бухорӣ партофт, боз ба канори миз, ки тағорача истода буд, назар андохт. – Нон даркор? Равған даркор? Ва ё, шояд барои тухмбирён тухм мехостед.

– Мо немис не, – ботамкин гуфт Рибак.

– Набошад, кистед? Ё аскарони сурх? Аскарони сурх дар фронт меҷанганд, шумо бошед, дар кунҷакҳо мегардед. Боз ба шумо картошка деҳ, бодиринг деҳ... Гэлаҷон, Ленаҷонро гир! – гуфт ӯ ба духтарчаи калонӣ ва худ либосашро накашида тез-тез назди бухориро тоза кардан гирифт: тубакҳоро ба дамгири бухорӣ, сатилро ба назди остона, ҷорӯбро ба кунҷ гирифта монд.

Дар паси миз Сотников ба сулфаи дуру дароз сар кард, вай ба ӯ ало нигариста, қавоқ андохт, вале чизе нагуфт: ӯ рӯбучин карда, пардаи чиркини гузаргоҳи назди бухориро пинҳон кард. Рибак хато кардани худро фаҳмид, аз ҷояш хест: эҳтимол, ба ин зан, бо ин зани шаттоҳ, зани асабӣ ҷиддитар муносибат кардан даркор буд.

– Беҳуда мекунед, хола. Мо ба шумо бо нағзӣ, шумо бошед, ҷанҷол мекунед?

– Ман магар ҷанҷол кардаам? Ман агар ҷанҷол мекардам, қадаматон ба ин ҷо намерасид. Равед, аз ин ҷо, балоҳо! Шумо кам будед! – дӯғ зад вай ба бачаҳо – Гэля, Лёняҷонро гир, гуфтам! Лёняҷон, мезанам!

– Очаҷон, ман палтизанҳоло дидан мехоҳам.

– Ман ҳозир ба ту нишон медиҳам! – бо таҳдид ба тарафи парда тап–тап кард ӯ ва бачаҳо ғоиб шуданд – Партизанҳоя!

Рибак бодиққат ӯро назорат ва фикр мекард: чаро ӯ ин қадар бадфеъл аст, ин зани Демян? Дар сари ӯ дар ин бора тахминҳои бисёре пайдо мешуданд: шояд зани полис, ё ягон хеши амини ин ҷо ва ё аз Ҳукумати Советӣ озоре дида бошад? Вале ӯ андак фикр карда, ҳамаи ин тахминҳои худро дур партофт, ки бо аҳволи камбағалонаи ин зан ҳеҷ мувофиқат намекард.

– Демяни ту куҷост? – баногоҳ пурсид Рибак. Вай рост шуда, бо хавотирӣ ва қариб бо тарс ба ӯ нигарист.

– Демянро шумо аз куҷо медонед?

– Медонем.

– Пас, чаро мепурсед? Магар ҳоло занҳо медонанд, ки мардҳояшон куҷоанд? Партофта рафтанд, ана акнун чи хеле ки хоҳӣ, зиндагӣ кун.

Вай аз остона ҷорӯбро гирифта, ба рӯфтани назди бухорӣ сар кард. Ҳаракатҳои калон-калони бошиддати ӯ то ҳол аз норозигиаш аз ин меҳмонони нохонда гувоҳӣ медоданд. Рибак пайваста фикр мекард, ки ба он гуфтугузори асосии худ, ки ба хотири он ин зани Демянро мунтазир нишаста буд, чӣ тавр наздик шавад.

– Дар ин ҷо, мебинӣ, хола, рафиқи мо андак...

Зан рост шуда, ба Сотникови дар кунҷ буда нигоҳи шубҳаноке афканд. Вай ҷунбид, кӯшид, ки хезад ва бaраллo нолаашро фурӯ бурд. Зани Демян як дақиқа ҷорӯб дар даст шах шуда монд. Рибак аз харак хест.

– Ана дидӣ, аҳволаш бад аст, – гуфт ӯ.

Сотников лаҳзае аз дарди по рӯ турш кард, бо ду даст зонуяшро медошт ва дандонҳояшро мефишурд, ки нола накунад.

– Бало занад, хушк шуда, часпидагӣ барин.

– Ту худатро такон надеҳ. Бихоб. Туро-ку пеш намекунанд.

То даме ки Рибак пои ӯро дар рӯи харак дуруст ҷойгир мекард, зани Демян пайваста қавоқаш гирифта буд, вале ифодаи ғазабноки чеҳрааш кам-кам нармтар мешуд.

– Ба таги сараш ягон-чӣ гузоштан лозим, – гуфт ӯ ва паси парда гузашта, аз он нимтанаи ғиҷимшуда ва пахтаҳояш баромадаро гирифта овард. – Бигир, ҳар чӣ мулоимтар мешавад.

«Ҳа, – аз фикр гузаронд Рибак. – Ин кори дигар. Шояд ин зани бадқаҳр ҳоло меҳрубонтар шавад».

Сотников нимхез шуд, вай нимтанаро ба таги сари ӯ хаст ва сулфида, худи ҳамон лаҳза аз нав хоб рафт. Нафаскашиаш чун пештара тез-тез ва мушкил буд.

– Бемор, – аллакай бо дигар оҳанг, оромтар гуфт зани Демян, – таб доштагӣ барин. Чӣ хел месӯзад-а!

– Мегузарад, – даст афшонд Рибак. – Ҳеҷ хавфе нест.

– Ҳа, албатта, ба шумо ҳеҷ чиз хавфнок нест, – ба ғазаб омад соҳибхоназан. – Шуморо паронанд ҳам хавфнок не. Ва модар дар ким-куҷо хуни дил хӯрад ҳам, ҳеҷ гап не. Ба мо бошад... Шираи алафдору ҷӯшонида нӯшидан ва арақ кардан даркор. Набошад, ана қабристон ҳам наздик.

– Қабристон дарди бахайр, – сулфида гуфт Сотников.

Вай пас аз фаромӯшии кӯтоҳе ким-чӣ хел ҳаросовар зиндадил шуд, эҳтимол, аз таб бошад, ки рухсораҳояш сурх шуданд, дар чашмонаш табларза пайдо гашта, аз ҳаракатҳояш чобукии ғайриоддӣ намудор мешуд.

– Чӣ, аз ин ҳам бадтар шуданаш мумкин аст? – тағорачаро аз рӯи миз гирифта, фаҳмиданӣ мешуд зани Демян. – Ба оташи дӯзах, албатта, бовар надоред?

– Мо ба биҳишт бовар дорем, – ҳазломез гуфт Рибак.

– Ба биҳишт мерасед, набошад-чӣ?

Соҳибхоназан дарчаи бухориро ғиҷиррос занонда, ба он ҷо даст дароз кард ва хурмаи чӯяниро ин тарафу он тараф такон дод. Бо вуҷуди ин чунин менамуд, ки ӯ аллакай ором ва ҳатто меҳрубон шуда бошад. Рибак инро ҳис мекард ва андеша дошт, ки ҳоло ҳамааш эҳтимол, бо ягон илоҷ дуруст шавад:

– Камакак оби гарм мешуд, ҷароҳатро мешустем. Ӯро маҷрӯҳ карданд, холаҷон.

– Дида истодаам. Саг нагазидааст. Ана тамоми шаб аз тарафи Староселе банг–банг тир мепарониданд., – ба деггирак такя карда, гӯё беихтиёр хабар дод ӯ. – Мегӯянд, ки як полисро паронанд.

– Полисро?

– Ҳа.

– Кӣ гуфт?

– Занҳо мегуфтанд.

– Ҳа, агар занҳо гуфта бошанд, дуруст аст, – дар охири харак табассум кард Рибак. – Онҳо ҳама чизро медонанд.

Зани Демян бо қаҳр аз назди бухорӣ ба тарафи онҳо рӯ овард.

– Чӣ, не магар? Занҳо-ку медонанд. Намедонистагиҳо, шумо. Агар медонистед – намепурсидед.

Вай ба онҳо ба хурмаи чӯянӣ об доду худаш ба паси парда тарафи бачаҳо равона шуд.

– Хайр, инашро худатон мекунед. Набошад, ҳаминаш кам буд, ки ман эзоратонро ҳам кашида монам.

– Хайр, хайр, – розӣ шуд Рибак ва ба сӯи Сотников қадам монд.

– Биё намадмӯзаро кашем.

Сотников дандонҳояшро ба ҳам фишурд, бо дастонаш харакро маҳкам дошт ва Рибак зӯр зада аз пои ӯ намадмӯзаи тари хунолударо кашид. Баъд аз ин шимро кашидан даркор буд ва Сотников рӯяшро турш карда, базӯр овоз баровард:

– Ман худам.

Маълум буд, ки дардаш тоқатшикан аст, вале ҳар чӣ ҳам бошад, вай тугмаи шимашро кушода, онро то зонуяш поён фуровард. Ниҳоят Рибак дар байни лахтаҳои хун дар бадани Сотников ҷароҳатро дид. Вай на он қадар варамида ва атрофаш андак кабудча, тофта, дар назар ҳеҷ хавфнок набуд, ҷароҳати оддие буд, ки аз тир пайдо шуда, то ҳол кам-кам хун ҳам мерафт. Аз дигар тарафи рони по ҷои баромади тир набуд ва ин аломати он буд, ки тир дар по банд шуда мондааст. Ана инаш бадтар буд.

– Ҳа, дар по мондааст, – ташвишомез гуфт Рибак. – Кашида гирифтан даркор.

– Хайр, ту-ку кашида намегирӣ, – ба асабонӣ шудан сар кард Сотников. – Бас кун, тамошо карда нишастан чӣ лозим.

– Ҳеҷ гап не, илоҷашро меёбем. Холаҷон, шояд ягон чизи мебастагӣ ёфт шавад? – бо овози баланд пурсид Рибак ва худаш ба пок кардани хуни хушкшудаи бадан сар кард.

Пои Сотников аз дард меларзид, бо вуҷуди ин вай зӯр зада тоқат меовард ва Рибак фикр кард, ки агар тир ба устухон нарасида бошад, ҷароҳат умуман он қадар вазнин нест. Тирро кашида гиранд, ҷароҳат дар як моҳ ба ҳам меояд. Ҳамин як моҳ дар ягон ҷо пинҳон шуда, ба дасти немисҳо нафуромадан аз ҳама муҳим буд.

Зани Демян ба зудӣ дар даст порчаи тозаи катон дар назди дар пайдо шуд ва Сотников аз шарм худашро дарҳам кашид.

– Натарсед! Мана, гиред, бо чизе ки ёфтам, бандед.

Ҳангоме ки Рибак рони Сотниковро докапеч мекард, ӯ дандонҳояшро ба ҳам фишурда, нолаашро фурӯ мебурд ва ҳамин ки ҳамааш тамом шуд, аз рӯи харак парӯ афтод. Рибак дасташро дар хурма об гардонд.

-ана, ҷарроҳӣ ҳам ба охир расид, холаҷон!

– Мебинам, кӯр нестам, – гуфт зани Демян, дар назди дар пайдо шуда.

– Акнун баъд аз ин чӣ мекунем, инаш кори мушкил, – Рибак бо ташвиши ошкоро телпакашро ба паси сар тела дод ва ба зан нигоҳи саволомез кард.

– Ман чӣ медонам, ки шумо баъд чӣ мекунед?

– Ӯ роҳ рафта наметавонад – ин аниқ.

– Ба ин ҷо омад-ку.

Эҳтимол, зан аз ишорати таҳдори ӯ ким-чӣ ҳис кард ва онҳо ба чашмони ҳамдигар бодиққат ва бо хавфу эҳтиёт нигоҳ карданд. Ва ин нигоҳҳои кӯтоҳи онҳо нисбат ба суханҳояшон бисёртар маънӣ доштанд. Рибак дар худ аз сари нав дудилагӣ ҳис кард – чӣ ҷои гап: боре ки вай ба дӯши ин зан мегузошт, ниҳоят вазнин буд. Маълум, ки зан ҳам инро камтар намефаҳмад, агар розӣ шавад, худашро ба чӣ хатар андохтанаш мумкин аст ва бинобар ҳамин дар аҳди худ меистод.

Дар гуфтугӯи хеле сарсарӣ, ки то ҳол ба ҳеҷ чиз ухдадор намекард, хомӯшӣ ба миён омад. Сотников дар харак мунтазир нишаста, ҳарфе намегуфт, Рибак ба тиреза изтиробомез нигоҳ кард.

– Немисҳо.

Вай чун моргазида ба тарафи остона ҷаҳид, ҳар чӣ ҳам бошад, дар зарфи чандяки сония чанд каси мусаллаҳро, ки дар қабристон меистоданд, дида тавонист. Онҳо маҳз меистоданд, намерафтанд, ҳарчанд ӯ нафаҳмид, ки рӯи онҳо ба кадом тараф нигаронида шудааст, – вай фақат тарҳи онҳоро дид, ки аз паси китфашон мили милтиқҳо менамуд.

Сотников дар кунҷ аз ҷояш хест, атрофашро даст-даст карда, кӯшиш дошт, ки яроқашро гирад. Соҳибхоназан чӣ хеле ки меистод, ҳамон хел шах шуда монд, аз чеҳраи ӯ ҳамоно хун гурехта, ранги рӯяш баногоҳ тамоман хокистарӣ шуд. Рибак аввал ба тарафи дар тохт, вале ҳамон лаҳза баргашт, ки як бори дигар ба тиреза нигарад.

– Меоянд! Се нафар ин тараф меояд!

Дар ҳақиқат, се нафар аз қабристон саросема нашуда ба поён, ба роҳ, эҳтимол дошт, ки айнан аз рӯи нақши пои онҳо қадам монда меомаданд. Рибак ҳамин ки инро дид, андарунаш ҳама чиз аз эҳсоси бадбахтӣ фишурда гашт. Вай ҳеҷ вақт, ҳатто ҳамин шаби дар майдон монданашон, ин хел натарсида буд. Ҳозир кори аз ҳама боақлона гурехтан буд, вале ӯ ба Сотникови дар харак тоб хӯрда нишаста, ки дар дасташ милтиқро фишурда нигоҳ медошт, нигаристу истод. Гурехтан мумкин набуд. Зани Демян ҳам, эҳтимол, инро фаҳмид, ки баногоҳ бо пичирроси таҳлукаомез гуфт:

– Ба зершервонӣ! (чердак). Ба зершервонӣ! Ба зершервонӣ бароед!

Ҳа, албатта, ба зершервонӣ, дар кулбаи деҳқонӣ боз дар куҷо пинҳон шудан мумкин аст. Онҳо ба даҳлези нимторик даромаданд, ки дар кунҷи он ҷои буридаи чоркунҷаи ба зершервонӣ баромадан буд, вале дар зери он нардбон набуд ва Рибак ба рӯи сангҳои давраи дастос ҷаҳида баромад. Аз он ҷо вай милтиқашро ба зершервонӣ ҳаво дода, ба поён нигарист.

– Милтиқатро деҳ!

Сотников дастҳояшро васеъ кушода аз остона гузашт, зани Демян ба ӯ ёрӣ мекард. Вай милтиқашро дод ва Рибак онро ҳам ба сӯрохии торикӣ зершервонӣ хаст. Баъд Сотниковро ба болои сангҳои дастос кашида гирифта, онҳоро қариб чаппа карда буд. Чӯби болор аз ин ҷо ҳоло баланд буд, лекин Рибак бо як азоб онро дошта ва бо мӯзаҳояш дар рӯи девор тарақ–тараққунон боло баромад. Ҳамон замон дасти дарозкардаи Сотниковро дошта гирифт. Зани Демян ҳама вақт бо кӯшиши тамом, ҳарчанд ба таври даркорӣ набошад ҳам, аз поён ёрӣ медод. Сотников хастаҳолона часпида мебаромад ва дар ин кор тамоми қувваи охиринашро сарф карда, ниҳоят аз болои болор худашро он тараф партофт.

– Дар он ҷо лоси зағирпоя! Ба паси лоси зағирпоя гузаред! – аз поён мегуфт соҳибхоназан.

Рибак аз рӯи нарми лоси зағирпояи зершервонӣ давид. Ин ҷо чун даҳлез нимторик буд, ҳарчанд ба он аз зери бом ва аз сӯрохи пештоқи секунҷа, ки аз он сутуни васеи дудкаши хиштӣ менамуд ва дар ходаи дарозе ким-чӣ хел либоси кӯҳна ва дар тагаш чархи шикастае мехобид, равшанӣ медаромад.

Даруннтар дар зери бом ӯ ғарами калони лоси зағирпояро дид.

– Ин ҷо биё!

Сотников милтиқашро гирифта, гавак кашида ба кунҷи уреби бом, ба он ҷое ки Рибак нишон дод, рафт ва Рибак бо мӯзааш бар болои вай ғарами лоси зағирпоя тела дод. Пас аз он худаш ҳам дар таги бом ба паси рафиқаш даромада ҷафс шуд.

Онҳо шах шуда нафаскашиашонро ба зӯр идора карда, мехобиданд. Ба димоғ бӯи тунди зағирпоя мезад, резаҳои он ба рӯй мерехт ва ба паси гиребон даромада, гарданро ҷиззас мезанонд. Рибак бо тамоми диққат гӯш дода, кӯшиш мекард, фаҳмад, ки немисҳо аз паси нақши пои онҳо омада истодаанд ё ҳамин тавр ба тарафи деҳа мераванд. Агар аз рӯи нақши по бошад, албатта, онҳоро меҷӯянд. Он вақт гумон аст, ки онҳо дар ин ҷо нишаста халос шуда тавонанд. Қафаси синаи Сотников хиррос мезад, ин ба шунидан халал мерасонд, ҳар чи бошад

ҳам, онҳо кӯшиш мекарданд, ки ягон садои аз берун мерасидаро нашунида намонанд. Овозҳо акнун чунон аз наздик садо доданд, ки Рибакро ларза гирифт: немисҳо бо зани Демян гуфтугӯ сар карданд.

– Салом, фрава! Аҳвол чӣ хел?

Маълум мешавад, ки инҳо полисҳо буданд. Рибак онҳоро аз аввалин гапашон шинохт. Онҳо наистода, аз рӯи ҳавлӣ қадам зада гӯё ба тарафи дар мерафтанд. Аз чӣ бошад, ки зани Демян хомӯш буд ва Рибак тамоман гӯшу ҳуш шуда, бисёр мехост, ки онҳо надаромада, гузашта раванд.

– Чӣ хап меистӣ? Ба меҳмонӣ таклиф кун, – овози гирифтае расид аз поён.

– Илоҳо, шумо барин меҳмононро ба қабристон таклиф кунанд, – ҷавоб дода шуд ба онҳо.

– «Э, ин тавр лозим набуд, – бо таассуф аз хаёли Рибак гузашт. – Шаттоҳӣ кардан чӣ даркор!». Вай ҳассосона гӯш дода, аз ҳар сухани дағали соҳибхоназан ғам мехӯрд ва ба хавотир меафтод, ки ӯ бо ягон сухани беэҳтиёт онҳоро ба ғазаб меорад ва он гоҳ аз бало халосӣ нест.

– Оҳо! Ту, чӣ норозӣ ҳастӣ?

– Розӣ. Шодӣ мекунам, набошад чӣ!

– Ин гапи дигар! Арақ ҳаст?

– Чӣ ман дӯкон дорам?

– Набошад, як-ду колбаса барор!

– Ана дилатон чӣ мехостаст! Колбасаро ман ба шумо аз гӯшти пишак тайёр кунам? Хукбачаамро кашида гирифтед, акнун боз колбаса деҳ будааст?

– Ана ту моро чӣ хел пешвоз мегирифтаӣ? – бо писханд забонашро хоида гуфт дигаре. – Партизанҳоро, албатта бо қаймоқ зиёфат мекардӣ.

– Бачаҳои худам ним сол боз рӯи қаймоқро надидаанд.

– Инро мо ҳозир тафтиш мекунем!

– Ҳа, албатта бо онҳо ин тавр шаттоҳона муомила кардан даркор набуд, ана онҳо ҳам гузашта нарафтанд – қадамҳои вазнинашон дар даҳлез тап–тап садо дод. Вале ҳоло дар дари кулбаро накушодагӣ барин буданд ва Рибак аз чунин тахмини ногаҳонӣ ва табиии худ сард шуда рафт: баногоҳ ба зершервонӣ барои колбаса бароянд чӣ? Вале не, онҳо ҳоло дар даҳлез тарақ-турук мекарданд, эҳтимол, сарпӯши сандуқро кушода бошанд, ки чизе тунука барин баланд садо дода афтод ва болои фарш ғелида рафт. Рибак аз ҷунбидан ҳам тирсада, хомӯш мехобид ва чашмонашро ба болори сиёҳчатоб дӯхта, фикр мекард: не, онҳоро ҷуста наомадаанд. Хӯрокворӣ меҷӯянд, ки ин машғулияти мукаррарии полисҳост, дар қабристон бошад, эҳтимол аст, ки камингоҳ доранд – аз он ҷо роҳро посбонӣ мекунанд.

Онҳо то ҳол даҳлезро титу пит мекарданд, ки дар паҳлу Сотников ба як тоаври ғайриоддӣ зӯр зада, дар синаи ӯ як чизе даҳшатнок пиқос зад ва Рибак аз тарс қариб буд шах шавад – чунин менамуд, ки Сотников ҳозир месулфад. Вале сулфа накард, бо сад азоб худашро дошт. Хомӯш шуд, онҳо бошанд дар поён аллакай дарро тарақос занонда, ба хона даромаданд ва ба зудӣ овозашон паст-паст ба гӯш расид.

– Хӯҷаин дар куҷо? Дар Москва?

– Ман аз куҷо донам

– Намедонӣ? Набошад, мо медонем. Стас, мардаки ӯ куҷо?

– Ба Москва рафтагист-дия.

– Ҳа-а қанчиқ, пинҳон мекунад! Канӣ, якто фарор вайро!

– Вой, вой! Мурдор шумо! – сахт фарёд зад зани Демян. – Илоҳо, то бегоҳ мурда равед! Чашмҳоятонро зоғ ковад! Бачаҳоятонро набинед...

– Ҳоло ҳамин хел! Стас!

Дар кулба бачаҳо аз тарс чиррос заданд, духтарча як фарёд карда, хомӯш шуд. Ва ба ногоҳ аз қафаси синаи тарангшудаи Сотников сулфа тири тӯп барин таркида рафт. Андаруни Рибак чизе гӯё канда шуд, дастонаш аз таги лоси зағирпоя ба тарафи Сотников тир барин

дароз шуданд, вале ӯ боз сулфид. Дар кулба аз он гӯё давида баромада бошанд, ҳама якбора хомӯш шуданд. Рибак бо қувваи фавқулодда даҳони Сотниковро маҳкам медошт ва ӯ бо зӯрзании бениҳоят сулфаашро бо азоби сахте фурӯ мебурд. Вале аллакай кор аз кор гузашта буд – онҳоро шунида буданд.

– Кист он ҷо? – ниҳоят дар поён садо баланд шуд.

– Ҳеҷ кас не. Дар он ҷо пишаки шамолхӯрдаи ман, ҳамон месулфад, – ба гӯш расид овози зани Демян, ки гиряашро паст карда, ҳаросон мегуфт.

Лекин овози на он қадар боварибахши ӯ полисҳоро бовар накунонд.

– Стас, – омирона фармон дод овози баланду ғафси ғазабнок. Рибак баъди сар додани нафасаш онро нигоҳ дошта, ниҳоят аниқ фаҳмид, ки ҳамааш барбод рафт. Шояд худро муҳофизат кардан, паронидан зарур буд, бигзор ин ғуломони зархарид ҳам нобуд шаванд, вале аз куҷое бошад, охирин умеде ба рух додани мӯъҷиза пайдо шуд ва ӯ фикр кард: рафту бало рафъ шавад!

Дар ба девор бархӯрда, кулба ларзида рафт, полисҳо ба монанди рамаи рамхӯрда тапарросзанон ба даҳлез давиданд, дари берунро кушоданд, зери бом, зершервон баногоҳ равшантар шуд. Нигоҳи ҳеҷ чизро намедидагии Рибак ба қираи болои сиёҳ дӯхта шуда буд, ки дар паси он аз байни коҳ доси кӯҳнаи зангзада баромада меистод. Чанд сояе, ки ба зершервон афтод, ба ҳамдигар печида, дар боми пахолпӯш саросемавор ин тараф он тараф медавид.

– Нардбонро биёр! Нардбонро деҳ! – аз поён бо овози ғафси баланд фармон дод полис.

– Нардбон нест, дар он ҷо касе нест, садои ғиҷирроси мӯзаҳо ва тамоман аз наздик овози нафастангшуда расид:

– Он ҷо тип–торик. Ҳеҷ балоро дида намешавад.

– Чӣ дида намешавад? Баро ба он ҷо, ман фармон медиҳам, хе, очата!

– Ҳой, кист он ҷо! Баро, набошад бо граната мезанам, ки... – аз чӣ бошад, дар худи зери бом садо дод.

Лекин ҳоло аз сақф садои қадаммонӣ шунида намешуд, – эҳтимол полис ҳар чӣ бошад ҳам, ҷуръати аз девор гузаштан намекард.

– Вай ҳамин хел ба пеши ту мебарояд, ки мегирӣ? – дар поён овози ғафси командир ғунгос мезад. – Дар он ҷо ягон паноҳгоҳ ҳаст?

– Ҳаст. Коҳ барин.

– Милтиқро халонда гир.

– Дастам намерасад.

– Хе очаи туя! Ту ҳам ҷанговар шудию! Автоматро гир! Бо автомат титу пит карда парто!

«Ана акнун тамом, вассалом» – гуфт ба худ Рибак ва қариб ҷисман ҳис кард, ки ана ҳозир бадани ӯро пораҳои гарми тири паиҳами автомат лах-лах карда мепартояд. Вай сонияҳои охиринро истифода карданӣ шуда, дар фикраш ба як тундии сахт роҳи халосиро ҷустуҷӯй дошт, вале онро мутлақо дар ҳеҷ ҷо пайдо карда наметавонист: онҳо ба ин дом хеле боб шуда афтода буданд. Шояд ҳамаи кор акнун тамом шуд, хестан даркор буд, вале ӯ баногоҳ хост, ки Сотников аввалин шуда хезад. Ҳар чӣ набошад, вай маҷрӯҳ ва бемор аст, ба замми ин маҳз ӯ бо сулфаи худ ҳардуяшонро ба даст афтонд, бинобар ҳамин ба ӯ барои даст бардошта, асир шудан бисёртар асос буд. Лекин Сотников зинда набудагӣ барин кӯз шуда, тамоми баданашро таранг карда мехобид, ҳатто чунин менамуд, ки нафас ҳам намекашад.

– Аҳа, намебароӣ!

Дар таги бом қирсоси фулузии ба Рибак ниҳлоят шиноси затвори автомат, ки барои паронидан тайёр карда шуд, баланд гардид. Пас аз ин ҳамон бадтарин коре шуданаш даркор буд, ки баъд дигар ҳеҷ чиз намешавад. Як сонияи кӯтоҳе буд, ки онҳоро аз он лаҳзаи байни маргу зиндагӣ ҷудо мекард, Сотников бо вуҷуди ин наҷунбид, ҳатто насулфид ҳам. Ва Рибак охирон бор ба даҳшат афтода, бо пояш лоси зағирпояро тела карда партофт.

– Дастата бардор! – фарёд зад полис.

Рибак бархост ва бо ҳарос фикр мекард, ки вай боз аз аблаҳӣ ба ӯ якбора тири паи ҳам ҷо накунад. Ӯ гавак кашида, аз таги бом баромад ва рост шуд. Дар болои болори баромадгоҳ сари телпакдоре бо ҳушёрӣ ва хавотирӣ меистод, мили автомати ба сӯи ӯ нигаронида менамуд. Акнун ин мил барои Рибак аз ҳама даҳшатнок буд – вай ҳамаро ҳал мекард. Рибак ба он аз уреб синчакорона нигоҳ карда, даст бардошт. Як навбат тир холӣ карда нашуда буд, марг гӯё ба таъхир гузошта мешуд, муҳимаш ин буд, дигараш ба ӯ аҳамияте надошт.

– Ҳа, азизаконам, ба даст афтодед, хе дар ҷонатон! – онҳоро мулоим ҳақорат дода, ба зершервонӣ баромад полис.

Аз кӯҷое нардбонро кашола карда оварданд, ҳар се ба зершервон баромаданд, ҳар кунҷро чаппаю роста карда кофтанд, лоси зағирпояро афтонданд, милтиқҳоро гирифтанд. Фурсате ки ду нафар бо кофтуков машғул буданд, асирон дар зери мили автомати сеюмӣ дар як тараф, дар назди дудкаш меистоданд.

Сотников пои бараҳнаашро қат карда, ба дудкаш такя дода месулфид. Акнун худдорӣ кардан нодаркор ва ба қадри кофӣ сулфидан мумкин буд. Аҷоибаш ин ки вай аз полисҳо натарсид, аз он ки ӯро куштанашон мумкин аст, он қадар наҳаросид, – вай аз дарки хатои ногаҳонии худ карахт шуда буд ва сахт ғусса мехӯрд, ки Рибак ва ҳам зани Демянро ба ин аҳволи бад гирифтор кард. Вай тайёр буд ба қаъри замин фурӯ равад, лекин фақат бо зани Демян вонахӯрад, ки онҳо ӯро ба ин ҳол андохтанд ва ӯ барои чашми ҳардуяшонро кофта гирифтан тамоми асосҳоро дошт. Ва Сотников ноумедона фикр мекард, ки беҳуда овоз доданд, бигзор полисҳо мепаронданд, онҳо ду нафар мемурданду халос.

Онҳоро бо фарёдҳои дағалона ба тарафи нардбон ба поён тела карданд, ки дар он ҷо, дар назди дари кушодаи кулба зани Демян истода фиқ-фиқ мекарду дар паси парда хурдтаракон аз тарс мегиристанд. Рибак аз нардбон зуд фуромад, вале Сотников саросема шуда, бо як дасташ лағжида мефаромад ва ҳамон полиси калон – марди шонапаҳни авбошнамои димоғгирифта, ки шинели сиёҳи роҳиоҳанчиёнро пӯшида буд, ӯро аз китфаш чунон гирифт, ки ӯ ҳамроҳи нардбон аз болои санги дастос парида ба замин афтод. Дуруст аст, ки вай он қадар сахт барнахӯрд, фақат пои маҷрӯҳашро озор дод – чашмонаш сиёҳ зад, нафасгир шуд ва ӯ оҳиста беҳолона аз замин ба хестан сар кард.

– Шумо чӣ кор карда истодаед, нобакорон! Вай, охир, маҷрӯҳ аст, кӯр шудед! Одамхӯр шумо! – фарёд зад зани Демян.

Полиси калон ба тарафи телпаки болоҳамвори чармипӯш мағрурона рӯ овард.

– Стас!

Маълум буд, ки вай муддаоро фаҳмид, – аз милтиқ сумбаашро кашида гирифта, вижжас занонда ба тахтапушти зан фаровард.

– Разил! – худашро дошта натавониста, бо овози гирифта гуфт Сотников. – Барои чӣ? Занро барои чӣ мезанӣ?

Ҷӯшу хурӯши ғазаб ба Сотников қисми қувваташаро баргардонд, ки бо машаққат аз таги девор мехест ва саропо ларзида ба Стас рӯ овард. Дар ин ҳангом ӯ ҳатто фикр накард, ки ин фарёди ӯ метавонад охирин бошад, полис ӯро парониданаш мумкин аст. Вай бо ин, зани бадбахтро, ки дар назди ӯ бениҳоят гунаҳгор буд, ҳимоя карда наметавонист. Бо вуҷуди ин маълум буд, ки Стаси чобукдаст парониданӣ ҳам нест, вай фақат дар ҷавоб заҳрхандае карду бо ҳаракати аниқ ва омӯхта сумбаро ба милтиқ ҷой кард.

– Барои чӣ буданашро мефаҳмад!

Сотников кам-кам худро ба даст мегирифт, нафасашро рост карда, ором мешуд. Ҳамааш хеле оддию муқаррарӣ буд. Агар якбора напаронанд, истинтоқу қину шиканҷа сар мешавад, ки он ҳам албатта бо марг ба охир мерасад. Ӯ акнун ба ҳеҷ хел халосӣ умед надошт.

Дар даҳлез танаи онҳоро кофтанд: аз кисаҳояшон як чиз – ним чизи будагӣ, тирҳоро афшонда гирифтанд, бо тасма дасташонро сахт печонда бастанд – Рибакро аз пас Сотниковро аз пеш ва ҳардуяшонро ба фарши гилии шахшӯл шинонданд. Сипас сардорашон ба кулба, ба

назди зани Демян рафт, дигараш, ки ӯро Стас ном бурда буданд, дар остона барои онҳоро посбонӣ кардан истод.

Ҳавои сарди даҳлез синаи бемори Сотниковро месӯзонд, сараш чарх зада, дилаш беҷо мешуд, гӯшҳои сармохӯрдааш аз хунукӣ кам-кам сӯзиш мекарданд – ӯ пилоткаашро дар ким-куҷо, эҳтимол, дар зершервонӣ гум карда буд ва ҳоло сарбараҳнаву парешонмӯ менишаст. Пои маҷрӯҳаш аз ин сабаб ҳам бештар хунук мехӯрд ва дард мекард. Зонуяш варамида, ӯ онро ба зӯр қат мекард. Кафи пои бараҳнааш каб–кабуд шуда буд. Шояд хоҳиш карданаш даркор буд, ки намадмӯзаашро биёранд, вале ӯ чӣ тавр пӯшидани он ва чӣ хел ба дард омадани пояшро тасаввур карда, қарор дод, ки: бало ба пасаш! Акнун бигзор пояшро сармо задан гирад, фарқ надорад, он ба зудӣ нодаркор шуда мемонад. Ӯ ба замин нишаста якзайл месулфид ва ба посбони ҷавону чобуке, ки дар сар телпаки болоҳамвори сиёҳи бо карруфар дошт, менигарист: дар рӯи зебои ӯ, ки бинии шинаме ҳам дошт, гоҳ-гоҳ табассуми хушҳолона ва одамиёнае пайдо мешуд. Чунин менамуд, ки дар паси ин табассуми ӯ як чизи ҷавонона ва софдилона, ҳатто шиносу аскарона ҳаст, ин шояд аз он сабаб буд, ки ӯ нимпӯстини ҳарбӣ дар тан ва мӯзаи нави кемухт (хром) дар пой дошт ва почаи шими сиёҳи низомияшро бо он қат карда хаста буд. Дар як китфаш милтиқ аз тасмааш овезон буд ва бо китфи дигараш ба паҳлударӣ такя карда, тухми кадуро шикаста мехӯрд ва пӯчоқи сафеди онро туф карда мепартофт, ба ким куҷои роҳ менигарист, нақлиётро мунтазир буд. Аммо ҳоло нақлиёт набуд ва ӯ камтар пояшро ба ҳам тап–тап зада, милтиқро байни поҳояш маҳкам дошта, нишаст. Вай онҳоро аз масофаи наздик бодиққат ва бештар бе хашму ғазаб хандаомез аз назар гузаронд.

– Ба лоси зағирпоя даромадед, ҳа, ҳа! Тортанак барин!

Рибак ба ӯ нигаристу боз сарашро поён афканд.

– Акнун шуморо ҳамом мекунанд, мешӯянд ва пас кам – камак овезон карда мемонанд. То ки хушк шавед, ҳа, ҳа! – полис чунон софдилона ва табиӣ хандид, ки Сотников беихтиёр фикр кард: «Ҳар чӣ бошад ҳам, одами вақтчоқ будааст!». Вале хандаи ӯ якбора қатъ шуд ва полис ба оҳанги тамоман дигар ба ҳақорат сар кард:

– Ҳе, шумо фалониҳои фалонӣ! Ходоронокро куштед? Мо барои Ходоронок рӯдаҳоятонро мебарорем!

– Мо ҳеҷ кадом Ходоронокро намедонем, – маъюсона гуфт Рибак.

– Оҳо, ҳоло намедонем, гӯед! Эҳтимол, шаб тирпаронӣ кардагӣ ҳам шумо набудед?

– Мо тир напаронидаем.

– Шумо ё шумо не, аммо мо қабурғаҳоятонро мешиканем. Фаҳмидед?

Стас якбора қиёфаи ҷиддӣ гирифт, нигоҳи чашмонаш ба тарзи таҳдидомез сард шуданд ва ҳамаи он ифодаи одамиёна ва накӯии ҷавонӣ, ки дар рӯи ӯ буд, якбора барҳам хӯрданд ва ҷои онҳоро қатъияти пурҷаҳолат ва бераҳмонае гирифт.

Рибак бо нимовоз пурсид:

– Дар армия хизмат кардаӣ?

– Дар кадом армия?

– Ақаллан, дар армияи сурх.

– Ри... ман ба армияи шумо, фаҳмидӣ? – ба ногоҳ боз хашми ҳайвонияш болотар гирифта, чашмонашро даҳшатангезу гирдтар карда дод зад полис. Пас аз ин қиёфаи ӯ кам-кам тағйир ёфт, нармтар шуд, дар он боз ҳамон табассуми фиребандае пайдо гашт. Вай пояшро ба як тараф дароз карда, бо такчарми мӯзааш ба як низом ба фарши гилии хона шалп-шалп задан гирифт.

– Набошад, нимпӯстинат аз куҷост?

– Ҳа, нимпӯстин! Аз як комиссарчаи яҳудӣ гирифтам. Ба ӯ даркор намешавад, – гуфт полис ва ба Рибак дуру дароз нигариста, оромона илова кард: – Нимпӯстини туро ҳам мегирем. Будила мегирад, навбати ӯ. Ҳамин тавр, фаҳмидӣ?

– Ба гулӯятон дар намемонад? – худашро ба зӯр нигоҳ дошта бо овози паст гуфт Сотников.

Стас сарашро қафо партофт.

– Чӣ?

– Аз саратон сабил намемонад, мегӯям? Нимпӯстинчаҳо ва умуман...

– Чаро аз сарамон сабил мемондааст? Такягоҳи мо Германия, фаҳмидӣ, ношуд? Ана шумо аниқ аст, ки капут мешавед! Хотиратон ҷамъ бошад, онаи зори шуморо! – бо қаҳру ғазаб суханашро тамом кард Стас.

Чӣ илоҷ, ҳамааш оддӣ ва фаҳмо, дигар хел шуданашро мунтазир будан ҳам намешуд. Рибак ғамгин шуда, сарашро поён фуровард. Сотников якпаҳлу қадре дароз кашида, хост, ки оҳиста ҷунбад – сонаш кунда мегашт, тасмаи борики чармихомӣ банди дасташро мебурид.

Ниҳоят полис ду чана ҳай карда овард, якеи онро дар кӯча монд, дигараш бо ғиҷиррос ва садои суми аспон то худи таги остона омад. Стас аз остона хест. Вай аввал Рибакро ба чана тела кард, баъд Сотниковро аз гиребонаш дошта, бо як кашиши сахт аз замин бардошт. Сотников илоҷе карда то чана расид ва дар паҳлуи рафиқаш ба болои пахол афтод; полис аз қафои чана савор шуд. Чанакаш – марди солхӯрданамои ҳаросон, ки пӯстини дарида дар бар дошт, оҳиста аз пеши чана ҷой гирифт. Сотников дандон ба дандон монда, дардро фурӯ бурда, пои сармозадаи бараҳнаашро ба таги бари шинел кашид. Аҳволи ӯ боз бад мешуд, ҳамин хел менамуд, ки ӯ ана ҳозир аз ҳуш меравад, вай кӯшиши бисёр ба кор бурда беқувватӣ ва дардро бартараф мекард.

Аз чӣ бошад, ки полиси калон аз кулба барнамегашт, ҳамоне ки чанаҳоро ба он ҷо расонида буд, ба овардани ӯ рафт. Ба зудӣ аз он ҷо овозҳо ва гиряи зани Демян ба гӯш расид. Сотников бо хавотирӣ гӯш медод – занро мемонанд ё не? Як лаҳза ба он монанд буд, ки дар он ҷо ким-чиро меҷустанд: нардбон ба болор бархӯрда садо мебаровард, бачаҳо мегиристанд ва пас аз он зани Демян аз андоза берун ба дуои бад сар кард:

– Шумо чӣ кор карданӣ ҳастед, нобакорон? Илоҳо, то якшанбе рӯз набинед! Илоҳо, модаратонро дигар набинед!

– Канӣ–канӣ! Зудтар, гуфтам, зудтар!

– Бачаҳоро ман ба кӣ мегузорам? Палидони бешафқат шумо!..

Зудтар.

Сотников ба Рибак, ки ба ӯ якпаҳлу менишаст, нигарист, рӯи ришаш расидаи ӯ аз азоб каҷ мешуд. Ва сабаб ҳам буд.

Онҳо аз ҳамон пайроҳаи назди тавора гузашта, ба кӯча баромаданд ва ба паси қабристон гаштанд. Сотников сарашро ба даруни гиребони бардоштаи шинел кашида, ба китфи Рибак, ки онро пӯстинчаи гӯсфандӣ пӯшонида буд, каме такя кард ва беҳолона чашмашро пӯшид. Чана дар таги онҳо такон мехӯрд, вай ҳар лаҳза ба ин тараф–он тараф лағжида аз роҳ мебаромад. Ба гӯш мерасид, ки Стас ҳоло ҳам тухми каду мешиканад. Эҳтимол, онҳоро ё ба идораи полис ё ба СД мебурданд. Аз ин мебарояд, ки фурсати оромӣ кам мондааст, ҳамаи қувваро ҷамъ карда, барои бадтарин аҳвол тайёр шудан даркор аст. Албатта, инҳо ба онҳо ҳақиқатро намегӯянд, ҳарчанд аз ҷангал омаданашонро пинҳон карда намешудагӣ барин. Фақат агар зани Демянро ҳимоя карда метавонистанд. Зани бечора! Ба сӯи ҳавлияш медавиду аз гӯшаи хотираш ҳам намегузашт, ки ӯро чӣ интизор аст. Ҳозир ӯ аз қафо ким-чӣ гуфта фарёд мезад, дашном медод, мегирист, полиси бадхашм ба сари ӯ борони ҳақорати қабеҳ ва бешармонаро мерехт. Вале зани Демян ҳам кӯшиш мекард, ки қарздор намонад.

– Ҳайвонҳо! Косалесони немисҳо! Шумо маро куҷо мебаред? Бачаҳоям он ҷо! Бачаякони азизам, ширинакҳои ман! Гэланҷони ман, ҳолат чӣ мешавад?!

– Дар ин бора пештар фикр кардан даркор буд.

– Эх, ту мурдори ифлос! Ту маро боз коҳиш мекунӣ, зархариди немис! Ман ба шумо чӣ кардам?

– Роҳзанҳоро пинҳон кардӣ.

– Ин шумо роҳзанҳо, инҳо одам барин: даромаданду баромаданд. Ман аз куҷо донам, ки онҳо ба зершервонӣ баромадаанд? Чӣ ман душмани бачаҳоям? Мурдорҳо! Фашистони лаънатӣ!

– Дам шав! Набошад, ба даҳонат латта хаста мемонам.

– Туро ба нӯги хода шинонанд, мурдор!

– Ҳамин хел! Стас, биист! – шунида шуд аз чанаи қафо ва онҳо ба ду дарахти борикаки тӯс, ки аз он тарафи ҷӯйбор дар байни буттазор ях баста буд, нарасида истоданд.

Рибак ва чанакаш рӯ гардонданд, Сотников дар интизори ким-чизи даҳшатангези ваҳшиёна худашро дарҳам кашид. Ва дар ҳақиқат ба зудӣ зани Демян фарёд кашида, дар чана ба тапиш даромад. Гарданаи чана ғиҷиррос зад ва ҳатто асп дар барф беқароррона пой мекӯфт. Баъд ҳамааш хомӯш шуд. Стас қариб буд аз чана давида хезад, вале ба зудӣ бо қаноатмандӣ дар ҷои худ дароз кашид.

– Ҳе! Остинатро ба гулӯят тиққон – дод назан, зани девона.

Сотников бо азоб сарашро гардонд ва чашмаш ба чашми посбон афтод:

– Ҷаллодон! Ҷафогарон! Ситамгарон!

– Ҳӯй, ту ҳимоятгар! Даҳони бадбӯятро пӯш, набошад, хуни ифлосатро мерезам! – дод зад Стас, ифодаи чеҳраашро даҳшатнок карда.

Вале Сотников аллакай бо кӣ сарукор доштанашро медонист ва ба ин таҳдиди ӯ тамоман беаҳамиятона рафтор  кард.

– Санҷида бин, мурдор!

– Ҳо, санҷам! Медонӣ, ман ҳозир туро пӯққи мепаронам ва ҷавобгар ҳам намешавам. Ин ба ту Ҳукумати Шӯро не!

– Канӣ, пӯққӣ парон!

– Чӣ, наметавонам? – полис барои он ки зоҳиран қатъияташро нишон диҳад, милтиқро гирифт, вале фақат бо мили он ба синаи ӯ тӯққӣ зада, ҳақорат дод.

Сотников ақаллан мижа назад – вай аз ин разил наметарсид. Вай медонист, ки ба ин дағалии ҷангҷӯёнаи ӯ фақат ба ҳамин хел дағалӣ ҷавоб додан даркор аст – ин тоифа ҳамин гуна муносибатро мефаҳманду халос.

– Зан ҳеҷ гуноҳ надорад, дар ёд дор, – ба Рибак шунавонида мегуфт ӯ ва бо ҳамин дар истинтоқ ба чӣ хел ҷавоб доданашон ишора мекард. – Мо дар набудани ӯ ба зершервонӣ баромадем.

– Афсонаатро ба очаат мегӯӣ, – сарашро ҷунбонд Стас ва милтиқро поён кард. – Будила ақлатро ба ҷояш  мебиёрад. Нигоҳ карда ист!

– Туф кардам ба Будилаи ту!

– Ба қарибӣ туф мекунӣ! Хун мепартоӣ!

**10**

«Бало занад, чаро ӯ шаттоҳӣ мекунад» – гапгузаронии тундутези Сотниковро бо полис шунида, бо ғазаб фикр кард Рибак.

Онҳоро ба роҳе мебурданд, ки фақат акнун майдон дар назарашон он қадар дарозу ба тарзи ғамовар ҳамвор наменамуд, аспча бардамона резачорпо мерафт ва бо думи аз сармо шахшудааш ба чана зада–зада мемонд. Рибак торафт бештар тааccуф хӯрда фикр мекард, ки онҳо ниҳоят тез рафта истодаанд, вай бо тамоми тобу тавонаш мехост, ки суръати рафтанро суст кунад. Ӯ бо ҷону дилаш ҳис мекард, ки ин охирин соатҳои озодист, соатҳоест, ки бо рафтани онҳо имконияти наҷот ёфтан кам шуда, дигар пайдо намешавад. Вай худро барои беэҳтиётиаш, барои бефаҳмона ба он зершервонии лаънатӣ баромаданаш, барои ин хонаи канориро аз як километр дуртар гузашта нарафтанаш лаънат мехонд – охир вай кам сабақ гирифта буд, ки ба кулбаи канорӣ надарояд, ки ба он доимо немисҳо ҳам медароянд. Вай гуноҳи худро бахшида наметавонист, ки фикр накарда ба ин деҳаи шум даромадааст – дар ягон буттазор рӯзро мегузарониданд, беҳтар мешуд. Ва умуман аз аввали ин супориш ҳамаи кор на ба таври даркорӣ мерафт, балки бараъкс мешуд ва ба анҷоми бобарори он умед бастан мушкил буд. Вале ин тавр воқеъ шуданаш ҳеҷ ба тасаввур ҳам намеомад.

Ва ҳамааш ба айби Сотников. Озурдагӣ аз рафиқаш, ки ҳама вақт дар Рибак боло гирифтанӣ мешуд ва онро ӯ то ҳол бо қувваи ирода фурӯ менишонд, акнун ҳиссиёти ӯро торафт бештар фаро мегирифт. Рибак равшан дарк мекард, ки агар ҳамин Сотников намешуд, шамол

намехӯрд ва пас аз он маҷрӯҳ намешуд, онҳо, бегумон то беша мерасиданд. Онҳо милтиқ доштанд – худашонро муҳофизат карданашон мумкин буд. Ва агар худат ба зершервонӣ даромада бошию дар хона як тӯда бачаяк бошад, он вақт бо милтиқ ҳам он қадар коре карда наметавонӣ.

Рибак аз таассуф дар дилаш кӯтоҳакак ҳақорат дод ва равшан тасаввур кард, ки чӣ тавр онҳоро дар ҷангал бесаброна мунтазиранд, эҳтимол, таги кисаҳоро кофта, охирин нонрезаҳоро хӯрданд ва акнун фикр мекунанд, ки онҳо гов ҳай карда оварда истодаанд ва бинобар ҳамин дер мемонанд. Албатта, гов ҳам бурдан мумкин буд. Ҳатто дуто бурдан мумкин буд. Ӯ магар ягон вақт бо дасти холӣ баргаштааст – ҳамеша меёфт, пайдо мекард, иваз менамуд. Ҳозир ҳам ба даст медаровард. Агар Сотников намешуд.

Бо Сотников ӯ тасодуфан як ҳафта ё ягон даҳ рӯз пештар, вақте ки даста аз ҷангали Борковский халос хӯрда, роҳи сангфаршро мегузашт, шиносоӣ пайдо карда буд. Дар он ҷо ҳам онҳо дер монданд, ба роҳ ҳангоми равшан шудани рӯз баромада, ба сафи мошинҳои немисҳо бархӯрданд. Немисҳо оташ кушоданд ва саросема шуда онҳоро ба таъқиб сар карданд. Барои он ки аз фашистон дур шаванд, командир ӯ – Сотников ва боз як партизани дигарро, ки фамилияаш Гастинович буд, барои онҳоро паноҳ кардан гузошт. Вале се кас оё бар муқобили даҳҳо нафар немиси бо пулемёт мусаллаҳ дер истодагӣ карда метавонад? Онҳо аз милтиқҳояшон кам-кам паронида, хеле ба зудӣ ақиб нишастан гирифтанд, оташи немисҳо торафт зӯртар мешуд ва Рибак фикр кард, ки: тамом! Қасд кардагӣ барин бешачаи назди роҳ ба охир мерасид, дар қафо майдони калони пурбарф ва боқимондаи дастаи сахт шикастхӯрдаи онҳо саросемавор ба он тараф наздик мешуд. Дар он майдон, дар зери оташи тахминан бист нафар немис сиҳат мондан муҳол буд ва Рибак бо Гастинович, ки партизани сустҳаракати солхӯрдаи ҳаминҷоӣ буд, аз майдон ба кӯтаҳ–кӯтаҳ давида гузаштан сар карданд. Сотников ба немисҳо чунон оташи шадид ва аниқ кушод, ки онҳо як-як ба рӯи барф афтодан гирифтанд. Эҳтимол, вай чанд фритсро паронида буд. Ӯ ва Гастинович дар ин фурсат то сангтӯдаи майдон давида расиданд ва дар паси он паноҳ шуда, ба тарафи буттазор нигоҳ карда, тир мепарониданд.

Онҳо аз он ҷо тақрибан панҷ дақиқа бошитоб аз милтиқҳо тир кушоданд ва бо ин барои қафо гурехтани Сотников имкон пайдо кунониданд. Дар зери оташи автомат ӯ як навъ карда тавонист, ки қитъаи хатарноктарини майдонро давида гузашта, то сангтӯда расад ва худро партофтан замон онҳоро ба қафо гурехтан маҷбур кард. Хайрият, ки он вақт тир нарасид, Сотников ба зудӣ боз як автоматчии аз ҳад зиёд чаққонро паронд, ки аз пеши дигарон давида баромада, ба рӯи майдон паиҳам тирҳои дурахшанда меборонд; чаққонии боқимондаҳояшон камтар шудагӣ барин менамуд, ки давашонро сусттар карданд. Бо вуҷуди ин ҳам ба Гастинович тире расид, ки ӯ ба рӯи барф ким-чӣ хел аҷоиб нишаст ва якпаҳлу афтод.

Сотников ба тарафи ӯ тохт, лекин ба ӯ аллакай ёрӣ даркор набуд ва Сотников милтиқи мақтул дар даст аз паси Рибак давид, ки ба ӯ расида гирад.

Онҳо ду нафар монда, дар паси теппаи на он қадар калон хуфтанд, ки бехавфтар буд ва нафас рост карда, давиданро боз давом додан имкон дошт. Вале нохост ба хотири Рибак расид, ки дар сумкаи Гастинович як пуштаки нон, ки ӯ дирӯз аз деҳа ба даст оварда буд, мондааст. Онҳо як ҳафтаи дароз гушнагӣ мекашиданд ва он як пораи нон диққати ӯро чунон ба худ ҷалб намуд, ки Рибак камтар дудилагӣ карда, ба тарафи мақтул хазид. Сотников камтар баландтар шуда, немисҳоро боз ба зери оташ гирифт ва бо ин Рибакро, ки сад метри байни онҳо ва Гастиновичро бомуваффақият хазида мегузашт, паноҳ мекард. Онҳо ҳамон замон пораи нонро бӯлак карда то ба даста расиданашон хӯрданд.

Он вақт ҳамааш нағз анҷомид, даста дар ҷангали Горелий маскан гирифт ва онҳо бо Сотников, ҳарчанд якдигарро кам медонистанд, ҳамеша ҳамроҳ буданд – ҳампаҳлу хоб мерафтанд, аз як сатилча хӯрок мехӯрданд ва эҳтимол, аз ҳамин сабаб аст, ки ба ин супориш ҳамроҳ омаданд.

Вале акнун кор тамом, ин дақиқ. Тир накушодан, мамониат накарданашон аҳамият надорад – ҳар чӣ бошад онҳоро бо яроқ дастгир карданд ва ҳамин кифоя буд, ки ҳардуяшонро паронанд. Бешубҳа, вақте ки Рибак аз паси лоси зағирпоя мехест, ба ҳеҷ чизи дигар умед набаста буд, вале ба ҳар ҳол...

Вай зистан мехост! Вай ҳанӯз ҳам ноумед нагашта, ҳар сония тасодуферо мунтазир буд, ки аз қисмат халос хӯрда, наҷот ёбад. Сотников акнун барои ӯ он қадар аҳамияти калон надошт. Комбати собиқ асир афтода, ӯро аз тамоми уҳдадориҳои дар назди ӯ доштааш озод мекард. Акнун фақат бахташ тобад шуд, виҷдони Рибак дар назди ӯ пок буд – охир ӯ наметавонист, ки дар чунин ҳолат боз як маҷрӯҳро халос кунад. Ва ӯ аз ҳамон лаҳзае ки даст бардошт, бо чашмаш гирду атрофро мекофт: дар зершервонӣ, баъд дар болои хасбеда, фурсат мепоид, ки гурезад. Вале дар он ҷо ба гурехтан ҳеҷ имкон набуд, баъд дастонашро бастанд, – вай ҳамин қадар номаълум карда, онҳоро аз ҳалқа тоб дода баровардани мешуд, аммо наметавонист. Ва ӯ аз хаёл гузаронд: тасмаи лаънатӣ, наход аз барои он мурда равад?

Шояд бахтро бо дастони баста санҷидан лозим бошад? Вале барои ин ҷои мувофиқтар, на ин ки майдони ҳамвор, балки ягон гардиш, ҷӯйбор, буттазор, ҷарӣ ва, албатта, ҷангалзор даркор буд. Ин ҷо ба бадбахтии ӯ, майдони холӣ, теппа буд, ки аз паси он роҳ ба поён хам хӯрда мерафт. Якбора кӯпрукча баромада монд, вале ҷӯи он тамоман рӯякӣ, кушода буд, ки дар он панаҳ бурда намешуд. Рибак кӯшиш мекард, ки дар чана сарашро ин қадар ба ҳар тараф нагардонад, бо вуҷуди ин ҳамаро дар атроф зери чашм мегирифт, ки ягон ҷои барои гурехтан андаке мувофиқ пайдо кунад, вале ҳеҷ намеёфт. Вақт ҳамин тавр мегузашт ва ҳар қадаме ки онҳо ба деҳаи калон наздик мешуданд, Рибакро ҳамон қадар бисёртар изтироби бузург ва қариб саросемагӣ фаро мегирифт. Ҳамааш ниҳоят дақиқ мешуд: онҳо нобуд шуданд.

## 11

Сотников ба нобуд шуданашон як зарра ҳам шубҳа надошт. Вай худро ба тақдири Рибак ва зани Демян гунаҳгор медонист ва дар зери бори гуноҳе ки ӯро дучандон пахш мекард, сахт хомӯш буд. Ӯро махсусан, зан ба ташвиш меандохт. Вай дар бораи тирпаронии шабонаашон бо полисҳо ҳам фикр мекард, ки дар он кори ким-кадом Ходоронок тамом шуда буд. Ӯро, бешубҳа, Сотников паронида буд.

Ба шаҳрча дохил мешуданд. Роҳ аз байни дарахтон мегузашт – ду қатор бедҳои каҷу килеб онро танг карда буд, баъд ким-чӣ хел ногаҳон кӯча сар шуд. Он қадар барвақт набошад ҳам, аз баъзе мӯриҳо дуд мебаромад, каме баландтар аз тумани сарди болои бомҳои яхбаста офтоби хунук овезон буд. Аз пеш зане обкаш дар китф роҳро саросема миёнбур карда гузашт. Аз пайроҳа ба хонааш наздик шуда, рӯяшро гардонд ва ба изтироби ниҳонӣ ба чанаи полисдор зеҳн монда, нигоҳ кард. Дар ҳавлии ҳамсоя аз кулба духтараки сарлуче, ки ба пои бараҳнааш калӯш пӯшида буд, давида баромад, юндиро ба рӯи барф пош дод ва пеш аз он ки дар паси дар бо ҳарос нопадид шавад, ӯ ҳам бо кунҷковӣ ба роҳ рӯяшро гардонда нагарист. Дар ким-куҷо якзайл саг аккос мезад; дар навдаҳои бараҳнаи бед гунҷишкҳо парҳояшонро фахонда бепаноҳона ҷунбуҷӯл мекарданд. Дар он ҷо зиндагӣ ноором, мушкил, вале ҳар чӣ бошад ҳам, зиндагии муқаррарӣ давом дошт, ки аз он Сотников ва Рибак кайҳо бегона шуда буданд.

Чанаҳо кӯпрукчаро гузашта, аз назди хонаи чӯбии болохонадор ба тангкӯчаи паҳлуӣ тоб хӯрданд. Гӯё наздик мерасиданд. Аҷоибаш ҳамин ки Сотников ҳар қадар зудтар расидан мехост, вай дар роҳи саҳро ниҳоят сахт хунук хӯрда буд; аз деҳа чун ҳамеша хонаю сарпаноҳ умед доштан мумкин буд, ҳарчанд ин дафъа сарпаноҳ, бешубҳа, сарпаноҳи ғамобод мешавад. Вале бо вуҷуди ин ягон сарпаноҳ мехост, ки андаке гарм шавад.

Сотников ҳанӯз аз дур дарвозаи васеи нав ва дар назди он полисро, ки дар тан пӯстини посбонии дароз ва дар зери бағал милтиқ дошт, дида буд. Дар паҳлу хонаи мустаҳками сангӣ қад афрохта, пештар дӯкон ва ё идорае будагӣ барин менамуд, ки чор тирезаи беруниаш панҷарабанд буд. Полис онҳоро мунтазир барин, ҳамин ки чанаҳо наздик шуданд, милтиқро аз тасмааш ба китф овезон карда, дарвозаро калон кушод. Ду чана ба ҳавлии кушоди барфҳояш тозакарда, ки дар назди девор ғави кӯҳнаи хоидаи аспбандӣ, дар як кунҷ ҳоҷатхонаи тахтагӣ

дошт, дохил шуд. Дар остона ҳамон замон марди миёнақади чобук, ки дар тан кители немисӣ дошту дар остини он дастбанди полисии нағз дарзмолшуда сафедӣ мекард, пайдо гашт.

– Овардед?

– Набошад чӣ! – худнамоёна ҷавоб дод Стас. – Мо бошему набиёрем. Ана, бигир ин харгӯшҳоро!

Вай аз чана сабук ҷаҳида баромад, милтиқро беэҳтиётона ба паси китфаш партофт. Атроф девор буд – аз ин ҷо акнун гурехта намешуд. Дар ҳамон фурсате, ки чанакаш ва Рибак аз чана мефуромаданд, Сотников хонаро аз назар гузаронд, ки дар он ҷо онҳоро, албатта, чашидани чӣ будани азобу шиканҷа дар пеш буд. Он деворҳои мустаҳкам, айвончаи дари даромади баланди тунукапӯш ва зинапояҳо дошт, ки ба тарафи дари таҳхона мебурд. Дар яке аз тирезаҳои панҷарабанд ба ҷои оинаҳои шикаста пораҳои фанер зардӣ мекарданд, ки ким-чӣ хел парчаҳои тасвирҳои готӣ доштанд. Ин ҷо ҳама тозаю озода буд ва тартиботи намунавии лонаи полисҳоро нишон медод, ки такягоҳи ҳукумати немисҳо дар деҳот буд. Дар ин фурсат полис аз кисаи яктаҳаш калидро гирифта, аз зинапояҳо ба поён равона шуд, дар он ҷо дари таҳхона ба назар мерасид, ки қуфли калони анборӣ ва тахтаоҳани кундаланг гузошташуда дошт.

– Ин ҷо биёр онҳоро!

Акнун аз чана ҳама хеста буданд – Стас, Рибак бо чанакаш каме дуртар полисҳо либосҳояшонро меафшонданд ва зани Демян маъюсу ноумед меистод, ки аз дидани ӯ дили Сотников ба дард омада, фишурда шуд. Дастҳояш дар пушташ баста китфу миёнаш хам хӯрда, рӯймоли ғиҷимшудааш ба пушти сараш лағжида фуромада буд. Аз даҳони ӯ ба як тарзи бемаънӣ дастпӯшаки моҳутӣ баромада меистод ва полисҳо аз рӯи корашон ҳеҷ хаёли ба зудӣ ӯро аз ин азоб халос кардан надоштанд.

Сотников барои аз чана бе ёрии ягон кас баромадан машаққати бисёре кашид – чӣ тавре гардад, пояш сих зада, сахт дард мекард. Ӯ ба дард тоқат карда, ҳар чӣ бошад, ба рӯи барф баромад ва дар назди чана ду бор ҷаҳид. Ӯ зани Демянро махсус мунтазир истод ва ҳамин ки вай бо ӯ баробар шуд, бегонавор аз нигоҳи ӯ гурехта, ҳар ду дасти бастаашро баробар бардошт ва аз нӯги дастпӯшак якбора кашида партофт.

– Ҳӯй, лаънатӣ? Ҳӯй, ту чӣ кор мекунӣ, ношуд, – чиррос заданд аз қафо ва дар лаҳзаи дигар ӯ аз зарби сахти мӯзаи полис рост ба болои барф парида афтод.

Аз пояш дарди ҷонкоҳе ба тамоми баданаш паҳн шуд, чашмонаш сиёҳ заданд, вай хомӯшона дандонҳояшро сахт фишурд, вале ҳайрон нашуд ва наранҷид – зарбаро чун зарбаи сазовор қабул кард. Фурсате ки ӯро сулфаи гулӯгир гирифта буд ва ӯ бо як зонуяш оҳиста мехест, аз қарибӣ, аз паҳлу, полиси калон бо ғазаб ҳақорат медод!

– Ҳо ту, комиссари разил! Ҳоло тарафгир шуда баромадӣ. Стас! Пеш андоз ӯро! Ба назди Будила!

Боз ҳамон Стаси чобук ва фармонбар ба назди Сотников давида омад, ӯро сахт кашида аз таҳи оринҷаш гирифт. Сотников боз аз нав бо дастони баста ба рӯи барф афтод, аммо ин полиси ҷавони бақувват ва бераҳм ӯро бе ҳеҷ душворӣ дошта гирифт ва аз остона ба тарафи айвончаи дари даромад ва аз он ҷо ба сӯи дар кашола кард. Сотников пои дардмандашро эҳтиёт карда, бо китфаш сахт ба паҳлударӣ бархӯрд. Стас бо як нафас ӯро аз долон кашола карда бурд, бо пояш табақаи ким кадом дарро зада кушода ва бо як зӯр ӯро аз замин канда, ба фарши лагадмол ва пур аз нақшҳои тар ҳаво дод. Худ вақти рафтан ҳақорати секабатае дода, дарро сахт пӯшида баромад. Баногоҳ ҳама хомӯш шуд. Аз долон фақат шарфаи поҳо ва аз паси девор овози пасти ким-кӣ ба гӯш мерасид, ки гӯё касеро танбеҳ мекард. Сотников ба дарди тоқатшикани пояш тоб оварда, рӯяшро аз фарш бардошт. Дар хона дигар касе набуд, ин ӯро каме ба хавотир андохт ва ӯ бо умеди ногаҳон ба тиреза назар афканд, ки он ҳам бо панҷараҳои оҳанӣ сахт банд карда шуда буд. Не, аз ин ҷо акнун халосӣ нест! Инро фаҳмида ӯ ба рӯи фарш нишаст ва хонаро бе ҳеҷ рағбат аз назар гузаронд. Хона намуди муқаррарии хонаи давлатиро дошт, ки бо вуҷуди мизи рӯяш бо матои пашмини хокистарранг пӯшида ва дар паси он курсии роҳати кӯҳнаю фарсуда ва дар назди бухории ҳуландӣ, ки аз паҳлуҳои ҳамвори сиёҳи он гармии

баланд ва ҳоло фораме мерасид, курсичаи сабукаке доштанаш, ба назар холӣ ва нороҳат менамуд. Вале аз қафо, аз дар ба рӯи фарш хунукӣ паҳн мешуд. Сотников аз варача ларзида рафт ва нолаашро нигоҳ дошта, оҳиста ба як паҳлу дароз кашид.

«Ана дар ҳамин ҷо ҳамааш тамом мешавад! – фикр кард ӯ. – Худоё, тоқатам расад, шуд!». Вай ҳис кард, ки ба интиҳои худ, ба ҳадди асосӣ ва охирини худ, ки солҳои ҷанг дар назди он ин қадар бисёр мегашт, расидааст, вале қувваташ кам аст. Ва ӯ хавотир буд, ки эҳтимол ҷисман тоқат карда натавонад, таслим шавад, бар зидди иродаи худ шикаста шавад – вай аз дигараш наметарсид. Ӯ аз ҳавои гарм нафас кашида, чун ҳарвақта ба сулфаи дуру дарози синахарош сар кард, ки ӯро рӯзи дуюм бераҳмона азоб медод ва аз ин ҳатто майнааш сих зада рафт. Вай кайҳо боз ин хел сулфаи бад намекард, эҳтимол, аз бачагияш ин ҷониб, аз вақте ки шамол хӯрда модарашро ниҳоят ба ташвиш меандохт ва ӯ доим аз боиси шуши беқуввати ӯ ғусса мехӯрд. Вале он вақт ҳеҷ воқеа рӯй надод, бемориҳояш гузашт ва ӯ бо андак беҳбудӣ то бистушашсолагӣ расид. Акнун бошад чӣ – акнун саломатӣ барои ӯ қимати бузург надошт. Бадияш фақат дар ҳамин буд, ки нотобӣ қувваи ӯро дар фурсати барояш ниҳоят зарур мегирифт. Вай ҳангоми сулфа нашунид, ки ба хона касе даромад; дар пеши ӯ дар рӯи фарш мӯзаи на он қадар нав, вале нағз эҳтиёткардашудае, ки ба нӯгаш наъл зада, соқ тоза карда шуда буд, пайдо гашт. Сотников сарашро бардошт.

Дар муқобили ӯ як каси на он қадар ҷавон, ки дар тан пиҷаки сиёҳранг аз болои куртаи чиркрасидаи рахдори рангпарида галстук баста, шими уреби ҳарбидӯхт дошт, меистод. Дар нигоҳи чашмони майда ва ниҳоят синчакоронаи ӯ як ифодаи ким-чӣ хел хӯҷаинона, оромона ва ба ҳадди эътидол андешакоронае буд; дар зери биниаш мӯйлабчаи кӯтоҳ қайчизадааш сих шуда меистод, ки аз они Гитлер барин буд. «Будила бошад?» – бо ҳайрат фикр кард Сотников, ҳарчанд дар ин одам аз он ваҳшонияти даҳшатнок, ки полисҳо ба ӯ нисбат медоданд, гӯё чизе набуд. Бо вуҷуди ин ҳис мешуд, ки ӯ сардор аст ва Сотников ба қадре ки пои дардмандаш имкон медод, андаке росттар нишаст.

– Кӣ шуморо ин тавр?.. Гаманюк? – пурсид он кас бо оҳанги ороми хӯҷаинона.

– Стаси шумо, – ба нохост бо як лаҳни шикваомез гуфт Сотников ва ҳамон замон афсӯс хӯрд, ки оҳанги соҳибихтиёрии гуфторашро нигоҳ дошта натавонист.

Сардор бо қатъият дарро ба долон кушод:

– Гаманюкро ба назди ман даъват кунед!

Сулфа ором мешуд, фақат беқувватию дард боқӣ мемонд, бо дастони баста ба фарш такя кардан хеле нобоб буд. Сотников азоб мекашид, вале мақсади баралло тарафгиронаи ин касро дуруст нафаҳмида, хомӯш менишаст.

Ба хона худи ҳамон Стас даромад ва бо тамаллуқкории бараллоина пошнаҳои мӯзаи олуфтаёнаашро ба ҳам зад.

– Гӯшам ба шумо!

Хӯҷаини хона пешонаи мӯяш рафта ва каме дӯнги худро, ки барои рӯи хурди оҷингдори ӯ андаке калонтар буд, турш кард.

– Ин чӣ кор? Барои чӣ боз дағалӣ? Барои чӣ дар хона? Барои чӣ бе ман?

– Гунаҳгор! – оринҷҳояшро ҷунбонда бештар қоматашро рост кард Стас.

Сотников аз рӯи ҳамаи кӯшиши бемулоҳиза ва намоишкоронаи Стас ва аз ҷиддияти беҳиссу эҳтироси сардори вай ҳамон замон фаҳмид, ки дар назди ӯ як мазҳакаи бемаззае барои каси аблаҳ сар шудааст.

– Магар ба шумо ҳамин тавр дастур дода будам? Магар фармондеҳии немис ҳаминро меомӯзад? – ба ҷавоб мунтазир нашуда, сардор полисро бо саволҳои худ сарзаниш мекард, ӯ бошад бо тарси сохта торафт синаи худро пештар мебаровард.

– Гунаҳгор! Такрор намекунам! Гунаҳгор!

– Ҳокимиятдорони немис ба асирон муносибати мувофиқро таъмин мекунанд. Муносибати боадолат, одамдӯстона...

Не, бас аст! Сотников ба асирон чӣ тавр муносибат кардани ҳокимияти немисро аллакай медонист ва аз буридани риштаи ҳамаи ин худфаъолияти аблаҳона худдорӣ карда натавонист.

– Беҳуда кӯшиш мекунед!

Полис якбора ба тарафи ӯ гашт, гӯё нашунид ва пешонаашро ташвишомез чин кард.

– Чӣ гуфтед шумо?

– Чизе ки шунидед. Дастамро кушоед. Ман ин тавр нишастан наметавонам.

Полис боз каме ӯро бо нигоҳи синчакоронааш парма карда, таваққуф намуд, вале эҳтимол, фаҳмид, ки ҷои хавф нест ва дасташро ба кисса андохт, нӯги кордро ба тасмача расонда, бо як ҳаракат онро бурид ва кордро ба кисааш гузошт. Сотников дастони варамидаашро аз ҳам ҷудо кард, ки дар бандашон доғҳои захм буд.

– Боз чӣ?

– Об, – гуфт Сотников.

Вай қарор кард – ҳоло ки имконият ҳаст, ақаллан ташнагиашро шиканад, то баъд тоқат карда тавонад.

Полис ба Гаманюк ишора кард.

– Об деҳ!

Ӯ ба долон давида баромад, полис бошад, мизро давр зада бо оҳистагӣ дар курсии худ нишаст. Вай худро ҳама вақт махсус ором, ҳушёрона нигоҳ медошт, гӯё барои асир ягон чизи муҳим ва ниҳоят умедбахшро пинҳон медошта бошад. Нигоҳи чашмони тезҳаракат ва ташвишомези худро аз Сотников қариб намеканд.

– Хоҳед, ба курсӣ нишинед.

Сотников бо як азоб аз рӯи хона хеста, якпаҳлу пояшро ба як тараф дароз монда, ба курсӣ нишаст. Ин хел мувофиқтар ва тоқат кардан мумкин буд. Вай оҳ кашид, деворҳоро аз назар гузаронд, ба қафои бухорӣ, ба кунҷи назди тиреза нигарист ва дарҳол фаҳмида натавонист, ки асбоби қину азиятро меҷӯяд, – охир, онҳо дар ин ҷо буданашон даркор -ку. Аммо, ба тааҷҷуби ӯ, дар хона чизе, ки одатан бо он қину азоб мекунанд, наменамуд.

Бо вуҷуди ин вай ҳис мекард, ки муносибати ӯ бо ин полис ҳадду ҳудуди шартиро гузаштааст ва аз он ки бозияшон барор наёфт, аз рӯи моҳияти масъала гуфтугӯ дар пеш буд, ки аз он умеди хушӣ намерасид.

Дар ин вақт Стас Гаманюк дар дӯлчаи сирдори калон об овард ва Сотников онро то охираш нӯшид. Полис дар паси миз нишаста, батоқатона мунтазир буд, ҳар як ҳаракати ӯро назорат мекард ва дар бораи ким-чӣ андеша меронд ва ё, эҳтимол, мекӯшид, ки ягон чиро фаҳмида гирад.

– Канӣ, шинос мешавем, – гуфт ӯ хеле ҳарисона, вақте ки Стас баромад. – Фамилияи ман Партнов. Муфаттиши идораи полис.

– Аз они ман ба шумо аҳамият надорад.

– Ба ҳар ҳол?

– Хайр, фарз кардем Иванов,– гуфт аз байни дандонҳояш Сотников: пояш дард мекард.

– Зид нестам. Бигзор Иванов бошад. Ҳамин тавр менависем, – розӣ шуд муфаттиш, ҳарчанд ҳеҷ чиз наменавишт. – Аз кадом даста?

«Оҳо, ҳамин тавр якбора дар бораи даста мепурсӣ!» Пеш аз он ки ягон ҷавоб диҳад Сотников каме хомӯш истод. Муфаттиш ӯро якзайл, пешина барин бо нигоҳаш сӯрох карда, аз рӯи миз обчинаки чӯбии ранголудро гирифта, ба таври номаълум дар дасташ чарх занонд. Сотников ба панҷаҳои ӯ бедиққатона менигарист ва намедонист, ки чӣ тавр хуб аст, ӯро ба бозӣ доронда сар кунад ва ё якбора аз шаҳодат додан сар кашад, то дурӯғ гуфта, банд нашавад. Боз ба болои кор ин ба дурӯғи ӯ, эҳтимол, он қадар бовар ҳам намекунад.

– Шумо фикр мекунед, ки ман ба шумо росташро мегӯям?

– Мегӯӣ! – на он қадар баланд ва бо ҳамон тавр қатъияти ботинӣ гуфт муфаттиш, ки як дақиқа авзои Сотников беҷо шуд ва аз зери чашм ба полис саволомез нигоҳ кард.

– Мегӯӣ!

Ин хел овоз аз некие шаҳодат намедод. Ба саволи дар бораи даста, ӯ, албатта, ҷавоб намедиҳад, вале саволҳои дигараш ҳам, эҳтимол, осон набошанд. Муфаттиш бо обчинаки чӯбӣ хотирпарешон бозӣ карда, мунтазир буд. Ҳаракати панҷаҳои борики ӯ ороому боварибахш, оҳиста буданд, вале бо вуҷуди ин, ҳамин оҳистарафторӣ тамоми шиддати то дами муайян бо кӯшиши зиёд пинҳон доштаи ӯро ошкор мекард. Тааҷҷубовар буд, ки ӯ зоҳиран ба муфаттиши қотил, ки дар гардани ӯ ҷавобгарии на як умри барбодрафта буд, кам монандӣ дошт ва бештар хизматчии деҳотии хоксор ва ҳатто маишатдӯстро ба хотир меоварду Ва дар айни ҳол дар ӯ як чизи макру фиребомез, ки ба асир ҳар дақиқа таҳдид мекард, ниҳон буд. Сотников мунтазир буд, ки кай ин чиз охири охирон берун занад. Ҳарчанд намедонист, ки асабҳои ин шахс то чӣ андоза мустаҳкам аст ва муфаттиш баъди кадом савол ниқоби худро мепартояд.

– Чӣ хел супориш доштед? Куҷо мерафтед? Кай боз ин зан ҳамкори шумост?

– Вай ҳеҷ хел ҳамкор нест. Мо тасодуфан ба кулбаи ӯ даромадем ва ба зершервониаш баромада ҷо гирифтем. Вай он вақт ҳатто дар хона набуд. – оромона фаҳмонд Сотников.

– Ҳа, албатта, тасодуфан. Ҳама ҳамин тавр мегӯянд. Ба ҳавлии амини Лесиний ҳам тасодуфан даромадед?

Ана чӣ тавр! Аз ин мебарояд, ки аллакай дар бораи амин ҳам маълум аст. Ҳарчанд, эҳтимол, худи ҳамон шахс хабар дода бошад. «Номи ана ин раҳм кардан, сарукор доштан нахостан аст» – фикр кард Сотников. Маълум мешавад, ки полисҳо нисбатан ба он чи ки гумон доштанд, дар бораи онҳо хеле бисёртар медонистаанд ва Сотников як лаҳза даступо хӯрда монд. Шояд ин тариқи пешакӣ фикр кардае буд дар пурсиш. Муфаттиш ба аломати нишон додани натиҷаи ба даст овардааш обчинаки чӯбиро паротфт ва тамоку дуд кард. Сипас ӯ бо эҳтиёт аз рӯи миз тамокудону фандақро гирифта, тамокурезаҳоро бо фарш пуф кард ва аз байни дуд ба ӯ хира–хира нигоҳ карда, ҷавобашро мунтазир истод.

– Бале, тасодуфан, – баъд аз исте бо қатъият гуфт Сотников.

– Ин гапи нав нест. Шумо-ку одами боақл ҳастед, вале бо ҳамин дурӯғи содалавҳона халос шудан мехоҳед! Ягон  чизи зираконатар фикр кардан даркор буд. Ин гап ба мо намегузарад.

Ҳамин хел – намегузаштагӣ барин, хайр, бало ба пасаш. Гӯё вай умед дошт, ки мегузашта бошад. Вай умуман ба ҳеҷ чиз умед надошт, фақат ғами зани бадбахти Демянро мехӯрд, ки чӣ тавр наҷот додани ӯ номаълум буд.

– Шумо метавонед, ки бо мо чӣ тарзе ки хоҳед, рафтор кунед, – гуфт Сотников. – Вале занро ба ин ҳамроҳ накунед. Вай муносибате надорад. Фақат ҳамин ки кулбаи вай аз канор буд ва ман дигар роҳ гашта наметавонистам.

– Дар куҷо тир хӯрдед?

– Дар по.

– Ман инро намепурсам. Дар куҷо, дар кадом мавзеъ?

– Дар ҷангал. Ду рӯз пештар.

– Ҳилаатон намегузарад, – рост нигоҳ карда, бурро карда гуфт муфаттиш. – Мебофед, дар ҷангал не, дар роҳи калон, ҳамин шаб.

«Бало занад, аниқ медонад ё шояд таваккалан мегӯяд?» – фикр кард Сотников. Вай намедонист, ки пас аз ин худро чи хел нигоҳ дорад: дар чизҳои хурд ноуҳдабароёна дурӯғ гӯӣ – ба росташ ҳам бовар намекунанд, ба ӯ ҳақиқатро дар бораи зани Демян ба ин хизматчӣ бовар кунондан ниҳоят муҳим буд, ҳарчанд ӯ ҳис мекард, ки ӯро ба ягон дурӯғи рӯи рост нисбат ба ин ҳақиқат бовар кунондан осонтар аст.

– Ман агар, масалан, ҳамашро фаҳмонда диҳам, шумо занро сар медиҳед? Шумо инро ваъда карда метавонед?

Чашмони муфаттиш баногоҳ аз ғазаб дурахшиданд, ҳамин тавр менамуд, ки ӯро сӯрох карда гузаштанд.

– Ман ба шумо барои ягон чизро фаҳмонда додан вазифадор нестам! Ман савол медиҳам, шумо бошед, ба он бояд ҷавоб диҳед!

«Маълум мешавад, ки имкон надорад», – бо рӯҳафтодагӣ аз хаёл гузаронд Сотников. Бешубҳа, акнун ҳеҷ касро аз чанголи худ сар намедиҳад. Урфу одати шинос! Ин тавр бошад, эҳтимол, зани Демян ҳам нобуд шуд.

– Занро тамоман бегуноҳ нобуд мекунед. Ӯ се бача дорад.

– Мо нобуд намекунем. Шумо нобуд мекунед! Шумо ӯро ба даста кашидед! Чаро он вақт дар бораи бачаҳо фикр накардед? – нешдор карда гуфт муфаттиш. – Акнун дер шуд. Шумо қонунҳои Германияи бузургро медонед?

«Қонунҳо! Худат онҳоро кай боз фаҳмидаӣ, ношуди лаънатӣ? – фикр кард Сотников. – Ҳанӯз каме пештар шояд тамоман қонунҳои дигарро азёд мекардӣ!» Бо вуҷуди ин саволи охирини полис як андоза духӯра садо дод – ҳамин тавр менамуд. Партнов мехоҳад, ки бори баъзе корҳои худро ба дӯши Германияи бузург гузорад.

Сотников хомӯш буд, муфаттиш бархост, курсиро қафо тела карда, назди тиреза омад, аз байни панҷара ба ҳавлӣ, ки аз он ҷо овози полисҳо шунида мешуд, парешонхотирона нигарист. Вай боз чизеро нагуфта пинҳон нигоҳ медошт, он қадар зӯр зада истинтоқ намекард, ё фикр дошт, ки чӣ хел маккорона ӯро ба даст афтонад ва ё дар бораи ягон кори дигари худ хаёл мекард.

Дар долон вазнин-вазнин қадам заданд, овозҳо, ҳақоратҳо ба гӯш расид. Эҳтимол дошт, ки дар он ҷо касеро пеш андохта мерафтанд ва ё ҳатто бардошта мебурданд. Вақте ки талотӯб ба пешайвон гузашт, муфаттиш баланду бурро гуфт:

– Хӯш, дигар бозӣ бас аст! Номи дастаро гӯед! Фармондеҳи онро! Алоқачиҳоро. Шумораи даста. Қароргоҳ. Фақат ба дурӯғ гуфтан кӯшиш накунед. Зӯри беҳуда.

– Оё чизҳои аз ман мехостаатон аз ҳад зиёд нест? – гуфт Сотников.

Ӯ номаълум ба оҳанги писханд, чунонки вай одатан ҳангоми гуфтугузорҳои нохуш бо аблаҳону берӯҳо мекард, рӯй оварда буд. Албатта, фаҳми Стас ва ягон каси дигар аз ин хоинон ба писханди ӯ намерасид – ба ин сардор бошад чунин менамуд, ки ба тарзи зарурӣ таъсир кард. Бо вуҷуди ин, то як муддат ӯ худро нигоҳ медошт, фақат як бор лабашро каҷ карда монд.

– Куҷо мерафтед?

– Мо роҳро гум кардем.

– Намегузарад. Дурӯғ! Барои фикр ду дақиқа вақт медиҳам.

– Заҳмат накашед. Эҳтимол, кори бисёр дошта бошед.

Ин ҷо ӯ аниқ дарёфт. Рӯи хурди оҷингдори муфаттиш боз каҷ шуд, аммо ӯ худро идора карда метавонистагӣ барин буд. Вай ҳатто овозашро баланд накард.

– Зистан мехоҳӣ?

– Чӣ буд? Шояд авф мекунед?

Чашмони худашро танг карда, муфаттиш ба тиреза нигарист.

– Не, авф намекунем. Мо роҳзанҳоро авф намекунем, – гуфт ӯ ва баногоҳ якбора аз тарафи тиреза тоб хӯрд; хокистари нӯги сигораш ба болои бинии мӯзааш афтода, пош хӯрд, ҳамин хел менамуд, ки худдории ӯ тамом шуда бошад. – Мепарронем, ба ин шубҳа нест. Вале пеш аз ин мо туро зада маҷақ мекунем. Ҷисми ҷавони туро гӯшти қима барин мекунем. Ҳамаи рагҳоятро мекашем. Паи ҳам устухонҳоятро мешиканем. Ана баъд эълон мекунем, ки ту дигаронро ошкор кардӣ. Барои он ки дар он ҷо, дар ҷангал аз боиси ту он қадар ташвиш накашанд.

– Ба мақсад намерасед, намегӯям.

– Ту нагӯӣ – дигараш мегӯяд. Ҳамаашро ба гардани ту мепартоем. Фаҳмидӣ? Чӣ тавр?

Сотников хомӯш буд, ҳолаш бад мешуд. Рӯяшро арақ зер кард, ҳамон лаҳза ҳамаи майлаш бо истеҳзою писханд барҳам хӯрд. Вай фаҳмид, ки ин таҳдиди беҳуда ё найранг нест – онҳо ба ҳама кор қодиранд. Гитлер онҳоро аз виҷдон, аз инсонгарӣ ва ҳатто аз ахлоқи оддитарини зиндагӣ озод карда буд ва аз ин, албатта, қувваи ваҳшонияти онҳо меафзуд. Аммо ӯ дар назди онҳо фақат инсон асту бас. Дар назди мардум ва кишвар ӯҳдадориҳои зиёд ба гарданаш мебошад, имконияти пинҳон доштан ва фиреб кардани ӯ он қадар калон нест. Маълум буд, ки

воситаи муборизаи онҳо дар ин муҳориба ба ҳамдигар нобаробар аст, афзалият дар тарафи душман буд: ҳамаи он чиро, ки Сотников муқобил мегузошт, муфаттиш бо як осонии фавқулода чаппагардон карда мепартофт. Сари зонуи шими Партнов халта шуда буд ва ӯ пойҳояшро васеъ монда, ба ӯ нигоҳи тез ва акнун рӯирост бадбинонаи худро теғ барин равона карда, мунтазир меистод.

Ба Сотников ниҳоят мушкил буд, ҳамин хел менамуд, ки боз аз ҳуш меравад, ӯро арақи хунук зер мекард ва ӯ бо азоб барои ҷавоб сухан мекофт ва ҳис мекард, ки ин суханони охиринаш хоҳанд буд. Дасти рости муфаттиш ба тарафи обчинаки чӯбии рӯи миз дароз шуд.

– Хӯш?

– Разилон! – сухани дигаре наёфта, тамоми нафраташро ифода намуд Сотников.

Муфаттиш як қадар зудтар аз он ки лозим буд, обчинаки чӯбиро гирифт ва бо он ба рӯи миз зад ва гӯё ба ин истинтоқи бе хунрезӣ, вале бо вуҷуди ин хеле мудҳиш нуқтаи охирин гузошт.

– Будиларо ба назди ман даъват кунед!

Дар долон овози ғулғуладор баланд шуд: «Будиларо ба назди ҷаноби муфаттиш!», баъд аз ин Портнов мизро давр зада гузашта, ба оромӣ дар курсии роҳат нишаст. Вай акнун ба Сотников нигоҳ ҳам намекард, гӯё ки ӯ дар он ҷо тамоман набошад. Вай тамоку дуд кард. Маълум мешуд, ки вазифаи ӯ ба охир расида, қисми дуюми истинтоқ сар мешуд.

Сотников кӯшиш мекард, ки зоҳиран ором монад, вале ҳамин ки дар кушода ва Будила дар назди остона пайдо шуд, тамоми аъзои ӯ башиддат таранг гардид.

Эҳтимол, ин ҷаллоди ҳаминҷоии идораи полис – нарғӯли барзаговмонанди бадҳайбат буд, ки рӯи устухонаш баромадаи аспмонанд дошт. Тамоми намуди бадхашму аблаҳона ва махсусан, панҷаҳои калон – калони пурпашми аз даруни остин баромадаи ӯ, ки бояд наълҳоро рост мекарданд, касро нохушона ба ҳайрат мегузошт. Эҳтимол, аз рӯи анъанаи дар ин ҷо барқарорбуда, вай даромадан замон аз остона бо нигоҳи ғазабноки чашмони андаке олуснамояш қурбонии худро нишон гирифт. «Канӣ, ҳа!».

Сотниковро беқувватию беҳолӣ, бемадорӣ фаро гирифта буд ва ӯ аз худ кадом як чизи, бешубҳа, мудҳишро дуртар ронда менишаст. Он вақт Будила бо ҳаракати оромонаи гуногунмаъно ба сӯи курсӣ қадам монд. Дасти калони бадҳайбати вай барҳои моҳутии шинели Сотниковро аз болои қафаси синаи фурӯрафтаи ӯ васеъ қабза карда, таранг шуд ва ӯро аз миз канда гирифт.

– Канӣ, ҳа, болшевики ношуд!

## 12

«Кораш тамом!» – вақте ки Стас дар рӯи ҳавлӣ Сотниковро маҳкам дошта, ба даруни хона кашола карда бурд, қариб бо ғазаб фикр кард Рибак. Вай гумон дошт, ки аз қафои ӯ, вай ва зани Демянро ҳам ҳай карда мебароранд, вале полисҳо барои онҳо дари таҳхонаро боз карданд. Пеш аз он ки онҳоро ба он ҷо тела дода дароранд, дастони ӯро кушоданд, тасмаро аз шимаш кашида гирифтанд. Зани Демянро бо дастони баста ва дар даҳон латта монданд.

– Поин фуро! Зудтар!

Дар таҳхона торикӣ ҳукмфармо буд ва ё эҳтимол, ба Рибак пас аз равшании рӯзонаи кӯча ҳамин тавр намуда бошад. Аввал онҳо ба кадом як долончаи намнок даромаданд, полисе, ки пеш-пеш мерафт, тамбаҳои оҳанинро тарақ-туруқ кунонд ва Рибак ба тахтапушти зани Демян бархӯрда истод ва панҷаҳои ба хориш омадаашро молидан гирифт.

– Марш, марш! Чӣ истодаӣ? – Оне, ки аз қафо меомад ӯро тела кард. Маълум мешавад, ки аллакай дари нави зулмат ба рӯи ӯ кушода шудааст.

Илоҷи дигар набуд, Рибак аз байни полис ва зани Демян ҷафс шуда гузашт, бо ҳарос сарашро пеш даровард ва худро дар паси остонаи ким- чӣ хел хоначаи танги рутубатнок дид. Лаҳзае вай дар ин ҷо ҳеҷ чизро дида натавонист, нури хурдакак аз боло фақат сақфро андак

равшан мекард, поин бошад, торик буд. Ба димоғаш як бӯи турш, кӯҳна ва барои нафаскашӣ тамоман номумкин зад ва ӯ пас аз ин ба куҷо қадам монданашро надониста, истод.

Дар он фурсат аз қафо ғалақаи дар ҷарангос зад, зани Демян берун монд, ки полисҳо ӯро дуртар гирифта бурданд. Аз паси дар гуфтугӯи онҳо дар бораи кор торафт аз дуртар ба гӯш мерасид.

– Занакро ба куҷо? Ба кунҷакӣ?

– Биёр ба кунҷакӣ.

– Чаро имрӯз холӣ барин?

– Дирӯз немисҳо холӣ карданд. Дар куҷое як яҳудидухтарча нишаста аст.

Ба торикӣ як қадар одат карда, Рибак дар кунҷ одамеро дид. Вай дар он ҷо бо ким-чӣ кори худаш бодиққат машғул буд ё либос мекашид, ё либосашро ба тагаш меандохт, эҳтимол, барои хоб тайёр мешуд. Торикии ғафси зери девор ӯро тамоман пинҳон медошт, фақат сари сафед ва китфони ӯ дар ҷои хираравшан баъзан – баъзан намудор шуда мемонд.

– Бишин. Чӣ рост меистӣ? Рост истодан дигар фоида надорад.

Рибак ба ҳайрат афтод, ҳатто гӯё хурсанд ҳам шуд – овози мӯйсафед ба ӯ шинос расид ва ӯ ҳамоно ба ёд овард: амин! Бешубҳа, ҳамин тавр, дар кунҷ каси ба қарибӣ шиносшудаи онҳо амини Лесиний Петр барои худ ҷои хоб тахт мекард.

– Ту ҳам дар ин ҷо? – нохост бо ҳайрат гуфт Рибак.

– Ҳо, ана афтода мондам. Гӯсфандро шинохтанд, ва ...

«Ҳамин тавр-ҳамин тавр», – ҳамин ягона фикр дар сари Рибак чарх мезад: ҳамааш фаҳмо буд. Аҷиб аст, ки ӯ фақат ҳозир он гӯсфанди фалокатзадаро ба ёд овард ва фақат ҳозир бо ин дерии авфнопазир дар бораи ба сари соҳибаш чӣ овардани он гӯсфанд фикр кард.

– Хайр, дар ин ту чӣ гуноҳ дорӣ? Мо, ку зӯран кашида гирифтем? – андак сохтакорона тааҷҷуб кард Рибак.

Амин ба тагаш чизеро паҳн кард, вале дароз накашида, ба девор такя намуд ва қариб бо тамоми вуҷудаш ба торикӣ фурӯ рафта нишаст. Фақат зонуҳои қаткардаи ӯ дар равшании хирае, ки аз равзана медаромад, монда буданд.

– Чӣ тавр гӯям? Агар гирифта бошанд, хабар додан даркор буд. Ман бошам... Акнун чӣ фоида!.. Акнун фарқ надорад.

Акнун, дар ҳақиқат, фарқ надоштагӣ барин, акнун ба халос хӯрдан дер шудааст, фикр кард Рибак. Шояд, ба идораи полис аллакай ҳамааш маълум бошад. Тугмаи нимпӯстинашро накушода, вай андӯҳгинона ба болои пахолҳои шиббашуда пушташро ба девор такя дода, нишаст. Баъд аз ин чӣ кор карданаш тамоман маълум набуд, вале дар ин ҷо ба ғайр аз мунтазир будан, эҳтимол, ҳеҷ кори дигар кардан ҳам имкон надошт. Вай фақат ҳозир ҳис кард, ки дар ин шаби гузашта чӣ қадар хаста шудааст, ӯро хоб зер кардан гирифт, вале бар сараш ҳар хел хаёлҳо омада хоб карда наметавонист. Баногоҳ аз фикраш гузашт, ки бо амин ба як маслиҳат омада, агар ба Лесиний даромадани онҳоро инкор кунанд, бад намешуд – бигузор Петр гӯяд, ки дигарҳо омада буданд. Агар ба ин кор ба таҳқиқ нигарӣ, ба амин киро омад гуфтанаш фарқе надорад, ба онҳо бошад, шояд ин мадад карда тавонад. Рибак дар муносибаташ бо Петр худро ҳеҷ гунаҳгор ва ё ноҳинҷор ҳис намекард – магар ӯ бори аввал бо ин роҳ хӯрокӣ ба даст медаровард? Фақат як гӯсфандро гирифтанд, охир, ин ҳам на аз ягон оилаи серфарзанд, балки аз худи амин – кирои ташвиш намекунад. Аз ин ҷиҳати кор ӯ тамоман ором буд ва фақат аз он тааҷҷуб мекард, ки чӣ хел амин худро дар назди идораи полис сафед карда натавониста, гузоштааст, ки ӯро ба ин таҳхонаи бадбӯй партоянд.

Як соат ва ё зиёдтар гузашт, Сотников барнамегашт ва Рибак бо андаке таассуф фикр кард, ки эҳтимол, ӯро дар он ҷо кушта бошанд. Ӯ дар бораи ҳеҷ чиз гап задан намехост. Вай ҳис мекард, ки ана ҳозир барои ӯ ҳам омаданашон даркор ва он вақт аз ҳама бадаш сар мешавад. Вай якзайл фикр кард, ҳар хел андозу баркаш карда карда, мекӯшид, ки ягон имконияти фиреб додани полисро ёфта, тамоман халос шавад ва ё ҳеҷ набошад, ҳукмро кашол диҳад. Барои кашол додани ҳукм, аз афташ, ягона восита – кашол додани тафтиш буд (ҳар чӣ ҳам бошад

ягон хел тафтиш буданаш даркор). Вале барои ин ҳамин хел далелҳои қатъӣ ёфтан даркор буд, ки рағбати идораи полис бедор шавад, дар акси ҳол, агар вай қарор кунад, ки, ба он ҳамааш равшан аст, он гоҳ онҳоро, албатта, нигоҳ дошта намешинанд. Он вақт тамом шудани кори онҳо аниқ аст.

Таҳхона хомӯшу хобовар буд, фақат аз ким-кунҷои боло, аз бино овозҳо ва тап–тапи мӯзаҳо мерасид. Гоҳо тап-тапи мӯзаҳо баландтар мешуд, ким-чӣ паст-паст тақ-тақ мекард. Садои шавқуни кадом касе баланд мегашт. Ҳамаи ин даву ғеҷи бетартиби боло Сотниковро ба ёди Рибак нарасонида наметавонист ва дилаш ба дард фишурда мешуд, ки бечора Сотникови бетолеъ! Вале, эҳтимол, ӯро ҳамин хел қисмат интизор буд... Дуруст аст, ки ӯ дар ин бора фикр кардан намехост. Вай кӯшиш карда, чӣ хел аз ҷазо халос шуданро фаҳмидан мехост, ки эҳтимол ба Сотников ҳам ёрӣ дода тавонад. Аммо, аз афташ, ҳамаи ин беҳуда аст. Аз байни тирезачаи аз дарун бо ким-чӣ пешбандкарда, ба таххона нимторикии хирае медаромад, дар рӯи пахоли шиббашуда доғи равшаннамое медурахшид ва дар зери тиреза сари хами амин сафедӣ мекард. Ӯ ҳам дар таги девор, бешубҳа, ба хаёлҳои ғамангези худ ғӯттавар менишаст – акнун ҳар кас ғаму ғуссаи худро мехӯрд.

– Мегуфтанд, ки шаб касе полисро маҷрӯҳ кардааст, маълум нест, ки зинда мемонад ё не, – пас аз хомӯшии дуру дароз гуфт мӯйсафед.

Ин хабар барои Рибак нав набуд, вай нав он маҷрӯҳро фаромӯш карда буд ва акнун бештар ба изтироб афтод. Бо вуҷуди ин гуфтугӯро ба мавзӯи дигар гардонд.

– Туро ба боло бурданд? – пурсид бо андаке умед, ки шояд ҳоло навбати истинтоқи ӯ набошад.

Аммо амин ин умеди ӯро ҳамон замон барбод дод.

– Ба истинтоқ? Набошад чӣ! Худи Партнов пурсид.

– Кадом Партнов?

– Муфаттиши онҳо.

– Хайр, чӣ хел? Сахт заданд?

– Маро -ку назаданд. Маро чаро зананд?

Рибак нафасашро фурӯ бурда гӯш мекард: мехост пешакӣ фаҳмад, ки худи ӯро чӣ интизор аст.

– Ин Партнов, ман ба ту гӯям, шайтон барин зирак. Ҳамаашро медонад, – бо алам гуфт мӯйсафед.

– Ту устогӣ карда, халос шудӣ-ку.

– Ман чӣ устогӣ мекардаам! Ман ҳеҷ гуноҳ надорам. Дар назди Худою расул як ҳастам.

– Ин қадар бегуноҳ?

– Гуноҳи ман дар чист? Дар ҳамин аст, ки тохта рафта дар бораи гӯсфанд хабар надодам? Ман охир, барои шабҳо тохтан пирам. Шасту ҳафт сол дорам.

– Ҳа-а, – оҳ кашид Рибак. – Маълум мешавад, ки пуккӣ мепаронанд. Ин барои онҳо осон: Барои ёрӣ ба партизанҳо.

Пётр бо ҳамон хел овози бо эҳтирос гуфт:

– Хайр, чӣ илоҷ, маълум мешавад, ки қисмат ҳамин будааст. Ҷои гурез нест...

«Чӣ мутей!– фикр кард Рибак. – Ҳар чӣ бошад, шасту ҳафт сол – умрашро дидааст. Ман бошам, фақат бисту шаш сол дорам, дар рӯи замин хоҳиши боз каме зистан буд. Зимистон дар чуқурии яхбаста хуфтан он қадар даҳшатнок нест, ҳарчанд ки нохуш аст. Не, мубориза кардан даркор аст!

Чӣ мешуд, агар ба ҳамаи ҳодиса амин ҳамроҳ карда шавад? Дар ҳақиқат, агар ӯро чун ҷосуси партизанҳо ва ё ҳамкори онҳо вонамуд карда гӯяд, ки якумин бор нест, ки ӯ хизмати дастаро ба ҷо мебиёрад ва тафтишро ба роҳи хато равона кунад? Ба тафтиши иловагӣ сар мекунанд, шоҳидону гувоҳиҳои тоза даркор мешаванд, вақт мегузарад. Эҳтимол, ин чиз гуноҳи Петрро дар назди немисҳо он қадар наафзояд, вале ба ҳардуи онҳо ёрӣ расонданаш мумкин аст.

Вай ба андешаҳои худ дода шуда, банохост ғайричашмдошт ларзида рафт – пахоли паҳлуяш оҳиста хиширос зад ва ким-чизи нарм ва зиндае аз болои мӯзааш ғелида гузашт. Амин дар кунҷак бо нафрат пой афшонд: «Киш, ба тухматон қирон биёяд!» Ва ҳамон дам Рибак дар таги девор калламушро дид. Он ишкамкалони думдароз аз канори фарш давида гузашта, дар торикӣ ғоиб шуд.

– Акнун фақат даводави калламуш намерасид.

– Хайр, чӣ? Кӣ онҳоро дафъ мекунад? Одам ба шикори одам машғул аст – ба калламуш вақт надорад. Худоё, тавба.

Вай ин калимаҳоро гуфтан ҳамон аз ким-куҷои паси дар садои қадаммониҳо ба гӯш расид, ғалақаи дар ба тарзи шинос ҷарангос кард ва ба зудӣ равшании рӯзи зимистон сахт ба чашм зад. Дар партави ин равшанӣ дар остона ҳайкали қоқинаи Стас пайдо шуд, ки дар тан нимпӯстини ҳарбӣ ва милтиқро аз паси китфаш партофта буд.

– Канӣ, дар куҷо ту, свай роҳзан! Ба назди муфаттиш!

Полис кӯтоҳу нафратовар қаҳқос зада хандид, дар даруни Рибак чизе ба дард омада, тоб хӯрд ва ин эҳтимол аз он сабаб буд, ки ӯ ба саросемагии зиёд давида ба по хест ва аз рӯи даъват рафт. Дар фикри ӯ саволи «Сотников куҷост?» ҳамчун як ташвишу изтироби беҳуда пайдо шуда гузашт. Аввал шояд Сотниковро оварданашон ва пас аз он ӯро ба истинтоқ бурданашон даркор буд. Ва ё шояд Сотниковро аллакай кушта бошанд?

Вай мутеъона ба назди зинапояҳо омад, то даме ки Стас аз қафои ӯ дарро қулф кард, мунтазир истод, баъд пешопеши посбон тохта боло баромад. Вай бе ҳеҷ фикр, ҳеҷ чизро дар атрофаш пай набурда, қариб бешуурона қадам мепартофт. Худро ниҳоят бад ҳис мекард. Не, ин тарс набуд: вай аз беилоҷию бечорагӣ, аз он ки воситаи санҷидашуда – қувватро истифода бурда, худро аскарвор муҳофизат карда намешавад, ба танг меомад. Набудани ҳеҷ гуна интихоб имконияти ӯро ниҳоят маҳдуд карда буд, фикре ки оид ба амин дошт, танҳо ҳамчун мақсад монд – вай онро ҳаматарафа мулоҳиза карда натавонист, ҳеҷ чизро аниқ муайян нанамуд ва ҳоло ба назди муфаттиш бо дили барошуфта мерафт.

– Ана, нимпӯстинчаатро ҳам мепартоӣ, – бо зарб ба китфи ӯ зад Стас, – э, аз барои Худо, ки нимпӯстинчаи бад не. Мӯзаатро ҳам! Мӯзаатро ман мегирам. Набошад, ин хелашро пӯшида кӯҳна кардан ҳайф, дуруст нест? – гуфт ӯ ва худ ба худ тасдиққунон дар пеши маҳбус пои мӯзаи хромдорашро бардошта, ҷавлон дод. – Андозаи поят чанд аст?

– Сию нуҳ, – дурӯғ гуфт Рибак, қадамашро суст карда: баъди аз таҳхонаи бадбӯй баромадан аз ҳавои тоза серӣ нафас гирифтан мехост.

– Бало занад, хурдтар будааст! Ҳе, дар даҳонат шоту! – баногоҳ ба ғазаб омад полис. – Калонтар қадам мон!

Рибак худро аз мушт хӯрдан эҳтиёт карда, бе гарданшахӣ аз пешайвон, дарҳо, долони на он қадар дарози нимторик, ки дар назди ҷевончааш навбатдори рӯйкалон меистод, давида гузашт. Стас ангуштонашро қат карда, бо эҳтиром ким- кадом дарро тиқ-тиқ зад:

– Мумкин?

Рибак, чунонки дар хоб бошад, бо ҳисси пешакии ҳоли ҳозир чӣ хел футур рафтан ва пош хӯрдани тамоми ҳаёташ аз остона гузашт ва ба бухории ҳуландии бузург, ки дар роҳи ӯ чун сарнавишти нохуше меистод, назар дӯхт. Пахлуҳои сип–сиёҳи он бо тамоми намуди мотамнишони худ ҳайкали сутунмонанди бемаъниеро дар сари қабри кадом як кас ба хотир мерасонд. Дар паси миз, дар таги тиреза, шахси лоғарандоме дар тан пиҷак меистод, ӯ мунтазир буд. Рибак дар назди остона истода, фикр кард, ки ҳамон полиси муфаттиш, ки амин дар бораи ӯ гуфта буд, ҳамин бошад.

– Фамилияат? – аррос зад ӯ.

Аз ким-чӣ ба ғазаб омадани ӯ равшан буд, чеҳраяки ноҷавононаи ӯ гирифтатар мешуд, аз таги пешона нигоҳаш маҳбусро дағалона мепалмосид.

– Рибак, – хаёл карда, гуфт маҳбус.

– Соли таваллуд?

– Нуҳсаду шонздаҳ.
– Ҷои таваллуд?
– Назди Гомел.
Муфаттиш аз назди тиреза дур шуда, дар курсӣ нишаст. Вай худро бодиққат, пурҳаракат ва гӯё на он қадар таҳдидомез, ки аввал ба назари Рибак намуд, нигоҳ медошт.
– Бишин.
Рибак се қадам монд ва ба рӯи курсии ғиҷиросии венагӣ, ки дар муқобили миз меистод, оҳиста нишаст.
– Зистан мехоҳӣ?
Ин саволи аҷоиб тасодуфӣ буд ва шиддати ҳолатро як андоза бартараф кард. Рибак дар он ҳатто як оҳанги ҳазлро шунид ва дар курсӣ аз нобобӣ ҷунбида монд.
– Охир, кӣ зистан намехоҳад.
– Албатта...
Бо вуҷуди ин, муфаттиш, гӯё ки аз ҳазл кардан дур буд ва бо ҳарорати пештара саволборон мекард:
– Хӯш. Куҷо мерафтед?
Саволҳои зуд-зуди паиҳам, эҳтимол, ҳамин хел ҷавобҳои босуръатро талаб мекарданд, вале Рибак аз хавфи он ки ба ягон ҳиллаи муфаттиш нафарояд, андаке таъхир мекард.
– Барои хӯрокӣ мерафтем. Захираамонро пурратар кардан даркор буд, – гуфт ӯ ва фикр кард: «Бало ба пасаш! Кӣ намедонад, ки партизанҳо ҳам хӯрок мехӯранд. Дар ин чӣ асрор буданаш мумкин аст?».
– Хӯш, хуб. Месанҷем. Куҷо мерафтед?
Дар паси миз чӣ хел гӯшу ҳуш шудан ва ба ҳар дигаргунии хурдтарин дар рӯи маҳбус синчакорона нигаристани муфаттиш аён буд. Вале Рибак дар рӯи зонуяш бари нимпӯстинчаашро тахт карда, дар он кадом доғчаеро харошида мекӯшид, ки бо мулоҳиза ҷавоб диҳад.
– Ҳоло чӣ буд... Ба деҳа мерафтем, баногоҳ бинем, ки сӯхта будааст. Баъд, сӯе ки пеш омад, рафтан гирифтем.
– Кадом деҳа оташ задагӣ?
– Ҳо, ҳамон, Кулгаев буд ё дигар... Дар назди чангал.
– Дуруст. Кулгаевро оташ задагӣ. Немисҳо оташ заданд. Кулгай ва ҳамаи кулгайиҳо парронида шуданд.
«Худоро шукр, гуноҳи дурӯғгӯиро бардоштан рост намеояд», – бо сабукӣ фикр кард Рибак.
– Дар Лесини чӣ тавр пайдо шудед?
– Хеле оддӣ. Шаб омада мондему баъд... ба хонаи амин даромадем.
– Хӯш, хӯш, фаҳмо, – чизеро мулоҳиза ва муқоиса карда, гуфт муфаттиш. – Яъне, ба хонаи амин меомадед?
– Не, чаро? Ба деҳа меомадем, ман гуфтам-ку...
– Ба деҳа. Фаҳмо. Кӣ командири гурӯҳ? – баногоҳ пурсид муфаттиш ва саропо диққат шуда, хомӯш гашт ва ба ӯ нигоҳи сахт ва ҳамабини худро дӯхт.
Рибак дар ин дам фикр кард, ки дурӯғ гуфтанаш мумкин аст – бигзор тафтиш кунанд. Магар ки Сотников...
– Сардори даста? Ҳо, вай... Дубовой.
– Дубовой? – аз чӣ бошад, тааҷҷуб кард муфаттиш.
Рибак ба чашмони ӯ дуру дароз нигоҳашро дӯхта истод. Вале на барои он ки муфаттишро ба дурӯғи худ бовар кунонад, ба ӯ фаҳмидани он муҳимтар буд ки: ба ӯ бовар мекунанд ё не?
– Ҳиллагар! Аллакай бо Дубовой бӯи ҳамдигарро фаҳмидаед! Ҳамин хел буданашро медонистам-а! Тирамоҳ нагирифтаанд, ана акнун, марҳамат...

Рибак нафаҳмид, ки вай киро дар назар дорад. Аминро? Пас чӣ тавр мешавад? Эҳтимол, вай дар ин ҷо хатое кард... Бо вуҷуди ин вақти андеша набуд, Партнов пурсиши худро бо суръат давом дод.

– Даста куҷост?

– Дар ҷангал.

Дар ин ҷо ӯ бе камтарин таъхир ҷавоб дод ва ба чашмони сарди диққаткоронаи муфаттиш росту бехиҷолат нигоҳ кард – бигзор ба комилан ҳақ будани ӯ бовар кунад.

– Дар Бараковский?

– Ҳа.

(Онҳо аблаҳанд магар, дар ҷангали Борковский, калон бошад ҳам, пас аз тарконидани кӯпруки  Ислянк аз чор тараф муҳосира шудааст, мешинанд. Ҳаминаш кифоя, ки дар он ҷо ҳамон гурӯҳи Дубовой мондааст, боқии дастаи онҳо шонздаҳ километр дуртар, ба ботлоқи Гарелий рафт).

– Даста чанд нафар одам дорад?

– Сӣ нафар.

– Дурӯғ мегӯӣ! Мо маълумот  дорем, ки бисёртар.

Рибак саҳлангорона табассум кард. Вай заруриятеро ҳис кард, ки аз  ноогоҳии муфаттиш сабукак қатъи назар карданашро нишон диҳад.

– Бисёр буд. Ҳозир сӣ нафар. Ҷангҳо, медонед, талафот...

Муфаттиш дар давоми пурсиш аввалин бор дар курсӣ ризомандона ҷунбида монд:

– Чӣ, бачаҳои мо пар кандаанд? Ҳамин тавр – ҳамин тавр! Ба қарибӣ болу пари ҳамаатон рехта меравад.

Рибак хомӯш монд. Кайфияти вай торафт беҳтар мешуд: ҳамин хел менамояд, ки онҳо аз Сотников он қадар чизи бисёре нафаҳмидаанд, яъне афсона бофтан мумкин аст – бигзор тафтиш кунанд. Боз ба ҳамин монанд буд, ки гӯё муносибати муфаттиш ба ӯ беҳтар шуда истодааст ва Рибак фикр кард, ки ин муносибатро як навъ мустаҳкамтар сохта, аз он шояд истифода кардан ҳам мумкин шавад.

– Хӯш! – муфаттиш ба курсӣ такя дод. – Акнун ту ба ман бигӯ, ки кадоми шумо шаб тир парондед? Одамони мо диданд, ки яке давида гурехт, дигараш бошад ба тиркушоӣ сар кард. Ту?

– Не, ман не, – гуфт Рибак, вале на бо он қадар қатъият.

Дар ин ҷо ӯ аллакай худро барои сафед карданаш нобоб ҳис мекард, чунки бо ин кор гуноҳро ба гардани Сотников мепартофт. Хайр, чӣ кор кунад, ба худ гирад?

– Яъне, ӯ? Ҳамин тавр?

Ӯ ин саволро беҷавоб монд – Рибак фақат фикр кард: «Ҳаром мурӣ, ту палид!» чӣ тавр маккорона медорад! Дар ҳақиқат, вай ба ӯ чӣ ҷавоб ҳам дода метавонист?

Ҳамин тавр бошад ҳам, Партнов он қадар исрор намекард.

–  Хӯш, хӯш, фаҳмо. Фамилияи ӯ чист?

– Аз они кӣ?

– Ҳамроҳат.

Фамилия! Ба ӯ чӣ даркор шуда монд ин фамилия? Агар Сотников номашро нагуфта бошад, пас маълум мешавад, ки ӯ ҳам бояд номи вайро нагӯяд. Эҳтимол, ягон хел дурӯғе гуфтан даркор буд, вале Рибак чӣ дурӯғ гуфтанашро якбора пайдо карда наметавонист.

– Намедонам, – ниҳоят гуфт ӯ. – Ман дар ин даста нав...

– Намедонӣ? – бо коҳиши сабук аз нав пурсид Портнов. – Номи аминро Сич мегӯӣ? Номи ӯ дар байни шумо ҳамин аст?

Рибак бошиддат фикр кард – вай гӯё ҳатто фамилия ва лақаби аминро нашунида буд.

– Ман намедонам. Шунидам, ки дар деҳа ӯро Петр мегӯянд.

– Ҳо, Петр.

Ба ӯ ҳамин тавр намуд, ки ин Портнов ким-чӣ хел каҷфаҳм аст, вале ҳамон замон пай бурд: муфаттиш ӯро саргум кардан мехоҳад.

– Хӯш, хӯш. Яъне, аслат аз куҷо буд? Аз Могилев?

– Аз назди Гомел, – пуртоқатона ислоҳ кард Рибак. – Райони Речитск.

– Фамилия?

– Аз они кӣ?

– Аз они ту?

– Рибак.

– Боқии даста куҷост?

– Дар ... ҷангали Борковск.

– Чанд километр то он ҷо? – Аз ин ҷо?

– Набошад, аз куҷо буд?

– Аниқ намедонам. Ягон ҳаждаҳ километр будагист.

– Дуруст мебарояд. Кадом деҳаҳо ҳамсоя?

– Деҳаҳо. Дегтерня, Уляновск. Ва боз чӣ буд номаш... Драгуни.

Партнов бар коғази дар наздаш хобида нигарист.

– Шумо бо ин зан... Окун Авгиня чӣ алоқа доред?

– Бо зани Демян? Ба Худо,ки ҳеҷ хел. Ҳамин хел даромадем, ки пинҳон шавем, хӯрок хӯрдем ба болояш бачаҳои шумо...

– Бачаҳо зер карда даромаданд! Қанд зананд бачаҳо! Хуш, мегӯӣ, ки ҳеҷ хел?

– Росташ, ки ҳеҷ хел. Авгиня ҳеҷ муносибат надорад.

Муфаттиш аз паси миз бардамона ҷаста бархост, бо оринҷҳояш шимашро ба миён боло бардошта монд.

– Гуноҳ надорад? Шуморо бошад, қабул кард? Дар зершервонӣ пинҳон кард? Чӣ, ба хаёлат киро пинҳон карданашро намедонист? Аъло медонист! Паноҳ мекард. Яъне, аз рӯи қонунҳои замони ҷанг ба ин кор чӣ бояд кард?

Рибак барои ин аз рӯи қонунҳои замони ҷанг чӣ карданашро аллакай медонист ва фикр кард, ки беҳтараш акнун аз мақсади дастнорасии муҳофизати зани Демян даст кашидан лозим аст. Маълум буд, ки аз ҳар кадоми чунин кӯшиш муфаттиш дар ситез мешавад, дар қаҳр меояд ва ӯ қарор кард, ки дигар ӯро ба ғазаб наорад. Дар ҳоле, ки худ чӣ хел халос шуданатро намедонӣ, ғами зани Демянро чӣ мехӯрӣ?

– Хӯш, хуб! – муфаттиш ба назди тиреза рафт ва бо пошнаи пояш бардамона ба сӯи ӯ тоб хӯрд: дастони ӯ дар киссаҳои шимаш ва пиҷакаш рӯи сина калон кушода буд. – Мо ҳоло боз гуфтугӯ мекунем. Вале умуман бояд эътироф кунам, ки ту ҷавони бофаҳм ҳастӣ. Эҳтимол, мо ҳаётатро нигоҳ дорем. Чӣ, бовар намекунӣ? – муфаттиш тамасхуромез писханд зад. – Мо метавонем. Шӯроҳо ҳеҷ чизро наметавонистанд. Мо бошем, қатл карда ҳам метавонем, бахшида ҳам, албатта, кӣ буданашро дида. Фаҳмидӣ?

Вай ба Рибак наздик омада, қариб ҷафс шуд ва ӯ ҳис кард, ки пурсиш, эҳтимол дар ҳамин ҷо тамом мешавад ва бо эҳтиром аз миз бархост. Муфаттиш то китфаш буд ва Рибак фикр кард, ки ин ношудро бо осонӣ буғӣ карда мекушт. Вале ӯ ҳамин тавр фикр карда, аз ин фикри бемаънии худ қариб ба тарс афтод ва бо садоқати сохта ва чашмони зинда ва сарди сардоронаи полис нигоҳ кард.

– Хӯш, ки бошад! Ту ба мо ҳамаашро нақл мекунӣ. Мо ҳамаашро тафтиш мекунем, хаёл накун, ки... Дурӯғ нагӯӣ – ҳаётатро нигоҳ медорем, ба идораи полис медарой, ба Германияи бузург хизмат мекунӣ...

– Ман? – бовар накард Рибак.

Ба назараш чунин намуд, ки фарш дар зери пояш ҷунбида, деворҳо аз ҳам дур шуда, ин бинои ифлос васеъ шуда бошад. Дар як лаҳзаи саргарангӣ вай якбора дар худ озодӣ, фарохиҳо, ҳатто вазиши сабук ва ботаровати боди саҳроро ҳис кард:

– Бале, ту. Чӣ розӣ нестӣ? Метавонӣ, якбора ҷавоб надиҳӣ. Рав, фикр кун. Вале дар ёд дор: бурдӣ – бурдӣ, набурдӣ – мурдӣ – Гаманюк!.

Пеш аз он ки Рибаки ҳайратзада баъд аз ин чӣ шуданашро фаҳмида тавонад, дар кушода шуд ва назди остона ҳамон Стас пайдо гашт.

– Ба таҳхона!

Стас ба муфаттиш аблаҳона нигоҳ карда монд.

– Охир... Будила мунтазир.

– Ба таҳхона! – чиррос зад муфаттиш. – Чӣ ту кар ҳастӣ?

Стас ба ларза афтод.

– Явол ба таҳхона! Биттэ, марҳамат!

Рибак ҳамчунонки бо ниҳояти музтарибӣ даромада буд, ҳамон хел мебаромад, вале ин дафъа бо сабаби дигар. Ҳарчанд вай ҳамаи мураккабии воқеаи аз сар гузаронидаашро ҳоло пурра дарк накарда ва ояндаашро ҳам аз ин беҳтар намедонист, вале аллакай бо шодию хурсандӣ ҳис мекард, ки зиндагӣ мекунад! Имконияти зистан пайдо шуд – ин асосист. Ҳама боқимондааш – баъд.

– Пуққӣ, яъне монанда мешавад? – вақте ки онҳо ба рӯи ҳавлӣ баромаданд, аз остини нимпӯстинаш кашида монд Стас.

– Ҳа, мононда мешавад! – бо қатъият гуфт Рибак ва нахустин бор ба чеҳраи зебо ва масхараомез пуртабассуми полис довталабона нигоҳ кард.

Ӯ бо овози гирифта, ки чун маъоси буз буд, хандид.

– Халос намехӯрӣ! Медиҳӣ! Ихтиёрӣ, вале, албатта, рӯдаю ишкамбаатро баровварда мепартоям!

«Аблаҳ аст ё худро ба нодонӣ мезанад?» – андешид Рибак. Вале Стас акнун ӯро кам ба ташвиш меандохт: ба ӯ ҳимоятгар пайдо шуд.

**13**

Сотниковро беқувватиаш наҷот дод: ҳамин ки Будила ба қин сар кар, вай зуд аз ҳуш мерафт. Ӯро об пошида ба ҳуш меоварданд, вале ба муддати он қадар дуру дароз не, шуури ӯро боз сиёҳӣ пахш мекард, ҷисми ӯ на тасмакориҳо, на амбурҳои махсуси пӯлодиро, ки Будила бо онҳо аз ангуштони ӯ нохун меканд, ҳис намекард. Қариб ним соат ҳамин хел беҳуда гирумон карда, ду полис Сотниковро аз хона кашола карда бароварданд ва ба ҳамон таҳхона, ба назди амин партофтанд.

Вай чанд муддат дар болои пахол ба либосҳои аз об тар ва панҷаҳои хуншори дастонаш ором хобида, паст-паст менолид, ӯ гоҳ ба ҳуш меомад, гоҳ беҳуш мешуд. Вақте ки дар паси дар садои қадами полисҳо хомӯш гардид, Петри амин ба назди ӯ бо зонуҳояш хазида омад.

– Вай – вай! Ман нашинохтаам ҳатто. Ана чӣ кор кардаанд...

Сотников дар назди худ овози наверо шунид, ки ба гӯшаш шинос расид, вале шуури ранҷу азиятдидааш дигар қудрат надошт, кӣ будани он касро аниқ кунад. Муносибати он кас ба ӯ дилгармона барин буд, Сотников инро аз овози ӯ ҳис кард ва хоҳиш намуд:

– Об!

Шунида мешуд, ки он кас хест он қадар сахт набошад ҳам, боисрор дарро кӯфт.

– Падарлаънатҳо! Ҳеҷ кас намешунавад.

Сотников қувваи идрокаш суст шуда бошад ҳам, фаҳмид, ки дар ин ҷо ёрие намебинад ва ӯ ба оғӯши беҳушии худ фурӯ рафта, бо азобу ранҷҳои худ танҳо ба танҳо монда, дигар чизе хоҳиш накард. Дилаш аз ташнагӣ якзайл месӯхт. Атрофашро ким-чӣ хел тумани ғафси тафсон печонда гирифта буд ва Сотников то даме ки дар назди девор чоҳи занҷираш сатилдорро надид, аз байни ин туман бо пойҳои бемадор кашола шуда мерафт. Бо ҳамин хел дастони беҳолу бемадор, ӯ ин сатилро ба чоҳ партофт, ки баногоҳ аз қаъри сиёҳи он пишакбачаҳои чобук бо изтироб фиххас зада ба ҳар тараф давида рафтанд. Сотников пишакҳоро тоқати дидан надошт ва аз тарс як қад парида, худро аз тахтаи чоҳ дур гирифт ва оҳиста-оҳиста ба худ

меомад. Сипас, чӣ тавр шуд, ки ӯ дар кӯчаи шаҳрчаи пешазҷангиашон пайдо шуда, дар наздаш Редкин, ординаретси дерини худро дида монд, ки якчанд қумқумаҳои пуроби тарро гирифта мебурд. Сотников ба яке аз қумқумаҳо чанг андохт, вале қумқума дар дасти ӯ ҳамон замон ба сумкаи зиди газ бадал шуд, аммо дар сумка об аз куҷо...

Чанд вақти дигар мунтазир шуда, ба вай ҳар чӣ бошад ҳам,  дегчаи пуробе оварданд ва дуру дароз, бо азоб нӯшид, аммо об гарм, бемазза буд, ташнагиро намешикаст, меъдаро фақат нохушона пур мекарду бас. Ин нӯшидани боҳирс ба ӯ сабукӣ наовард, фақат азобашро сахттар кард, дилаш беҷо шудан гирифт. Офтоби нимрӯзӣ сахт метафсонд, ба хандақе, ки ӯ меистод, аз ҳар тараф шохчаҳои хушк, алафи халанда, реги тафсон мерехт. Ташнагии ӯ қадаре ҳам нашикаста буд, ки аз паҳлу садои роҳбари тирпаронӣ полковник Логинов шунида шуд: «Зудтар! Зудтар!» Ин Сотниковро ҳам ба ҳайрат андохту ҳам ба ташвиш: чӣ тавр ҳангоми тирпаронӣ ба обнӯшӣ машғул шуданаш ба назараш аҷиб намуд? Вай тарсид, ба суръати фармон, ки ба иҷрояш шаш – даҳ сония лозим буд,  расидагӣ карда наметавонад ва эҳтимол, ҳоло аз як дақиқа гузашта бошад.

Баъд пеши чашми вай хира мешуд, шуурашро чизҳои бемаънӣ фаро мегирифт, аз паси он тасвирҳои ғароиби равони  лағжанда, ки азобҳои бе ин ҳам тоқатшикани ӯро сахттар мекарданд, базӯр менамуданд...

Вақте ки Рибакро боз ба таҳхона оварданд, Сотников дар рӯи пахол чун мурда сар то пояш бо шинел пӯшидагӣ ором мехобид. Рибак дарҳол дар паҳлуи ӯ нишаст, бари шинелро бардошта кушод, дасти ӯро дуруст кард. Панҷаҳои шикастаи Сотников бо лаккаҳои хун ба ҳам часпида буданд ва ӯ аз фикри он ки бо ӯ ҳам ҳамин тавр карданашон мумкин буд, ба даҳшат афтод. Дар дафъаи аввал ҷазо ба кадом сабабе бошад, ба ӯ нарасида гузашт. Вале пагоҳ чӣ мешавад?

– Йигит, дар ин ҷо ... об даркор.... – ҳангоми дарро қулф кардани Стас аз кунҷак гуфт Петр.

– Ман ба ту йигит не, балки ҷаноби полис! – бо қаҳр эрод гирифт Стас.

– Бигзор полис. Мебахшед. Одам мемирад.

– Ҷазои роҳзан ҳамин. Ҷазои ту ҳам.

Дар раъд барин гулдурросзанон пӯшида, атроф торик шуд, Петр оҳ кашида, ба рӯи пахол дар кунҷак нишаст.

– Даррандаҳо!

– Оҳиста! – гуфт Рибак. – Мешунаванд.

– Бигзор шунаванд. Аз чӣ метарсем, акнун...

Дари берун ҳам пӯшида шуд, дар зинаҳо садои қадами полис хомӯш гардид. Ҳама ҷо ниҳоят ором шуд ва на он қадар дуртар, дар таҳхона паст-паст гиристани касе ба гӯш расид, ки кӯтоҳ-кӯтоҳ фиқ-фиқ мекард, даме хомӯш мешуд, эҳтимол, кӯдак ё зан буд. Сотников дар болои пахол ҳоло ҳам беҳуш буд ва ким-чӣ гуфта садо баровард.

– Ҳа-а, инро зада афгор кардаанд. Зинда мемонда бошад? – гуфт Петр.

Рибак фикр кард: «Зинда монданаш гумон аст». Ва баногоҳ ӯ хурсандона ва фавқулодда аниқ дарёфт: агар Сотников мирад, он вақт имконияти Рибак хеле беҳтар мешавад. Вай чизеро, ки хоҳад, гуфта метавонад, дар ин ҷо шоҳиди дигар намемонад.

Албатта, ӯ ниҳояти ноодамона будани ин кашфиёти худро мефаҳмид, аммо ҳар қадар андеша кунад, боз ба ҳамин фикр бармегашт, ки ин тавр, ба Рибак ва ба худи Сотников, ки пас аз ҳамаи ин ҳодиса зинда монданаш гумон аст, беҳтар мешавад. Эҳтимол, Рибак халос ҳам шавад ва он вақт, бешубҳа, бо ин разилон барои ҳаёти ӯ ва барои тарс хӯрданҳои худ ҳисобӣ хоҳад кард. Вай ба онҳо ҳаргиз асрори партизанҳоро гуфтанӣ, зиёда аз ин, ба полис даромаданӣ набуд, ҳарчанд мефаҳмид, ки гардан тофтан он қадар осон намешавад. Аммо барои ӯ вақтро кашол додан муҳим – ҳамааш аз он вобаста буд, ки ӯ чанд рӯз дар ин таҳхона истодагӣ карда метавонад.

Сотников вазнин ва бо хиррос, кам-кам нолиш карда, нафас мекашид ва Рибак фикр кард, ки: не тоб оварда наметавонад. Дар ин ҷо бо саломатии қавӣ дарров корат тамом мешаваду ӯро чӣ тобу тавонест!

– Мебинам, ки бахти ту бештар тофтааст, – бо андеша ва гӯё маънидор ишора кард мӯйсафед.

Ин суханони вай ба Рибак нофорам расиданд – чӣ кор дорӣ? Аммо ӯ оромона ҷавоб дод:

– Насиби ман дар пеш аст.

– Дар пеш буданаш аниқ. Онҳо ҳамин тавр намегузоранд.

Рибак хусуматомез ба кунҷак нигарист – аз пешгӯиҳои номатлуби ин одам худро ноҳинҷор ҳис мекард: ӯ аз куҷо медонад, авф мекунанд ё не? Ӯ аз санҷиши махсусе мегузашт, ки ҳисоби дигар дошт ва ба қувваи хайроти он қариб бовар карда буд ва мекӯшид, ки ҳамаашро муфассалтар мулоҳиза кунад.

Вале, аз афташ, ин ҷо барои андешаҳои дуру дароз он қадар мувофиқ набуд: ҳамин ки вай ба мулоҳизаи ташвишҳои худ машғул шуд, боз дар зинапояҳо тақ-тақи пошнаҳо сар шуданд. Садои қадамҳо дар назди таҳхона хомӯш шуд, ғалақаи дар шақаррос зад ва дар назди остона ҳамон Стас пайдо гашт.

– Бигир, об! Зудтар! Ин роҳзан то пагоҳ най барин бошад! Ту, мӯйсафеди беимон, марш ба назди Будила!

Рибак изтироби дар дилаш аланга гирифтаро хомӯш карда, аз дасти полис қумқумаи доирашакли оби хунукдорро гирифт. Петр аз кунҷак ба Стас мутаҳайир нигоҳ мекард:

– Барои чӣ буданашро намедонӣ?

Полис бо шодии ҳақиқӣ қаҳқос зад:

– Медонам: рустшаваконбозӣ мекунед. Канӣ, зудтар!

Мӯйсафед бо вазнинӣ аз ҷой бархост, аз фарш пӯстинчаашро гирифт ва сарашро хам карда, аз таҳхона баромад. Дари вазнин бо ҳамон тараққоси пешина сахт пӯшида шуд.

Рибак ба зонуяш хеста, Сотниковро ҷунбондан гирифт. Аммо вай фақат нолиш мекард. Пас аз ин вай бо як дасташ қумқумаро хам карда, бо дигараш сари Сотниковро андаке бардошта, ба даҳони ӯ каме об рехт. Сотников ларзид, вале ҳамон дам лабони шахшӯлашро ба лаби қумқума часпонд, бо хастагӣ ва мушкилӣ чанд қулт нӯшид.

– Кист ин?

– Ин ман. Аҳволат чӣ тавр? Беҳтар?

– Рибак? Туӣ? Боз деҳ.

Рибак аз нав сари ӯро бардошта истод – Сотников дандонҳояшро ба қумқума шароқкос занонда, боз нӯшид ва ба рӯи пахол дароз кашида, наҷунбида хоб рафт.

– Чӣ, бисёр азоб доданд? – пурсид Рибак.

– Ҳа, додар, хеле, – нафасашро сар дод Сотников.

Рибак ғамхорона шинели ӯро дуруст кард ва бо тахтапушташ ба девор такя дода, нафасгирии баланд–баланди рафиқашро, ки кам-кам ҳамвор мешуд, хотирпарешона гӯш медод.

– Хайр, аҳволат чӣ тавр?

– Акнун хуб. Беҳтар. Туро чӣ?

– Чӣ?

– Заданд?

Ин савол Рибакро дар ғафлат дарёфт. Вай ба рафиқаш чӣ тавр кӯтоҳакак фаҳмонданашро намедонист, ки чаро ӯро қин накарданд.

– Не, на он қадар.

Сотников чашмонашро пӯшид. Рӯи кулфаткашида, хокистарӣ ва ришаш расидаи ӯ дар нимторикӣ дар рӯи пахоли хираранг базӯр намудор мешуд. Қафаси синааш хиррос мезад. Ва ин вақт ба фикри Рибак расид, ҳоло ки чунин имконият ҳаст, оид ба пурсишҳои минбаъда бо ӯ ба баъзе қарорҳо омадан даркор аст.

– Гӯш кун, ман онҳоро фиреб медодагӣ барин, – ба болои рафиқаш хам шуда, пичиррос зад ӯ. Вай бо ҳайрат чашмони худро кушод – сафедии васеи чашмонаш дар акси равшанӣ хира–хира дурахшиданд. – Фақат ба мо як хел гапро гуфтан даркор аст. Пеш аз ҳама – барои хӯрокӣ мерафтем. Деҳа оташ задагӣ, ба Лесини омадем, ва...

– Ман ба онҳо ҳеҷ чиз намегӯям – сухани ӯро бурид Сотников.

Рибак гӯш дод, оё касе дар наздикӣ нест. Аз афташ, ҳама ҷо ором буд. Фақат аз боло, рост ба болои таҳхонаи онҳо садоҳо ва қадаммониҳо ба гӯш мерасид. Вале аз боло овози ӯро намешунаванд.

– Мон, аблаҳӣ накун. Баъзе чизҳоро гуфтан даркор. Давомашро гӯш кун. Мо аз гурӯҳи Дубовой, ӯ ҳоло дар ҷангали Борковск. Бигзор тафтиш кунанд.

Сотников нафасашро нигоҳ дошт:

– Дубовой дар ҳақиқат дар ҳамон ҷо-ку.

– Хайр чӣ?

Рибак ба қаҳр меомад: ин қадар одами якрав, кор ба сари ин аст магар! Бешубҳа, Дубовой бо гурӯҳи худ дар ҷангали Борковск мебошад, вале аз он ки онҳо қароргоҳи ӯро ном мебаранд, ҳоли ӯ бадтар намешавад – полисҳо то ӯ расида наметавонанд. Аммо боқии дастаи онҳо дар ҷои боэътимод аст.

– Гӯш кун! Ту маро гӯш кун. Агар мо онҳоро фиреб надиҳем, ҳила ба кор набарем, он гоҳ пас аз ягон ду рӯз корамон тамом. Фаҳмидӣ? Мо онҳоро камтар бозӣ доронданамон даркор. Риштаро ба зӯри беҳуда кандан даркор нест.

Ҳушёр шудан, ором гирифтан, паст шудани нафасгирии Сотников маълум буд, вай гӯё чизеро мулоҳиза мекард.

– Ҳеҷ фоида надорад, – ниҳоят гуфт ӯ.

– Чӣ тавр фоида надорад? Пас чӣ дорад? Мурдан ниҳоят осон аст.

«Ин қадар аблаҳ аст ин» – фикр кард Рибак. Ин тавр гарданшахии беақлонаро ӯ мунтазир набуд. Худаш, ки бо як пояш дар лаби гӯр истодааст, ба ӯ дигар ҳеҷ чиз фарқ надорад. Ҳатто мағзашро каме ҷунбондан намехоҳад, ки рафиқашро аз паси худ кашола карда набарад.

– Гӯш кун ту, – каме хомӯш монда, бо сӯз пичиррос зад Рибак. – Мо онҳоро аз биниашон кашола карда бурданамон даркор аст. Чунонки моҳиро дар шаст, мефаҳмӣ. Дар акси ҳол сахттар мекашӣ, канда мекунӣ – ҳама барбод меравад. Худро мутеъ вонамуд кардан лозим. Медонӣ, ба ман ба идораи полис даромаданро пешниҳод карданд, – ба ғайри хоҳиши худаш гуфт Рибак.

Пилкҳои чашми Сотников ларзиданд, чашмонаш аз диққати ниҳонӣ пуризтироб дурахшиданд.

– Ана чӣ тавр? Хайр, чӣ мекунӣ, – давида меравӣ?

– Давида намеравам, натарс. Ман бо онҳо савдо мекунам.

– Ҳушёр бош, ба савдо наравӣ, – нешдор карда гуфт базӯр Сотников.

– Хайр, чӣ бояд кард, нобуд шуд? – баногоҳ бо қаҳр фарёд зад Рибак ва зери лаб ҳақорат дода, хомӯш шуд. Хайр, чӣ шавад, шавад! Нахоҳад – кори ӯ, аммо Рибак, то охир барои худ мубориза мебарад.

Ё аз изтироб ё аз бетобӣ бошад, ки нафаскашии Сотников мушкилтар шуд; кӯшиш кард, ки сулфад – синааш монанди тоба фашшос зад ва Рибак тарсид: оё мурда истодааст? Вале ӯ намемурд ва ба зудӣ нафасашро рост карда, гуфт:

– Беҳуда ба ифлосӣ медароӣ! Шарафи армияи сурхро ба шармандагӣ мебарӣ. Онҳо моро зинда сар намедиҳанд.

– Кӣ медонад. Агар кӯшиш шавад...

– Барои кӣ кӯшиш шавад? – худро аз даст дода, бо ғазаб гуфт Сотников ва нафастанг шуд. Лаҳзае вай бо азоб сулфид, баъд баланд–баланд нафас гирифт, пас аз он бо овози баногоҳ рӯҳафтода гуфт: – Охир, онҳо туро ба идораи полис барои картабозӣ даъват намекунанд-ку.

«Албатта, барои картабозӣ не», – дар дил розӣ шуд Рибак. Вале ӯ ба ин бозӣ барои он мерафт, ки дар он ҳаёташро барад – оё худи ин кам аст, ҳатто барои хатарноктарин бозӣ? Он вақт худаш маълум мешавад, фақат накушанд, дар истинтоқҳо азоб надиҳанд. Фақат аз ҳамин қафас халос ёбад, вай ҳеҷ кори бадро ба худ раво нахоҳад дид. Магар ӯ ба одамони худӣ душман аст?

– Натарс, – гуфт ӯ. – Ман ҳам он қадар гӯлу гумроҳ не.

Сотников хандаи кӯтоҳаки сохта кард.

– Сода! Бо кӣ хаёли зӯрозмой дорӣ?

– Ана мебинӣ.

– Ин машина аст, охир! Ё ту ба он хизмат мекунӣ, ё он туро реза-реза карда мепартояд! – нафастанг шуда гуфт ӯ.

– Ман ба онҳо чунон хизмат мекунам, ки!

– Сар, ки кардӣ!

«Не, бо ин гапа пазонда намешудагӣ барин, бо ин одами сода», – фикр кард Рибак. Ин одам ҳамчунон дар назди марг дар ҷои аввал гарданшахии худ, ким-чӣ хел меъёрҳои худро мегузорад, умуман ҳамаи гап дар хулқу атвор аст, ҳамин хел фикр мекард Рибак. Вале, охир, ба кӣ маълум нест, дар ин бозие ки ҳаёт ном дорад, бештар аз ҳама касе мебарад, ки бисёртар маккорӣ кунад. Дигар чӣ тавр ҳам мешавад? Дар ҳақиқат, фашизм мошинаест, ки ними ҷаҳонро дар зери чархҳои худ маҷақ кардааст, оё дар назди он истода дастони холиро ба ҳар тараф алвонҷ дода мешавад? Эҳтимол, боақлонатараш он аст, ки ба он аз паҳлу наздик шавӣ ва ба мобайни чархҳои вай ягон найзаи дарозро халонӣ. Бигзор, вай фишор хӯрда, дар ҷояш чарх занад, то имконият пайдо шавад, ки оҳиста ба назди худиҳо гурезӣ.

Сотников хомӯш монд ва ё, эҳтимол, беҳуш шуд ва Рибак ҳам гуфтугузори худро ба вай қатъ кард. Бигзор, вай чӣ тавр хоҳад, ҳамон тавр рафтор кунад, ӯ, Рибак, бо ақли худ кор мекунад.

Ӯ ба паҳлу хобид, пояшро кашида, ба худ ҷафс кард, гиребони нимпӯстинро болотар бардошт. Ҳоло ки фурсат мебардорад, барои равшан шудани фикр камтар ғанаб кардан бад набуд, чунки ба зудӣ, эҳтимол, имкони хоб намешавад. Бо вуҷуди ин, вай ба ситораи бахти худ бовар дошт ва оҳиста-оҳиста ба ҳамин қарор меомад, ки муносибати вай бо полисҳо равиши дуруст пайдо кард, онро нигоҳ доштан зарур аст. Фақат агар Сотников бо гарданшахии бемаънии худ ҳамаи нақшаҳои вайро барбод надиҳад. Вале, аз афташ, Сотников дер кашида наметавонад. Дар бораи марги ҳар чӣ зудтари рафиқи худ фикр кардан ҳам ҳайратангез ва ҳам нафратангез буд. Вале дигар тарз намешуд. Вай ягона роҳи халосии худро аз ин дом дар марги ӯ медид.

Рибак ба фикр рафта, чӣ тавр боз аз нав болои мӯзааш оҳиста харошида гузаштани чизи зиндаро ба зудӣ ҳис накард. Вай пояшро тела дода, баногоҳ калламушро бараллo дид – он лӯндачаи хокистарранг ба тарафи девор тохт ва дар он ҷо ором гирифт; думи дарози борикаш боэҳтиёт ба рӯи пахол дароз шуд. Рибак як ларзида, ба он ҷо бо пошнааш зад – калламуш чийғоси борик кашида, чобукона худро ба кунҷак гирифта, пинҳон шуд. Рибак аз хишир-хишири оромонаи аз таги пахол мерасида фаҳмид, ки вай дар он ҷо танҳо нест. Эҳтимол, ба он ҷо ягон чизро ҳаво додан даркор буд, вале дар зери даст ҳеҷ чизи мувофиқ набуд ва Рибак аз сар телпакашро гирифта, ба кунҷак ҳаво дод.

Вақте ки дар он ҷо хомӯшӣ барқарор шуд, вай барои телпакашро гирифтан гавак кашида рафт ва боз тахтапушташро ба девор такя дода, нишаст. Ҳамин бошад ҳам вай дигар хобида наметавонист, нишаста ба кунҷаки калламушдор бо ҳароси номуайяни кароҳатнок менигарист.

## 14

Петрро на ба зудӣ, ҳангоми ғубури офтоб, вақте ки дар таҳхона торикӣ ғафстар мешуд ва равзан аз дурахши беҳоли рӯзи сармо базӯр равшанӣ мекард, овwarданд. Дар назди дар ҳам, дар аснои кушода шуданаш он равшании пешина набуд – амин сари сафедашро хам карда, аз остона қадам монд ва ба кунҷак ба ҷои аввалаи худ гузашт.

Полис барои дарро пўшидан шитоб намекард ва Рибак дар таги девор дардомез ғунча шуда, мекўшид, ки илоҷе карда дар торикии ин таххонаи бадбўй нопадид шавад. Ҳарчанд ў мефаҳмид, ки ин аз полис ҳеҷ вобастагӣ надорад, вале ин дафъа боз ўро ҷеғ заданашон ба ў даҳшатовар буд. Вале ҳеҷ касро ҷеғ назаданд, ниҳоят дар маҳкам шуд, ғалақаи он шараққос кард. Полис ин дафъа ким-кадом каси дигар – Стас набуд, ба тарафи зинапоя раҳсипор нашуд: вай дар долон ба сўи дигар қадам монда рафт. Ба зудӣ дар даруntари таххона ғалақаи дигар садо баровард, садои гирифтаи фарёд ва гиряи кўтоҳи зан паҳн шуд.

Ин дафъа занро мебурданд.

Ҳамин ки дар таххона ҳама хомўш шуд, Рибак худро кам-кам ба даст мегирифт. Чӣ илоҷ, бадбахтӣ ҳоло ба ў нарасида гузашт ва ба дигаре даррасид ва ин чунонки доимо дар ҷанг аст, ба ҳамааш нигоҳ накарда, ба ў оромӣ мебахшид. Гўё ин ба ў имкони иловагии зинда монданро медод.

Рибак бо амин заррае ҳам хоҳиши гуфтугў карданро надошт, аминро ҳам, аз афташ он қадар ба ҳар ҳол Сотников барин, азоб надода буданд. Вале ин ҳолати ў, ки вай як калима ҳам гап назада, дар кунҷаки торики худ бегонавор хомўш монд, Рибакро ба ташвиш андохт.

– Чӣ тавр? Гузашт? – қасдан хушҳолона пурсид Рибак.

Петр пас аз таваққуфи начандон дароз бо овози ношод ҷавоб дод:

– Не, акнун ба хушӣ намегузарад. Корамон бад аст.

– Аз ин бадтар намешавад, – розӣ шуд Рибак.

Амин бинӣ афшонд, аз рўи одат мўйлабашро сила кард ва ба ҳеҷ кас муроҷиат накарда, гўё дар рафти гап хабар дод:

– Ташвиқ мекарданд, ки аз шумо сир гирам. Дар бораи даста ва боз баъзе чизҳо.

– Ҳоло ҳамин тавр! – гуфтугўи ба наздикӣ бо Сотников кардаи худро ба ёд оварда, нохушона ба ҳайрат омад Рибак.

– Яъне, ҷосусӣ кардан?

– Ба ҳамин монанд. Шастуҳафт сол зиндагӣ кардаму акнун дар дами пирӣ ба ин хел кор... Не–е, ин кор аз дасти ман намеояд.

Дар шафат, дар рўи пахол Сотников ким-чӣ хел аз тарс ларзида, ба оринҷҳояш нимхез шуд.

– Кист ин?

– Ҳо, ҳамон, амини Лесини, – бо рўҳафтодагӣ гуфт Рибак.

Бо ҳамин гуфтугў қатъ шуд, Рибак ва Петр ҳар кадоме дар кунҷҳои худ хомўш монданд. Нурҳои равзан ҳам хомўш шуда, он дар зери сақф, ки бо панҷара ба чаҳор чоркунҷаи баробар тақсим шуда буд, базўр метофт. Дар таххона торикӣ ҳукмфармо шуд. Ҳеҷ кас гап задан намехост, ҳар кас ба хаёлҳои ношоди худ фурў рафта буд.

Ва дар ин асно аз зинапояҳо боз шарфаи поҳо расиданд, дари берун кушода шуда, банохост баланд шараққос задани ғалақаи таххонаи онҳо ба гўш расид. Онҳо ҳама гўшу ҳуш шуданд, чунонки дар ин гуна ҳолатҳо рўй медиҳад, ҳама аз як савол дар ташвиш буданд: барои кӣ омада бошанд? Бо вуҷуди ин ҳоло, аз афташ, ҳеҷ касро намебурданд – бараъкс касеро ба ин таххона оварданд:

– Канӣ, марш!

Касе ки дар торикӣ наменамуд, қариб бесадо аз дар гузашта, дар остона, дар пеши пои Рибак қарор гирифт. Ҳангоме ки дар тараққосзанон пўшида шуд ва полис хуштаккашон ғалақаи дарро андохт, Рибак ба торикӣ муроҷиат кард:

– Кист он ҷо?

– Ман.

Садои кўдак, ин ҳамоно маълум шуд, – пайкари хурдакаки маҳбуси нав дар назди дар ҷо гирифта, хомўш буд.

– Кӣ ту? Номат чӣ?

– Бася.

«Бася? Кадом Бася? Гӯё ягон яҳудист, вале ин духтарак аз куҷо пайдо шуд?» – ба ҳайрат омад Рибак. – «Ҳамаи яҳудиҳои ин шаҳрчаро ҳанӯз тирамоҳ несту нобуд карда буданд, гӯё дар ҳеҷ ҷо касеро боқӣ нагузоштаанд – ин духтарак чӣ тавр ба ин ҷо омадааст?! Ва чаро ӯро ба таҳхонаи онҳо оварданд, на ба назди зани Демян?».

– Ту аз куҷо? – пурсид Рибак.

Духтарак хомӯш буд. Он гоҳ вай чизи дигарро пурсид:

– Чандсола ҳастӣ?

– Сездаҳсола.

Дар кунҷак, оҳи вазнин кашида, Петр ба ҷунбиш омад.

– Ин духтарчаи Меери кӯҳнадӯз аст. Туро истинтоқ карданд?

– Ҳа, – оҳиста тасдиқ кард духтарча.

– Он вақт Меерро ҳамроҳи ҳама несту нобуд карданд. Ҳамин... як духтарчааш саломат мондааст. Мо акнун бо ту чӣ кор мекунем, Бася... Ва Петр боз оҳи вазнин кашид.

Рибак баногоҳ рағбати худро ба духтарча гум кард, ӯро чизи дигар ба ташвиш андохт: чаро духтарчаро ба ин ҷо оварданд? Дар таҳхона эҳтимол, боз ҷой буд – дар қарибиҳо занҳо менишастанд, – барои чӣ духтарчаро ба назди мардҳо шинонданд? Ин чӣ маъно дорад?

– Онҳо аз ту чӣ талаб мекарданд? – пас аз хомӯшӣ оҳиста аз Бася пурсид Петр.

– Гӯям, ки боз дар хонаи кӣ пинҳон шудаам?

– Ҳо – о, ҳамин тавр! Хайр, чӣ илоҷ... Ҳамин тавр. Ту нагуфтӣ, охир?

Бася пинҳон гашта ва гӯё шах шуда бошад, хомӯш буд.

– Ва нагӯй ҳам, – таваққуф карда, маъқул донист Петр. – Дар ин бора гуфтан мумкин нест. Кори ман, албатта, тамом, ту бошӣ, дар бораи дигарҳо хомӯш бош! Агар зананд ҳам. Ё туро аллакай заданд?

Ба ҷои ҷавоб аз кунҷак баногоҳ фиқ-фиқ ва пас аз он гиряи гирифта ва дардомез ба гӯш расид. Вай кӯтоҳакак буд, вале бо ин гиря он қадар ноумедии ҳақиқии кӯдакона фурӯ рехт, ки авзои ҳамаи бошандагони таҳхона беҷо шуд. Дар болои пахол оҳиста нафасашро нигоҳ доштани Сотников шунида мешуд.

– Рибак.

– Ман дар ин ҷо.

– Дар он ҷо об буд.

– Чӣ, нӯшидан мехоҳӣ?

– Ба духтарча об деҳ! Чаро мешинӣ, охир?

Рибак дар таги девор қумқумаро палмосида ёфта, ба сӯи духтарча дароз кард.

– Гиря накун! Ма, бигир, бинӯш!

Бася қадре нӯшид ва мутеона дар назди остона хомӯш монд.

– Ин ҷо биё, – ҷеғ зад Петр. – Дар ин ҷо ҷой ҳаст, мешинем. Таг–таги девор биё.

Бася фармонбардорона хест ва дар торикӣ бо пойҳои бараҳнааш ношунаво қадам монда, ба сӯи мӯйсафед равона шуд. Вай ба ӯ ҷой холӣ карда, худро канортар кашид.

– Ҳа – а! Ба даст афтодем! Онҳо бо мо боз чӣ мекунанд.

Рибак хоҳиши гуфтугӯ надошт, хомӯш буд, дар шафат Сотников оҳиста-оҳиста нолиш мекард. Онҳо мунтазир буданд. Ҳамаи диққаташон ба зинапояҳо банд буд – бало аз он ҷо медаромад.

Ва дар ҳақиқат онро дер интизорӣ кашидан лозим нашуд.

Чоряк соат гузашта буд, ки аз рӯи ҳавлӣ овози ғазаболуде расид: «Роҳ гард, роҳ гард, манҷалақ! – ва ҷавоби аз он ҳам ғазаболудтар: «Илоҳо, туро ба дӯзах ҳамин хел давон баранд, нобакор!» – «Канӣ, тезтар, набошад, чунон мефурорам, ки!..» – ғуррос зад садои мардона. Дар зинапояҳо қадам мезаданд, ҳақорат медоданд – шубҳае набуд; зани Демянро аз истинтоқ меоварданд.

Барои чӣ, ӯро ҳам ба таҳхонаи пешина кашола карда набурданд – полисҳо дар назди дари онҳо истоданд, ғалақаро шарақ-шуруққунон кушоданд ва худи ҳамон Стаси ба онҳо нағз шинос

зани Демянро аз болои остона сахт тела дод. Зан пешпо хӯрд, ба болои пойҳои Рибак афтод ва дар торикӣ бо овози баланд дуои бад кард:

– Куҷо тела медиҳӣ, разил! Дар ин ҷо мардҳо – ку, вой, худоҷоне!

– Даро, даро! Бало намезанад туро! – дӯғ зад Стас. – То пагоҳӣ меистӣ!

– Пагоҳӣ чӣ мешавад? – баногоҳ пурсид Рибак, ки ӯ дар суханони полис ким-чӣ хел ишораро ҳис карда буд.

Стас, ки аллакай дарро мепӯшид, онро аз нав кушода, ба даруни таҳхона бо ғуррос гуфт:

– Пагоҳӣ гросс аллес капут! Фарштэй?

«Капут? Чӣ тавр капут?» – бо изтироб аз шуури барошуфтаи Рибак гузашта рафт. Вале маънои ин калимаи кӯтоҳ барои дуру дароз шубҳа кардан ниҳоят аниқ буд. Ва ин аниқии сухани ӯ тир барин ба сараш зад.

– Яъне, пагоҳ тамом!

Рибак қариб худашро ҳис накарда, бешуурона пойҳояшро ғундошта, ба зан, ки то ҳол фиқ-фиқ гириста, бинӣ афшонд, сипас ба оҳ кашидан сар карда, ором мешуд, дар назди остона ҷой дод. Лаҳзае онҳо ҳама хомӯш монданд, пас аз он Петр дар кунҷаки худ андешамандона гуфт:

– Ба даст, ки афтодем, чӣ илоҷ. Тоқат кардан даркор. Ҳамшира, ту аз куҷо мешавӣ?

– Ман? Аз Поддубя, агар донед.

– Чаро надонам, медонам. Зани кӣ мешавӣ?

– Зани Демян Окун.

Рибак дар зери девор кӯшиш мекард, ки бо ягон илоҷ аз ҳисси пешакии нохушиҳо халос шавад ва ба зани Демян гӯш дод. Вай бо гуфтугӯ худро ошкор намудан намехост, ба замми он ки зани Демян, эҳтимол, ӯро дар торикӣ нашинохта бошад. Онҳо бо хулқу атвори ҷанҷолии ин зан шинос буданд ва Рибак фикр мекард, ки ин зан ҳоло дар ин ҳолат афтода, бо онҳо бе ҳеҷ гуфтугӯ ҷанҷол сар карда метавонад ва барои ин сабаб ҳам дошт. Аммо вай кам-кам ором гирифт, боз як бори дигар бинӣ афшонд. Овози вай ба оҳистагӣ ҳамвор, муқаррарӣ мешуд, ҳамон тавр мешуд, ки вай бо онҳо дар деҳа гуфтугӯ карда буд.

– Ҳа – а, – оҳи баташвиш кашид Петр. – Демян дар аскарӣ...

– Ҳа. Демян дар ким-куҷо ҷафо мекашад. Ба ман, дар ин ҷо ҷафо мекунанд. Ана гирифтанд! Бачаякҳоро ба кӣ партофтанд? Онҳо дар он ҷо бе ман чӣ тавр бошанд? Вой, бачаякони азизи ман...

Ӯ ки ҳозир хомӯш шуда буд, боз гиря сар дод ва ин дафъа ӯро ҳеҷ кас ором намекард, дилбардорӣ намедод – ҳозир ғами ин кор набуд. Дар таҳхона суханони пурдаҳшати Стас ҳоло ҳам садо медоданд, он суханҳо ҳамаро пахш мекарданд, ба изтироб меандохтанд, ба азият кашидан маҷбур мекарданд, магар ба ғайр аз амин, ки зоҳиран чун пештара ором ва андешаманд буд. Дар зимни ин зани Демян гӯё ки тамоми ғуссаашро гириста бошад, баногоҳ оҳ кашид ва акнун оромтар гуфт:

– Чӣ хел одамон – а! Ваҳшӣ барин! Бинед – а, ин Павка чӣ тавр шайтон шудааст!

– Патрнов магар? – гапро давом дод Пётр.

– Ҳа. Ман ӯро аз муҷаррадию хушдориаш ёд дорам – он вақт Павка мегуфтанд. Баъд хонда муаллим шуд. Модараш дар деҳа зиндагӣ мекард, ҳар тобистон барои ширу себхӯрӣ меомад. Дида сер мешудам. Ҳамин хел меҳрубон буд, ҳама вақт «салом, салом» аз даҳанаш канда набуд, бо мардҳо даст дода, вохӯрдӣ мекард.

– Медонам Партновро, чӣ тавр надонам, – гуфт Пётр.

– Баъзан деҳ ба деҳ гашта бар зидди Худо ташвиқот мебурд. Чунон равон...

– Мурдор буд ӯ. Мурдор монд. Фақат ҳама намедонанд. Маданӣ!

– Ин полисча ҳам аз ҷойҳои шумо барин?

– Стас? Аз они худамон. Писари Филиппёнок. Кордкашӣ карда дар ҳабс менишаст, ҳамин ки ҷанг сар шуд, дар рӯзҳои аввал омад. Чӣ корҳое ки мекард–даҳшат. Дар шаҳрча ба яҳудиҳо

чӣ ҷафоҳое ки мекард. Мекушт, мегӯянд. Он қадар чизу чора кашонд – худоё! Тамоми хонаашро пур кард. Акнун дасташ ба мои бечора ҳам расид.

– Ин, албатта, ҳамин тавр аст, – розӣ шуд Пётр. – Аз яҳудиҳо, ки сар карданд, бо мо тамом мекунанд.

– Қадашон лоиқи дор шавад, ин разилҳоро.

– Ман ҳамеша фикр мекунам, ки – нооромона ба ҷунбиш омад амин, – немисҳоро бигзор. Маълум, фашистҳо, одамони бегона, аз онҳо чиро чашм доштан мумкин. Ба одамони мо, ки ҳамроҳи онҳоянд, чӣ шудааст? Онҳоро чӣ хел фаҳмидан даркор аст? Мезист, мехӯрд, ба чашми мардум менигарист, акнун милтиқдор шуду аллакай парондан мехоҳад. Ва мепаронанд! Чӣ қадарҳоро паронданд, аллакай...

– Ӯ барин, номаш чӣ буд... Будилаи шумо! – худдорӣ карда натавониста, ба ёд расонд Рибак.

– Бисёр. Будила ва боз дигарҳояш кам аст магар? Ҳаминҷоиҳо ва боз ким-куҷоиҳои дигар. Шавқмандони роҳзанӣ. Чӣ илоҷ, акнун майдонашон васеъ аст, – бо овози гирифтаи ғафс бо оромӣ мулоҳиза меронд амини Лесини.

Чизе ба ёди зани Демян расид, ки ӯ саросема миёни суханро бурид.

– Гуфтагӣ барин, мегӯянд, Ходороноки онҳо, ки шаб маҷрӯҳ карда буданд, мурдааст. Илоҳӣ, ҳамаашон ҳаром муранд, ин нохалафҳо.

– Ҳамаашон намемуранд, – оҳ кашид Пётр. – Магар, ки одамони мо зада кушанд.

Дар рӯи пахол ҷунбида, сахт-сахт нафас гирифта, боз кӯшиши хестан кард Сотников.

– Шумо кай боз ин тавр фикр мекунед? – хиррос зад ӯ.

– Чӣ ҷои фикр аст, писарам? Ба ҳама равшан.

– Равшан мегӯед? Пас чаро шумо ба аминӣ розӣ шудед?

Хомӯшии ногуворе ба миён омад, ҳама ба ин саволи таҳдор диққат дода, лаб фурӯ бастанд. Ниҳоят Пётр ба кадом як ҳисси худаш ғолиб омада, баногоҳ бо овози ларзон гуфт:

– Ман розӣ шудам! Агар медонистед... Ин ҷо мавқеи гуфтанаш не. Ҳарчанд акнун... Ҳар қадаре метавонистам, саркашӣ кардам. Ба ноҳия нарафтам. Ман аблаҳ не-ку, намефаҳмам магар? Ҳамин тавр як шаб тирезаам тиқ-тиқ шуд. Кушодам, бинам, ки котиби собиқи мо аз ноҳия, сардори милитсия ва боз ду кас, яроқнок. Котиб маро мешинохт – боре ӯро пас аз маҷлис ба колхозкунонӣ бурда будам. Пас калима ба калима чунин гуфт: «Шунидем, ки туро амин кардан мехоҳанд, розӣ шав. Набошад, Будиларо таъйин мекунанд – тамоман бад мешавад». Ҳамин тавр розӣ шудам. Ба сари худам...

– Ҳа-а, – номуайян гуфт Рибак.

– Ним сол дар байни ду оташ печутоб мехӯрам. То даме ки ба даст афтодам. Акнун, чӣ ҳам мекунам? Мурдан рост меояд.

– Мурдан – кори осон, – ғурунгос Рибак, гуфтугӯи барои ӯ нохушро ба анҷом расонида.

Он маълумоте, ки амин дар бораи худ дод, барои Рибак ногаҳонӣ набуд – вай пас аз пурсиш дар назди Партнов аз баъзе чизҳо пай мебурд. Вале акнун вай тамоман ба ташвишҳои худ фурӯ рафта, аз ҳама бисёртар аз он метарсид, ки баногоҳ баъзе аз мақсадҳои дар ин ҷо гуфтаи ӯ ба гӯши полисҳо расад ва охирин риштаи умеди ӯро канад.

Аммо Сотников чашмонашро кушода дар болои пахол хомӯш мехобид. Ӯ ба ҳуш омада буд, аммо худро бад ҳис мекард, пояш аз каф то рон ниҳоят сахт ба дард меомад, панҷаҳои дасташ сӯзиш мекарданд, тамоми қафаси синааш месӯхт. Ӯ мефаҳмид, ки амин ҳақиқати ҳолро мегуфт, вале аз ин ҳақиқат сабукие пайдо намешуд. Бори ҳисси ким-чӣ хел як хатои ногуворе, ки дар ҳаққи Пётр содир шуда буд, баногоҳ ба Сотников фуруд омад. Вале дар ин кор кӣ айбдор аст? Боз ҳодисаи бо зани Демян рӯйдода барин мешуд, ки ӯ дар наздашон чун маломати зиндаи бепарвоии авфнопазири онҳо ҳозир буд.

Ҳоло ба суханҳои зан бо ҳарос гӯш дода, Сотников мунтазир буд, ки ӯ онҳоро бо қабеҳтарин суханҳо ҳақорат хоҳад кард. Вай он вақт ба муқобили зан чӣ гуфтанашро намедонист. Вале вақт мегузашту зан тамоми аламӣ худро аз полисҳо ва немисҳо мегирифт –

онҳоро бошад, бо Рибак ҳатто ба ёд наовард, гӯё онҳо ба бадбахтии ӯ ҳеҷ алоқа надошта бошанд.

Зан ба хабари даҳшатноки Стас ҳам аҳамият надод – эҳтимол, мазмуни онро нафаҳмид ва ё шояд диққат накард.

Ҳамин тавр бошад ҳам, ба ин хабар бовар кардан ҳатто ба Сотников, ки ба ҳама тайёр буд, даҳшатангез мерасид. Вай аниқ фаҳмида наметавонист: ё полис метарсонид, ё дар ҳақиқат онҳо фикр доштанд, ки ба як бор кори ҳамаашонро тамом кунанд. Наход ба онҳо ду марг–марги ӯ бо Рибак кифоя нест, ки зани сиёҳбахти Демян, амини бетолеъ ва духтарчаро аз ҳаёт маҳрум мекунанд ва ин чӣ маънӣ дошт. Ақл бовар намекунад, вале аз афташ, ҳамин тавр мешавад, фикр мекард Сотников. Каждум бояд захр занад, вагарна вай чӣ каждум аст.

Маълум, ки онҳоро барои ҳамин ба як таххона ҷо карданд. Ба таххонаи ба қатл маҳкумшудагон.

**15**

Рибакро, ҳамон тавре ки пушташро кӯз карда, дар зери девор нишаста буд, номаълум хоб бурдааст. Ҳамин тавр бошад ҳам, хоб будани вай гумон – ин худфаромӯшии тахминан яксоатае буд, ки пас аз хастагӣ фаро расид. Аммо ба зудӣ ӯро изтиробе бедор кард ва Рибак чашмонашро кушода, аввал дар кунҷ буданашро нафаҳмид. Дар шафат аз торикӣ садои пасти гуфтугӯ, овози шиноси бачагона ба гӯш мерасид, ки ҳамин лаҳза Басяро ба ёдаш расонд. Баъзан ин садоро пичирроси гирифтаи пирона мебурид – дар он дам Пётр гапи худро мегуфт. Рибак ба суҳбати паст-пасти шабонаи онҳо гӯш дод, ки хишир-хишири боми хаспӯшро ҳангоми шамол ба ёд меовард.

– Аввал, ҳамин ки онҳоро бурданд, аз қафояшон давидан хостам. Аз паси панҷара давида баромадам, вале холаи Прасковия даст меафшонд: «Ҳаргиз нарав, мегӯяд, пинҳон шав». Аз паси ҳаёта қафо гурехтам, ба даруни буттаи бед даромадам. Эҳтимол, донед, ҳамин хел буттаи калон ҳаст, дар поини пайкол, дар лаби дарёча? Ғуллии сершох. Ду қадам онтарафтар пайроҳае ба ҷои панохие мебарояд.

– Ҳамин хел хомӯш мешинӣ, намеҷунбӣ, тамоман наменамоӣ. Ман ба он ҷо даромадам, дар рӯи баргҳои хушк ҷой гирифта, мунтазир шудам. Фикр мекардам, ҳамин ки модарҷонам баргардад – ҷеғ мезанад, ман мешунаваму давида мебароям. Интизор шудам–интизор шудам, ки касе ҷеғ намезад. Акнун торик, воҳиманок шуда буд. якзайл ҳамин тавр менамуд, ки касе меҷунбад, мепояд, баъзан меистаду гӯш медиҳад. Фикр кардам, ки гург аст! Аз гургҳо ниҳоят сахт метарсам. Як лаҳза ҳам хобам набурд. Ҳамин ки ҳаво равшан шуд, каме хобам бурдааст. Бедор шудам, ки бисёр гурусна мондаам. Метарсам, ки аз даруни бутта бароям. Аз кӯча шавқун омад, ким-чӣ хел аробаҳо пайдо шуданд, аз хонаҳои шаҳрча ҳама чизро бароварда ба аробаҳо бор карда, ба ким-куҷо мебурданд. Ман ҳамон тавр менишастаму менишастам. Боз як рӯз, боз як шаб. Ва боз дар ёд надорам, ки чӣ қадар. Ҳамин ки занҳо ҷомашӯиҳои худро барои чайқонидан меомаданд, ман аз байни баргҳо пойҳояшонро медидам. Ҳама аз паҳлу гузашта мерафтанд. Менишастаму паст-паст гиря мекардам. Як бор касе дар назди бутта истод. Ман тамоман пинҳон шуда, хобида, нафас намекашидам. Ва он вақт шунидам, ки касе паст «Бася, ҳо Бася!» – мегӯяд. Нигоҳ кунам, холаи Прасковия хам шудааст...

– Ту кӣ буданашро нагӯй. Ҳамаашро донистани мо шарт не, – оромона сухани духтарчаро бурид Пётр.

– Хайр, як зан ба ман тугунчаро дод, дар он нон ва камакак дунба. Ман онро гирифтан ҳамон ҳамаашро якбора хӯрдаам. Фақат гирди нон мондааст. Баъд шикамамро чунон дард гирифт... ҳамин қадар дард мекард, ки мурдан мехостам. Аз модарам, аз худо илтиҷо мекардам – марг илтиҷо мекардам.

Рибак дар таги девор ларзида рафт – ин ба гӯши ӯ чунон шинос садо дод, ки гӯё дар назди ӯ ягон пиразан рози дил мекарда бошад, на духтарчаи сездаҳсола. Ин ҳикояи духтарак ҳамон лаҳза ба ёди ӯ пиразани навадсоларо расонд, ки аз ким-кадом як деҳачаи он тарафи роҳи оҳан буд. Онҳо он вақт аз ҷангал барои дар бораи немисҳо маълумот гирифтан, ягон соат дар ҷои

гарм истироҳат кардан ва, албатта, барои ягон чӣ хӯрдан баромада буданд. Дар кулбае ки дар канор меистод, ба ғайр аз як пиразани кари аз ёди Худою бандагонаш рафта, ки дар болои печ пойҳои бараҳнаашро ба рӯи тахтакат овезон карда менишаст, каси дигар набуд. Дар асное ки онҳо тамоку мекашиданд, пиразан хастаҳолона аз Худою Парвардигор шикоят мекард, ки амонати додаашро намегирад ва ҳаёти пиронаи пуразоб ва ба ҳеҷ кас нодаркори ӯро ин қадар кашол медиҳад. Вай яккаю танҳо ва бе хешу табор буда, ҳанӯз пас аз ҷанги пешина дар назди шиносҳои дур, одамони бегона, ки ба бачаву ҳавлипой эҳтиёҷ доштанд, зиндагӣ мекард. Соҳибони ҳавлӣ, аз афташ умедвор буданд, ки пиразан ягон панҷ соли дигар мепояд, дар ин муддат бачаҳо калон мешаванд, пас дидӣ, ки вақташ расидаасту ба қабристон бурдан даркор. Вале ин мӯҳлат на пас аз панҷ, на пас аз понздаҳ сол нарасид, пиразан дар хонаи бегонагон дер истода монд. Дар ин муддат бачаҳо калон шуданд, соҳиби хона дар ҷанги финҳо кушта шуд, соҳибхоназан рӯзгорашро базӯр нӯг ба нӯг мерасонд – ба ӯ ин пиразани бегонаи бемаҷол чӣ даркор буд? Вале аҷали ӯ ҳеҷ намерасид... Рибак он вақт, ҳангоми хайрухуш ба ин пиразан ҳазломез дар ин дунё ҳар чӣ зудтар тамом кардани мавҷудияташро хоста буд ва пиразан ба ӯ аз самими дил ташаккур карда, якзайл дуои марги худро мехонд. Ҳоло боз ҳамон хел ҳолат. Вале ин, охир, кӯдак мебошад.

Дар олам чӣ корҳое шуда истодааст!

– Баъд ҳолам бехтар шуд. Боре пагоҳӣ сахт тарсидам. Ғанабам бурдан замон ҳамин тавр намуд, ки ким-чӣ хел ҳайвон лаб-лаби соҳил сӯи бутта меояд. Пишак будааст. Як пишаки хокистарранги калон, аз шахрча, эҳтимол, танҳо мондаасту ба худаш хӯрок меҷӯяд. Моҳӣ медорад. Медонед, дар соҳил хомӯшу ором ба об нигоҳ карда меистад, баъд якбора меҷаҳад! Мебарояд, ки тамоман шип-шилта, дар даҳанаш моҳича. Агар ман ҳам ҳамин хел ёд мегирифтам, гӯён фикр мекардам. Хостам моҳиро кашида гирам, дер кардам: пишак гурехт ва дар таги дигар бутта ҳамаашро хӯрд, ҳатто думчааш ҳам намонд. Вале баъд ману вай дӯст шудем. Баъзан рӯзона омада, ба бутта медарояд, дар паҳлуям хобида, хур–хур мекунад. Ман ӯро сила мекунаму каме мехобам. Вай чунон ҳушёр, ҳамин ки дар наздикӣ ягон кас пайдо шавад, ҳамон замон мӯи баданашро сих мекунад ва ман мефаҳмам, ки: ҳушёр шудан даркор. Вақте ки гушнагӣ ниҳоят азоб дод, шабона ба пайколи наздик даромадам. Бодиринги барои тухмӣ ва сабзии Залмони каҷ монда будааст. Аммо пишак сабзӣ намехӯрад-ку. Ба вай чунон раҳмам меомад...

– Муш дорад буд, – ҷавоб дод аз торикӣ зани Демян. – Дар деҳаи мо, дар Поддубний як кас пишак дошт, ҳамин қадар харгӯшҳоро ба хонааш мекашонд, ки. Ба ҳурмати Худо, дурӯғ намегӯям. Боре як харгӯши калони барзангиро кашола карда овардааст, лекин ба зершервонӣ бароварда натавонистааст, аз афташ, зӯраш нарасидааст. Саҳарӣ Змитер баромада нигоҳ кунад: дар кунҷак харгӯш хобидааст.

– Ин тавр бошад эҳтимол, бача доштааст, – пай бурд Пётр.

– Ҳа, пишакчаҳо дошт.

– Ин фаҳмост, охир. Барои бачаҳояш кӯшиш мекардааст. Модар барин... Хайр, баъд ту чӣ кор кардӣ?

– Ҳамин хел мешиштам, – оҳистакак дилпурона пичиррос мезад Бася. – Зан... Ҳа ҳамон, кадоме ки ... боз чанд бори дигар нон медод. Баъд бисёр хунук шуд, борон борид, барг ба рехтан сар кард. Боре маро саҳарӣ касе дид, ким-кадом мард. Ҳеҷ чиз нагуфт, гузашта рафт. Ман ҳамин қадар тарсидам, қариб то шаб ларзидам. Бегоҳӣ, ки борон борид, баромадам, дар канору кунҷакҳо гаштам–гаштаму қарибиҳои саҳар ба ғаллахонаи касе даромадам. Дар он ҷо се рӯз нишастам. Он ҷо хуб, хушк буд, лекин кофтуков сар шуд. Ким-чӣ хел ҷавро мекофтанду қариб маро ёфта буданд. Ҳамин тавр ман ба оғил гузаштам – дар он ҷо хукҳо буданд. Ман ҳам дар назди онҳо. Шаб дар байни хукҳо медаромадаму хоб мерафтам. Модахук ором буд, лекин нараш, бало занад, онро мегазид.

– О, Худоё! Ин қадар азоб кашидӣ, бечора! – оҳ кашид зани Демян.

– Не. Он ҷо гарм буд.

– Хӯрок чӣ? Ё касе меовард?

– Ман худро ба ҳеҷ кас нишон намедодаму... Хӯрок... Аз охур баъзан чизҳоро ёфта мехӯрдам...

– Вое, одамро то чӣ дараҷа расонидаанд, Худоё!.. Хӯҷаинҳо, чӣ, магар пай набурданд?

– Пай бурданд, албатта. Боре хобам бурда мондааст, – аллакай барф борида буд. Давида баромадам, ки аз кӯча тохта гузарам – дар он ҷо ҳавлии холӣ буд, ман пинҳон мешудам. Аз кӯча давида гузаштаму ба қафо нигоҳ кардам, як мардак дар даҳани дар истода, нигоҳ мекунад. Ман дар паси заранг руст шудам. Дар он ҷо заранги ғафс ҳаст.

– Эҳтимол, муқобили дорухона будагӣ? – пай бурд зани Демян, – дар он ҷо ку Игнал Супрон зиндагӣ мекард...

– Туро чӣ? – номеҳрубонона бурид сухани занро Пётр.

– Касе зиндагӣ карда бошад, фарқаш-чӣ? Пурсидан чӣ даркор.

Зани Демян ранҷидагӣ барин шуд.

– Ман ҳамту. Агар гуфта бошам ҳам, чӣ?

– Ҳеҷ чӣ! Баъд чӣ шуд... Акнун пинҳон кардан ҳоҷат надорад – албатта... Як дари баста, сад дари кушода. Басяро ба назди ман, ба деҳа фиристоданд. Дуруст фикр карда буданд – ӯро дар хонаи амин намеҷӯянд. Аз паси ҳамон гӯсфандчаи сабилмонда ҳардуямон ба даст афтодем: маро аз болои бухорӣ кашида оварданду Басяро аз таги фарш кашола карда баровараданд...

Рибак аз ин ҳеҷ ба ҳайрат наомада, фақат фикр кард, маълум мешавад, ки бад пинҳон кардаӣ. Нағз пинҳон мекардӣ – намеёфтанд. Умуман гирем, дар ин ҷо дар бораи ҳамаи ин нақл кардан чӣ ҳоҷат? Ҳар чӣ бошад, бало ба пасашон! Ӯро ба ҳамаи онҳо чӣ кор? Ба замми ин, эҳтимол ба ҳамаи онҳо аллакай ягон чиро пинҳон кардан, аз ягон чӣ эҳтиёт будан дер шудааст. Стас, агар рост гуфта бошад, фардо ҳамаи онҳоро марг мунтазир аст.

Дар таҳхона хомӯшии гарону тазъиқовар барқарор шуд, ки онро пас аз фурсате Бася халалдор кард.

– Зери фарш барои ман нағз буд: холаи Арина ба тагам кӯрпаи пахолдор паҳн карда буд. Ман чӣ тавр даромадани он мардҳоро шунидам. Мардҳо рафтанду маро хоб бурдан ҳамон шунидам, ки ҳақорат мекунанд. Полисҳо... Вой–вой!

Фарёди тарсомези Бася Петррро барои аз ҷояш ҷастан маҷбур кард ва Рибак фаҳмид: калламушҳо. Он қадар густох ё гушна шудаанд, ки аз одамон наметарсанд. Мӯйсафед бо мӯзааш, якчанд бор дар кунҷак тап–тап зад. Бася ҷаста хеста, дар миёнаи таҳхона бо худ чоркунҷаи равшанидарои равзанро панаҳ карда меистод. Тамоми авзояш аз тарс дарақ–дарақ меларзид.

– Онҳо мегазанд, охир. Онҳо почаамро хоиданд. Ман аз онҳо бисёр метарсам. Амакҷон!..

– Ҳеҷ гап не, натарс. Калламушҳо чӣ? Онҳо хавфнок не. Хайр, агар газанд, чӣ? Ҳеҷ қисса не! Биё, ана, дар кунҷаки ман, биншин. Ман ҳамин ҷо... Мон ин балоҳоро!..

Вай боз бо пояш тап–тап зад, кунҷакро тит карду нишаст. Бася дар рӯи пахол дар ҷои вай ғунча шуда нишаст. Сотников гӯё хоб буд. Дар рӯ ба рӯ зани Демян гоҳ оҳ мекашиду гоҳ бинӣ меафшонд.

– Акнун чӣ... Акнун чӣ кор мекунӣ? – мепурсид дар торикӣ Петр ва худ ба худаш ҷавоб медод: – Акнун ҳеҷ кор карда ҳам намешавад. Тоқат кун. Камтар мондааст.

Вай ором шуд. Рибак пояшро озодонатар дароз кард, мехост ғанаб кунад, лекин дигар хобаш намеомад.

Дар пеши ӯ ҷарӣ буд.

Вай махсусан, ҳоло, шабона, дар лаҳзаи хомӯшӣ ҳамаашро аниқ фаҳмид ва фикр кард, ки акнун ҳеҷ чизро ислоҳ кардан имкон надорад. Вай доимо ва дар ҳама ҷо ягон роҳи халосӣ пайдо мекард, вале ҳоло илоҷ надошт. Акнун роҳи халосӣ набуд. Ӯро ҳамчунон дар он воқиаи ба ёд мондаи замони бачагияш, ки духтаракону аспро наҷот дода буд, оҳиста-оҳиста тарсу ҳарос фаро мегирифт. Лекин он вакт тарс дертар омада буд, дар лаҳзаи хавфнок Коля Рибак бештар бешуурона, бе фикру мулоҳиза амал мекард ва эҳтимол, ҳамин ҳамаашро ҳал карда

буд. Лекин ин кайҳо, ҳоло пеш аз вақтҳои колхозшавиҳо, дар айёми бачагии деҳотияш ба вуқӯъ омада буд – ҳоло онро ба ёд овардан чӣ зарурат дошт? Вале аз чӣ бошад, ки ба ёд расид, бар зидди хоҳиш, – эҳтимол, он воқеаи кӯҳна бо ҳолати ҳозираи ӯ ягон алоқаи то ҳол норавшан дошт.

Онҳо дар деҳа аз дигарон на баду на беҳтар зиндагӣ мекарданд, миёнҳол ҳисоб мешуданд. Падараш ҷавони серҳаракат ва камтар тундмиҷозе буд, аспи сиёҳмушкини хуб дошт, Коля ҳам бо он созиши бад надошт. Дар деҳа бачаҳо барвақт ба меҳнати деҳқонӣ сар мекунанд. Коля ҳам дувоздаҳро пур накарда, аллакай кам-кам ҳам дарав, ҳам кишт ва ҳам сихмола карда буд.

Он рӯз аз саҳро беда мекашониданд.

Ин кори тамоман бачагона хисоб меёфт. Роҳ шинос, аз тарафи онҳо то майдатарин тафсилоташ омӯхта шуда буд. Вай қариб чашмонашро пӯшида медонист, ки дар куҷо каме канортар гирад, дар куҷо ба изи ароба равад, ҷои охурчашудаи пуроб ва чуқури сойро чӣ тавр беҳтар гузарад. Ҷои аз ҳама хавфноктарин дар ин роҳ кӯҳи Купсов – нишебӣ, хамгашт ва ҷӯйчаи танге дар зери ҷарии чуқур ҳисоб меёфт. Дар он ҷо ниҳоят ҳушёр шудан даркор буд. Вале ҳамааш ба хубӣ мегузашт. Падар чорбандҳои охиринро аз поёни майдон чида гирифт ва аз афташ, ба ароба аз ҳад зиёд бор кард – арғамчин базӯр расид, ки бори аробаро бандад. Ба болои он боз хоҳараки ҳафтсолааш Маня ва духтарчаи ҳамсоя  Люба баромада савор шуданд.

Вай тамоми роҳ аз як тараф ба тарафи дигар алвонҷ хӯрда, оҳиста дар болои аробаи баланд, чун ҳарвақта бо боварӣ асп ронда мерафт. Кӯҳи Купсовро гузаштанд, роҳ ба сӯи сой рафт. Ва он вақт бо афзоли аспу ароба чӣ коре шуд, ки асп аробаро дошта натавонист ва тарафи чапи он баланд шуда, ба тарафи рост хам хӯрдан гирифт. Коля ба поён назар афканд ва аз ароба ғелида рафт.

Вай баъд аз ин чӣ ҳодиса рӯй доданашро равшан фаҳмида, бо як ғайрати бешуурона худро ба таги аробаи якпаҳлушуда зад ва ба таги паҳлуи он китфи бачагона ва ҳоло камқуввати худро гузошт. Вазнинӣ аз ҳад зиёд буд, дар ҳолати дигар вай эҳтимол, ҳаргиз тоқат оварда наметавонист, вале он вақт тоқат кард. Духтарчаҳо ҳам ба замин ғелиданд, ба болояш беда рехта, ӯро гӯр кард, вале асп, ҳар чӣ бошад ҳам, бо азоб аробаро уҳда кард ва пеши онро аз тарафи ҷарии сой, ки хатари ба он афтоданашон буд, ба дигар сӯ гардонд.

Баъд аз ин ӯро дар деҳа таъриф мекарданд, вай худаш аз рафтори худ розӣ буд – ҳар чӣ бошад, худро, аспро ва духтарчаҳоро аз фалокат наҷот дод – ва он вақт фикр мекард, ки вай дигар хел рафтор карда наметавонист. Ва боз Коля бовар кард, ки вай одами ҷасур аст. Аз ҳама муҳимаш, албатта, худро гум накардан ва натарсидан буд.

Ана акнун боз дар пеши ӯ худи ҳамон ҷарӣ.

Фақат дар ин ҷо худро гум накардан кам аст ва ҳеҷ хел ҷасурӣ ёрӣ дода наметавонад, дар ин ҷо кадом як чизи дигаре, ки ба ӯ аниқ намерасид, даркор буд. Дар ин ҷо дасту пои вай бастааст ва акнун ӯ ҳеҷ кор карда наметавонистагӣ барин.

Лекин наход он муфаттиш, вақте ки ба ӯ ким-чӣ ваъда мекард ва ҳатто гӯё розӣ мекунонд, дурӯғ гуфта бошад? Шояд Рибак беҳуда ҳамон вақт якбора розӣ нашуда будааст – фардо рафту дер шавад. Лекин, сабабаш фаҳмо. Муфаттиш дар ин ҷо, эҳтимол, сардори аз ҳама калонтар нест, сардори калонтар ҳаст, вай фармон дод, тамом. Аммо акнун барои ягон чизро ислоҳ кардан, дигар кардан, шояд аллакай дер шуда бошад.

Не, вай ба марг розӣ шуда наметавонист, ҳаргиз марги худро мутеона қабул намекунад – вай ҳама полисҳои онҳоро реза-реза карда мепартояд, бо дастонаш Партнов ва Стасро буғӣ карда мекушад. Фақат бигзор, ки ба ӯ даст расонанд...

**16**

Пас аз гуфтугӯи кӯтоҳе бо амин, ки бо вуҷуди ин ӯро тамоман беҳол кард, Сотниковро каме хоб бурд. Бедор шуда, ӯ худро баногоҳ аз арақ тар ҳис кард; табе, ки ҳамин қадар вақт боз ӯро месӯзонд, ба арақи хунук бадал шуда буд ва Сотников дар зери шинели худ аз хунукӣ ларзид. Сараш гӯё андаке сабук шуд, гарангие ки шуури ӯро хира карда буд, бартараф гашт,

умуман авзояш беҳтар шуд. Агар панҷаҳои шикастаю варамидаи дасташ ва пои аз дарди кӯҳна варамкардааш намебуданд, вай он вақт, эҳтимол, худро саломат ҳис мекард.

Таҳхона торику ором, вале касе нахуфта буд, ин аз оҳҳои зуд-зуд ва шадид, ҳаракати кам, аз нафасгирии хомӯшу ҳушёронаи одамон ҳис карда мешуд. Ва он вақт Сотников банохост фаҳмид, ки шаби охирини онҳо дар ҷаҳон гузашта истодааст. Субҳ аллакай ба онҳо тааллуқ нахоҳад дошт.

Чӣ илоҷ, охирин дармони худро ҷамъ кардан даркор буд, ки маргро шарафмандона пешвоз гирӣ. Чизи дигарро вай, албатта, аз ин нохалафҳо интизор надошт: онҳо ӯро зинда намемонанд – магар он ки ба дасти деви Будила дода, ранҷу уқубат карда нобуд кунанд. Ин тавр, эҳтимол, бад ҳам набошад: тир дар як лаҳза беизтироб риштаи ҳаётро меканад – ин аз маргҳои имкондошта бадтаринаш не, ба ҳар ҳол, анҷоми муқаррарии аскарӣ аст дар ҷанг.

Аммо вай, нодон, доимо метарсид, ки дар ҷанг ҳалок мешавад. Ҳоло, ин тавр, яроқ дар даст ҳалок шудан ба ӯ давлати дастнорас барин менамуд ва ӯ ба ҳазорҳо хушбахтоне, ки анҷоми бошарафи худро дар майдонҳои ҷанги бузург пайдо карда буданд, қариб ҳасад мебурд.

Дуруст аст, ки вай дар ин чанд моҳи партизанӣ ҳар чӣ бошад ҳам, ҳангоми адои қарзи гражданӣ ва ҷанговарии худ баъзе корҳоро кард. Бигзор, на ҳамон тавре ки мехост, – чи қадаре ки шароит имкон дод: чанд душман аз дасти ӯ марги худро ёфт.

Ана акнун анҷом расид.

Ҳамааш дақиқ ва қатъӣ мешуд. Ва ин имкон медод, ки интихоби ҷиддӣ карда шавад. Агар ҳоло ӯро дар зиндагӣ боз ягон чиз ба ташвиш орад, ин охирин вазифадорияш дар назди одамоне буд, ки бо иродаи қисмат ва ё тасодуфоте дар паҳлуи ӯ буданд. Вай фаҳмид – пеш аз он ки муносибати худро бо онҳо муайян накунад, ба мурдан ҳақ надорад, зеро ин муносибатҳо, аз афташ, охирин иродаи «ман»–и ӯ мешавад, ки пеш аз тамоман нопайдо шуданаш зуҳур мекунад.

Ин дар назари аввал аҷиб менамуд, лекин Сотников ба марги худ тан дода, дар чанд соати кӯтоҳ ким-чӣ хел мустақилияти махсус ва қариб мутлақро ба даст овард, ки аз қувваи душманонаш вобастагӣ надошт. Вай ҳоло метавонист комилан ба худ кореро раво бинад, ки ба он дар шароити дигар ташвиши муҳофизати ҳаёти худ мушкилӣ меоварад, – ҳоло ӯ дар худ имконияти тозаро ҳис мекард, ки на ба душманон, на ба шароит ва на ба ҳеҷ кас дар ҷаҳон тобеъ набуд. Вай аз ҳеҷ чиз наметарсид ва ин ба ӯ дар назди дигарон, ҳамчунон дар назди худаш ҳам нисбат ба пешина афзалияти муайян медод. Сотников акнун дар ин вазъияти худ қарори охиринро сабуку осон чун як чизи оддӣ ва мантиқан дуруст қабул кард: ҳамаашро ба гардани худ гирад. Фардо вай ба муфаттиш мегӯяд, ки ба разведка мерафт, супориш дошт, дар тирпарронӣ полисро маҷрӯҳ кард, ӯ командири Армияи Сурх ва душмани фашизм аст, бигзор ӯро паронанд. Дигарон дар ин ҷо гуноҳ надоранд.

Дар асл, ӯ худро ба хотири наҷоти дигарон қурбон мекард, аммо ин қурбонӣ ба худи ӯ ҳам нисбат ба дигарон на камтар зарур буд. Сотников бо ин фикр ҳеҷ розӣ шуда наметавонист, ки марги ӯ тасодуфи бемаъние буда, аз иродаи ин косалесони маст вобаста бошад. Марги ӯ, чун ҳамаи марги майдони мубориза, чизеро тасдиқ, чизеро инкор ва то имкон доштанаш чизеро, ки дар зиндагӣ дар вақташ ба амал баровардa натавонист, бояд ҷамъбаст кунад. Дар акси ҳол, зиндагӣ чӣ даркор? Вай ба инсон он қадар осон дода намешавад, ки ба анҷоми он бепарво муносибат кунӣ.

Ҳаво хунуктар мешуд, вай замон–замон ларзида чуқуртар ба таги шинел медаромад. Чун ҳарвақта қарори қабулкардааш сабукӣ овард, чизи аз ҳама пурмашаққат дар ҷанг – номуайянӣ дигар ӯро азоб намедод. Вай аллакай медонист, ки ҷанги охиринаш бо душманон кай воқеъ мешавад ва медонист, ки кадом мавқеъро ишғол мекунад. Вай аз он ақиб намеравад. Ва ҳарчанд ин ҷанги тан ба тан ба ӯ аз ғалабаи осон умед намедод, ӯ ором буд. Он сагбачаҳо ярoқ, қувва доранд, аммо ӯ ҳам чизе дорад, ки ниҳоят ба он такя мекунад. Вай аз онҳо наметарсид. Вай дар таги шинел каме гарм шуда, боз номаълум хобаш бурд.

Ӯ хоби аҷибу дарҳам–барҳам дид.

Ҳатто ҳайратовар буд, ки ӯ дар шаби охирини худ маҳз ҳамин гуна хоб дид. Вай баъзе чизҳоро аз бачагияш ва дар байни ҳамаи он чизҳои камаҳамият ва номафҳум як саҳнаи ким-чӣ хел бемаъниро бо туфангчаи падараш хоб дид. Сотников онро гӯё аз ғилофаш мекашид, беэҳтиётона ба як тараф тоб дода, милашро шикаст, мили он, маълум мешавад, пӯлодӣ набуда, чун таппончаҳои бозӣ қалъагӣ будааст. Сотниковро тарс фаро гирифт, ҳарчанд вай дар он вақт аллакай бача набуда, балки қариб ҳозира барин ё, эҳтимол, талабаи мактаби ҳарбӣ буд – аз чӣ бошад, ки воқеа дар милтиқсарои омӯзишгоҳ мегузашт. Вай дар назди яроқҳо меистоду намедонист чӣ кор кунад: ана–мана нагуфта дар он ҷо падараш пайдо шуданаш даркор буд. Сотников худро ба назди милтиқмонакҳо андохт, лекин дар он ягон ҷои холӣ набуд, дар ҳамааш милтиқҳо меистоданд. Он дам ӯ бо дастони ларзон даричаи тунукагии бухориро шарти кушод ва таппончаро ба сӯрохии дари сиёҳ ва нимсӯхтаи тамокудори бухорӣ халст.

Баъди як лаҳза дар он ҷо оташ равшан шуд, ки ангиштпораҳои сурхи сӯзон буданд ва ӯ худро комилан аз даст дода, дар муқобил истода, намедонист, ки чӣ кор кунад. Дар паҳлу падараш меистод. Аммо Сотникови калонӣ дар бораи туфангча хотиррасон накард, ҳарчанд писараш ҳамин тавр ҳис мекард, ки ӯ пас аз як лаҳза ҳамаи воқиаи шуда гузаштаро медонист. Баъд падараш дар назди дари бухорӣ сари по нишаста ва гӯё бо овози пирона ва шаф-шаф карда, гуфт: «Оташ буд ва адолати олӣ дар олам буд...».

Ба Сотников вонамуд, ки ин аз Инҷил бошад – як вақтҳо китоби ғафси сиёҳ ва муқовааш нақшин дар болои ҷевони модараш меистод, ӯ дар бачагияш баъзан саҳифаҳои зардгашта ва бӯи махсуси кӯҳнакитобдоштаи онро варақ мезад. Акнун барои ӯ шунидани Инҷилро иқтибос кардани падараш, ки ба Худо бовар надошту кашишҳоро рӯирост бад медид, ҳайратовар буд.

Дар бухорӣ чӣ қадар дуру дароз сӯхтани он оташ номаълум буд, шуури Сотников боз ба зулмат фурӯ рафт, эҳтимол, вай ба зудӣ ба худ наомад ва дар наздикӣ ба фаҳмидани ким-чӣ хел садоҳои номафҳум сар кард: тақ-тақ, хишир-хишири пахол ва овози пасти пирона. Вақте ки ӯ ба эҳсоси ҳастӣ баргашт, Сотников фаҳмид, ки калламушҳоро пеш карда истодаанд. Ӯ тамоман бедор шуд, дуру дароз сулфида, пайваста фикр мекард, ки ин хоби ӯ чӣ маъно дошта бошад. Ва фикри ӯ оҳиста-оҳиста номаълуму табиӣ бо ёди ғуссаи ширини бачагии дерин ва дури худ банд мешуд...

Туфангча бофтаи аҷоиби ин хоб набуд, он дар ҳақиқат дар Сотникови пир, собиқ командири сурх, ки то он поручики қӯшуни савора буд ва дар сари синаи васеъаш ордени «Георгий» дошт, мавҷуд буд, – вай сурати афсарии падарашро, ки дар сандуқчаи зебо ва муаммонамо бо сурати товусҳо оро додашудаи модараш буд, на як бору ду бор дидааст. Баъзан падараш ҳангоми ид туфангчаи худро аз ҷевон мегирифт ва он дам ба писар иҷозат дода мешуд, ки аз ғилофи зарди чӯбии он дошта истад, то падар аз он туфангчаро кашида тавонад – кашида гирифтани вай ба падар нобоб буд, дасти дар ҷанг зеру забаршудаи ӯ оҳиста-оҳиста аз кор мемонд. Ин лаҳзаҳои саодатноктарини писарбача буд, пас аз ин вай фақат метавонист, ки чӣ тавр яроқро пур кардани падарро бинад – ба ӯ як бор ҳам иҷозат дода нашуда буд, ки бо туфангча бозӣ кунад. «Бо яроқу мукофот бозӣ кардан манъ аст», – мегуфт Сотникови калонӣ ва писарча ҳам бо гарданшахӣ илтимос намекард. Гапи падар дар оила қонун буд, дар кори хурду бузурги хона шахсияти ӯ ҳукмронӣ дошт. Лекин ин ба ҳеҷ кас ҳайратангез наменамуд: падари ӯ дар шаҳрча одами намоён буд ва ҳатто шуҳрати қаҳрамони ҷанги гражданиро дошт, ки фақат бо сабаби маъюбӣ ва иззати баланди нафсаш, чунонки боре модараш шарҳ дода буд, нони худро аз соатсозӣ меёфт.

Туфангчаи сиёҳ дар ғилофи чӯбӣ орзуи ниҳони Сотникови хурдӣ буд, вале аз модар ҳам хоҳиш кардани он натиҷа намедод.

Ва он вақт писарча қарор кард, ки туфангчаро худаш мегирад.

Боре пагоҳӣ бедор шуда, вай хонаро тамоман хомӯш дарёфт. Падараш, эҳтимол, аз хоначааш, ки аз он ҷо ба тамоми ҳавлӣ садоҳои гуногун ва муқаррарии қисматҳои соат паҳн мешуд, баромада кучое рафтааст: медонист, ки модараш ба маъбад рафтааст – дар шаҳр садои зангӯлаҳои ибодати субҳона паҳн мегардид.

Вай саросемавор эзорчаи кӯтоҳаки то зонуи худро пӯшида, шустушӯй ва дандонтозакуниро мавкуф гузошта, даррав ба хонаи хоби модараш даромад. Қуттии муқаддаси ҷевон маҳкам пӯшида буд, лекин аз сӯрохии калидмонак калидчаи мисӣ баромада меистод, ки писарча онро ҳамоно як бор тоб дод ва ғилофи лағжон, локхӯрда ва ғайричашмдошт вазнинро баровард. Дар паҳлуи чӯбии он порчаоҳани шиноси навишта медурахшид, ки онро вай аз ёд медонист: «Ба комэски сурх А. Сотников аз Реввоенсовети Кавармия». Аввалин дастрасонияш ба дасти чӯбкашида бачаро ба ҳаяҷон овард. Дастони ӯ қулфаки онро боэътимод кушоданд ва ана акнун тамоми туфангча бо мушкилӣ, вале бо нармӣ, ки қисматҳои сиёҳранги он кам-кам ва пурасрор медурахшиданд, аз ғилоф баромад. Писарчаро ҳиссиёти то ин дам ношиноси изтиробомез фаро гирифт, вай лаҳзае туфангчаро омӯхт–қаровулакро пеш бурд, кӯшиш кард, ки кулангдон (затвор)–ро қафо барад, ба даруни мил назар андохт. Лекин нишон гирифтан, албатта, аз ҳама бештар кайфият дошт. Фақат ӯ ҳоло дастаро дуруст ба даст нагирифта, фишангро дуруст пайдо накарда, тамоман банохост ва номафҳум аз таги дасти ӯ ба зери миз садои гӯшкаркунандаи тир гулдуррос зада рафт.

Ӯ лаҳзае мурдавор садои тез ва дардовареро, ки дар гӯшҳояш буд, шунида истод. Гилза аз девор ҷаста, ба фарш ғелида рафт, дар зери миз гамбӯсак барин парахаи ғафси суфта, ки нақши тира ва каҷи тирро дошт, аз куҷое номаълум пайдо шуда, афтода мехобид.

Ниҳоят чӣ воқеа рӯй доданашро фаҳмида, вай туфангчаро ба ғилофаш андохт, ҳамаашро дар ҷевон қулф кард ва то баргаштани модараш ба худ ҷои нишаст намеёфт. Модараш ҳамон замон  нохушиеро ҳис кард, писарашро ба пурсиш даромад ва ӯ ҳамаашро чунонки буд, гуфта дод. Албатта, аз дасти модар ҳам ислоҳи ин нохушӣ намеомад, ки аз хавфи ҷони ӯ ниҳоят тарсида буд ва ҳатто гиря кард, ки ин пештар бо ӯ ҳеҷ рӯй надода буд ва гуфт, ки вай бояд ҳамаашро дар назди падар иқрор кунад.

Дар назди падар иқрор кардани ин кор осон набуд. То даме ки вай ҷуръат ҷамъ мекард, як соат ё бисёртар гузашт ва ӯ ниҳоят худу бехуд дари устохоначаи падарашро кушод.

Падараш кор мекард. Ӯ чун ҳарвақта, ба болои тахтаи таги тиреза пасту хам шуда, бодиққат даруни қисматҳои соатро мекофт. Дасти росташ дар дастпӯшаки сиёҳ рӯи зонуяш беҳаракат мехобид, чапаш қисматҳои гуногуни хурди дурахшонро, ки соат аз онҳо иборат буд, чобукона мекофт, тоб медод, ҷудо мекард, мечид. Дар деворҳо ягон бист соати оддию арзони девории рӯяш чалмоқ, ки раққосакҳояшон ноҷӯр рафтуо доштанд, чанд соати зангӯладор ҷиринг–ҷирингу тиқ-тиқ мекарданд, кунҷакро ғилофи бесулуқаи чӯбии каме пештар аз райком оварда, ки сангҳои вазнин дошт, банд карда буд. Падар ба пайдо шудани писараш рӯяшро нагардонд, лекин чун ҳарвақта ӯро бехато шинохта, акнун бо овози хушҳол тамоман нобаҳангом пурсид:

– Канӣ, корҳо чӣ хел, йигитча? Бахрнависро ба азобе тамом кардӣ?

Писарбача як чизи лӯндаро, ки баногоҳ роҳи гулӯяшро гирифт, фурӯ бурд – вай пеш аз ин ба хондани Станюкевич сар карда буд. Аз китобҳои дигаре, ки дар сандуқи калони бобоияш мехобиданд, аллакай нахондагии ӯ кам монда буд, магар ин ки маҷмӯаи асарҳои Писемский ва ҷилди парокандаи Станюкевич, ки яке аз онҳоро падараш се рӯз пештар ба ӯ интихоб карда дода буд.

– Дада, ман туфангчаи туро гирифтам.

Падар сарашро ба таври аҷибе ҷунбонд, анбӯракро гузошт, бо ҳаракати муқаррарии даст айнакашро гирифт ва ба писараш ҷиддӣ нигоҳ кард.

– Кӣ иҷозат дод?

– Ҳеҷ кас. Ва чӣ... Вай паронд, – бо овози ҳазин гуфт писар.

Дигар чизе нагуфта, падар аз ҷояш хест ва аз хона баромад. Вай дар таги дар бо ҳамин хел ҳиссиёте монд, ки ӯро ба таги теғи сарбурӣ мегузошта бошанд. Вале ӯ гунаҳкор буданашро медонист ва тайёр буд, ки ҷазои бераҳмонатаринро қабул кунад.

Падар ба зудӣ баргашт.

– Ту, сагбача! – гуфт ӯ аз остона.–Ту чӣ ҳақ доштӣ, ки бе иҷозат ба яроқи ҷангӣ даст расонӣ? Ту чӣ тавр тавонистӣ, ки дузд барин ҷевонро ковӣ?

Падар ӯро дуру дароз ва бераҳмона – ҳам барои беэҳтиётӣ, ҳам барои тирпаронӣ, ки фалокат оварданаш мумкин буд ва аз ҳама бисёртар барои худсарии пинҳонияш коҳиш мекард.

– Ягона чизе ки гуноҳи туро сабук мекунад, ин иқрор кардани туст. Фақат ҳамин туро наҷот медиҳад. Фаҳмидӣ?

– Ҳа.

– Агар, албатта, худат фикр карда бошӣ. Худат?

Писарбача ҳис кард, ки тамоман нобуд мешавад, сар ҷунбонд ва падар ором гирифта, оҳи дуру дароз кашид.

– Ба ҳаминаш ҳам раҳмат.

Ин акнун аз ҳад гузашта буд, – ба дурӯғ раҳмати падари худро гирифтан, чашмони ӯ сиёҳӣ зад, ба рӯяш хун давид ва ӯ аз ҷояш ҷунбида натавониста, меистод.

– Рав, бозӣ кун, – гуфт он дам падар.

Ҳамин тавр, ба ӯ, умуман, он худсарӣ сабук гузашт – ӯ бо тасма ҷазо нагирифт, вале ҳамон сарҷунбонии тарсончаконаи ӯ чун хароши дардовар дар дили ӯ монд, ки сӯзиш мекард. Ин ба тамоми ҳаёташ сабақ буд. Ва ӯ дигар ягон бор ба падараш, ба ҳеҷ каси дигар дурӯғ нагуфт, ба ҳама чиз ба чашми мардум рост нигоҳ карда, ҷавоб медод. Аз афташ, модар ҳам ба падар бо ташвиқи кӣ воқеъ шудани он иқроркуниро нагуфтааст. Ҳамин тавр, ин фармондеҳи дастаи савора, маъюби ҷанги шаҳрвандӣ ва устои соатсоз роҳи худро дар рӯи замин бо саодати боварӣ ба некӯахлоқии писараш ба охир расонд ва умеди комил дошт, ки ба писараш қисмати накӯ хоҳад расид. Ана расидагияш...

Дар хомӯшии хобовари пагоҳӣ дар боло садои қадамҳо баланд шуд, паст-паст овозҳо ба гӯш расиданд, дарҳо тарақ-туруқ карданд. Дар ин ҷо, дар таххона махсусан, садои дарҳо баралло шунида мешуд, баъзан аз тараққоси баланди онҳо аз фарш ҳатто хок мерехт. Рибак хоб набуд – пойҳояшро қат карда, дар таги девор якпаҳлу хомӯш мехобиду гӯш медод. Ҳоло вай саропо гӯшу ҳуш шуда буд. Равзанаи боло кам-кам равшан мешуд, рӯи ҳавлӣ, эҳтимол, аллакай сафед гашта, таххона ҳам равшантар менамуд. Оҳиста-оҳиста аз торикиҳои шабона андоми хира, коҳида ва гӯё хоидаи маҳбусон пайдо мешуд – зани мутеи Демян дар рӯ ба рӯ, дар кунҷак Петри беҳаракат бо чеҳраи ғамгин; дуруст аст, ки дар торикии зери равзан Бася ҳоло намудор набуд. Сотников, чун пештара, ба тахтапушт хобида, баланд–баланд нафас мекашид. Агар ҳамин нафаскашияш набошад, фикр кардан мумкин буд, ки вай зинда нест. эҳтимол, ин рӯзи охирин ва мушкили онҳост ва ҳамаашон инро пешакӣ ҳис карда, ҳар яке дар танҳоӣ ғуссаи худро хӯрда, хомӯш буданд.

Дар боло садои мӯзаҳо бисёртар, тарақ-туруқи дарҳо беист шуд. Ва баногоҳ ба таххона садои гуфтугӯи берун даромад. Рибак сарашро бардошта, пушти онро ба девор камакак такя дод. Калимаҳоро фаҳмида намешуд, вале маълум буд, ки дар он ҷо ҷамъ мешуданд, аз афташ, саф мебастанд. Вале чаро то ҳол касе ба таххона нафуромад? Гӯё онҳоро фаромӯш карда бошанд.

Касе аз назди девор гузашт, дар болои барф садои ғиҷирроси такчарми мӯза шунида шуд. На каме дуртар аз назди тиреза ким-чизе ҷирингос зад, пас аз он овози дурушт ва хирросӣ баланд гашт.

– Дар ин ҷо фақат сето ҳаст.

– Боз паҳнбел буд. Паҳнбелро бин.

– Паҳнбел намешавад. Бели нӯгтез даркор.

Боз ким-чи чизи оҳанӣ ҷирингос зад, баъд ғиҷирроси қадамҳо ба гӯш расид ва дар наздикиҳо боз ҳама хомӯш шуд. Вале ин гуфтугӯи кӯтоҳ Рибакро бесаранҷом кард: бел чӣ даркор? Бел фақат барои он ки кованд, ҳоло дар ин зимистон чӣ кандан мумкин буд? Хандақ? Ҷӯй7 Қабр? Эҳтимол, қабр. Вале барои кӣ?

Вай ин дам ӯ ба ёд овард: шояд дар ҳақиқат он полис мурда бошад.

Вай сарашро гардонда, ба атроф саволомез нигоҳ кард. Зани Демян ҳам аз зери рӯймоли ғиҷимшудааш ба ӯ бо музтарибӣ менигарист, ки дар кунҷак Петр аз диққату изтироб шах шуда монда буд. Ҳеҷ кас калимае ҳам ба забон наовард, ҳама бо ҳаросу нобоварӣ дар дил гӯш медоданд.

Вале нобоварии онҳо дер давом накард. Баъд аз лаҳзае дар паси девор боз шарфаи по баланд шуд, он ҳамин қадар қатъӣ ва дақиқ буд, ки дигар ҳеҷ касро шубҳае намонд; ба назди онҳо ба таҳхона меоянд. Ҳамин ки дари аввал тараққос зад, Рибак баногоҳ ҳис кард, ки дил дар синааш нохушона ва бенизом зуд-зуд мезанад, даррав нишаст. Дар шафат Сотников ба ҷунбиш омада, ба сулфидан сар кард. «Кушоянд – зада бароям, аз по афтонам – ва ба сӯи дар», – бо қатъияти дершуда фикр кард Рибак, вале ҳамон лаҳза фаҳмид: не, ин тавр намешавад – дар паси дар зинаҳо ҳастанд, фурсаташ намерасад.

Дар акнун дар ҳақиқат кушода мешуд, ба таҳхона шуввӣ карда хунукӣ, шамоли тоза ва аз ҳавлӣ равшании хира даромад, ки ҳамон дам панҷ чеҳраи музтариб ва рангпаридаро равшан кард. Дар дами дар Стаси чобук пайдо шуд, ки дар паси ӯ боз як каси милтиқдор менамуд.

– Генуг хоб! – бо тамоми овоз фарёд зад полис, – аз хоб сер шудед. Бароед: ба несту нобудшавӣ!

Петр аз кунҷак аввалин шуда ба по хест, оҳувоҳ карда зани Демян ҳам хестан гирифт. Сотников ба хестан кӯшида, деворро даст-даст карда медошт. Рибак ба рӯи рангпаридаи ӯ, ки дар ин шаб боз ҳам лоғартар гашта, дар он чашмони фурӯрафтааш сиёҳӣ мекарданд, номаълум нигоҳашро лағжонд ва ким-чиро то охир наандешида, ҳис накарда ба сӯи баромадгоҳ равон шуд.

– Зудтар, худтар! Бист дақиқа мондааст! – метезонд полис, ба ҷои хоби бадбӯи пахолпартофтаи онҳо даромада: – Канӣ, ту, якпоя, зудтар!

– Даст каш! Ман худам! – хиррос зад Сотников.

– Ҳӯй, ту, ҷуҳудча, чиро мунтазир ҳастӣ! Канӣ, пеш даро! Иқрор кардан нахостӣ – дар арғамчин алвонҷ мезанӣ, – ҳазл кард Стас ва дарҳол бо ваҳшоният: – Гэт, юда, нобакор!

Онҳо аз рӯи зинаҳои бетонии пурбарф ба ҳавлӣ баромаданд. Рибак тугмаҳои нимпӯстинашро нагузаронида, тозагии рӯҳбахши ҳавои сардро ҳис накарда, хастаҳолона пойҳояшро монугир карда меистод. Баъд аз шабе ки дар таҳхонаи бадбӯй гузарониданд, сараш гӯё аз машрубот бошад, чарх зад. Дар саҳни ҳавлӣ дар муқобил ягон шаш нафар полиси тайёри якроқдор меистоданд – онҳо мунтазир буданд. Пагоҳӣ димоғи ҳаво гирифта, андак хунук буд ва аз бомҳо, аз дудкаши бухориҳо ба фазо лаккаҳои сиёҳи дуд бошитоб паҳн мешуданд.

Рибак дар назди айвонча дудила шуда истод, аз паҳлу зани Демян ва ҳамроҳи ӯ Бася, ки акнун ба ин зан чун ба модари худ ҷафс шуда буд, истоданд. Вай хунук хӯрда, пошнаҳои шахшӯлу кафидаашро, ки бараҳна буданд, ба якдигараш ҷафс мекард ва боҳарос полисҳоро аз назар мегузаронд. Петр, ки аз тамоми вуҷуди пирона ва мӯи сафедаш ноумедии пурандӯҳ ҳувайдо буд, андаке дуртар истод. Дар ин фурсат Стас бо ҳақоратҳои қабеҳ Сотниковро аз зинаҳо кашола карда баровард ва ҳамон замон хастаҳолона ба болои барф партофт. Сотников нафасашро рост накарда, базӯр ба по бархост ва бо шинели ғиҷимшуда ва хунолудаш қомат афрохт.

– Муфаттиш куҷост? Муфаттишро ҷеғ занед! – ӯ кӯшиш кард, ки бо овози паст ва канда-кандааш фарёд кунад ва сулфааш гирифт.

Ба ёди Рибак ҳам расид, ки ба ӯ ҳам муфаттиш зарур аст, вале вай баракси Сотников оромона талаффуз кард:

– Ҳа, моро ба назди муфаттиш баред. Вай дирӯз гуфта буд...

– Мебарем, набошад чӣ! – бо тамасхур ба ким-чӣ ишора карда гуфт полиси рӯйкалони тануманд. Бо арғамчини тайёр вай ба сӯи онҳо бо қатъият қадам гузошт: – Канӣ, дастҳоро! Дастҳоро!

Илоҷи дигар набуд, Рибак дасташро дароз кард, вай чолокона онҳоро як-як ба қафо тоб дод ва бо ёрии дигаре ба печонида бастан сар кард. Ҳамаи ин густохона, ба дуруштӣ ва

дардовар буд. Рибак рӯй турш кард – на он қадар аз дарди банди дасташ, балки аз ноумедие, ки ӯро фаро гирифта буд: охир, кор бо ин дар ҳақиқат тамом шуд.

– Ба муфаттиш хабар диҳед. Ба назди муфаттиш рафтани мо лозим, – гуфт ӯ, бо вуҷуди ин, на он қадар бо қатъият ва чӣ тавр ҷунбида, аз зери пояш рафтани заминро равшан ҳис кард.

Вале полис аз қафо бо қаҳр ҳақорат доду халос.

– Дер шуд. Тафтиш шудед аллакай.

– Чӣ тавр тафтиш шудем! – фарёд кард Рибак ва аз болои китфаш нигарист: ин полис рӯи ришаш нотарошида, чашмони танги бозингари тамоман хукона дошт, ки дар онҳо нисбат ба ӯ бепарвоии мутлақ ҳувайдо буд – ин хел касро, эҳтимол, тарсонда ҳам наметавонӣ. Ва он дам ӯ аз имконияти охирин истифода карданӣ шуда, ба илтимос сар кард: – Хайр, Партновро ҷеғ занед. Ба шумо чӣ мушкилӣ дорад? Шумо одам ҳастед ё не?

Вале то ба Партнов расидан, шояд, аз марги худи ӯ, Рибак, ҳам дуртар буд. Ҳеҷ кас ба ӯ ҳатто ҷавоб ҳам надод.

Дастони ӯ бо арғамчини борик моҳирона таранг баста шуда буданд, ки арғамчин пӯсташро дард кунонда мебуррид ва ӯро ба як тараф тела доданд. Зани Демянро ба бастан сар карданд.

– Ҳӯй, муфаттишро ин ҷо биёр, – аз Стас, ки милтиқ дар пушт, дар назди зани Демян андармон буд, сулфида, боисрор талаб мекард Сотников.

Вале ӯ ҳам ба тарафи ӯ нигоҳе накард, ӯ, ба мисли ҳамаи дар инҷобудагон, гӯё ба шунидани хоҳиши онҳо кар шуда буд, гӯё инҳо аллакай одам набуданд. Ва ин бовари Рибакро ба он, ки кори онҳо дар ҳақиқат тамом шуд, боз ҳам афзуд. Марг мерасад. Вале чаро ин тавр? Ва чаро ӯ вақте ки дастонаш кушода буданд, ҷуръат накард?

Вай дар ғафлат монданашро фаҳмид, чизе андарунаш ниҳоят сахт ба тапиш даромад ва ӯ ба атроф нигоҳи ҳаросонашро медавонд. Лекин дар ҳеҷ ҷо халосӣ набуд. Баръакс, аз рӯи ҳамаи ин, анҷом наздиктар мешуд. Аз зина сардорон яке аз паси дигаре ба айвонча баромадан гирифтанд – ким-чӣ хел рутбадороне ки дар тан либоси полисии наппа–нав ва аз афташ, ҳозир пӯшидагӣ, шинелҳои кӯтоҳаки сиёҳ, ки гиребонҳои хокистарӣ ва ҳамин хел нӯги остин ва таппонча доштанд; ду нарафашон, эҳтимол, немисҳо буданд, ки шинелҳои дарози жандармӣ ва фуражкаи пешаш баланд пӯшида буданд. Чанд каси дигар либоси ғайриҳарбӣ ва ба гардан шарф дошта, ба таври намоён бегонавор меистоданд – гӯё меҳмонҳое буданд, ки ба тӯи бегона даъват шудаанд. Полисҳо дар рӯи ҳавлӣ бо эҳтиром хомӯш шуданд, ҷамъ гаштанд. Касе аз қафо саросема ҳисоб кард:

– Як, ду, се, чор, панҷ...

– Хайр, ҳамааш тайёр? – аз айвонча пурсид полиси китфвасеъ, ки дар болои шикамаш ғилофи хурди таппонча дошт.

Маҳз ҳамин ғилофи таппонча ва ҳам пайкари пурқуввати ин касро дар байни дигарон дида, Рибак пай бурд, ки сардор ҳамин аст. Рибак дар ин бора фикр кардан замон Сотников аз қафо бо овози гирифта гуфт:

– Сардор, ман як маълумот додан мехоҳам.

Дар зинаҳо истода, сардор ба маҳбус сангинвор чашм дӯхт.

– Чӣ буд?

– Ман партизан. Ман полиси шуморо маҷрӯҳ кардам, – на он қадар баланд гуфт Сотников ва ба рӯи Рибак ишора кард. – Вай тасодуфан дар ин ҷо буд – агар даркор шавад, шарҳ медиҳам. Дигарҳо алоқае надоранд. Як худи маро гиред.

Сардор дар айвонча хомӯш монд. Ду нафаре, ки пештар мерафтанд, бо ҳайрат ба ҳамдигар нигоҳ карданд ва Рибак чӣ тавр дар дилаш шӯъла задани шарораи хурдакаки наҷотро, ки дар ӯ умеди ночизеро даргиронда буд, ҳис кард: рафту бовар кунанд? Ин ҳиссиёти умедбахши ӯ ҳамоно ба Сотников ташаккури маҳрамонае тавлид кард.

Лекин дар чеҳраи сардор диққати яклаҳзагӣ ба ҷиддияти бошиддати бошитоб бадал шуд.

– Ҳамааш ҳамин? – бо сардӣ пурсид вай ва аз зина ба болои барф қадам ниҳод.

Баногоҳ забони Сотников гирифт.

– Метавонам батафсилтар шарҳ диҳам.

Касе норозиёна ғурунгос зад, касе бо немисӣ гап сар кард ва сардор даст ҷунбонд.

– Баред!

«Ана чӣ тавр, ҳатто шунидан ҳам намехоҳад», – боз ба ноумедӣ афтода фикр кард Рибак. Эҳтимол, ҳамааш кайҳо пешакӣ ҳал шудааст. Вале вай чӣ мешавад, охир? Наход, ин ҳимоятгарии қаҳрамононаи Сотников ба ӯ ҳеҷ ёрӣ нарасонад?

Аз зинаҳои чӯбии қатшаванда полисҳо оҳиста-оҳиста қадам монда, аз айвончa мефуромаданд. Ва баногоҳ Рибак яке аз онҳо, Партновро, ки ӯ ҳам ҳоло либоси полисӣ дар бар дошт, шинохт. Бале, ин, бешубҳа, ҳамон муфаттиши дирӯза буд, ки ӯро бо таклифи худ он қадар умедвор карда ва ҳоло гӯё аз гапаш гашта буд. Рибак ӯро дида ба ларза даромад, тамоман ба пеш дода шуд. Ҳарчӣ бодо бод-акнун ба ӯ ҳеҷ чиз даҳшатнок ва номуносиб наменамуд.

– Ҷаноби муфаттиш! Ҷаноби муфаттиш, як дақиқа! Шумо шаб гуфта будед, ман розӣ. Ман дар ин ҷо, ба номи Худо, ки алоқае надорам. Ана ӯ тасдиқ кард...

Сардороне, ки акнун аз ҳавлӣ ба кӯча равон мешуданд, норозиёна як-як истодан гирифтанд. Партнов ҳам истод. Шинели нави полисӣ ба ӯ баралло калон ва ба андоми хурд ва лоғар ӯ начаспида, рост хеста буд, каллапӯши сиёҳаш ба як тараф тоҷи хурӯс барин баромада меистод, салобати сардорӣ ва ким-чӣ хел ҷиддияти сохта зиёд шудааст. Немиси қадбаланд ва тасмаашро аз болои шинел тарангбаста ба ӯ саволомез нигоҳ кард ва муфаттиш ба ӯ бо немисӣ ким-чизеро гарму ҷӯшон шарҳ дод.

– Ин ҷо биёед!

Рибак дар зери диққати синчакоронаи ҳар ду тараф ба айвонча наздик рафт. Ҳар қадами ӯ дар дилаш чун зарбаи тоқатфарсое акс мешуд. Риштаи умеди ҳоло мустаҳкамнашудаи ӯ ҳар лаҳза тайёр буд, ки абадан канда шавад.

– Шумо розӣ ҳастед, ки дар қатори полисҳо хизмат кунед? – пурсид муфаттиш.

– Розӣ, – бо ҳамаи самимияте, ки қодир буд, ҷавоб дод Рибак.

Вай нигоҳи қариб садоқатманди худро аз рӯи бетаровaт, ноҷавон, вале бо кӯшиши зиёд тоза тарошидаи Партнов намеканд.

Муфаттиш ва немис боз чанд ибораро бо немисӣ радду бадал карданд.

– Хӯш. Кушоед!

– Палид! – ба паси сараш чун зарб бархӯрд садои пасти пурғазаби Сотников, ки ҳамон дам ба сулфаи дардомез сар карда, худро ошкор намуд.

Вале бигзор! Ким-чизи мудҳиш ва беамон ба ӯ наздикрасанда баногоҳ аз ӯ дур шудан гирифт. Рибак чуқуртар нафас гирифт ва чӣ тавр аз қафо такон додани дасташро ҳис кард. Вале ӯ ҳатто ба қафояш нанигарист. Вай фақат як чизро ниҳоят зӯр ҳис кард: зиндагӣ мекунад! Дастони кушодаи ӯ озодона дар паҳлуи баданаш ҳамоил шуданд ва ӯ боз бошуурона қадаме ба як тараф монд ва бо тамоми вуҷудаш мекӯшид, ки аз дигарҳо ҷудо шавад, – ӯ акнун мехост, ки аз дигарон ҳар чӣ дуртар бошад. Вай боз се қадам дуртар рафт ва касе ӯро нигоҳ надошт. Касе аз сардорон ба тарафи дарвоза равона шуда, тоб хӯрд, ки фарёди зани Демян баланд гардид:

– Аҳа, сар медиҳед! Ин тавр бошад, маро ҳам сар диҳед. Сар диҳед! Ман бачаякони хурд дорам, вой худоё, онҳо чӣ мекунанд!..

Фарёди ӯ, ки пур аз ноумедии ғайриоддӣ буд, боз ҳамаро маҷбур ба истодан кард, Партнов аз ҳама ба ӯ наздиктар буд. Немиси қадбаланд норозиёна бо забони лакнатдор ким-чӣ гуфт ва муфаттиш даст афшонд.

– Баред! – ва ба сӯи Рибак рӯ овард. – Шумо ба ӯ ёрӣ диҳед. – баногоҳ гуфт ӯ ба тарафи Сотников ишора карда.

Ин ба Рибак он қадар маъқул нашуд, вай аз Сотников ҳар чӣ дуртар будан мехост. Вале фармон фармон аст ва ӯ бо ҳозирии тамом ба сӯи касе, ки навакак рафиқаш буд, тохт, ӯро аз зери бағалаш гирифт. Аз байни дарвозаи калонкушода онҳоро ба кӯча бурданд. Полисҳо бо

милтиқҳои тайёр аз ду тараф мерафтанд. Сардорон кашола шуда, онҳоро пеш гузаронида, камтар қафо монданд. Якум Петр мерафт, ӯ пири қадбаланд, сараш сафеди бараҳна ва дастҳояш ба қафо бастагӣ буд. Аз паси ӯ аз гиря гулӯгир шуда зани Демян мерафт. Аз паҳлу Бася дар ким-чӣ хел либоси сиёҳнамои каси бегона, ки остинҳои дароз дошт, бо пойҳои луч майда–майда ва зуд-зуд қадам монда мерафт.

Рибак Сотниковро, ки дар пеши чашм якбора ким-чӣ хел хамида гашт, боз бисёртар лоғар шуд ва сулфида аз паси дигарон оҳиста ба тарафи пои маҷрӯҳаш сахт лағжида, кашола шуда меомад, аз бағалаш гирифта буд. Кафи пои сиёҳзадаи вай, гӯё пои зинда набошад, бо панҷаҳои шахшудааш барфи зимистонро кофта, дар рӯи он нақши ғайриоддӣ мегузошт. Вай хомӯш буд ва Рибак барои бо ӯ ба гуфтугӯ сар кардан ҷуръат надошт. Онҳо ҳамроҳ мерафтанд, вале аллакай дар ду тарафи хатте буданд, ки мардумро ба дӯстону душманон ҷудо мекунад. Рибак ҳарчанд ҳис мекард, ки ким-чӣ гуноҳ дорад, вале кӯшиш дошт, худро бовар кунонад, ки гуноҳаш чандон калон нест. Он кас гунаҳгор аст, ки ин корро бо иродаи бадхоҳонаи худ ва ё барои манфиат мекунад. Вале ӯ чӣ манфиат мегирад? Ӯ фақат имкони бисёртар дошт, маккорӣ кард, ки зинда монад. Вале ӯ хиёнаткор нест. Ба ҳар ҳол, навкари немис шуданӣ набуд. Вай ҳамеша интизор буд, ки як фурсати боб ёбад – шояд ҳозир ва шояд каме дертар ва ҳамоно онҳо чӣ кас будани ӯро хоҳанд дид...

## 17

Сотников равшан фаҳмид, ки натиҷае ба даст оварда натавонист. Мақсади вай, ки шабона чунон табиӣ пайдо шуда, ба ӯ қариб осудагӣ бахшида буд, чун кафки собун кафид. Идораи полис дар дасти немисҳо лӯхтаке буду бас ва ба гувоҳии вай тамоман бепарвоёна муносибат кард – ҳоло ки фармони даркорӣ расидааст ва ё талаботе барои куштор пайдо шудааст, вай ба муайян кардани гунаҳкор будани кадоми онҳо туф кардааст.

Вай базӯр сари по истода, беҳолона аз қафои дигарон кашола шуда мерафт ва кӯшиш мекард, ки ба дасти бегона ва акнун нафратовари Рибак он қадар бисёр такя накунад. Ҳодисае, ки дар саҳни полисхона рӯй дод, ӯро тамоман зеру забар кард – ӯ ин тавршро пешбинӣ накарда буд. Бешубҳа, одамон аз тарс ва ё аз нафрат ба ҳар хел хиёнатҳо қодиранд, аммо Рибак, ҳамин тавр менамуд, ки на хиёнаткор буд ва на буздил. Ӯро чӣ қадар имконе буд, ки ба идораи полис гузарад ва барои буздилӣ кардан ҳам ҳодисаи бисёре шуда буданд, аммо вай доимо худро шоиста нигоҳ медошт. Ба ҳар ҳол, аз дигарон бад не. Эҳтимол, гап дар ин ҷо дар мақсади ғаразноки ҷони худро халос кардан аст, ки аз он то хиёнат як қадам роҳ асту бас. Сотников аз хаёлбофии содалавҳонаи худ ниҳоят сахт таассуф мехӯрд. Ӯ худ аз зинда мондан умедашро канда, андешид, ки дигаронро наҷот медиҳад. Вале касе ки бо кадом роҳе бошад, зинда мондан мехоҳад, оё ҳатто ба як ҳаёте ки барои ӯ қурбон карда мешавад, меарзад? Аз замонҳои Исои Масеҳ аллакай чӣ қадарҳо ҳаёти инсонӣ дар меҳроби қурбониҳои инсоният нобуд шуд ва онҳо оё инсониятро чизи бисёре омӯхтанд? Инсонро ҳазорҳо сол инҷониб пеш аз ҳама фикру ёди худаш мехӯрад ва баъзан зуҳури олии накӯкорӣ ва адолатпарвариро аз канор ками камаш аҷоибхислатӣ медонанд, агар камоли аблаҳӣ ҳисоб накунанд.

Сотников кам-кам ба худ меомад, ӯро хунукӣ акнун сахт азоб медод. Пешониаш аз бемадорӣ арақ кард, ки дар шамоли сард ях баста, сараш аз ин бештар хунук хӯрда, мағзаш сих мезад. Ва умуман, шамоли хунук, аз афташ, ҳамаи боқии гармиро, ки ҷисмаш шаб ҷамъ оварда буд, аз ӯ бод дода мебаровард, тани ӯ аз хунукӣ боз ба ларза даромад. Вале Сотников мекӯшид, ки то охир тоқат кунад.

Дар кӯчаи холии шаҳрча онҳо аз кӯпрукча гузаштанд, пас аз он як тараф боғчаи таворагирифтаи хурдакак, ки чанд қатор дарахтҳои борик ва яхбаста дошт, сар мешуд. Дар пеш: дар теппача хонаи дуқабатаи сафеди баланд менамуд, дар кунҷаки он байроқи калони фашистӣ аз шамол алвонҷ мехӯрд. Дар он ҷо эҳтимол, идора ва ё комендатура ҷой гирифта буд, ки дар наздаш як гурӯҳ одамон ҷунбуҷӯл доштанд. Сотников ҳайрон шуд: чӣ эҳтиёҷе ин одамонро дар як ҷо ҷамъ оварда бошад? Баъд, ӯ шояд имрӯз бозор бошад, гӯён фикр кард.

Шояд, ягон ҳодиса рӯй дода бошад? Вале, аниқтараш, аҳолиро барои он ҷамъ овардаанд, ки бо паронидан тарсонанд. Агар ин тавр бошад, бигзор, паронанд, ба онҳо ин тавр. Дар назари халқ пешвоз гирифтани марг боз ҳам осонтар мешавад. Агар гап дар сари тарсонидани халқ бошад, боиси тарс хӯрдан дар ҷанг бе ин ҳам фаровон аст, вале бо вуҷуди ин оташи мубориза аланга мезанад. Ба ҷои куштаҳо дигарон меоянд. Далерон ҳамеша пайдо мешаванд.

Онҳо оҳиста ба он хона наздик мешуданд. Кафи пои Сотников чун пои сохтаи қатнашаванда дар барфи аз лезаки чана ва суми аспон шиббахӯрда чуқурчаҳои аҷоиб гузошта мерафт, пояш аз дарди тоқатшикан беист сӯхта, қариб дар ихтиёраш набуд. Ӯ аз аввали роҳ мақсад карда буд, ки ҳар чӣ ҳам бошад, худаш меравад ва ҳоло маълум шуд, ки қувваашро аз будаш зиёд тасаввур карда будааст – вай акнун дар дасти бақуввати Рибак қариб овезон буд. Аз кӯпрукча баландӣ сар мешуд ва ба ӯ роҳ гаштан боз ҳам мушкилтар гардид, нафасаш намерасид, чашмаш сиёҳ мезад, роҳ зуд-зуд аз зери пояш мерафт. Вай тарсид, ки рафта расида наметавонад, меафтад ва он вақт ӯро аз ҳама пеш чун саги мурдор дар ҷӯйбор мепаронанд. Не, вай инро ба худ раво дида наметавонист – ҳатто дар чунин вазъияти ӯ ин таҳқири аз ҳад зиёд буд. Вай марги худро, чӣ тавре ки даррасад, бо шарафи аскарӣ пешвоз мегирад – ин мақсади асосии дақиқаҳои охирини ӯ шуда буд.

Онҳо ба теппача баромаданду истоданд. Сотников бо азоб нафас кашида, нигоҳашро ба тахтапушти дарпешистодаҳо дӯхта мунтазир буд, ки онҳо кай пеш мераванд. Вале полисҳои посбон ҳам истоданд, аз пеш садои гуфтугӯи немисӣ шунида шуд – чанд нафари сардорон дар зери девори он хона мунтазир меистоданд. Дар муқобил, дар он тарафи кӯча, дар назди панҷарадевори боғча ва дар назди ӯ дӯкончаи кӯҳна тақрибан панҷоҳ-шаст кас хомӯш истода, чизеро мунтазир буданд. Ба он мемонд, ки маросими хурди онҳо ба ҷои таъйиншуда расид – он тараф дигар роҳ набуд.

Ва он дам Сотников арғамчинҳоро дид.

Дар кӯча панҷ ҳалқаи канабии мулоим оҳиста алвонҷ хӯрда, гӯё мустаҳкамии бениҳояти гиреҳҳои ғафс ва бо кордонӣ басташудаи худро дар назари ҳама намоиш медоданд. Онҳо дар чӯби тоқи кӯҳнаи пешазҷангии кӯча овезон буданд. «Тоқи кӯҳна ҳам даркор шуд», – аз фикри Сотников гузашт, ки ҳамоно ин сохтмони анъанавии маркази ноҳияро шинохт – худи ҳамин хел тоқ як вақтҳо дар шаҳрчаи онҳо ҳам буд. Пеш аз идҳо онро бо навдаю баргҳои дарахти сӯзанбарг оро медоданд, дар болояш шиор мечаспониданд, ки дар порчаи коғаз бо сиёҳӣ навишта мешуд. Дар паҳлу дар пеши бинои кумитаи иҷроия ба намоишҳои идона ҷамъ меомаданд, аз равоқи на он қадар баланди тоқ гурӯҳҳои хонандагони ду мактаб, коргарони заводи зағир ва устохонаҳо ва комбинати қуттибарорӣ мегузаштанд. Дар чаҳорчиллики болои он одатан ё ситораи фанерӣ медурахшид ва ё байрақча аз шамол алвонҷ мехӯрд, ки тоқ ба ҳамаи ин як тамомияти ботантана мебахшид. Ҳоло дар ин ҷо ҳеҷ чиз набуд, фақат дар сутунҳо, аз зери тахтапораҳои сиёҳшуда, ба андозаи галстуки пионерӣ ким-чӣ хел латтапораи рангпарида дар шамол питир–питир мекард. Истилогарон ба тоқ ороишҳои худро овардаанд, ки ин арғамчинҳои наппа–нави эҳтимол, маҳз барои ҳамин воқиа аз анбор гирифташудае буданд.

Вай фикр карда буд, ки паронда мешаванд...

Ду нафар – полис ва боз касе дар камзӯлчаи моҳутии миёнаш чиндор аз кӯча хараки пояш қаҷи кӯҳнаро гирифта партофтанд ва Сотников фаҳмид, ки ин барои ба ҳалқа расидани қади онҳост, ки пас аз ин сари онҳо ба китф каҷ меафтад, нотавону нафратангез ва бесадо овезон мешавад ва худи онҳо беилоҷ даступо мезананд. Ӯро баногоҳ танҳо аз тасаввури овехта дидани худ ва аз ҳамаи ин ҷазои таҳқиромезу ваҳшиёна нафрат омад. Дар давоми ҷанг ӯ фикр мекард, ки маргаш аз тир ва ё гулӯлапора мерасад, ӯ дар бораи имкони марги дигар ҳатто фикр ҳам накарда буд ва акнун тамоми вуҷудаш аз ин марги дар ҳалқаҳо буғӣ шудан ба печутоб омада, беихтиёр эътироз мекард.

Вале вай акнун на ба худ ва на ба дигарон ҳеҷ мадад карда наметавонист. Вай фақат дар фикраш худро тасалло медод: ҳеҷ қисса не, ҳеҷ қисса не!.. Дар ниҳояти кор, ин ҳаққи онҳо,

одати ваҳшиёнаи онҳо, ҳукми онҳо мебошад, ҳоло вазифаи охирини вай – бе асари ҳарос ва ё таассуф тоқат кардан аст. Бигзор овезанд.

Харакро дар он ҷо, эҳтимол, кайҳо гузоштаанд. Стаси чолоку дар ҳама ҷо ҳозир, Будилаи бузургҷуссаи аз поёни камарчаи шинелаш тасмабаста ва дигар полисҳо онҳоро ба зери тоқ бурданд. Сотников кафи пои яхбаста ва дардмандашро гузошта, тахминан андоза кард: ягон понздаҳ – бист қадами дигар монда буд ва ӯ дасташро аз Рибак кашида гирифт, худаш рафта расидан мехост. Онҳо аз байни полисҳо, гурӯҳи сардорони немис, ки дар бар либоси ғайриҳарбӣ доштанд ва дар зери девори бино пурсаброна мунтазир буданд, гузаштанд. Намоиш сар мешуд, намоиши худфаъолиятии полисҳои маҳаллӣ дар услуби немисӣ. Полисҳо шитоб мекарданд, давуғеҷ доштанд, ким-кадом корашон ба таври зарурӣ иҷро намешуд. Баъзе сардорон қавоқ андохта баъзеи дигар орому беташвиш гуфтугузор доштанд, ки гӯё ба ягон зарурати рӯзмарра ва тамоман одӣ ҷамъ омада, боз ба зудӣ ба сари корҳои муқаррарии худ бармегашта бошанд. Аз тарафи онҳо бӯи сигору атр меомад, ибораҳои тасодуфӣ ва беаҳмият канда-канда ба гӯш мерасид. Лекин Сотников ба он тараф нигоҳ намекард – ӯ кашола шуда, ба назди тоқ омад ва барои он ки наафтад бо китфаш ба сутун такя дод ва аз беқувватӣ чашмонашро пӯшид.

Не, эҳтимол, марг ҳеҷ чизро ҳал намекунад ва ҳеҷ чизро бегуноҳ ҳам намебарорад. Фақат ҳаёт бо одамон имкониятҳои муайянро медиҳад, ки онҳо истифода ва ё беасар нобудаш мекунанд, фақат ҳаёт метавонад, ки ба бадӣ ва зӯроварӣ муқобил бошад. Марг аз ҳамааш маҳрум мекунад. Ва дар санавбарзор, агар он лейтенант бо марги худ натиҷае ба даст овард, бо вуҷуди ин, маҳз ҳамин умедро дар хотир дошта рафтор кардани ӯ дар гумон буд. Ин хел марг фақат ба худи ӯ зарур буд, чунки ӯ гӯсфандвор мурдан намехост. Вале чӣ бояд кард, агар ту бо тамоми фидокорият аз камтарин имкон маҳрум бошӣ? Агар то марги ту панҷ дақиқа монда бошад ва ту базӯр зинда бошию ҳатто ба ҳақорати баланд карда ранҷонидани ин сагҳои дайду қудратат нарасад, чӣ ҳам аз дастат омаданаш мумкин аст.

Бале, чунонки сипосгузорӣ намешавад, подош ҳам намешавад, чунки ба чизи сазовор нагашта умедворӣ нашояд. Ҳарчӣ бошад, ӯ ба рафтори Рибак розӣ шуда наметавонист, ин ба моҳияти инсонии вай, имони вай, ахлоқи вай муқобилат мекард. Ва ҳарчанд ӯ дар ҳоле буд, ки доираи имкони бе ин ҳам маҳдудаш, боз маҳдудтар мешуд ва ҳатто марг онро ҳеҷ васеъ карда наметавонист, бо вуҷуди ин ӯ дар ихтиёри худ як имкон дошт. Вай акнун аз ин заррае даст намекашад. Он, дар асл, фақат ягона он, аз худи ӯ вобаста буд, на аз ҳеҷ каси дигар, танҳо ӯ ҳаққи комили истифодаи онро дошт, чунки ҳамчун инсони поквиҷдон, сарфарозу шарафманд аз ин дунё рафтан фақат дар ихтиёри ӯ буд.

Ин охирин илтифот, шукӯҳи муқаддас ба ӯ подоши ҳаёт буд.

Онҳоро як-як ба назди дор ба бурдан сар карданд. Петри мутеъ ва бахудфурӯрафтаи хомӯшро ба зери ҳалқаи аз сардорон дуртарин оварданд. Сотников ба ӯ нигаристу гунаҳгорона рӯй турш кард. Дишаб афсӯс мехӯрд, ки аминро напаронидаанд, акнун бояд ҳамроҳ дар ин болор овезон мешуданд.

Петрро барои аввалин шуда ба харак баромадан маҷбур карданд ва он дар зери зонуҳои вай бисёр хам хӯрда, қариб чаппа шуда буд. Будила, ки, эҳтимол, дар ин ҷо ҳам вазифаи сарҷаллодро ичро мекард, ҳақорат дод, худаш ба болои он ҷаста баромад ва мӯйсафедро ҳам ба он ҷо кашола кард. Амин дар рӯи харак боэҳтиёт рост шуд, сарашро набардошта, ботамкин ва бузургворона, ба ҳамон тарзе ки дар маъбад мекунанд, ба мардум таъзим кард. Баъд Басяро ба назди харак тела доданд.

Духтарак ба ҷои худ чолокона баромад ва пойҳои сармохӯрда ва кафидаашро ба ҳам зада, бо содагии бачагона тӯдаи мардумро, ки назди панҷарадевор меистоданд, аз назар мегузаронд – гӯё дар он ҷо шиносҳояшро мекофт.

Харак лекин ба ҳама нарасид. Дар зери ҳалқаи минбаъда қуттии фанерии зард меистод, дар ду ҷои дигари рӯи барф ғӯлаҳои нимметрие ки аз чӯби ғафси калон ба тозагӣ буридаанд,

намудор буд. Сотников фикр кард, ки ӯро ба болои кӯттӣ мебароранд, вале зани Демянро ба назди кӯттӣ ва Рибак бо полис ӯро ба канор, ба назди ғӯлаҳо кашола карда бурданд.

– Вой, вой ҷанобон, аз гуноҳам гузаред! Аз гуноҳи зани бефаҳм гузаред, ман намехостам, гумон надоштам!– садои фарёди зани Демян баланд шуд. Сотников аз ин овози ногаҳонӣ ба қафо нигарист – зан пойҳояшро тиргак карда, ба зери ҳалқа даромадан намехост, ҳар навъ карда, худро аз полисҳо қафо мекашид.

Гиряи ӯро фарёдҳои ғазабноки сардорон пахш кард. Будила ким-чӣ фармоне дод ва полисе, ки Сотниковро мебурд, ӯро ба Рибак вогузошт ва худаш ба сӯи зани Демян тохт. Чанд полис занро ба болои кӯттӣ кашола карда баровcovered.

Рибак, ки бо Сотников монд, ӯро ноустуворона ба назди ғӯлаи охири зери тоқ бурд ва истод. Рост дар болои онҳо, ҳалқадаваки канабии чун дигарҳояш наппа–нав, ки тангтар баста шуда буд, овезон шуда, дар боло оҳиста-оҳиста тоб мехӯрд. «Якто барои ду кас» – аз чӣ бошад, фикр кард Сотников, ҳарчанд маълум буд, ки ин ҳалқа танҳо барои ӯст. Ба болои ғӯла баромадан лозим буд. Вай каме, то даме ки дар хаёлаш ин ҳарфҳои ноумедона: «Эҳ, ҳарчӣ бодо бод» чун ҳақорат надурахшиданд, бечуръатона сабр карда истод. Ӯ ба Рибаки андӯҳгину хомӯш: «Бидор!» гуфт ва зонуи сиҳаташро ба ҷои буридашудаи ғӯла гузошт, ки дар он аз тагчарми мӯзаи кадоме нақши нави чиркин монда буд. Рибак дар ин асно помонакро бо ду дасташ оғӯш карда медошт. Сотников барои мувозинат ба тахтапушти ӯ бо оринчаш камакак такя карда, зӯр зад ва дандонҳояшро фишурда, бо сад азоб ба болои ғӯла баромад.

Вай пойҳояшро ба ҳам оварда, дар рӯи доираи танг лаҳзае хомӯш истод. Пушти сараш аллакай расидани ҳалқаи шахшӯл ва ҷонфарсоро ҳис мекард. Дар поин тахтапушти васеи Рибаки нимпӯстинпӯш шах шуда буд, дастони дурушти ӯ пӯстлохи ғӯлаи санавбарро сахт медоштанд. «Халос хӯрд, разил!» – бадхоҳона гӯё бо ҳасад фикр кард дар бораи ӯ Сотников ва ҳамон лаҳза ба шубҳа афтод: оё лозим аст ҳамин тавр? Ӯ худро як умр барои аз дигарон ҳам баробари худаш талаб кардан ҳақдор мешумурд, вале ҳоло, дар охирин лаҳзаҳои ҳаёташ ин бовари пешинаашро баногоҳ гум кард. Рибак партизани бад набуд, шояд дар армия старшинаи таҷрибадор ҳисоб меёфт, вале чун инсон ва шаҳрванд, бешубҳа, аз кадом – чизе баҳра набардошта буд. Лекин, вай қарор кард, ки бо ҳар роҳ бошад зинда монад – ҳама гап дар ҳамин аст.

Дар паҳлу зани Демян ҳоло ҳам мегирист, аз дасти полисҳо халосӣ меҷуст, немиси дастпӯшаки зарддор аз рӯи коғаз ба хондани ким-чӣ сар кард – ҳукм ва ё, эҳтимол, фармони пеш аз қатл аҳолии баинҷорондаовардаро мехонд. Охирин дақиқаҳои ҳаёт мегузаштанд ва Сотников дар болои ғӯлачӯб карахт истода, ҳамаи ин намуди безеб ва муқаррарии кӯчаҳои шаҳрчаро, бо андоми ғамолуди одамон, дарахтони пажмурда, панҷарадевори шикаста, теппачаи яхбастаи назди қубури оҳанӣ, ки ба ӯ аз бачагӣ шинос буданд, ба ҳамаи ин, бо назари ташнаи хайрбодӣ нигариста, онҳоро дар дили худ ҷо надод.

Аз байни шохҳои бориқи боғи хурд деворҳои фатароти маъбадчаи на он қадар дур менамуд, ки боми оҳании зангбастаи он бе салиб ва аз болои ду гунбази сабзи рангпарида кашида шуда буд. Ба рӯи чанд тирезаи хурди он саросемавор чӯбҳои гурмдори нотарошида зада, баста буданд.

Ана, дар шафат кадоме аз полисҳо қадам зад, ба арғамчини ӯ даст дароз кард; дастони густохи ӯ, ки андаруни нӯгостини хокистарранг буданд, ҳалқаро дар болои ӯ дошта, гӯшҳои сармохӯрда ва дардманди ӯро харошида, ҳалқаро аз сари ӯ то манаҳаш даровcovered. «Ана, акнун тамом», – аз фикраш гузаронд Сотников ва ба поён, ба мардум чашм дӯхт. Табиат ҳамчунон табиӣ, бе кӯшиши махсус ҳамвора бо хушӣ ва нармию фароғат дар ҷони ӯ менишаст, аммо ӯ акнун дидани одамонро мехост. Ӯ ба мардуми муқаррарии шаҳрча, ки дар нимпӯстинҳо, камзӯлҳои кӯтоҳи пахтадор, либосҳои кӯҳнаи ҳарбӣ, рӯмолҳо, куртаҳои пашмии дастбоф буданд ва ноҳамвор қатор шуда бодиққат меистоданд, ки дар байни онҳо бештар занҳо ва баъзан мардҳои солхӯрда, наврасон, духтарҳо дучор мешуданд, нигоҳи ҳасратомези худро давом дод. Дар байни қиёфаҳои якранги онҳо диққати ӯ ба андоми лоғараки писарбачаи

тақрибан дувоздаҳсола, ки кӯҳнакулоҳи ҳарбии будёновкаро ба пешонааш поин кашида буд, банд шуд. Писарбача ба ким-чӣ хел либосе сахт печида, дастони сармохӯрдаи худро ба даруни остин кашида, ё аз хунукӣ ва ё аз тарс меларзид, ки аз ҳамин ҷо намоён буд ва ба ҳамаи ин манзараи зери дор, ки дар чеҳраи рангпаридаю беморнамояш осори ҳайрати бачагонаро ҳувайдо карда буд, менигарист.

Аз ин ҷо ҳукм кардан душвор буд, ки муносибати вай ба онҳо чӣ гуна аст, аммо баногоҳ дар Сотников хоҳише пайдо шуд, ки вай дар бораи онҳо фикри бад накунад. Ва дар ҳақиқат, Сотников ба зудӣ нигоҳи ӯро дошта, дар он чунон ғуссаи бепоён ва ҳамдардиро ба худашон ҳис кард, ки худро дошта натавониста, ба маънои «ғам нахӯр, додаракам» ба писарча бо як чашм табассум кард.

Вай нигоҳашро поин афканда, дигар наменигарист, то шакли ба ӯ нафратовари сардорон, немисҳо, муфаттиш Партнов, Стас, Будиларо набинад. Вуҷуди воҳиманоки онҳоро вай бе ин ҳам ҳис мекард. Аз афташ, эълони ҳукм ба охир расид, ба немисӣ ва русӣ садои фармонҳо баланд шуданд ва ӯ баногоҳ ҳис кард, ки арғамчин гӯё ҷон пайдо карда бошад, дар гардани ӯ ба ҷунбиш даромад.

Касе дар он тарафи охири дор як-ду бор хиррос зад ва худи ҳамон замон зани Демян тамоман девонавор фарёд сар дод:

– Во–о–о–й! Намехоҳам! Намехоҳам!

Вале фарёди ӯ ҳамоно қатъ шуд, болори тоқ аз хунукӣ ғирчос зад, зане аз тӯдаи мардум паст фиғон кашида гирист. Дар дилаш ғуссаи тоқатшикане ворид шуд. Ким-кадом қувваи то охир сарфнашуда ӯро ба ҷаҳидани сахт ва чун ин зани Демян кашидани фарёди девонавору даҳшатнок ташвиқ месохт. Вале ӯ маҷбуран худдорӣ кард, фақат дилаш ба ларзаи дардомези пеш аз марг даромад: пеш аз анҷом ҳамин қадар мехост, ки худро ихтиёр дода, ҳой–ҳой гиря кунад. Ба ҷои ин вай баногоҳ охирин бор табассуми, эҳтимол, раҳмовар ва дардомезе кард.

Аз тарафи сардор фармон садо дод, аз афташ, ин акнун ба ӯ тааллуқ дошт, ғӯла дар зери пояш ноустувор шуд, ҷунбид. Сотников аз болои он қариб афтода ба поён нигоҳ кард – рӯи каҷи ришаш расида, чашмони ҳайрони рафиқи партизани худро дид, ки ба боло менигаристанд ва Сотников базӯр шунид:

– Бубахш, додар!

– Бало занад туро! – кӯтоҳ гуфт Сотников.

Ҳоло ҳозир ҳамааш тамом мешавад. Дар охир ӯ қомати навданиҳоли шахшудаи писараки будёновкапӯшро бо нигоҳаш ҷуста ёфт. Вай чун аввала аз дигарҳо ним қадам пештар бо чашмони калонкушода ва ранги парида меистод. Нигоҳи пурдарду ҳароси ӯ ҳаракати касеро дар зери дор таъқиб карда, ба ӯ торафт наздиктар мешуд. Сотников намедонист, ки аз он ҷо кӣ омада истодааст, вале аз чеҳраи писарак ҳамаашро то охир фаҳмид.

Помонаки ӯ дар дастони баногоҳ беҳолгаштаи Рибак боз ҷунбид, ки ӯ дар поён тарсида ва нобоб печутоб хӯрда, эҳтимол, ба кори охирин ва аз ҳама даҳшатноки худ ҷуръат намекард. Ана аз пас Будила ҳақорати сахте дод ва Сотников баногоҳ такяашро гум кард, нафастанг шуд ва бо тамоми вазн ба чуқурии сиёҳ ва буғикунанда фурӯ рафт.

## 18

Рыбак помонакро сар дод ва худро қафо кашид – дар назди ӯ пойҳои Сотников ба алвонҷ даромаданд, телпакаш рӯи барф афтод. Рибак якбора қафо рафт, вале дарҳол хам шуда, онро аз зери Сотников гирифт, ки ӯ аллакай оромона дар арғамчин тоб мехӯрд ва гоҳ ба ин тараф ва гоҳ ба он тараф давр мезад. Рибак ҷуръати ба рӯи ӯ нигаристан накард: вай дар пеши худ фақат пойҳои дар ҳаво овезонро, ки яке дар намадмӯзаи кӯҳна ва дигаре дар паҳлуи он пошнааш ба берун тоб хӯрда буд ва кафаш кабуду дар буҷулакаш рахи хуни шахшуда дошт, медид.

Вале ошуфтагиаш аз ин ҳодиса ӯро дуру дароз дар ихтиёри худ нигоҳ надошт – Рибак бо зӯри ирода саргарангиашро бартараф кард ва ба паҳлу нигарист. Дар паҳлу, дар байни

Сотников ва зани Демян арғамчини панҷум сабук алвонҷ мехӯрд – оё гардани ӯро интизор бошад?

Лекин гӯё ҳеҷ чиз хавфи ӯро тасдиқ намекард. Будила аз зери пои зани Демян қуттии фанерии зардро мегирифт, дигарон аз таги тоқ харакро мебардоштанд. Стас аз дур ба ӯ бо овози баланд чизе гуфт, вале Рибак то ҳол дар зери таъсири қатл буд ва гапи ӯро нафаҳмид ва ё нашунид, ки куҷо рафтанашро надониста меистод. Гурӯҳи немисҳо ва сардорони ғайриҳарбипӯш дар назди бино кам шудан гирифтанд – дар он ҷо гапзанон карда, сигарета кашида, ҳама ба димоғи чоқ пароканда мешуданд, гӯё машғулияти умуман аҷоиб ва дилхушкунандаеро анҷом дода бошанд. Ва он дам ӯ пурра набошад ҳам, бовар кард: маълум мешавад, ки халос хӯрд!

Бале, гӯё халос хӯрд, ӯро намеовезанд, вай зиндагӣ мекунад. Қатл ба охир расид, полисҳоро аз посбонӣ мегирифтанд, ба мардум фармони пароканда шуданро доданд ва занҳо, наврасон, пиразанҳо хомӯшу гиҷу гаранг аз ду тарафи кӯча кашола шуда мерафтанд. Баъзеҳо андак меистоданд, ки ҳарҷӣ дуртар раванд. Полисҳо гирду атрофи дорро охирин бор ба тартиб меоварданд. Стаси милтиқаш доимо дар китф ғӯларо аз таги ҳалқаи зиёдатии панҷум зада партофт ва боз ба Рибак ким-чӣ гуфт. Вай чун пай бурд, ки аз ӯ чӣ талаб карданашонро нодуруст фаҳмидааст, аз зери Сотников поймонакро гирифта, ба таги панҷарадевор партофт.

Вақте ки ӯ рӯяшро гардонд, дар муқобилаш Стас меистод, ки дар ниқоби рӯи ӯ табассуми муқаррарии дандоннамо ҳувайдо буд. Вале чашмони ӯ дар ин лаҳза ҳушёру сард мондан гирифтанд.

– Ҳӯ, хӯ! Лекин қандата зан! Устокор будаӣ, мурдор! – бо тамасхур таъриф кард полис ва ба китфи ӯ бо ҳамин хел зарбае зад, ки Рибак базӯр дар пояш поида тавонист ва дар дилаш фикр кард: «Ҳаром мурӣ, разил!». Вале ба рӯи фарбеҳ ва аз табассуми беҳис дарозшудаи ӯ нигариста, худаш ҳам танҳо бо лабонаш заҳрханди каҷе кард.

– Ту чӣ гумон кардӣ!

– Дуруст. Хайр, чӣ? Як роҳзан мурдааст – мурдааст. Ҳеҷ қисса не.

«Исто, ин чӣ гап? – нафаҳмид Рибак. – Ӯ дар бораи кӣ? Оё дар бораи Сотников?» Ӯ на якбора, вале ҳамаашро аниқтар, чиро дар назар доштани ӯро фаҳмидан гирифт ва ба шуури ӯ як сардии нохуши гунаҳгорӣ расида гузашт. Вале ҳоло ӯ ҳамроҳии худро ба ин куштор иқрор кардан намехост – вай ба ин чӣ алоқа дорад? Магар инро ӯ кардааст?

Вай фақат он ғӯлачаро кашида гирифт. Он ҳам бо фармони полис.

Чаҳор нафари овехта, ки ҳалқаҳо гарданашонро аз таг ғайриоддӣ буғӣ карда буданд, дар арғамчинҳои дароз, сарҳояшонро ба як тараф партофта, вазнин-вазнин алвонҷ мехӯрданд. Кадоме аз полисҳо ба сари синаи ҳар яки онҳо фанерчаи ба забонҳои русӣ ва немисӣ навиштаро овезон карда монд. Рибак он навиштаҳоро нахонд, вай умуман кӯшиш мекард, ки ба он тараф нанигарад – ҳалқаи панҷуми холӣ ӯро метарсонд. Вай гумон дошт, ки шояд онро аз дор кушода мегиранд, вале ҳеҷ кас аз полисҳо ба он ҳатто наздик нашуд.

Ҳамааш тамом шудагӣ барин буд, дар назди овехтагон посбон истод. Ӯ полисчаи ҷавони гардандароз буда, дар бар камзӯлчаи моҳутии хокистарранг ва дар китф милтиқи немисӣ дошт. Боқимондаҳо саф мебастанд. Рибак барои он ки халал нарасонад, аз кӯчаи калон ба пиёдароҳи тангакаки зери барф баромад ва саропо чашму гӯш шуда, давоми корро мунтазир истод. Дар фикраш, ҳамчунон дар ҳиссиёташ, парешонӣ буд, хурсандии наҷот аз чизе тира мешуд, ки худаш ҳам ҳоло чӣ будани онро дуруст нафаҳмида буд. Боз аз нав ҳисси пешинаи хомӯшшуда аз худ хабар дод, ӯро хоҳиши азиме пайдо шуд, ки рӯ ба гурез ниҳад ва ба ҷангал зада гузарад. Аммо барои ин фурсат интихоб кардан даркор буд. Акнун вайро дар ин ҷо ҳеҷ чиз нигоҳ намедошт.

Полисҳо бо гурӯҳи муқаррарии секасаашон саф бастанд, онҳо тақрибан понздаҳ нафар авбошони ҳархела буданд, ки дар сар пилоткаҳо ва дар бар шинелҳои низомӣ, нимпӯстинҳо, нимтанаҳои пахтагӣ, либосҳои кӯҳнаи аскарони сурхро доштанд. Якеаш ҳатто палтои чиркини доманаш то миён буридаро дошт. Дар кӯча одам қариб намонда буд – фақат дар дуртар дар боғча

чанд нафар наврасон ва дар қатори онҳо писараки лоғари беморнамои будёновкапӯш меистод. Вай бо даҳони нимбоз то ҳол бинӣ мекашид ва ба дор менигарист, ҳамин тавр менамуд, ки дар он ӯро чизе ба ташвиш меорад. Пас аз лаҳзае вай аз даруни остини дароз ба ангушташ ба он тарафи кӯча ишора кард ва Рибак аз хиҷолат китфашро такон дода, ба паҳлу қадам зад, ки дар паси полисҳо пинҳон шавад. Тамоми гурӯҳ аллакай бо фармонбарии хушнудона ба фармони ғулғуладори сардор итоат карда, шах шуда буд ва худи сардор ҳам фармон дода, дар кайфияти ширини ҳукмфармоии командираш моту мабҳут гашта, оринҷҳояшро ба услуби немисӣ ба ду тараф бароварда, меистод.

– Низом!

Полисҳои даста ҷунбиданду боз ором шуданд. Сардор нигоҳи хашмноки худро аз рӯи саф давонд, то дар роҳи пиёдарав ба андоми танҳое бархӯрд.

– Ту чӣ? Ба саф ист!

Рибак лаҳзае даступо хӯрд. Ин фармон дар як вақт ҳам умед мебахшиду ҳам ба ташвиш меандохт. Лекин фурсати андеша набуд, вай дарров аз пиёдарав давида фуромад ва ба охири даста, дар паҳлуи ким-кадом полиси қадбаланд ва телпаки сиёҳдор, ки ба ӯ бо адоват каҷ нигоҳ кард, истод.

– Қадам зан!

Ва ин оддию муқаррарӣ буд.

Рибак беҳаёл ба низоми қадамзании дигарон қадам монд ва агар дастони холияш, ки куҷо кардани онҳоро намедонист, намешуданд ва дар пеши чашм нӯгостинҳои равшан ва латтаҳои чиркини сафеду кабудчатоби аз рӯи остинҳо баста милт–милт наменамуданд, фикр кардан мумкин буд, ки ӯ боз дар даста, дар байни одамони худист.

Онҳо аз ҳамон кӯчае ки ба ин ҷо омада буданд, поин рафтанд, аммо ин аллакай тамоман роҳи дигар буд. Акнун андӯҳу рӯҳафтодагӣ набуд – аз шафат зиндадилӣ, қаноатмандӣ ҷараён мекард, ки ҷои ҳайрат ҳам надошт: вай дар байни ғолибон буд. Онҳо худро ба ним сол, як рӯз ва ё як соат бошад ҳам, ниҳоят бардам, аз дарки ҷазои додаашон ва ё, эҳтимол, аз комил адо кардани қарзашон сархуш ҳис мекарданд: баъзеҳо бо нимовоз гуфтугӯ доштанд, хандаҳо, шӯхиҳо шунида мешуданд ва ҳеҷ кас ягон бор ба қафо, ба тоқ нанигарист. Лекин ба онҳо акнун ҳама баргашта нигоҳ мекард. Онҳое, ки иҷрои ин қасдро дида буданд, дастаи хиёнаткори шаҳрчаро бо коҳиш, бо ҳарос ва ҳатто бо нафрати рӯирост, ки дар чашмони аз гиря сурхи занҳо ҳувайдо буд, гусел карда, қад-қади девору таворахои фарсуда мерафтанд. Вале ин полисҳоро як зарра ҳам ба ташвиш намеовард, онҳо эҳтимол, аз рӯи одаташон ба мардуми беҳуқуқ, ҳаросон ҳеҷ эътибор намедоданд. Рибак бо изтироби афзоянда фикр мекард, ки гурехтан даркор аст.

Шояд дар ана он ҷо, дар гардиш, аз болои панҷара ҷаҳад ва аз шаҳрча зада барояд. Хуб мешуд, агар дар наздикӣ ягон ҷарӣ ва ё ҳеҷ набошад, буттазор ва аз он ҳам беҳтар ҷангал бошад. Ва ё дар рӯи ҳавлӣ асп ба даст афтад.

Рӯи роҳ барф хиширрос мезад, полисҳо бо тартибу низом по ба по мерафтанд, аз паҳлу, аз роҳи пиёдарави танг сардор қадам мезад, ки марди барҷастакитф, рӯпаҳн ва аз рӯи шинелаш таранг карда тасма баста буд. Дар камари ӯ нагани (туфанги) милисагии аз поён баста, ки ғилофи чарми хӯрдашудаи чокҳояш мисидӯхт дошт, овезон шуда меҷунбид. Дар паси кӯпрук онҳое, ки дар сафи пеши даста буданд, қадамашонро суст карда, худро канортар гирифтанд – касе аз рӯ ба рӯ савора меомад ва сардор ба ӯ бо таҳдид фарёд зада монд. Баъд боқимондаҳо ҳам дар саф ҷафстар шуданд, ким-кадом марди миёнсол ба онҳо қариб расида гузашта, чанаи холияшро ноуҳдабароёна рост ба таги тирезаи кулбаи паст ба замин нишастае меронд. Ва Рибак баногоҳ пурра ва воқеан тасаввур кард: тозон ба чана ҷаҳад, ҷилавҳоро чанг зада гирад ва аспҳоро сахт занад – шояд гурехта тавонад. Вале ин мардак! Ӯ тойи ҷавон ва беқарорро нигоҳ дошта, ба сардори даста ва ба ҳамаи онҳо назаре афканд ва дар он нисбат ба онҳо чунон адовате ифода шуд, ки Рибак фаҳмид, не, бо ин кораш барор намегирад! Набошад, бо кӣ барор мегирад? Ва он дам гӯё осмон ба сараш фуруд омада бошад, ӯро фикре банохост зеру забар

кард: ҷои гурез нест. Пас аз ин несту нобудкунӣ – ба ҳеҷ ҷо. Аз ин саф аллакай роҳи гурез набуд.

Аз возеҳияти моту мабҳуткунандаи ин кашфиёт ӯ низоми рафтанашро гум кард, қадамашро гузаронида, бо тарс ҷаҳид, вале боз ба низоми қадам рост наомад.

– Ту чӣ кор мекунӣ? – бо овози ғафс беэҳтиётона гуфт ҳамшафаташ.

– Ҳеҷ чӣ.

– Мабут, одат накардаӣ? Ёд мегирӣ!

Рибак хомӯш монд ва набудани ҷои гурезро равшан фаҳмид: бо ин несту нобудкунӣ ӯро чунон сахт ва боэътимод бастаанд, ки бо тасма бастан дар қиёси он чизе нест.

Ва ҳарчанд зинда гузоштаанд, вале, аз як ҷиҳат, ӯро ҳам несту нобуд кардаанд.

Бале, акнун ба гузашта бозгашт набуд – ӯ ба таври ҷиддӣ, тамоман ва ниҳоят ғайричашмдошт нобуд мешуд. Ӯ акнун ба ҳама ва дар ҳама ҷо душман аст. Ва маълум мешавад, ки ба худаш ҳам.

Ӯ ҳайрону саргаранг дуруст сарфаҳм рафта наметавонист, ки ҳамаи ин ҳодиса чӣ тавр рӯй дод ва кӣ дар ин гунаҳкор аст. Немисҳо? Ҷанг? Полисҳо? Асло намехост, ки худаш гунаҳкор бошад. Ва дар ҳақиқат ҳам гуноҳи ӯ дар чӣ буд? Магар ӯ ба худаш чунин қисматро интихоб кардааст? Ва ё ӯ то охири лаҳзаҳо мубориза накард? Ва ҳатто нисбат ба он Сотникови шуҳратпараст бисёртар ва босуботтар мубориза кард. Бо вуҷуди ин ба бадбахтии ӯ аз ҳама бештар маҳз Сотников гунаҳкор буд. Агар ӯ бемор намешуд, худро ба таги тир намезад, вайро бо худаш ба ин қадар оворагӣ водор намекард, Рибак, эҳтимол, кайҳо дар ҷангал мешуд. Ана ҳоло ба ӯ, ки дар ҳалқаи дор аст, ҳеҷ чиз фарқ надорад, ин, зинда акнун чӣ ҳол дорад!

Рибак ба ошуфтагии тамом, ки шуурашро пардаи ғуборе фаро гирифта буд, дар қатори даста то дарвозаи шиноси идораи полис қадам зада омад. Онҳоро дар саҳни васеи ҳавлӣ боздоштанд, бо фармон ҳамаашонро якбора ба тарафи айвонча гардонданд. Дар он ҷо аллакай сардор, муфаттиш Партнов ва он ду нафаре ки дар либоси жандарми немисӣ буданд, меистоданд. Полиси калон бо овози баланд аз омада расиданашон хабар дод ва сардор ба даста нигоҳи инодкоронае партофт.

– Вольно! (Озод бош!) Бист дақиқа танаффус, – гуфт ӯ, бо нигоҳаш Рибакро кофта ёфта. – Ту ба назди ман медароӣ.

– Итоат! – аз ким-чизи ногузир, ки ба ӯ сахт ҷафс шуда меомад, тазъиқ хӯрда, базӯр гуфт Рибак.

Ҳамсояаш бо оринҷ ба паҳлуи ӯ зад.

– Явол, на итоат! Одат кардан даркор.

«Бало занад туро! – ҳақорат дод дар дилаш Рибак. Ва умуман, ҳамаашро бало занад. Ба ҷаҳаннам равад! Абадан!»

Дастаро сар доданд. Рибак ба атроф нигоҳҳои ошуфта андохта, ба чӣ қарор омаданашро намедонист. Дар саҳни ҳавлӣ полисҳо ба ғалоғула, талотӯб сар карда, ба мулоиматӣ ҳақораткунон ба тамокукашӣ сар карданд, ки дар ҳаво дуди ширини сигарета паҳн шуд. Баъзеҳо ба сӯи бино рафтанд, яке аз кунҷаки ҳавлӣ, ба тарафи хоначаи тахтагии дудара равон шуд. Рибак яктарафа–яктарафа ба он сӯ рафт.

– Ҳуй, ту куҷо?

Дар қафо Стас, ки дар чашмонаш ҳассосии хавотиромез ҳувайдо буд, меистод.

– Ҳозир, як дақиқа.

Ӯ инро гӯё хеле оромона, дар худ ягона роҳи халосиро пинҳон дошта гуфт, ки Стас бепарвоёна рӯ гардонд. Ҳа, бало занад! Ҳамаро ҳама чизро! Рибак дари ғичирросзанандаро сахт кашид, аз дарун чангаки симинро маҳкам кард ва ба боло нигарист. Сақф баланд набошад ҳам, барои эҳтиёҷи ӯ баландияш кифоя буд. Аз байни тахтаҳои роғ–роғ дар боло тол рах-рах сиёҳӣ мекард, аз арзи тахта тасмаро осон гузаронидан мумкин буд. Ӯ бо қатъияти пурғазаб тугмаҳои нимпӯстинашро кушод ва банохост дар ҳайрат афтода шах шуда монд – тасма дар

шимаш набуд. Ва ӯ чӣ тавр фаромӯш кардааст, ки дишаб пеш аз он ки онҳоро ба таҳхона андозанд, полисҳо тасмаро кушода гирифта буданд.

Дастони ӯ саросемавор либосашро мекофтанд, ки ягон чизи мувофиқ пайдо кунанд, вале дар ҳеҷ ҷо ҳеҷ чизи мувофиқ набуд.

Аз паси тахтадевор садои баланди пошнаҳо расиданд, дар вазнин ғиҷиррос кард – охирин имкони бо қисмат ҳисоби худро баробар кардан аз даст мерафт. Ба поин сарнокӣ партоюю мон!

Ӯро ноумедии бепоёне фаро гирифт, ӯ хоҳиши ногаҳонии чун саг нӯла кашиданро дар худ базӯр фурӯ нишонда, нолид. Вале аз берун овози шинос ихтиёрашро ба ӯ баргардонд.

– Чӣ, қариб шудӣ? – аз дур бо овози баланд гуфт Стас.

– – Ҳозир, ҳозир...

– Сардор ҷеғ мезанад!

Бешубҳа, сардор ба сусткорӣ тоқат надорад, ба назди сардор тозон рафтан даркор аст. Ба замми ин агар аз ту полис сохтанро муқаррар карда бошанд. Дирӯз ӯ дар ин бора чун дар бораи наҷот фикр мекард. Имрӯз ба амал омадани ин орзу барои ӯ ба фалокат табдил ёфт.

Рибак бинӣ афшонд, парешонхотирона тугмаи нимпӯстинашро ёфта гузаронд. Акнун, эҳтимол, ҳеҷ кор карда наметавонад – қисмат ҳамин будагист. Қисмати маккори одами дар ҷанг роҳгумкарда. Ӯ дар ҳоле ки ҳеҷ чиз фикр карда ёфта наметавонист, чангакро кушод ва барои бартараф кардани парешониаш кӯшида, аз ҳоҷатхона баромад.

Дар остона сардори полис ӯро бесаброна мунтазир меистод.

**Соли 1971**

**А. Коломиетс (Нависандаи украин)**

# ФАРИШТАИ ВАҲШӢ

**(Намоишнома иборат аз ду парда)**

ИШТИРОККУНАНДАГОН:

Ангел Платон Никитич
Уляна – зани ӯ
Пётр
Фёдр – писарони онҳо
Павлик
Таня – духтарашон
Лида – зани Пётр
Оля – зани Павлик
Клава – духтури участка
Рангмол – шавҳари Клава
Крячко – нафақахӯр
Клоков – мухбир
Виля – рассом

## НАМОИШИ ЯКУМ

***Ҳавлии на он қадар калон. Пешайвони хонаи якошёна, ки дар наздаш устохона сохта шудааст. Дар миёнҷои ҳавлӣ мизи тахтагин. Сутун: дар он дастшӯяк, дар дигар тарафаш дар зери офтобгардон, телефон. Креслои алвонҷхӯрандаи дастисохт. Дар дуртар нимкат.***

***Таня дар назди сутуни дастшӯякдор мӯй шона мекунад. Лида дар креслои алвонҷхӯранда нишастааст. Уляна рӯи миз дастархон меорояд.***

***Лида.*** Хонаи шумо – қалъачаи дастнорас. Дар ин ҷо оромӣ ва эҳсоси комили бехатарӣ ҳукмфармост. Дафъаи гузашта, вақте ки ман ба хонаи Шумо меомадам, дар кӯча дар зери раъду барқ мондам. Он қадар тарсидам ки!.. Ба ин ҷо, ба ҳавлӣ давида даромадаму тамоми тарсам гум шуд. Гӯё ки раъду барқ ба ин ҷо ҳатто наздик шуда наметавониста бошад.

***Таня.*** Албатта, наметавонист, агар падарам дар хона мебуд.

***Уляна.*** Лаққиданро бас кун, Таня!

***Лида.*** Телевизори ранга ва курсии дастисохт дар ҳавлии шумо ба ҳамдигар бисёр ҳам мувофиқат мекунанд.

***Уляна.*** Агар ҳавлии мо ба ту ин қадар маъқул бошад, ба курорт рафтанат чӣ зарур? Дар ҳамин ҷо истироҳат мекардӣ.

***Лида.*** Баҳр...

***Таня.*** Аз баландӣ баҳр як кӯлмак барин менамояд.

***Уляна.*** Ту худат баҳрро кай аз баландӣ дидӣ?

***Таня.*** Надида бошам – мебинам.

***Уляна.*** Ба сараш як гапро ҷой кардааст, ки... стюардесса мешудааст.

***Лида.*** Падарам чӣ мегӯянд?

***Уляна.*** Ин ҳамин хел ки падарашро ҳам розӣ мекунад.

***Фёдор.*** Лида, ту аз баҳр чанд рӯз пеш аз вақт баргаштӣ?

***Лида.*** Ҳафт рӯз...

***Уляна.*** Пулашро баргардонданд?

***Лида.*** Не.

***Уляна.*** То охираш истодан даркор буд.

***Лида.*** Шуморо хабар гирифтан хостам ва хонаро ҳам пазмон шудам. Пётрро ҳам. Писарамонро ҳам аз хонаи модарам гирифтан даркор. Мову Пётр бе ӯ ҳеҷ наметавонем.

***Уляна.*** Пётр соли гузашта ва имсол ҳам бе мураххасӣ монд. Ақаллан ба ҳавлии мо меомад.

***Фёдор.*** Калонгарӣ мекунад.

***Уляна.*** Дар бораи бародар магар ин тавр гуфтан мумкин аст?

***Фёдор.*** Мумкин.

***Лида.*** Калонгарӣ намекунаду ба таги кор мондааст. Вай он қадар ташнаи кор аст, ки... худи ҳамаи шумо барин.

***Таня.*** Маро аз ин гурӯҳ метавонӣ, ки хориҷ кунӣ.

***Уляна*** (ба духтараш). Бас аст орою торо додан. Беҳтараш ба полиз давида раву пиёз канда биё.

*Таня меравад.*

***Лида.*** Шумо аллакай полез ҳам доред?

***Уляна.*** Дар паси гараж як ҷӯякча. Барои як порча замин ин қадар нохушӣ...

***Лида.*** Пас чаро гирифтед?

***Уляна.*** Охир бе полиз, бе сабзавоти тару тоза чӣ хел мешавад? Дар бозор як бандча шибит ним танга! Мардум на шараф доранду на виҷдон. Даҳ тин барои як бандча алаф. Карамшӯрбо бисёр қимат меафтад...

***Лида.*** Пётр бисёр вақт ба такрор мегӯяд, ки як карамшӯрбои модарам пухтагӣ мешуд.

***Уляна.*** Барои карамшӯрбо сабзавоти тару тоза ва гӯшти бозор даркор...

*Таня медарояд ва пиёзро рӯи миз мегузорад.*

Ҳа, қариб фаромӯш карда будам... Кӣ пагоҳ ҳамроҳи ман ба бозор меравад?

***Лида.*** Ба кадомаш меравед?

***Уляна.*** Ба район, ба ягонтоаш, ки арзонтар бошад.

***Таня.*** Ман намеравам.

***Фёдор.*** Барои чӣ?

***Таня.*** Барои он ки ман шаҳодатномаи ронандагиро навакак гирифтам. Якшанбе мошинҳо бисёр, ба фалокат дучор шуданам мумкин аст.

*Павлик ба остона мебарояд.*

***Павлик.*** Оча, куртаи сафедам кучост?

***Уляна.*** Дар ҷои либосҳои дарзмолкарда... Павлик, пагоҳ ба бозор меравем?

***Павлик*** (*қатъӣ*). Не. (*Ба хона медарояд*).

***Уляна.*** Ин қадар пул харҷ карда ин мошинро барои чӣ гирифтем? Барои он ки дар гараж истад?..

***Таня.*** Дар гараж меистад? Охир ин «Запорожетс»–и мо тамоми бозорҳои арзонро кайҳо давр зада баромадааст.

***Лида.*** Ман, росташ, ҳоло худам танҳо ягон бор мошин нарондаам, аммо имтиҳони ронандагиро додам. Ману Пётр қарор кардем, ки мошин харем.

***Уляна.*** Ба кадом пул?

***Лида.*** Кам-кам ҷудо карда мемонем.

*Павлик дар остона*:

***Павлик.*** Оча, тугмаи болои куртаам канда мешавад.

***Уляна.*** Таня дӯхта деҳ.

***Таня.*** Хӯҷаинҳо буданд, ғуломон буданд, акнун ҳама рафиқон шудаанд.

Павлик. Оча, сӯзан куҷост?

Уляна. Дар сӯзанхалак.

*Павлик ба хона ворид мешавад.*

***Таня*** (*ба Лида наздик меояд*). Либосҳои ту ин қадар навмӯд аст. Ту инҳоро аз куҷо меёбӣ?

***Лида.*** Пётр меёбад. Вай баду неки либосҳоро нисбат ба ман беҳтар медонад.

***Таня***. Ман ҳам, Пётрамон барин, як шавҳарак пайдо мекардам...

***Лида***. Ту духтари зебо ҳастӣ, ба худат аз рӯи хоҳишат шавҳаршаванда интихоб мекунӣ.

***Таня***. Домодҳои ҳозира ҳамин хел, ки худашон барои як шиша арақ пул пурсида мешинанд. Онҳо куҷою дар бораи либоси зан фикр кардан куҷо?

***Фёдор***. Пётр ҳар моҳ нимҳазорӣ меғалтондагист-а?

*Павлик дар остона пайдо мешавад.*

***Павлик***. Оча, галстукам куҷост, ҳамон сафедтобаш.

***Уляна***. Дар ҳамон ҷое, ки партофта будӣ, дар пояи кат.

*Павлик ба хона медарояд.*

***Фёдор***. Аз худ рафтааст Пётрамон, хабаргирӣ омада метавонист.

***Лида***. Ман мегӯям-ку, вайро аз кор канда наметавонӣ. Хулқу хӯи шумо, Ангелҳо, як аст.

***Таня***. Аз вилоят мухбир омада буд, бо ман гуфтугӯ кард: дар бораи падарамон очерк навиштан мехост. Ҳа, аз афташ, аз фикраш гашт, ба ӯ ким-чӣ маъқул нашуд. Инро дағал, инсон нест, мегӯяд ӯ.

***Уляна***. (ба писараш). Ӯ чаро ин тавр мегӯяд... дар бораи ту?

***Фёдор***. Ман дар бораи чӣ пурсидани ӯро ҳатто дуруст нашунидам. Барои ҳамин гуфтам, ки дар танаффус гапзанон мекунем. Дағал худаш. Кас кор мекунаду ӯ дар гирдат пилмида мегардад.

***Таня***. Ба ин ҷо ҳам омада буд. Эҳтимол имрӯз ҳам биёяд.

***Уляна***. Ба падарат гуфтан даркор.

***Таня***. Эҳтимол, набиёяд ҳам...

***Уляна***. Туро фаҳмида намешавад: гоҳ мебиёяд, гоҳ намебиёяд.

(*Суруди «Бобои ман роҳзан аст» баланд мешавад*).

*«Бувад бобои ман раҳзан,*
*Бале, раҳзан, бале, раҳзан.*
*Бувад машҳур ӯ дар байни марду зан,*
*Касе, ки бигзарад аз назди бобоям,*
*Диҳат пулҳои худро ӯ ба бобоям.*
*Вагарна мезанад бобом.*
*Вагарна мезанад бобом.*
*Куҷоӣ, эй замони дузду раҳзанҳо,*
*Кунам, то зиндагӣ бо раҳзанӣ танҳо.*
*Бале, бо раҳзанӣ танҳо».*

Боз ҳамон лаънатии худро монд.

***Таня*** (*ба назди телефон омада, рақам мечинад*). Ваняҷон, Ваняҷон! Хомӯш кун, аблаҳ, ин дарди сарро! Мон, ки хӯрок хӯрем. Мешунавӣ? (*Гӯшаки телефонро мегузорад. Ба Лида*) Ин ҳамсояи мо, Ваня Крячко, дилхушӣ мекунад...

*Суруд қатъ мешавад.*

***Лида***. Ба гап гӯш кард.

***Уляна***. Ӯ аллакай аз гиребони падараш мегирифтагӣ шудагӣ... Ӯ барин бадроҳа кам аст. Рост аст, ки аз Таняҷони мо камтарак метарсад.

***Фёдор***. Таня, пагоҳ ба бозор мерафтӣ?

***Таня***. Падарам касеро, ки гӯяд, ӯ меравад.

***Лида***. «Падарам ба касе, ки гӯяд»! Писари мо ҳам аллакай сурудеро мехонад, ки шумо дар бачагӣ мехондед... Чӣ тавр буд? (*Бо замзама кӯшиши ба ёд овардан мекунад*).

*Модарам гуфто, ки «шӯхӣ бас дигар,*
*Сокиту дам бош, меояд падар».*
*Модарам гуфто, ки «шӯхӣ бас дигар,*
*Хӯрд бояд ош, меояд падар!»*

Худатон бофтед, ё дар он ҷо шунидед?

***Фёдор***. Ин ҳамаи суруд нест. Он дароз аст...

*«Модарам гуфто, ки шӯхӣ бас дигар,*
*Кор бояд кард, меояд падар»...*

***Таня***. Ин бандашро Фёдор, албатта, тамоми умр дар ёд доштагист. Як вақтҳо ӯ чанаи худро шикасту соз кардан нахост. Падарам як адабашро дод, ки ...

***Уляна***. Ба ҳама кам-кам мерасид. Фақат ҳамин Павлик андаке меҳрубонӣ медид.

***Таня***. Эркача.

*Маҳз дар ҳамин лаҳза Павлик медарояд.*

***Павлик*** (*ба Таня*). Илтимос, галстукамро гиреҳ кун.

***Таня*** (*гиреҳ мекунад*). Вақташ расидааст, ки худат ёд гирӣ.

***Павлик***. Гиреҳашро васеътар кун.

***Таня***. Чӣ шуд ба ту? Худи ягон чизро дуздидагӣ барин дастонат меларзанд, чашмонат чашмони ҷӯгии бозор барин чалақ–палақ. Метарсӣ, ки барои се гирифтанат гап мешунавӣ?

***Уляна***. Хап шав, падарат шунавад – хӯрок захр мешавад. Павлик, аз стипендия маҳрум намекунаанд?

***Павлик***. Не.

***Уляна***. Хайрият. Таня, падаратро ҷеғ зан. Вақти хӯрок шуд.

***Таня*** (*назди устохона меояд ва мушт бар дар мезанад*). Ҷаноби президент, хӯрок тайёр!

***Лида***. Пётр ҳикоя мекард, ки ӯ ҳеҷ вақт надидааст, ки падараш истироҳат карда бошад... Ҳама вақт ягон чиз месозад.

*Платон аз устохона мебарояд. Дар гузашта одами боқувват буданаш маълум аст. Қиёфааш ҷиддӣ, хаста. Ба назди дастшӯяк омада, дасташро мешӯяд. Павлик дастпоккун мебарорад.*

Маро, албатта, барои беодобиям бубахшед, аммо мегӯям, нагуфта наметавонам. Нигоҳ мекунаму мебинам: Уляна Ахтисевна хӯрок мепазад. Фёдор ким-чӣ месозад. Платон Никитич хомӯшона даст мешӯяд. Павлик дастпоккунро тайёр нигоҳ медорад. Вақти дафъаи гузашта омаданам ҳам, ҳамааш ҳамин тавр буд. Ман гӯё як филмро бори дуюм мебинам.

***Таня***. Кадри ояндааш кадом мешавад?

***Лида***. Эҳтимол Уляна Ахтисевна мегӯяд, ки «Вақти хӯрок шуд, курсиҳоро монед».

***Уляна***. Ин ҳам дуруст аст. Бачаҳо курсиҳоро гиред, Фёдор, ба Лида курсӣ биёр.

***Лида***. Анъанаро вайрон намекунем. Ҳар кас барои худаш биёрад.

*Павлик, Таня, Лида барои худ курсӣ меоранд. Фёдор барои модараш овард ва худаш таъмир кардаашро монд. Павлик курсии роҳати калони дастисохтро кашола карда меорад ва дар мобайн мегузорад – барои сардори оила. Ҳама мешинанд.*

(*Шишаи шаробро мебарорад*). Шароби Қрим.

***Фёдор***. Хӯроки нисфирӯзӣ нею зиёфат-ку!

***Таня***. Пеш аз зиёфат – экспроприатсия ва ё ба забони умум гӯем дар рӯзи равшан ғоратгарӣ.

***Платон*** (*ба роҳаткурсӣ мешинад*). Шароб?

***Лида***. Ман инро аз Қрим овардаам. Охир, имрӯз шанбе.

***Таня***. Рӯзи маош – қариб рӯзи ид.

***Платон***. Шароб барои хӯроки пешин нест. (*Блокнотро гирифта, ба чашм айнак мемонад*).

***Лида***. Ҳатто блокнот ҳам худи ҳамон!

***Таня***. Бо хати падарам ин блокнот! Ба тамоми умри мондагиаш мерасад. Ҳарф не, рақам не, тухми кӯкнор барин хурд.

***Фёдор*** (*назди падар меояд, аз кисааш пулро мебарорад, медиҳад*). Дусаду сӣ сӯм.

*Падар пулро мегирад, мешуморад.*

***Уляна***. Айб аст, ба писар бовар накардан.

***Платон***. Агар кассир кам дода бошад-чӣ? Пулро аз нав шумурдан айб не, аммо ҷавони ришаш насабзидагӣ барин дусаду сӣ сӯм овардан, айб аст.

***Фёдор***. Дастгоҳи корам нав, ҳоло омӯхта нашудаам.

***Платон***. Дар як моҳ дусаду сӣ сӯм, харроти асбобсоз. Ба ин қадар тану тӯшу қувват...

***Фёдор***. Ба тану тӯшу қувва ҳақ намедиҳанд, ба кор медиҳанд.

***Платон***. Бале, бале, барои кор медиҳанд. Кори иловагӣ гир!

***Уляна***. Ба Федя барои харочоти майдачӯйдаяш пул деҳ охир.

***Платон***. Моҳи гузашта гирифта буд. Ӯ онҳоро ба куҷо сарф кард?

***Таня***. Ба падарам дусаду сӣ сӯм кам аст... Ман ҳамин қадар пул медоштам! Умуман ҳамааш – як гап: дар завод мегирӣ – дар хона медиҳӣ, фақат ҳамин ки аз як хазина мегирию ба дигараш месупорӣ.

***Платон***. Ту чанд овардӣ, Таня?

***Таня*** (*пулҳоро медиҳад*). Саду панҷ.

***Платон***. Мукофотпулӣ чӣ?

***Таня***. Шумо инро аз куҷо медонед?

***Платон***. Гапро кам гӯ.

***Таня***. Бисту панҷ сӯмашро ба худам мондам, курта медӯзам.

***Платон***. Куртаҳоят бе ин ҳам мерасанд.

***Таня***. Аз мӯд баромадаанд.

***Платон***. Барои мӯд пул нест.

***Уляна***. Мон, харад ба худаш.

***Платон***. Пули зиёдатӣ шавад – мехарад.

***Таня***. Падарам бой шудааст. Ҳамин тавр, мегӯянд, ки як вақтҳо кулакҳо пайдо мешуданд.

***Платон***. Эҳтимол... Эҳтимол...

***Таня***. Барои курс ҳам понздаҳ сӯм даркор.

***Платон***. Боз чӣ хел курс?

***Таня***. Ман кайҳо гуфта будам. Забонҳои хориҷӣ... Стюардесса камаш ду забонро бояд донад.

***Платон***. Ба кор даромадан мехоҳӣ – пули иловагӣ кор кун! Ту-ку ба сехи васлгарӣ гузаштанӣ будӣ, ана, гузар. Моҳонаи он ҷо калонтар.

***Таня***. Ваъда карданду ҳеҷ не ки гузаронанд.

***Платон***. Барои гузаштан – тайёр шудан даркор аст. Гаштан, дидан, ба ҷои ягон кас кор кардан даркор. Аз сех ба сех гузаштан ин ба ту аз трамвай ба трамвай гузаштан нест.

***Таня***. Ҳамааш фаҳмо. Аммо ба курс пул диҳед.

***Платон***. Гуфтам – кори иловагӣ кун. Кори иловагӣ карда, пул ёбӣ, беҳтар мехонӣ. (*Ба Павлик*) Ту чӣ дорӣ, студент? Стипендияро ҳоло нагирифтаӣ? Тартиботи шумо он ҷо... (*Айнакашро мегирад, блокнотро пинҳон мекунад*). Ту, писарам, акнун дар таътил ба завод намеравӣ. Ин ба чӣ кор меояд: дар ду моҳ – сесад сӯм! Не, бас аст.

***Уляна***. Хайрият, ки падарат ба худ омад. Набошад, бачаҳои дигарон тобистон дам мегиранд, аз они мо барои чӣ бошад, ки дар завод.

***Лида***. Пётри ман ҳам пулро ба хазинаи падар медод?

***Платон***. Дар ин ҷо зиндагӣ мекард, мепӯшид, мехӯрд, яъне пулашро ҳам ба хазинаи умумӣ меовард. Ҳуқуқи ҳама баробар аст.

***Таня***. Ту, падар, баъди ба нафақа баромаданат боз ҳам хасистар шудӣ.

***Платон***. Хасистар ҳам мешавӣ. Ана дар ин моҳ чӣ тавр бад меҳнат кардед. Не, Павлик, дигар ба завод намеравӣ... Номатро ба ҳамон бригадаҳое, ки ба шимол барои кор мераванд, наменависонӣ...

***Уляна***. Ба шимол?

***Платон***. Шимол ҳам кишвари мост.

***Уляна***. Ту фарзанди худро барои пул ба дӯзах ҳам мефиристӣ. Бачаро дам гирифтан намемонӣ.

***Платон***. Баъди кадом меҳнатҳояш дам гирад? Даҳ моҳ портфелча бардошта давутоз карда гашт. Корзада шуд! Ба қарибӣ дар телевизион чӣ тавр ба мактаббачаҳо супоридани калиди «Артек»–ро нишон доданд. Дар байни ин бачаякон ҳамин хел бӯзбалаҳое буданд, ки кӯҳро зананд, талқон мекунанд, онҳоро бошад, ба Артек мефиристанд. Ҳоло ба онҳо калиди Артек, баъд Сочӣ ва минбаъд худашон бе калид ҳам киссаҳои падару модарашонро чаппа кардан мегиранд... Ҳам кисса ҳам дилашонро. Ба онҳо зиндагии бо кайфу сафоро деҳ! (*Баъди пауза*). Гап бас. Хӯрокро хӯрдан даркор. Фёдор, оби ҷавро рез.

***Лида***. Шароб беҳтар будагист?

***Платон***. Бигзор истад, зарар намекунад. Ту, Павлик, чаро фикр карда мондӣ? Хӯрок мехӯрем, баъд фикр кун, агар ягон чизи фикр мекардагӣ дошта бошӣ.

*Фёдор оби ҷав мерезад.*

***Уляна***. Чӣ хел фикр накунад – бачаро ба шимол мефиристӣ. Он ҷо тобистон ҳам хунук будагист. Рафту нотоб шавад.

***Платон***. Чӣ, шояд ӯро ба Артек фиристем?

***Уляна***. Бачаҳои мо магар чӣ будани «Артек»–ро медонистанд. Ана! Аз сесолагиашон дар устохонаи ту.

***Таня***. Дар хонаамон меҳмону мо гапгузаронӣ мекунем... Биёед, чунонки дар кумитаи маҳаллӣ мегӯянд, ин масъаларо ба маҷлиси оянда мегузорем...

***Уляна***. Ба шимол! Мо охир ба ӯ як либоси дурусти пӯшонда мефиристодагӣ надорем!

***Павлик***. Ман ба ҳеҷ ҷо намеравам!

***Платон***. Ин боз чӣ гап?

***Павлик***. Сабабаш ҳаст.

***Платон***. Гӯй.

***Павлик***. Ман ба шумо баъд мегӯям.

***Платон***. Гуфтан гир, ин ҷо ҳама аз они худӣ, каси бегона нест.

*Пауза*

***Павлик***. Ман зан мегирам!

***Уляна***. Шӯхии ноҷоя.

***Платон*** (*ба писараш нигоҳи синчакорона карда*). Вақташ расад, зан мегирӣ.

***Павлик***. Ман шӯхӣ намекунам.

***Платон***. Ман ҳам. Мо ҳамин рӯз хӯрок мехӯрем ё не? (*Ҷомро ба даст мегирад*). Агар ба сарат ҳамин хел фикрча омада бошад, онро дафъ кун! Институтро тамом кунӣ, кор кунӣ, дар кисаат, ки ягон чӣ пайдо шавад, ана он вақт зан гир. Набошад, чӣ хел зиндагӣ мекунӣ?

***Павлик***. Ягон хел карда рӯз мегузаронам.

***Платон***. Ба лотерея даҳ ҳазор буридӣ? Вақти зангириат расидааст, ширмак.

***Уляна***. Падар, ту дод нагӯ. Гуфтӣ, ки намемонам, бас аст.

***Фёдор*** (*ҷомро ба Павлик медиҳад*). Гир, оби ҷавро нӯш. Ин аз тез кардани кас беҳтар аст.

***Павлик***. Мо аллакай ба ақди никоҳ даромадем.

*Ҳама ҳайрон мешаванд. Танҳо Платон, гӯё ки нашунида бошад, ҳатто сарашро ба тарафи писараш нагардонд. Оҳиста, бисёр оҳиста оби ҷавро нӯшид.*

***Таня***. Эҳтимол, кайҳо тӯй ҳам карда бошед?

***Павлик***. Кардем.

***Уляна***. Ҳой, мардум, дар дунёи равшан чӣ корҳое, ки мешавад.

***Таня***. Ҳеҷ чизи ғайриоддӣ нашудааст: бача зан гирифтааст!

***Уляна***. Павлик!..

***Фёдор***. Вай рост мегӯяд.

***Уляна***. Охир, ин чӣ тавр, бе ризояти падар?

***Таня*** (*замзама мекунад*)

*Модарам гуфто, ки «Шӯхӣ бас дигар,*
*Зангириро бо шумо гӯяд падар!»*

***Павлик***. Медонистам, ки иҷозат намедиҳед...

***Фёдор***. Ба худиҳо гуфтан даркор буд.

***Лида***. Албатта, дар киса як тин надошта зан гирифтан беақлист. Аммо беҳуда намегӯянд, ки бо ёри меҳрубон каппа ҳам биҳишт аст.

***Платон*** (*тоқат карда натавониста*). Лаванду аҳмақон ин суханони аблаҳонаро фикр карда баровардаанд. «Дар каппа». Дар каппа, яъне дар гадоӣ, гадоӣ ҳар гуна муҳаббатро, он ҳар қадар зӯр бошад ҳам, нобуд мекунад. Болои сарат бом дорӣ?! Занатро хӯронда, пӯшонда метавонӣ? Зан гир! Агар натавонӣ, нафаҳмида мемонӣ, ки тамоми зиндагиатро дар давутоз гузарондаӣ. Ақаллан фикр кардӣ, ки чӣ тавр зиндагӣ мекунӣ?

***Павлик***. Фикр кардам.

***Платон***. Харҷ агар аз кисаи мардум бувад, гуфта, зиндагӣ карданӣ ҳастӣ? Занатро аз деги дигарон хӯронданӣ ҳастӣ?

***Уляна***. Мехӯронем, камбағал намешавем.

***Таня***. Ин қадар ба бача дарафтодед. Шояд арӯсак он қадар зебо бошад, ки дар наздаш ӯ фақат зону зада истад. Ӯ дар куҷост, Павлик?

**Павлик** (*ба соат нигарист, ба ким-куҷое номуайян ишора карда*). Дар он ҷо... мунтазир аст.

***Таня***. Бигзор, дарояд.

*Ҳама мунтазиранд, ки падар чӣ мегӯяд, аммо ӯ хомӯшона хӯрок мехӯрад.*

***Лида***. Ким-чӣ хел, хуб нест. Вай охир зани туст, Павлик... Ба ақди никоҳ, ки даромадед – зани туст...

***Павлик*** (*ҳоло дудила аст*). Падар...

Уляна. Ҷеғ зан.

*Павлик ба падараш нигаристу зуд баромад.*

***Таня***. Ту, падар, дар назди ӯ Павликро маломат накун, вай охир, акнун баркамол, шавҳар аст...

***Фёдор***. Э, Павлик–е...

***Таня***. Ҳасад мехӯрӣ? Павлик аллакай зандор, ту бошӣ...

***Уляна***. Ором шав, Татяна!

***Таня***. Офарин, Павлик! Хапу дамакак, бегапу калоча, зан гирифту монд.

***Фёдор***. Не, ин тавр хуб нест.

***Таня***. Вақте ки ту дар бораи зангириат бо падарам маслиҳат карданӣ мешавӣ, даъват кардани маро фаромӯш накун, шуниданаш аҷоиб мешавад.

*Боз суруди «Бобои ман раҳзан аст» баланд мешавад.*

(*Ба назди телефон давида меравад, рақам мечинад*). Ванячон, бас кун! Мо ҳоло хӯрок мехӯрем!.. Чӣ... Кори ту не. Хомӯш кун! (*гӯшакро меовезад*).

*Мусиқӣ хомӯш мешавад.*

***Лида***. Ба қалъаи мо ҳам барқ зад.

***Таня***. Ҳоло раъд ҳам мешавад.

*Павлик аз дасти Оля дошта бармегардад, ӯро қариб аз паси худ кашола карда меорад. Оля, духтараки логар, аз дасти Павлик дошта, каме ба пеш мебарояд.*

***Оля***. Ассалом!

***Уляна***. Салому алейкум (*баъди пауза*). Номат чист, духтарак?

***Оля***. Оля.

***Лида***. Биё, бо мо ҳамроҳ шин. Ман ҳам арӯс ҳастам. Ду арӯс дар як курсӣ мешинем. Танг бошад ҳам, мувофиқ аст, даркор шавад, ҳамлаҳоро якҷоя бармегардонем.

*Оля беҷуръатона мешинад.*

Хӯрок мехӯрем, гуфтугӯ осонтар мешавад.

***Оля***. Мо ҳозир бо Павлик пирожки хӯрдем.

***Уляна***. Ҷонакам, ту чандсолаӣ.

***Оля***. Ҳаждаҳсола.

***Уляна***. Барвақт азми шавҳардорӣ кардӣ.

***Оля***. Павлик гуфт, ман ҳам розӣ шудам...

***Уляна***. Мегӯянд, ки тӯй ҳам кардед? Дар куҷо?

***Оля***. Дар хобгоҳ, дар хонаи сездаҳум.

***Таня***. Хонаи сездаҳум. Оғози хуб, барои ҳаёти оилавӣ!

***Уляна***. Мехонӣ?

***Оля***. Ҳа, дар омӯзишгоҳи тиббӣ, дар курси ду.

***Лида***. Ана шароб ҳам даркор шуда монд. Барои саломатии ҷавонон менӯшем. Таня, ҷомҳоро биёр, ту Фёдор, шишаро кушо.

*Фёдор шишаро мегирад, ба падар менигарад, гӯё иҷозат мехоҳад. Таня ҷомҳоро меорад. Фёдор мерезад.*

***Таня***. Ана ин рӯзи шанбест!

***Лида***. Оля, ба ин оилаи оличаноб одат кун. Аҳли оила одамони бисёр хубанд. Фақат камгап. Ба ҷуз Пётри ман.

***Оля***. Павлик ҳам хушсуҳбат аст...

***Лида*** (*ҷомро мебардорад*). Барои саломатии ҷавонон! Барои он ки онҳо тифоқу хушбахтона зиндагӣ кунанд.

*Ҳама менӯшанд, фақат Оля ва Платон ҷомҳо дар даст ба ҳамдигар менигаранд. Ниҳоят, Оля лабонашро ба ҷом расонда, онро ба рӯи миз гузошт, Платон бошад то охир нӯшид.*

Уляна. Павлик, чаро ту ин тавр, гӯё ки дар хонаи худат набошӣ. Ба Оля курсӣ меовардӣ.

*Павлик курсича мебарорад, вале Фёдор онро барои худ гирифта, курсиро ба Оля медиҳад.*

Мардум айб мекунанд, мегӯянд, ки писарро пинҳонӣ зандор карданд.

***Таня***. Аз нав занушӯ мекунем. Кӣ дар он ҷо, дар хонаи сездаҳум он тӯйро дидааст? Дар ин ҷо бо мошини таксӣ байрақча мешинонем, «горько», арӯсу домод ҳамдигарро бибӯсед, мегӯем «Запорожец» бозорҳои районро давр зада, гӯшти арзон мебиёрад, падарам ғорат мешавад, аз хазинааш пул медиҳад. Чанд сӯм медиҳӣ, падар?

***Уляна***. Ту камтар мелаққидӣ.

***Фёдор***. Олга, ту падару модар дорӣ?

***Оля***. Модарам дар районии Ивановский хоҳари шафқат шуда кор мекунад.

***Фёдор***. Падарат чӣ?

***Оля***. Намедонам. Гурехта рафтааст, ҳанӯз вақте ки ман хурд будам.

***Уляна***. Модарат медонад, ки ту ба шавҳар баромадӣ?

*Платон аз ҷояш хеста, ба хона даромад.*

***Таня***. Ту, Оля, дар ин ҷо кӣ будани киро мефаҳмӣ. Ман Таня, хоҳари Павлики ту. Уляна Ахтисевна – модари Павлики ту. Ин Лида – зани бародари калони мо, Пётр. Ниҳоят падари Павлик. Падари мо! Ӯ ба хона даромад.

***Лида***. Гӯё раъду барқ аз канор гузашт. Платон Никитич ором шуд.

***Уляна***. Агар ҳамин тавр мешуд...

***Лида***. Чӣ тавр, бачаҳо, тӯи ҳақиқӣ мекунед? Ва ё ҳамон тӯи хонаи сездаҳум ҳисоб шудан мегирад?

***Фёдор***. Он магар тӯй буд? Аз они мардум барин кардан даркор.

***Уляна***. Бе ҳамин ҳам мардум моро доимо гап карда мегарданд, хасис, дасташон танг ва боз ҳамин хел гапҳо...

***Таня***. Дар хонаи сездаҳум тӯйи хуб кардагистед? Оля, ту сарандози арӯсӣ доштӣ?

***Уляна***. Онҳо ҳоло он қадар қимат шудаанд, ки...

***Оля***. Мо бо Павлик сарандоз нахарида будем. Ман аз як дугонаам гирифтам. Ӯ аллакай се бор ба шавҳар баромад, сарандозаш бошад тамоман нав барин.

***Таня***. Модар, ту дурустакак бипурс, шояд Фёдор ҳам кайҳо зан гирифта бошад, якбора ду тӯйро якҷоя мекардем. Харҷ камтар мешавад.

***Уляна***. Ту чӣ, ин қадар ба Фёдор часпидӣ?

***Таня***. Худаш медонад...

***Фёдор***. Бисёр мелаққӣ, Татяна. Агар ҳамин қадар кор мекардӣ.

***Таня***. Ту ҳама чизро ба ченаки худат чен мекунӣ. Зиндагии ту, Оля, дар хонаи мо хуб мешавад, аммо ба кор кардан ҳам маҷбур мекунанд...

***Уляна***. Ҳар тавре ки шавад, ҳамон тавр мешавад!.. Ту, Оля, чизакҳои худро ҷамъ куну ба хонаи мо биё. Фёдор пагоҳ бекор аст, ба кашондан ёрӣ мекунад.

***Оля***. Охир, шумо чиҳо мегӯед... Ман як ҷомадонча дорам, сабукакак. Ман онро бо худ гирифтам. Вай дар он ҷо, дар назди дарвоза.

***Таня***. Касе чизҳоро дуздиданаш мумкин аст... Зудтар ба ҳавлӣ биёр.

***Оля***. Ман онро бо худ гирифтам, Павлик гуфт. (*Давида мебарояд*).

***Лида***. Бахтам омад кард – болои тӯй омадам.

***Уляна***. То якшанбеи оянда, хаёл мекунам, ки ҳамаашро тайёр карда метавонем. Омадани Пётр ҳам лозим аст.

***Лида***. Ба тӯй меояд.

***Уляна***. Оҳ Павлик, ба падарат иқрор накардӣ. Вай акнун дар бораи ту чӣ фикр мекунад?

***Лида***. Дили падару модар раҳмгин аст.

*Оля бо ҷомадони на он қадар калон, бастаи китоб ва дафтар дар даст медарояд.*

Оля. Мана чизҳои ман. Инҳояш – китобу конспектҳо. Павлик фармуд, ки ҳамаашро гирам.

***Таня*** (*ба табассум*). Ана мо кӯчида омадем.

***Лида***. Дар куҷо зиндагӣ мекунед?

***Оля*** (*ба Павлик нигариста*). Павлик...

***Уляна***. Дар хонаи мо, набошад дар куҷо...

***Таня***. Ман ба хонаи модарам мегузарам, онҳо ба хонаи ман.

*Платон ду ҷомадон дар даст мебарояд, онҳоро ба назди миз мегузорад.*

***Платон***. Чизҳои ту, Павел! (*Пулро мебарорад*). Ана наваду ҳафт сӯм, ин ҳамаи пули боқимондаи ту аст. Инҳоро бигир ва чунонки мегӯянд, роҳи сафед! Зиндагӣ кунед!

***Уляна***. Ту ӯро ба куҷо пеш мекунӣ? Ба худ ой, Платон!

***Платон***. Худаш пеш кард. Зан гирифт – оилаи худаш, зиндагии худаш ҳаст. Бо мо маслиҳат накард, маълум мешавад, ки нақшаҳои худашро дорад. Ба худаш роҳ интихоб кард – бигзор равад!

***Уляна***. Худоё! Онҳо, охир, куҷо мераванд?

*Пауза*

***Оля***. Павлик, беҳтараш ман ба ягон ҷо... ки туро аз хона пеш накунанд.

***Фёдор***. Бигзор, дар хонаи мо зиндагӣ кунанд, падар...

***Таня***. Охир хонаамон васеъ аст, рақс кунӣ ҳам мешавад.

***Платон***. Роҳро, ки интихоб кардааст, бигзор равад, гап тамом! (*Ба Павлик*). Ҳамин тавр, писаракам! Бо ақли худат зиндагӣ кун. (*Ба паси миз нишаста хӯрок мехӯрад*).

*Хомӯшӣ. Ҳама аз қарори Платон моту мабҳутанд.*

***Оля*** (*ба назди Павлик омада, оҳистакак*). Шояд ту бимонӣ, ман биравам?

***Павлик*** (*ҷомадонҳоро мегирад*). Рафтем! (*Оля ва Павлик мераванд*).

***Уляна***. Писаракам андаке ист! Платон, ӯро боздор! Павлик! (*давида мебарояд*).

***Фёдор***. Ин аз ҳад гузашт, падар. (*Мебарояд*).

***Таня***. Ин ҷо ким-чӣ хел феодализм аст! (*Давида мебарояд*).

***Лида***. Ба ақлона будани коратон шубҳа мекунам, Платон Никитич.

***Платон*** (*ҷомро нӯшида*). Мудохила накун, Лида. Павлик писари ман аст. (*Ба хона меравад*).

***Лида*** (*аз паси ӯ*). Наход шумо ба писаратон меҳр, раҳму шафқат надоред? Онҳо ҳама куҷо... (*Аз дарвоза давида мебарояд*).

*Платон аз хона мебарояд дар дасташ куртка дорад.*

***Платон***. Ман чӣ тавр фаромӯш кардаам, ки курткаро андозам?.. Бармегардад, мегирад... Барнамегардад... (*Баъд аз пауза*). Ман шафқат надоштаам, будааст. Писари худро, дӯст намедоштаам, будааст. Шояд ӯ аз ман меҳр канад. (*Қариб ба пеши саҳна мебарояд*). Мардум чӣ мегӯянд? Баъзе падару модарон меҳри фарзандони худро мехаранд: меҳри хурдашро бо бозичаҳо, яхмос, баъд ба панҷ тин, даҳ тин, бист тин, ба як сӯм, се сӯм. Баъд «бача» худаш ба кисаашон даст меандозад. Баъд дидӣ, ки занашро овардаасту хӯронед, мегӯяд. Падар, агар хоҳӣ, ки туро дӯст доранд, хап шину дам бош... Не, ман ба ин розӣ намешавам. «Писарашро пеш кард!» Хайр, бигзор. Бигзор, ӯро зиндагӣ афшурад, ба сардию ба гармӣ андозад. Зиндагӣ падару модар нест, тӯҳфаҳо намеорад. Медонед, ман шафқат надоштаам, будааст! Бе ман, кӣ ба ӯ шафқат мекунад. Мардум? Ташвиши худашон аз сарашон зиёд.

*Лида бармегардад.*

***Лида***. Ба истгоҳи автобус рафтанд... Акнун Павлик бо занаш куҷо мерафта бошад?

***Платон***. Ин кори ӯ.

*Крячко медарояд. Ӯ ба ин ҷо бисёр ба меҳмонӣ меояд... Ба харак менишинад, бо кӯшиши тамом мӯй шона мекунад ва танҳо пас аз ин ба Лида муроҷиат мекунад.*

***Крячко***. Ба меҳмонӣ омадӣ, Лида?

***Лида***. Ҳа.

***Крячко***. Ин тавр бошад, ассалом.

***Лида***. Ассалом.

***Крячко***. Пётр сиҳат саломат аст? Сардор шуда гаштааст? Мо ана бо Платон рутбаи аз ҳама олӣ дорем – нафақахӯрҳо! Аз ҳама беҳтар зиндагӣ мекунем. Кор намекунему пул мегирем. Корамон он тавре ки ақламон раво бинад, гап–гапу дилхушист. Ҳамон ақле, ки мондааст. Ҳеҷ кас акнун ба он на чизе ҳамроҳ карда метавонад, на гирифта!.. Бинам, ки Павлик бо ҷомадон меравад. Пай мебарам: Платон бачаро ба куҷое барои пул кор кардан фиристод. Он пул ба ту, Платон, чӣ даркор? Ту бе ин ҳам чизу чораи даҳ касро дорӣ. Ман туро қариб сӣ сол боз медонам, ки ҳаргиз оромиро намедонӣ. Кор мекунӣ, пул кор мекунӣ, кори иловагӣ мекунӣ, зиёд аз вакт кор мекунӣ, барои ҳамаи ин пул мегирӣ, боз мукофотпулӣ... Акнун дар нафақа ҳастӣ, бас будагист, боз не! Ба магазини нон ба кор даромада, нон қабул мекунӣ. Молро шаб худаш қабул мекунад, ё Фёдорро мефиристад, ки он шаст сӯми зормонда аз даст наравад. Шумо баринҳо, Платон давлатро тамоман ғорат мекунанд.

***Лида*** (*оби ҷав мерезад*). Амак, беҳтараш оби ҷавро нӯшед.

***Крячко***. Оби ҷавро менӯшию хуни Платон меҷӯшад, ки моли ӯро барбод медиҳанд... Вай барои як тин на фақат хам мешавад, ҳатто ба чангу хок дароз мекашад!... Инқилоб, маҳфилҳои сиёсӣ, ташвиқотӣ, аёнӣ, панҷоҳсолаҳо, мусобиқаҳои сотсиалистӣ буданд. Платон бошад бо ақидаи худ ҳамчунон монд: «Пулро биёр».

***Лида***. Зиндагӣ мекунад, яъне пул кор кардан зарур аст.

***Крячко***. Мана хонаи ман нисбат ба хонаи Платон бадтар аст, на «Запорожетс», на телевизори ранга, на дафтарчаи пулмонӣ дорам. Ман фалсафаи сармоядориро инкор мекунам. Ҳаргиз намегузорам, ки пул ба ман роҳбарӣ кунад...

*Платон хандид*.

Боз ба ту чӣ шуд, ту охир дар як сол як бор механдидӣ-ку?

***Платон***. Ин одам бо гадоияш мефахрад...

***Крячко***. Бо гадоӣ не, бо шуури сотсиалистиаш. Ман на гуруснаам, на бараҳна, ба ман боз чӣ даркор? (*Оби ҷавро рехта менӯшад. Боз ба харак мешинад*).

***Платон***. Ҷаҳонбинии ту, Крячко, азони буз барин аст: тобистон чарида мегардад, зимистон бошад ҳар чизе ки диҳанд, мехӯрад.

***Лида*** (*маслиҳатомез*). Шумо чӣ тавре ки хоҳед, зиндагӣ кунед. Платон Никитич ба таври худаш зиндагӣ мекунад.

***Крячко***. Не, мебахшед, ман тамоми умр фаъол будам! То он даме ки дар завод кор мекардам, ман дар тамоми маҷлисҳо гап мезадам. Акнун лозим меояд, ки ин корро бо шахсони алоҳида кунам. Ман тайёр ҳастам, ки ба ӯ ҳамаашро бубахшам, аммо чизпарастиро наметавонам. Дар фронт мо дар як взвод хизмат мекардем. Платон тобистон телпакашро дар борхалта гирифта мегашт. Он вакт кӣ медонист, ки то зимистон зинда мемонад ё не. Вай бошад телпакро эҳтиёт мекард. Ҳоло ҳам доимо кӯшиши ҷамъ кардан мекунад, ҳеҷ не ки сер шавад. Хаёл мекунӣ, ки сад сол умр мебинӣ? Не! Умуман, ту бақувват, булут барин, эҳтимол, ба сад ҳам дароӣ.

***Платон***. Барои чӣ омадӣ?

***Крячко***. Панҷ сӯм деҳ. То нафақаро гирифтан.

*Платон пул медиҳад.*

Агар ҳаққи гапро гӯӣ, аз каси судшаванда пул гирифтан дуруст нест. Хайр майлаш, то суд медиҳам. Писарат куҷо Рафт? Шояд писари маро ҳам ҳамроҳ мегирифт, ҳеҷ ба кор монда наметавонам.

***Платон***. Чунки дузд аст.

***Крячко***. Чӣ?

***Платон***. Дузд аст, писарат!

***Крячко***. Чӣ хел забонат мегардад!? Вай тайёр аст, ки аз они худашро диҳад, вай куҷову дуздӣ?!.

***Платон***. Кор намекунад, лекин мехӯрад, яъне дузд аст. Пул кор накардааст, лекин харҷ мекунад.

***Крячко***. Аз они маро мехӯрад, аз они туро не.

***Платон***. Вай аз он дузде, ки шабона, пинҳонӣ медуздад, бадтар аст, чунки аз они ту дар рӯзи равшан...

***Крячко***. Пасмондаи кулакӣ, бубинед, ки дили ӯ ба чизу чораи ман ҳам месӯзад.

***Платон***. Ҳамааш давлатист, ҳамааш аз они мо, ҳамааш аз они ман ҳам...

***Крячко***. Ту бо ин суханҳоят пагоҳ на фақат ба як ҷои холӣ, балки ба тамоми роҳ пиёз мешинонӣ. Ман ҳоло барои ин кор ба ту дар суд нишон медиҳам.

***Лида***. Дар кадом суд? Шумо дар бораи чӣ?

***Крячко***. Медонӣ, дар назди роҳ (*бо даст ишора мекунад*) ҷои холии хароб буд. Мо мехостем, ки дар он ҷо лавҳа шинонем. Платон бошад, гирифтасту ба он ҷояки холӣ пиёзу шибит коридааст. Мо ӯро суди рафиқона мекунем, ман айбдоркунандаи ҷамъиятӣ ҳастам. Ман дар он ҷо чунон диламро холӣ кунам, ки... Ба қарибӣ ба хонаат меравӣ, Лида?

***Лида***. Ҳамин рӯзҳо меравам.

***Крячко***. Хайр, ман рафтам. Аз чӣ бошад, ки дилам хала мезанад.

***Лида***. Ман ҳам то магазин қадам мезанам.

*Крячко ва Лида мебароянд. Платон танҳо мемонад.*

***Платон***. Мурғак ҳам чунон лона месозад, ки бод наканад, борон зер накунад ва ҳам бачаҳояш гармакак бошанд. Крячко ба ҳамон мурғак ҳам мегуфт, ки бой мешавӣ, пасмондаи кулакӣ! Ба фаҳми ман: инсон ки таваллуд шудӣ – зиндагӣ кун! Лонаатро ҳам бо чашми кордонӣ бисоз, ки на аз борон, на аз бод, на аз хунукӣ тарс дошта бошӣ.

*Клоков медарояд, дар дуртар меистад, ба Платон бо муоина менигарад. Бо аппарати суратгирӣ чиққӣ мекунад. Платон хомӯшона кори ӯро назорат мекунад.*

***Клоков***. Ассалом! Агар хато накунам, Шумо, Платон Никитич Ангел ҳастед? Ман Клоков, аз газета. Мана... (*Шаҳодатномаашро дароз мекунад*).

*Платон ҳатто нигоҳ накард.*

Мехостам бо Шумо наздиктар шинос шавам. Ба ман аллакай баъзе чизҳо маълум аст. Стажи кор, тахассуси баланд. Писару духтар дар завод. Хуллас, оилаи авлодии коргарӣ.

***Платон***. Дуруст.

***Клоков***. Пешакӣ мехостам баъзе лаҳзаҳоро аниқ кунам. Фақат маслиҳат мекунем, ки оддӣ ҷавоб медиҳед, ба гапҳои рӯякӣ, гӯё бо ошнои худатон гуфтугӯ мекарда бошед.

***Платон***. Майлаш.

***Клоков*** (*қафотар меравад, сурат мегирад, пас дафтарчаашро мебарорад, ба навиштан тайёр мешавад*). Фаъолияти меҳнатии Шумо аз кай сар шудааст?

***Платон***. Аз дусолагӣ.

***Клоков***. Яъне?

***Платон***. Худам эзорчаамро пӯшидам, баъд барои худам бозичаҳо сохтанро сар кардам, баъд кори хона, баъд мактаб, баъд завод...

***Клоков***. Дар ҷанг будед?

***Платон***. Будам.

***Клоков***. Амали қаҳрамонона, мисолҳо?

***Платон***. Мисол–ҳамаи ҷанг.

***Клоков***. Мақсади Шумо дар зиндагӣ?

***Платон***. Нағз зиндагӣ кардан.

***Клоков***. Ба фикри Шумо, барои ин чӣ даркор аст?

***Платон***. Саломатӣ ва пул.

***Клоков***. Пулашро дурусттар шарҳ диҳед.

***Платон***. Ё кор карда ёфта, ё дуздидан. Роҳи сеюмаш нест.

***Клоков***. Ҳангоми дар завод кор кардан чӣ вазифаи ҷамъиятӣ доштед?

***Платон***. Бо дастгоҳ кор кардан.

*Пауза.*

***Клоков***. Ман дар газетаи завод хондам, ки шумо пулро дӯст медоред?

***Платон***. Дӯст намедорам, аммо ба он бо эҳтиром муносибат мекунам.

***Клоков***. Дар он шуморо ба монанди фаришта тасвир карда, ба ҷои болҳо пулҳои панҷсӯмаро кашидаанд. Ва навиштаанд: чизпараст – касе ки ҳама чизро ба тарафи худ мекашад.

***Платон***. Дуруст, чунки ҳама вақт ба тарафи худам мекашам. Чӣ ба тарафи ҳамсоя кашам?

***Клоков***. Мақсади олии зиндагии шумо?

***Платон***. Ана ҳамин худаш мақсади олист – одам барин зиндагӣ кардан.

***Клоков***. Шояд, аввал дар бораи давлат фикр кардан даркор буд.

***Платон***. Ошно, туро намефаҳмам!

***Клоков***. Ба воситаи давлат – ба худ, ба шахс?

***Платон***. Мо ҳамроҳи давлат ҳам нақша мекашем, ҳам бой мешавем. Рост аст, ки ман камтарак дар пеш ҳастам. Чунки ӯ тайёрхӯрҳои бисёр дорад: баъзеҳо тамоман кор намекунанд, баъзеҳо бисёр мелаққанду кам кор мекунанд. Дар давлати ман ин корҳо нест... Чӣ тавре ки пул кор карда бошӣ, ҳамон тавр бихӯр! Чи тавре ки пул кор карда бошӣ, ҳамон тавр бипӯш. Тамом мекунем, ошно.

***Клоков***. Ин чист, ки метарошед?

***Платон***. Қошуқ.

***Клоков***. Биёед, чанд сурат мегирем. Гумон мекунам, ки шумо заводро, дастгоҳи худро зуд-зуд ба хотир меоред? Ин тавр истед, гӯё ки ба фикр рафта бошед.

***Платон***. Фикрро сурат гирифта намешавад.

***Клоков***. Набошад, дафтарчаи нафақахӯриатонро гиреду ба он чунон нигоҳ кунед, ки гӯё ба шумо хурсандии бузургеро тӯҳфа карда бошанд. Ва пирии орому бароҳатро.

***Платон***. Тӯҳфа накардаанд, бо меҳнатам соҳиб шудам. Ва дар ин хурсандию оромӣ нест.

***Клоков***. Охир ман наметавонам, ки шуморо ҳангоми қошуқ тарошидан сурат гирам, ин чӣ сурат мешавад?

***Платон***. Ба ту чанд сӯм моҳона медиҳанд?

***Клоков***. Чӣ буд?

***Платон***. Ман ба ту ҳамаашро рӯирост мегӯям, ту бошӣ пинҳон мекунӣ.

***Клоков***. Саду панҷоҳ.

***Платон***. Кам не. Ба ин қадар пул вақташ расидааст, ки кор фармудани калларо ёд гирӣ. (*Ба хона медарояд*).

***Клоков***. Дурушт.

***Таня***. Ассалом...

***Клоков***. Салом...

***Таня***. Бо падарам вохӯрдед. Мувофиқ намеояд? Типи манфӣ-а?

***Клоков***. Қариб.

***Таня*** (*табассум карда*). Ман қаҳрамони очерки шумо шуда метавонам?

***Клоков*** (*табассум карда*). Шавқи хонандаро меорам гуфта фикр мекунӣ?

***Таня***. Ман гӯё худамро маҳз барои очерки шумо тайёр кардаам. Чӣ, не? Мактабро бо медал тамом кардаму ба завод ба кор рафтам.

***Клоков***. Баллат нарасид?

***Таня***. Ҳуҷҷатҳоямро ҳатто ба ҳеҷ ҷо насупоридам.

***Клоков***. Аҷоиб.

***Таня***. Ба сех дароед, дар лавҳаи фахрӣ расми маро мебинед, (*ба худаш ишора карда*).

***Клоков***. Аҷиб.

***Таня***. Адабиётро дӯст медорам. Толстой, Достоевский, Ҷек Лондон, Фитсҷералд, Сент–Экзюпери, Распутин, Гончар, Загребелний...

***Клоков***. Аҷиб...

***Таня***. Орзу дорам, ки стюардесса шавам, ба замин аз баландии парвози парранда нигарам. Аз он ҷо одамон ба назарам нуқтачаҳо барин менамоянд, ҳатто шумо, мухбир, бо аппарати суратгириатон як мӯрча ва ҳатто кайк барин менамоед.

***Клоков*** (*ғазабашро нигоҳ медорад*). Аз ҳад бисёр мелаққӣ. Хайр, то дидан.

***Таня***. Умед дорам, ки дигар вонамехӯрем (*аз паси мухбир чанд қадам роҳгардии ӯро тақлид карда рафт*).

*Пагоҳии барвақт, Платон чун ҳамеша, ким-чӣ месозад. Крячко медарояд.*

***Крячко***. Хобат намебарад? Ман ҳам хоб нарафтаам. Тасаввур мекунӣ, дар тамоми олам одамон хоб рафтаанд, нафақахӯрҳо бошанд бум барин чашмҳояшонро шоҳкоса карда, хоб намераванд. Агар аз як паҳлу ба дигараш гарданд, чунон оҳиста мегарданд, ки дигаронро бедор накунанд. (*Баъд аз пауза*). Дирӯз ман қариб ҳасад хӯрда будам, ки Павлик ба кор рафту аз они ман бошад бекоргардӣ мекунад. Маълум мешавад, ки ин тавр набудааст. Павлик, маълум мешавад, ки зан гирифтааст ва ту ӯро пеш кардай... Вай занашро овард, ту бошӣ онҳоро аз хона пеш кардӣ. Ман бо бадмасти худам тоқат мекунам, ту бошӣ ҳушёрҳоро аз ҳавлӣ... Писарро аз хона! Ту одами ваҳшӣ! Задаю кӯфта пул ёфтанро, ту, эҳтимол, ба бачаҳоят ёд додӣ, аммо онҳоро ба обрӯю эътибори худат тобеъ кунонда натавонистӣ! Дар масъалаи пул – ту подшоҳӣ, аммо дар роҳбарии фарзандон – ҳунарат нест! Мо падару модарон, ба фарзандони худ он қадар ҳаққу ҳуқуқ дорем, ки подшоҳи англис дорад: худашон шоҳу таъбашон вазир! Ана аз они ман ду сол боз кор намекунад, чӣ аз дастам меояд? Занам гӯям – зӯрам намерасад. Ба гушнагӣ ба худ тобеъ кунонам гӯям – модараш хӯрок медиҳад. Ба ӯ чӣ даркор: курта, шими ҷинс, шишаи шароб ва ӯ баробари подшоҳ аст!

***Платон***. Агар дар назди фарзандон гапат як бор беэътибор шавад, дафъаи дигар онҳо аз ту намепурсанд ҳам.

*Дар остона Лида пайдо мешавад.*

***Крячко***. Меравам. (*Меравад*).

***Лида***. Ин ҳамсояи шилқин ба дилатон назадааст.

***Платон***. Ман ба ӯ, чун ба дарди кӯҳна, одат кардаам. Ӯ туро аз хоб бедор кард.

***Лида***. Ман агар донам, ки ба ягон ҷо шитоб надорам, сахт хоб меравам.

***Платон***. Яъне хобро дӯст медорӣ: одам, ки мурғи озод бошад, ба куҷо ҳам шитоб мекунад.

***Лида***. Кори ман ҳам аз корҳои сабукакак нест.

***Платон***. Ту ҳоло кор ҳам мекунӣ? Ман ҳатто намедонистам.

***Лида***. Кор мекунам.

***Платон***. Чӣ ихтисос дорӣ?

***Лида***. Ихтисоси ман – зан. Ихтисоси мураккаб.

***Платон***. Ин тавршро бори аввал мешунавам.

***Лида***. Шавҳари худро дӯст дошта тавонистан кори он қадар одӣ ва осон нест.

***Платон***. Канӣ, чи тавре ки як мухбир гуфта буд, мисолҳо биёр.

***Лида***. Бигирем, ҳатто шумо ва Пётрро. Бо ӯ дар кор ҳар ҳодисае шавад, вай медонад, ки ӯро дар хонааш осудагӣ, роҳат ва меҳрубонӣ интизор аст. Ман одатҳои ӯ, завқи ӯро омӯхтаам. Медонам, ки кадом костюм ба ӯ маъқул аст, кадом куртаашро тайёр кунам, галстук бандам, медонам, ки кадом китобҳо табъи дилаш ҳастанд, ба шом, субҳ чӣ хӯрок хостанашро меёбам. Кадом рангро дӯст медорад, кадомашро тоқат надорад. Вай барои ман курта, туфлӣ интихоб мекунад, ман ризоят медиҳам. Ба ӯ ин кор маъқул аст, ман ҳам дучандон хурсандам. Вай бисёр вақт аз кор дер меояд. Вале ҳар қадаре ки бевақт биёяд, ба ӯ ҳамеша чойи баланди сӯзон, чойи бо тамоми қоидаҳояш дамкарда тайёр аст. Ба ӯ ҷевончаро кушода қанд, нон, равған, мураббо кофтан лозим намеояд. Ман барои ӯ ҳамаашро тайёр карда, ба рӯи миз, болояшро бо дастархони оҳарӣ пӯшида мемонам. Агар аз кор асабонӣ, маҳзун ва ё пурғазаб баргардад – дар кор ҳар чӣ мешавад, ӯро ором карда тавонистан даркор аст. Дилашро гарм кардан даркор аст. Фикр мекунед, ки ин фалсафаи мешанӣ, тангназарист.

***Платон***. Фикр карданам мумкин буд.

***Лида***. Мард агар донад, ки дар ақибгоҳи ӯ, яъне дар хонаи ӯ, ҳамааш хуб аст, ӯ дар кораш ҳам бисёртар кӯшиш мекунад. (*табассум карда*). Агар ҳамин хел тартиботро ҷорӣ мекарданд, бисёр хуб мешуд. Ҳангоме ки касро ба кор қабул мекунанд, на фақат ба худи ӯ, балки ба занаш ҳам тавсиянома талаб кунанд. Чунки агар зани ӯ бадқаҳр, бекоргард ва бесомон бошад, пас ӯ чӣ коргаре мебошад! Сари ӯ бо як чиз банд мешавад: ӯро дар он ҷо, дар хона чӣ мунтазир аст?

***Платон***. Лексияи ту, Лида, ба ман маъқул шуд. Қарсак намезанам, аммо саволчаҳо дорам. Аз ин ҳамин тавр мебарояд, ки ба зан кор кардан ҳам даркор не? Бигзор дар ақибгоҳ кӯшиш кунад?

***Лида***. Маҳз дар ақибгоҳ аст кори зан, кори ҳақиқии ӯ.

***Платон***. Ба шавҳар ба пул кор кардан барои таъмини оила, ёрӣ додан-чӣ?

***Лида***. Баъзан ҳаштод сӯм кор кардан се маротиба осонтар аст, нисбат ба он ки субҳ то шом ба кори хона машғул шавӣ. Фақат афсӯс ки на ҳамаи занҳо чунин имконият доранд, ба онҳо лозим меояд, ки ба фронти меҳнат ҳам раванд. (*Баъд аз пауза*). Крячко дар бораи Павлик медонад?

***Платон***. Ҳақиқатро пинҳон карда намешавад.

***Лида***. Шояд Павлик худи пагоҳ баргардад.

***Платон***. Барнамегардад.

***Лида***. Шумо аз куҷо медонед?

***Платон***. Хулқу хӯяшро медонам. Писарам аст.

*Пауза.*

***Лида***. Ба кӯл меравам. Оббозӣ мекунам.

***Платон***. Эҳтиёт шав, он ҷо чуқур аст.

*Лида меравад.*

*(сохтанашро партофт, ба курсӣ нишаст. Акнун маълум аст, ки ӯ хаста шудааст)*. Фикр карда будам, ки фарзандони ман қобиланд... Павлик бошад... (*Курткаро мегирад, боз аз сари нав ба курсӣ меовезад*). Ва ё аз назарам дур мондаанд... ва ё ман онҳоро, ҷавонҳоро, намефаҳмам?

*Крячко медарояд.*

***Крячко***. Боз ман. Дидам, ки Лида ба кӯл рафт, баргашта омадам. Аммо баргаштанам барои ту нек нест. Павлик ин ҳоло тамоми бадбахтии ту намебошад... Мехостам нагӯям, аммо думи сагро ҳам кам – кам не, якбора ҳамаашро мебурранд. Ман ҳам ҳамин тавр: бигзор ҳамааш якбора шавад, бидон! Гап дар бораи Фёдори ту... Ман аввал бовар накардам. Меҳнаткаш, ҷиддӣ, боандеша, бадмаст не. Боз дар чунон оилае, монанди аз они ту... Умуман, кӯтоҳ мекунам, Платон, духтурзанаки участкаамонро медонӣ? Шавҳараш рангмол, хонаҳоро ранг мекунад, сафед мекунад. Медонӣ ё не?

***Платон***. Медонам.

***Крячко***. Медониста бошӣ, Федяи ту аз қафои духтурзан кашола шуда мегардад. Рангмол-чӣ? Ранг мекунад, сафед мекунад, ба ӯ аз куҷо маълум аст, ки зани содиқи ӯ дигареро бо неъмати биҳишт зиёфат мекунад. Федя ӯро гоҳ пинҳонӣ бо мошин оварда мемонад, гоҳ бо паскӯчаҳои беодаму ториктар гусел мекунад, мардум бошанд, ҳамаашро мебинанд, ба хотир нигоҳ медоранд. Хулласи калом, ба ғайр аз тую рангмол, қариб ҳама дар бораи ин ҷуфти ошиқу маъшуқ медонанд. Дар оилаи ту ин гуна шармандагии ахлоқӣ аз куҷо пайдо мешавад, кас намедонад. Умуман, маҳкам бош, Платон! Ягон чӣ шавад, ман ҳамеша бо ту! (*Меравад*).

*Платон чанде хомӯш мешинад, баъд қошуқро мегирад ва ба тарошидан сар мекунад. Фёдор медарояд.*

***Фёдор*** (*пиҷҷакашро мекашад*). Кори хандаовар – нонфурорӣ, гӯё кори осон аст, аммо малака ҳосил кардан мушкил.

***Платон***. Ба завод дер намемонӣ?

***Фёдор***. Албатта, не, дуруст аст, ки акнун каме барвақттар рафтанам лозим. Як бачаякро ба шогирдӣ гирифтаам.

***Платон***. Ба мураббигӣ нависонданд?

***Фёдор***. Худам, ихтиёрӣ гирифтам. Ба завод харротони асбобсоз чунон заруранд, ки!

***Платон***. Бачаи бофаҳм?

***Фёдор***. Мушоҳида мекунам, гӯё ки ёд мегирад.

***Платон***. Аз чӣ бошад, гумон мекунанд, барои мусиқӣ истеъдод, барои суруд гӯши мусиқишинос зарур аст, аммо ҳар кас гӯё ки усто шуда метавониста бошад... Ҳушёр бош, одамро омӯхтан ҳаккокӣ кардан, харротӣ кардан нест.

***Фёдор***. Мефаҳмам. (*Мехоҳад аз хона равад*).

***Платон***. Биист, Фёдор. (*Каме хомӯш монд, ба писар нигоҳи вазнине кард*). Рост мегӯянд, ки ту бо духтурзанак... (калима ҷуста) қилиқ–пилиқ дорӣ?

*Фёдор ба падар нигарист.*

*Ӯ фаҳмид, ки ин сухан ба писар таҳқиромез расид.*

Инро ба таври худат, ҳар чи хоҳӣ, гуфтан гир.

*Фёдор хомӯш аст.*

Чаро ту худрову падарро шарманда мекунӣ? Бо зани шавҳардор... Оилаи моро хандасор мекунӣ, ба таги гапу гапча мемононӣ... Чӣ хомӯш ҳастӣ, забонатро фурӯ бурдӣ?

***Фёдор***. Ман Клаваро дӯст медорам!

***Платон***. Ба ту духтаракон каманд?

***Фёдор***. Ман Клаваро дӯст медорам.

***Платон*** (*базӯр худро нигоҳ медорад*). Дӯст медорӣ?.. Муҳаббатро ба паскӯчаҳо намебаранд, пинҳон намекунанд! Муҳаббатро намедузданд, Фёдор!

***Фёдор***. Мо бо Клава ҳоло намедонем...

***Платон***. Дар байни роҳ мондед? На ба он тараф, на ба ин тараф рафтанатонро намедонед? Агар муҳаббататон ҳамин тавр бошад, зиндагӣ аз болои он гузашта, онро маҷақ карда мепартояд!

***Фёдор***. Мо бо Клава фикр мекунем, ҳал мекунем...

***Платон***. Дар ҳама кор, ҳам дар калон ва ҳам дар хурд маслиҳатгари ягона ҳақиқат аст! Мешунавӣ, ҳақиқат!

***Фёдор***. Ҳа. Ҳақиқатро гуфтан даркор аст. Аммо онро чӣ тавр бояд кард?

*Торик мешавад, шом. Платон ким-чӣ месозад. Рангмол медарояд.*

***Рангмол***. Салом, Платон Никитич. Дар кору ташвиш ҳастед? Дуруст, охир ягон илоҷ карда вактро гузарондан даркор аст. Нафақа ба одам дар аъроф будан барин аст: дар пеш ё ҷаннат, ё дӯзах. Сеюмаш нест. Меҳнат кунед, худо саломатиатона диҳад. Чаро аҳли хонаводаатон наменамоянд.

***Платон***. Арӯс модараш ва Таняро ба консерт бурд. Ҷопониҳоро гӯш мекунанд. Мегӯянд, ки хуб месароянд. Фёдор ҳамин замон меояд.

***Рангмол***. Сароянд, сароидан гиранд, мо кори худамонро дорем. Медонед, вақте ки шумо телефон кардед, ман ҳатто бовар накардам...

***Платон***. Барои чӣ?

***Рангмол***. Сабабаш маълум: шумо ба кисаи худ андохтани пулро дӯст медоред, бароварданашро бошад... (*Ишора*) ба ин кор харҷ кардан рост меояд. Хонаро сафед кардан, ранг кардан даркор аст?

***Платон***. Бале.

***Рангмол***. Ман мегӯям, шумо мулоҳиза кунед, агар ба таври расмӣ шарт кунед, сафед кардан як моҳ ва ҳатто ду моҳ ҳам дароз мекашад. Агар одамвор шарт кунем, ду-се рӯз, бо нишонаи сифат тамоми кор, вассалом! Ана ҳамин қиссаву вассалом!

***Платон***. Ту дар як вақт ба кори худ ва ба ин кор расидагӣ карда метавонӣ.

***Рангмол***. Пул аз шумо, кор аз мо. Ҳар кас на фақат нон, балки нони равғандор мехоҳад.

***Платон***. Duздӣ мекунӣ?

***Рангмол***. Илоҷ меҷӯям! Ба одам лозим меояд, ки дар ҷустуҷӯи нони равғандор бо пайраҳаҳои чигилу торик равад, Платон Никитич. Ман оила дорам: занам – духтур. Ба ман пул бисёр ҳам даркор аст.

***Платон***. Занат ҳам пул кор мекунад?

***Рангмол***. Пул кор намекунад, моҳона мегирад. Пул кор кардан, ман чунин меҳисобам, ки ин пули ба болои моҳона меёфтагӣ аст. Вай бечораяк, хона ба хона мегардад, ба одамон хизмат мекунад, ҳар гуна касалиҳои одамонро меҷӯяд, вале фоидаи ҳамаи ин ҳеҷ аст... Одати ман ин аст, ки моҳонаамро то тини охиринаш ба оила меорам, пули корҳои иловагӣ аз они ман аст.

***Платон***. Пули иловагиатро ба куҷо сарф мекунӣ?

***Рангмол***. Шумо аллакай дар он синну соле ҳастед, ки фаҳмондани ин ба шумо дуру дароз мешавад. Ба мақсад наздикаш – ширинкома! Баъд суҳбат, қоидаи одами коргар ҳамин хел аст.

***Платон***. Хуб (*Шиша ва ким-чӣ хел газакро мебарорад*). Ту чаро аз завод рафтӣ?

***Рангмол***. Чуқураке ёфтам. (*Ба ҷом мерезад*). Агар шумо моҳигир мешудед, медонистед: моҳию чуқур, одаму ҳузур гуфтаанд. Барои чӣ моҳию чуқур? Дар он ҷо хӯрокӣ ҷамъ мешавад. Ман ба шумо рӯирост гап мезанам, чунки шумо ба ман қариб падархонд ҳастед. Ёд доред, дар бачагиям маро бачаҳо мезаданду шумо халос карда будед? (*Ба шиша ишора карда*). Боз камтаракак.

*Платон ба ҷом мерезад.*

Ба худатон.

***Платон***. Наметавонам.

***Рангмол***. Маҷбур намекунам. Арақ дoруст: аз бедимоғӣ, аз ғам, аз хушбахтӣ, аз бекорӣ, аз хастагӣ, аз муҳаббат, аз рашк доруи ягонаи ҳамаи дардҳо. (*Менӯшад*). Фақат ба он одат кардан даркор аст. (*Як ҷоми дигар рехта нӯшид*). Мегӯед, ки медуздӣ? Ҳама медузданд. Касе ки имкон дорад, касе ки метавонад, касе ки ҷои дуздиданӣ дорад, медуздад. Бо онҳо мубориза мекунанд, онҳо бошанд дуздидан мегиранд... Яке дуздад ба ӯ танбеҳ медиҳанд. Дигареро аз кор пеш мекунанд, сеюмиро ба ҳабсхона... Вале ба даст намефаромадагиҳояшон чӣ қадар? Платон Никитич, онҳо ҳазор–ҳазорастанд! Ман маҳз аз онҳое ҳастам, ки гӯё медузданду боз гӯё ки намедузданд. Дар байни ҳар ду... Барои ман моддаи қонун нест.

***Платон*** (*касеро дида*). Хайр, газакро баъд мехӯрӣ, рав хонаро чен кун, аз назар гузарон, ки чӣ қадар будани корашро донӣ.

***Рангмол***. Ба ман чен кардан чӣ даркор... Як назар бинам кор тамом. (*Ба хона меравад*).

*Клава медарояд, зани зебои тақрибан сисола.*

***Клава***. Каме дер мондам.

***Платон***. Мебахшед, ки шуморо дар рӯзи истироҳат ҷеғ задам.

***Клава***. Бемориҳо истироҳат надоранд, духтурҳо ҳам. Дилатон эҳтимол, каме дард мекунад?

***Платон***. Ҳар чизе ки бошад, ба дил мешинад, Клава.

***Клава***. Биёед, ба хона дароем, ман шуморо гӯш мекунам.

***Платон***. Дар ин ҷо ҳам мешавад.

***Клава*** (*ҷомадончаро мекушояд*). Фишори хунро чен мекунем.

***Платон***. Заҳмат накаш, Клава.

***Клава***. Албатта, даркор аст.

***Платон***. Бе ин ҳам мешавад.

***Клава***. Шумо ба тиб эътимод надоред.

***Платон***. Одам бе духтур ҳам медонад, ки чӣ ба чӣ кор меояд.

***Клава***. Пас шумо маро барои чӣ ҷеғ задед? Ба чойнӯшӣ?

***Платон***. Чойнӯшӣ ҳам кардан мумкин аст.

*Рангмол аз хона мебарояд.*

***Рангмол*** (*занашро дида*). Клава, Клаваҷон, Клаваякам, барои ман омадӣ?

***Клава***. Ба назди бемор.

***Рангмол***. Кӣ бемор? Платон Никитич? Э вай дар асри бисту як ҳам ба пур кардани дафтарчаи пулмонии худ машғул мешавад.

***Платон***. Агар зинда расам – машғул мешавам.

***Рангмол***. Ту дар вақташ омадӣ. Акнун мефаҳмӣ, ки чаро ман баъзан ба хона аз худ бехуд шуда меоям. Ман магар нӯшидан мехостам? Дар хаёлам ҳам набуд! Платон Никитич бошад, шишаро баровард. Мебинӣ? (*ишора*). Бишин, Клаваҷон, бо мо.

***Клава*** (*Ба Платон*). Маълум мешавад, ки ман ба шумо даркор нестам.

***Платон***. Даркор. Бишинед, ман шуморо бо чой зиёфат мекунам. Чой бо мураббои тути фарангӣ.

***Клава***. Духтурро чеғ задед, ки бо мураббои тути фарангӣ зиёфат кунед?

***Платон***. Чаро не? (*Ба хона медарояд*).

***Рангмол***. Мебинӣ, ман чӣ хел рад карда метавонистам, ӯ маро барои маслиҳати шарти кор даъват карду ҷомҳоро ба рӯи миз гузошт.

***Клава***. Нӯш, нӯш... Дуюмашро ҳам, сеюмашро ҳам, чорумашро ҳам.

***Рангмол***. Ту маро ҷанг мекунӣ, ман бошам туро дӯст медорам. Медонӣ барои чӣ? Ту зебоӣ! Ман охир рассоми асил ҳастам, ҳарчанд ки рангуборчӣ шудаам. Аммо истеъдод дар ман зинда аст... то ҳол маро қаду қоматаки ту, лабакони ту ба изтироб меандозанд.

***Клава***. Сафсатта нагӯ.

***Рангмол***. Боз офарин ба ману ту, Клаваҷон: якдигарамонро мехоему мехоем, аммо гӯшту нохун барин ҳастем, моро ҷудо карда намешавад.

*Ҷомро пур кард. Платон самоворро баровард.*

***Платон***. Чой менӯшед, ташаккур, ки даромадӣ, Клаваҷон, ман ҳозир пиёлаҳоро...

***Клава***. Биёед, ман ёрӣ кунам.

***Платон***. Пиёлаҳо дар ошхона.

*Клава ба хона даромад.*

***Рангмол***. Зани ман ҳаққонӣ зебост?

***Платон***. Меҳрубонона зиндагӣ мекунед?

***Рангмол***. Беҷанҷол не, лекин бад ҳам не... Вай ба бисёр чизҳо аз ман миннатдор аст. Вақте ки ман ӯро гирифтам гунҷишкаки парканда буд, хонондам. Институтро тамом кард, духтур... Осон набуд...

*Клава асбоби чойнӯширо оварда, ба рӯи миз гузошт. Фёдор даромад. Меҳмонҳоро дид, як лаҳза дасту по гум кард.*

***Фёдор***. Ассалом...

***Рангмол***. Ана, як каси ҳамқадаҳ пайдо шуд. Бо шиша якка ба якка буданро дӯст намедорам.

***Платон***. Назди мо биё, Фёдор.

*Фёдор паси миз менишинад.*

***Рангмол*** (*ба Фёдор шароб рехта*). Бигир, бинӯш, ҳоло зандор нестӣ... Зан, ки гирифтӣ, дар паҳлуят ҳамон лаҳза милитсионери юбкапӯш пайдо мешавад. Гуфтагӣ барин, шинос шав, ин Клава. Эҳтимол ӯро шиносӣ? Духтур. Зани ман. (*Клаваро мебӯсад*). Мо якдигарро дӯст медорем. Ман ӯро, ӯ маро. Барои ӯ менӯшем.

***Клава***. Кифоя аст, ба ту.

***Рангмол***. Ман, Клаваҷон, ба ту мегӯям, ки дигар наменӯшам. Ҳоло ба ҳавлӣ даромада духтарчаамонро мегирему ҳамаамон ба боғ меравем... Ман шуморо ба чархи фалак савор мекунам. Хурсанд кардани оилаамро дӯст медорам. Имрӯз корамон омад кард: омадам, маслиҳат пухт, нӯшидем, ана ба болояш ҳамсарам омад. Ин қиссаву вассалом. Биёед, боз яктоӣ нӯшем. (*Шишаро мегирад, мерезад*).

***Платон*** (*шишаро мегирад*). Вақташ мерасад. Ҳоло гапзанон кунед... Шумо гапҳои мегуфтагӣ доред.

*Пауза. Фёдор ва Клава ишораи Платонро фаҳмиданд.*

***Рангмол***. Зирак ҳастӣ ту, Платон Никитич, дар ҳавлиат театр барпо кардӣ, қиссаҳои аҷоиб шуниданат омад. Ана ман яктоашро гӯям: ин воқеа дар Идораи сохтмону лоиҳакашии рақами 3 рӯй дода буд. Як ҷавон мефаҳмад, ки рафиқаш ба зани ӯ, чунонки мегӯянд, ҳавас дорад ва он зан ҳам ҷавобан... Ҷавон чӣ кор мекунад? Ба занаш ба БАМ (Сохтмони роҳи оҳани Байкалу Амур) билет мехарад ва мегӯяд: бирав, дар он ҷо каме хунук мешавӣ, ақлат ба сар меояд, баъди як сол бармегардӣ, пеши ман ба зону меафтӣ, ман баъд фикр мекунам, ки туро бубахшам ё не. Давомаш чӣ хел шуд, ҳеҷ намеёбед. Занаш билетро гирифтаасту рафтааст. Давомаш... боз ҳам аҷоибтар! Ошиқаки вай ҳам ба БАМ рафтааст. Ва ниҳояташ умбулаки данг! Шавҳар ҳам ҳамаро партофта аз паси онҳо... Дар он ҷо, дар ҷангал, дар байни он се нафар чӣ ҳодисае мешавад, хирсҳои ҷангалӣ медонанду бас. Ана барои шумо як қиссаву вассалом. Маъқул шуд?

***Платон***. Маъқул шуд.

***Рангмол***. Акнун аз кор гап мезанем! Сесад сӯми шақарросӣ... Панҷ рӯз... Ман медонам, ки шумо кундфаҳм ҳастед. Пагоҳ як сари қадам медароям, ҳа ё неятонро мегӯед. Рафтем, Клаваҷон.

***Платон***. Шояд боз ягон кас қиссаи вассаломдор дошта бошад?

***Рангмол***. Шишаро ба болои миз бимонед – ин гуна қиссаҳои ман то саҳар мерасанд. (*Ҷомро пур мекунад*). Бинӯш, Клаваҷон, барои рӯҳбаландӣ, Клаваҷон, қаҳр кунӣ ҳам, маро дӯст дор. (*Ӯро мебӯсад*).

*Пауза*

***Клава***. Ман Фёдорро дӯст медорам.

***Рангмол***. Ман ҳам Фёдорро дӯст медорам, ҷавони хуб. (*Мехост нӯшад, аммо ҷомро дар ҷояш гузошт*). Клаваҷон шӯхӣ мекунад, аломати нек аст.

***Клава***. Ман шӯхӣ намекунам. Фёдор ба ман каси бисёр азиз аст. Ман то ҳол фикр мекардам, ки инро ба ту чӣ тавр гӯям. Акнун ту медонӣ.

***Рангмол***. Ин чӣ театр аст? Ин чӣ мазҳака? Каси мастро мазоҳу масхара карданӣ шудед? Ман аз ҳамаатон ҳушёртар ҳастам! Ман менӯшам, барои он ки мехоҳам, барои он ки дилам мехоҳад!.. Ман зиндагӣ мекунам!.. Имрӯз зиндагӣ мекунам... Имрӯз менӯшам!.. Фардо касе намедонад, ки он чӣ хел мешавад. Фардо худаш чист? Фардо нашуданаш ҳам мумкин аст. Якто бомбача... мезанад, ки ба ту на Фёдор, на миз, на ман, на Клава ва ҳатто на Платон Никитич мемонад, ана ҳамин тавр... Тӯдачаи хокистар мемонаду тамом. Ва дар дунё ҳеҷ кас намемонад. На амёба ва на президент!

***Клава***. Ту фаҳмидӣ, ки ман ба ту чӣ гуфтам? Ман Фёдорро дӯст медорам...

*Пауза*

***Рангмол*** (*бо овози ҳушёри бадхоҳона*). Аз ман дил кандӣ, Клава, Клаваҷон, мӯрчаяки ман... Ҳаҳ–ҳаҳ... Барои чӣ, мӯрчаяки ман, дил кандӣ?

***Клава***. Ту девона ҳастӣ! Ман рӯз то рӯз дар ҳавлӣ тоқати дидани рӯи туро надорам.

***Рангмол***. Задам? Пучидам? Газидам?

***Клава***. Ором мешинӣ ва ё ҷанҷол мекунӣ фарқ надорад, маст, ки ҳастӣ, девона ҳастӣ. Мастиатро бад дидам, баъд нафрин мекардагӣ шудам.

***Рангмол*** (*бархост, наздик омад, пас рафт, гӯё аз дур ба Клава нигаристанӣ буд*). Як вақтҳо ин девона ба ту пӯстинчаи сурхи чармӣ харида буд, ту онро пӯшидӣ ва барои он ки худатро дар оина бинӣ, ба болои курсӣ баромадӣ... Маъқул шуд, дӯст доштӣ, рост аз болои курсӣ ба гардани ман овезон шудӣ. Қариб буғӣ карда будӣ, якзайл бӯсакунон мегуфтӣ: «Азизакам, меҳрубонакам, меҳнатдӯстакам, ташаккур!»... Ёд дорӣ...

***Клава***. Дар курси якум. Ҳаштуми март...

***Рангмол***. Вақте ки ба ман хона доданд ва ман онро бо ранги қаҳрабо ва кабуди осмонӣ ранг кардам... Дастонамро мебӯсидӣ. Мӯрчаякам ҳамин тавр буд?

***Клава***. Буд.

***Рангмол***. Фёдор, ба чашмони ман нигоҳ кун. Ту дар онҳо чиро мебинӣ?

***Фёдор***. Саққоҳои давида баромадагӣ!

***Рангмол***. Клава бошад дар онҳо кӯлҳоро дида буд ва дар он кӯлҳо шарораҳои офтобро... Ӯ инро гуфта буд, хотираи ман мустаҳкам аст. Ва орзу мекард, ки духтарамон ба ман монанд бошад. Ҳамин тавр ҳам шуд – монанд, махсусан, чашмонаш. Акнун Фёдор азизу меҳрубон аст, акнун ӯ кӯлҳо дораду дар онҳо шарораҳои офтоб ҳастанд... Акнун орзу мекунем, ки бачаҳо ба ӯ монанд бошанд... ҳа... ҳа... (*хандаи бадқаҳрона*).

*Фёдор тоқат накарда бархест, назди Рангмол омад.*

***Платон***. Биншин, Фёдор!

***Клава***. Дӯст медоштам. Ҳамин тавр буд. Баъд ту ба куштани ишқи мо сар кардӣ. Нобуд мекардию нобуд мекардӣ... Ман онро табобат мекардам, наҷот медодам, шабҳо ба сари он мегиристам, вай бошад заиф мешуду заиф. Ва охир бимурд.

***Рангмол***. Ту ӯро дар куҷо гӯрондӣ? Ба сари гӯракаш равам, бинам, ба ёдаш орам, нӯшам, гирдашро таворача гирифта ҳайкалчае монам.

***Клава***. Ишқро – дар куҷо, ки зода мешавад, дар он ҷо мегӯронанд. Дар дил.

***Рангмол***. Воҳ, ту шоир-ку? Ман ҳатто намедонистам. Ё эҳтимол фоҳишаю бас? (*Ва тамоман бо овози дигар*). Вақти хонаравӣ шуд! Духтарамон худаш танҳо, метарсад.

***Клава*** (*бархоста*). Вақт шуд.

*Рангмол аз паси Клава зуд рафтанӣ шуд, аммо Фёдор пеши роҳи ӯро гирифт.*

***Фёдор***. Эҳтиёт бош! Ба Клава нӯги дастатро нарасон! Агар дар байни мо на як ту, садто ту барин рангмол бошад ҳам – ҳамаро несту нобуд карда мепартоям. Клаваро дӯст медорам... Ӯ насиби ман аст! (*Мебарояд*).

***Рангмол*** (*аз газаб қариб нафастанг шуда буд. Хомӯш буд, баъд бо нафрини рӯйрост ба Платон гуфт*). Ана, шумо чӣ хел дилхушӣ мекардаед, Платон Никитич. Театр дар хона? Ман бошам рост фикр кардаам, ки дар ҳақиқат хонаи шуморо таъмир кардан даркор аст, мӯйсафед ширинкома тайёр кардааст, гуфтаам... Гапи занамро шунидӣ, акнун гапи маро гӯш кун! Ҳамаи он сафсаттаеро, ки дар ин ҷо Клава, Клаваҷон, гулаку булбулаки ман гуфт, ман ҳамаашро ҷамъ кардам, ҳамаашро! То охирин суханҳояшро ҷамъ кардам ва ҳамаашро ба ӯ баргардонда ба хекиртакаш меандозам, ки дигар ягон бор хоҳиши онҳоро берун овардан накунад! Ман инро мекунам! Чунки ин кори оилавии мост! Агар шумо одамони хушахлоқ – Ангелҳо лонаи маро вайрон карданӣ бошед, ман пару боли шуморо бо оташ месӯзонам! Дӯст медорад – намедорад, ин кори касе нест. Ман оила дорам, духтар дорам! Ба Фёдори худатон аз ман гӯед: ман бо ӯ занозанӣ намекунам, ӯ аз ман зӯртар аст. Занозанӣ намекунам, аммо ба куштан – мекушам! (*Заҳрханда карда*). Ана ба шумо қиссаву вассалом! Кӣ онро ҳикоя кард? Ман? Федя? Клава? Не! Ту онро хомӯшона ҳикоя кардӣ. Қобили пир! Ту!.. (*Писханд зада*). Ин қиссаву вассалом.

*Парда*

## НАМОИШИ ДУЮМ

*Ҳавлӣ. Платон устогӣ мекунад. Крячко медарояд.*

***Крячко*** (*ба нимкатча мешинад*). Нӯшиданӣ бидеҳ.

***Платон*** (*ба шиша ишора карда*). Бинӯш, агар монда бошад.

***Крячко***. Не, аз ин не. Валерианка... Доруи дил...

*Платон ба хона даромад.*

Акнун зуд-зуд мегирад. (*Шишаро мегирад*). Онҳо чӣ менӯшанд? Шояд ба рангмол ширинкома медоданд, ки занашро ба Фёдор гузашт кунад?

*Платон мебарояд, шишачаи дору ва пиёлаи обро медиҳад.*

***Платон***. Чанд қатра? Сито?

***Крячко***. (*нӯшида*). Наҷосат! Ин сеюм ва чорум бор аст, ки маро ин тавр мегирад. Гӯё ба шонаам мех зада бошанд. (*Баъд аз лаҳзае*). Платон мехоҳам, маслиҳат кунам, ки минбаъд чӣ тавр зиндагӣ кунам. Туро бачаҳоят камтар хушёр карда монданд, акнун ту ҳам маро зудтар

мефаҳмӣ... Дирӯз пагоҳӣ Ваняи маро гирифта буданд. Саг барин нӯшида, ҷанҷол кардааст, акнун сарашро метарошанд, ба дасташ ҷорӯб медиҳанд. Дар пеши назари ҳама ба кӯчарӯбӣ меандозанд. Чӣ бояд кард? Бигӯ, чӣ?.. (*Ҷомро гирифта аз шиша боқии арақро рехта нӯшид*). Мани падар, дар чунин ҳолат чӣ кор кунам? Гӯй... Ту охир, худатро оқил меҳисобӣ, ана акнун бигӯй... Чӣ бояд кард? Вай акнун дар пеши назари ҳама кӯча мерӯбад, ман чӣ кор мекунам?

***Платон***. Ту ҳам ҷорӯб ёб, дар паҳлуяш ист, ҳардуятон рӯфтан гиред.

***Крячко***. Ту гапро ба кадом тараф мебарӣ?

***Платон***. Ба кадом тарафе, ки даркор бошад, ба ҳамон тараф мебарам.

***Крячко***. Не. Ба дигар тараф мебарӣ. Ана, ман мегӯям! Дар тарбияи ҷавонон хатоҳо буданд. Ва ҳоло ҳам ҳастанд! Аблаҳ бо як илоҷ мехонад, ба ӯ бошад се мондан мегиранд. Чунки мактаб бо мактаби дигар мусобиқа дорад – аз рӯи дониши бачаҳо ғолиб омадан даркор аст. Аблаҳӣ карда гашт, наомӯхт ва намеомӯзад, ӯро бошад аз синф ба синф мегузаронанд, чунки аз мактаби ҳамсоя пеш гузаштан даркор аст, ин бекорхӯҷаҳоро ба комсомол ҳам қабул карданд, чунки ташкилот сабзиданаш лозим аст... Милитсияро гирем... Мана бачаи ман ба ҷамоати бад афтида монд. Чаро ин ҷамоати бад аст? Чунки милитсия дасташ дар киса бепарво мегардад. Намешавад, ки ин тавр... Милитсионер бадрафторро вохӯрад ба сараш фурорад! Не куҷо! Ҳуштакашро мекашаду аз худаш на пай ҳасту на ҳайдар, мегурезад! Ана ин ба ту нигоҳбони тартибот.

***Платон***. Худат озмуда медидӣ, ки писаратро ба сараш... фурорӣ?

*Пауза*

***Крячко***. Акнун зӯрам намерасад... Дилам ҳам месӯзад. Аз хурдиаш омӯхтан даркор буд. Вале чӣ тавр?

***Платон***. Бо меҳнат! Дасти сиҳат – саломатро чунон баста мон, ки як-ду моҳ ҳаракат накунад, пас кушо – даст беқувват мешавад, як стакан обро дошта наметавонад! Аммо писари ту на ин ки ду моҳ, балки бист сол боз ҳеҷ кор намекунад, худ аз худ маълум аст, ки маслуқ шудааст... Ӯ хӯрдану нӯшидан мехоҳад, вале кор кардан намехоҳад. Маслуқи таппа–тайёр аст.

***Крячко*** (*кафида рафта*). Дигаронро ёд медиҳӣ, аз они худат чӣ? Фёдор бо духтурзан... Хурдияшро бо занаш пеш кардӣ! Маълум аст, ки салтанати ту аллакай ба футур рафтааст, ман бошам то ҳол ба ин ҷо ба тамошо меоям, ки ҳокимияти мутлақи оилавиро бинам! (*Баъди пауза*). Бачаҳои ту– ку меҳнат мекарданд! Ту онҳоро аз сесолагӣ ба меҳнат омӯхта будӣ, акнун чӣ шуд? Чӣ шуд? Ту барои онҳо сифри бе алиф ҳастӣ? Даҳ сифри беалиф ҳастӣ! Яъне ҳеҷ ҳастӣ. Ман аз ту ҳеҷ чизи меомӯхтагӣ надорам ва намехоҳам ҳам! Саломат бош! Ба ман ёд медиҳад, ҳол он ки оилаи худаш тамоман хароб аст.

*Торик мешавад. Субҳ. Уляна дар назди миз ҷунбуҷӯл дорад. Платон дар як тараф нишаста, курткаи Павликро аз назар мегузаронад.*

***Уляна***. Бозори хуб буд, гӯшт ҳам арзон, сабзӣ ҳам, ман барои ҳамсояамон Крячко ҳам як чиз–ним чиз харидам. Он қадар мошине омадааст, ки ҳам аз шаҳр, ҳам аз деҳа. Як кас барои хукбачаҳояшро фурӯхтан ладасавор омадааст.

***Платон*** (*тугмаи курткаро кашида–кашида мебинад*). Тугмаҳояшро маҳкам кун, афтода гум мешаванд. Акнун ин хелашро намеёбӣ. Немисӣ.

***Уляна***. Андохтани курткаро фаромӯш кардӣ?

***Платон***. Фаромӯш кардам, гап тамом.

***Уляна***. Пурсидам, ки охир шумо куҷо меравед? Ба куҷо, Павлик? Ӯ бошад хомӯш аст... Ба автобус мешинад... Омада ист, мегӯям, ӯ бошад хомӯш аст! Ва духтарак ҳам паррандача барин ба ӯ ҷафс мешавад. Бачаро бароварда пеш кардан! Худо ҳам, мардум ҳам моро намебахшанд.

***Платон***. Ба сари худ зиндагӣ карданро хостааст.

***Уляна***. Ту дил надорӣ!

*Платон ба назди репродуктор омад, мурваташро тоб дод ва ин суханҳоро шунид: «Поятонро баробари васеии китфонатон гузоред» – хомӯш кард.*

***Платон***. Мардум кайҳо боз кор мекунанд, вай бошад «баробари васеии китфонатон».

***Уляна***. Онҳо дар куҷо зиндагӣ мекунанд, дар куҷо хӯрок мехӯранд? Чӣ мепӯшанд?

***Платон***. Зан гирифт, маълум мешавад, ки дар ин бора фикр кардааст.

***Уляна***. Умед дошт, ки мо мадад мекунем.

***Платон***. Барои чӣ мо? Ба онҳо Конститутсия дар ҳаждаҳсолагӣ ҳуқуқи интихоб карданро медиҳад, дар бистуяксолагӣ ҳар яке метавонад узви ҳукумат бошад. Ман бошам менавиштам: «Аз шонздаҳсолагӣ нони худро бояд хӯрд!» (*Баъди пауза*). Вагарна, ҳамааш барбод меравад. На газетаҳо, на кино, на маҷлисҳо, на лексияҳо мадад мекунанд! Агар ба меҳнат омӯхта нашуда бошад, маълум, ки маслуқ аст.

***Уляна***. Ҳамин Павлики мо, ба меҳнат омӯхта нашудааст? Гуноҳ аст ин тавр фикр кардан.

***Платон***. Пас, рӯзашро мегузаронад.

***Уляна***. Мо дар ҷавониамон камию костӣ кашидем. Акнун ақаллан бачаҳо...

***Платон***. «Мо камию костӣ кашидем. Акнун ақаллан бачаҳо...». Инро душмани Ҳукумати Шӯравӣ фикр карда баровардааст, ки бачаҳоро бадахлоқ кунад. Ба камию костӣ тоқат кардан дигар асту кор кардан дигар аст. Ва на чӣ тавре ки рост меояд, балки хуб, серу пур, бо сарбаландӣ зиндагӣ кардан даркор аст, ки дар хонаат ҳама чиз бошад ва захира ҳам бошад. Агар оилаи ман барои «Запорожетс» пул кор карда бошад, пас мо барои давлат ду «Запарожетс» кор карда додаем, ба худ як телевизор – ба давлат ду телевизор. Мо ҳар қадаре ки хуб кор кунем, барои давлат ҳамон қадар хуб аст. Бисёртар меҳнат кунем, давлат мустаҳкамтар мешавад. Арифметикаи ман аз сода ҳам содатар аст.

***Уляна***. Лида пагоҳ меравад, ман ба онҳо равғани хук харидам. Дар ҷои онҳо ин хелаш ёфт намешавад. Ягон се кило... ва боз баъзе чизҳо. Фақат ба ӯ вазнин намешуда бошад, мегӯям. Ӯ ҷомадон ва сумка ҳам дорад.

*Пауза*

***Платон***. Ман ҳамроҳи ӯ меравам.

***Уляна***. Ба куҷо?

***Платон***. Ба назди Пётр. Як-дурӯза меравам. Мебинам, ки чӣ тавр зиндагӣ мекунанд, чӣ тавр пули нонаша меёбад.

*Пагоҳии барвақт. Саробӯстони Пётр. Ҳамин гуна таассуроте ҳосил мешавад, ки он ҳавлии Платон бошад. Хоначаи хурди пешайвондор, мизи тахтагӣ, сутунаки дастшӯякдор. Фақат курсии нарми алвонҷхӯрандаи нозуксохт ва курсиҳои рангаи тобистонаи атрофи миз зуд ба назар мерасанд. Платон дар байни ҳавлӣ нишаста, гирду атрофро аз назар мегузаронад. Ба назди миз омада нишаст ва ҳамоно ба хотираш расида бархост; санҷида дид, ки миз ба замин сахт гӯр карда шудааст. Дар рӯи ҳавлӣ гашт, гӯё барои худ коре меҷуста бошад. Виля пайдо шуд, ҷавони ҷинспӯш, мӯйдароз, гитордор, куртааш пуропури сурати нахл. Чанде ба рафтори Платон Никитич назорат кард.*

***Виля***. Ассалом падарҷон! (*Ба ҳавлӣ медарояд*). Харрот? Ба назди Пётр Платонович омадед? Шумо ба ҳафтаи гузашта ваъда дода будед. Асбобатон куҷост? Ҳарчандросташ, дар ин ҷо ҳамааш ҳаст. Ана он устохона, дар он ҷо ҳам ашё, ҳам асбоб ҳаст. Ман шунидам, хӯҷаин мехоҳад, ки ба ӯ дар ин ҷо нимкатча созанд, вале асосиаш дар болои айвонча хурӯсча созанд ва дар ду тарафаш ана ин хел (*ишора*)... аз чӯб нақш кунанд...

***Платон***. Ин ба ӯ чӣ лозим?

***Виля***. Дар хонаи падараш айнан ҳамин тавр аст. Вай мехоҳад, ки дар хонаи ӯ ҳама чиз ба монанди хонаи падараш бошад. Нозу нузи бузургон!

***Платон***. Аз рӯи фаҳмам, ин саробӯстони ӯ нест?

***Виля***. Ин саробӯстонро вай ҳар тобистон иҷора мегирад. Бирав, мӯйсафед, ба устохона аз хурӯсчаҳо, мурғакҳо, чӯҷаҳо ва ҳар хел нақшҳо бисоз. Пулаш бемалол, ҳар қадар хоҳӣ, медиҳанд. Онҳо пул доранд. Вале ба назари ман, ту ҳам аз камбағалҳо нестӣ?

***Платон***. Дар пешонаам навишта шудааст?

***Виля***. Бо ҳарфҳои чопӣ.

***Платон***. Дар боғ менишинӣ?

***Виля***. Бале.

***Платон***. Боғи шахсӣ, давлатӣ?

***Виля***. Падарам шахси давлатӣ, ман ҳамроҳи ӯ.

***Платон***. Истироҳат мекунӣ?

***Виля***. Кайфую.

***Платон***. Ким-чӣ хел сухани аҷоиб.

***Виля***. Бо таъбири дигар, ба бекории фараҳбахш, беташвиш, бароҳат ва оромиш машғулам.

***Платон***. Фаҳмидам. (*Баъди пауза*). Падари хушбахт!

***Виля*** (*лабханд карда*). Лаззат бурдан мехоҳед?

***Платон***. Мехоҳам.

***Виля***. Ба ман чӣ тавр зиндагӣ карданро ёд диҳед. Ман саропо гӯшу ҳуш ҳастам. (*Мешинад, гӯё дуру дароз гӯш медода бошад*).

***Платон***. Агар то ҳоло ёд надода бошанд, акнун ёд дода намешавад. Номат чист?

***Виля***. Виля.

***Платон***. Месароӣ?

***Виля***. Сароям?

***Платон***. Бепул?

***Виля***. Фақат барои шумо. (*Гиторро ҷӯр карда ба сурудан сар кард*).

*«Киштиҳоро мебарад боди замон*
*Киштиҳоро, киштиҳоро, киштиҳоро!*

*Як замон як зоғи пир,*
*Ёфт як парча панир.*

*Гуфт зоғи пир бар зоғи ҷавон,*
*Зираку ҳушёр шав, ки мебарад,*
*Рӯбаҳ аз ту ин паниру мехӯрад.*

*Киштиҳоро мебарад боди замон*
*Киштиҳоро, киштиҳоро, киштиҳоро!*

*Мегирифт аз зоғи пир.*
*Як ҷавонзоғе панир.*
*Рӯбаҳе омад, варо таъриф кард,*
*То панираш аз даҳон бо ҳила бурд*

*Киштиҳоро мебарад боди замон*
*Киштиҳоро, киштиҳоро, киштиҳоро!»*

Консерт ба охир расид, шинос шуданамон хуш буд. Метавонед ба кор сар кунед. Ҳамин замон хӯҷаин меояд. То дидан. (*Сурудхонон ба сӯи дарвоза меравад*). «Киштиҳоро мебарад боди замон, Киштиҳоро, киштиҳоро, киштиҳоро!»

***Платон*** (*ӯро бо нимнигоҳ гусел карда*). Гӯё он қадар бефаҳм ҳам нест... (*Хонаро аз назар мегузаронад*). Ба ростӣ, аз они ман барин. Дуруст аст, ки нимкатча намерасад.

*Лида медарояд.*

***Лида***. Шумо бисёр ҳам барвақт мехестаед. Дар куҷо будед? Ман гумон кардам, ки ба шаҳр рафтаед.

***Платон***. Сабзазорро тамошо кардам. Биҳишт барин.

***Лида***. Ман ба деҳа рафта будам, шир гирифтам. Ҷои мо ором аст. Дар рӯзҳои кор ҳеҷ кас нест.

***Платон***. Ман аллакай дидам. Ба ин ҷо як кас омада буд.

***Лида***. Кӣ будааст вай?

***Платон***. Ҷавонаки гитордор. Ҳамин хел як мӯйдарозакак, номашро Виля мегӯяд.

***Лида***. Ӯ, ҳо, ана аз он дача, аз он саробӯстон.

***Платон***. Падараш калоншаванда аст?

***Лида***. Калоншаванда.

***Платон***. Бачааш сарсарии ҳарҷогард?

***Лида***. Хато мекунед. Рассоми машҳур. Асарҳои ӯро зуд-зуд дар намоишгоҳҳо намоиш медиҳанд, ҳатто дар хориҷа ҳам. Соҳибистеъдод!

***Платон***. Баъзан ба одам нигоҳ мекунию ҳамон замон мефаҳмӣ, ки аблаҳ аст ё оқил ва баъд диққат мекунӣ, ки ӯ сафедпӯст аст ё гандумгун. Ин дафъа дуруст нафаҳмидаам.

***Лида***. Эҳтимол хаста шудед? Истироҳат кунед.

***Платон*** (*табассум карда*). Хурӯсчаҳо метарошаму нақшҳо мекунам.

***Лида***. Пётр гуфт?

***Платон***. Виля.

***Лида***. Пётр ҳамаашро хонаамон барин кардан мехоҳад! Хоначаи иловагӣ ҳам сохт. Дар рӯзҳои истироҳат ким-чӣ месозад, Пётри хурдакак ҳам кам-кам ёд мегирад.

***Платон***. Майдаат зимистонро дар хонаи падару модарат мегузаронад?

***Лида***. Не, шумо чиҳо мегӯед... Тирамоҳ ба хона меорам. Вақте ки писаракамон ҳамроҳамон бошад, ҳатто сабук нафас мегирем. (*Ба хона меравад*).

***Платон*** (*зери лаб*). Павлик барнамегардад. (*Баъди пауза*). Фёдор ҳам сари калобаашро гум карда монд. «Мутлақияти оилавӣ хароб мешавад» мегӯяд Крячко. Кӣ онро хароб мекунад? Ту ким-чиҳоро надида мондӣ, Платон. Дар зиндагӣ охир ин тавр ҳам мешавад! Ана, падараш калоншаванда, писараш коркун, рассом шудааст. Писари Крячко бошад кисаи сӯрохи ӯро пок-покиза ба шароб мезанад.

*Аз хона Лида баромад.*

***Лида.*** Шумо ба кӣ гапзанон мекунед?

***Платон***. Гапзанон фикр мекунам. Ба хонаамон меҳмон меояд ва ё худат ба куҷое рафтанӣ ҳастӣ? Эҳ, ин қадар либосҳои зебо пӯшидаӣ.

***Лида***. Пётр ҳамин замон меояд. Дар назди меҳмонҳо безебаш ҳам мешавад, барои шавҳар – куртаи аз ҳама беҳтаринашро... Пётр маро ҳеҷ гоҳ бетартибу ноороста ва ё дар хилъати ошпазӣ надидааст.

***Платон***. Гӯё барои ид ороста шудаӣ.

***Лида***. Ин Пётр. Аммо бо мошинаи худаш не, бо ким-кадом мошинаи дигар омадааст.

***Платон***. Зиндагӣ – рӯзи кор аст...

*Пётр дар дасташ бастаҳо медарояд.*

***Пётр*** (*Лидаро мебӯсад*). Ассалом! Аҳволатон чӣ тавр аст, падар?

***Платон***. Бад нест.

***Лида***. Бо мошинаи кӣ омадӣ? Сигналаш дигар хел.

***Пётр***. «Волга»–и нав доданд.

***Лида***. Барои наваш ба миз шампон биёрам ҳам гуноҳ нест. (*Саросема ба хона медарояд*).

***Платон***. Чӣ тавр доданд?

***Пётр***. Мошинаи идора.

***Платон***. Саробӯстон чӣ?

***Пётр***. Он ҳам аз идора.

***Платон***. Бепул?

***Пётр***. Не, пулашро медиҳам.

***Платон***. Олиҷаноб зиндагӣ мекунӣ ту, писарам. Хона, мошин, саробӯстон. Моҳонаат ҳам кам нест. Коратро маҳкам дор, Пётр! Маҳкам! Дар корат як-ду соат изофа истӣ, тоҷ аз сарат намеафтад. Зиндагиат бад нест гуфта фикр мекардам, аммо ин хел буданаш ба хаёлам ҳам намеомад. Маҳкам бош!

***Пётр*** (*хандида*). Кӯшиш мекунам!

***Платон***. Мебинӣ, давлат ба ту чӣ қадар медиҳад, ҳатто эҳтимол барзиёд ҳам медиҳад. (*Баъди пауза*). Ҳушёр шав, ки сазовор бошӣ. Агар писар серу пуру обрӯманд бошад, падар дучанд хушбахт аст!

***Пётр***. Ман ҳар чизе ки дошта бошам, ба шарофати шумост... (*замзама мекунад*).

*Модарам гуфто, ки «шӯхӣ бас дигар,*
*Кор бояд кард, меояд падар!»*
*Модарам гуфто, ки «шухӣ бас дигар*
*Зиндагию кор омӯзад падар!»*

***Платон*** (*бо лабханд*). Фаромӯш накардӣ?

***Пётр*** (*лабханд карда*). Фаромӯш накардаам? Ҳеҷ чизро фаромӯш накардаам...

***Платон***. Хурӯс ҳам мехоҳӣ, нақшу нигор ҳам мехоҳӣ? Месозам.

***Пётр***. Рӯзи истироҳат ҳар дуямон месозем.

*Виля медарояд...*

***Виля***. Сардор омаданд.

***Пётр***. Виля, ассалом!.. Ба наҳорӣ хоҳиш мекунем. Шинос шав, ин кас падари ман. Ин Виля, соҳибистеъдоди маъруф!

***Платон***. Мо шинос.

***Пётр***. Аллакай ба хонаамон омада будӣ?

***Виля***. Саҳари солеҳон бо умеди гуфтугӯи ҷиддӣ бо шумо, Пётр Платонович, даромада будам.

***Пётр***. Гуфтугӯи ҷиддӣ дар вақти кор мешавад, ҳоло вақти наҳорист.

***Лида*** (*аз хона*). Бо шампон!

***Виля***. Дар вақти кор ман дар байни маҷлису машваратҳои беохир ба назди шумо роҳ ёфта наметавонам.

***Лида*** (*аз дар берун нигариста*). Виляи бечора, вай чунон хоксору беҷуръат аст, ки даромада наметавонад... Наҳорӣ мекунему гапзанон ҳам...

***Пётр***. Шуморо як дақиқа мегузорам. (*Ба хона меравад*).

***Платон***. Ба назди Пётр бо чӣ кор омадӣ?

***Виля***. Хона мерӯёнам.

***Платон***. Дар хонаи падару модарат зиндагӣ мекунӣ?

***Виля***. Дар хонаи падару модар зиндагӣ мекардам, акнун ҷудо мекунанд чунонки гӯсоларо аз гов.

***Платон***. Вақташ. Магар Пётр хона медиҳад?

***Виля***. Яке аз он садҳо касе, ки барои хона гирифтан қарор карданаш даркор аст.

***Платон***. Яке аз сад? Дар назди наваду нуҳ касаш аллакай будӣ?

***Виля***. Писари шумо асосиаш мебошад.

*Пётр ва Лида медароянд, ба рӯи миз табақчаю пиёлаҳо мегузоранд.*

***Лида***. Виля ва Пётр – шампон. Шумо чӣ Платон Никитич?

***Платон***. Ҳеҷ чиз.

***Виля***. Мо одамони мутараққӣ ҳастем, худамонро ба зери расмиятҳо намегузорем. Ба хона падаратон омадааст. Ба шумо беҳтар аст, ки бо оилаи худ бошед, ба ман асосиаш он аст, ки масъалаи худро ҳал кунаму равам. Моро ҷамъияти аҷоибтаре мунтазир аст.

***Пётр***. Дурусттараш, ба ту чӣ даркор аст?

***Виля***. Мадад барои хонагирӣ. На ба маънои ояндаи дурахшон, балки ҳисшаванда, дурушт ва ба назаррасанда...

***Пётр***. Ту сазовор ҳастӣ...

***Виля***. Беҳтараш аз меҳнат ёфтӣ мегӯем, калимаи «сазовор»–ро дӯст намедорам. Вай ким-чӣ хел таъми нохуш дорад...

***Платон***. «Аз меҳнат ёфтӣ» – беҳтар.

***Пётр*** (*хандида*). Гап як карданд. Хӯш, ки гап ҳамин тавр бошад, ту, Виля, маро бо шампон зиёфат карданат лозим аст. Ҳамин тавр ҳисоб кун, ки ту аллакай хона дорӣ.

***Виля***. Ба ман ин қисса хуш меояд. (*Вонамуд мекунад, ки набзашро мешуморида бошад*). Задани набзам ҳатто тезтар шуд.

***Пётр***. Ҳоло гап дар бораи якхонагӣ меравад.

***Виля***. Чунонки мегӯянд, ба ҷои рангу равған қалам!

***Пётр***. Имсол сохтанашро сар мекунем.

***Виля***. Дар кадом гӯшаи биҳишт?

***Пётр***. Дар охири кӯчаи Качаловская.

***Виля*** (*хомӯш монд, гӯё мавзеъро фикран аз назар мегузаронда бошад*). Расмҳои дигар нест?

***Пётр***. Мутаассифона, не.

***Виля***. Ташаккур барои ғамхорӣ!

***Пётр***. Қонеъ намекунад.

***Виля***. Дар он хона кӣ зиндагӣ мекунад?

***Пётр***. Дусад хона – дусад хонавода.

***Виля***. Дурусттараш, қариб ҳазор бегунохе, ки ба бадарға маҳкум шудаанд.

***Пётр***. Бисёр ҳам фозилона сухан мегӯӣ.

***Виля***. Пётр Платоноч, ба шумо нақши мансабдори содаро бозидан муносиб нест. Хушиву хушбахтӣ мехоҳам! (*Таъзим карда сурудхонон мебарояд*):

*«Киштиҳоро мебарад боди замон,*
*Киштиҳоро, киштиҳоро, киштиҳоро!»...*

***Пётр***. Аз тасф мефурояд.

***Лида***. Барои чӣ он ҷо ба ӯ ин қадар маъқул нест?

***Пётр***. Камтар серғавғо. Охир, шахр қишлоқ нест, дар ҳама ҷо ғавғо ҳаст.

***Лида*** (*ҳангоми ба миз шампон ва ҷомҳоро гузоштан*):

*Модарам гуфто, ки: «Шӯхӣ бас дигар*
*Зуд бояд хӯрд, меояд падар!».*

***Пётр***. Ин суруд гӯё дар дилам ҳеҷ хомӯш намешавад... Ман баъзан якбора бохабар мешавам, ки суруди оилавиамонро бесадо мехонам. Падар, бисёр хурсандам, ки омадӣ.

***Платон***. Ман ҳам. Чӣ тавр зиндагӣ карданатонро дидам. Хуб зиндагӣ мекунед. Ба қадри корат рас, Пётр... Боз як бор мегӯям, наранҷ. Ба ту бисёр додаанд, ҳамин тавр ки ҳаст, аз рӯи виҷдон кор кун.

*Аз дур суруд ба гӯш мерасад. Овози мардона месарояд.*

(*Гӯш мекунад*). Канӣ хомӯш... Гӯё овози Павлик аст. Ҳамин тавр менамояд. Ва ин дар хобам аст...

*Торик мешавад.*

*Бегоҳ. Платон дар назди устохона карнизи нақшин мебурад. Аз назди дарвоза Виля мегузарад.*

***Виля*** (*истода*). Ассалом. Маълум аст, ки хато накардаам... Шумо устои ҳақиқӣ. Дар ҳамин ҷо ҳам Пётр Платонович сарфакорӣ кард. Ӯ сарфа карданро дӯст медорад, ҳам аз они худ, ҳам аз они дигаронро.

***Платон***. Даро, ман туро кофта ёфтанӣ будам.

***Виля***. Ман ба шумо даркор ҳастам? (*Ба ҳавлӣ медарояд*). Портрет фармудан мехоҳед? Намешавад.

***Платон***. Агар махфӣ набошад, пас ту расми киро мекашӣ?

***Виля***. Фаҳмонданаш он қадар осон нест.

***Платон***. Кӯшиш мекунам, ки фаҳмам.

***Виля***. Ҷӯяндагони меҳргиёҳ, то решаи дилхоҳро биёбанд дуру дароз, бисёр ҳам дуру дароз дар ҷангал мегарданд. Ман ҳам ҳамин тавр дар байни ҷангали инсонӣ он касеро мекобам, ки... дар дили ман дурахшон шавад. Дурахшон, ки шуд, расми ӯро мекашам.

***Платон***. Хуб гуфтӣ – дурахшон шавад. Ба куҷо шитоб дорӣ?

***Виля***. Як одами хирадманд гуфтааст: агар расидагӣ кардан хоҳӣ – шитоб накун! Агар умри дароз хоҳӣ – дар ин бора фикр накун! Хоҳӣ, ки туро дӯст доранд, ба чашми мардум камтар намо!

***Платон***. Дар масъалаи хона ҳам шитоб намекардӣ?

***Виля***. Шитоб намекардам, аммо пешпо хӯрдам.

***Платон***. Он ҷо чӣ ҷоест, он кӯчаи Качаловская?

***Виля***. Фаҳмидан мехоҳед?.. Шояд, Пётр Платонович ба шумо ҳам аз он ҷо хона пешниҳод мекунад?

***Платон***. Ман туро дар бораи ҷояш мепурсам. Бигӯ!

***Виля***. Аз як тарафаш завод, ки меъдаи азими вайрон барин шабу рӯз ғуррос мекунад. Аз тарафи дигараш – баъди панҷ сол пул – кӯпрук месозанд ва тамоми нақлиёти боркаш аз таги тирезаи хона мегузарад. Агар воситаҳои ҳозиразамони садонигоҳдориро ба ҳисоб гирем...

***Платон***. Ту шояд, писарам, асли корро надонӣ? Баъзан мардум мелаққанду...

***Виля***. Ин хабари дуруст аст!

***Платон***. Серғавғо шуданашро медонистанд, лекин боз ба нақша гирифтанд?

***Виля***. Кори муқаррарӣ!

***Платон***. Дар он ҷо зистан бад мешавад, мегӯӣ?

***Виля*** (*хандида*). Хурсандиовар аст! Интервю ба охир расид... Иҷозат диҳед хайрухуш кунам. (*Меравад*).

*Торикӣ. Лида дар курсии роҳат журналро варақ мезанад. Пётр дар пеши миз рӯзномаҳоро аз назар мегузаронад, андак изтироб дорад.*

***Лида***. Хавотир нашав, Петя, Платон Никитич ҳамин замон бармегардад.

***Пётр***. Намедонам, ки чӣ воқеа рӯй дод. Падар имрӯз ба хона рафтанӣ буд... Баногоҳ ба шаҳр рафтанаш омад, боз танҳо худаш, бе ман...

***Лида***. Шояд ягон чиз хариданӣ шуда бошад.

***Пётр***. Якшанбе, магазинҳо маҳкам.

***Лида***. Хурд не, роҳро гум намекунад.

***Пётр***. Кайҳо омаданаш даркор буд.

***Лида***. Мунтазир мешавем. Фикр мекунам, ки ба хӯроки пешин бармегардад.

***Пётр***. Биё, Лидаҷон, пеш аз хӯрок каме қадам занем.

***Лида*** (*мехезад*). То истгоҳи автобус?

***Пётр*** (*табассум карда*). Ёфтӣ, падарро пешвоз мегирем.

***Лида***. Дар назди падар ту боз ҳам бисёртар ба бача монанд ҳастӣ. Рафтем, бачаяки ман.

*Рафтанд. Ба зудӣ Платон ва Виля бармегарданд.*

***Виля***. Ана хонаводаи шумо ба ким-куҷо рафтанд.

***Платон***. Эҳтимол ба истгоҳ барои пешвоз гирифтани ман рафтанд.

***Виля***. Таксиро мебинанду мефаҳманд, ки шумо омадед. Биёед, аллакай бармегарданд. Ман меравам. Набошад, ба ман ҳам мерасад.

***Платон***. Ба фикрат мурод ҳосил намешавад?

***Виля***. Агар ҳатто донанд, ки фардо он ҷо фурӯ меравад ва ё баногоҳ дар он ҷо вулқон, кӯҳи оташфишон бедор мешавад, фарқ надорад, сохтан мегиранд. Чаро насозанд? Имзо ҳаст. Қарор ҳаст...

***Платон***. Барои чӣ муҳобот мекунӣ?

***Виля***. Барои он ки беҳтар фаҳмед.

***Платон***. Охир, онҳо чӣ гуна соҳибон ҳастанд?

***Виля***. Ҳамаи онҳо писарони фалонӣ, набераҳои фалонӣ ҳастанд. Хайр, ман рафтам. Саломат бошед, Платон Никитич. (*меравад*).

*Лида ва Пётр пайдо шуданд.*

***Лида*** (*ба соат менигарад*). Даҳ дақиқа кам се.

***Платон***. Ман дирӯз пайхас кардам, ки шумо расо дар соати се хӯроки пешин мехӯред. Бинобар ин кӯшиш кардам, ки дер намонам.

***Лида***. Ҳама хӯроки ман тайёр аст, ҳатто тушбераи бо асал мехӯрдагӣ ҳам. Ҳар кас хоҳиш дошта бошад, бо қаймоқ ҳам медиҳам. (*Ба хона медарояд*).

***Платон***. То хӯрок овардани Лида, Пётр, биё гапзанон мекунем.

***Пётр***. Шумо дар куҷо будед?

***Платон***. Дар кӯчаи Качаловская.

*Пауза.*

***Пётр***. Виля бурд?

***Платон***. Баръакс. Ман ӯро бурдам. Ӯ барои ман гӯё ба сифати раҳнамо буд.

***Пётр***. Ин ба шумо чӣ даркор буд?

***Платон***. Вақте ки ту хурд будӣ, ҳама вақт хоҳиш мекардӣ, ки «Маро ҳамроҳат ба завод бар, дар он ҷо чӣ кор карданашонро нишон деҳ». Ман туро мебурдам. Акнун ман ҳам хостам, ки чи кор кардани писарамро бубинам.

***Пётр***. На як худи ман...

***Платон***. Ту ҳам.

***Пётр***. Комиссияи давлатӣ.

***Платон***. Давлатӣ!

***Пётр***. Виля шуморо ба ҳамин кор кашид! Бо дандони дигарон газидан мехоҳад.

***Платон***. Дар Качаловская аллакай экскаваторҳо фукашонро боло карданд.

***Пётр***. Шумо ба хонаи мо дурӯза меҳмон шуда омадед. Хайр, агар гапзанон карданӣ бошем, мо гапи худамон, наздикони худамонро дорем... Ман ҳамеша фикр мекунам, ки Павлик он ҷо чӣ тавр бошад...

***Платон***. Ман ҳам фикр мекунам. (*Баъди пауза*). Ту, Пётр, розӣ мешудӣ, ки дар он хонаи дар Качаловская мешудагӣ зиндагонӣ кунӣ?

***Пётр***. Маҷбур шавам, мекардам...

*Ноаён Лида медарояд, ба курсӣ мешинад, гӯш мекунад.*

(*Ғазабашро ба зӯр нигоҳ дошта*). Биёед, ба ҳамаи саволҳоятон, ки ба ин хона вобаста мебошанд, дурустараш ба сохтмони он, якбора ҷавоб медиҳам.

***Платон***. Якбора, ҳамин хел мегуфтӣ, писарам. Ту охир бачаи боақл ҳастӣ. Бигӯй, ки ту ҳам коғази дар кӯчаи Качаловская мумкин будани сохтмони хонаро имзо карда будӣ?

***Пётр*** (*лабханд зада*). Имзо карда будам.

***Платон***. Вазифаат ҳамин тавр аст?

***Пётр***. Ҳамин тавр.

***Платон***. Агар имзои ту намешуд, оё месохтанд? Ё эҳтимол намесохтанд?

***Пётр*** (*дудила шуда*). Эҳтимол намесохтанд ҳам. (*Табассум карда*). Айбдоркунанда, дигар савол надоранд?

***Платон***. Дорам. Барои чӣ, охир ту имзо кардӣ?

***Пётр***. Ин кор он қадар осон нест, ки шумо гумон мекунед... Агар хонаро дар ҷои дуртар месохтанд, онро бо роҳҳои алоқаи обу обпартоӣ ва ғайраҳо пайвастан қимматтар меафтид, худи сохтмон тӯл мекашид. Дар ин ҷо дар вақташ корро буд мекунем. Ва ниҳоят, ин хона гуфтан мумкин аст, ки кӯчаи Качаловскаяро зеб медиҳад. Ансамбли муайяне ба назар мерасад...

***Платон***. Охир, садҳо кас ин истиқоматгоҳи навро меҳнат карда ёфтаанд, мунтазир ҳастанд, ки кай хона гиранд, як гӯшаи бароҳат дошта бошанд... Ин барои ту меҳмонхона не, ки биёиву равӣ. Дар он ҷо оилаҳо зиндагӣ мекунанд, дар байни он чордеворҳо одамон таваллуд

мешаванд, ба камол мерасанд, пир мешаванд, мемиранд. Шумо бошед: алоқаи обу обпартой, «план», зеби кӯчаи Качаловская мегӯед.

***Пётр***. Зиндагӣ мекунанд, мемиранд... Шумо бисёр ҳам ба дур менигаред...

***Платон***. Ҳоло завод ғуввос мезанад. Ба қарибӣ кӯпрук пайдо мешавад, мошинҳо дуд мекунанд, садо мебароранд.

***Пётр***. Кӯпрук пас аз панҷ сол мешавад. Инро медонистагиҳо ҳам бисёр каманд.

***Платон***. Пас аз панҷ сол истиқоматкунандагон шикоят мекунанд, тафтиш сар мешавад, ки барои чӣ дар ин гуна ҷой хона сохта шудааст ва дар он ҷо имзои туро ҳам мебинанд, Пётр. Ва мегӯянд, ки ӯ виҷдон надоштааст ва аз кор пеш мекунанд ва ҳамаи корҳоят барбод мераванд.

***Пётр***. Падар! (*Бо оҳанги мулоим мефаҳмонад*). Пас аз панҷ сол ман, шояд дар ин ҷо кор ҳам накунам, ба вазифаи дигар мегузаронанд. Ва баъд аз панҷ сол ба сари кӣ чунин фикр меояд, ки ба тафтиши давраи сохтмон баргарданд. Агар таги ин корро кофтанӣ шаванд ҳам, дар бади бадаш танбеҳ медиҳанд. Ана ҳамин тавр! (*Баъди пауза*). Лида, гуфтугӯи давлатӣ. Мо тамом мекунем. Акнун пешин хӯрдан ҳам мумкин аст. Ман, додо, оби ҷави чехӣ пайдо кардам. Махсус барои шумо, бо оби ҷав пешинхӯрии ҳафтаинаамон дар ёдам ҳаст. Он дӯлчаи сафолини шумо ҳоло ҳам ҳаст, нашикастааст?

***Платон***. Ҳаст, нашикастааст.

***Пётр***. Оби ҷав бо ин моҳичаҳо – лазизтарини лазизтаринҳост!

***Платон***. Пётр, бигӯй, ки ту замини худ, мардуми худ, давлати худро дӯст медорӣ?

***Пётр*** (*бо ғазаб*). Танҳо ба шумо ман ин гуна саволҳоро бахшида метавонам!

***Платон***. Дӯст медорӣ, дигар хел шуданаш ҳам мумкин нест. (*Каме хомӯш монда*). Медонӣ, кӣ ба замин, мардум, давлати мо аз ҳама бисёртар зарар меорад? Мансабдорчаҳои муваққатӣ!

***Пётр***. Ман ба ин чӣ дахл дорам?

***Платон***. Дахл дорӣ! Дар ту ҳам кам-кам хислати мансабдори муваққатӣ пайдо шуда истодааст... Баъд аз панҷ сол ман, эҳтимол, ки дар ин кор нашавам ҳам... Дигар кас ҷавоб медиҳад, ана ин аст фалсафаи мансабдори муваққатӣ. Корро хароб мекунад, расво мекунад, дарҳам–барҳам мекунад, ҷои худро ҳаром мекунад ва ба кори дигар меравад. Худаш меравад, ё ӯро мегузаронанд... Аз об хушк! Ба ҳар сол, ба ҳар моҳ, ба ҳар соати кори худ ҷавоб деҳ! Бимирӣ, он вақт хотираи ту ба корҳои ту ҷавоб медиҳад. Дигар хел шуданаш мумкин нест... (*Хомӯш монда*). Дар бади бадаш танбеҳ, мегӯӣ. Ин танбеҳ ба ҷони халқ расидааст! Танбеҳ! Ҳамаи танбеҳномаҳои дар мамлакат додашударо ба як сандуқи оҳанин ғунҷонида мешавад. Фаҳмидӣ – ба як сандуқ! Аммо сохтмонҳо, заводҳои корношоям, дарёҳои нобудшуда, ҳазорҳо мошинҳои харобшуда ва ба миллиардҳо сӯм латтаҳои корношоямро чӣ... Инҳо ҳам охир худи ҳамон танбеҳҳо ҳастанд, аммо инҳоро дар сандуқ ғунҷонида наметавонӣ. (*Заҳрханд кард*). Ва онро дар одам ҳам намебинӣ. Агар танбеҳҳоро ҳамчун сангҳои дупудӣ ба гардани падарсагҳо овезон мекарданд, ки камарҳояшон қарсос мезад... Ҳамин тавр, Пётр...

***Пётр***. Аз рӯи гапи шумо, барои ҳар як майда–чӯйда касро ба суд додан даркор?

***Платон***. Меҳнати инсонро ҳамчун меҳнати худ қадр кардан даркор аст! Ба қадри инсон ва худ расидан даркор аст!

*Лида ба Пётр ва Платон оби ҷав мерезад.*

«Истиқоматкунандагон!».. Онҳоро дигар хел ном бурдан мумкин аст, охир онҳо андозҳо додаанд, ки шуморо дар донишгоҳҳо хононанд. Шуморо хононданд, шумо бошед онҳоро ба ғавғо, мағал, ба кӯчаи Качаловская...

***Лида***. Бинӯшед, нотиқон...

***Пётр***. Ман сомеъ ҳастам, нотиқи мо як кас – падарам.

***Платон***. Ҳамин гуна одамҳое ҳастанд, ки писарам, ба ман ҳар гуна лақабҳо фикр карда мебароранд – «чизпараст» ҳам ман, «манфиатпараст» ҳам ман, «хасис» ҳам ман... Бигзор гӯянд. Баъзан мебинӣ, ки қубурҳо занг зада хобидаанд, семент дар зери борон тар мешавад... Ва дилам месӯзад, бовар кун, ҳамчунонки ба чизи худам дилам месӯзад. Чунки ҳамаи ин – аз они мо... умумӣ... давлатист. Нағз зиндагӣ кардан мехоҳем? Аз завод то охирин хас, то мехча, то хиштча

– ҳамаашро эҳтиёт кардан даркор аст? Хасис будан даркор аст! На ин ки исрофкору беларвофалак. Ғамхор будан даркор аст! Хоҷагидор будан даркор аст. Дигар хел шуданаш мумкин нест!

***Пётр***. Вақти тамом кардани мубоҳиса шуд.

***Платон***. Вақташ шуд. (*Баъди пауза*). Ҳоло ки дер нашудааст, писарам, ба ҷои даркориаш навис... Навис, ки хато кардаӣ. Ба гардан гир, ки хато кардаӣ. Бигзор, дар он ҷо насозанд... Бишин ва бинавис...

***Лида***. Ин ба гуфтан осон аст, бишин ва бинавис.

***Пётр*** (*бо ҳайрат*). Дар бораи чӣ бинависам?

***Платон***. Бинавис, ки дар он ҷо зистани одамон мумкин нест. Ва исбот кун.

***Пётр***. Бисёр ҳам кораки хуб! Ба сохтмон аллакай даҳҳо ҳазор сӯм сарф шудааст... Ба хасис шудан даъват мекунед, аммо дар ин ҷо ҳазорҳо сӯмро барбод диҳем. Кӣ инро ба мо иҷозат медиҳад?

***Платон***. Миллион сӯмро ба хонае сарф кардан, ки дар он зистан аз бадарға ҳам бадтар аст? Миллион – ин исрофкории аз он ҳам калонтар аст... Боз беҳурматӣ ба одамон... Ҳоло ки дер нашудааст, бинавис...

***Пётр***. Аслаш, ман барои чӣ дар бораи корҳои идораам дар пеши шумо ҳисобот диҳам будааст?

***Платон***. Ман падари ту.

***Пётр***. Аз синну соли пионерӣ кайҳо баромадаам.

***Платон*** (*ғазабашро нигоҳ дошта*). Аз синну соли писари ман будан ҳеҷ гоҳ намебароӣ! Туро на Петка, балки Пётр Платонович мегӯянд! Яъне Платон ҳам ба ту ва ҳам ба корҳои ту масъул аст. Ва ман намегузорам, ки виҷдони наслу насабамро доғдор кунанд!

***Лида*** (*мехонад*).

*Модарам гуфто, ки «шухӣ бас дигар*
*Зиндагию кор омӯзад падар!»*

*Пётр ба тарафи ӯ нигоҳи ғазабноке кард.*

Ба ногаҳ ба ёдам расид.

***Пётр*** (*аҳволаш танг аст, ба худ оби ҷав рехт, кӯшиши табассум кард*) Менависам... Тасдиқ мешавад, сохтмонро бас мекунанд, маро бошад аз кор...

***Платон***. Афсӯс... дигар илоҷ ҳам нест. Ҳамин тавр шуд. Дигарашро меёбӣ.

***Пётр***. Кори ман барин кор дар кӯча афтода намондааст.

***Платон***. Чӣ хелашро, ки диҳанд.

***Пётр***. Ва аз партия ҳам.

***Платон***. Шояд, аз партия ҳам... Ба ин ҳам дигар илоҷ нест. Маълум мешавад, ки партия ин хелҳоро нигоҳ дошта наметавонад! Вай покиза аст ва бояд покиза бошад! Виҷдонатро пок мекунӣ, гуноҳатро бо меҳнат мехарӣ, шояд барқарор кунанд.

***Пётр*** (*ба рӯи миз бо мушт зада*). Бас аст, хуб суханбозӣ кардем. (*ба худ омада*). Бубахшед, худамро дошта натавонистам... Аммо шумо ҳам... Давлат ташкилотҳои бисёре дорад, ки корашон тафтиш ва назорат кардан аст.

***Платон***. Давлат миллионҳо шумо баринҳоро дорад, ба ҳамаашон назорат карда наметавонад. Ман бошам аз шумо чор нафар дорам. Ҳамаатонро дидан ва назорат карданам зарур аст. Ин аз азал қарзи падару модарон буд!

***Пётр***. Ақидаи шуморо дигар карда намешавад... Биёед, ақаллан, каме дам гирем...

***Платон***. Навис, баъд дам ҳам мегирем.

***Пётр***. Чӣ, чӣ нависам?

***Платон***. Ман Ангел Пётр Платонович, иқрор кардан мехоҳам, ки...

***Пётр*** (бо овози гирифта). Менависта бошед, нависед!

***Платон***. Ту менависӣ!

*Торикӣ. Овози Платон ба гӯш мерасад. «Ман, Ангел Пётр Платонович иқрор мекунам, ки қарори сохтмони хонаи истиқоматӣ дар кӯчаи Качаловская хато мебошад. Дар ин хатои ман ҳам ҳаст...». овози Платон хомӯш мешавад. Зеро навои гитору суруд ба гӯш мерасад:*

*«Киштиҳоро мебарад боди замон,*
*Киштиҳоро, киштиҳоро, киштиҳоро!»*

*Аввали тирамоҳ. Ҳавлии Платон. Платон устогӣ мекунад. Крячко медарояд, кори Платонро назорат мекунад.*

***Крячко***. Аллакай зӯр зада кор мекунӣ, Платон... Барои чӣ? Фарзандон саломатии падару модаронро хароб мекунанд. Аз Павлик хату хабар нест? Пётр чӣ тавр аст? Азоб мекашад?.. Чунон коре дошт, ки... акнун бошад – инженери қаторӣ. Хонаашро монд. Шармаш омад ва ба назди падар! Лида ҳам наменамояд. Партофт? Он қадар зани зебо, ба ӯ пул даркор будагист, бо шавҳари қаторӣ дар дил ҳавасҳо дорам, дасти норасо дорам, гуфта, мегашта бошад? Мебинам, ки Фёдор ҳоло ҳам бо духтурзанаш мегардад... Ҳама чизи онҳо ҳоло ҳам дар туман, номуайян аст? Бачаҳо? (*Баъди пауза*). Аз они ту ақаллан дар озодиянд, аз они маро сесола ба маҳбас шинонданд... хабаргирӣ рафта будам. Дар он ҷо ҳамин хел авбошҳо, ки агар попро ба он ҷо шинонӣ, роҳзани навъи якум шуда мебарояд! (*аз кисааш шишачаи доруро мебарорад*). Ана ба дорухона даромада, доруи дарди дил харидам. Ту ҳоло боқувват, ман бошам бо дору... (*Ба девор нигариста*). Рангмол меояд. Масту аласт. Маълум аст, ки ба назди ту.

*Рангмол медарояд, маст буданаш якбора маълум нест.*

***Рангмол*** (*ҳавлиро аз назар гузаронд, гӯё боварӣ ҳосил кардан мехост, ки дар ин ҷо ба ҷуз ӯ фақат ду каси дигар ҳастанду бас. Ба назди Крячко омад*). Гражданин Крячко, фаъол ва ташвиқотчӣ, узви суди рафиқонаи ЖЭК – Комиссиони истифодаи манзил, падари маҳбус. Ту боз чӣ гуна рутбаҳо дорӣ? Ба ёдам расид: нафақахӯр! Ҳеҷ кор намекунию туро мехӯронанд, мепӯшонанд... Барои чӣ? Пору барои ҷамъият! Ана ту кӣ ҳастӣ!

***Крячко***. Рангмол! Ту бо лифи худ деворҳоро ранг мол, ба мардум корат набошад.

***Рангмол***. Наранҷ, рафиқ Крячко. Ман аз бадбинӣ не. Ман фақат одамонро ба омӯхтан сар кардам... Рӯ ба рӯ онҳо хушрӯякак ҳастанд, аз пас ба онҳо таппаки зиндагӣ часпонида шудааст... Ва ман мехоҳам китоберо дар бораи «Кӣ будани кӣ» тартиб диҳам.

***Крячко***. Аз худат сар кун.

***Рангмол***. Ман шахсияти мураккаб ҳастам. Ту, Крячко, ягон вақт аз даҳони қубури дарозе, ки дар рӯи замин хобидааст, нигоҳ кардаӣ? Нигоҳ мекунӣ, ки дар дури дур як доирачаи холӣ менамояд. Баъзан ба ман зиндагии ман ҳамин хел менамояд... ҳам аз он тараф ва ҳам аз ин тарафаш – холигӣ. (*Ба курсӣ мешинад, сараш вазнинона ба рӯи синааш мефурояд, дар як лаҳза хобаш мебарад*).

***Крячко***. Хурӯс ҷеғ назада, аллакай, хуб хӯрдааст. Шояд, аз дишаб ҳам бошад.

***Платон***. Вақти рафтанат, ӯро ҳам гир. Ба хонааш медарорӣ.

***Крячко***. Ӯро бардошта бурдан даркор, ман қувват надорам.

***Рангмол*** (*бедор шуд. Боз ҳавлиро аз назар гузаронд*). Платон Никитич, наздик биёед... Мехоҳам дар назди шоҳидон ба шумо чизе гӯям.

*Платон наздик меояд.*

Ман ба хонаи шумо ба хостгорӣ омадам. Ба ман занамро баргардонед. Бале, бале, баргардонед. Мо ҳоло дар як хона аз ҳам ҷудо нашуда зиндагӣ мекунем, аммо вай аллакай аз они шумост.. Баргардонед! Ман ӯро аз сари нав зан карда мегирам. Тӯй мекунам. Дуруст аст, ки ман Клаваро ҷанг мекардам, кам-кам мезадам ҳам... Мебинед, аз шумо ҳеҷ чизро пинҳон намекунам...

Ба ӯ ҳатто хиёнат мекардам, чунки ӯ ба назарам ким-чӣ хел безеб менамуд: гапаш ҳам, дастонаш ҳам, чӣ тавр баргашта нигоҳ карданаш ҳам, ҳамааш ба ман маъқул набуд. Акнун бошад (*бо хандаи аблаҳона*)... ҳамааш маъқул аст!.. Маъқул аст, ӯро ба ман баргардонед. Ширинкома медиҳам... Аз сари нав тӯй мекунем.

***Крячко***. Ба Платон не, ба Фёдор муроҷиат кун.

***Рангмол***. Платон дар ин ҷо сари ҳама аст, ҳама корҳоро ӯ мекунад. (*Гӯё чизеро ба ёд овард*). Вай як латтапарасти бетартиб аст, ки ба ӯ фақат либос бошаду бас, ӯ ҳам Фёдор, ҳам шуморо хонахароб мекунад. Вай пулро ба бод дода одат кардааст... Ман даромад доштам, ӯ ҳамаашро... Ӯ ба оилаи шумо намешавад. Сарам дард мекунад... Сабӯҳӣ карда натавонистам...

***Крячко***. Рафтем, мебарам.

***Рангмол***. Аз ин ҷо дур не... «чорякча» мефурӯшанд, чизе нақл мекунам, ки...

*Крячко бо Рангмол мебарояд.*

*(Бармегардад).* Фаромӯш кардам, ки гӯям... Ман лонаи калхотии шуморо месӯзонам ва ӯ, яъне Клавдияро маъюб мекунам. Ва боз як қиссаву вассалом мешавад... (*Рафт*).

*Платон ба назди миз нишаст. Маълум аст, азоби рӯҳӣ мекашад, дилаш ҳам дард мекунад. Чӣ тавр даромадани Павликро пай набурд. Вай гӯё ба балоғат расидааст, ҳатто қадбаланд шудааст. Ба ҳавлӣ даромад, кулоҳашро гирифта, ба падар нигарист, аз изтироб суханҳои тайёр кардаашро гум кард.*

***Павлик***. Падар.

*Платон нигоҳ накард, эҳтимол нашунид ва ё эҳтимол пиндошт, ки вонамуд шуда бошад.*

Падар!..

***Платон*** (*баргашта нигариста*). Ин туй, Павлик?

***Павлик***. Ман, додо.

***Платон***. Баргаштӣ... (*Рафта дари устохонаро пӯшида*). Куҷо гум шуда рафтӣ?

***Павлик***. Модарам чӣ тавр?.. Дар хонаамон  ҳама хубанд?

***Платон***. Як навъ, ҳамааш хуб... Институтро напартофтӣ?

***Павлик***. Гапзанон кардам, ба шабона мегузарам... Дар таътил ва ана ин чанд рӯзи сентябр ҳам, дар Шимол, дар отряди бинокорон будам...

***Платон***. Бо вуҷуди ин ба Шимол рафтӣ?

***Павлик***. Рафтам. Ва афсӯс намехӯрам... Мушкил буд, баъд ҳеҷ гап не, одат кардам...

***Платон***. Оля чӣ?

***Павлик***. Ҳамроҳи ман. Барои ҳамаи бригада хӯрок мепухт... Мо дар он ҷо пули кам кор накардем... Қариб ду ҳазор...

***Платон***. Ҳамин қадар бисёр?..

***Павлик***. Бисёр? Ба дастҳоям нигоҳ кунед!..

***Платон***. Бубахш, писарам, он вақт ин тавр... (*Пауза, падар ва писар гӯё он ҷудоии хотиравиро боз аз сар гузаронданд*).

***Павлик***. Ҳар чӣ буд, гузашту рафт.

***Платон***. Пётр ҳам ҳоло ҳамроҳи мо зиндагӣ мекунад...

***Павлик***. Ба ин ҷо ба кор омад?

***Платон***. Ба хона омад ва дар ин ҷо ба кор даромад.

***Павлик***. Лида чӣ?

*Пауза*

***Платон***. Барои чӣ Оляро наовардӣ?

***Павлик***. Мо акнун пагоҳ ба пешинхӯрии рӯзи шанбе меоем.

***Платон*** (*бо овози ғайриоддӣ, гӯё гиря ва хурсандиашро нигоҳ дошта*). Оилаам ҷамъ мешавад... Писарам, Павлик, ассалом. (Наздик омад, писарро оғӯш кард).

*Торикӣ. Аз тарафи муқобил Таня ва Виля мебароянд. Онҳо ҳамдигарро мебинанд. Наздик омаданд, истоданд, гӯё гузашта рафта наметавониста бошанд. Ва мунтазиранд, ки аввалин шуда кӣ сухан мегӯяд.*

***Таня***. Шумо ба ман чунон нигоҳ мекунед, ки гӯё мешинохта бошед.

***Виля***. Мешиносам.

***Таня***. Маро?

*Пауза*

***Виля***. Қисмати худро.

***Таня***. Шумо...

***Виля***. Дар ҳамин ҷо иктифо мекунем, духтарак. (*Ба ҳаракати даст гӯё аз пеши чашмаш ким-чӣ хел пардаро бардошт*). Аҷоиботе мешавад, ки гӯё қисмататро вохӯрда бошӣ. Ана акнун ба оромӣ нигоҳ мекунам. Ту ким-киро ба хотирам меорӣ... Ту духтари Ангел Платон Никитич нестӣ?

***Таня***. Бале... (*Вохӯрӣ ба ӯ таассуроте гузошт*).

***Виля***. Ӯ дар куҷо зиндагӣ мекунад?

***Таня***. Падарам ҳоло дар хона нест.

***Виля***. Кай бармегардад?

***Таня***. Вақтти пешин. Имрӯз пешинхӯрӣ соати панҷ, ҳамаи оила ҷамъ мешаванд.

***Виля***. Соати ҳафт медароям.

***Таня***. Ҳоло ҳам дароед, мешавад.

***Виля***. Ба ман дар меҳмонхона хона ваъда карданд... Баъд аз ду соат...

***Таня***. Ба падар чӣ гӯям?

***Виля***. Гӯед, ки Виля омадааст. Портрети ӯро мекашад.

***Таня***. Портрети падарамро?

***Виля***. Гӯед, ки ӯ... дурахшон шуд.

***Таня***. Дурахшон шуд? Намефаҳмам.

***Виля***. Платон Никитич мефаҳмад. Таня, шумо соати ҳафт дар хона бошед! (*Меравад*).

***Таня***. Рассом. Сурати падарамро кашидан мехоҳад... Ва ё ба монанди он мухбир мегурезад. Ба ин хел вохӯриҳо чунон толеъ дорам, ки... Ба падарам ҳоло намегӯям, беҳтараш – баъди пешин.

*Ҳавлии Платон. Уляна ба рӯи миз хӯрок мегузорад. Таня мӯяшро шона мезанад. Фёдор курсиро таъмир мекунад. Платон дастонашро мешӯяд, дар назди ӯ Оля бо дастпоккун истодааст. Павлик аз хона курсии роҳати падарро мебарорад.*

***Уляна***. Фёдор, биё мон, ту он курсиро. (*Курсиҳоро мешуморад*). Дар ин ҷо ба ҳама мерасад...

***Фёдор***. Боз ду дақиқа – ва тайёр мешавад.

***Платон*** (*ба Оля*). Қанд занед. Ба шимол рафта омадед. Модарат медонад?

***Оля***. Ману Павлик ба ӯ навиштем.

***Таня***. Додо, фақат оби ҷав? Ва ё шароб ҳам мумкин аст? Ба шарофати омадани Павлик?

***Платон***. Ҳаминаш ҳам мешавад.

***Фёдор*** (*курсии таъмиркардаашро ба назди миз мегузорад*). Бигзор дар рӯи миз шароб бошад.

***Павлик***. Бӯи карамшӯрбо чунон гуворо ки!

*Лида медарояд, чун ҳамеша либоси навмӯд дорад. Ҳама ҳайронанд, ба чашмонашон бовар намекунанд.*

***Лида*** (табассум карда). Дар театр инро саҳнаи беовоз мегӯянд. Ҳайрон мешавед, гӯё ман аз он дунё омада бошам, Шумо ҳам, Платон Никитич, ҳайрон ҳастед?

***Платон***. Барои чӣ бе чизҳоят?

***Лида***. Ин тавр осонтар.

*Пётр мебарояд, ҳоло Лидаро надидааст.*

***Пётр***. Кӣ ёрӣ мекунад? Бастани галстукро фаромӯш кардаам.

*Баногоҳ Лидаро дид. Пауза. Хомӯшӣ. Лида ба назди Пётр меояд, галстукро мебандад.*

***Лида*** (*ним қадам қафо рафта, қариб аст, ки фарёд кунад*). Канӣ, маро бибӯс, охир, эй шайтони бадмеҳр. (*Худашро партофта Пётрро оғӯш кард*).

***Уляна*** (*салиб кашид*). Худоро шукр!..

***Фёдор*** (*лабханд карда*). Бояд ҳамин тавр мешуд...

***Лида*** (*ба Платон*). Ҷудо шудан мехостам, ки ӯро дигар набинам. Медонед, писараки шумо чӣ кор кард? Хатча мондааст: «Метавонӣ ба ман барнагардӣ, ман туро мефаҳмам ва мебахшам,

маро аллакай аз кор гирифтаанд...». Ҳатто нависӣ, ки гадо шуда дар ба дар рафтӣ, фарқ надорад, дӯст медорам. Қисмати ягонаи ман ту ҳастӣ...

***Таня***. Лида, бигзор ман туро аз ҷониби ҳамаи ҳозирон бӯсаборон кунам... (*Мебӯсад*). Ту аз мо ҳастӣ!

***Платон***. Аз мост.

***Таня***. Боз ҳам навмӯдтар шудааст...

***Лида***. Акнун ба шавҳарам боз ҳам бисёртар маъқул шуданам зарур аст... Мехост, ки аз ман гурехта, халос шавад-а!?

***Платон***. Чизҳоят дар истгоҳ аст? Дар боғоҷхона?

***Лида***. Худам оварда натавонистам, чизи бисёре гирифтам, ҳатто мошинаи хатнависиро... Ман, охир, то шавҳар карданам ба стенография ва мошинанависӣ хонда будам. Акнун корро ба даст мегирам.

***Платон***. Ана ту чӣ хел будӣ!

***Лида***. Ҳамин хел...

***Уляна***. Паси миз гузаред, фарзандонам...

***Таня***. Бале, имрӯз иди ҳақиқист!

***Уляна*** (*курсиҳоро шумурда*). Инаш зиёдатист.

Фёдор. Бигзор истад...

*Ҳамин ки ҳама мешинанд, Платон дафтарчаашро мебарорад, айнакашро ба чашм мегузорад.*

***Таня***. До–до, ба хотири меҳмонон масъалаи пулро ба фардо гузарондан мумкин буд.

Платон. Дар ин ҷо меҳмонон нестанд, ҳама аз они худӣ.

*Фёдор, ки ҳама вақт зуд-зуд ба роҳ нигоҳ мекард, бархост. Клава медарояд.*

***Клава***. Ассалом. Маълум, ки қисматам бад набудааст – ба болои хӯрок омадам.

***Платон*** (*бархост, ба пешвозаш рафт*). Қисматат бад нест! Шояд, акнун қисмататро ёфта бошӣ... (*Аз дасташ гирифта ба назди курсии холӣ овард*). Биншин, ҳамроҳи мо хӯрок мехӯрӣ. Мана, Клава, ин ҷо-ҷои ту ва ин курсии ту мешавад. (*Ба курсии худ омада нишаст*).

***Таня***. Додо, ба фардо мегузаронем?

***Платон***. Барои чӣ мегузаронем?

***Таня*** (*пулҳоро медиҳад*). Як саду ҳафтод. Сӣ сӯмашро барои курс гузоштам.

***Платон***. Аллакай бад нест.

***Таня***. Ба сехи васлгарӣ гузаштам.

***Платон***. Барои чӣ нагуфтӣ?

***Таня***. Хушхабари ногаҳонӣ кардан хостам.

***Фёдор*** (*пулҳоро медиҳад*). Дусаду ҳаштод...

***Таня***. Ин одам месабзад. Ӯро таъриф кунед, додо.

***Платон***. Ба ӯ бисёр даркор ҳам ҳаст.

***Пётр***. Падар, аз они маро ҳам гиред.

*Платон ба Лида нигоҳ кард.*

***Лида***. Гиред, гиред. Анъанаи Ангелҳоро вайрон кардан дуруст нест.

***Платон***. Ман аллакай ба ту, Пётр, аз дафтарчаам, як сутунча ҷудо кардаам. Он ҷо чӣ қадар?

***Пётр***. Як саду ҳафтоду панҷ.

***Платон***. Камтар аст...

***Пётр***. Фақат моҳона. Иловагиаш дар охири семоҳа...

***Платон***. Дурустакак таги чашм кун, ки чӣ тавр пули иловагӣ кор кардан мумкин аст...

***Пётр***. Таги чашм мекунам.

***Павлик***. Аз ману Оля, додо, ба шумо тӯҳфа (*Бастаеро мебарорад. Мекушояд. Пӯстинро ба кифтони падар мепартояд*).

***Платон***. Ана ин пӯстин, ба пӯшидан намедарад... Павлик, Оля, ташаккур ба шумо... Бо ин, вале писарам, халос намешавӣ. (*Ба курсии худ бармегардад*). Шумо дар он ҷо бо Оляҷон қариб ду ҳазор кор кардед, онҳоро ба ин ҷо гузоштан даркор аст. (*Бо ангушташ ба дафтарча тиқ-тиқ зад*).

***Таня***. Инаш акнун аз ҳад мегузарад...

***Уляна***. Кам-камак акнун болу пар мебароранд.

***Фёдор***. Онҳо ҳоло донишҷӯянд, охир.

***Платон*** (*чӣ гуфтанашонро гӯё нашунида бошад*). Ба деги умумӣ андохтан даркор. Ана, аз они Фёдор ҷамъ шудааст, ба хонаи кооператив харидан мерасад. Пётр бошад, ба мисли файласуф Сковорода, танҳо китоб дорад. Ба ӯ барои кооператив харидан ёрӣ кардан лозим аст. Ту, Павлик, бо мо зиндагӣ мекунӣ. Туву Оля мехонед, ба шумо ҳам хӯрдан, ҳам пӯшидан ва ҳам баъзе чизҳо тайёр кардан даркор аст. Хуллас, шумо дар хонаи мо мемонед.

***Таня***. Ин маслиҳат ва ё нишондод?

***Платон*** (*лабханди базӯр намоён карда*). Қарордод. (*Дафтарчаро пӯшид, айнакро гирифт, бархост*). Имрӯз, бачаякон, бе ман хӯрок хӯред. Ман равам, каме дам гирам... (*Ба тарафи хона рафт, дар пеши айвон ба хонаводааш баргашта нигарист, гӯё ба назди онҳо баргаштан мехост, вале ба хона нопадид шуд*).

***Лида***. Платон Никитич, чӣ тавр...

***Уляна***. Мон, каме дароз кашад, хаста шуд ӯ.

***Таня***. Қарордодро муҳокима мекунем?

***Оля***. Мо бо Павлик ба гапи падар розӣ ҳастем.

*Дар ин вақт мусиқӣ ва суруд якбора баланд мешавад. «Бувад бобои ман...». Он ҳамаро пахш мекунад, вале ҳамчунон банохост қатъ мешавад.*

***Таня***. Наход Ваняҷон баргашта бошад?

***Фёдор***. Ӯро-ку сесола ба колония маҳкум карданд.

***Уляна***. Ҳушаш ба сар омада бошад, авф кардагистанд.

***Таня***. Омаду ҳамоно ба мусиқияш часпид, телефон мекунам.

***Уляна***. Мон хонад, тоқат мекунем...

***Фёдор***. Бо Ваня машғул шуданам лозим меояд.

***Таня***. Дошта мезанӣ?

***Фёдор***. Ба завод мебарам.

***Таня***. Ман ёрӣ мекунам.

*Крячко медарояд.*

***Крячко*** (*зери лаб*). Он қадар ҷамъ шуданд, ки ҳисоб карда намешавад. (*Ба ҳама*). Салому алайкум!

***Уляна***. Писарат баргашт? Ана ба шумо ҳам хурсандӣ...

***Крячко***. Куҷо баргаштааст... Ҳоло ӯ боз чӣ қадарҳо сур мекашаду сур мекашад...

***Таня***. Мусиқӣ-чӣ?

***Крячко***. Он қадар маҳзун ҳастам, ки фақат писарамро ёд мекунам. Гирифтаму мусиқии ӯро мондам. Ақаллан як сония, гӯё ки ӯ дар хона бошад...

*Пауза.*

***Уляна***. Биншин, бо мо хӯрок мехӯрӣ.

***Крячко***. Платон куҷост?

***Уляна***. Истироҳат мекунад.

***Крячко***. Платон истироҳат мекунад? Ин кори дар дунё нашудагӣ. Ба наздаш меравам.

***Уляна***. Ҳамааш хунук мешавад... Хӯред, бачаҳо, Фёдор, шароброро рез...

*Фёдор ба ҷомҳо шароб мерезад.*

***Лида***. Кӣ нӯшбоди аввалро мегӯяд? Аз ҳама калонсол!

***Таня***. Ва ё аз ҳама ҷавон. Модар ва ё ман.

***Уляна***. Бигӯй, духтаракам, ман куҷою нотиқӣ куҷо.

***Таня*** (*дасташро мебардорад*). Барои падарам! Вале пеш аз он ки нӯшем, биёед, суруди бачагиамонро мехонем. Ана мебинед, падарам тоқат карда натавониста, ҳамон замон мебарояд. Вай қоил намешавад, аммо ин сурудро дӯст медорад. (*Мехонад. Ба ӯ ҳама ҳамовозӣ мекунанд*):

*Модар гуфто, ки «Шӯхӣ бас дигар,*
*Бачаҳо, бинед, меояд падар!»*
*Модар гуфто, ки «Шӯхӣ бас дигар,*
*Зудтар хобед, меояд падар!»*
*Модар гуфто, ки «Шӯхӣ бас дигар,*
*Ош бояд хӯрд, меояд падар!»*

*Дар ин лаҳза Крячко аз хона берун мебарояд, ӯ тамоман бехуд аст.*
*Ба пеши саҳна меояд.*

*Модар гуфто, ки «Шӯхӣ бас дигар,*
*Кор бояд кард, меояд падар!»*

**Крячко.** Ба онҳо чӣ тавр гӯям, ки акнун онҳо падар надоранд! Падарашон нест! (*Гиряашро базӯр нигоҳ медорад*). Платон дигар нест!

*Модарам гуфто, ки «Шӯхӣ бас дигар,*
*Зангириро бо шумо, гӯяд падар!»*
*Модарам гуфто, ки «Шӯхӣ бас дигар,*
*Зиндагию кор омӯзад падар».*

*ПАРДА*

## МУНДАРИҶА

**Алигери Данте.** Дӯзах (аз «Мазҳакаи илоҳӣ»)
Суруди якум ....6
Суруди дувум....11
Суруди севум ....16
Суруди чаҳорум....21
Суруди панҷум....27
Суруди шашум....32
Суруди ҳафтум....37
Суруди ҳаштум....42
Суруди нуҳум....47
Суруди даҳум....52
Суруди ёздаҳум....57
Суруди дувоздаҳум....61
Суруди сездаҳум....66
Суруди чаҳордаҳум....72
Суруди понздаҳум....78
Суруди шонздаҳум....82
Суруди ҳабдаҳум....87
Суруди ҳаждаҳум....93
Суруди нуздаҳум....98
Суруди бистум....103
Суруди бисту якум....108

Суруди бисту дувум.....113
Суруди бисту севум.....119
Суруди бисту чаҳорум.....124
Суруди бисту панҷум.....130
Суруди бисту шашум.....136
Суруди бисту ҳафтум.....141
Суруди бисту ҳаштум.....146
Суруди бисту нуҳум.....151
Суруди сивум.....156
Суруди сиву якум.....162
Суруди сиву дувум.....167
Суруди сиву севум.....172
Суруди сиву чаҳорум.....178
Охирсухани тарҷумон. Данте ва шоҳкори безаволи ӯ .....184
Тавзеҳот.....195
Луғат .....250

**М. Ю. Лермонтов.** Хазинадорзани тамбовӣ.....254

**Геворг Эмин.** Аср. Замин. Ишқ
Чанд сухан аз тарҷумон.....280

**Аср**

Асри бист.....282
Эҷод.....284
«Боварам ҳаст ба эъҷози замон...» ..... 284
«Як замон боре сияҳкорӣ бикард...» ..... 285
«Заҳмати шоир!...» ..... 286
«Сухан дониста кор андохтан бояд...» ..... 287
«Таги тирезаи мо ҷӯш занад ҷанги калон...» ..... 287
Дар назди соат.....288
Ба дӯсти шоирам.....289
«– Ин тавр макун, бикун ту он тавр...» . ..... 290
«Ҳамехоҳам, шумо донед...» ..... 291
Илҳом аз Ҳайне.....292
«Рӯзе, ки гузар кунам зи дунё...» ..... 294
«Набувад фикру хаёли маргам...» ..... 294
«Аломати савол...» ..... 295
«Ниҳон медошт атом сирри худро...» ..... 296
Дар сартарошхона.....296
«Бо боди вазон ҳамнафасу ҳамдаму ёрӣ...» ..... 299
Ҳамлет.....300

**Аз шеърҳои Париж**

Шаби майкада.....301
Рози шоир.....303
Назди обшори Ниагара.....304

**Шеърҳо дар бораи Гарсиа Лорка**

Шикваи Лорка.....304
Хоби Лорка.....305

Охирин сухани Лорка........................306
«Шеъри ман аз баъди ман гӯяд сухан...» ........ 307
Ба фардо........................307

**Замин**

Комитас дар биёбон........................309
Оҳ, ин кӯҳи Масис........................311
Суруд дар бораи турна........................311
Афсона........................313

**Сурудҳое, ки дар кӯҳсори Лори эҷод шудаанд**

«Канори Лори сабзу марғзор аст...» ...............314
«Тамоми роҳҳои рафтаи мо...» ...............314
«Хуш аст оҳанги кӯҳистон шунидан...»...............314
«Биларзад чун ғизоли тирхӯрда...»...............315
«Бари харсангҳо ин рӯд ҷорист...»...............315
«Ба сӯи одамон дорад назора...»...............315
«Шиновар дар фарози осмонҳо...»...............315
«Аё, эҷоди шавқу изтиробам...»...............316
Манзараи шаб........................316
Дар боғи пир........................317
Шеър дар бораи замину осмон........................318
«Бо ғулғула рӯди соф ҷорист...» ...............319
Шабеҳаи рассом........................320
«Навиштанҳои ман танҳо навиштан нест...» ...............321
Баҳр........................322
Ба шоире........................322
Себ........................322
«Гар бахт ба гирудори қисмат...» ...............323
«Бад нест аз баҳри Худо» ........................324
«Ба ҳар чуну чарову ҳар саволе...»........................ 324
«Қулларо абрҳо ниҳон карданд...»........................ 325
Таронаи куҳан ........................325
«Зи «ҳо»-ю «не» намеёбӣ ҷавобе...»........................ 326
«Маро аз баччагӣ дар ёд монда...» ........................326
«Кафтарон...» ........................327
«Буттаи одии гул пеши назар...» ........................327
«Ифтихоре мекунӣ аз шони хеш?...» ........................328
«Барраи меҳрубон ду мешро мемакад...» ........................328
«Ҳамедонед оё?...» ........................329
«Ҳар гаҳе ки аз қубури хонаам мешорад об...» ........................329
«Ҳар гаҳ аз ташвишҳои барзиёд оям ба танг...» ........................330
«Агар байтат дурӯғу ҳарза бошад...» ........................330
«Суратгар агар сурати моро бинигорад...» ........................330
«Мебугзаранд ин солҳои бешумор...» ........................331
Тирамоҳ........................ 332
«Ҳар саҳар бар мӯйсафедон гӯ: «Салом!»...» ........................332
«Ё раҳи тоза мекунам пайдо...» ........................333
Гувоҳии дил........................ 334
«Духтаре меравад зи роҳи дароз...» ........................335
«Барфи аввал омаду ту омадӣ...» ........................336

«Бо китобам нишастаӣ хомӯш...» ............................336
«Ҳамчу баҳри беканор аст ишқу армони бузург...» ......336
«Дар таги кӯҳи сияҳ истодаам...» ............................337
«Ишқи поку аввалини ман будӣ...» ............................338
Ба зани форс...................................................................339
Марги муҳаббат.............................................................340
«Мекунад барфи кӯчаҳо парвоз...» ............................341
«Сухан аз ину он гуфтам...» .........................................342
«Хоҳам, ки ман ба нағмаи борон сухан кунам...» ........343
«Боғ буд андар сукут...» ............................................ 343
Суруди ғамангез............................................................344
«Дил гувоҳӣ медиҳад аз шеъри нав...» ...................... 345
«Дилу ҷонам, азизу ҷононам...» ................................. 346
«Равонастем чандин сол...» ........................................ 346
«Дар таги тирезаам хонад суруд...» .......................... 346
«Орзуям васфу таҳсини Шумо бошад, Мари...» .......... 347
«Зи танҳоӣ бувад ин дард...» ...................................... 348
«Бубахшоям, хилофи ваъда кардам...» ...................... 348
«Он қадарҳо дӯстат дорам ба ҷон...» ........................ 349
«Навниҳоли сабзи себ...» ........................................... 349
«Чанд, охир, ба ту гӯям бояд...» ................................. 350

**Ярослав Смеляков.** Шеъре, ки виҷдони шоир аст.........352
Таърих...........................................................................355
Гуфтугӯ аз шеър............................................................355
Духтари хуб – Лида.......................................................357
«Гар шавам бемор ман...» .......................................... 359
«Ман ба кулли Русия...» ............................................. 360

**Емилиан Буков.** Нома ба Мирзо Турсунзода...................361

**Мухтор Шаханов.** Қазияи ҳусни тафоҳум.......................363

**Муҳаммад Алӣ.** Духтар имшаб тарона мехонад..........365
«Ҷавони хушқади абрӯкушода...» .............................. 366
Қиссаи морбоз................................................................366
«Ба бегоҳӣ чароғонанд равшан...» ........................... 369
«Гуфта будаст як замон Хайём...» ............................ 369

**Карло Каладзе.** Сухани сода........................................370

**Васил Биков.** Сотников. Қисса.....................................372

**А. Коломиетс.** Фариштаи ваҳшӣ. Намоишнома ......... 575

**АСКАР ҲАКИМ**

**МАҶМӮАИ**
**ОСОР**

**Ҷилди VI**

Муҳаррир: **Аҳмадҷони Раҳматзод**
Муҳаррири техникӣ: **А. Абдусамадов**
Мусаҳҳеҳ: **Марҳамат Олимӣ**

Ба матбаа санаи 15.06.2017 супорида шуд. Ба чопаш 25.07.2017
имзо шуд. Коғази офсет. Чопи офсет. Ҷузъи шартии чопӣ 40,75.
Андозаи 60х84/16. Гарнитураи ҳуруф «Times New Roman Tj». Супориши №4696. Теъдод 500 нусха.
Нархаш шартномавӣ.

Матбааи «Ношир»
735714 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд, кӯчаи Сейтвелиев 2
Тел.: (83422) 5-65-95
www.noshir.tj